**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**

**ISSN 2617-5320**

# ПАЁМИ
# ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ
***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***

---

# ВЕСТНИК
# ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
***Серия педагогических и психологических наук***

---

# BULLETIN
# OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION
***Series of pedagogical and psychological sciences***

---

***2023, №3 (43)***

**ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
(Маҷаллаи илмиву методӣ)

***Муассис:*** *Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.*



***Сармуҳаррир:***
***Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо*** — *номзади илмҳои физика-математика, дотсент директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

***Муовини сармуҳаррир:***
***Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна*** — *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. Қ.** | *доктори илми филология, профессор* |
| **Каримова И. Х.** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Лутфуллозода М.** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Нуъмонов М.** | *доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Маҷидова Б.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Неъматов С.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Иматзода Л.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Ҷураев Х.** | *доктори илмҳои физика-математика, профессор* |
| **Амонов Н.** | *номзади илмҳои психологӣ, дотсент* |
| **Мираказода Ф.** | *номзади илмҳои таърих, дотсент* |

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

| | |
|---|---|
| **Саидзода Р. Ҳ.** | *вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Раҳимӣ Ф. Қ.** | *президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон* |
| **Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.** | *муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Саломиён М. Қ.** | *президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* |
| **Хушвахтзода Қ. Х.** | *ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.*

*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*

*Маҷалла мақолаҳоро аз рӯйи илмҳои педагогӣ (13.00.00) ва психологӣ (19.00.00) ба чоп қабул менамояд.*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj ҷой дода шудааст.

Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2023. – № 3 (43). ISSN 2617-5320.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст. Шаҳодатномаи №0219/МҶ-97, аз 27 сентябри соли 2021.



**Суроғаи идора**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2, тел: 2274525, 2270238; E-mail: shohin_7875@mail.ru



Индекси обуна: 77772



**© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2023**



ISSN 2617-5320

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
(Научно-методический журнал)
***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*
*Журнал основан в 2012 г. Выходит 4 раза в год.*

***Главный редактор:***
***Наджмиддиниён Асадулло Мирзо*** — *кандидат физико-математических наук, доцент директор Института развития образованияимени А. Джами АОТ*

***Зам. главного редактора:***
***Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна*** — *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ*

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. К.** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Каримова И. Х.** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Лутфуллозода М.** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Нуъмонов М.** | *доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Маджидова Б.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Неъматов С.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Иматзода Л.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Джураев Х.** | *доктор физико -математических наук, профессор* |
| **Амонов Н.** | *кандидат психологических наук, доцент* |
| **Мираксзода Ф.** | *кандидат исторических наук, доцент* |

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

| | |
|---|---|
| **Саидзода Р. Х.** | *министр образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Раҳими Ф. К.** | *президент Национальной Академии наук Таджикистана* |
| **Джуразода Дж. Х.** | *первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Саломиён М.К.** | *президент Академии образования Таджикистана* |
| **Хушвахтзода К. Х** | *ректор Таджикского национального университета* |

*Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.*

*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*

*Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.*

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журналаразмещена на сайте www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj

Вестник Института развития образования. – 2023. – №3 (43).
ISSN 2617-5320.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 219/ЖР-97, от 27 сентября 2021 года.

**Адресредакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект А. Адхамов 11/2, Тел: 2274525, 2270238; E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекс подписки:77772

**©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2023**

ISSN 2617-5320
2617 5320

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
*The journal is established in 2012. Issued 4 times a year.*

***Chief editor:***
***Najmiddiniyon Asadullo Mirzo*** — *Candidate of Phisico–Mathematic Sciences, associate professor director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

***Deputy editor:***
***Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna*** — *Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

| | |
|---|---|
| **Salomiyon M.K.** | *doctor of philological sciences, Professor* |
| **Karimova I.Kh.** | *doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor* |
| **Lutfullozoda M.** | *doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor* |
| **Numonov M.** | *doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, professor* |
| **Majidova B.** | *doctor of pedagogical Sciences, professor* |
| **Nematov S.** | *doctor of pedagogical Sciences, professor* |
| **Imatzoda L.** | *doctor of pedagogical Sciences, professor* |
| **Juraev Kh.** | *doctor of Phisico-Mathematic Sciences, professor* |
| **Amonov N.** | *candidate of psychological Sciences, Docent* |
| **Mirakzoda F.** | *Candidate of History, associate Professor* |

**EDITORIAL COUNCIL:**

| | |
|---|---|
| **Saidzoda R. H.** | *Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Rahimi F. K.** | *President of the National Academy of Sciences of Tajikistan* |
| **Jurazoda J.H.** | *first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Salomyon M.Q.** | *President of the Academy of Education of Tajikistan* |
| **Khushvakhtzoda K. Kh.** | *Rector of the Tajik National University* |

*The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.*

*The journal is included in the database Of the Russian science citation index.*

*The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – Pedagogical sciences and 19.00.00 – Psychological sciences*

The journal is published in Tajik, Russian and English.

The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj; www.payom-prmatt.tj

Bulletin of the Institute of Development of Education. – 2023. – №3 (43).
ISSN 2617-5320.

The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.219/JR-97, dated September 27, 2021.

**Editorial address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov 11/2, Avenue, Tel: 2274525, 2270238; E-mail: shohin_7875@mail.ru

Subscription index: 77772
**© IDE named Abdurahmon Jomi, 2023**

ISSN 2617-5320

**ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ**
**ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ**
**PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY**

***№ТДУ-37.0***
***ТКБ-74.00***
***А-85***

# КОНСЕПСИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ ОИДИ НАҚШ ВА МАҚОМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

***Абдуллоева М. И.***
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»**

Дар шароити муосири рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба такмили омодасозии касбии мутахассиси кордони мувофиқ ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ эҳтиёҷ дорад. Талаботи нави ҷомеа ба сатҳи таҳсилот ва инкишофи шахсият аллакай боиси тағйир ёфтани технологияи таълим гардидаанд. Имрӯз технологияҳои инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки раванди таълим бо назардошти самтгирии касбии таълим, ҳамчунин таваҷҷуҳ ба шахсияти донишҷӯ, шавқу рағбат, қобилияту истеъдоди ӯ ташкил гардад. Дар марҳилаи имрӯзаи рушди маориф ба таҳсилоти касбӣ талаботи баланд оид ба такмили раванди таълим бо истифодаи захираҳое пеш оварда шудааст, ки имконияти дидактикии воситаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро амалӣ мекунанд. Такмил ва навсозии сатҳи муҷаҳҳазии муҳити таҳсилот корбасти васеи захираҳои электронии таълимиро тақозо менамояд.

Қонунияти умумии инкишофи тамаддун ба рушди раванди ҷаҳонии иттилоотигардонии ҷомеаи муосир мусоидат мекунанд. Иттилоотигардонии ҷомеа боиси дигаргуниҳои сифатии илмӣ-техникӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шудааст, ки шароити одатшудаи ҳаёти одамон, фаъолияти истеҳсолӣ, рӯзгор ва фароғати онҳоро тағйир медиҳанд. Тамоилҳо ва суръати инкишофи ин тағйирот дар он бобат гувоҳӣ медиҳанд, ки асри XXI замони иттилоот аст.

Дастовардҳои илмӣ дар соҳаи информатика, технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои шабакавӣ ва телекоммуникатсияҳо ҷомеаро даҳсолаҳои охир куллан дигаргун карданд. «Малакаҳои истифодаи компютер, маҳорати корбурди технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ, кор дар Интернет, донистани асосҳои информатикаи назариявӣ, фарҳанги иттилоотии хатмкунандагон, маҳорати ба вуҷуд овардан ва истифодаи захираҳои иттилоотии электронӣ, ки инсоният дар ихтиёр дорад - чунинанд нуктаҳои афзалиятноки ҳаёт дар асри нав» [1].

Имрӯз марҳилаи навбатии инқилоби технологӣ ва ҷаҳонии иҷтимоӣ - ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ сурат гирифта истодааст. Технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ (ТИТ) на танҳо тарзҳои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо, балки чигунагии гузаронидани вақти фароғат, амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандӣ, тарзи муоширати моро тағйир дода истодаанд. Онҳо ба дигаргуниҳои сохтори иҷтимоии ҷомеа, таҳсилот, иқтисодиёт, инкишофи институтҳои демократия ва соҳаҳои дигари фаъолияти инсон таъсири назаррас мерасонанд.

Раванди иттилоотигардонии ҷомеа, ки айни замон рӯй дода истодааст, ба тамоми ҷомеа таъсир мерасонад. Дар Консепсияи фазои ягонаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст, ки «иттилоот ва шакли олитарини он - донишҳо омили ҳалкунандае мебошанд, ки рушди ҷомеаро таъйин мекунанд» [9]. Робитаи диалектикӣ ва ҳамбастагии омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, таҳсилотӣ ва технологӣ зимни ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар соҳаи иҷтимоӣ бо назардошти қоидаҳои танзими бозори иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, дар конвергенсияи технологӣ ва ташкилӣ, ташаккули талаботи нав ба кормандон, мутахассисон зоҳир мегардад. Заминаҳои иқтисодии ҷомеаи иттилоотӣ аз соҳаҳои индустрияи иттилоотӣ (телекоммуникатсионӣ, компютерӣ, электронӣ, аудиовизуалӣ) иборатанд, ки раванди конвергенсияи технологӣ ва муттаҳидшавиро аз сар гузаронида, бо суръати зиёд инкишоф меёбанд ва ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва рақобатпазирии кишварҳо дар арсаи ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд. Асосҳои ҳуқуқии ҷомеаи иттилоотиро қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрие ташкил медиҳанд, ки ҳуқуқи инсонро барои дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ, технологияҳо, телекоммуникатсияҳо, ҳимояи моликияти зеҳнӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, озодии сухан, бехатарии иттилоотӣ танзим мекунанд. Бехатарии иттилоотии ҷомеа ва шахсият мавқеи нав пайдо карда, аз муаммои соф технологӣ ба муаммои иҷтимоӣ табдил меёбад. Чунонки олимони муосир [4,5,6,8,10,12] ақида доранд, асосҳои технологии ҷомеаи иттилоотиро технологияҳои телекоммуникатсионӣ ва

иттилоотӣ ташкил медиҳанд, ки пешбарони пешрафти технологӣ, унсури ҷудонашавандаи ҳама гуна технологияҳои муосир гардида, ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд, барои мубодилаи озодонаи анбӯҳи бузурги иттилоот ва донишҳо дар ҷомеа шароит фароҳам меоранд, боиси дигаргуниҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ мешаванд ва дар ниҳояти кор, сабабгори ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мегарданд.

Дар айни замон сатҳи инкишоф ва истифодаи технологияҳои муосир на танҳо бо рушди пойгоҳи моддии кишвар, балки сатҳи зеҳнигардонии ҷомеа, қобилияти он барои истеҳсол, азхудкунӣ ва татбиқи донишҳои нав таъйин мегардад. Ҳамаи ин бо сатҳи инкишофи таҳсилот дар кишвар ва муаммоҳои иттилоотигардонии таҳсилот зич алоқаманд аст. Бинобар ин, сифат ва мундариҷаи таҳсилот ба инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ бевосита таъсир мерасонад. Мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» дар нимаи дувуми солҳои 1960-уми асри гузашта ба миён омад.

Дар баробари ин мафҳум истилоҳҳое, мисли «ҷомеаи технотронӣ», «ҷомеаи дониш», «ҷомеаи пасоиндустриалӣ» мавриди истифода қарор гирифтанд. Тасаввурот оид ба ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчунин бо консепсияи «се мавҷ»-и О.Тоффлер алоқаманд аст[10]. Истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» дар Япония соли 1966 дар маърӯзаи гурӯҳ оид ба таҳқиқоти илмӣ, техникӣ ва иқтисодӣ истифода шуда, дар он маърӯза таъкид гардид, ки ҷомеаи иттилоотӣ чунин ҷомеаест, ки пур аз иттилооти баландсифат буда, ҳама гуна воситаҳои тақсимкунии он вуҷуд доранд. Т.Стоунер қайд карда буд, ки иттилоотро мисли сармоя ҷамъ оварда, барои истифодаи минбаъда нигоҳ доштан мумкин аст. Дар ҷомеаи пасоиндустриалӣ захираҳои миллии иттилоот манбаи пуриқтидори боигарӣ мебошанд. Вобаста ба ин, соҳаи нави иқтисодиёт - иқтисодиёти иттилоотиро инкишоф бояд дод. Иқтисодиёти пасоиндустриалӣ иқтисодиётест, ки дар он саноат аз рӯйи нишондиҳандаҳои шуғл ва ҳисса дар маҳсулоти миллӣ баъди соҳаи хизматрасонӣ қарор дошта, соҳаи хизматрасонӣ бошад, асосан аз коркарди иттилоот иборат аст [8].

Д. Белл навишта буд, ки нақши соҳаи кишоварзӣ ва саноат ҳангоми афзудани аҳамият ва густариши соҳаи индустрияи иттилоотӣ коҳиш меёбад. Инқилоб дар ташкил ва коркарди иттилоот ва донишҳо, ки дар он нақши марказӣ ба компютер мансуб аст, якҷоя бо ташаккули ҷомеаи пасоиндустриалӣ сурат мегирад. Се ҷанбаи ҷомеаи пасоиндустриалӣ: гузариш аз ҷомеаи индустриалӣ ба ҷомеаи хизматрасонанда; аҳамияти ҳалкунандаи дониши назариявии рамзбандишуда барои амалисозии инноватсияҳои технологӣ; табдил ёфтани «технологияии зеҳнӣ»-и нав ба воситаи калидии таҳлили системавӣ ва назарияи қабули қарорҳо барои фаҳмиши инқилоби телекоммуникатсионӣ махсусан муҳиманд [2].

Аз солҳои 1970-уми асри XX тамоили истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар кишварҳои ҷаҳон ба мушоҳида мерасад. Чунончи, соли 1978 дар Фаронса маърuза оид ба таъсири технологияҳои нави иттилоотӣ ба ҷомеаи фаронсавӣ омода карда шуд. Хусусияти фарқкунандаи он - кӯшиши фаҳмидани ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангии воридкунии технологияҳои нави иттилоотӣ, «телематика» (истилоҳи ифодакунандаи ягонагии компютер ва телекоммуникатсияҳо), пешниҳоди дарки ягонаи иттилоотигардонӣ барои муайянкунии мавқеъ ва нақши давлат дар ин раванд. Хулосаи асосии ин маърuза: оқибати муҳимтарини воридкунии технологияҳои иттилоотӣ баланд шудани маҳсулнокии меҳнат зимни коркарди маълумот. Соли 1987 Комиссияи Аврупоӣ Китоби сабзро оид ба телекоммуникатсияҳо нашр кард ва дар он қайд шудааст, ки шабакаҳои телекоммуникатсионӣ системаи асаби ҳаёти муосири иқтисодӣ ва иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Ҷомеаи иттилоотӣ дар Инфрасохтори миллии амрикоӣ[5.с.42]. ҳамчун ҷомеае тафсир шудааст, ки дар он:

- мактабҳо, омӯзгорон ва курсҳои беҳтарин барои тамоми донишҷӯён новобаста ба шароити географӣ, фосила, захираҳо ва коршоямӣ дастрас мебошанд;
- иқтидори бузурги санъат, адабиёт ва илм на танҳо дар ташкилот, китобхонаҳо, осорхонаҳо дастрасанд;
- хизматрасониҳои ҳифзи тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар режими интерактивӣ барои ҳар кас саривақт ва дар ҷойи даркорӣ дастрас мегарданд;
- ҳар кас имконият дорад, ки дар ҷойҳои гуногун бидуни гум кардани имконияти кори пурра дар корхона тавассути шабакаҳои электронӣ зиндагӣ кунад;
- ширкатҳои хурд аз тамоми ҷаҳон бо роҳи электронӣ дархост қабул карда метавонанд.

Ба ақидаи И.Н.Курносов ҷомеаи иттилоотӣ чунин хусусиятҳо дорад:

- кору фароғати фосилавӣ;
- ташаккули муносибатҳои нав байни одамон дар раванди истеҳсолот ва фаъолияти ҷамъиятӣ;
- меҳнати аксари одамон хусусияти иттилоотӣ пайдо мекунад;

-инкишофи технологияҳои интерактивии иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, шабакаҳои ҷаҳонии компютерӣ, коркарди комплексии иттилоот амалӣ мегардад;

- имконияти нави коммуникатсионӣ барои таъсироти мутақобил ва ифода кардани иродаи сиёсии ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ фароҳам оварда мешаванд;

- нақши кишварҳо бо иқтидори иттилоотӣ меафзояд [4.с.12].

О.А. Финко ва Ю. М. Нестеров ҷомеаи иттилоотиро ҳамчун ҷомеае тавсиф мекунанд, ки дар он:

- компютери шахсие, ба шабакаҳои иттилоотии фароҳудуд (трансграничный) пайваст мебошад, дар ҳар як хона ҷой дорад;

- ҳар як узви ҷомеа имконият дорад, ки новобаста аз мавқеи географие, ки қарор дорад, сари вақт бо ёрии шабакаҳои иттилоотии фароҳудуд иттилооти пурра ва боэътимоди навъу таъйиноташ гуногунро аз тамоми кишварҳо дастрас намояд;

- имконияти коммуникатсияи ҳар як узви ҷомеа ҳам бо якдигар, ҳам бо сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ новобаста ба ҷойгиршавӣ дар курраи замин фароҳам оварда мешавад;

- фаъолияти ВАО аз рӯйи шаклҳои таҳия ва паҳн кардани иттилоот тариқи пайвастшавӣ бо шабакаҳои иттлоотии компютерӣ тағйир меёбад;

- шаклҳои нави фаъолият бо истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд: кор, эҷод, тарбия ва таҳсил, тиб [11].

Г.Л.Смолян ва Д.С.Черешкин чунин аломатҳои асосии ҷомеаи иттилоотиро зикр кардаанд:

- ташаккули фазои ягонаи иттилоотии ҷаҳонӣ ва амиқрафти равандҳои ҳамгироии иттилоотиву иқтисодии кишварҳо ва одамон;

- дар иқтисодиёти кишварҳои алҳол ба сӯйи ҷомеаи иттилоотӣ ҳаракаткунанда ташаккул ва минбаъд ҳукмфармо шудани тарзҳои технологии нави оммавӣ, воситаҳои ояндадори техника ва телекоммуникатсияҳо;

- бунёди бозори иттилоот ва донишҳо ҳамчун омилҳои истеҳсолот илова ба бозорҳои табиии захираҳои меҳнату сармоя ва гузариши захираҳои иттилоотии ҷомеа ба захираҳои воқеии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз ҳисоби густариши дастрасӣ ба онҳо;

- афзудани нақши инфрасохтор (телекоммуникатсионӣ, нақлиётӣ, ташкилӣ) дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва тақвияти тамоюлҳо ба амалкардиякҷоя дар иқтисодиёти маҷроҳои иттилоотӣ ва пулӣ;

- амалан қонеъ гардидани эҳтиёҷоти ҷомеа ба маҳсулоту хизматрасониҳои иттилоотӣ;

- баланд гардидани сатҳи таҳсилот аз ҳисоби густариши имконияти низомҳои мубодилаи иттилоотӣ дар сатҳҳои байналхалқӣ, миллӣ ва минтақавӣ ва мутаносибан, баланд бардоштани нақши тахассусмандӣ, кордонӣ ва қобилият ба эҷодиёт ҳамчун тавсифҳои муҳимтарини хизматрасониҳои меҳнатӣ; - баланд шудани аҳамияти муаммои таъмини бехатарии иттилоотии шахсият, ҷомеа ва давлат, бунёди низоми самараноки таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва институтҳои иҷтимоӣ барои озодона гирифтан, паҳн намудан ва истифода бурдани иттилоот [7].

Ҳамин тавр, аломату хусусиятҳои зикршудаи ҷомеаи иттилоотиро таҳлил намуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки омили инкишофи муносибатҳои мутамаддин ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - телекоммуникатсионӣ (шабакавӣ), аз ҷумла, дар соҳаи таҳсилот мебошад. Қайд бояд кард, ки гузариш ба таълим бо татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ имрӯз ҳамчун самти калидии инкишофи таҳсилот баррасӣ мешавад, ки ба такмили раванди таълим мусоидат менамояд. И.С.Мелюхин қайд кардааст, ки ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ ба таври минтақавӣ ташаккул ёфта, дар кишварҳои гуногун ин раванд бо шиддату хусусиятҳои гуногун сурат мегирад. Ҷомеаи иттилоотӣ се хусусияти асосӣ доранд: якум, иттилоот ҳамчун захираи иқтисодӣ истифода мешавад. Ташкилот иттилоотро бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ, таҳрики инноватсияҳо, мустаҳкам кардани рақобатпазирӣ торафт бо миқёси бештар истифода мебаранд. Дувум, иттилоот дар байни аҳолӣ предмети истеъмоли оммавӣ гардидааст. Севум, ташаккули бошиддати қисми иттилоотии иқтисодиёт рӯй дода истодааст, ки нисбат ба соҳаҳои дигар бо суръати бештар рушд мекунад. Зимнан ҳаракат ба ҷомеаи иттилоотӣ барои кишварҳои мутараққӣ ва инкишофёбанда тамоюли умумӣ ба шумор меравад [5,с.21].

Ҳамин тавр, ақидаҳои гуногунро ҷамъбаст намуда, мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ»-ро бо се тарз шарҳ додан мумкин аст.

Якум, номбар кардани хусусиятҳое, ки ба ин типи ҷомеа хос мебошанд: захираҳои назарраси иттилоотӣ ба вуҷуд оварда шуданд; истеҳсоло, нигоҳдорӣ, паҳнкунӣ ва интиқоли маҳсулоти ҳам аудиовизуалӣ, ҳам корӣ ва фароғатӣ ба қисми муҳимми иқтисодиёт табдил шуд; индустрияи иттилоотӣ ташаккул ёфт, ки саноати компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, таҳиякунандагони мундариҷаи

аудиовизуалӣ ва таъминоти барномавӣ, истеҳсолкунандагони пойгоҳи элементӣ ва электроникаи маишӣ, истеҳсолоти бисёррасонаӣ ва ғайраро дарбар гирифт; шаҳрвандон ба манбаъҳои гуногуни иттилоот имконияти дастрасии техникӣ ва ҳуқуқиро доранд. Рӯйхати ин хусусиятҳоро вобаста ба амиқии дарки моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ давом додан мумкин аст.

Дувум, тавассути гузариш «аз абстракт ба мушаххас» қайд кардан мумкин аст, ки ҷомеаи иттилоотӣ зинаи дигари инкишофи инсоният аз рӯйи занҷири ҷомеаи «аграрӣ - индустриалӣ - пасоиндустриалӣ» буда, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ бо татбиқи консепсияи рушди устувор ё бо таҷассуми ғояҳои Вернадский дар бораи инкишофи ноосфера алоқаманд метавон кард.

Варианти севум, созишкорона низ имконпазир аст, чунончи: «ҷомеаи иттилоотӣ - зинаи дигар ё марҳалаи рушди инсоният аст, ки дар он молу хидматрасониҳои иттилоотӣ объекти ҳукмрони истеҳсол ва истеъмол мегарданд». Албатта, ин чунин маъно надорад, ки ашёи анъанавии истеъмолшаванда, ки саноат ва соҳаи кишоварзӣ истеҳсол карда истодаанд, барои инсон аҳамияти худро гум мекунанд, танҳо дар раванди истеҳсолот ва ҳаҷми молу хизматрасониҳо ҳиссаи амалиёт ва маҳсулоти «иттилоот ғунҷоиш» зиёд мешавад.

Соли 2003 дар асоси Қарори Ҳукумати Тоҷикистон Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5 ноябри соли 2003 таҳти № 1174 тасдиқ гардид [9].

Раванди ташаккули инфрасохтори иттилоотии Тоҷикистон қисми ташаккули Инфрасохтори иттилоотии ҷаҳонӣ (Global Information Infrastucture - GII) мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи консепсияи низомҳои кушода татбиқ мегардад.

Стратегия тамоилҳои муосири ҷаҳонии рушди технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ (шабакавӣ) ва тағйиротро дар ин соҳа ба назар мегирад, ки солҳои охир аз лаҳзаи коркарди Консепсия сурат гирифтанд. Барномаи мазкур ба пайвастшавии ҷумҳурии мо ба фазои ягонаи ҷаҳонии иттилоот мусоидат карда, оид ба ҷорикунии технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон вазифаҳои мушаххасро ба миён мегузорад. Барои Тоҷикистон вобаста ба мубрам будани гузариши кишвар ба ҷомеаи иттилоотӣ ин рӯйдод муҳим аст. Дар ин ҳуҷҷат мафҳуми инфрасохтори миллии иттилоотӣ шарҳ дода шудааст.

Инфрасохтори миллии иттилоотӣ аз чунин ҷузъҳои асосӣ иборат аст:

- захираҳои иттилоотӣ, ки маълумот, иттилоот ва донишҳои дар ҳомилҳои дахлдори иттилоот сабтшударо дарбар мегирад;
- сохторҳои ташкилӣ, ки амалкард ва инкишофи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, паҳнкунӣ, ҷустуҷӯ ва интиқоли иттилоотро таъмин менамоянд;
- воситаҳои таъсироти мутақобили шаҳрвандон ва ташкилот, дастрасии онҳо ба захираҳои иттилоот дар заминаи технологияҳои дахлдори иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ (шабакавӣ), ки воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ташкилӣ - меъёриро дарбар мегиранд» [9.с.4].

Дар мувофиқат бо таърифи мазкур инфрасохтори миллии иттилоотӣ аз маҷмуи ду ҷузъ (қабат) иборат аст: инфрасохтори телекоммуникатсионӣ ва инфрасохтори замимаҳои ёрирасон, захираҳои иттилоотӣ - худи инфрасохтори иттилоотӣ.

Мо бо дидҳои зикршуда оид ба муаммои инкишофи ҷузъҳои инфрасохтори миллӣ пурра ҳамфикрем. Воқеан, ҷомеаи иттилоотӣ ба истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ, ҳам маҳаллӣ, ҳам ҷаҳонӣ, инчунин воситаҳои робита асос меёбад. Бинобар ин, барои он, ки шабакаҳо ва воситаҳои техникӣ муътадил кор карда, дастрас бошанд, мутахассисони кордоне заруранд, ки хизматрасонии (таҷҳизотӣ ва барномавӣ) тамоми навъи шабакаҳои иттилоотиро анҷом дода метавонанд. Мо чунин мешуморем, ки тамоми таъминоти барномавии коркардшаванда бояд бо самтгирӣ ба кор дар режими шабакавӣ фароҳам оварда шавад. Захираҳои иттилоотӣ бояд бо назардошти талаботи умумие ташаккул ёбанд, ки нисбат ба таҳияи Web- ҳуҷҷатҳо дар шабакаи ҷаҳонии Интернет ҷойгир шудаанд.

## АДАБИЁТ:

1.Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017 аз 3 июли соли 2014 № 428.

2.Белл Д. Социальные рамки информационного общества // В кн.: Новая технократическая волна на Западе. М., 1986, С.335.

3.Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, № 451

4.Курносов И.Н. Глобальная информационная структура: цели принципы и механизмы развития // Материалы 3-й международной конференции "Информационные ресурсы, интеграция, технологии", М., 1997, С. 135-143.

5.Мелюхин И.С. Информационные технологии и бизнес, М., 1997, 200с.
6.Мирзоев А.Р. Подготовка студентов вузов Таджикистана к использованию информационно-коммуникационных технологий (научная монография). Душанбе, изд. ИПС, 2019. - 234 с. - ISBN 978-99975-913-2-6.
7.Смолян Г.Л., Черешкин Д.С., Вершинская О.Н., Костюк В.Н., Савостицкий Ю.А. Путь России к информационному обществу (предпосылки, проблемы, индикаторы, особенности). М., 1997, -64с.
8.Стоуньер Т. Информационное богатство: профиль постиндустриальной экономики // В кн.: Новая технократическая волна на Западе. М., 1986, -С.394.
9.Стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 5 ноябри соли 2003 таҳти № 1174.
10.Тоффлер О. Смещение власти: знание, богатство, принуждение на пороге XXI века. М., 1991, 32с.
11.Финько О.А., Нестеров Ю.М. О программе нормативно-правового обеспечения формирования в России информационного общества. (Рукопись доклада на Парламентских слушаниях 10 июня 1997 г.)
12.Шарипов Ф.Ф., Рустамова Г.А. Содержание высшего профессионального образования в условиях информатизации педагогического процесса // Вестник Таджикского национального университета. 2020. № 2. - С. 141-150. (1926 в перечне реценз. изд.). - ISSN 2074-1847.

## КОНСЕПСИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ ОИДИ НАҚШ ВА МАҚОМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

Дар мақола масъалаҳои нақш ва мақоми технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар ҷаҳони муосир дар консепсияҳои педагогӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки дар марҳилаи имрӯзаи рушди маориф ба таҳсилоти касбӣ талабот оид ба такмили раванди таълим бо истифодаи захираҳое пеш оварда шудааст, ки имконияти дидактикии воситаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро амалӣ мекунанд. Такмил ва навсозии сатҳи муҷаҳҳазии муҳити таҳсилот корбасти васеи захираҳои электронии таълимиро тақозо менамояд. Раванди иттилоотигардонии ҷомеа, ки айни замон рӯй дода истодааст, ба тамоми ҷомеа таъсир мерасонад. Дар Консепсияи фазои ягонаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст, ки «иттилоот ва шакли олитарини он - донишҳо омили ҳалкунандае мебошанд, ки рушди ҷомеаро таъйин мекунанд». Хулоса карда шудааст, ки ҷомеаи иттилоотӣ ба истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ, ҳам маҳаллӣ, ҳам ҷаҳонӣ, инчунин воситаҳои робита асос меёбад. Бинобар ин, барои он, ки шабакаҳо ва воситаҳои техникӣ муътадил кор карда, дастрас бошанд, мутахассисони кордоне заруранд, ки хизматрасонии (таҷҳизотӣ ва барномавӣ) тамоми навъи шабакаҳои иттилоотиро анҷом дода метавонанд.

**Калидвожаҳо:** *технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, таҳсилоти касбӣ, раванди иттилоотигардонии ҷомеа, раванди таълим, ҷомеаи иттилоотӣ, дониш, малака, маҳорат, омузгори оянда, омодагии мутахассисон.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ О РОЛИ И СТАТУСЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И ТЕЛЕКОММУНИКАЦИЙ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ.

В статье рассматриваются вопросы роли и статуса информационных технологий и телекоммуникаций в современном мире в педагогических концепциях. Отмечено, что на сегодняшнем этапе развития образования к профессиональному образованию были выдвинуты высокие требования по совершенствованию учебного процесса с использованием ресурсов, обеспечивающих дидактические возможности информационных и коммуникационных средств. Совершенствование и модернизация уровня улучшения процесса образования предусматривает широкий спектр электронных образовательных ресурсов. Процесс информатизации общества, который происходит в настоящее время, влияет на все сообщество. В концепции единого информационного пространства Республики Таджикистан признается, что "информация и ее высшая форма - знания-решающий фактор, определяющий развитие общества». Делается вывод, что информационное общество основывается на использовании информационных сетей, как местных, так и глобальных, а также средств связи. В связи с этим, для того, чтобы сети и технические средства работали стабильно и были доступны, необходимы специалисты, способные оказывать услуги (аппаратные и программные) всех видов информационных сетей.

**Ключевые слова:** *информационные и телекоммуникационные технологии, профессиональное образование, процесс информатизации общества, учебный процесс, информационное общество, знания, навыки, умения, подготовка специалистов*

**PEDAGOGICAL CONCEPTS ABOUT THE ROLE AND STATUS OF INFORMATION TECHNOLOGIES AND TELECOMMUNICATIONS IN THE MODERN WORLD**

The article discusses the role and status of information technologies and telecommunications in the modern world in pedagogical concepts. It is noted that at the current stage of education development, high requirements have been put forward for professional education to improve the educational process using resources that provide didactic possibilities of information and communication tools. The improvement and modernization of the level of improvement of the educational process provides for a wide range of electronic educational resources. The process of informatization of society, which is currently taking place, affects the entire community. The concept of the unified information space of the Republic of Tajikistan recognizes that "information and its highest form - knowledge - is a decisive factor determining the development of society." It is concluded that the information society is based on the use of information networks, both local and global, as well as means of communication. In this regard, in order for networks and technical means to work stably and be accessible, specialists are needed who are able to provide services (hardware and software) of all types of information networks.

**Keywords***: information and telecommunication technologies, professional education, the process of informatization of society, educational process, information society, knowledge, skills, skills, training of specialists*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Абдуллоева Машҳура Иброҳимовна-муаллимаи кафедраи математика ва технологияи муосири Коллеҷи омузгории МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров». Суроға:735700.ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. E-mail. Mashxyra94@mail.ruТелефон: +992 926 60 08 54.*

**Сведения об авторе:** *Абдуллоева Машхура Ибрагимовна –Педагогический колледж ГОУ «ХГУ им. ак. Б. Гафурова», преподаватель кафедры математики и современной технологии. Адрес:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail. Mashxyra94@mail.ruТелефон: +992 926 60 08 54.*

**Information about author:** *Abdulloeva Mashkhura Ibragimovna - Pedagogical College of the State Educational Institution "KSU named after A. Gafurov", teacher of the Department of Mathematics and Modern Technology. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Ave. 1. E-mail. Mashxyra94@mail.ru Phone: +992 926600854.*

# ХУДТАРБИЯКУНИИ СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ-ИРОДАВИИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН ДАР МАКТАБҲОИ ВАРЗИШИИ БАЧАГОНА

***Қодиров З. К.***

**унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Яке аз ҳадафҳои муҳимми мактабҳои варзишӣ ин дар варзишгарони наврас тарбия намудани сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ ба ҳисоб меравад. Раванди худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии кӯдакону наврасон дар мактабҳои варзишӣ дар асоси принсипҳои зерин сурат мегирад:

– бетанаффусӣ ва мунтазами, ки робитаи муваққатӣ, фазоӣ ва мазмуни марҳилаҳо ва сатҳҳои рушди ахлоқӣ-иродавии шахсияти наврасро инъикос мекунанд;

– ба раванди тарбиявӣ такя намудан дар мактаби варзишӣ ба муносибати арзишии хонандагон ба дастовардҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар рушди ҷамъиятӣ;

– ягонагии муносибатҳои низомӣ ва фаъолиятӣ, ки ба омӯзгор – мураббӣ имкон медиҳад ҳамгирои будани таъсироти тарбиявии ҳамаи ниҳодҳои иҷтимоисозии шахсият, фардияти беназири онро пайгирӣ ва дарк карда, муносибатҳои башардӯстонаро дар ҳамкории ҳамаи субъектҳои раванди тарбиявӣ рушд дода, тасдиқ кунад;

– тағйирпазирӣ ва динамикӣ будани истифодаи воситаҳо, шаклҳо, методҳо ва усули тарбия вобаста аз сатҳҳои рушди ахлоқӣ-иродавии наврасон, марҳилаи ин раванд, фардияти онҳо;

– ягонагии истифодаи ҳадафҳои наздик, миёна ва дарозмуҳлати фаъолияти варзишӣ ҳамчун шарти зарурии сафарбаркунӣ ва зуҳури пайдарпайи имкониятҳои зарурии ахлоқӣ-иродавӣ, психологӣ-ҷисмонии хонандагон барои гузариш ба зинаи баландтари болоравии шахсиятӣ, иҷтимоӣ ва варзишӣ.

Таълим дар мактаби варзишӣ мувофиқ ба марҳилаҳои омодасозӣ гузаронида мешавад, ки дар ҳар кадоми онҳо ҳадафҳо, вазифаҳо, методҳо ва шаклҳои гузаронидани машғулиятҳо муайян карда мешаванд. Дар тӯли тамоми марҳилаҳои таълим нақши омӯзгор ҳамчун мураббӣ возеҳтар гардида, натиҷаҳои мусбат меорад, чун варзишгари наврас худро ҳамчун иштирокчии ихтиёрӣ, фаъоли раванди таълимӣ-тамринӣ ҳис мекунад. Дар айни замон, худи мураббӣ низ дар нақши субъект ва объекти ҳамкорӣ қарор дорад. Худи ӯ баъзан мавриди таъсиррасонии тарбиягирандагон на камтар аз қувва ва таъсир назар ба худи хонандагон қарор мегирад. Ҳамаи ин таҳия намудани омезиш ва таносуби мувофиқи методҳои тарбия ва таълим, таҷдиди назари муайянро аз ташкил ва мазмуни раванди таълимӣ-тарбиявӣ талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, вазифаи мураббӣ аз он иборат аст, ки сифатҳои ахлоқӣ-иродавие, ки дар раванди машғулиятҳо ташаккул меёбанд, мувофиқи меъёрҳо ва принсипҳои маънавии ҷомеа хусусияти ҳарчи бештари ахлоқӣ-варзиширо пайдо кунанд. Маҳз, дар ҳамин аст маънои ҳамкории муташаккили тарбиявии мураббӣ бо шогирд, ки дар раванди мубодилаи муносибатҳо, тағйирёбии мутақобилаи ахлоқӣ ба амал меояд. Бидуни эътимоди мутақобила ва ҳамдигарфаҳмӣ чунин ҳамкорӣ ғайриимкон аст: идора кардан, маънои пахш кардан, фишор оварданро надорад. Дар ин зимн, шартҳои зерини педагогиро фарқ кардан мумкин аст: самтнокӣ ва мазмуни раванди таҳсилотӣ барои таълими якҳарбаҳо; даврагии раванди таълимӣ-тамринӣ; маҳорати омӯзгор – мураббӣ; ҳавасмандгардонии фаъолияти тамринӣ аз тариқи мусобиқаҳо; фазои эҳсосӣ-ахлоқӣ дар гурӯҳ; сатҳи ибтидоии рушди сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ; ангезаҳои машғулиятҳо.

Дар мактаби варзишӣ раванди мураккаби педагогие ба мушоҳида мерасад, ки давраи тӯлонии рушди писар ё духтарро фаро мегирад. Дар асоси чаҳорчӯбаи меъёрҳои ҳуқуқӣ чор марҳилаи таълимро муайян кардан мумкин аст: омодасозии ибтидоӣ, маҳорати таълимӣ-тамринӣ, такмили варзишӣ ва маҳорати олии варзишӣ. Ба ҳамаи марҳилаҳои таълим ин ё он ҷанбаи синнусолӣ, сатҳи ташаккулёбии маҳоратҳо ва малакаҳои ҳаракатӣ, сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва устувории психологӣ мувофиқат мекунанд. Дар тӯли тамоми таҳсил дар мактаби варзишӣ кӯдак ба воя мерасад, самти фаъолият ва арзишҳои ахлоқии ӯ тағйир меёбад, аммо омилҳо ва зиддиятҳои дигаре низ ҳастанд, ки ба шуури шахсияти наврасон таъсир мерасонанд. Барои пурра фаҳмидани равандҳои тарбия ва худтарбиякунӣ ва ҳамбастагии онҳо омилҳои беруна ва дохилиро, ки ба фаъолияти субъективии варзишгар таъсир расонида, ба назорати пурраи раванди таълим имкон медиҳанд, баррасӣ кардан лозим аст.

Вазифаи педагог на танҳо аз омӯзонидани навҷавон ва духтар ба ин ё он малакаи ҳаракатӣ, таҷрибаи тактикӣ, балки эҷоди чунин раванди таълим низ мебошад, ки ба наврас имкон медиҳад, то ки аз зуҳуроти манфии воқеияти атроф каноратирӣ намуда, дар назди худ вазифаи дигар гузошта, муҳити худро бо одамоне пур кунад, ки омодаанд дар худтатбиққунӣ дар асоси сифатҳо ва арзишҳои ахлоқӣ-иродавӣ кумак кунанд. Ба ибораи дигар, вазифаи мураббиҳо – омӯзгорн аз он иборат аст, то ки бо донистани вазифаҳои ҳамкорӣ дар танзими фикрҳо, ҳиссиёт, рафтори кӯдакон хусусиятҳо ва маҳдудиятҳои дахлдор дар раванди идоракунии фаъолияти варзишӣ муайян карда шаванд.

Дар ташкили раванди таҳсилотӣ мо ба назарияи Б.Г. Ананев дар бораи робитаҳои фаъолияти инсон дар низоми зинанизомии зеҳн рӯ овардем, ки дар он идоракунӣ ҳамчун чизи ҷудонашаванда, аз ҷиҳати ақида нуқтаи назар, ҳаракат имконпазир аст, яъне бо ёрии мубрамсозии ин ё он ҷузъи ягонагӣ дар раванди тарбия чунин вазифаҳои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иродавии шахсиятро, ба монанди омодагӣ ба зоҳир кардани муносибати ахлоқӣ ҳал кардан мумкин аст. Сифатҳои ахлоқӣ- иродавии шахс дар раванди ҳамкории педагогӣ ташаккул ва рушд меёбанд, ки ин қобилиятҳои фарқ кардани наврасро дар мавриди зер мубрам месозад: арзёбии вазифаи дарпешистода; гузоштани ҳадафҳо ва вазифаҳои дастрасти тамрин дар назди худ; муайян кардани роҳҳо ва воситаҳои ҳалли онҳо; банақшагирии саривақтии иҷрои онҳо; тамаркузи диққат ба анҷом додани корҳои банақшагирифташуда; ба ҳадафи гузошташуда тобеъ намудани реҷаи зиндагӣ; ислоҳи вазифаҳои ҳалшаванда; бо назари танқидӣ, бозбинӣ кардани арзишҳо, таҷрибаҳо, ғояҳое, ки наврасон дар раванди машғулиятҳои якҳарбаҳо бо шумораи зиёди онҳо дучор меоянд.

Бояд зикр намуд, ки дар раванди таълим ихтилофоти ботинии дар таълимгиранда мавҷудбударо ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Ҳамин тавр, бо назардошти тағйироти синну солӣ фаъолияти «пешбаранда» ва «ғайрипешбаранда» тағйир ёфта, хусусиятҳои хислат ва арзиши мавқеи дар гурӯҳи ҳамсолон ишғолшаванда нисбат ба фаъолияти варзишӣ дар гурӯҳи таълимӣ-тамринӣ ё ҳайати дастаи яккачин иваз мешаванд. Ба ихтилофи дохилӣ хусусиятҳои муносибатҳои мутақобила дар гурӯҳ ва хислати таълимгиранда мансубанд.

Ҳангоми тарбияи малакаи худтарбиякунӣ мо ба он далел самтгирӣ кардем, ки таъмини бетанаффусии низомнокии раванди таҳсил зимни донистани маълумот дар бораи кори аллакай бо

наврас анҷомдодашуда ва натиҷаи ниҳоии дилхоҳ имконпазир мебошад. Барои ин дар худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврас, мо раванди худтарбиякуниро якҷоя бо марҳилаҳои таълим, ки ба давраи наврасӣ таъсир намерасонанд, марҳилаи омодасозии ибтидоӣ (синну соли хурди мактабӣ) ва маҳорати олии варзишӣ (хонандагони синфҳои болоӣ)-ро баррасӣ кардем. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки воситаҳо, методҳои кор бо наврасон самаранoктар интихоб карда шуда, шароити педагогӣ барои татбиқи бомуваффақияти худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ фароҳам оварда шавад.

Кӯдак дар синну соли 7– 8-солагӣ ба мактаби варзишӣ меояд, яъне ҳангоме ки вазифаи душвори мутобиқшавӣ ба фаъолияти таҳсил ба дӯши ӯ меафтад. Аксари муҳаққиқон маҳз таълимро бо хусусиятҳои синну сол алоқаманд мекунанд ва ин давраро синну соли хурди мактабӣ меноманд. Дар психологияи синнусолӣ ва педагогӣ синну соли хурди мактабӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад: дар ин синну сол фаъолияти таҳсил асосӣ буда, таҷрибаи худназораткунӣ ба вуҷуд омада, амалҳо бо нақшаи дохилӣ ба мувофиқаткунӣ оғоз мекунанд. То ба охир расидани давраи хурдсолии мактабӣ хударзёбии кӯдак ба худмухторӣ табдил ёфта, ба дараҷаи камтар аз афкори атрофиён вобаста мешавад. Вазифаи асосии калонсолон барои кӯдакони синну соли хурди мактабӣ фароҳам овардани шароити беҳтарин ҷиҳати ошкор ва амалӣ намудани имкониятҳои кӯдакон бо назардошти фардияти ҳар як кӯдак мебошад. Маҳз дар ҳамин марҳилаи таълим дар мактаби варзишӣ шиносоӣ бо кӯдак ва муайян кардани хусусиятҳои инфиродии ӯ сурат мегирад.

Синну соли хурди мактабӣ ин на танҳо рафтан ба мактаб ва ё бахши варзиш мебошад, ҳамзамон вобаста ба ивазшавии фаъолият ва тағйирёбии самтнокии пешбарандаи кӯдак дар назди ӯ уҳдадориҳо ва душвориҳои нав пеш меоянд. Дар кӯдак он сифатҳое, ки волидони ӯро бештар ба ташвиш меоранд, – нигоҳ доштани обрӯ (гуфтугӯҳо дар хона дар атрофи саволи: «Дар синф боз кӣ баҳои панҷ гирифт?» гардиш мехӯранд), итоаткорӣ («Оё имрӯз туро сарзаниш накарданд?») ва ғайра ба мадди аввал мебароянд. Бо назардошти ин гуфтаҳо ва худро бо ҳамсинфон ё гурӯҳи варзишии худ муқоиса карда, писарон ва духтарон бори аввал ба худ баҳо дода, дар бораи хударзёбӣ (аксар вақт бидуни он ки худашон инро дарк кунанд) фикр мекунанд. Маҳз сатҳи хударзёбӣ минбаъд самт ва рушди шахсияти навҷавонро муайян мекунад.

Дар ташаккули хударзёбии хонандаи хурдсол нақши бузургро таъсиррасониҳои баҳогузории омӯзгор мебозанд. Нақши таъсироти мазкур дар ташаккули хударзёбии хонандагон дар як қатор таҳқиқот кушода дода шудааст (Б.Г. Ананев, Л.И. Божович). Муаллифон ба зарурати ба назар гирифтани ангезаҳои хонандагон барои арзёбии педагогии амалҳои онҳо ишора намуда, мураккабии муносибатҳои хонандагонро ба баҳои педагогӣ ва ҳаяҷонҳои ба миён овардаи он ошкор намуда, хусусияти тағйирдиҳандаи таъсири баҳои педагогиеро таъкид мекунанд, ки ба дараҷаи дарки сатҳи рушди худ аз ҷониби хонанда таъсир мерасонад. Омӯзиши озмоишии сатҳи хударзёбии хонандагони синфҳои 1 ва 2 бо сатҳҳои гуногуни омодагӣ ба таълими мактабӣ нишон дод, ки муносибати кӯдак ба худ бо муваффақиятнокии таҳсил дар мактаб алоқаманд аст.

Дар асоси хусусиятҳои психофизиологӣ ва ҷисмонии синну соли хурди мактабӣ, ҳангоми роҳандозии раванди таҳсил дар мактаби варзишии кӯдакону наврасон аз ҷониби мо вазифаҳои зерини марҳилаи мазкур муайян карда шуданд:

– муайян кардани хусусиятҳои фардии кӯдак;
– фароҳам овардани заминаҳо барои раванди худтарбиякунӣ;
– рушди малакаҳои ҳаракатӣ ва сифатҳои ҷисмонӣ.

Такмили ҷисмонӣ ва аз тариқи он мустаҳкам кардани саломатӣ танҳо ҳангоми ба таври самаранок ба роҳ мондани раванди таълим, ки ба суръат ва самти рушди инфиродии кӯдак мухолифат намекунад, имконпазир аст (А.Г. Хрипкова, М.Я. Набатникова, И.И. Бахрах, В.П. Губа). Дар бозӣ қобилиятҳои ҳаракатнокӣ, сифатҳои ҷисмонии кӯдак инкишоф ёфта, тафаккури мантиқӣ, чандирии ақл, эҷодкорӣ, фаросат ва ташаббус инкишоф меёбад. Дар бозӣ хислатҳои ахлоқӣ дар кӯдакон ташаккул меёбанд, ирода ва қобилияти баромадан аз ҳолатҳои душвор рушд меёбанд [1, с. 45]. Дар робита ба ин, Л. И. Любишева менависад: «Марҳилаи сифатан нави фаҳмиши моҳияти фарҳанги ҷисмонӣ бо таъсири он ба соҳаи маънавии инсон ҳамчун воситаи муассири тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ дар иртибот мебошад. Агар зарурати махсус барои исботи таъсири калони машғулиятҳо бо машқҳои ҷисмонӣ ба моҳияти биологии инсон: ба саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, сохторҳои морфофунксионалӣ набошад, он гоҳ таъсири он ба рушди маънавиёт тавзеҳот ва далелҳои махсусро талаб менамояд. Далели муҳим ба фоидаи зарурати фарҳанги ҷисмонӣ барои рушди ҳамаҷонибаи инсон метавонад дарки нерӯи арзишии ин падида бошад» [8, с. 10 – 15].

Дар кӯдак дар ин синну сол норасоии фаъолияти ҷисмонӣ ба амал меояд, ки ин аз сабаби дар паси миз нишастан дар мактаб ва иҷрои супоришҳои хонагӣ ба амал омадааст. Синну соли мазкур

инчунин бо пайдоиши ташаккули нави рафтори ихтиёрӣ тавсиф карда мешавад. Кӯдак мустақил мешавад, худаш интихоб мекунад, ки дар баъзе вазъиятҳо чӣ гуна амал кунад. Дар асоси ин навъи рафтор ангезаҳои ахлоқие қарор доранд, ки дар ин синну сол ташаккул меёбанд. Кӯдак арзишҳои маънавиро азхуд карда, кӯшиш мекунад, ки қоидаҳо ва қонунҳои муайянро риоя кунад.

Хонандагон ба мактаби варзишӣ пас аз боғча дар баробари қабулшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ меоянд. Онҳо ба кори худ ҷиддитар муносибат карда, чизи асосӣ дар ҳаёти онҳо таҳсил мегардад. Дар чунин шароит шаклҳои кор бо кӯдакон машғулиятҳои гурӯҳии таълимӣ-тамринӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолии онҳо мегарданд. Онҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо кӯдак барои иҷрои вазифаҳо маҷбур карда шавад, балки дар шахсияти наврас меҳр ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш низ парварида шавад. Барои хонандаи хурдсоли мактаб (хусусан писар) ҳаракатҳои иловагии дастҳо, пойҳо ва бадан, ки бо фаъолиятҳои гуногун ҳамроҳӣ мекунанд, масалан, алвонҷдиҳии дастон ҳангоми суханронӣ, алвонҷхӯрӣ дар курсӣ, кӯшишҳои доимии ба чизе такя кардан низ хос мебошанд.

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар марҳилаи ибтидоии омодасозӣ ва бо такя ба маълмуоте, ки имкон медиҳанд душвориҳо пешгирӣ карда шаванд, мо методҳои корро бо варзишгарони наврасро муайян кардем. Дар марҳилаи ибтидоии омодасозӣ:

– бозиҳои варзишӣ ва сарҳаракат;
– усули оддии мубориза;
– пурсишҳо ва назарсанҷӣ;
– сухбатҳо бо волидон.

Ин методҳо барои фаҳмидани хислат, самтнокӣ, навъи низоми асаб, усули асосии таъсиррасонӣ ба варзишгари наврас ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда кумак мекунанд, ки ин имкон медиҳад кӯдак барои гузариш ба марҳилаи навбатӣ, таълимӣ-тамринии таълим омода карда шавад.

Ҳангоми ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои ҷанбаҳои синнусолӣ маълумоти мавҷудаи физиологҳоро дар бораи он дар хотир нигоҳ доштан зарур аст, ки синну соли хурди мактабӣ (аз 7 то 12 сола) давраи нисбатан «ором»-и рушди фаъолияти олии асаб мебошад. Қуввати равандҳои боздорӣ ва ангезиш, серҳаракатии онҳо, мувозинат ва коҳиш ёфтани қувваи боздорикунандаи беруна имкониятҳои таълими васеи кӯдакро фароҳам меоранд. Ин гузариш «аз эҳсоси рефлекторӣ ба зеҳнишавии эҳсосот» мебошад.

Қайд кардан ҷолиб аст, ки дар синну соли хурди мактабӣ дар заминаи рушди низоми дуюми сигналӣ фаъолияти шартӣ- рефлектории кӯдак хусусияти танҳо ба инсон хосро пайдо мекунад. Масалан, ҳангоми инкишофи рефлексҳои вегетативӣ ва соматӣ- ҳаракатӣ дар кӯдакон дар як қатор ҳолатҳо вокуниши ҷавобӣ танҳо ба ангезандаи бечунучаро мушоҳида шуда, ангезандаи шартӣ вокунишро ба вуҷуд намеорад. Ҳамин тавр, агар ба озмоишшаванда дастури шифоҳӣ дода шуда бошад, ки пас аз «ҳуштак» бозии варзишӣ сар мешавад, пас кӯдак танҳо пас аз пешниҳоди ангезандаи бечунучаро, яъне сигнали асосӣ ба он сарфаҳм меравад. Чунин ҳолатҳои «ташаккул наёфтани»-и рефлекси шартӣ ҳамон қадар зуд – зуд дар байни кӯдакони ҳамсол боинтизом ва қобилиятноктар зоҳир мешаванд. Дастури шифоҳӣ ба ташаккули рефлексҳои шартӣ ба таври назаррас суръат бахшида, дар баъзе ҳолатҳо тақвияти бечунучароро талаб намекунад: рефлексҳои шартӣ дар инсон дар сурати мавҷуд набудани ангезандаҳои мустақим ташаккул меёбанд. Ин хусусиятҳои фаъолияти шартӣ-рефлекторӣ аҳамияти калони баҳисобгирии ҷанбаҳои синнусолии рушдро дар раванди кори таълимӣ-тарбиявӣ бо хонандагони хурдсол муайян мекунанд. Бозсозиҳои шиддатноки нейроэндокринӣ дар организми наврасон имкон медиҳанд, ки варзиш ҳамчун ангезандаи иловагӣ ҳисобида шавад, ки метавонад раванди табиии равандҳои биологиро ҳам беҳтар, ҳам бадтар кунад.

Дар педагогика шаклҳои сершумори ҳам анъанавӣ, ҳам ғайрианъанавии кор мавҷуданд. Ҳар як омӯзгор ҳақ дорад он шаклҳоеро интихоб кунад, ки ба ақидаи ӯ, барои синфи додашудаи хонандагон ва волидони онҳо мувофиқтаранд. Танҳо муҳим он аст, ки кор бо кӯдакон дар ҳамкории зич ва иртиботи байни мураббӣ– омӯзгор ва оила дар ҳамаи марҳилаҳои таълим гузаронида шавад.

Марҳилаи ибтидоии омодагӣ – ин зинаи ибтидоии ҳаёти варзишии чемпиони оянда мебошад. Ин қадами аввал дар камолоти варзишии ӯ ва ҳамзамон қадами аввал дар соҳаи таҳсилот ҳамчун фаъолияти асосӣ маҳсуб меёбад. Муҳим аст, то ки ин қадамҳо дар навҷавон ё духтар муносибати муҳимро ба сифатҳои ахлоқӣ – иродавӣ, ба арзишҳо ва идеалҳои олии маънавӣ ташаккул диҳанд. Чунин рушд ба шахсияти наврас дар ташаккул ва рушди худ, дар роҳи расидан ба ҳадафҳо ва муваффақият кумак мекунад. Ҳанӯз юнониҳои қадим рушди ҳамоҳанги инсонро вазифаи асосии педагог медонистанд. Мактаби варзишӣ ба ин фаъолият кумак ва роҳнамоӣ мекунад. Дар марҳилаи омодагии аввалӣ он асосҳое гузошта мешаванд, ки худтарбиякунии минбаъдаи писар ё духтарро, ки ба арзишҳои олии умумиинсонӣ асос ёфтааст, муайян мекунанд. Хусусияти мактабҳои варзишӣ ихтиёрӣ,

мустақилона иштирок кардан дар машғулиятҳо, таваҷҷуҳ ба фаъолият ва хоҳиши кор кардан буда, ҳамаи ин тавассути бозиҳои варзишӣ, рушди малака ва маҳоратҳои ҳаракатӣ, тарбияи сифатҳои иродавӣ дар худ ба даст оварда мешавад. Натиҷаи ин марҳилаи таълими мактаби варзишӣ инҳоянд:

– тасаввуроти ҳадди аққал дар бораи якҳарбаҳои варзишӣ;

– доштани малакаҳо ва маҳоратҳои оддии ҳаракатӣ;

– пайдоиши заминаҳо барои худтарбиякунӣ.

Дар амсилаи пешниҳодшудаи раванди худтарбиякунӣ, нишон дода шудааст, ки кӯдак дар раванди таълим чор марҳилаи таълим: марҳилаи ибтидоии омодагӣ, марҳилаи таълимӣ-тамринӣ, марҳилаи камолоти варзишӣ ва маҳорати олии варзиширо тай мекунад.

Марҳилаи ибтидоии омодагиро, чун қоида, кӯдак дар ду сол, дар синну соли 7 – 8-солагӣ паси сар мекунад. Минбаъд, аллакай бо каме пайдо кардани тасаввурот дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, варзишгари навҷавони намуди якҳарба ба марҳилаи таълимӣ-тамринӣ мегузарад, ки он муддати тӯлонитар, мувофиқан, тағйироти ҷиддитарро дар шахсияти чемпиони оянда фаро мегирад. Ин давра ба синну соли аз 9 то 13-сола рост меояд, ки душвориҳо дар кори мураббиён – омӯзгорон бо шогирдони худ ба миён омадаанд.

Ин давра барои мураббӣ – омӯзгор аҳамияти махсус дорад, зеро он ба оғози синну соли хурди наврасӣ рост меояд. Ин вақти дигаргуниҳои бузурги эндокринӣ дар организми наврасон ва ташаккули хусусиятҳои ҷинсӣ дар онҳо мебошад, ки дар навбати худ ба хосиятҳои фаъолияти олии асаб низ таъсир мерасонад. Мувозинати равандҳои асабӣ вайрон шуда, ҳаяҷон қувваи бештарро касб карда, афзоиши серҳаракатии равандҳои асабӣ суст шуда, фарқгузорӣ кардани ангезандаҳои шартӣ ба таври назаррас бад гардида, фаъолияти қишри мақзи сар ва дар айни замон низоми дуюми сигналӣ суст мешавад. Ба тарзи маҷозӣ, ин давраро «дараи кӯҳӣ» номидан мумкин аст.

Ҳама тағйирот дар фаъолият боиси ноҳинҷории психологии наврас (нороҳатӣ, воуниши «тарканда»-и ҷавобӣ ҳатто ба ангезишҳои хурд) ва мунокишаҳои зуд – зуд бо волидон ва педагогҳо мегарданд. Мавқеи наврас, чун қоида, бо талаботи торафт мураккабтаршаванда ба ӯ аз ҷониби калонсолон ва, пеш аз ҳама, аз ҷониби мактаб бадтар мешавад. Мутаассифона, имрӯз на ҳар як омӯзгор дар кори худ имкониятҳои мавҷудбудаи фаъолияти кӯдаконро ба назар мегирад ва аз ин ҷост, ки мушкилшот байни омӯзгор ва аксарияти волидон дар муоширати онҳо бо наврасон ба вуҷуд меоянд. Танҳо реҷаи дурусти солим, муҳити ором, барномаи мустаҳками машғулиятҳо, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, кори ҷолиби беруназсинфӣ, хайрхоҳӣ ва фаҳмиши калонсолон шартҳои асосие мебошанд, то ки давраи гузариш бидуни рушди фаъолияти пурсамар ва мураккабшавиҳои марбут ба он дар ҳаёти кӯдак гузарад.

Инкишофи сифатҳои ҳаракатӣ низ, доранд, ки онҳо низ як қатор хусусиятҳоро фаро мегиранд. Вазифаҳои ин марҳилаи таълрим дар мактаби варзишӣ инҳоянд:

– ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврас;

– омодасозӣ ва ташкили раванди худтарбиякунии наврасон;

– рушди сифатҳои ҷисмонӣ;

– ташкили маҷмуи техникӣ-тактикӣ барои машғулшавандагон.

Ҳалли ин масъалаҳо танҳо дар сурати ба назар гирифтани хусусиятҳои психологӣ-ҷисмонӣ ва физиологии кӯдакон имконпазир аст. Яке аз хусусиятҳои ин давраи синнусолӣ пайдоиши ташаккулҳои нав мебошад. Барои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврас пайдоиши худогоҳӣ муҳим аст, ки аз дарки рафтори худ аз ҷониби онҳо оғоз мeёбад. Талаботро ба унсури худтарбиякунӣ қонеъ гардонида, кӯдак ба муқоиса кардани худ бо калонсолон, тақлид кардан ба онҳо, аввал дар зуҳурот ва амалҳои зоҳирӣ ва сипас дар рушди сифатҳои маънавӣ, хислат ва қобилиятҳои худ оғоз мекунад. Ин раванд ба омодагӣ ба худтарбиякунии пурарзиши наврас табдил меёбад ва бо гузашти синну сол тамоили мустақилона таҳлил ва арзёбӣ кардани шахсияти худ таъсир мерасонад. Ин марҳилаи таълим ба як навъ марҳилаи ибтидоӣ дар худтарбиякунии наврас табдил меёбад. Барои шахсияти наврас ҳанӯз ҳама унсурҳои худтарбиякунӣ дастрас нестанд, аммо таҳкурсии ин раванд гузошта шуда, равандҳои ибтидоии ташаккули сифатҳои ахлоқӣ- иродавӣ бо кумаки рушди сифатҳои ҷисмонӣ ва маҷмуи техникӣ- тактикӣ сурат мегиранд. Ҳамин тавр, масалан, яке аз методҳои худтарбиякунӣ – хударзёбӣ, аллакай дар ин синну сол ба ташаккул ёфтан оғоз мекунад. Хударзёбӣ тавассути муқоисаи худ бо одамони дигар ва бо роҳи қиёси сатҳи даъвоҳои худ бо натиҷаҳои фаъолияти худ ташаккул меёбад.

Дар давраи омодагии аввалия дар мактаби варзишӣ муносибатҳои дӯстона ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Ҳамин тавр, кӯдак пас аз ду соли таҳсил дар мактаби варзишӣ дорои сатҳи муайяни воситаҳои техникӣ, тактикӣ ва ҷисмонӣ мегардад.

**АДАБИЁТ:**


1. Ананьев, Б.Г. Индивидуальное развитие человека и константность восприятия [Текст]. / Б.Г. Ананьев, М. Д. Дворяшина, Н.А. Кудрявцева. – М., 1968. – 333 с.
2. Афанасьев, В.Г. Системность и общество [Текст]. – М.: Политиздат, 980. – 367 с.
3. Ананьев, Б.Г. Генетические и структурные взаимосвязи в развитии личности. Хрестоматия по возрастной и педагогической психологии [Текст]. – М.: Изд-во МГУ, 1981. – С.12 – 126.
4. Бахрах, И.И. Спортивно-медицинские аспекты биологического возраста подростков. Смоленск. – 2011. – 209 с.
5. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте (Психологическое исследование)/Л.И.Божович. – М.: Просвещение, 1968. – 464 с.
6. Губа, В.П. Теория и методик спортивных игр. Издательство Спорт, 2020. – 720 с.
7. Любышева Л.И. Современный ценностный потенциал физической культуры и спорта и пути его освоения обществом и личностью//теория и практика физической культуры, 1977. С. 10-15.
8. Набатникова М.Я. О критериях оптимальности в подготовке юных спортсменов // Особенности построения тренировки юных спортсменов: Сб. Научных трудов ВНИИФК. – М., 1983. – С. 17– 27.
9. Филин, В.П. Воспитание физических качеств у юных спортсменов [Текст] / В.П. Филин. – Москва: Физкультура и спорт, 1974. – 230 с.
10. Хрипкова, А.Г.,Колесов, Д.В.В.С. МироновИ.Н. Шепило. Физиология человека. М, 1976. – 320 с.


## ХУДТАРБИЯКУНИИ СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ-ИРОДАВИИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН ДАР МАКТАБҲОИ ВАРЗИШӢ


Дар мақола сухан дар бораи яке аз муҳимтарин сифатҳои ахлоқӣ, аз ҷумла худтарбиякунии ахлоқӣ-иродавии наврасон зимни таҳсил дар мактабҳои варзишӣ меравад. Муаллиф дар мақола принсипҳои раванди худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии кӯдакону наврасон дар мактабҳои варзишӣ муайян намудааст. Дар мақола дар бораи омодасозии варзишгарон ва марҳилаҳои омодасозии онҳо зимни таҳсил дар мактабҳои варзишӣ маълумот пешниҳод шудааст. Зикр карда мешавад, ки дар ҳар кадоми марҳилаҳо ҳадафҳо, вазифаҳо, методҳо ва шаклҳои гузаронидани машғулиятҳо муайян карда мешаванд. Дар тӯли тамоми марҳилаҳои таълим нақши омӯзгор ҳамчун мураббӣ возеҳтар гардида, натиҷаҳои мусбат меорад, вақте ки варзишгари наврас худро ҳамчун иштирокчии ихтиёрӣ, фаъоли раванди таълимӣ-тамринӣ ҳис мекунад, таъкид менамояд муаллиф. Ҳангоми тарбияи малакаи худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасон-варзишгарон муаллиф раванди мазкурро дар якҷоягӣ бо марҳилаҳои таълим, ки ба давраи наврасӣ таъсир намерасонанд, баррасӣ намудааст.



***Калидвожаҳо**: ахлоқӣ-иродавӣ, худтарбиякунӣ, варзишгарон, кӯдакон, наврасон, мактабҳои варзишӣ, омодасосии варзишгарон, омӯзгор, мураббии варзиш.*


## САМОВОСПИТАНИЕ НРАВСТВЕННО-ВОЛЕВЫХ КАЧЕСТВ ДЕТЕЙ И ПОДРОСТКОВ В ДЕТСКИХ СПОРТИВНЫХ ШКОЛАХ


В статье речь идёт об одном из важнейших моральных качеств, в том числе о нравственном самовоспитании подростков в период обучения в спортивных школах. В статье автор определил принципы процесса самовоспитания нравственно-волевых качеств детей и подростков в спортивных школах. В статье представлена информация о подготовке спортсменов и этапах их подготовки во время обучения в спортивных школах. Отмечено, что на каждом этапе определяются цели, задачи, методы и формы обучения. На всех этапах обучения роль педагога как тренера становится более четкой и приносит положительные результаты, когда юный спортсмен ощущает себя добровольным, активным участником учебно-тренировочного процесса, подчеркивает автор. При воспитании навыков самовоспитания нравственно-волевых качеств у подростков-спортсменов автор рассмотрел данного процесса вместе с этапами обучения, которые не влияют на период подросткового возраста.



***Ключевые слова**: морально-волевое, самовоспитание, спортсмены, дети, подростки, спортивные школы, подготовка спортсменов, педагог, спортивный тренер.*


## SELF-EDUCATION OF CHILDREN'S MORAL-VOLITIONAL QUALITIES AND TEENAGERS IN CHILDREN'S SPORTS SCHOOLS


The article talks about one of the most important moral qualities, including moral self-education of teenagers during their studies in sports schools. In the article, the author defined the principles of the process of self-education of moral-willing qualities of children and teenagers in sports schools. The article provides

information about the training of athletes and their stages of training during their studies in sports schools. It is mentioned that goals, tasks, methods and forms of training are determined at each stage. Throughout all the stages of education, the role of the teacher as a coach becomes clearer and brings positive results, when the young athlete feels himself as a voluntary, active participant in the educational and training process, the author emphasizes. During the training of self-education skills of moral-willing qualities of teenagers-athletes, the author considered the basic process together with the stages of education that do not affect the period of adolescence.

**Keywords:** *moral-will, self-education, athletes, children, teenagers, sports schools, training of athletes, teacher, sports coach.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Қодиров Зайдулло Кубурёевич – унвонҷуи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Индекс – 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/ 2, Тел: +992 Тел: 918514631; E-mail: guimadod53@mail.ru*

**Сведения об авторе**: *Кодиров Зайдулло Кубурёевич – соискатель Института развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана. Индекс – 734024, Республика Таджикистан, ш. Улица, Душанбе. Адхамова 11/2, Тел.: +992 Тел: 918514631; E-mail: guimadod53@mail.ru*

**Information about the author:** *Qodirov Zaidullo Kuburyoevich - the applicant of Institute of Education Development of the Academy of Education of Tajikistan. Index - 734024, Republic of Tajikistan, sh. A street, Dushanbe. Adhamov 11/2, Tel.: +992 Tel: 918514631 E-mail: guimadod53@mail.ru*

# РУШДИ МУАММОИ КАСБИНТИХОБКУНӢ ДАР ТАЪРИХИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ

***Оқилова М. Р.***

**МДТ «ДДХ ба номи Акадамик Б. Ғафуров»**

Оғози роҳнамоии касбӣ (касбинтихобкунӣ) аксар вақт ба соли 1908 ба лаҳзаи ташкили аввалин бюрои машваратии касбӣ дар Шаҳри Бостон (ИМА) рост меояд. Аммо, мувофиқи нуқтаи назари дигар, роҳнамоии касбӣ хеле пештар, пайдо шудааст. Таърихи пайдоиши баъзе унсурҳои арзебии қобилияти касбии инсон ба қаъри асрҳо меравад. Ин асосан ба ташхиси дониш, малака ва қобилият дахл дорад. Аллакай дар миёнаи ҳазорсолаи III то милод дар Бобили Қадим хатмкунандагони мактабҳо, ки котибонро тайер мекарданд, озмоишҳо гузаронида мешуданд. Бо дониши васеи он замон, нависандаи касбӣ шахси марказии тамаддуни месопотамия буд; ӯ қодир буд, ки майдонҳоро чен кунад, амволро тақсим кунад, суруд хонад, асбобҳои мусиқӣ навозад. Дар давоми озмоишҳо қобилияти ӯ дар фаҳмидани бофтаҳо, металлҳо, растаниҳо, инчунин дониши ҳамаи чор амали арифметикӣ санҷида мешуд.

Аз эҳтиёҷоти рушди ҷомеаи инсонӣ роҳнамоии касбӣ ба вуҷуд омад ва аз ин рӯ, он, ба монанди ҷомеа, таърих ва оғози таърихии худро дорад. Табиист, ки роҳнамоии касбӣ пеш аз пайдоиши касбҳо пайдо шуда наметавонист ва аз ин рӯ, зарурати роҳнамоӣ ба ин касбҳо инчунин. Масалан, дар Юнони Қадим файласуфи машҳур Афлотун [9] пешниҳод кард, ки ба мардум фикре пешниҳод карда шавад, ки худоён ҳангоми офариниши одамон тилло, нуқра ва мисро ба онҳо омехта мекунанд. Одамони тилоӣ табиатан ба илм, санъат ё идоракунии давлат равона карда мешаванд, одамони тоифаи «нуқрагин» бо ҷангҳо, ҳифзи давлат ва тоифаи «мисин»-ҳунармандон, деҳқонон ва ғуломон бори вазнини меҳнати ҷисмониро ба дӯши худ мегиранд. Чунин принсипҳо дар кишварҳои капиталистӣ низ таҷассум ефтаанд.

Одамони пешқадами замонҳои гуногун зидди нобаробарии иҷтимоӣ баромад карда, дуруст мешумориданд, ки ҳар як шахс бояд ба коре машғул шавад, ки ба қобилият ва манфиатҳои ӯ мувофиқ бошад. Масалан, мутафаккири фаронсавӣ, сотсиалист-утопист Сен-Симон [11], дар орзуи ҷомеаи оянда, навиштааст: "мақомот ва касбҳои гуногун мувофиқи қобилиятҳо тақсим карда мешаванд... Дар натиҷа, онҳо бо дараҷаи баландтари камолот иҷро карда мешаванд. Дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ дар асоси ин омил пешрафт бо суръати хеле баландтар аз ҳар давраи гузашта амалӣ карда мешавад. Тақсимоти пурраи меҳнат яке аз сабабҳои пурқудрати муваффақиятҳои тамаддун ҳисобида мешуд, аммо маълум аст, ки он танҳо дар сурате самара медиҳад, ки дар асоси он фарқ дар қобилияти меҳнаткашон гузошта шаванд. Ва минбаъд:... дар гузашта, манбаи қариб ҳама ноором иҳо, даъватҳои ноком, зӯроварӣ бар майлҳо, касбҳои зуран таҳмилшуда ва норозӣ аз ин ҷо ва берун аз он буданд [11].

Дар Мисри қадим санъати коҳинро танҳо онҳое таълим медоданд, ки ба системаи озмоишҳои муайян тоб меоварданд. Дар аввал номзад аз як озмоиш мегузашт, ки онро мусоҳиба номидан мумкин аст. Дар ин ҳолат маълумоти биографӣ, сатҳи маълумот, намуди зоҳирӣ, қобилияти бурдани сӯҳбатро муайян мекарданд. Сипас, онҳо қобилияти кор кардан, гӯш кардан, хомӯшӣ, озмоиши оташ, об, таҳдиди маргро месанҷиданд. Онҳое, ки ба қобилияти таҳсилоти худ боварӣ надоштанд, ба имконияти тоб овардани тамоми душвориҳои давраи тӯлонии таҳсилот шубҳа доштанд, аз кор озод карда мешуданд.

Гуфта мешавад, ки ин низоми шадиди озмоиш ва интихобро олими машҳури қадим Пифагор бомуваффақият паси сар кардааст [8]. Пас аз бозгашт ба Юнон, ӯ мактаби худро таъсис дод, ки пас аз як қатор озмоишҳои гуногун, ки ба озмоишҳои худ монанд буданд, номзад ба он дохил мешуд. Пифагор [8] нақши муҳими қобилиятҳои зеҳниро таъкид карда, ба таври образӣ изҳор дошт, ки "на аз ҳар дарахт Шумо метавонед Меркурийро омода кунед" ва аз ин рӯ ба ташхис пеш аз ҳама маҳз ба ин қобилиятҳо аҳамият медод. Пифагор [8] инчунин ба ханда ва рафтори ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир карда, изҳор дошт, ки тарзи хандидан нишондиҳандаи беҳтарини хусусияти инсон аст. Вай ба тавсияҳои волидон ва муаллимон бодиққат муносибат мекард, пас аз он ки ҳар як наврасро ба таври озод гуфтан даъват мекарданд ва бе шарм, ҷуръат кунанд, ки бо фикри ҳамсуҳбатон баҳс кунад, андешаи худро ҳимоя кунад.

Дар ҳазорсолаи III то милод дар Чин вазифа ва касби мансабдори ҳукуматӣ васеъ паҳн шуда буд. Дар ин ҷо аввалин унсурҳои интихоби касбӣ барои ин вазифа пайдо шуданд. Таърихи Қадимаи Спарта, Афина, Рум ба мо мисолҳои дигар медиҳад. Дар Спарта системаи тарбияи ҷанговарон, дар Рим системаи интихоб ва омӯзиши гладиаторҳо таъсис дода шуд ва бомуваффақият амалӣ карда шуд. "Одамон, - навиштааст Платон [9], - на он қадар ба ҳамдигар монанд таваллуд мешаванд, табиати онҳо гуногун аст ва қобилияти онҳо ба ин ё он кор низ... Аз ин рӯ, шумо метавонед ҳама чизро ба миқдори зиедтар, беҳтар ва осонтар кунед, агар шумо як корро мувофиқи қобилиятҳои худ иҷро кунед. Дар Афина масъалаи вобастагии қудрати давлат аз қобилияти шахсони идоракунандаи он ошкоро баррасӣ карда мешуд. Дар асари Платон [9] "Давлат" ба саволи он, ки кадом ҳокимонро интихоб кардан лозим аст, файласуф Сократ ҷавоб медиҳад: "Бояд ба шахси боэътимодтарин, мардонатарин ва ба қадри имкон хушмуомилатарин афзалият дод; аммо, илова бар ин, бояд на танҳо одамони наҷиб ва қатъӣ, балки инчунин дорои сифатҳои барои чунин тарбия мувофиқ низ ҷустуҷӯ карда шаванд. Онҳо инчунин... бояд дорои ҳассосияти тезфаҳмии илмҳо ва зудандешагӣ бошанд... Мо бояд шахсеро ҷустуҷӯ кунем, ки хотираи хуб дошта бошад, сахтгир ва дар ҳама ҷиҳат меҳнатдӯст бошад [9].

Дар дастхатҳои таърихии ҳинду дар давраи байни солҳои 900 ва 600 то милод касбҳои заргарӣ, оҳангарӣ, сабадчиен, канабчиён, бофандагон, рангкунандагон ва ғайра зикр шудаанд. Инчунин касбҳои ҳунармандони санъат, як навъ актерҳои касбӣ, инчунин қарздиҳандагон ва тоҷирон зикр шудаанд. Маълумоти зиеде ба монанди маълумоти дар боло овардашуда мавҷуданд ва ҳамаи онҳо ба давраи хеле аввали пайдоиши унсурҳои он чизе, ки ҳоло ташхиси касбӣ ва интихоби касбӣ номида мешавад, ишора мекунанд[2]. Агар аз нуқтаи назари маъмул дар бораи дохилшавии ташхиси касбӣ ва интихоби касбӣ ба системаи касбинтихобкунӣ сухан кунем, пас метавон гуфт, ки роҳнамоии касбӣ кайҳо пеш ба вуҷуд омадааст.

Аммо, агар акнун ба касбинтихобкунӣ ҳамчун як раванди иҷтимоӣ назар афканем, ки на танҳо ташхиси касбӣ ва интихоби касбӣ, балки маърифати касбӣ, машварати касбӣ, мутобиқсозии иҷтимоӣ - касбӣ ва тарбияи касбиро дар бар мегирад, маълум мешавад, ки роҳнамоии касбӣ ҳамчун фаъолияти шууронаи инсон танҳо дертар, аз он даме, ки тамоюли фарқият ва ҳамгироии илмҳои алоҳида ва самтҳои илмӣ ба вуҷуд омадааст, пайдо шудааст. Аз ин рӯ, маълумоти таърихии дар боло овардашуда бояд на ҳамчун ишора ба таърих, балки ба таърихи куҳани пайдоиши роҳнамоии касбӣ баррасӣ карда шавад. Таърих хеле дертар, дар давраи шикастани тарзи ҷамъиятӣ бо фишори рушди саноати калони мошинсозии касбикунонии меҳнат, инчунин бо зарурати маҷбурии тайер кардани касбии оммаи бузурги коргарон оғоз ефт. Маҳз дар ҳамин вақт зарурати амалии ҷалби қувваи корӣ, омӯзиш ва тақсимоти он ба амалиети гуногуни меҳнатӣ мувофиқи фарқиятҳо ва қобилиятҳои инфиродии одамон муайян карда шудааст.

Раванди пуршиддати муҷаҳҳазшавии техникии саноати давлатҳои пешрафта, рушди техникаи принципиалии нав дар ибтидои асри XX мушкилоти "одам - техника" - ро ба миен овард. Дар ибтидои асри XX дар ИМА, Англия, Фаронса, Швейтсария аввалин марказҳои хидматии касбинтихобкунӣ пайдо шуданд. Худи истилоҳи " касбинтихобкунӣ " ба профессори донишгоҳи Гарвард Ф.Парсон тааллуқ дорад, ки соли 1908 дар Бостон аввалин бюрои касбии кӯмакро дар Амрико дар интихоби касб ташкил кард. Фаъолияти ин бюро оғози роҳнамоии касбӣ ҳисобида мешавад. Сипас чунин бюро дар

Ню - Йорк таъсис дода шуд. Вазифаи ӯ омӯзиши талаботи касбҳои гуногун ба одам, дониши муфассали қобилиятҳои мактаббачагон буд. Бюро кори худро дар тамос бо муаллимон бо истифода аз тестҳо ва саволномаҳо анҷом медод. Таҷрибаи фаъолияти ин бюроҳо дар ИМА, Испания, Финляндия, Швейтсария, Чехословакия ва дигар кишварҳо васеъ паҳн шуд[2].

Дар Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 20-уми асри гузашта аввалин таҳқиқоти илмӣ дар бораи муайян кардани сабабҳои интихоби ин ё он касбҳо пайдо шуданд. Дар таҳияи асосҳои илмӣ-педагогии масъалаҳои касбинтихобкунӣ нақши бузургро педагогон ва ходимони барҷастаи шӯравӣ А.В.Луначарский [6], П.П.Блонский [1], А.С.Макаренко[7] бозиданд. Онҳо ба ташкили заминаи психологӣ-педагогии рушди минбаъдаи роҳҳои амалӣ кардани касбинтихобкунии мактаббачагон кӯмак карданд.

Дар нимаи аввали солҳои 30-уми асри гузашта, лабораторияи Маркази машваратҳои касбӣ ва интихоби касбии ВЦСПС дар рушди кори роҳнамоии касбӣ бо мактаббачагон нақши фаъоли ташкилӣ бозид. Дар озмоишгоҳ таҳияи системаи роҳнамоии касбии мактаббачагон оғоз ефт. Соли 1932 штаби махсус таъсис дода шуд, ки таҳқиқотро оид ба мушкилоти равонакунии касбии мактаббачагон ҳамоҳанг мекард. Аммо ба рушди кори роҳнамоии касбӣ "кам шудани диққат ба масъалаҳои таълими меҳнатӣ дар мактаб" (1937) таъсири манфӣ расонд, ки дар ниҳоят ба қатъи кори роҳнамоии касбӣ оварда расонд. Ва танҳо аз солҳои 50-уми асри гузашта таваҷҷуҳи олимон ва таҷрибаомӯзон ба мушкилоти роҳнамоии касбӣ афзоиш ефт, равишҳои муайян барои ҳалли бисер ҷанбаҳои он ба назар мерасиданд[2],

Таваҷҷуҳ ба таҳияи илмии муаммои касбинтихобкунӣ ва амалӣ намудани онҳо ба ҳает махсусан дар солҳои 70-80-уми асри гузашта афзоиш ёфт. Хадамоти давлатии идоракунии касбинтихобкунии ҷавонон ба вуҷуд меояд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ташаккули касбинтихобкунӣ дар ин давра нақши калон мебозанд: - шуроҳои ҳамоҳангсозии шаҳрӣ оид ба самти касбӣ таъсис дода мешаванд, ки фаъолияти онҳо ба ҳамоҳангсозӣ ва назорати ҳамарӯзаи рафти кор дар самти касбинтихобкунии хонандагон равона карда шудааст; тасдиқи муқарраротҳо, тавсияҳо, дастурҳои методӣ оид ба касбинтихобкунии хонандагон, волидони онҳо; назорат аз болои нашри маълумотнома ва дигар адабиет дар бораи касбҳои пешрафта ва ташкили таблиғи мунтазами касбҳои корӣ тавассути чоп, радио ва телевизион; омӯзиш ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами мактабҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо, ҷалби мутахассисони зарурӣ барои иҷрои ин кор;- шӯроҳои ноҳиявӣ таъсис дода мешаванд; - дар корхонаҳои калонтарин бюроҳои касбинтихобкунӣ фаъолият мекарданд; дар мактабҳои калони такягоҳӣ инчунин бюроҳо, бунгоҳҳои машваратӣ таъсис дода шуданд. Ҳамин тариқ, дар давраи ҳокимияти шӯравӣ системаи муайяни касбинтихобкунии мактаббачагон ташаккул ёфт.

**АДАБИЁТ:**


1. Блонский Н.П. Избранные педагогические и психологические сочинения: В 2-х т./Под ред. Петровского А.В. - М.: Педагогика, 1979. - т.1. - 333 с. - т.2. - 309 с.
2. Душанбе: Матбуот, 2003.
3. История педагогики. Авторы: Н.А.Константинов, Е.Н.Медынский,М.Ф.Шабаева и др. Учебник. Москва:Просвещение. 1982.-447с.
4. К истории психологического изучения профессий (20-30 годы) //Вопросы психологии труда и профтехобразования (сб. Под ред. В.Г. Асеева) Иркутск, 1978, С. 105 - 120.
5. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. -
6. Крупская Н.К. О профессиональной ориентации школьников / сост. Чувашев И.В., Озерская Ф.С. - М., Просвещение, 1965 - 47 с.
7. Луначарский А.В. О народном образовании М. 1958, С. 39-509.
8. Макаренко А.С. Трудовое воспитание / сост. и авт. вступ. статьи Л.Ю. Гордин. - М. Просвещение, 1964 - 246 с.
9. Пифагор Полное собрание сочинений в 4 т. М., 1970. Т.2 С. 157.
10. Платон. Государство, - Соч., т, 3, ч. 1, М.: Наука, 1971, С. 202-203.
11. Сазонов А.Д., Сахаров В.Ф. Профессиональная ориентация учащихся. М.: Просвещение, 1982 - 192 с.
12. Сен-Симон Изложение учения Сен-Симона. М.: Изд-во АН СССР, 1961, С. 388-389


## РУШДИ МУАММОИ КАСБИНТИХОБКУНӢ ДАР ТАЪРИХИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ


Дар мақола масъалаҳои рушди муаммои касбинтихобкунӣ дар таърихи илмҳои педагогӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки таърихи пайдоиши баъзе унсурҳои арзёбии қобилияти касбии инсон ба

қаъри асрҳо меравад. Ин асосан ба ташхиси дониш, малака ва қобилият дахл дорад. Аллакай дар миенаи ҳазорсолаи III то милод дар Бобили Қадим хатмкунандагони мактабҳо, ки котибонро тайер мекарданд, озмоишҳо гузаронида мешуданд. Бо дониши васеи он замон, нависандаи касбӣ шахси маркази тамаддуни месопотамия буд; ӯ қодир буд, ки майдонҳоро чен кунад, амволро тақсим кунад, суруд хонад, асбобҳои мусиқӣ навозад. Хулоса карда шудааст, ки аз эҳтиеҷоти рушди ҷомеаи инсонӣ роҳнамоии касбӣ ба вуҷуд омад ва аз ин рӯ, он, ба монанди ҷомеа, таърих ва оғози таърихии худро дорад ва омузиши таҷрибаи таърихии касбинтихобкунии ҷавонон барои рушди ин раванд ва дар марҳалаи муосир барои самаранок ташкил кардани он мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо**: *касбинтихобкунӣ, муаммои педагогӣ, ташаккул, рушд, хонанда, касбу ҳунар, омузиш, раванди таълим, тарбия.*

**РАЗВИТИЕ ПРОБЛЕМЫ ПРОФОРИЕНТАЦИИ В ИСТОРИИ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ НАУК**

В статье рассматриваются вопросы развития проблемы профориентации в истории педагогических наук. Отмечается, что история появления некоторых элементов оценки профессиональных способностей человека уходит в глубь веков. Это в основном относится к диагностике знаний, навыков и способностей. Уже в середине III тысячелетия до нашей эры в Древнем Вавилоне выпускники школ, которые готовили секретарей, проводили тесты. Обладая обширными знаниями того времени, профессиональный писатель был центральной фигурой месопотамской цивилизации; он был способен измерять площади, разделять имущество, петь песни, играть на музыкальных инструментах. Делается вывод, что из потребностей развития человеческого общества возникло профессиональное руководство, и, следовательно, оно, как и общество, имеет свою собственную историю и исторические истоки и изучение исторического опыта профориентации способствует развитию и эффективной организации этого процесса на современном

**Ключевые слова:** *профориентация, педагогические проблемы, формирование, развитие, ученик, профессия, обучение, процесс обучения, воспитание* этапе.

**DEVELOPMENT OF THE PROBLEM OF CAREER GUIDANCE IN THE HISTORY OF PEDAGOGICAL SCIENCES**

The article deals with the development of the problem of career guidance in the history of pedagogical sciences. It is noted that the history of the appearance of some elements of the assessment of a person's professional abilities goes back centuries. This mainly refers to the diagnosis of knowledge, skills and abilities. Already in the middle of the III millennium BC in Ancient Babylon, school graduates who trained secretaries conducted tests. With extensive knowledge of the time, the professional writer was the central figure of Mesopotamian civilization; he was able to measure areas, divide property, sing songs, play musical instruments. It is concluded that professional leadership emerged from the needs of the development of human society, and, consequently, it, like society, has its own history and historical origins, and the study of the historical experience of career guidance contributes to the development and effective organization of this process at the present stage.

**Keywords**: *career guidance, pedagogical problems, formation, development, student, profession, training, learning process, education*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Оқилова Маҳбуба Рауповна муаллимаи кафедраи назарияи физикаи факултети физикаю техникаи МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (Тоҷикистон, Хуҷанд). Тел.: (+992) 927781204; E-mail: mahbuba.okilova@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Окилова Махбуба Рауповна преподаватель кафедры теоретической физики, физико-технического факультета ГОУ «ХГУ имени Бабаджан Гафурова» (Таджикистан, Худжанд); Тел.: (+992) 927781204; E-mail: mahbuba.okilova@mail.ru*

**Information about the author:** *Okilova Mahbuba Raupovna, teacher of the chair of theoretical physics, of the Physics and Technology Faculty of Khujand State University B. Gafurov (Tajikistan, Khujand); Tel.: (+992) 927781204; E-mail: mahbuba.okilova@mail.ru*

# ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ТАЪЛИМИ “ҚОБУСНОМА” - И УНСУРМАОЛИИ КАЙКОВУС

***Шаҳлои А. Т.***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Фарҳанги муошират дар тарбияи арзишҳои маънавӣ – ахлоқии хонандагон таъсири амиқ дошта, зимни таълими асарҳои хусусияти тарбияи ахлоқидошта ин алоқа боз ҳам бештар мегардад. Масалан, дар китоби «Қобуснома»-и Амир Унсурулмаолии Кайковус, ки онро дар шастусесолагӣ барои тарбияи фарзандаш Гелоншоҳ ва иҷрои шарти падарӣ навиштааст ин таъсиротро дида метавонем. Бо сабаби он, ки фарзандаш аз рӯйи пандҳои дар ҳар борае дар ин китоб ҷамъоварда, баҳра бигирад ва некномии ду ҷаҳон ҳосил намояд, ин китоб навишта шудааст. Ӯ дар муқаддимаи китобаш гуфтааст: «Бидон, эй писар, ки ман пир шудам ва заифию бенеруйӣ ва бетӯшӣ (беқувватӣ) ба ман чира шуд… Маслиҳат чунон дидам, ки пеш аз он ки номаи азл (марг) ба ман расад, номаи дигаре дар накуҳиши рӯзгор ва созиши кор ва баҳра ҷустан аз некномӣ ёд кунам ва туро аз он баҳра диҳам бар муҷиби меҳри падарӣ. То пеш аз он ки дасти замона туро нарм кунад, ту худ ба чашми ақл дар сухани ман нигарӣ ва аз ин пандҳо фузунӣ ёбӣ ва некномии ду ҷаҳон ҳосил кунӣ».

Нақлу ҳикоя ва ривоятҳои ин китоб як имконияти хуби дар хонандагон ташаккул додани тарбияи маънавӣ - ахлоқӣ мебошад. Асосҳои ахлоқии донишҳои азхудкардашуда ва ба ҳам алоқамандии онҳоро шаҳру эзоҳ дода, омӯзгорон хонандагонро барои мустақилона хулоса баровардан ва баҳо додан ба ин ё он вазъияти баамаломада дар зиндагӣ кӯмак менамоянд. Ҳамчун намуна дарси омӯзгори фанни забон ва адабиёти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Аҳмадова Ш. ро аз рӯйи панду ҳикматҳои фаровоне, ки дар асар оварда шудааст, пешкаш менамоем. Омӯзгор мавзуи навро баён намуд: Кайковус ҳамчун каси рӯзгордида агарчи медонад, ки фарзандаш мисли ҷавонони дигар аз рӯйи андешаву бардошти ғалати хеш дониши худро бартар аз дониши падарони хеш ва пирони рӯзгордида медонад, боз ҳам ба сабаби меҳру шафқати падарӣ, ба умеди он ки агар фарзандаш аз гуфтори вай баҳра наҷӯяд, касони дигар бошанд, ки шунидану кор бастани некӣ ғанимат донанд, асарашро таълиф намудааст. Нависанда аз ҳама панду ҳикматҳои фаровоне, ки дар тӯли умри шастусесолааш ҷамъ оварда будааст, он чи шоиставу беҳтар буд, дар китобаш ҷой додааст”. Аз ҷумла қайд намуд, ки “Ҳадафи аслии ӯ он будааст, ки фарзандаш, каси гиромитар ва дӯсттараш худком набошад ва аз ношоист парҳез кунад, ки сазовори тухмаи (аҷдод) поки хеш ва асли шарифи хеш бошад: «Эй писар, ҳушёр бош ва қадри нажоди хеш бидон ва аз камбудагон мабош». «Қобуснома» аз чиҳилу чаҳор боби алоҳида иборат мебошад ва дар онҳо аз хусуси ойину расм, одоб ва тартиби ҳамаи он чизҳое, ки барои тарбияти як амирзодаи ҷавон ва ҷавонони ҳамсинну соли ӯ лозим меояд, сухан рондааст. Барои ҳамин ҳам ӯ диққаташро бештар ба он пеша ва ҳунарҳое ҷалб намудааст, ки донистани онҳо барои амирзодагон зарур буд, мисли шикор кардан, чавгон задан, нарду шатранҷ бозидан, корзор кардан, хидмат кардани подшоҳ, одоби надимӣ кардан, шартҳои подшоҳӣ, вазирии подшоҳ, расми сипаҳсолорӣ, оини уқубат (ҷазо) кардан ва афв кардан, андеша кардан аз душман, сухандонӣ, хештандорӣ ва тартиби хӯрдан ва оини он, тартибишароб хӯрдан ва шартҳои он, меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан ва шартҳои он, мазоҳ, ойини ҷамъ кардани мол, барда (ғулом) харидан ва шартҳои он ва ғ.” Ҳамаи ин дар зиндагӣ барои анҷом додани амалҳои маънавӣ – ахлоқӣ ва бо сухани дигар инсонгарӣ аст. Шахс кадом амалеро анҷом надиҳад, боз худ ба он амал баҳо додан мегирад ва дар навбати аввал мо бояд амалҳоеро анҷом диҳем, ки худ ва атрофиёнамон ин амалҳоро баҳои баланд диҳанд.

Баъди суҳбати муқаддимавӣ муаллима ба баёни мавзуи нав оғоз намуд ва “Дар боби риояи одоб” - ро қироат намуд.

Фарҳод ва Шоҳрух дар синфи панҷ мехонанд. Пас аз анҷоми дарс онҳо дар хонаи Шоҳрухино якҷо дарс тайёр мекарданд. Дар омади сухан Фарҳод изҳор дошт, ки омӯзгори адабиётамон инсонгарӣ ва риояи одоб гуфта чиро дар назар дошта бошанд? Ман дар ин бора фикр ҳам накардаам, гуфт Шоҳрух ва ба сӯйи дари ҳавлӣ назар кард. Дар ҳамин лаҳза аз ҷониби дар диданд, ки пиразани ҳамсоя асо ва халтае дар даст, лангон, базӯр ба хонаи онҳо омада истодааст. Онҳо якҷоя ба он сӯ давиданд ва Фарҳод аз дасти пиразан дошта ба ӯ ёрӣ расонида то ба хона овард. Шоҳрух бошад, китобҳояшро ба як сӯ гузошту рафта халтаро аз дасти пиразан гирифта, ба ӯ ёрӣ расонид.

Баъди ин муаллима ба хонандагон маънии панди зеринро фаҳмонид: «Ҳар чӣ коштӣ, ҳамон медаравӣ» ва илова намуд: «Некӣ кунӣ, некӣ мебинӣ».

Барои эътимоднокии натиҷаи аз озмоиши мазкур ба даст овардашуда бо хонандагон дар мавзуи сифатҳои ахлоқӣ, ки мазмуни маънавиёт ва ахлоқро доштаанд, суҳбат гузаронида шуд. Ба сифати мисоли аёнӣ рафтори қаҳрамонони ҳикояи дар боло зикргардида- Фарҳод ва Шоҳрух истифода бурда шуд. Хонандагон дар рафти саволу ҷавоб чунин мафҳумҳоро истифода карданд: «Фарҳод бисёр бодиққат буд, вай суханони омӯзгорро дар хотир мегирифт». «Вай нисбат ба калонсолон боҳурматона рафтор намуд». «Шоҳрух низ ӯро дида, ибрат гирифт ва ба пиразан ёрӣ расонид». Дар рафти суҳбат хонандагон вобаста ба матни ҳикоя аз ҳаёти худ ва ҳамсинфон мисолҳо оварданд: «Имрӯз муаллима бо сумкаи вазнин ба синф даромад, Рустам барои бурдани он ба ӯ кӯмак расонд». «Рузе як хонандаи синфи якум ҳангоми ба мактаб омадан ногаҳон афтода гиря кард. Ҳамаи бачаҳо хандиданд, вале Карим ба ӯ кумак расонид, то ӯ аз ҷояш бархезад.Дирӯз ҳангоми кори санҷишӣ ручкаи Наргис аз навиштан бозмонд, Раҳмон ба ӯ ручкаи зиёдатии худро дод».

Ҳамин тавр, далелҳои аз натиҷаи озмоиши гузаронидашуда бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки пешниҳоди дарси мазкур бо чунин усул ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқи хонандагон ёрии калон расонида, дар онҳо риояи одобу ахлоқро боз ҳам мустаҳкам мегардонад.

Усулҳои гуногуни тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон ба тарбияи фарҳанги муошират таъсири худро мерасонанд. Зимни таълими фанни адабиёти тоҷик инро мушоҳида намуда, технологияи гуногуни таълимро мавриди баррасӣ қарор додан мумкин аст. Дар дарсҳои адабиёти мавзуъҳои маънавию ахлоқидошта расм, сурат ва тасвирҳое, ки давраҳои қаҳрамониро дар бар мегиранд, фони мусиқӣ дар доираи хониши ифоданок истифода бурда мешаванд. Масалан, зимни тайёрӣ ба таълими мавзуъҳои ҳикояҳо аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ расмҳо оид ба ин ҳикояҳо, «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ расмҳои ҳайвонот, «Марги судхӯр»-и Садриддин Айнӣ кинофилми «Марги судхӯр», достони «Рустам ва Сухроб»-и Абулқосим Фирдавсӣ кинофилми «Рустам ва Сухроб»-ро истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Тавсия дода мешавад ғазал ва шеърҳои дигаре, ки дар барномаи таълимӣ ҷой доранд ва бастакорон ба онҳо оҳанг эҷод кардаанд, бо оҳангашон шунида шаванд. Масалан, ғазалҳои «Бигзор то бигирям чун санг дар баҳорон…», «Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад…» аз Саъдии Шерозӣ, шеъри «Бӯйи ҷӯйи мӯлиён ояд ҳаме…» аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ғайра. Барои самаранок гузаштани дарс истифода бурдани расмҳо аз достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ низ мувофиқи мақсад аст. Шунидани композитсияҳои адабӣ-мусиқии рубоиёти Умари Хайём, ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ, қироати ашъори Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва дигарон тобишҳои эмотсионалии дарси адабиётро зиёд мегардонанд.

Аз омӯзгоре, ки ин методҳоро истифода мебарад талаб карда мешавад, ки хонандагонро ба доираи масъалаҳои мавриди омӯзиш ворид намуда тавонад, амали онҳоро ба он равона созад, хулосаҳои ҷамъбасткунанда барорад ва ёрии инфиродӣ расонад. Дар ҳақиқат, хонанда бо сеҳри сухан тарбия меёбад. “Аз рӯйи инсоф модом, ки анвои суханони мардум ҳамчун асноф ва табақоти халқ гуногун ва тафовутнок аст, баъзе нек, баъзе бад, баъзе малеҳ, баъзе хунук ва ҳама муомалоти халқ ба кор меояд ва дар истеъмолот лозим меояд, чунонки базлаи нохуш ва музҳикаи номуносиб, дар маҷлиси бузурге чунон таъсирнок мебароядва гӯяндаи он манфиате меёбад, ки бисьёр базлаҳои хуш ва музҳикаҳои ширин даҳяки онро ба худ намебинад. Вакте ки масхарабозон бо калимаҳои бемаънӣ ва паст дар баъзе маҷлис чандон хурсандӣ дар мардум пайдо мекунад, ки бисьёр қавлҳои (суруд) бадеъ ва таронаҳои латиф наметавонад. Модоме ки чунин аст, сухани касеро рад кардан ва онро дар рӯйи ӯ бо он сухани сард гуфтан аз эҳтиёту ақл дур буда, дар қонуни ахлоқи некӯ мамнуъ аст” (Зеҳнӣ, 17).

Академик М. Лутфуллоев низ дар ин бора қайд намудаанд, ки «Фаъолияти муаллим агар на тасодуфӣ, балки дар асоси қонуният, принсипҳо ва қоидаҳои илми педагогика созмон дода шавад, ҳатман мувофиқи мантиқ, мақсад ва вазифаҳои инкишофи хонандагон амалӣ гашта, мазмуни илмро фаҳмоюдастрас пешниҳод мекунад ва меомӯзонад, ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад, бошуурӣ, системанокӣ ва пайдарҳамии донишҳо, яъне сифати донишро ташаккул дода, боиси барқароршавии робитаи байни шогирдон ва ҷомеа мегардад» (Лутфуллоев, 43). Дар ҳақиқат хонанда-шахсияте ҳаст, ки на танҳо ба воя мерасаду бузург мешавад, балки дарки ҷавҳари ҳастиро дар роҳи ояндаи зиндагии худ ҷустуҷӯ мекунад. Барои он, ки дар ин роҳ пешпо хӯрдан ва хато кардан нагирад, ба ӯ ҳатман ёрии омӯзгор ва устод лозим аст. Нақши омӯзгори фанни адабиёт дар раванди ташаккули арзишҳои маънавии хонандагон ҷиҳати дарки дунё ва инсон бениҳоят муҳим аст. Ҳамчун фанни таълимӣ адабиёт дар ин равия дорои имконияти фаррох аст.

Барои наврасону ҷавонон китобҳои зиёди бадеиву дастурҳои таълимӣ навишта шудаанд, вале китобе ба мисли «Қобуснома» панду андарз ва ҳикояҳои таъсирбахши ба таври содаву таъсирбахш ва ҳаётӣ баёншуда хеле кам аст. Ҳарчанд дарки забону услубаш барои кӯдакони мо каме душвор аст, аз

он дар мавридҳои гуногун васеъ истифода бурдан мумкин аст. Масалан, дар машғулиятҳои тарбиявӣ, вақте ки дар бораи ҳурмати калонсолон, бахусус падару модарон сухан меравад, аз боби панҷуми асар «Андар шинохтани ҳаққи падару модар» истифода намудан мумкин аст. Воқеан падару модар барои фарзанд ранҷу азоб мекашанд ва ҳатто аз марг наметарсанд. Бинобар ин Кайковус ба писараш Гелоншоҳ хитоб карда гуфтааст: «Зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ…». Ӯ ҳамчунин гуфтааст, ки ҳар касе ҳурмати падару модарашро ба ҷой наорад, дар зиндагӣ некӣ намебинад ва дар оянда фарзандонаш ҳам ба ӯ некӣ намекунанд. Ҳар касе, ки падару модарашро ҳурмат кунад, бо таъсири дуои неки онҳо хушбахт мешавад. Кайковус падару модарро ба дарахт ва фарзандро ба меваи он монанд кардааст. Агар дарахт хуб парвариш ёфта бошад, меваи он ҳам беҳтару ширинтар мешавад.

Дар асар Кайковус пеш аз ҳама ба некиву накӯкорӣ диққат медиҳад ва инро аз фазилатҳои асосии инсон дониста, дар ҳар маврид таъйин мекунад: «Аммо некӣ аз сазовори некӣ дареғ мадор ва некиомӯз бош... Ва некиву некифармоӣ ду бародаранд, ки пайвандашон замона нагсилад. Ва бар некӣ кардан пушаймон мабош...». Дар бобҳои гуногун муаллиф ҷоҳилӣ, фиреб, худписандӣ, бадгӯйӣ, кинаву бахилӣ, риёю ситам барин хислатҳои зиштро маҳкум намуда, дӯстию накӯкорӣ, ростиву ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, фурӯтанӣ, беозорӣ, додгустарӣ ва дигар фазилатҳои ҳамидаи инсониро ситоиш ва талқин мекунад. Унсурулмаолии Кайковус ба омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои гуногун диққати зиёд дода, ба фарзандаш панд медиҳад, ки аз хурдӣ на ба ҷамъ кардани молу сарват, балки ба омӯзиши илму дониш, ки ганҷи бебаҳост, машғул шавад. Ӯ тарзу усул ва равиши касбу пешаҳои гуногунро ба таври муфассал тасвир намуда, нозукиҳои он касбҳоро баён мекунад ва хуб донистани онҳоро барои ҳама одамон новобаста ба табақаву нажод лозим мешуморад.

Илму ҳунар ба осонӣ ба даст намеояд ва аз ҳар кас меҳнату машаққати зиёдеро талаб мекунад. Бинобар ин Кайковус ҳамчун шахси пуртаҷрибаву рӯзгордида барои омӯхтани илму дониш ва пешаву ҳунарҳо пеш аз ҳама тарки коҳиливу танбалӣ ва одат

кардан ба меҳнатро талқин намуда менависад: «Коҳилӣ фасоди тан бошад... Аз баҳри он ки тани моро таҳарруки табиӣ нест ва ҳар ҳаракате, ки тан кунад, ба фармон кунад, на ба мурод ва ҳаргиз то ту нахоҳӣ ва нафармоӣ, тани туро орзуи кор кардан набошад. Пас ту тани худро ба ситам фармонбардор гардон ва ба қасд ӯро ба тоат овар...».

Кайковус ба тарбияи насли наврас пеш аз ҳама падару модарон, омӯзгоронро масъул дониста, аз ҷумла яке аз вазифаҳои асосии падарро таълиму омӯзонидани илму дониш, ҳунару пешаҳои зарурӣ ба фарзанд мешуморад ва ӯро ба иҷрои ин вазифа даъват менамояд; «Пас бояд, ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар фарзандро биёмӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ... Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан...».

Инчунин Кайковус ба моҳияти ақл дар ҳастии инсон диққати ҷиддӣ дода, онро сарчашмаи ҳамаи хислатҳои ҳамида медонад ва нақши бузурги тарбияву меҳнатро дар парваришу такомули ақли инсон таъкид месозад. Ин китоб илова бар аҳамияти калони аҳлоқиву тарбиявӣ доштанаш барои шиносоӣ бо ҳаёт, маишат, тарзи зиндагии табақаҳои гуногуни аҳолии он замон хеле судманд аст. Хонанда аз мутолиаи асар дар бораи тарзи ташкили

оилаву меҳмондорӣ, тартиби таом хӯрдану ҳаммомравӣ, қоидаҳои молу мулк харидан, шикору чавгонбозӣ ва амсоли

инҳо маълумот мегирад.

Масъалаҳои тарбияи насли наврас дар асоси анъана ва урфу одатҳои даврони гузашта дар китоби нависанда ва олими маъруф, муаллим Унсурулмаоли Кайковус «Кабуснома» инъикос ёфтааст. Ин китоб то ҳол китоби маълумотнома барои омӯзгорон, мураббиён ва падару модарон дар тарбияи ворисони арзандаи миллат мебошад. Ин асар маҷмуи тамоми қоидаҳои муҳим ва арзишҳои асосии иҷтимоию ахлоқиро дар бар мегирад: чи тавр дар ҷамъият дуруст хӯрок хӯрдан; тарзи либоспӯшӣ; қоидаҳои гуфтор ва маҳорати муошират; чи тавр дидан ва чӣ тавр қабул кардани меҳмонон, қоидаҳои сафар, тавсияҳо дар бораи дӯстӣ пайдо кардан ва бо онҳо дӯст будан ва ғайра.

Дар раванди ташаккули тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои гуногуни таълимӣ: миёнаи умумӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои беруназмактабӣ ва оила нақши ҳалкунанда мебозанд. Саъю кӯшиш намуда шуд, ки асосҳои педагогии ҳамкории оила ва муассисаи таълимиро низ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон нишон диҳем. Мақсаду вазифаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 5-9 зимни таълими адабиёти муосир дар шароити муосири тавсеаи мавқеи иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва иқтидори масъулиятнокии хонандагон муайян гардида, талаботи муосири дидактикӣ нисбат ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон баррасӣ шуданд, шаклу усулҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ҳамчун ҷузъи фарҳангии шахсияти насли наврас,

ташаккули шуури маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар раванди таълими фанни адабиёти тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Маҳз адабиёт дар ташаккули шахсият, рушду тарбияи он ва аз ин рӯ, дар ҳаёти ҷомеа аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Шахс ҳамчун фард дар зери таъсири шароити муайяни иҷтимоию иқтисодӣ вобаста ба муносибатҳои оилавӣ, дин ва анъанаҳои миллӣ ташаккул меёбад ва дар баробари ин омӯзиши асарҳои хусусияти тарбиявидошта қодиранд тамоми намудҳои тарбияро ба насли наврас диҳанд, ба монанди тарбияи ҷисмонӣ дар баробари тарбияи меҳнатӣ, ватандӯстӣ, ахлоқӣ, экологӣ, эстетикӣ ва ғайра.

Шоирон ва нависандагон гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки тарбияи иҷтимоии ибтидоиро тавассути таъсири образнок ва бадеӣ бевосита ба хонанда ба амал меоранд. Қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ қодиранд дар баробари падар, бародари калонӣ ё дигар хешовандони мард хонандаро барои марди қавӣ ва руҳан устувор омода намоянд. Азбаски оила як воҳиди ҷудонашавандаи ҷомеа, натиҷа ва то андозае созандаи тамаддун, муассисаи таълимии нахустини башарият, маркази нигаҳдории арзишҳои рушдёфта аст, маҳз дар он пояҳои ахлоқ гузошта мешаванд ва дар баробари он донишҳои маънавӣ-ахлоқии волидон, ки тавассути омӯзиши фанни адабиёти тоҷик гирифтаанд, нақши муҳим мебозанд. Дар асоси анъанаҳои халқӣ характери хонандагон ташаккул меёбад, тафаккури онҳо инкишоф меёбад, яъне ташаккули одам хамчун шахе ба амал меояд.

Маълум аст, ки ҳар як фард дорои хислатҳои муайяне аст, ки дар натиҷаи таълим пайдо шудааст ва аз рӯйи он метавонад ба дигарон таъсири манфӣ ё мусбат расонад.

Аз худ кардани таҷрибаи ахлоқи шахс бевосита ба иқлими маънавии оила ва муассисаи таълимӣ вобаста аст: ба муносибати волидон, дӯстону рафиқон, ба дараҷаи маълумоти омӯзгорон, маданияти рафтори онҳо. Вазъияти маънавӣ-ахлоқӣ низ нақши муайян мебозад.

Маданияти муносибат дар муассисаи таълимӣ асоси маданияти ҷамъият мебошад, яъне барои ба дараҷаи баланд бардоштани маданияти ҷамъият дараҷаи маданияти муассисаи таълимӣ - дараҷаи маълумоти умумии аъзоёни таълиму тарбия, махсусан педагогии онҳоро баланд бардоштан лозим аст, ки дар ин ҷо пеш аз ҳама фанни таълимӣ ва махсусан фанни адабиёт нақши муҳим мебозад. Дар муассисаи таълимӣ муҳити рафтори нек, дастгирии ҳамдигар ва меҳрубониро ба роҳ мондан, дар хонандагон ҳисси масъулиятшиносиро нисбат ба худ, синф ва ҷамъият ташаккул додан, онҳоро дар руҳияи риояи қонун, риояи тартиботи ҷамъиятӣ, эҳтироми ҳуқуқи дигарон, адолат ва мубориза ба муқобили вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ тарбия кардан зарур аст. Чунин далел раднопазир аст, ки як худи оила, ё муассисаи таълимӣ масъалаи дар руҳияи маънавӣ-ахлоқии баланд тарбия кардани насли наврасро пурра ҳал карда тавонад. Дар ҷомеаи мо барои таъмини таълиму тарбияи насли наврас сохтори сегонаи муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа махсусан, ҷалб шудааст. Муттаҳид шудани ин сохторҳо дар муайян кардани сарнавиштиояндаи хонандагон, махсусан, дар ташкил ва таъмини раванди фаъоли тарбияи онҳо нақши бузург мебозад. Ба назар гирифтан лозим аст, ки ин ниҳодҳо дар фаъолияти худ бояд дар асоси робита бо решаҳои таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ низоми мутаносиби таъсиррасониро ба шахсияти тарбиятгиранда инкишоф диҳанд.

Роҷеъ ба истифода бурдани анъанаҳои халқӣ дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 5-9 зимни таълими адабиёти муосир бошад, қайд намудан лозим аст, ки дар барнома ва китобҳои дарсӣ бениҳоят кам ҷой дода шудаанд. Дар ҷаҳони мутамаддини муосир таблиғ ба рушди шаклҳои анъанавии маънавӣ-ахлоқии таълим шарт ва зарур аст. Сухан танҳо дар бораи эҳёи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии халқи тоҷик ҳамчун унсури тарбия, танҳо дар шароити муосир меравад. Дар ин сурат метавон гуфт, ки мисли замонҳои пештара тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар баробари дигар намудҳои тарбия ба роҳ монда мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки эҳёи ин анъанаҳо дар шароити муосир на танҳо барои таҳкими психикаи насли наврас, инкишофи ҷисмонӣ ва тарбияи ҷисмонии онҳо низ аҳамияти калон дорад, балки метавонад барои пешгирии зуҳуроти номатлуб дар байни наврасону ҷавонон, ташаккули шахсияти онҳо, ва мустаҳкам намудани арзишҳои оилавӣ мусоидат намояд. Ҳалли ин масъала танҳо бо ҷидду ҷаҳди тамоми ҷамъият ва ёрии ташкилотҳои дахлдори давлатӣ имконпазир аст.

Дар дастури Унсурулмаолии Кайковус ба волидайн тамоми паҳлӯҳои тарбияи фарзанд ҳамчун вориси арзандаи падару модар ва ниёгон бадан фаҳмонида шудааст. Муаллиф махсусан қайд мекунад, ки пеш аз ҳама ба бачагон чунин хислатҳои таҳаммулпазирӣ, хоксорӣ, адолатпарвариро тарбия кардан лозим аст. Олим ба ҳар як дастури худ дар шакли ҳикоят аз ҳаёти одамони номдор, олимон ва ҳукмрон далелҳои аҷоиб меорад. Ҳаёти маданию маънавии халқҳои Шарқ аз афкори гаронбаҳои педагогӣ бой буда, дар ин роҳ нақши адабиёти таълимӣ низ бузург аст.

Дар ташаккули шахсияти маънавиёти баланддошта шароитҳои сотсиологӣ ва биологии зиёде таъсир расонида метавонанд, лекин тарбияи педагогӣ чун унсури таъсирбахш ва идорашаванда дар ин раванд нақши ҳалкунанда дорад. Адабиёти бадеӣ низ воситаи мустаҳками тарбияи маънавӣ ва сиёсии насли наврас дар руҳияи ормонҳои олии ҷамъиятӣ мебошад.

Дар дарсҳо ва дигар машғулиятҳо ба хонанда фаҳмонидан ба маврид аст, ки ин насиҳатҳо дар муддати ҳазор сол амал карда, дурустиашонро собит намудаанд, бинобар ин шумо ҳам онҳоро ба ҷо биёред. Муҳаббат ба ватан, эҳтиром ба калонсолон, ғамхорӣ ба наздикон, таҳаммулпазирӣ нисбат ба атрофиён, барои мақсадҳои олӣ кӯшишу ғайрат доштан, эҳтиром ба расму анъанаҳои ниёгон–ҳамаи ин хислату рафторҳои нек дар адабиёти классик ва муосир таҷассум ёфтаанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Кайковус У. Кобуснома / У. Кайковус.-Душанбе: Адиб, -1990.- 155 с.
2. Каюмов М. Идея взаимосвязи физического воспитания и патриотизма в педагогических воззрениях персидско-таджикских мыслителей 1Х-Х вв. / М. Каюмов, Душанбе, - 2019. – 167с.
3. Файзулло Шарифзода. Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир/ Ф. Шарифзода. Душанбе: “Ирфон”-2016. -263с.
4. Файзалиев Дж. Философия образования таджикско-персидских мыслителей Средневековья и их ценность в развитии современной национальной педагогики / Дж. Файзалиев, Душанбе, - 2015. – 189с.


## ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ТАЪЛИМИ АСАРИ “ҚОБУСНОМА” - И УНСУРМАОЛИИ КАЙКОВУС


Дар мақола тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон тавассути таълими асари “Қобуснома” - и Унсурмаолии Кайковус тадқиқ ва таҳлил гаштааст.

Усулҳои гуногуни тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон ба тарбияи фарҳанги муошират таъсири худро мерасонанд. Зимни таълими фанни адабиёти тоҷик инро мушоҳида намуда, технологияи гуногуни таълимро мавриди баррасӣ қарор додан мумкин аст. Дар дарсҳои адабиёти мавзуъҳои маънавию ахлоқидошта расм, сурат ва тасвирҳое, ки давраҳои қаҳрамониро дар бар мегиранд, фони мусиқӣ дар доираи хониши ифоданок истифода бурда мешаванд. Инчунин, тавсия дода шудааст, ки ғазал ва шеърҳои дигаре, ки дар барномаи таълимӣ ҷой доранд ва бастакорон ба онҳо оҳанг эҷод кардаанд, бо оҳангашон шунида шаванд.

Муаллифи мақола қайд намудааст, ки фарҳанги муошират дар тарбияи арзишҳои маънавӣ – ахлоқии хонандагон таъсири амиқ дошта, зимни таълими асарҳои хусусияти тарбияи ахлоқидошта ин алоқа боз ҳам бештар мегардад. Масалан, дар китоби «Қобуснома»-и Амир Унсурулмаолии Кайковус, ки онро дар шастусесолагӣ барои тарбияи фарзандаш Гелоншоҳ ва иҷрои шарти падарӣ навиштааст ин таъсиротро дида метавонем. Бо сабаби он, ки фарзандаш аз рӯйи пандҳои дар ҳар борае дар ин китоб ҷамъоварда, бахра бигирад ва некномии ду ҷаҳон ҳосил намояд, ин китоб навишта шудааст.


**Калидвожаҳо:** *адабиёт, волидайн, одоб, тарбия, арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, хонанда, “Қобуснома”, Унсурмаолии Кайковус*

## ВОСПИТАНИЕ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ ПОСРЕДСТВОМ ПРЕПОДАВАНИЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ УНСУРМАОЛИ КАЙКОВУСА «КОБУС-НАМЕ».


В статье исследовано и проанализировано воспитание морально-нравственных ценностей учащихся посредством преподавания произведения Унсурмаоли Кайковуса «Кобус-наме».

Различные методы воспитания духовно-нравственных ценностей учащихся оказывают влияние на воспитание культуры общения. Во время преподавания предмета таджикская литература можно наблюдать это и обсуждать различные технологии обучения. На уроках литературы духовно-нравственной тематики в рамках выразительного чтения используются картинки, фотографии и изображения, включающие героические периоды, музыкальное сопровождение. Также газели и другие стихотворения, включенные в образовательную программу и сочиненные композиторами, рекомендуется прослушивать под их мелодию.

Автор статьи отметил, что культура общения оказывает глубокое влияние на воспитание духовно-нравственных ценностей учащихся, а при преподавании произведений нравственного воспитания эта взаимосвязь становится еще сильнее. Например, мы можем видеть это влияние в книге Амира Унсурулмаоли Кайковуса «Кабус-наме», которую он написал в возрасте шестидесяти трех лет,

чтобы вырастить своего сына Гелоншаха и выполнить обещание своего отца. Эта книга была написана для того, чтобы его ребенок извлек пользу из советов, собранных в этой книге, и приобрел пользу обоих миров.

**Ключевые слова:** *литература, родители, манеры, воспитание, духовно-нравственные ценности, читатель, «Кобус-наме», Унсурмаоли Кайковуса.*

**EDUCATION OF SPIRITUAL AND MORAL VALUES OF STUDENTS THROUGH TEACHING THE WORK OF UNSURMAOLI KAYKOVUS "QOBUSNOMA".**

The article explores and analyzes the education of moral values of students through teaching the work of Unsurmaoli Kaykovus "Qobusnoma".

Various methods of instilling spiritual and moral values in students influence the development of a culture of communication. While teaching the subject Tajik literature, you can observe this and discuss various teaching technologies. In literature lessons on spiritual and moral topics, pictures, photographs and images, including heroic periods, and musical accompaniment are used as part of expressive reading. It is also recommended to listen to ghazals and other poems included in the educational program and composed by composers to their melody.

The author of the article noted that the culture of communication has a profound impact on the education of spiritual and moral values of students, and when teaching works of moral education, this relationship becomes even stronger. For example, we can see this influence in Amir Unsurulmaoli Kaykovus's book "Qobusnoma", which he wrote at the age of sixty-three to raise his son Gelonshah and fulfill his father's promise. This book has been written so that his child will benefit from the advice collected in this book and gain the benefit of both worlds.

**Key words:** *literature, parents, manners, education, spiritual and moral values, reader, "Qobusnoma", Unsurulmaoli of Kaykovus.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён – номзади илмҳои филология. Сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.*

**Сведения об авторе:** *Шахлои Абдуализодаи Тохириён – кандидат филологических наук. Заведующий отделом экспертизы и оценки учебной литературы Института развития образования имени Абдурахман Джами Академии образования Таджикистана. Тел: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.*

**Information about author:** *Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon – Candidate of Philological Sciences. Head of the Department of Expertise and Evaluation of Educational Literature of the Institute of Educational Development named after Abdurakhman Jomi of the Academy of Education of Tajikistan. Phone: + 992 884 088 123, E-mail: Shahlo_vak@mail.ru.*

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРОН

***Салимов З.***

**унвонҷуйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.**

*«Имрӯз дар ҷаҳон рушди илму технология ва ҷараёни корҳои инноватсионӣ суръати рӯзафзун пайдо карда истодааст. Ва табиист, ки мо низ аз ин раванди пешрафтаву тараққиёти ҷаҳони мутамаддин дар канор буда наметавонем».*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯ овардан ба муносибатҳои нави иқтисодии бозорӣ на танҳо барои рушди иқтисодиёт заминаи хубе фароҳам овард, балки барои инкишоф ва ислоҳоти соҳаи маориф низ мусоидат намуд. Дар ин замина як қатор дигаргуниҳо дар низоми маориф ба вуҷуд омада, заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ таҳким ёфт ва барои беҳтар гардидани шароит дар соҳаи маориф фазои мусоид фароҳам омад. Тағйироти воқеӣ дар зинаи аввали таҳсилот низ назаррас аст, ки ба эҳёи маънавиёт, ташаккули фарҳанги миллӣ, баланд бардоштани нақши созандагии маориф дар ҷомеа равона гаштааст.

Замони муосир замони техникаю технологияи инноватсионӣ буда, аз ҳар як омӯзгор тақозо менамояд, ки дар раванди таълим тартиб ва технологияи иттилоотию коммуникатсиониро истифода бурда тавонад.

Дар раванди татбиқи нақши технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар зиёд намудани ҳавасмандии хонандагон дар мавриди омӯзиши фанҳои таълимӣ дар шароити татбиқи низоми муосир, муносибати босалоҳият ба таълим, сифати дониши хонандагон, маҳорати касбӣ ва педагогии роҳбарияти муассисаи таълимӣ ва фаъолияти дастаҷамъонаи омӯзгорон нақши басо муҳим мебозад.

Дар ҷаҳони муосир илму маориф ҳамчун сарчашмаи бунёди пешрафти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, мо аҳли маорифро лозим аст, ки шогирдони худро дар руҳияи ҳифзи асолату ҳуввияти миллӣ тарбия намоем, то ки макому мартабаи кишварамонро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардошта, насли наврасро, ки созандаи ҷомеаи навинанд, чун ҳамқадами замон парвариш диҳем. Аз ин рӯ, онҳоро аз донишҳои техникӣ ва технологияи навин бархурдор намудан лозим аст. Саъю кӯшиш намоем, ки насли наврасу ҷавонро ба донишандӯзӣ ва аз худ кардани касбу ҳунар сафарбар намоем. Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки дарсҳо ба ҳаёти имрӯза ва кашфиёти навини илму техника сахт марбут бошанд, то ки манфиатбахш буда, хонандагонро ба ҳаёт омода сохта тавонанд. Чунки ҷаҳонро имрӯз равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илму технологияи нав фарогир аст.

Зеро тамоми бурду бохти муассисаи таълимӣ аз қабили ҷорӣ намудани низоми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор бо истифода аз техника ва технологияи муосир, натиҷабардорӣ аз раванди низоми инноватсионии таълим, дастовардҳои хонандагон ва муваффақиятҳои омӯзгорон, назорати муассисаи таълимӣ, ташкили шароити самараноки санҷиши педагогӣ, усул ва методи назорат ба раванди таълим, истифодаи методҳои назорати корҳои беруназсинфӣ бо назардошти истифодаи технологияи инноватсионӣ аз андешаҳои одилона ва оқилонаи роҳбари муассисаи таълимӣ ва дастаҷамъии коллективи омӯзгорон зимни нақшаи амалкунандааш дар ҷараёни таълиму тарбия вобастагии барзиёд дорад.

Омӯзгори асил бо истифодаи шароити муосир, дар ҷамъоварӣ намудани маводи гуногун ва гирдовардани навовариҳои тоза дар самти фаъолияти таълими фанни худ ва баланд бардоштани такмили маҳорати касбӣ, иштирок дар семинару машваратҳо ё худ иштирок ба дарсҳои омӯзгорони таҷрибадор, истифода аз маводи марказҳои методӣ дар шакли электронӣ аз техника ва технологияи инноватсионӣ тариқи почтаи электоронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, дискҳо, таҷҳизоти захиракунанда (флешкарта), таҷҳизоти нусхабарорӣ, ва дигар таҷхизоти ёрирасон бояд оқилию зиракиро аз даст надиҳад.

Омӯзгори асил ва фидокор аз имконоти бадастоварда истифода бурда, метавонад бойгонии озмоишгоҳи таълимию тарбиявии худро бо таҷҳизоти истифодакунандаи технологияи иттилоотию комуникатсионӣ бою ғанӣ гардонад. Инчунин чорабиниҳои методиро дар муассиса тибқи мундариҷа ва муҳлати гузаронидани онҳо ба нақша гирифта, ҳамеша кӯшиш намояд, то ҳар лаҳзаи дарси ӯ пурсамар, таъсирбахш ва хотирмон гузаронида шавад.

Дар замони муосир татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ ва технологияи навин ба яке аз омилҳои муҳимми дар амал татбиқшавандаи донишҳои нав, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пешравиҳои илму техникаро тақозо менамояд. Компютеркунонии таълим яке аз масъалаҳои муҳимми дидактика ба шумор рафта, фаъолияти дарккунии хонандагонро баланд мебардорад.

Рушд ва пешравии ҷаҳони муосир бо ду ҷанбаи асосӣ, ки яке ба илму техника ва технология, дигаре маънавиёт, ахлоқ ва пос доштани анъанаҳои ниёгон мебошанд, сахт марбут аст. Рушди техника ва технология бе маънавиёт амалӣ нахоҳад шуд. Бинобар ин, мо бояд дар баробари ташаккули тафаккури техникӣ маънавиёти насли наврасро баланд бардошта, аз анъанаҳои некӣ миллии ниёгони худ онҳоро бархурдор намуда ва ба арзишҳои волои инсонӣ арҷ гузорем. Ин падидаи мавҷудро истифода намуда, роҳҳои самарабахши истифодаи дастовардҳои илму техникаро ҷустуҷӯ намоем.

Барои расидан ба ин ҳадаф мо бояд насли наврасро дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намуда, онҳоро бештар ба омӯхтани илму технологияи муосир раҳнамун созем, то ки шахси соҳибилм ва озодандешро тарбия намоем.

Ташаккули тафаккури фарҳанги техникии насли наврас ба эҷодкорӣ, навовариву ихтироъкорӣ аз айёми кӯдакӣ ва наврасӣ яъне аз муассисаҳои томактабӣ, мактаби миёна оғоз гардида, дар таълимгоҳҳои олӣ рушд мeёбад. Ин амал тақозо менамояд, ки шогирдон бояд дар мактаб аз фанҳои дақиқ дониши хуб гиранд, ки он ба ихтироъкорӣ ҳамчун таҳкурсӣ хизмат мекунад. Шароити мусоиди кор ва мавҷуд будани кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳои таълимӣ дар мактабҳои миёна ба раванди касбомӯзӣ тақвият мебахшад. Зеро онҳо омили муҳимми интихоби бошууронаи касбу ҳунар ва

равияҳои касбӣ ба шумор меравconfigureд. Аз ин лиҳоз, ба мо омӯзгорон лозим аст, ки ба шогирдонамон донишҳои нав дода, онҳоро ба интихоби бошууронаи касб ҷалб намоем.

Яке аз корҳои самарабахши таълимию методӣ ин бо технологияи ҳозиразамон, яъне компютерҳо, воситаҳои сабти овоз, аудио-видео, телевизорҳо ва дастгоҳҳои аккосию барномасозӣ муҷаҳҳаз гардонидани раванди таълим мебошад. Ин роҳ имконият медиҳад, ки аз тамоми нозукиҳои технологияи навин огоҳ гашта, ҳамчун сарчашмаи таълим аз он ғизои маънавӣ гиранд ва фарҳанги истифодаи технологияи муосирро дуруст дарк намоянд. Бояд ҳар як шахси комилҳуқуқи давлати соҳибистиқлол кӯшиш намояд, ки дар раванди техника саҳмгузор бошад. Касбомӯзии хонандагон дар асоси пурзӯр кардани омӯзиши самтҳои техника ва технологияи муосир ба амал бароварда мешавад.

Таълими техника ва технология дар шароити ҳозира онро талаб менамояд, ки бояд хонандагонро бо қонунҳои табиат, ҷамъият ва бо талаботи умумии илми ҳозиразамон шинос намуда, афкори илмию техникии онҳоро инкишоф дода, донишу маҳорати эҷодкории эшонро баланд бардорем ва бо малакаҳои истифодаи донишҳои амалӣ пайваст намоем.

Ин роҳ дар заминаи донишу маҳорати андӯхташуда аз тарафи шогирдон гирифтани маълумоти касбиро низ таъмин мекунад. Зеро толибилмон дар мактаб оид ба таълими фанҳои дақиқ маълумоти умумиро омӯхта, оид ба қонуниятҳои табиат, ҷамъият ва истеҳсолоти ҳозиразамон, ҳосил кардани сарватҳои табиат, дар бораи ашёи хом ва бойигариҳо ва манбаъҳои энергетикӣ дониш мегиранд.

Хонандагон дар рафти таълим бо донишҳои техникӣ ва технологияи муосир ҳамаҷониба шинос шуда, дар интихоби бошууронаи касб малакаю маҳорат пайдо мекунанд. Муҳим ва мураккаб будани тарбияи насли ҷавон дар шароити ҳозира дар назди омӯзгорон талаботи калон мегузорад, ки дар баробари дониши назариявӣ, маҳорату малакаи техникӣ ва технологияи муосирро дарстрас намудан, бояд дар амал татбиқ намудани онро низ омӯзанд ва қобилияти озодандешию эҷодкории наврасону ҷавононро такмил диҳад. Бинобар он, ҳаминро ба этибор гирифтан лозим аст, ки ҷомеаи навтаъсиси мо пеш аз ҳама барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи ҷавонону наврасон диққати ҷиддӣ медиҳад ва аз ҳар як омӯзгор тақозо менамояд, ки нисбат ба таълиму тарбияи шогирдон аҳамияти бештар зоҳир намоянд, ки онҳо дар пешрафт ва тараққиёти ҷомеаи навин саҳмгузор бошанд.

Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар такмили маҳорати касбии омӯзгор ва зиёд намудани ҳавасмандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо назардошти баланд бардоштани сифати дониш дар раванди таълим хеле таъсирбахшаст. Бояд қайд намуд, ки ва зифаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ аз тарзҳои ҷамъоварӣ, тасвир, кор кард мушоҳидакорӣ ва ирсоли иттилоот, тариқи шабакаи интернет тавассути воситаҳои техникӣ сарукор дорад. Яке аз шаклҳои инноватсияи информатикунонии ҷомеа буда, бо худ таҳаввулоти илмию техникӣ ва иқтисодию иҷтимоиро меоварад, ки он дар навбати худ ҳаёту фаъолият ва тафаккуру арзишҳои омӯзгор ва хонандаро дигаргун месозад. Тамоилот ва сурати ин дигаргуншавӣ дар таълимӣ инноватсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки асри 21 асри инноватсия дар истифодаи техника ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ хоҳад гардид.

Мутахассисон чунин меҳисобанд, ки компютер метавонад имконияти дарккунии хонандагонро баланд бардошта, коэфитсиенти ҳушёрии дар зери таъсири атрофиён намонданро таъмин намояд, агар омӯзиш ва ё таълим ба воситаи технологияи информатсионӣ самаранок истифода бурда шавад. Бояд қайд кард, ки нақши компютер дар он аст, ки ба ҳиссиёти муҳими хонандагон таъсир расонида, қобилияти дар гурӯҳ зоҳир намудани маҳоратҳои хешро баланд мебардорад, хонанда худро масъул ва ҷавобгӯй ҳис менамояд.

Дар ҳақиқат асри XX1 асри информатика ва технологияи муосири информатсионӣ мебошад. Саҳми ахбор дар қабули қарорҳои идоракунии истеҳсолот, ҷамъият, тафаккур ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарра меафзояд.

Руҳшиноси француз Серж Тиссерон қайд менамояд: «Дар замони пеш одамон дар зодгоҳашон таваллуд мешуданд ва мемурданд, дар як вазъияту ҳолат ин ё он ҳунар ё шуғлро аз худ намуда, тамоми умр онро иҷро мекарданд. Имрӯз ин тамоилҳо аз байн рафта, аз одамон бештар маҳорати касбии баланд ва тавоноии интелектуалӣ талаб карда мешавад» [3].

Маҳорати баланди касбӣ дар одамон аз давраҳои хурдсолӣ аз зинаи аввали таҳсилоти парварида мешавад. Махсусан, зинаи аввали таҳсилот марҳилае мебошад, ки дар он тамоми дониш, маҳорат, малака ё худ салоҳиятҳои хонандагон ташаккул дода мешаванд.

Имрӯз барои пешравии соҳа ва барои ташкили низоми таҳсилоти ҷавобгӯи талаби замон, дар ин замина бо тарзу усули инноватсионӣ, татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим шароити мусоиду босамар фароҳам оварда мешавад.

Албатта, дар амалӣ шудани чунин талабот омӯзиши забони модарӣ тавассути компютер нақши муҳим дорад. Хонандагон тавассути компютер забони модариро омӯхта, дар раванди тадрис ва берун аз он бояд тамоми вазифаҳои таълимиро эҳсос ва дарк намоянд. Барои он ки хонандагон чун воситаи муомилот будани забонро ба пуррагӣ пай баранд, ҳамеша нутқи фасеҳу саҳеҳро бояд бишнаванд, бубинанд ва ба таҳлил кашанд. Дар акси он наметавонанд тамоми қудрату тавон ва эъҷози каломи модариро ба таври зарурӣ дарк кунанд. Омӯзиши забони модарӣ бошад, тавассути хондан ва аз худ намудан тавассути технологияи иноватсионӣ самаранок амалӣ мегардад.

Тавре ки дар Консепсияи таълими ибтидоӣ қайд гардидааст таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ё худи таълими ибтидоӣ пояи ташаккули шахсият, таҳкурсии минбаъдаи омӯзиш мебошад. Вай ҳамчун муайянкунандаи комёбӣ ва нокомии мактаббачагони хурдсол дар фаъолияти минбаъдаи онҳо нақши муҳим мебозад.

Сухан на дар бораи он меравад, ки талабагон дар ин давра навиштан, хондан ва ҳисоб карданро меомӯзанд, ба ҳодисаҳои табиат каму беш шинос мешаванд ва аз силсилаи фанҳои эстетикӣ бохабар мегарданд, балки шавқу ҳаваси маърифатҷӯйии бачаҳо нисбат ба мактаб, таълим ва китоб меафзоянд, ки ин вазифаест муҳим ва мушкил.

Муаллим ҳамон вақт ба мақсади дар пеш гузоштаи худ ноил мегардад, ки мазмун ва мундариҷаи ҳар машғулияти навбатиашро дархурди шогирдон гардонда тавонад, то онҳо минбаъд дарси навбатиро бесаброна интизор шаванд. Ба қавле талаба зарф нест, ки мо онро бо дониш пур кунем, балки шаъмест, ки тавонем онро афрӯзем, ҳақ асту рост.

Истифодаи воситаҳои техникӣ дар ҳар дарс ба омӯзгор имконият медиҳад, ки машғулиятҳояш ҷаззобу шавқовар ва самаранокии онҳо ба маротиб афзун гардад. Зарурияти истифодаи компютер дар дарс дар он зоҳир мегардад, ки дарси муаллимро ба он маҷрое, ки ҳадафи хеш қарор додааст, бе душворӣ равона месозад ва муттасил ба пеш меравад.

Сохтори ҳар дарси навбатиашро ҳар омӯзгор бо салоҳдиди худ, дараҷаи омодагии хеш ва таҷрибаи андӯхташудааш таҳия карда, мураттаб месозад.

Яке аз талаботи дарси муосир ин аст, ки омӯзгор онро ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ дар хаёли хеш қаблан тасаввур карда тавонад, то дарс дар шакли зарурӣ дуруст танзим гардад.

Технологияи инноватсионӣ муаррифии маълумот шавқу завқи зиёди хонандагони синни хурди мактабиро ба вуҷуд меорад, имкон медиҳад, ки бо зиёд кардани миқдори маводи тасвирӣ дарки мавод афзоиш ёбад. Истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ низ шавқу ҳаваси хонандаи хурдсолро таъмин мекунад, ба дарк ва беҳтар азхудкунии мавод мусоидат мекунад, ки ин бо назардошти тафаккури визуалӣ-образнокӣ хонандагон хеле муҳим аст, маълумоти графикӣ, матнӣ ва аудиовизуалӣ ҳамзамон истифода мешаванд. Тағйирот дар машқҳои гуногун, тамошои презентатсияҳо, видеоҳо, филмҳои тасвирӣ, бозиҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ - ҳамаи ин имкон медиҳад, ки ба масъалаҳои таълимию тарбиявии хонандагон ба таври ҷолиб таъсир расонида шаванд.

Ташкили дарс бо истифода аз технологияи навини таълим шавқовар буда бачаҳоро аз мондашавӣ эмин хоҳад дошт, зеро дарси бо усули нав гузаронидашуда хеле пурмуҳтаво, шавқовар ва ҷолибу диққатҷалбкунанда буда, завқи бачаҳоро афзун мегардонад, ки албатта, ин ҳама аз маҳорати касбии омӯзгор вобаста аст.

## АДАБИЁТ:


1. М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов, И. Абдуллоев. Забони модарӣ – китоби дарсӣ барои синфи 4. - Душанбе. - 2005.
2. М. Лутфуллоев Осор 4. - Душанбе.- 2013.
3. Мирбобоева Б. Аз таҷрибаи истифодаи технологияи муосир дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе. - 2012.
4. Ф. Шарифов. Педагогикаи ҳамгиро. - Душанбе. - 2011.
5. Б. Борон. Дарси забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. - Душанбе. - 2008.
6. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф . -2018. - № 4(24).
7. Ш. Котибова Алоқамандии нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ омили муҳими инкишофи нутқи мураттаби хонандагони хурдсол. - Душанбе. - 2017.


## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРОН


Дар мақола сухан дар бораи усули истифодаи технологияи компютерӣ меравад. Қайд мегардад, ки истифодаи технологияи муосири таълим дар омӯзиши фанҳо самаранок аст. Омӯзгорон бо

истифодаи технологияи муосир ба инкишофи тафаккур ва ташаккули шахсияти хонанда таъсири мусбӣ мерасонанд.

Пайдо намудани мақоми арзандаро бе истифода бурдан аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, бе компютер, шабакаи интернет ва технологияи мултимедӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст.

**Калидвожаҳо:** *технологияи муосир, инкишофи тафаккур, омӯзгор, хонандагон, ташаккул, дониш, маҳорат, малака, компютер, худшиносӣ, таълим, шабакаи Интернет.*

## РОЛЬ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПЕДАГОГОВ

В статье рассказывается о методах использования компьютерных технологий. Отмечается, что использование современных образовательных технологий эффективно при изучении предметов. Используя современные технологии, преподаватели положительно влияют на развитие мышления и формирование личности школьника.

Невозможно представить получение достойного статуса без использования информационно-коммуникационных технологий, без компьютера, Интернета и мультимедийных технологий.

**Ключевые слова:** *современные технологии, развитие мышления, учитель, учащиеся, формирование, знания, умения, навыки, компьютер, самопознание, образование, сеть Интернет.*

## THE ROLE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN DEVELOPING THE ACTIVITIES OF TEACHERS

The article describes the methods of using computer technology. It is noted that the use of modern educational technologies is effective in the study of subjects. Using modern technologies, teachers positively influence the development of thinking and the formation of the student's personality.

It is impossible to imagine obtaining a decent status without the use of information and communication technologies, without a computer, the Internet and multimedia technologies.

**Keywords:** *modern technologies, thinking development, teacher, students, formation, knowledge, skills, computer, self-knowledge, education, Internet.*

**Маъумот дар бораи муаллиф:** *Салимов З. – докторанти Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов 11/2. Тел:201399996.*

**Сведение об авторе:** *Салимов З. - докторант Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А.Адхамов 11/2. Тел: 201399996.*

**Information about the author:** *Salimov Z. - doctoral student at the Institute for Educational Development named after. Abdurahmani Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A.Adkhamov 11/2. Tel: 201399996.*

# ЗИНАҲОИ НАВИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ БАРОИ СОҲИБКАСБ ГАРДОНИДАНИ ДОНИШҶӮЁН

***Зулфонов Б., Гадоев И.***

**Пажуҳишгоҳи рущди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

*“Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки моделҳои гуногуни тарбияи мутахассисонро пайдо ва ҷорӣ намоянд ва низоми таҳсилотро сифатан такмил бахшанд”.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари маорифпарвар, бо дарки баланди масъулиятшиносӣ ва сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи хеш зарурати татбиқи шакли таҳсилоти фосилавиро бисёр амиқ эҳсос намуда, зимни суханронии хеш ба ифтихори Рӯзи дониш ва 70 – солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдаки зикр намуд, ки *«... вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кайҳо расидааст. Баъзе муассисаҳои таълимӣ дар ин самт аллакай ба дастовардҳои муайян ноил шудаанд. Аммо ҷараёни татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар умум суст буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни муассисаҳои олии таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи таҳсил имконият медиҳад, ки*

*бо нигоҳ доштани сифати таълим хароҷоти зиёдати барои як донишҷу то 2 – 3 баробар кам карда шавад ва шахс истеҳсолотро тарк накарда, аз тариқи Интернет соҳиби дониш ва ихтисоси зарурӣ гардад».*

Таҳсилоти фосилавӣ - тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад. Таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави рушди таҳсили ғоибона ва ҳам рӯзонаи таҳсил буда, дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин шудааст, фарқи он аз намуди ғоибонаи таҳсил дар он аст, ки қисми муҳими маводи таълимӣ на соҳибихтиёрона, балки пайваста бо муносибат бо омӯзгор (машварат бо воситаи почтаи электронӣ, скайп, семинарҳо дар режими online) азхуд мешавад.

## АФЗАЛИЯТҲО ВА НУҚСОНҲОИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ

*Таҳсилоти фосилавӣ барои шаҳрҳои дурдаст, ки имконоти дигари гирифтани маълумоти дилхоҳ аксар вақт комилан мавҷуд нестанд, имкон пазир мебошад.*

*Таҳсилоти фосилавӣ тибқи барномаҳои таълимии инфиродӣ гузаронида мешавад, то донишҷӯ тавонад дар бораи он ҷиҳатҳои курс, фанне, ки барои ӯ манфиатдор аст, саволҳо диҳад.*

*Он ба донишҷӯ имкони малакаҳои мустақилона ҷустуҷӯ кардани маълумоти зарурӣ, одати кор ва мустақилона қарор қабул карданро инкишоф медиҳад.*

*Таълими фосилавӣ барои рафъи монеаҳои психологие, ки бо сифатҳои муошират шахс алоқаманданд, ба монанди шармгинӣ ва тарси суханронӣ дар назди мардум кӯмак мекунад.*

*Таълими фосилавӣ мобилӣ аст, яъне донишҷӯ ба мавод дахлдор дастрасӣ пайдо мекунад, мутахассисе мешавад, ки дониши бадастовардаашро дар амал татбиқ карда метавонад*

*Таҳсилоти фосилавӣ ба шумо имкон медиҳад, ки дар як вақт дар якчанд курс таҳсил кунед.*

Таҳсилоти фосилавӣ барои соҳибкасб гардонидании шахсони бе касбу кор махсусан ҷавононе, ки дар минтақаҳои дурдаст зиндагӣ ва кору фаъолият мекунанд заминаи мусоидест барои гирифтани ихтисос ва ё касбу ҳунари дигар. Манфиати дигари ин раванд дар он аст, ки барои таҳсил ва соҳибкасб гардидан ба шумо зарурати тарк кардани хона, оила, дӯстон, кор, инчунин хароҷоти пулӣ барои роҳ ва манзил лозим нест. Инчунин имкони гирифтани касбе, ки шумо ба он майлу хоҳиш доред, аммо дар ҷойи шумо мавҷуд нест ва ё аксаран вақт имкон намедиҳад, заминаи мусоидест.

**Технологияҳои иттилоотии дар таълими фосилавӣ истифодашавандаро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:**

- *технологияҳои пешниҳоди маълумоти таълимӣ;*
- *технологияҳои интиқоли иттилооти таълимӣ;*
- *технологияҳои нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооти таълимӣ.*

***Ба инҳо дохил мешаванд*:**

**1)** ***Технологияи кейсӣ*** **-** технологияи таълими фосилавӣ буда, барои гирифтани маводҳои матнӣ, аудиовизуалӣ, мултимедиявӣ ва ғайра аз фосилаи дур ба донишҷӯ кумак мекунад.

**2)** ***Технологияи телевизионӣ*** **-** технологияи моҳворавии таълими фосилавӣ буда, барои фиристонидани маводҳои таълимию методӣ, супориши дарсҳо ба донишҷӯ дар формати DOC ё HTML ёри расонда дар ташкили алоқа асос ёфтааст.

**3)** ***Технологияи шабакавӣ*** **-** технологияи таълими фосилавиест, ки дар асосӣ истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ дар режими интерактивӣ, дар асоси истифодаи телевизиони интерактивӣ: лексияҳои телевизионӣ ва радио, видеоконфронсҳо, машқҳои амалии виртуалӣ ва ғайра; сурат мегирад.

Фарқ миёни барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ нисбат ба барномаҳои анъанавӣ дар он аст, ки курсҳои таълимие, ки тибқи низоми ТФ баргузор мегардад, хело арзонтаранд. Муассисаҳои таълимӣ аз иҷора, барқ, таҷҳизоти гаронарзиш сарфа мекунанд, зеро таҳсил синфхонаҳои компютерии алоҳида талаб намекунад. Ҳамчунин дар аксар маврид донишҷӯён мустақилона таҳсил мекунанд, яъне омӯзгорон метавонанд ҳамзамон ба шумораи зиёди донишҷӯён дарс диҳанд, аз ин сабаб нархи таҳсилоти фосилавӣ дастрас мебошад.

***Камбудиҳои таълими фосилавӣ инҳоянд:***

*Набудани робитаи мустақими рӯ ба рӯ байни донишҷӯён ва муаллим. Вақте, ки дар наздикӣ ягон нафаре нест, ки маънавиёти шуморо ранг кунад, ин нуқсони назаррас барои раванди таълим аст. Дар як гурӯҳи донишҷӯён фазои эҷодӣ эҷод кардан душвор аст;*

*Эҳтиёҷот ба компютери шахсӣ ва дастрасӣ ба Интернет;*

*Зарурати дастрасии доимӣ ба манбаъҳои иттилоот. Таҷҳизоти хуби техникӣ лозим аст, аммо на ҳама хоҳишмандони таҳсил компютер ва интернет доранд;*

*Ба омодагии техникӣ барои истифодаи воситаҳои таълими фосилавӣ ниёз доранд;*

*Талаботи баланд барои гузоштани вазифаи таълим, маъмурияти раванд, мураккабии ҳавасмандкунии донишҷӯён;*

*Талабот ба маҷмӯи тамоми шароити фардии равонӣ;*

*Арзиши баланди сохтани системаи таълими фосилавӣ дар марҳилаи ибтидоии ташкили система, хароҷоти назаррас барои ташкили системаи таълими фосилавӣ, худи курсҳои омӯзиши фосилавӣ ва хариди таҷҳизот;*

*Шиддатнокии баланди меҳнатии рушди курсҳои таҳсилоти фосилавӣ - ташкили 1 соати ҳамкории воқеан мултимедиявии мултимедиявӣ беш аз 1000 соати мутахассисонро талаб мекунад..*

Баргузории таълими таҳсилоти фосилавӣ пур ва ё қисман ба воситаи компютерҳо, технологияҳо ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ ба роҳ монда мешавад. Мавзӯҳои таҳсилоти фосилавро аз омӯзгор, тавасути асбобҳои таълимӣ ва ё манбаъҳои таълимӣ дастрасӣ карда мешавад. Таҳсилоти фосилавӣ бо бартарии технологияҳои таълимии фосилавӣ, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим дар раванди таълим, инчунин истифодаи васеи иттилоотӣ ва таълимии Интернет сурат мегирад.

Омӯзиши фосилавӣ шакли бароҳат барои ҳамбастагӣ бо кор мебошад. Донишҷӯ ба ҷой, вақт, ҷадвали дақиқи супоридани корҳои курсӣ, корҳои дипломӣ, имтиҳонҳо вобаста нест. Вай нақшаи инфиродии дарсҳоро тартиб медиҳад, доимо ба куратор дастрасӣ дорад, маводи назариявиро коркард мекунад ва ҳангоми кор дар ҷойи кор машқ мекунад. Ба сӯи мақсад ҳаракат карда, донишҷӯ бо суръати шахсӣ бидуни фишор рушд мекунад.

Дар асоси пешгӯиҳое, ки доир ба фоидаи таълими фосилавӣ дар раванди соҳибкасб гардонидани донишҷӯёни коллеҷҳо соли 2020 дар коллеҷҳои Федератсияи Русия таҳқиқот гузаронида шуд, якчанд фоидаҳои таҳсилоти фосилавро муайян намуданд:

*Интихоби ройгони вақти оғоз.*

*Дохилшавӣ тамоми сол кушода аст.*

*Шумо метавонед аз моҳ и январ то декабр ба таҳсил шуруъ кунед, имтиҳонҳои хатмкуниро супоред ва диплом гиред.*

Дар шароити муосир талабот нисбат ба коллеҷҳо афзуда истодааст. Таҳсил дар коллеҷ аз синфи 11 қабул карда мешавад ва барои ин шаҳодатнома лозим аст, ки баҳои ба қадри кофӣ баланд дошта бошад. Ғайр аз ин барои хатмкунандагони коллеҷҳо, ки барои гирифтани маълумоти олии касбӣ ба донишгоҳҳо дохил мешаванд, тавассути суҳбат ба донишгоҳҳо қабул карда мешаванд. Таҳсилоти миёнаи махсуси фосилавӣ ду монеаро аз байн мебарад: рақобати баланд барои ҷойгоҳи донишгоҳи эътирофшуда донишҷӯёни коллеҷ дорои шаҳодатнома кофӣ, зарурати иқдоми муваққатӣ барои омодагӣ дар сатҳи муносиби шаҳрист.

***Фоидаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ***

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани мақоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ намудҳои нави муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шудаанд. Аз ҷумла, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ба литсейҳои касбӣ-техникӣ, техникум ва омӯзишгоҳҳо ба коллеҷҳо табдил дода шудаанд. Фаъолияти литсейҳои касбӣ-техникӣ ва коллеҷҳо тавассути низомномаи намунавӣ ва стандартҳои давлатӣ ба танзим дароварда мешавад.

Бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилотӣ аз соли таҳсили 2013-2014 сар карда, дар фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ низоми кредитии таълим ҷорӣ гардид. Низоми кредитии таълим тибқи Низомномаи ташкили низоми таълими кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрир аз 1 октябри соли 2018, №18/35) танзим мегардад.

Бояд гуфт, ки гузариш ба низоми таҳсилоти фосилавӣ бошад аз соли 2017 дар донишгоҳҳои кишвар мавриди амал қарор гирифтааст. Ҳамчунин дар ин самт Стандарти Давлатии Таҳсилот ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷумлаи пешравиҳои назарраси ин соҳаи афзалиятнoки кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии барномаҳои давлатӣ таъмин намудани сифати баланди таълими кишвар мутобиқи талаботи тағйирёбандаи аҳолӣ ва ҳадафҳои дарозмуддати рушди ҷомеа ва иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад.

Вазифаи асосии муассисаи таълимии миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ аз он иборат аст, ки чунин системаи омӯзишӣ ташкил карда шавад, ки ба талаботи таълимии ҳар як хонанда ва донишҷӯ мувофиқи майл, шавқ ва имкониятҳои ӯ ҷавобгӯ бошад. Барои расидан ба ин ҳадаф нақши донишҷӯ ва омӯзгорро дар раванди таълим ба куллӣ тағир додан лозим аст. Донишҷӯ бояд худашро

омӯзад ва омӯзгор бояд идоракунии ҳавасмандкунандаи таълими худро амалӣ намояд, яъне. ҳавасманд кардан, ташкил кардан, маслиҳат додан, назорат кардан.

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 68 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият намуда, аз рӯи 97 ихтисос 22966 нафар ҷавононро ба таҳсил фаро гирифтааст, ки аз он 4925 нафарашро духтарон ташкил медиҳанд. Мубрамияти таҳсилоти ибтидоии касбиро дар инкишофи иҷтимоӣ иқтисодии Тоҷикистон дарк намуда, дар ВМКБ 1 то, дар вилояти Суғд 22 то, дар вилояти Хатлон 18 то, дар шаҳри Душанбе 11 то, дар НТҶ 11 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба соҳибкасб гардонидани ҷавонон сару кор гирифтаанд. Парокандагии ҳудуди ВМБК-ро ба эътибор гирифта, дар ВМБК 9 филиали ин муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар соҳибкасб гардонидани ҷавонон саҳм мегузорад.

Шумораи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад дар кишвар 78 то буда аз рӯйи 200 касб бо такроршавӣ ҷавононро омода намуда истодаанд. Аз теъдоди умумии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 1 то дар ВМКБ, 26- то дар вилояти Хатлон, 21- то дар вилояти Суғд, 14-то дар шаҳри Душанбе, ва 16-то дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба омода намудани 93531 нафар донишҷӯён, ки аз он 61904 нафарашро духтарон ташкил медиҳанд дар шакли таҳсили рӯзона ва фосилавӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ба андешаи таҳқиқочиёни коллеҷи иқтисодӣ ва ҳуқуқии Ангарск ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ чунин аст:

«Аз таҷрибаи хатмкунандагони коллеҷ бо дақиқӣ гуфтан мумкин аст, ки раванди таълимии амалӣ (50% вақти тах сил ба корҳои лабораторӣ ва амалӣ ва амалия бахшида мешавад), ба мутахассисон имкон медиҳад, ки зуд ва самаранок ба кор машғул шаванд. Ғайр аз он, 70% хатмкардагони коллеҷ таҳсилро аз рӯйи профили худ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар курсҳои барномаи тезонидани таълим идома медиҳанд. "

Дар ин маврид барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» 04.2012, №200 тасдиқ шудааст, оварда шудааст, ки ***«Таъмини соҳаҳои гуногуни кишвар бо коргарони соҳибихтисос ва мутахассисон сатҳи миёнаи ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ буда, маҳз ҳамин зинаҳои таҳсилот метавонанд дар рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми босазо гузоранд».***

Инчуни доир ба мушкилотиҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар қарори мазкур чуни қайд гардидааст: ***«Айни ҳол мушкилоти ин зинаи таҳсилот норасоии устоҳои таълими истеҳсолӣ, сатҳи пасти дараҷаи касбии ҳайати омӯзгорон, номувофиқатии касбҳо ба талаботи бозори меҳнат, норасоии адабиёти таълимию методӣ мебошад».***

Ва ин мушкилот то ба ҳол дар муассиса таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии кишвар ҷой дошта, боиси костагии сифати таълиму тарбия ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани мутахассисон гардида, истодааст.

**Дар мавриди колллеҷҳо коллеҷи кишоварзии Рубтсовск бар ин назар аст:**

«*Тах силоти миёнаи касбӣ дар ҷонеъ кардани ниёзҳои таълимии шахс ва ҷомеа мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Мувофиқи таснифоти стандартии байналмилалии ЮНЕСКО (ISCED), SVE ба таҳсилоти амалӣ баробар карда шудааст*».

Тибқи маълумотҳои омории Федератсияи Русия дар айни замон, 22% аҳолии Русия дорои дипломи маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Маълумоти олӣ асосан назариётшиносонро омода мекунад, таҳсилоти ибтидоии касбӣ - касбҳои камбуд ва маълумоти миёнаи касбӣ ба тайёр кардани мутахассисони сатҳи миёна нигаронида шудааст. Ғайр аз ин, ҳар як хатмкунанда пас аз хатми техникум як навъ ихтисоси коргариро соҳиб мешавад. Ҳангоми пурра ворид шудан ба фазои таҳсилот фосилавӣ ин фоизро метавон бозҳам боло намуд. Зеро ин навъи таҳсил барои соҳиб касб намудани ҷовонон миконоти зиёд мебошад.

Яке аз манфиатҳои муҳими таҳсилоти фосилавӣ арзиши пасти таҳсил мебошад, ки ба ҳисоби миёна 45% - арзонтар аст. Дар ҳолатҳои истисноӣ коҳиши ҷиддии хароҷот ба амал меояд - дар ин робита ҳисобҳои мутахассисони маркази таълимии REDCENTR таваҷҷӯҳ доранд. Коршиносони REDCENTER як ширкати мушаххасро бо шумораи умумии 280 корманд ҳисоб карда баромаданд, ки 80 нафари онҳо таҳсил доранд ва ба хулосае омаданд, ки дар сурати дуруст ташкил карда шудан, таҳсилоти фосилавӣ ҳафт маротиба арзонтар хоҳад буд.

***Афзалиятҳои таҳсилоти миёнаи касбиро нисбат ба донишгоҳ ҷамъбаст кардан мумкин аст:***

*шароити нисбатан осон барои қабул;*

*талабот ба фанои таҳсилоти умумӣ нисбат ба донишгоҳҳо пасттар аст;*

*вақтҳои кӯтоҳи омӯзиш;*

*таҷрибаомӯзӣ дар корхонаҳои махсусгардонидашуда;*

*имконияти гирифтани якчанд ихтисос;*

*имконияти қабули қарор дар бораи интихоби дурусти ихтисос пеш аз дохил шудан ба донишгоҳ ;*

*диққат додан ба гирифтани ихтисосе, ки донишҷӯ талаб мекунад;*

*бо кор таъмин кардани хатмкунандагон.*

***Таҳсилоти фосилавӣ имрӯз мушкилоти муваққатиро аз сар мегузаронад, ба монанди:***

*Саводи нокифояи компютерии муаллимон ва шунавандагон, надоштани таҷрибаи омӯзиши фосилавӣ;*

*бисёре аз муаллимон ва донишҷӯён ҳанӯз ба ин усули таълим омода нестанд ва ба таълими классикӣ бартарӣ медиҳанд;*

*Рушди нокифояи инфрасохтори иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар кишвар;*

*Барномаҳо ва курсҳои омӯзишӣ аз сабаби он, ки мутахассисони соҳибихтисос, ки метавонанд чунин эҷод кунанд, хуб таҳия нашуда бошанд*

*васоити таълимӣ, имрӯз бисёр нестанд;*

*Мушкилоти дарёфти мутахассисон;*

*Таҳиягарони баландихтисос талаб карда мешаванд;*

*Барои сохтани курсҳои мултимедиявии баландсифат ба шумо як гурӯҳи мутахассисони мавзӯъ, рассом, барномасоз ва ғайра лозим аст;*

*Интерактивии нокифояи курсҳои муосири таҳ силоти фосилавӣ ва ғайра;*

## АДАБИЁТ:


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 26.12.2020.
2. Байденко, В. И. Выявление состава компетенций выпускников вузов как необходимый этап проектирования ГОС ВПО нового поколения : метод. пособие / В. И. Байденко. — М. : Исслед. центр проблем качества подготовки специалистов, 2006. — 72 с.
3. Выготский, Л. С. Лекции по психологии / Л. С. Выготский. — СПб. : СОЮЗ, 1997. — 144 с.
4. Дружилов, С. А. Психология профессионализма человека : интегративный подход /С. А. Дружилов // Жури. прикладной психологии. — 2003. — № 4/5. — С. 35—42.
5. Зимняя, И. А. Ключевые компетенции: новая парадигма результата образования / И. А. Зимняя // Высш. образование сегодня. — 2003. — № 5. — С. 34—42.
6. Информационные технологии в менеджменте: Учебник / И.Г. Акперов Акперов, А.В. Сметанин, И.А. Коноплева. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2013.-400с.
7. Алешин, Л.И. Информационные технологии: Учебное пособие / Л.И. Алешин.- М.:Маркет.ДС,2011.-384с.
8. Алиев, В.С. Информационные технологии и системы финансового менеджмента: Учебное пособие / В.С. оглы Алиев. - М.: Форум, ИНФРА-М, 2011.-320с.
9. Алексеев, Г.В. Компьютерные технологии при проектировании и эксплуатации технологического оборудования: Учебное пособие / Г.В. Алексеев, И.И. Бриденко, В.А. Головацкий. - СПб.: ГИОРД, 2012. - 256 с.
10. Аминова, Ф.Х. Роль интерактивных технологий в развитии информационной компетенции у учащихся / Ф.Х. Аминова // Педагогическое образование и наука: журнал . — 2017 .— № 2 .— С. 130-131.


## ЗИНАҲОИ НАВИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ БАРОИ СОҲИБКАСБ ГАРДОНИДАНИ ДОНИШҶӮЁН

Таҳсилоти фосилавӣ барои соҳибкасб гардонидании шахсони бе касбу кор махсусан ҷавононе, ки дар минтақаҳои дурдаст зиндагӣ ва кору фаъолият мекунанд заминаи мусоидест барои гирифтани ихтисос ва ё касбу ҳунари дигар. Манфиати дигари ин раванд дар он аст, ки барои таҳсил ва соҳибкасб гардидан ба шумо зарурати тарк кардани хона, оила, дӯстон, кор, инчунин хароҷоти пулӣ барои роҳ ва манзил лозим нест. Инчунин имкони гирифтани касбе, ки шумо ба он майлу хоҳиш доред, аммо дар ҷойи шумо мавҷуд нест ва ё аксаран вақт имкон намедиҳад заминаи мусоидест. Бояд гуфт, ки гузариш ба низоми таҳсилоти фосилавӣ бошад аз соли 2017 дар донишгоҳҳои кишвар мавриди амал қарор гирифтааст. Ҳамчунин дар ин самт Стандарти Давлатии Таҳсилот ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷумлаи пешравиҳои назарраси ин соҳаи афзалиятноки кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии барномаҳои давлатӣ таъмин намудани сифати баланди таълими кишвар мутобиқи

талаботи тағйирёбандаи аҳолӣ ва ҳадафҳои дарозмуддати рушди ҷомеа ва иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад.

**Калидвожаҳо:** *таҳсилоти фосилавӣ, таълим, донишҷӯ, технология, колеҷҳо, интернет, таҳсилоти миёна.*

## НОВЫЕ УРОВНИ РАЗВИТИЯ ДИСТАНЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ В УЧРЕЖДЕНИЯХ СРЕДНЕГО И ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ ДЛЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО РОСТА СТУДЕНТОВ

Дистанционное образование является благоприятной основой для того, чтобы люди без профессии, особенно молодежь, проживающая и работающая в отдаленных районах, получили квалификацию или другую профессию. Еще одним преимуществом этого процесса является то, что вам не нужно покидать свой дом, семью, друзей, работу, а также расходы на проезд и жилье, чтобы учиться и стать предпринимателем. Также благоприятной основой является возможность получить профессию, к которой у вас есть желание, но которая отсутствует на вашем месте или часто не позволяет время. Следует сказать, что переход на систему дистанционного обучения осуществляется в вузах страны с 2017 года. Также в этом направлении к существенным достижениям в этой приоритетной сфере страны относятся Государственный стандарт образования и государственные программы развития сферы образования. Основной целью государственных программ является обеспечение высокого качества образования в стране в соответствии с меняющимися потребностями населения и долгосрочными целями развития общества и экономики Таджикистана.

**Ключевые слова:** *дистанционное образование, образование, студент, технологии, колледжи, интернет, среднее образование.*

## NEW LEVELS OF DEVELOPMENT OF DISTANCE EDUCATION IN INSTITUTIONS OF SECONDARY AND HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION FOR THE PROFESSIONAL GROWTH OF STUDENTS

Distance education is a favorable basis for people without a profession, especially young people living and working in remote areas, to gain a qualification or another profession. Another benefit of this process is that you don't have to leave your home, family, friends, work, and travel and housing expenses to learn and become an entrepreneur. Also a favorable basis is the opportunity to receive a profession for which you have a desire, but which is not available in your place or often does not allow time. It should be said that the transition to the distance learning system has been carried out in the country's universities since 2017. Also in this direction, significant achievements in this priority area of the country include the State Standard of Education and state programs for the development of the education sector. The main goal of state programs is to ensure the high quality of education in the country in accordance with the changing needs of the population and the long-term goals of the development of society and the economy of Tajikistan.

**Key words:** *distance education, education, student, technology, colleges, internet, secondary education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Зулфонов Бахрон ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. А. Адҳамов 11/2 Тел: 93-601-75-25*

**Сведения об авторе:** *Зулфонов Бахрон ведущий научный сотрудник отдела учреждений среднего и высшего профессионального образования Института развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов 11/2 Тел: 93-601-75-25*

**Information about the author:** *Zulfonov Bahron, leading researcher at the department of secondary and higher vocational education institutions, Institute for Educational Development named after Abdurrahman Jami, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamov 11/2 Tel: 93-601-75-25*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Гадоев Идибек Баротович – Ёвари директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2 Тел: (992) 904 11 00 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

***Сведения об авторе:*** *Гадоев Идибек Баротович – заместитель директора Института развития образования Таджикистана имени Абдуррахмана Джами, Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова 11/2 Тел: (992) 904 11 00 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

**Information about the author:** *Gadoev Idibek Barotovich - deputy director of the Institute for Educational Development named after Abdurrahman Jami, Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe,. .street A. Adhamova 11/2 Tel: (992) 904 1100 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

ТДУ 151.8

# ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ҶАНБАҲОИ ЭТНИКӢ-ФАРҲАНГИИ РАФТОРИ СУИСИДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Расулов С. Х., Сафарова З. Р.***

**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон**

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки масъалаи худкушӣ дар шароити Тоҷикистон яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷомеа ва доғи рӯз маҳсуб меёбад. Ин амал дар адабиёти илмӣ ба таври гуногун таъриф дода мешавад, ки таърифи нисбатан мувофиқтар ба муҳаққиқ Е. В. Змановская дахл дорад. Ӯ пас аз натиҷагирӣ аз тадқиқотҳои худ ба хулоса меояд, ки “худкушӣ амали худро қасдан аз зиндагӣ маҳрум намудан аст”[9].

Ба омӯзиши илмии масъалаи худкушӣ яке аз аввалинҳо шуда Э. Дюркгейм [8] ҷиддӣ машғул шудааст. Ӯ амалҳои худкуширо ба се намуд ҷудо мекунад: ҳақиқӣ, намоишкорона ва махфӣ.

Худкушии ҳақиқӣ хоҳиши мурданро ифода карда, худ ба худ рӯй намедиҳад, гарчанде барои дигарон то дараҷае ғайричашмдошт намояд ҳам.

Худкушии намоишкорона бо хоҳиши мурдан алоқамандӣ надошта, балки усули диққати дигаронро ба худ, ба мушкилиҳои худ, барои ёрӣ ва дастгирӣ ҷалб намудан аст.

Худкушии махфӣ амале мебошад, ки ба аломатҳои худкушӣ шабоҳат надорад, вале моҳиятан худро қасдан аз ҳаёт маҳрум намудан мебошад. Худкушии махфӣ эҳтимолияти қавии марговар дорад. Дар бисёр мавридҳо ин кирдор маънои бо марг бозӣ карданро дошта, оқибаташ низ марг аст.

Амали худкушӣ хусусиятҳои ба худ хосро дорад. Муҳаққиқ К.Менингер [12] ошкор кардааст, ки дар ҳаёти инсон байни ғаризаҳои худмуҳофизаткунӣ ва худмаҳвкунӣ мубориза шадид сурат мегирад. Ӯ майлҳои амиқи амали худкуширо тадқиқ намуда, се қисми таркибии зерини рафтори худкуширо ҷудо намудааст:

Хоҳиши куштан - қисми зиёди шахсоне, ки қасд ба ҷони худ кардаанд, аз ҷиҳати ҷисмонӣ камолнаёфта буда, ҳангоме ки чизе ё касе садди роҳи хоҳишу мароми онҳо мешавад, ба ғазаб меоянд ва қасди худкушӣ мекунанд.

Хоҳиши кушта шудан - агар қасди худкушӣ нуқтаи ниҳоии зуҳуроти қаҳру ғазаби инсон бошад, пас ин маънои онро дорад, ки шахс дигар қудрати таҳаммул кардани азоби рӯҳиро надорад ва илоҷи воқеаро танҳо дармарги худ мебинад.

Майл ба мурдан - ин шакли худкушӣ дар байни шахсоне бештар паҳн шудааст, ки ҳаёти худро беасос зери хатар мегузоранд. Инчунин дар бемороне, ки аз табобатнашаванда будани бемории худ хабардоранд ва аз ин азоби зиёди рӯҳию ҷисмонӣ мекашанд, роҳи ягонаи халосӣ аз ин ранҷу азобро дар марг мебинанд.

Ҳамин тариқ,агар инсон майл ба ҳар се тарзи рафтори муайян кардаи К. Менингерро дошта бошад, кор ба худкушӣ анҷом меёбад. Қайд кардан ба маврид аст, ки чунин хусусиятҳои майл ба худкушӣ доштан ҳанӯз дар давраи наврасию навҷавонӣ шакл мегиранд.

Худкушӣ ҳамчун амали қасдан маҳрум намудани худ аз ҳаёт метавонад сабаҳои гуногун дошта бошад. Худкушӣ дар байни наврасон сабабҳои мухталифи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад. Зарарро ба некӯаҳволии наврасону ҷавонон метавонанд осебҳои равонӣ зӯровариҳои байнишахсӣ, аздастдиҳии шахси наздик дар натиҷаи муҳоҷират, марг ва ё ҷудоӣ, зӯроварӣ дар оила, азиятдиҳии мақсаднок ва ё мушкилоти иқтисодӣ расонанд.

А. Г. Амбрумова ва як қатор тадқиқотчиёни дигар амали худкуширо ҳамчун “натиҷаи мутобиқ шуда натавонистани шахс бо хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар шароити зиддияти микроиҷтимоӣ”[1] баҳо медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои водоркунандаи рафтори суисидӣ хусусияти маҷмӯӣ дошта, барои ба дараҷаи қасди худкушӣ расидани майл ба худкушӣ маҷмӯи омилҳо таъсир мерасонанд. Омиҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва монанди ин ҳамчун омилҳои бавосита фаъолият карда, танҳо тавассути ба вуҷуд овардани мушкилоти психологӣ (ихтилол, вайроншавӣ ё бемории психикӣ) метавонанд қасди худкуширо ба вуҷуд оваранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба омӯзиши хусусиятҳои психологии шахсияти одамони майл ба худкушидошта ё қасди худкушикарда таҳқиқоти илмӣ гузаронида нашудааст. Соли 2011 дар алоқамандӣ бо афзоиши эҳтимолии миқдори худкушиҳо дар миёни наврасон, хусусан наврасдухтарон аз ҷониби кормандони Донишгоҳи Колумбия дар ҳамкорӣ бо мутахассиони кафедраи психологияи ДМТ ва ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров бо супориши намояндагии хазинаи кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон “Таҳқиқи паҳншавӣ ва динамикаи худкушиҳо дар байни кӯдакону ҷавонон” коркард ва баргузор карда шуд, ки аҳамияти махсусро соҳиб аст[10].

Мавриди қайд аст, ки вазъият метавонад бо набудани стратегияи бартарафсозии стресс, ноустуворӣ ва набудани дастрасӣ ба хадамоти босифат мушкилтар гардад. Аҳолии Тоҷикистон, хусусан ҷавонону наврасон, доир ба сабабҳо, усули бартарафсозии мушкилот дар соҳаи солимии психикӣ, ҳамчунин, доир ба талаботи одамони чунин мушкилотро азсаргузаронида кам маълумот доранд. Онҳо одатан объекти тамғагузорӣ шуда мемонанд, ки онро ҳисси хиҷолат ва гунаҳкорӣ ҳамроҳӣ менамояд. Ба одамони дорои мушкилоти характери психологӣ ва психиатридошта ниҳоят кам дастгирии психологӣ ва кумаки психиатрӣ расонида мешавад. Онҳо дар назди духтурони дигар соҳаҳо ва ё табибони мардумӣ табобат гирифтанро афзал медонанд. Ин натиҷаи муносибати анъанавии эҳтиёткорона ва манфӣ ба ҳар гуна зуҳуроти вайроншавиҳои психикӣ мебошад. Чунин намуди муносибат нисбат ба хадамоти кумаки психиатрӣ низ ба қайд гирифта мешавад.

Мушоҳидаҳои клиникӣ нишон медиҳанд, ки қариб 90%- и шахсони дар натиҷаи суитсид фавтида аз вайроншавиҳои психикӣ азият мекашиданд. Муқаррар шудааст, ки омилҳои зерин хатари суитсидро афзун мекунанд:

*мушкилоти солимии психикӣ, хусусан депрессия, изтиробнокӣ, сӯистеъмоли моддаҳои ангезадиҳандаи психика ва монанди инҳо;*

*худкушии аъзои оила;*

*шахси танҳои синни миёна ва ё пиронсол;*

*дастрасии соддаи воситаҳои анҷомдиҳии худкушӣ, ба мисли яроқи оташфишон, моддаҳои заҳрнок ва ғ;*

*бемории ҷиддӣ ё табобатнашаванда ва ё маъюбият;*

*далелҳои осеб, таҳдидҳо, таҳқирҳои ҷисмонӣ ва психологӣ дар гузашта;*

*стресси ҷамъшаванда;*

*омилҳои синнусолӣ: шахсони синни 15-24 ва болотар аз 65 сола ба хатари нисбатан баланди суитсид мувоҷеҳанд;*

*фалокат ё талафоти шахсии ба наздикӣ рӯйдода;*

*ҳаяҷони изтиробӣ ва ё вайроншавиҳои хоб ва ғ.*

*Амали худкушӣ кардани наврасону навҷавонон дар бештари вақт бо он шарҳ дода мешавад, ки дар онҳо таҷрибаи кофии зиндагӣ мавҷуд нест. Азбаски онҳо қобилияти муайян намудани мақсади ҳаётии худро надоранд, бинобар ин роҳҳои ба мақсадрасии худро намедонанд. И.П. Павлов дар ин замина худкуширо "ҳамчун гум кардани* "рефлекси мақсад"[14; 58-61] медонад.

Ҳангоми ошкор кардани сабаби даст ба худкушӣ задани одамон муаммоҳои зиёд пеш меоянд, махсусан агар худкушӣ анҷомшуда бошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксар вақт ҳангоми бурдани корҳои тафтишотӣ ё сабаби асосии ин амал номаълум боқӣ мемонад, ё ягон чизе ҳамчун сабаб баҳо дода мешавад, ки дар асл на сабаб, балки баҳона барои ин амал аст. Барои дурусту аниқ ошкор кардани сабаб ва табиати худкушӣ бояд мароми он ошкор карда шавад. "Маром гуфта, қувваи ботинии шахсро меноманд, ки ӯро барои қонеъ гардонидани ин ё он талаботаш водор мекунад. Маром маънои водоркунӣ ва барангезишро дорад. Бояд қайд кард, ки, на ҳар водоркунанда маром шуда метавонад. Масалан, рафтор метавонад туфайли ҳиссиёт ва мақсадгузорӣ содир шавад, вале маром шуда наметавонад. Баъзе барангезандаҳо фаҳмидашавандаанд, вале баъзеашон бошанд фаҳмида намешаванд. Маром -ин водоркунандаи фаҳмидашуда буда, барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас равона карда мешавад" [15;131].

Маром дар таҳлили рафтори худкушӣ бояд ба эътибор гирифта шавад, зеро маром қувваи асосии пешбарандаи фаъолият буда, дар баробари талаботҳои гуногуни (моддӣ ва маънавии) муайянкунандаи мақсад ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба ақидаи К.В. Акопян "дар ҷараёни омӯзиши шахсияти одамони ба худкушӣ дастзананда бояд маромҳои ҳаётии ӯ зоҳир карда шаванд" [4; 153]. Маром ва сабаби худкушӣ на ҳама вақт бо якдигар мувофиқат мекунанд. Сабаб – чизест, ки боиси амали худкушӣ мешавад. Дар баробари сабаби асосӣ метавонанд сабабҳои дигари дуюмдараҷаю сеюмдараҷа, ба мисли беморӣ, мушкилиҳои оилавию маишӣ мавҷуд бошанд. Аксар вақт, барои тела додан ба амали худкушӣ ягон чиз баҳона мешавад. Баҳона дар муқоиса бо сабаб – ҳодисае мебошад, ки заминаи пайдоиши сабаби амали худкуширо муҳайё мекунад. Баҳона характери зоҳирӣ ва тасодуфӣ дорад ва набояд ҳамчун сабаби худкушӣ баҳо дода шавад.

Масалан, *шаҳрванд Н, ки 16 сола буда, зан мебошад, барои тамошо кардани телевизор бо бародараш ҷанҷол мекунанд, зеро дар вақти пахш шудани филми дӯстоштаи ӯ бародараш футбол тамошо мекард. Дар вақти ҷанҷол бародараш ба ӯ мегӯяд, ки "ту мури ҳам, бо ин авҳолат касе туро ба занӣ намегирад". Ин эродро Н. бисёр сахт қабул кард, аз хона баромада, дарро аз қафои худ пушид.*

*Тахминан баъд аз як соат модараш ӯро дар болои кати хоб дар ҳолати беҳаракат дарёфт. Дар наздаш шишаи холӣ аз диазепам буд. Маълум буд, ки Н. панҷоҳ ҳаби ин доруро фуру бурдааст.*

*Ӯро ба шуъбаи таксикология бурданд ва баъд аз марҳилаи детоксикатсия ба хона ҷавоб доданд. Модари ӯ ва махсусан, бародараш ҳисси гунаҳкориро аз сар мегузаронианд. Модараш маҷбур кард, ки рузи дигар ба қабули психолог раванд.*

*Ҳангоми муоина Н. аввал ба психолог гуфт, ки сабаби кӯшиши худкушии ӯ ҷанҷол бо бародараш буд. Аммо дар рафти суҳбати дурударози махфӣ Н. қоил шуд, ки ӯ як мушкилоти дигар низ дорад ва тули як соли охир, баъд аз марги холааш ӯро азият медиҳад.*

Аз мисоли овардашуда бармеояд, ки сабаби аслии даст ба худкушӣ задании Н. на ҷанҷол бо бародар, балки дигар чиз аст, аммо ӯ инро пинҳон медорад. Аксар вақт, ҳангоми даст ба худкушӣ задани одамон, бо истисноии худкушиҳои намоишкорона, онҳо сабаби аслии онро пинҳон медорад, зеро ин сабаб метавонад ба шаъну шараф, ору номус ва арзишҳои шахсӣ, оилавӣ ё авлодӣ алоқамандӣ дошта бошад. Мутаасифона, чунин муносибат тафтишотро ба самти нодуруст мебарад ва сабаби аслии худкушӣ ошкор нашуда мемонад (баъзан баҳона ҳамчун сабаб баҳо дода мешавад, ки боиси ба ҷавобгарӣ кашидани шахси бегуноҳ мегардад).

Айни замон ошкор карда шудааст, ки ба амали худкушӣ омилҳои гуногун, ба мисли иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, психологӣ,динӣ ва ғ. боис шуда метавонанд. Маълумоти оморӣ, дар навбати худ, амалҳои худкуширо вобаста ба вақти содиршавӣ, вазъи боду ҳаво, шароити этнографию ҷуғурофӣ, зичии аҳолӣ, нишонаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, эътиқоди динӣ, касбу кор, шароити иҳотакарда, хусусиятҳои объективии шахсият, вазъи оилавӣ ва ҷамъиятӣ, синну сол ва ҷинсӣ ҳисобу китобнамуда, ба тартиб медароранд. Аз ин бармеояд, ки вобаста ба хусусиятҳои миллию этникӣ ва фарҳангӣ ин амал дар минтақаҳои гуногун хусусиятҳои ба худ хосро соҳиб аст. Вобаста ба ин албатта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор хусусиятҳои ба худ хосси амали худкушӣ мушоҳида мешавад.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи худкушӣ дар Тоҷикистон аз дигар кишварҳо таносуби худкушӣ дар шаҳр ва деҳот аст. Тибқи маълумоти оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 73%-и худкушиҳо ба деҳот ва 27%-и он ба шаҳр рост меоянд. Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки дар кишварҳои Аврупоӣ ва Амрикоӣ ин таносуб баръакс аст. Чӣ хеле, ки Б.Х. Саидзода дар тадқиқоти худ нишон медиҳад "худкушӣ одатан ҳамчун хусусияти тамаддуни шаҳрҳои калон ҳисобида мешавад, зеро таъсири ҳар гуна мегаполисҳо мушоҳида мешавад" [16].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабаҳои афзоиши рафтори суисидӣ дар наврасону навҷавонон метавонад афзоиш ёфтани стрессорҳои мактабӣ бошад. Мутаасифона, дар муқоиса бо даҳсолаҳои қабли омилҳои стрессовар дар мактабҳо, аз қабили санҷишҳои бамавриду бемаврид, дахолати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кофтукофи ҷувздон ва кисаи хонандагон бо мақсади наовардани телефони мобилӣ ва монанди ин хеле зиёд шудааст. Чунин муносибат метавонад дар наврасон рафтори суисидиро ҳамчун эътироз ба маҳдудкунии ҳудуди шахсӣ ба вуҷуд оварад. Наврас ба воситаи майлу қасди худкушӣ кӯшиш менамояд, ки ҳолати худро тағйир диҳад: аз азсаргузаронии тоқатнофарсо халос шавад, аз шароити озордиҳанда раҳо ёбад, раҳму шафқати дигаронро бедор карда, ба ёрӣ ва дастгирии дигарон муваффақ гардад ва диққати дигаронро ба мушкилии худ ҷалб намояд. Амали худкушӣ метавонад ҳиссиёти қасосгирӣ нисбати шахсони азиятдиҳанда, "ки баъд пушаймон мешаванд" бошад. Ин амали ноумедӣ ба назари наврас чунин менамояд, ки ӯ тамоми қувваю имкониятașро барои таъсир расонидан ба вазъияти тоқатнофарсо равона кардааст, аммо натиҷа надодааст.

Сирояткунии психологӣ дар натиҷаи инъикоси нодурусти амалҳои худкушӣ тавассути ВАО ва дигар воситаҳои интиқоли ахбор,нодуруст тартиб додани пурсишномаҳои сотсиологӣ ва монанди ин ба амал меояд, ки метавонанд боиси пайдо шудани тақлидкорӣ ба амалҳои аутоагресивӣ гарданд ва ҳамчун сабаби худкушӣ баромад кунад. Ин нуқтаро дар тадқиқоти худ А.Г. Абрумова [1] [2] [3], А.Ф. Кон, А.Л. Чижевский, Д. Вассерман ва дигарон исбот намудаанд.

Бо назардошти ин, ду шакли таъсиррасонии воситаҳои ахбори оммаро аз ҳам фарқ мекунанд:

а) ҳар қадаре, ки ВАО амалҳои худкушии воқеиро бештар инъикос намоянд, шумораи тақлидкунӣ ба маротиб меафзояд;

б) шарҳ додани худкушиҳои тасвирӣ (дар филмҳо, асарҳои бадеӣ, нақшҳои театрӣ) барои пайдо шудани рафтори тақлидӣ бештар мусоидат мекунанд.

Ғайр аз ин, бояд қайд кард, ки аксар вақт баъд аз оммавӣ гаштани ахбори муфассал доир ба ягон амали худкушӣ раванди таркиши авҷи худкушӣ ба вуҷуд меояд ва он муддате ором гашта, боз хурӯҷ мекунад.

Ба андешаи Ж. Ведрин ва Д. Вебер “наврасону навҷавонон ба намунаҳои он ахлоқи ношоистае, ки аз тариқи тамошои филмҳои зуроваридошта ба худ рабт медонад, пайравӣ менамояд ва ин дар онҳо майлҳои худкуширо бедор месозад” [7]. Махсусан тақлидкорӣ барои субъектҳои ба камол нарасида ва худталқинкунанда характернок аст. Ҳамин тавр, наврас метавонад бинад, ки марг чӣ гуна атрофиёнро ба даҳшат меоварад ва воситаи ҳақиқии фишороварӣ ба дилозорон мебошад. Инчунин, рафтори худталқинкунӣ ва худкушӣ ҷузъи рӯҳафтодагӣ, боварӣ надоштан ба оянда, дар натиҷаи гирифтани осеби равонӣ, коҳишёбии фаъолии ҳаётӣ ва эҷодӣ мебошад.

Ҳарчанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос кардани ҳодисаҳои худкушӣ дар расонаҳои хабарии давлатӣ маҳдуд карда шуда бошад ҳам, мутаасифона, тавассути интернет ба таври густурда ба роҳ монда мешавад, ки боиси ташвиш аст. Дар самти корҳои пешгирикунӣ макомоти дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати маҳдуд кардани инъикоси амали худкушӣ тавассути тамоми ВАО ва воситаҳои коммуникатсионӣ, аз ҷумла филмҳо низ чораҷӯйӣ намоянд.

Мо дар доираи татбиқи “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон” тайи солҳои 2018-2022 ҳамчун психолог-тренер дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо мутахассисони касбу кори гуногун, аз ҷумла психологҳои мактаб, маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, табибони оилавӣ, кормандони Комиссияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони марказҳои таҳсилоти иловагӣ доир ба мавзуи “Кумаки психологию иҷтимоӣ ба наврасони дорои майл ба рафтори суитсидӣ” семинару тренингҳо гузаронида, бо мақсади ошкор кардани омилҳои ба рафтори суитсидӣ мусоидаткунанда аз усули гуногун, ба монанди суҳбат, CASE-STUDY ва ғ. истифода бурдем. Дар натиҷа ду омили ба некуаҳволии иҷттимоию психологии кӯдакону наврасон таъсири носозгор расонанда ошкор карда шуд, ки хоси ин минтақаи кишвар мебошанд:

1. Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани ҳарду волидайн ва дар парастории бобою бибӣ, амаку амма, холаю тағо ё дигар хешовандон гузоштани фарзандони ноболиғ. Дар ин ҳолат кӯдак ҳисси радшудагию танҳоиро аз сар гузаронида, талабот ба меҳрубонию навозиш дар ӯ қонеънашуда мемонад, ки боиси ба вуҷуд омадани “ташнагии эмотсионалӣ” мегардад.

2. Аз ҳад зиёд фарҳангикунонии ҳаёт, ки боиси қонеъ нагардидани талабот ба фароғати психологӣ мегарад. Кӯшиши пурра тобеъ намудани рафтор ва ҳаёти худ ба меъёрҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ имкон намедиҳад, ки одам дар ҳолатҳои зарурӣ ба зоҳирнамоии эмотсияҳои худ озодӣ бахшад ва шиддати эмотсионалиро дар худ коҳиш диҳад. Дар ин маврид муттахассиси сатҳи ҷаҳонӣ Н. Оғозода чунин қайд мекунад: “Ба наврасон лозим аст, то ба он чизҳое машғул шаванд, ки кайфияти онҳоро баланд мебардорад ва барои осуда шудан кумак мерасонад. Одамон бояд ба ҳаловатбарии солим кӯшиш кунанд, ки ба сифати воситаи барқароршавии пас аз кор ва ҳодисаҳои стрессӣ баромад мекунанд. Ҳаловатбарӣ одатан табиати инфиродӣ ва хусусияти барои маданиятҳои гуногун хосро соҳиб аст” [13].

Дар натиҷаи як қатор тадқиқотҳо ошкор гардид, ки «…мардҳо бештар аз занҳо худкушӣ ба анҷом мерасонанд ҳол он, ки кӯшиши худкушӣ дар занҳо бештар аст» [6;106]. Воқеан ҳам психологияи муосир сабаби камтар будани худкушии занҳоро дар он мебинад, ки занҳо бо нармдилии худ дорои мутобиқшавии иҷтимоии беҳтаранд. Дуруст аст, ки «онҳо панҷ маротиба бештар аз мардҳо кӯшиши худкушӣ мекунанд, вале дар бисёри мавридҳо ин кӯшишҳо хусусияти намоиширо доранд ва ба он равона шудаанд, ки ҳаёти худро қатъ нагардонанду шароити зиндагиашонро беҳтар намоянд (диққати дигаронро ба бадбахтии худ ҷалб кардан, гирифтани кумак, раҳми дигаронро овардан ва ғ.)» [6] Шумораи зиёди худкушии мардонро нисбат ба занҳо Э. Дюргейм чунин шарҳ медиҳад, ки «…дар занҳо ҳассосӣ камтар инкишоф ёфтааст. Занҳо камтар ба ҳаёти ҷамъиятӣ ворид мешаванду якчанд шакли содаи муносибатҳои иҷтимоӣ барои қонеъ гардонидани талаботҳои онҳо кифоя мебошад» [8]. Дар ин нишондиҳанда низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати баръакс дида мешавад: мутаасифона, чун дастрас кардани омори расмӣ дар ин самт ба мо муяссар нашуд ба маълумоти дар сомонаҳои интернетӣ инъикосшуда такя мекунем ва тибқи он дар кишваи мо шумораи занҳои ба худкушӣ дастзада нисбат ба мардҳо зиёд мебошад.

Хатари худкушӣ на танҳо аз сохтор ва ҷараёни аломатҳои суитсидӣ ва антивиталӣ, балки аз таъсири тамоилҳои зидди дар рафтори шахс низ вобастагӣ дорад. Тамоил ва рафтори антисуитсидӣ, ки ҳамчунин метавонанд стратегияҳои махсуси рафтори уҳданамоӣ ҳисобида шаванд, унсурҳои зеринро дар бар мегиранд:

Фикрҳо дар бораи гуноҳ будани худкушӣ, хусусан дар шахсони диндор. Мавриди зикр аст, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дини мубини Ислом эътиқоди қавӣ доранд. Аксарияти мардумаш намояндагӣ аз дини мубини Ислом мекунанд ва ба китоби муқаддас-“Қуръон”-и карим эҳтиром ба ҷо меоранд. Бинобар ин, барои пешгирӣнамудан ва коҳиш додани ин амал дар байни

наврасону ҷавонон, такя ба тафаккури динии онҳо намуда, гуноҳи кабира будани худкуширо аз назари динӣ бо оятҳои “Қуръон” шарҳу тавзеҳ додан ба мақсад мувофиқ аст. Намояндагони дин ва пеш аз ҳама имомхатибон дар пешгирии ин падида саҳми назаррас гузошта метавонанд [16].

Андешаҳо дар бораи аксуламалҳои эҳтимолии аъзои оила («Агар ман худкушӣ кунам, волидонам ва додару хоҳаронам азоб мекашанд»).

Афкор ва ҳиссиёт доир ба зарари эҳтимолӣ дар натиҷаи кӯшиши номуваффақонаи худкушӣ («Дигар ба чашми одамон намуддор шуда наметавонам», «Раваду намирам, балки маъюбу маслуқ шуда монам»).

Табъизи бо суитсид алоқаманд («Одамон фикр хоҳанд кард, ки ман девона шуда будам», «Одамон дар бораи оилаи мо чӣ фикр хоҳанд кард, он ки мо ҳамаамон девонаем?»).

Фикрҳо дар бораи табиати ғайриахлоқӣ доштани худкушӣ («Баъзе одамон пас аз худкушӣ кардан, хусусан пас аз паридан аз бинои баланд, чӣ хел баднамуд мешаванд»).

Канорагирӣ аз ҷой ё ашёи бо хатари эҳтимолии худкушӣ, ба мисли корд, балкон ва дигар фобияҳои алоқаманд.

Кӯшиши дурӣ ҷустан аз танҳоӣ тавассути муошират бо дӯстон ва аъзои оила.

Дар баъзе ҳолатҳо сӯистифодаи моддаҳои фаъолкунандаи психикӣ ва истеъмоли мустақилонаи доруҳо бо мақсади ба ҳолати ступор овардани хеш ва бо ҳамин роҳ гурехтан аз ҳар гуна амалҳои суитсидӣ.

Таҳлили маҷмуии ҷанбаъҳои дар боло зикргардида ва хусусан тамоюлҳои суитсидӣ, антиви талӣ ва антисуитсидӣ метавонад барои пешгирӣ намудани амали худкушӣ ба таври васеъ истифода шаванд.

Умуман, худкушӣ аз падидаҳои иҷтимоӣ-психологиест, ки то ҳол роҳу усули ягона ва самарабахши пешгирӣ кардани он коркард ва пешниҳод карда нашудааст. Барои баланд бардоштани самаранокии корҳои пешгирикунӣ дар самти коҳиш додани худкушӣ пеш аз ҳама ҳамкории байнисистемавиро бояд ба роҳ монд.

## АДАБИЁТ:


1. Абрумова А.Г. Индивидуально-психологические аспекты суицидальногоповедения //Актуальные проблемы суицидалогии. – М., 1976
2. Абрумова А.Г., Бородин С.В., Михлин А.С. Предупреждение самоубийств. – М., 1980
3. Абрумова А.Г., Жезлова Л.Я. Методические рекомендации по профилактике суицидальных действий в детском и подростковом возрасте. – М., 1978
4. Акопян К.В. Самоубийство: проблема мотивации /Пихологический журнал. – 1996. - №3. – С.153-158
5. Бердяев Н.А. О самоубийстве – М.: Издательство МГУ, 1992
6. Бойко О.В. Гендерные различия суицидального поведения //Социокультурный анализ гендерных отношений. Сб.науч.тр. /Под ред. Е.Р. Ярской-Смирновой. – Саратов, 1998
7. Ведрин Ж., Вебер Д. Можно ли оценить риск суицида //Социальная клиническая психиатрия. – 1997. - №3. – С.69-73
8. Дюркгейм Э. Самоубийство: социологический этюд. – М.: Мысль, 1994
9. Змановская Е.В. Девиантология: (Психология отклоняющегося поведения): Учеб. Пособие для студ. Высш. учеб. заведений. – М.: Издательский центр «Академия», 2003
10. Комилова М.Д., Расулов С.Х., Каримзода М.И. Девиантология. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2021
11. Меннингер К. Война с самим собой /Перевод Ю.Бондарева. – М.: Изд-во ЭКСМО – Пресс, 2000– С.202-203
12. Оғозода Н. Кумаки психологию иҷтимоӣ ба наврасони дорои майл ба рафтори суитсидӣ. Дастур барои тренерҳо. – Душанбе: ЮНИСЕФ, 2018
13. Павлов И.П. О самоубийствах //Вестник РАН. – 1999. - №1. – С.58-61
14. Психология. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ /Зери таҳрири М. Давлатов. – Душанбе, 2010
15. Саидов Б.Х. Худкушӣ: назари динҳои ҷаҳонӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2017.- №3\4. -С. 218-220.

## ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ҶАНБАҲОИ ЭТНИКӢ-ФАРҲАНГИИ РАФТОРИ СУИСИДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои этникию фарҳангии рафтори суисидӣ аз ҷиҳати психологӣ мавриди таҳлили қарор гирифтаанд. Қайд карда шудааст, ки омили рафтори суисидиро муҳити носолими муносибатҳо дар оила, мактаб ва ҷомеа, инчунин дараҷаи пасти мутобиқшавандагии иҷтимоии шахс ва дигар ҳолатҳои ба некуаҳволии ичтимоию психологии шахс таъсири манфӣ расонанда ташкил медиҳанд.

Феълан рафтори суисидӣ яке аз масъалаҳои доғи рӯз дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ маҳсуб меёбад. Муаллифон дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши вазъият дар кишвар як қатор хусусиятҳои ҷанбаҳои этникию фарҳангии ба ҷомеаи тоҷикистонӣ хосбударо ошкор кардаанд. Аз ҷумла, бартарӣ доштани шумораи худкушиҳо дар деҳот нисбат ба шаҳр, зиёд будани худкушиҳои анҷомшуда дар занҳо нисбат ба мардҳо, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани падару модар, тобеънамоии аз ҳад зиёди ҳаёт ва рафтори худ ба меъёрҳои фарҳангию ахлоқӣ.

Инчунин, дар мақола роҳҳои пешгирӣ намудани рафтори суисидӣ, аз қабили истифодаи эътиқоди диннӣ, табъизҳои ба худкушӣ алоқаманд, аксуламалҳои эмотсионалии аъзои оила ва ғ. пешниҳод гардидаанд. Муаллифон ташаккул додани андешаҳои антисуисидӣ ва провиталиро ҳамчун механизми муҳими пешгирӣ намудани рафтори суисидӣ пешниҳод менамоянд.

**Калидвожаҳо**: *худкушӣ, рафтори суисидӣ, оила, ҷанбаҳои этникию фарҳангӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ, некуаҳволии иҷтимоию психологӣ, пешгиринамоӣ.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЭТНОКУЛЬТУРНЫХ АСПЕКТОВ СУИЦИДАЛЬНОГО ПОВЕДЕНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье подвергаются психологическому анализу этнокультурные аспекты суицидального поведения. Отмечается, что фактором суицидального поведения являются неблагоприятная атмосфера отношение в семье, школа и общество, а также низкий уровень социальной адаптивности человека и другие ситуации, негативно влияющие на социально-психологическое благоприятие личности.

В настоящее время суицидальное поведение считается одной из злободневных тем в современном таджикистанском обществе. На основе анализа научной литературы и изучения ситуации в стране авторы выявили ряд особенностей этнокультурного аспекта, характерных для таджикистанского общества. В частности, преобладание числа самоубийств в сельской местности, чем в городах; высокий показатель завершенных самоубийства среди женщин; трудовая миграция обоих родителей; чрезмерная зависимость жизни и поведения от культурно-нравственных норм.

Также в статье рассматриваются способы профилактики суицидального поведения, такие как использование религиозных убеждений, общественное мнение, связанное с суицидом, эмоциональные реакции членов семьи и др. В качестве важного механизма профилактики суицидального поведения авторы предлагают формирование антисуицидальных и провитальных мыслей.

**Ключевые слова**: суицид, суицидальное поведение, семья, этнокультурные аспекты, социальная адаптация, социально-психологическое благополучие,профилактика.

## PSYCHOLOGICAL ANALYSIS OF ETHNOCULTURAL ASPECTS OF SUICIDAL BEHAVIOR IN TAJIKISTAN

In this article, the ethno-cultural aspects of suicidal behavior are subjected to psychological analysis. It is noted that the factor of suicidal behavior is the unfavorable atmosphere in family relationship, school and society, also the low level of social adaptability of a person and other situations, that negatively affect the socio-psychological well-being of the individual.

Currently in present time, suicidal behavior is considered one of the hot topics in modern Tajik society. Based on analysis of scientific literature and studying the situation in the country, the authors have identified a number of features of ethno-cultural aspect, that are characterised for Tajik society. In particular, the predominance of suicides number in rural areas than in cities; higher rate of completed suicide in women than in men; labour migration of both parents; excessive dependence of one's life and behavior on cultural and moral norms.

The article also discusses the ways of preventing suicidal behavior, such as useing of religious beliefs, the discrimination associated with suicide, emotional reactions of family members, etc. The authors suggest formation of anti-suicidal and pro-vital thoughts as an important mechanism for preventing a suicidal behavior.

**Key words**: *suicide, suicidal behavior, family, ethno-cultural aspects, social adaptation, socio-psychological well-being, prevention.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Расулов Сайфидин Худоиевич – н.и.с., дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru*

**Сафарова Заррина Раҷабовна** – *н.и.п.с., омӯзгори калони кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 930446669, 901108280 zarina.safarova/1984@mail.ru*

**Сведения об авторах:** *Расулов Сайфидин Худоиевич – к.п.н., доцент кафедры психологии Таджикского Национального Университета. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru*

**Сафарова Заррина Раджабовна** – *к.п.с.н., старший преподаватель кафедры психологии Таджикского Национального университета. 930446669, 901108280, zarina.safarova/1984@mail.ru*

**Information about authors:** *Rasulov Saifiddin KHudoievich - Candidate of political sciences, Associate Professor of Psychology chair in Tajik National University. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru*

**Safarova Zarina Radjabovna**, *candidate of psychological sciences, senior lecturer of Psychology chair in Tajik National University. 930446669, 901108280, zarina.safarova/1984@mail.ru*

## ТАҲЛИЛИ АЛОҚАМАНДИИ ДИАЛЕКТИКИИ МУНОСИБАТИ ОМӮЗГОР ВА ДОНИШҶӮ ҲАМЧУН СУБЪЕКТ ВА ОБЪЕКТИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

***Қурбонов А. Ш.,***

**Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Талбакова Н. Қ.***

**унвонҷуи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз омилҳои муайянкунандае мебошанд, ки ба камолоти касбӣ ва ахлоқии шахс таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, муваффақияти фарди алоҳида, ташаккули ӯ ҳамчун шахсият ва рушди мусбати тамоми ҷомеа бевосита аз сифати таҳсилоти касбии мавҷуда вобаста аст.

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба тағйирёбии ҷомеа педагогикаи муосир низ принсипҳои худро тағйир медиҳад. Таъсири фаъолияти яктарафае, ки дар педагогикаи авторитарӣ қабул шудааст, бо амали мутақобилаи ба фаъолияти муштараки омӯзгор ва донишҷӯ асосёфта иваз карда мешавад. Параметрҳои асосии он муносибат, дастгирӣ, боварӣ ва ғайра мебошанд. Дар ин раванд муносибати инсондӯстонаи омӯзгор ва шогирд ба мадди аввал мебарояд. Моҳияти гуманизатсияи таълим низ ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ маҳз дар эътироф намудани шахсияти хонанда зоҳир мегардад.

Моҳияти ҳамкории педагогӣ таъсири бевосита ё бавоситаи субъектҳои ин раванд ба ҳамдигар буда, робитаи мутақобилаи онҳоро ба вуҷуд меорад [6]. Яъне донишҷӯ на танҳо объекти омӯзиш аст, ки ба он таъсир мерасонад ва ба он талабот ё пешниҳодҳои муайян гузошта мешавад, балки субъекти раванди таълим мебошад. Ва ин имкон медиҳад, ки шахс на танҳо дар соҳаи маърифатӣ, касбӣ, эмотсионалӣ-ихтиёрӣ, балки дар соҳаи шахсӣ низ тағйир ёбад.

Чеҳраи асосии раванди Болония, бешубҳа, донишҷӯ маҳсуб мешавад. Дар системаи Болония, донишҷӯ аллакай нақши торафт муҳимро мебозад, ки ин, бешубҳа, ба ҷараёни раванди таълим таъсири назаррас мерасонад. Дар баёнияи Прага (2001) таъкид шудааст, ки донишҷӯён "аъзои комили ҷомеаи таҳсилоти олӣ" мебошанд. Акнун ба он умед бастан мумкин нест, ки мавқеи худи омӯзгори донишгоҳ метавонад таъсири ӯро ба донишҷӯӣ пурра муайян мекунад.

Синну соле, ки донишҷӯ дар донишгоҳ таҳсил мекунад, мансуб ба давраи ҷавонӣ мебошад. Калимаи «ҷавонӣ» марҳилаи гузариш аз «кӯдакии вобаста» ба «камолоти мустақил» ва масъулиятнокро ифода мекунад, ки аз як тараф расидан ба камолоти ҷисмонӣ, аз ҷумла ҷинсӣ ва аз ҷониби дигар, расидан ба камолоти иҷтимоиро дар назар дорад. [6].

Синни 18-20-солагӣ давраи фаъолтарини инкишофи ҳиссиёти ахлоқию эстетикӣ, ташаккул ва устувор гардидани характер ва аз ҳама муҳиммаш, азхудкунии тамоми нақшҳои иҷтимоии одами калонсол: шаҳрвандӣ, касбӣ, меҳнатӣ, тарбиявӣ ва гайра мебошад.

Тадқиқоте, ки ба шахсияти донишҷӯ бахшида шудаанд, номутобиқатии ҷаҳони ботинӣ, душвории дарёфти шахсияти худ ва ташаккули шахсияти дурахшон, фарҳанги баландро нишон медиҳанд [3].

Аз як тараф, инкишофи нерухои фикрӣ ва чисмонӣ, аз тарафи дигар, дида натавонистани пешомадҳои ин тараққиёт ва боварии беасос ва хато ба осонӣ расидан ба оияндаи дилхох.

Аксар вақт хатари беасос, нотавонии пешгӯйӣ кардани оқибатҳои амали худ, ки на ҳамеша ба ангезаҳои арзанда асос ёфтаанд. Тавре ки В.Т.Лисовский қайд мекунад, ки 19—20-солагӣ давраи

фидокориҳои беғаразона ва комил, ҳамчунин, зуҳуроти манфӣ низ мебошад. Баҳои возеҳи “ман”-и идеалӣ ва воқеӣ, ки метавонад дар хонанда шубҳои ботиниро ба вуҷуд биёрад ва баъзан бо хашмгинии беруна, ғазаб ва ё эҳсоси нофаҳмӣ ҳамроҳӣ кунад, вуҷуд надорад. Ба саволи анкета "Дар айни ҳол шумо кадом хатарро бештар эҳсос мекунед?" — аксар вакт чавоб медоданд: нодуруст фахмидан. Ва ин, қабл аз ҳама, хоси донишҷӯёни курсҳои якум ва дуюм мебошад.

Қобилиятҳои асосии психологии синну соли донишҷӯйӣ (18-25 сола) чунин аст:

-камолоти ақлӣ, ахлоқӣ;

-ҳиссиёти нав - далерӣ, қатъият;

-қобилияти шавқманд будан - оптимизм;

-мустақилият - ростгӯйӣ;

-танқид ва худтанқидкунӣ. Худбаҳодиҳӣ номувофиқ аст, ки номуайянии дохилиро ба вуҷуд меорад, ки бо дағал ва ғазаб ҳамроҳ мешавад.

-муносибати шубҳанок, танқидӣ, киноя нисбат ба омӯзгорон ва низоми муассисаи таълимӣ.

Максимализм ва танқид, муносибати манфӣ нисбат ба ақидаи пирон нигоҳ дошта мешавад. Қабул надоштани риёкорӣ, хушомадгӯйӣ, дағалӣ, хоҳиши ба доду фарёд таъсир расонидан ё ҳал намудани масъалаҳои пешомада.[7]. Ҳамаи инро ҳангоми кор бо донишҷӯён ва махсусан курсхои 1—2 ба назар гирифтан лозим аст.

Қонуниятҳои берунаи омӯзиш ҳамеша дар муошират сурат мегиранд ва ба равиши шифоҳӣ-фаъолиятӣ асос ёфтаанд. Қонунияти дохилии таълим муносибати байни омӯзгор ва донишҷӯ, инчунин, маънии раванди таълимро баррасӣ мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки омӯзгори муассисаи таҳсилоти олӣ комилан таҳти боварӣ қарор дорад ва тамоми рафтору амали ӯ аз нигоҳи тарбиявӣ дуруст, мақсаднок ва асоснок дониста мешавад. Чунин боварӣ ба зиммаи ӯ масъулияти калон гузошта, талабот нисбат ба дониши илмӣ ва маҳорати педагогии ӯ боз ҳам баландтар мегардад. Зимни назарсанҷӣ дар байни донишҷӯёни коллеҷҳо ба саволи «Агар шумо эътироф кунед, ки дар раванди таҳсил дар коллеҷ баъзе хислатҳои мусбати шахсияти худро пайдо кардаед, пас муайян кунед, ки кадом омилҳо ба ин мусоидат кардаанд?» муроҷиат намудем, ки дар натиҷа 50 фоизи мусоҳибон дар ин раванд нақши омӯзгорро муҳим арзёбӣ намуданд. Аз 45 фоизи боқимонда, ки саҳми шахсияти омӯзгорро дар раванди таълим камтар нишон додаанд, 25 фоизи онҳо омили дигар – услуб ва усули таълимро дар ин самт муҳим шумориданд.

Ин ҷо сухан на дар бораи услуби авторитарии таълим, балки дар бораи он меравад, ки шахсияти омӯзгор, рафтор ва фаъолияти шахсии ӯ дар раванди таълим ба ташаккули касбӣ ва одобу муоширати донишҷӯён чи гуна таъсир мерасонад. Аз ҷумла, ҷавоби донишҷӯ ба саволи анкета ҷиҳати омӯзиши муносибати донишҷӯён ба таълиму тарбия дар ҷараёни таҳсил чунин аст: «Агар омӯзгор мутахассиси хуб бошаду хуб таълим диҳад, ҳадди ақал ин эҳтиром ба ҳамон фанни таълимӣ ва майли мутахассис шуданро бедор месозад». Ҳамин тавр, услуби таълим бо шахсияти омӯзгор алоқаи ногусастанӣ дорад. Усули таълим бояд тавре истифода шаванд, ки ба донишҷӯён на танҳо ҷиҳати аз худ кардани дониш, балки инчунин, барои муҳофизат намудани нуқтаи назари худ низ кӯмак кунанд.

Донишҷӯй бояд мустақилона омӯхтанро ёд гирад, муаллим бошад, асосноккунии идоракунии таълим, яъне хавасманд намудан, ташкил кардан, ҳамоҳанг сохтан, маслиҳат додан, назорат карданро омӯзад. Дар ҷараёни таҳсил бедор намудани ҳавасмандӣ, зеҳн, мустақилият, коллективизм, майл, қобилияти худидоракунии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ бояд роҳандозӣ шуда, инкишоф ёбад. Ин ба донишҷӯй имконият медиҳад, ки зимни фаъолият аз худ бохабар бошад, дараҷаи азхудкунии донишро худаш муайян кунад, дар донишу малакаи худ камбудиҳоро ошкор намояд.

Донишҷӯён, ҳамчун мутахассисони ҷавони оянда бояд мустақилона азхудкунии иттилооти мунтазам навшавандаро омӯзанд. Аз ин рӯ, рушд ва таҳкими диққат, хотира, тафаккур дар ҷойи аввал меистад. Масалан, вақте ки роҳи ҳалли масъалаҳои амалӣ дар асоси моделсозии объектҳои фаъолияти меҳнатӣ амалӣ карда мешавад, дар натиҷаи он дар вазъияти додашуда модели маҷмуи амалҳои пешниҳодшуда (нақшаи амалиёт) ташаккул меёбад, ки маҳз тафаккури оперативӣ расидан ба мақсади дар пеш гузошташударо таъмин менамояд. Аз ин рӯ, тафаккури фаврӣ вазифаи муайян кардани вазъияти мушкилот ва маҷмуи дигаргуниҳои равонӣ ва амалии онро дар бар мегирад.

Дар машғулиятҳо аз рӯйи чунин фанҳо – «Психология», «Психология ва педагогика» усулҳои гуногуни таълим истифода мешаванд. Масалан, суҳбат, ки ба усулҳои таълими шифоҳӣ дахл дорад. Ин усул бо фикру мулоҳизаҳои донишҷӯён фарқ мекунад. Баҳс дар асоси ҳамкории «омӯзгор-шогирд» сурат мегирад. Саволҳои асосӣ, иловагӣ ва пешбарӣ барои омӯхтани истилоҳот ё консепсияи нав аз мавзуъ ва баъдан, тамоми мавзуъ кумак мекунанд. Моҳияти метод аз он иборат аст, ки иттилоот ба

донишҷӯён ҳатман дар шакли ташаккулёфтааш намерасад, балки худи онҳо бояд бо ёрии саволҳои муаллим хулоса бароранд.

Ҳар як намуди шуғл эҷодкорӣ, фаъолнокии зеҳнии донишҷӯёнро ба миён оварда, имкон медиҳад, ки воситаҳои нав эҷод ва таъсис дода шуда, ҳадафҳои нав ба миён гузошта шаванд. Дар натиҷа ҳамбастагии шахсияти донишҷӯй ва фаъолияти таълимию маърифатӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид аз усуле истифода бурдан лозим аст, ки на танхо майлу рағбати донишҷӯёнро нисбат ба фан ташаккул диҳад, балки ҳисси вазифаю масъулиятро низ инкишоф диҳад.

Донишҷӯён дар раванди таълим бояд чунин хулосаеро ҳосил намоянд, ки ташаккули сифатҳои диққат, хотира, тафаккур ба онҳо имкон диҳад иттилооти мунтазам навшавандаро мустақилона аз худ намоянд, чунин қобилият ва малакаҳоеро инкишоф диҳанд, ки пас аз хатми таҳсил ҳам барои қафо намондан аз прогресси босуръати илму техника мусоидат намоянд. Ҳамчунин, ташаккули чунин хислатҳо, монанди мақсаднокӣ, масъулиятшиносӣ, суботкорӣ, фаъолнокӣ ва ғ. барои ба узви арзандаи ҷамъият табдил ёфтани онҳо кумак хоҳанд расонд.

Лекин танҳо бо чунин андешаҳо маҳдуд шудан лозим нест. Агар муаллими фориғбол ва бемасъулият моҳияти ченакҳо ва меъёрҳои ахлоқиро ҳатто хеле моҳирона баён кунад, дар бораи муносибати софдилона ба меҳнат ҳарф занад ҳам, метавонад дар байни донишҷӯён шакку шубҳа, аз байн рафтани эътиқод ба маънои суханони олиро ба вуҷуд оварда, ба фаъолияти ҷамъиятии онҳо халал ворид кунад. Маҳз дар ин хусус хонандагон кори омӯзгорони худро таҳлил намуда, хулосаҳои худро менависанд. Аз ин рӯ, ҳангоми машгулиятхо, лекцияхо, семинарҳо ё машғулиятҳои амалӣ робитаи психологӣ бо донишҷӯёнро нигоҳ доштан зарур аст.

Агар дар раванди таҳсил дилгирӣ, нороҳатӣ ва маҷбурӣ пайваста эҳсос карда шавад, пас бо итминони комил метавон гуфт, ки ҳеҷ кас бо майлу хоҳиши том ба ин амал машғул намешавад. Ҳол он ки таҳсил дар ҳама синну сол метавонад бо шавқу ҳавас ва ҳаловати махсус идома ёбад.[3]

Ташаккули донишҷӯ ҳамчун шахс, ҳамчун субъекти фаъолият вазифаи муҳимтарини ҳар як низоми маориф буда, таҳсилотро ҷузъи асосии он донистан мумкин аст [1]. Дар ҷараёни таҳсил ба донишҷӯён додани на танҳо дониш дар бораи асосҳои илм, балки инкишоф додани сатҳи шуурнокӣ ва тафаккури мантиқии онҳо бояд ҳадафи асосӣ бошад. Ҳар як усули таълим бояд на танҳо таъсири омӯзишӣ, балки ҳавасмандкунанда низ дошта бошад. Он гоҳ инкишофи зеҳнӣ, доираи дарку эҳсосот, эътимод ба худ, муносибати мусбат ба воқеияти атроф, мустақилият таъмин хоҳад гашт.

Бояд зикр намуд, ки марҳалаи имрӯзаи рушди назарияи тарбияи ахлоқӣ ва такмили минбаъдаи он дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бе омӯзиши донишҷӯи муосир чун объекти тарбияи ахлоқӣ ғайриимкон аст.

Албатта, ин маънои мавҷуд набудани ирсият дар байни наслҳоро надорад. Аммо ҷавонони муосир (солҳои 2000-ум ин тараф) зимни ҳифз ва такмили хусусиятҳои ирсият дар заминаи мавқеҳои асосии ахлоқӣ, аз ҷавонони солҳои 80-90-уми қарни гузашта хеле фарқ мекунанд.

Вазифаи ба вуҷуд овардани намунаи идеалии системаи сифатҳои ахлоқиро ҳанӯз дар замони худ А.С.Макаренко ба таври равшан матраҳ намуда буд. Вай зимни тавсифи намунаи идеалии тарбия, огоҳ намуда буд, ки ӯро барои пойбандӣ ба стандартҳои педагогӣ маломат хоҳанд кард: «…Барои ман ин савол вуҷуд надорад, ки оё тарбиягири ман аз ин ҷо чун шахси ҷасур мебарояд, ё ман бояд тарсончакро тарбия намоям. Ин ҷо ман риояи стандартро ҷоиз медонам». [5]

Аз нигоҳи назарияи тарбияи ахлоқӣ барои аниқ кардан ва мушаххас сохтани ҳадафҳои тарбияи ахлоқӣ, қабл аз ҳама, ба вуҷуд овардани намунаи сифати ахлоқӣ зарур аст. А.С. Макаренко навиштааст: «Таҳти ҳадафи тарбия ман хислати инсониро мебинам ва зимнан, дар мафҳуми хислат ман тамоми мазмуни шахсият, яъне ҳам хислати зоҳирӣ, ҳам эътиқоди ботинӣ, ҳам тарбияи сиёсӣ, ҳам дониш ва умуман, тамоми манзараи шахсияти инсониро дохил мекунам». [5]

Хислати инсон дар фаҳмиши ҳамаҷонибаи он зоҳиршавии шахсияти вай, одат, сифатҳои ахлоқӣ, яъне тамоми хусусиятҳои фардии вай дар ягонагӣ зоҳир мешавад. А.Ф. Шишкин навиштааст: «Бо вуҷуди гуногуннавъии хислатҳои инсонӣ, дар хислати шахс омили асосӣ маҳз сифатҳои ахлоқии вай мебошад». [11.161]

Тамоми хусусиятҳои хислати дорои мазмуни муайяни ахлоқӣ дар айни замон сифатҳои ахлоқии шахсият низ мебошанд. Тасодуфӣ набуд, ки В.А. Сухомлинский бо ишора ба тарбияи гражданӣ гуфта буд: «Ин асос, меҳвари тамоми кори тарбиявӣ мебошад. Сухан дар бораи ташаккули эътиқоди мустаҳками гражданӣ меравад…». [8]

Дуруст матраҳ кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо фақат заминаи тарбияи самараноки ахлоқӣ мебошад. Амалисозии онро бояд худи раванди тарбия, яъне маҷмуи шароит, омилҳо, усул, методҳо, шаклҳо, равишҳои таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори тарбиягиранда анҷом диҳад.

Г.И. Шукина методи тарбияро чун тарзи тарбияи ҳадафмандонаи педагогӣ ва таъсирасонӣ ба шуури рафтори тарбиягирандагон муайян намуда, чунин мешуморад, ки нишондиҳандаи асосии мафҳуми метод дарк ва тағйири воқеият аз тарафи тарбиягирандагон мебошад. [12, 32]

То кунун сухан дар бораи омилҳои берунии таъсиррасонӣ ба шахсияти донишҷӯ мерафт. Аммо ҳеҷ як аз вазифаи тарбияи ахлоқӣ бе худтарбиякунӣ иҷро шуда наметавонад. Маҳз барои ҳамин, оид ба проблемаи ташаккули сифатҳои ахлоқии мутахассиси оянда сухан гуфта, набояд дар бораи проблемаи худтарбиякунӣ чун муҳимтарин шарти баланд бардоштани самаранокии тарбияи ахлоқӣ сукут кард.

Маълум аст, ки неруи муҳимми ботинии рушди ахлоқии шахсият худтарбиякунӣ мебошад, ки ҳанӯз аз синни наврасӣ ва навҷавонӣ оғоз меёбад, аммо маҳз солҳои донишҷӯӣ имкониятҳои навро барои амалисозии комилтар ва бошууронаи ин раванд боз мекунад, ки қабл аз ҳама, бо болоравии худшиносии шахси ҷавон ба зинаи баландтар, бо худназоратӣ, худтанзимкунӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва бо инкишофи зеҳну иродаи шахсият алоқаманд аст.

Худтарбиякунии ахлоқӣ аллакай то хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ натиҷаи муайян медиҳад. Чунин натиҷа сатҳи ташаккули ахлоқии шахсият ва сифатҳои ахлоқӣ мебошад. Дар ҷараёни таҳсил дар мактаби олӣ раванди ҷалби шахсият ба ҷомеа, худмуайянкунӣ ва худсозии вай идома меёбад, «арзёбии нави арзишҳо» рӯй медиҳад, ки бо интихоб ва азхуд кардани касби оянда алоқаманд аст ва то андозае идеалҳои ҷавонони донишҷӯро «аниқ мекунад», муайян менамояд ва ташаккул медиҳад. Қабули бошууронаи идеалҳои ахлоқии фаъолияти касбӣ донишҷӯёнро ба ташаккул додани сифатҳои ахлоқӣ дар худ ҳидоят мекунад, яъне ба фаъолсозии худтарбиякунӣ раҳнамоӣ мекунад.

Умуман, метавон гуфт, ки хусусиятҳои иҷтимоӣ – психологӣ, синнусолии донишҷӯӣ ҳузури шахсият дар мактаби олӣ ва коллеҷҳо ба сурати фавқулода ҷолиб ва дар айни замон, барои худтарбиякунии ахлоқӣ масъулиятнок менамояд.

Вобаста ба ин метавон гуфт, ки бедор намудан ва рушди устувори тарбиякуни ахлоқӣ дар ҷавонони донишҷӯ яке аз муҳимтарин вазифаи кори таълимӣ – тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ маҳсуб шуда, он бевосита тавассути алоқамандии бевосита ва диалектикии байни донишҷӯ ва омӯзгор сурат мегирад.

**АДАБИЁТ:**


1. Арабов И.А. Семья и этнокультурные традиции воспитания семьянина. – М.: Педагогика, 2004 – 104 с.
2. Н. В. Бордовская, А. А.Реан. Педагогика: Учебник для вузов. – СПб: Питер, 2004.
3. 3.Р. М. Грановская. Элементы практической психологии. 5 изд., испр. и доп. – СПб: Речь, 2003.
4. 4.Кон И.С. Психология ранней юности: Кн. для учителя. – М. Просвещение, 1989.
5. 5.Лутфуллоев М. Инсон ва тарбия. - Душанбе, 2008. – 320 с.
6. 6.Макаренко А. С. Соч. – Т.4. - М., 1958, - С.361.
7. 7.Педагогика: теории, системы, технологии: учебник для студ. высш. и сред. учеб. заведений[С. А.Смирнов, И. Б.Котова, Е. Н.Шиянов и др.]; под ред. С. А. Смирнова. – 8 изд., стер. – М.: Издательский центр “Академия”, 2008.
8. 8.Столяренко Л.Д. Основы психологии: учебное пособие, изд. 18. – Ростов н/Д: Феникс. 2007.
9. 9.Сухомлинский В.А. Но гражданином быть обязан //Неделя.* 1974. - №45.
10. 10.Талбаков К.Ч. Единство идейно-политического и нравственного воспитания студентов при обучении иностранному языку. -Куляб: КГПИ им. Рубаки, 1991. - 21 с.
11. 11.Целикова О.П. Коммунистический идеал и нравственное развитие личности. - Л„ 1970. – С. 161.
12. 12.Шишкин А. Ф. Основы марксистской этики. – М., 1961.
13. 13.Педагогика школы: Учеб. пособие для студентов пед ин-тов /Под ред. Г.А. Шукиной. –М.: Просвещение, 1987.


## ТАҲЛИЛИ БОҲАМАЛОҚАМАНДИИ ДИАЛЕКТИКИИ МУНОСИБАТИ ОМӮЗГОР ВА ДОНИШҶӮ ҲАМЧУН СУБЪЕКТ ВА ОБЪЕКТИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Фаъолияти омӯзгор ба мақсади тарбияи ахлоқии донишҷӯён бе муносибати илмӣ – тадқиқотӣ ба раванди таълиму тарбия, бе истифодаи адабиёти илмӣ ба ҳадафи баланд бардоштани омодагии касбӣ ва бе таҳлили мунтазами кори худ ва фаъолияти ҳамкорон имконнопазир хоҳад буд. Ин ҷузъи тадқиқотии фаъолияти педагогӣ маҳсуб шуда, маҳз тавасути мавҷудияти равобити диалектикии байни омӯзгор ва донишҷӯй сурат мегирад. Зимни омӯзиши масъала баъзе усуле ба назар гирифта мешаванд, ки шавқу рағбати донишҷӯёнро ба фанни таълимӣ ташаккул медиҳанд, равандҳои маърифатӣ, монанди таваҷҷуҳ, хотира, тафаккурро инкишоф медиҳанд, ҳисси вазифаю масъулиятшиносиро бедор менамоянд. Дар мақола масъалаи рушди тафаккури ахлоқии донишҷӯй дар асоси сифатҳои шахсии ӯ

ҳамчуни субъект ва объекти ҷараёни таълиму тарбия, инчунин, муносибати диалектикии омӯзгору донишҷӯй дар ин раванд мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** *субъект ва объекти талиму тарбия, фаъолият, инкишоф, усул, донишҷӯй, омӯзгор, таҳсилоти касбӣ, мактаби олӣ, коллеҷ, тарбияи ахлоқӣ, худтарбиякунӣ, ахлоқ.*

## АНАЛИЗ ДИАЛЕКТИЧЕСКОЙ КОММУНИКАЦИИ ОТНОШЕНИЙ ПЕДАГОГА И УЧЕНИКА КАК СУБЪЕКТА И ОБЪЕКТА УЧЕБНО-ВОСПИТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА

Деятельность преподавателя по нравственному воспитанию учащихся будет невозможна без научно-исследовательского подхода к процессу воспитания и обучения, без использования научной литературы в целях повышения профессиональной подготовки, без систематического анализа своей собственная работа и деятельность коллег. Это считается исследовательской составляющей педагогической деятельности и происходит именно благодаря существованию диалектических отношений между учителем и учеником. При изучении проблемы учитываются некоторые методы, которые формируют у студентов интерес к учебному предмету, развивают познавательные процессы, такие как внимание, память, мышление, пробуждают чувство долга и ответственности. В статье анализируется вопрос развития нравственного мышления учащегося на основе его личностных качеств как субъекта и объекта процесса воспитания и обучения, а также диалектические отношения между учителем и студентом в этом процессе.

**Ключевые слова:** *субъект и объект образования, деятельность, развитие, метод, студент, преподаватель, профессиональное образование, вуз, колледж, нравственное воспитание, самовоспитание.*

## ANALYSIS OF THE DIALECTIC COMMUNICATION RELATIONS OF THE TEACHER AND STUDENT AS A SUBJECT AND OBJECT OF THE EDUCATIONAL PROCESS

The activity of a teacher in the moral education of students will be impossible without a research approach to the process of education and training, without the use of scientific literature in order to improve professional training, without a systematic analysis of one's own work and the activities of colleagues. This is considered a research component of pedagogical activity and occurs precisely due to the existence of dialectical relations between the teacher and the student. When studying the problem, some methods are taken into account that form students' interest in the subject, develop cognitive processes, such as attention, memory, thinking, awaken a sense of duty and responsibility. The article analyzes the development of the student's moral thinking on the basis of his personal qualities as the subject and object of the process of education and training, as well as the dialectical relationship between the teacher and the student in this process.

**Key words:** *subject and object of education, activity, development, method, student, teacher, vocational education, university, college, moral education, self-education.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Талбакова Навбахор Курбоновна-унвонҷуи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон адрес: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2.*

**Курбонов Абдурахмон Шерович** – *доктори илмҳои фалсафа, сардори Раёсати масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 89.*

**Сведения об авторах:** *Курбонов Абдурахмон Шерович – доктор философских наук, начальник Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 89.*

**Талбакова Навбахор Курбоновна** - *соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. А. Адхамов 11/2.*

**Kurbonov Abdurakhmon Sherovych** – *doctor of philosophy science, Hea of the "Department of analysis of social problems" of the Center for Strategic Researches under the President of the Republic of Tajikistan, address: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 89,*

**Talbakova Navbakhor Kurbonovna-** *applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. A. Adhamov 11/2.*

# ХУСУСИЯТҲОИ МУТОБИҚШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМ БА ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБӢ

*Хайруллоева К. И.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Омӯзиши масъалаҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни курси якум ба низоми таҳсилот яке аз масъалаҳои рӯзмараи мактабҳои олӣ мебошад, чунки маҳз дар бахши аввал муносибатҳои ҷавонон нисбати донишандӯзӣ ба шакли муайян даромада, фаъолияти ояндаи касбии онҳо ташаккул меёбад ва онҳо ба "ҷустуҷӯйи фаъолии худ" оғоз мебахшанд. Дохил гардидани ҷавонон ба системаи омӯзиши мактабҳои олӣ, ба даст овардани мавқеи нави иҷтимоӣ аз донишҷӯён коркарди нави рафтори шахсиро талаб мекунад, ки минбаъд ба дараҷаи баланди дигаргун шудани мавқеи нави онҳо дар байни шарикдарсон имконият медиҳад. Бо вуҷуди ин хусусияти ҷараёни мутобиқгардонии донишҷӯён дар мактабҳои олӣ бо тафовути усули омӯзишии онҳо муайян карда мешавад, яъне чӣ гунае, ки дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ муносибатҳои шахсияти байниҳамдигарӣ вуҷуд доштанд, дар мактабҳои олӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Ҷанбаҳои психологии мутобиқшавии наврасону ҷавонон дар асарҳои Ананев Б.Г., Берёзина Ф.Б., Выготский Л.С., Корел Л.В., Леонтев А.А., Медведева В.И., Петровский А.В., Рубинштейн Л. ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти психологӣ-педагогиро доир ба масъалаҳои мазкур ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки се намуди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба шароит ва низоми мактабҳои олӣ мавҷуд аст:

- мутобиқшавии расмии донишҷуён, ба қобилияти идроку даркнамоии донишҷӯён алоқаманд буда, доир ба муҳити нав, ба сохтори таркибии мактабҳои олӣ, ба раванди таҳсилу тадрис дар наздамон талаботу уҳдадориҳои худро мегузорад;
- мутобиқшавии иҷтимоӣ, яъне ҷараёни якҷояшавӣ ва барқарор намудани муоширату муносибатҳо байни гурӯҳҳои донишҷӯёни курси якум ва муттаҳидшавӣ дар муҳити атроф;
- мутобиқшавии дидактикӣ – ин тайёр намудани донишҷӯён ба шаклҳои нави омӯзишӣ дар мактабҳои олиро ташкил медиҳад.

Мутобиқшавии донишҷӯён як раванди мураккаб, динамикӣ, бисёрсатҳа ва гуногунпаҳлуи таҷдиди сохтори эҳтиёҷот – маҷмуи малакаҳо, қобилиятҳо ва одатҳо мувофиқ ба вазифаҳо, мақсадҳо, дурнамои фаъолиятҳо дар шароити нави онҳо мебошад. Қисми зиёди ҳолатҳои мутобиқшавӣ ҳангоми дохил шудан ба донишгоҳҳо дар натиҷаи тағйирёбии шароити мувофиқ барои давом додани таҳсил ба вуҷуд меояд. Ин ҷанбаи мутобиқшавиро мутобиқшавии дидактикӣ меноманд, ки он мутобиқ шудан ба шаклу усулҳои нави фаъолияти таълимӣ мутобиқ шаклҳои нави назоратро дар бар мегирад. Мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум бо комёбиҳои илмии оҳо олоқамандии зич дорад. Мақсади мутобиқшавии дидактикӣ иборат аз инкишоф додани усули оптималии ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯёни аз як тараф, бо назардошти хусусияти шароити таълим, аз тарафи дигар, вижагиҳои фаъолияти маърифатӣ дар давраи ҷавонӣ мебошад.

Муваффақияти таҳсилоти донишҷӯён аз омилҳои зиёде вобаста аст, ки яке аз муҳимтаринашон қобилияти ақлию зеҳнӣ ӯ буда, он ҳамчун нишондиҳандаи инкишофи фаъолияти равонӣ ва мавҷудияти таваҷҷӯҳ ҳамчун вазифаи танзими фаъолияти маърифатӣ мебошад. Дар ин раванд муоширати солиму арзишманд ҳамчун намуди фаъолияти мушаххас яке аз омилҳои пешбарандаи мутобиқшавӣ мегардад. Дар ин бобат нақши калонро рушди малакаҳои муошират бозида, болоравии услубу мазмуни муоширатро талаб мекунад ва донишҷу бо мурури замон бо ёрӣ усули сершумори ҳозиразамон ба даст меорад. Яке аз роҳҳои мувофиқ барои мутобиқшавӣ ин огоҳ будан аз мушкилоти муошират ва мувофиқи қобилият бартараф кардани онҳо мебошад. Фарқи душвориҳои гуногун дар мутобиқсозии иҷтимоӣ – педагогӣ ва касбии донишҷӯён ва бартараф кардани онҳо барои ҳаёти минбаъдаи онҳо аҳамияти калон дорад.

Ҷанбаи дигари муҳимми навбатии мутобиқшавӣ ин муайян намудани нақши самтҳои арзишӣ мебошад. Таъсирнокии раванди дохилшавӣ ба касб аз як тараф фаъолона аз худ намудани дониш, малакаву маҳорати касбӣ, аз тарафи дигар бошад, далелҳо, нишондодҳо, таваҷҷӯҳи боарзиши донишҷӯ ба фаъолияти касбӣ аст, ки он ба дараҷаи таъсири муҳити иҳотакарда алоқаманд мебошад.

Мутобиқшавии касбии донишҷӯён вобаста ба он аст, ки онҳо ба касбу кор ва пешравиашон то кадом андоза аҳамият медиҳанд ва барои ноил шудан ба мақсади хеш то чӣ андоза кӯшиш кунад. Коллективҳои педагогии мактабҳои олӣ ба мушкилиҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ҳамеша диққати ҷиддӣ дода, бо роҳи кор карда баромадани маҷмуи чорабиниҳои махсуси таъсиррасонии педагогӣ- психологӣ барои бартараф намудани зиддиятҳо, мушкилот ёрӣ мерасонанд.

Асосан мутобиқшавии иҷтимоию психологии донишҷӯёни курси якум ба шароити донишгоҳ тавассути мафҳумҳои “азхудкунӣ”, “дохилшавӣ”, “ташаккулдиҳӣ”, “инклюзияи фаъол”, “тағйир ёфтани мақоми иҷтимоӣ” ва дигар категорияҳои фаъолияти объективӣ тавсиф карда мешавад. Он ҳамчун интиқоли самтҳои асосии иҷтимоӣ ва шахсии донишҷӯён муайян карда мешавад. Дар ҳолати мутобиқшавии мунтазам ба шароиту муҳити донишгоҳ донишҷӯ метавонад амалҳои минбаъдаи худро самтгирӣ менамоянд. Тадқиқотгарон масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, ҳамгирои донишҷӯ ба муҳити касбӣ ва иҷтимоии донишгоҳро дар марҳилаи аввал мусбат қабул мекунанд.

Тадқиқот нишон медиҳанд, ки донишҷӯёни курси якум на ҳамеша донишро бомуваффақият аз худ мекунанд. Сабаби он суст инкишоф ёфтани қобилияти мустақилона омӯхтан, худназораткунӣ ва баҳо додан ба амалу имкониятҳои шахсӣ, хусусиятҳои инфиродии фаъолияти маърифатӣ маҳорати дуруст тақсим накардани вақту самаранок истифода бурдани он ба ҳисоб меравад.

Мутобиқшаии иҷтимоии донишҷӯён дар донишгоҳҳо бо чунин гурӯҳҳо ҷуд мо мешаванд:

А) мутобиқшавии касбӣ, ки дар зери он мутобиқшавӣ ба мазмун, шароит ва ташкили раванди таълим, инкишофи маҳорати мустақилият дар омӯзиш ва кори илмиро дар бар мегирад;

Б) мутобиқшавии иҷтимоӣ – психологӣ, ки он дар мутобиқшавии фард ба гурӯҳ ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ вобастааст, инкишофи услуби рафтори шахсиро ташкил медиҳад.

Муваффақияти мутобиқшавии касбӣ аз хусусиятҳои фардию шахсиятии донишҷӯ, сифатҳои психологию психотипии ва хусусиятҳои индивидуалии психологию психотипии ӯ вобаста аст. Бархе аз донишҷӯёни муосир аз рӯйи касби интихобнамудаашон ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки ин гӯрӯҳҳоро чунин тавзеҳ додан мумкин аст:

Гурӯҳи аввалро донишҷӯёне ташкил медиҳанд, ки фаъолияти онҳо ба илму маориф ва касби интихобнамудааш нигаронида шудаанд. Дар ин гурӯҳ шумораи зиёди донишҷӯён дохил мешаванд, ки барояшон шавқу рағбат ба кори оянда, хоҳиши худро дар он амалӣ кардан аз ҳама асосӣ аст. Танҳо дар байни онҳо хоҳиши давом додани таҳсилоти худ дар зинаҳои магистратура, аспирантура дида мешавад. Дигар ҳамаи омилҳо барои онҳо камтар аҳамият дорад.

Гурӯҳи дуюмро донишҷӯёне, ташкил медиҳанд, ки ба тиҷорат майл доранд. Муносибати онҳо ба донишомӯзиву азхудкунии касб тамоман дигар аст. Барои онҳо таҳсилот восита ва имкониятест, ки дар оянда кушиши машғул будан ба кори шахсии худ тиҷорат ва ҳоказоро дар бар мегирад. Онҳо мефаҳманд, ки бо мурури замон соҳаи тиҷорат зиёдтар донишу маълумотро талаб мекунад, вале нисбат ба касби худ на он қадар шавқманданд, назар ба гурӯҳи якум.

Гурӯҳи сеюмро донишҷӯёне ташкил медиҳанд, ки аз як тараф онҳоро мумкин аст “номуайяншудагон” гӯем аз тарафи дигар, бо масъалаҳои гуногуни шахсӣ руҳафтода гардидаанд. Дар ҷои аввал барои онҳо масъалаҳои маишӣ, шахсӣ, манзилӣ, масъалаҳои оилавӣ меистанд. Гуфтан мумкин аст, ки ин гурӯҳи донишҷӯён, ки “бо чараён шино мекунанд, роҳи худро интихоб карда наметавонанд, онҳо ба илму донишомӯзӣ ва касбомӯзӣон қадар шавқу ҳавсе надоранд. Шояд худмуайянкунии донишҷӯёни ҳамин гурӯҳ дертар амалӣ шавад, вале тахмин кардан мумкин аст, ки ба ин гурӯҳ шахсоне ворид гаштаанд, ки барояшон худмуайянкунӣ, интихоби роҳ, мақсаддор будан хос нест.

Дар раванди мутобиқшавӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ду самтро аз ҳамдигар фарқ кардан зарур аст:

1. Мутобиқшавии биологӣ - мутобиққунонии организм ба шароити устувор ва тағйирёбандаи муҳити физикӣ.

2. Мутобиқшавии психологӣ, ки он мутобиққунонии донишҷӯро ҳамчун шахс ба узвияти ҷомеа бо назардошти талаботи ҳамин ҷомеа ва талаботу шавқу ҳавасҳои шахсӣ дар бар мегирад.

Аз таснифоти шахсияти донишҷӯ бармеояд, ки инкишофи шахсияти ӯ ҳамчун ихтисосманди оянда бо таҳсилоти олӣ ва соҳибкасб гардидан ба якчанд самт равона аст:

Эътиқодии ғоявӣ, ҷараёни устувори касбинтихобкунӣ, ки дар он қобилиятҳои зарурии касбӣ инкишоф меёбанд;

Равандҳо ва ҳолатҳои психикӣ, таҷрибаи шахсию касбии онҳо мукаммал мегарданд;

Ҳисси ухдадорӣ, масъулиятшиносӣ, мустақилияти касбӣ зиёд мегардад, фардият, мавқеи ҳаётии донишҷӯ намоёнтар мешавад;

Иддаои шахсияти донишҷӯ дар соҳаи касбиояндаи худ бештар мегардад;

Дар асоси идроки зудамалкунандаи таҷрибаи иҷтимоиву касбӣ, ки дар муддати он фаъолияти касбӣ, ташаккули хислатҳои муҳим камолоти иҷтимоӣ, тақводорӣ ва маънавӣ, матонати умумии шахсияти донишҷӯ баланд мегардад.

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидаи мо оид ба масъалаи хусусиятҳои психологии мутобиқшавии донишҷӯ ба шароити муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва хусусиятҳои шахсияти ӯ нишон дод:

Шахсияти донишҷӯ – дар ягонагии ҳамаи хусусиятҳои иҷтимоӣ – психологӣ, сохти психологӣ махсус дорад ва он дар “нишонаҳои шахсият”-и ӯ зоҳир мегардад. Мазмуну мундариҷа ва таркиби шахсияти донишҷӯ ҳамеша тағйирёбанда аст, чунки дар раванди фаъолияти таълимӣ, илмомӯзӣ, тарбия ва худтарбиякунии онҳо тағийру такмил ва ташаккул меёбанд.

Инкишофи шахсияти донишҷӯ бо ду роҳ таъмин карда мешавад: бо роҳи ташаккули шахсият дар раванди болиғшавии биологӣ (дар доираи дигаргуниҳои даврахои синусолӣ ба амаломада) ва инкишофи шахсият зери таъсири муҳити атроф (муҳити иҷтимоӣ, таълиму тарбияи махсус ташкилшуда).

Ба донишҷӯйи 18-20 сола ташаккули босуръати хислатҳо, эътиқод, самти сифатҳои шахсият, мавқеи иҷтимоӣ, ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, муносибатҳои гуногунии муносибат бо одамони атроф хос аст. Ин раванд метавонад ба тағъирёбӣ, ноустувории эътиқод, далелёбии нокифоя, истодагариҳову пайдарҳамии иҷрои амалҳо ба мақсад наздик бошад.

Инкишофи равони шахсияти донишҷӯ раванди диалектикии ба вуҷудоварӣ ва ҳалли мухолифатҳо, гузариш аз таъсири омилҳои берунӣ ба дарунӣ, худҳаракаткунӣ, фаъолона кор кардан бо майли худтакмилдиҳӣ мебошад.

Бомуваффақият мутобиқ шудан ба муссисаи аҳсилоти олӣ барои донишҷӯён пойдевори асосии шаклгирии тарзи ҳаёти солим, муносибати арзишманд ба касбу кори оянда ва таҳқурсиест, ки ҷомеаи бузурги кадрӣ барои дар он устувор будан имконият медиҳад. Дар заминаи азхудкунии системаи таърихии муносибатҳои хосси байниҳамдигарии навҷавонон ба аъзои гурӯҳи таълимӣ ва коллективи ҳамсолон ифодагари муоширати солим ва муносибатҳои дӯстона бо ҳам фаҳмида мешавад. Низому маҷмӯи муошırату муносибатҳо дар донишҷӯён – ин занҷираи пайвастае мебошад, ки минбаъд муносибати байниҳамии кормандони ояндаро бо касбҳои гуногун мепайвандад.

Яке аз масъалаҳое, ки тайи солҳои охир диққати мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ ва психологияро ба ташвиш овардааст, интихоби касбу ҳунар аз тарафи навҷавонон мебошад. Нодуруст интихоб намудани касбу ҳунар дар навбати аввал ба худи донишҷӯён осеби психологӣ мерасонад. Аз назари илмӣ исбот шудааст, ки мутобиқшавии донишҷӯён ба мактабҳои олӣ ба давраи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ вобастагии калон дорад, зеро навҷавонон худидоракунӣ, худшиносӣ ва тарзи дуруст баён кардани фикру ақидаҳояшонро маҳз дар ин муассисаҳо меомӯзанд, минбаъд онро инкишоф медиҳанд. Бинобар ин, зарурати аз нигоҳи психологӣ баррасӣ намудани ин падидаи мураккаб, яъне инкишофи равонии навҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти деҳот пеш омадааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Асеев В.Г. Теоретические аспекты проблемы адаптации. – Иркутск, 1996.
2. Андреева Д.А. Влияние адаптации студентов на учебную активность. – В кн.: Проблемы активности студентов. – Ростов-Дон: Феникс, 1995.
3. Алексеенов А. А. Социальная адаптация беженцев и вынужданных переселенцев: теоретико – методологические подходы к исследоваааанию // Труд и социальные отношения. – М. 2007
4. Андреева Д.А. О понятии адаптация. //Человек и общество: ЛГУ, 1973, с. 62-69
5. Адаптация студентов Северного Кавказа в вузах г. Самары (опыт практической работы) / Березин С.В., Козлов Д.Д., Лисецкий К.С. и др. Самара, 2004.
6. Балл Г.А. Понятие адаптации и его значение для психологии личности // Вопросы психологии, 1989. № 1.- С. 92-100.
7. Станиславчик. Л.И. Куратору, работающему с первокурсниками: Метод. пособ. / БГВПК, Барановичи, 2001.- 150 с
8. Маслоу А.,1982/ **URL: http://economics.open-mechanics.com/articles/393.pdf**
9. Постовалова Г. И. О факторах, определяющих адаптационную способность человека // Психологические и социально – психологические особенности адаптации студентов. – Ереван. 1973.


## ХУСУСИЯТҲОИ МУТОБИҚШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМ БА ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБӢ


Дар мақолаи мазкур омӯзиши масъалаҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни курси якум ба низоми таҳсилот зикр гардида, он чун яке аз масъалаҳои рӯзмараи мактабҳои олӣ баррасӣ мешавад. Маҳз дар бахши аввал муносибатҳои ҷавонон нисбат ба донишандӯзӣ ба шакли муайян даромада, фаъолиятиояндаи касбии онҳо ташаккул меёбад ва онҳо ба “ҷустуҷӯйи фаъолии

худ” оғоз мебахшанд. Дохил гардидани ҷавонон ба системаи омӯзиши мактабҳои олӣ, ба даст овардани мавқеи нави иҷтимоӣ аз донишҷӯён коркарди нави рафтори шахсиро талаб мекунад, ки минбаъд ба дараҷаи баланди дигаргун шудани мавқеи нави онҳо дар байни шарикдастон имконият медиҳад.

**Калидвожаҳо:** *психология, мутобиқшавӣ, психика, шахсият, сифати шахсият, худтарбиякунӣ, қобилият, фаъолият, рафтор, масъулиятшиносӣ, мустақилият.*

**ОСОБЕННОСТИ АДАПТАЦИИ СТУДЕНТОВ ПЕРВЫХ КУРСОВ К УСЛОВИЯМ ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ**

В данную статью включено исследование вопросов социально-психологической адаптации студентов-первокурсников к системе образования, и отмечается, что адаптация является одним из повседневных вопросов вузов, ведь именно в первой части молодые отношение людей к образованию приобретает определенную форму, формируется их будущая профессиональная деятельность, начинается их «активный поиск» Прием молодежи в систему высшего образования, обретение новой социальной позиции требует от студентов выработки нового личностного поведения, что в дальнейшем позволяет в высокой степени изменить свое новое положение среди сверстников.

**Ключевые** *слова: психология, адаптация, психика, личность, качество личности, самовоспитание, способность, активность, поведение, ответственность, самостоятельность.*

**FEATURES OF ADAPTABILITY OF FIRST YEAR STUDENTS TO THE CONDITIONS OF HIGHER PROFESSIONAL INSTITUTIONS**

This article includes a study of the issues of socio-psychological adaptation of first-year students to the education system, and it is noted that adaptation is one of the everyday issues of universities, because it is in the first part that young people's attitude to education takes on a certain form, their future professional activity is formed, begins their "active search"

The admission of young people to the system of higher education, the acquisition of a new social position requires students to develop new personal behavior, which in the future allows them to change their new position among their peers to a high degree.

**Key words:** *psychology, adaptation, psyche, personality, personality quality, self-education, ability, activity, behavior, responsibility, independence.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Хайруллоева К. И - ассистенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ..Тел:+992005554205, khairulloeva@list. ru*

**Сведения об авторе:** *Хайруллоева К. И. - доцент кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Тел: +992005554205, khairulloeva@list. ru*

**Information about the author:** *Khairulloeva K. I. - Associate Professor of the Department of General and Pedagogical Psychology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Tel: +992005554205, khairulloeva@list. ru*

# МАСЪАЛАИ АСОСНОККУНИИ МЕЪЁРҲО ВА АЛОМАТҲОИ ЛАЁҚАТИ ЗЕҲНӢ

***Абдураҳмонов Г. Н.***

**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Масъалаи ошкорнамоии меъёрҳо ва аломатҳои лаёқат аҳамияти муҳимми назариявию амалиро соҳиб аст. Он бевосита ба самаранокии ташкили раванди таълиму тарбияи кӯдакони лаёқатманд, лоиҳасозии самтҳои таълимӣ барои онҳо, инчунин татбиқи имкониятҳои барномаҳои махсуси таълимӣ барои лаёқатмандон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марбут аст.

Таърихи ташаккул ва рушди психология ҳамчун илм шаҳодат медиҳад, ки аз сарчашмаҳои ассотсионизм то нимаи аввали асри XX, ба сифати объекти таҳқиқот ба афзалият равандҳои маърифатӣ шинохта мешуданд. Натиҷаи ҳамин буд, ки масъалаи лаёқат дар қаринаи имкониятҳои маърифатии фард баррасӣ мегардид ва ба сифати аломатҳои лаёқат равандҳои маърифатӣ таҳқиқ мегаштанд.

Анъанаи таҳқиқи равандҳои маърифатӣ ба сифати нишондиҳандаи қобилиятҳои зеҳнӣ аз ҷониби сардафтари психометрика Ф. Галтон гузошта шуда буд [3]. Шогирдон ва пайравони ӯ ин анъанаро идома доданд. Масалан, Ч. Спирмен, равандҳои идрок, хотир ва тафаккурро омӯхта, ба хулосае омад,

ки зимни иҷрои босамари тестҳо барои равандҳои маърифатӣ як қобилияти умумӣ, неруи умумии равонӣ мехобад. Дар ҳамин асос ӯ амсилаи зинагии зеҳнро таҳия намуд, ки дар он омили умумии генералӣ, омилҳои хусусӣ ва гурӯҳии зеҳнро ҷудо намуд [5, с. 21].

Анъанаи мазкурро идома дода истода, В. Штерн низ лаёқати зеҳниро ҳамчун қобилияти умумии «бошуурона равона намудани тафаккури худ ба талаботи нав ва қобилияти мутобиқгардӣ ба вазифаҳо ва шароитҳои нави зиндагӣ» тавсиф намуд [15, с.7]. Ба сохтори лаёқати зеҳнӣ аз рӯи Штерн ҳамаи равандҳои маърифатӣ шомиланд, вале тасифоти шахсиятӣ, иродавӣ ва эмотсионалӣ ба он дохил намешаванд. Ҳамин тариқ, дар назарияи В. Штерн ба сифати аломатҳои лаёқати зеҳнӣ равандҳои маърифатӣ бароmad намуда, меъёри лаёқат мутобиқати фард ба шароитҳои тағйирёбандаи ҳаёт шумурда мешуд. Ба андешаи мо, ғояи баррасии мутобиқати босамар ба шароити тағйирёбандаи муҳит ҳамчун меъёри лаёқат дар шароити муосирро низ аз аҳамият холӣ нест. Суръати тези рушди илм ва техника аз мутахассиси муосир чандирӣ, тезҳаракатӣ, қобилияти ба осонӣ аз як фаъолият ба дигараш гузаштан в чун натиҷа, ба осонӣ мутобиқ гардидан ба шароитҳои ба тезӣ тағйирёбандаи муҳитро талаб менамояд.Вале, аз ҷониби В. Штерн эътироф нагаштани чунин ҷанбаҳои муҳим дар раванди мутобиқат чун соҳаи эмотсионалӣ-иродавӣ ва сифатҳои шахсии фард назарияи ӯро яктарафа менамоянд. Мутахассисоне, ки дар худ ҳам зарфиёти баланди зеҳнӣ ва ҳам малакаҳои зарурии иҷтимоии ҳамкорӣ бо дигаронро таҷассум мекунанд, мутаҳаррик (мобилӣ) буда, ба осонӣ ба шароитҳои тағйирёбанда мутобиқ мегарданд ва чун натиҷа метавонанд дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ самаранок кор кунанд. Танҳо мувофиқати зеҳни баланд ва хусусиятҳои мувофиқи эмотсионалӣ-иродавӣ ва шахсиятӣ метавонанд кафили мутобиқати муваффақона дар шароити муосир бошанд. Дар тестҳои таҳиянамудани А. Бине асосан ба қобилиятҳои маърифатии фард диққат дода мешуд. Эътирофи зеҳн ва қобилиятҳои маърифатӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии лаёқатмандӣ ва мутобиқат ба муҳит ҳамчун меъёри муҳимтарини лаёқатмандӣ дар корҳои аксари муҳаққиқони масъалаи лаёқатмандии нимаи аввали асри XX инъикос гаштаанд (Л. Термен, Р.Б. Кеттел, Ҷ. Равен ва диг.).

Вале, маълумоти гирдомада миёни фаҳмиши он замон маъмули зеҳн ҳаҷун воситаи мутобиқати муваффақона ба муҳит ва натиҷаҳои таҳқиқоти дар ин самт гузаронидашуда мухолифатро ошкор сохтанд. Дар таҳқиқоти машҳури дарозмуддати Л. Термен қисмати зиёди кӯдакони дорои дараҷа баланди зеҳн одамони аз лиҳози зеҳнӣ муваффақ ба воя расиданд, вале ягон наыар шахсияти барҷаста ва машҳур нагардид [16]. Ҳамзамон 15% аз озмудашавандагони мазкур дар ҳаёт муваффақ нагаштанд. Вазъияти мазкур муҳаққиқонро ба ҷустуҷӯйи аломату нишона ва меъёрҳои наваи муҳимми лаёқамандӣ водор сохт. Диққат аз қобилиятҳои маърифатӣ ва зеҳн ба имкониятҳои эҷодии фард равона гардида, ба сифати меъёри лаёқатмандӣ бошад, маҳсули эҷодӣ, дигаргунсозии эҷодии воқеият мувофиқ ба талаботи инсон қабул гардид. Ба ин таҳқиқоти Ҷ. Гилфорда ва П. Торренс а. боис гардиданд.

Ҷ. Гилфорд аввалин шуда, мафҳумҳоро оид ба ду намуди тафаккур – конвергентӣ ва дивергентӣ пешниҳод намуд. Тафаккури конвергентӣ – ин раванди муттасил, мантиқист, ки дар супоришҳои сохтори дақиқдошта, ки ягона ҷавоби дуруст доранд, рушд мекунад. Тафаккури дивергентӣ ё эҷодӣ (креативӣ) – ин раванди якбора ба якчанд самт равонагашта мебошад ва имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои гуногуни проблема баррасӣ гарданд, алоқамандиҳои гуногуни унсурҳои воқеият, роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаи муайян дарёфт гарданд. Ба андешаи Ҷ. Гилфорд, тафаккури дивергентӣ ҷузъи муҳимми эҷодкорӣ (креативнокӣ) маҳсуб меёбад. Ҷ Гилфорд нишондиҳандаҳои зерини эҷодкорӣ (креативнокӣ)-ро ҷудо мекунад:

*қобилияти ошкор намудан ва гузориши проблема;*

*қобилият ба пешниҳоди миқдори зиёди идеяҳо;*

*чандирии фикр, яъне қобилият ба истеҳсоли миқдори зиёди идеяҳо дар лаҳзаи додашудаи вақт;*

*аслият (оригиналнокӣ) – қобилияти пешниҳоди ассотсиатсияҳои дурр, ҷавобҳои ғайриоддӣ, ҳалли ғайристандартии масъала, қобилияти такмил додани объект тавассути илова намудани ҷузъҳо, дар объект дидани аломатҳои нав, роҳи нави ситифодаи онро ёфтан ва ғ.; [5, с. 215]. Вале, ба андешаи мо, танҳо се аломати охирин пешниҳоднамудани Ҷ. Гилфорд бевосита ба эҷодиёт, офаридани маҳсули эҷодӣ марбутанд. Се аломати аввалиро бошад, ба тафаккури конвергентӣ низ нисбат додан мумкин аст.*

П. Торренс аломатҳои зерини эҷодкорӣ (креативнокӣ)-ро ҷудо мекунад: ҳассосӣ ба проблемаҳо, эҳсоси ноқаноатмандӣ ва нокифоя будани донишҳои худ, ҳассосӣ ба унсурҳои мавҷуднабуда, номувозинатӣ (дисгармония), дарки проблемаҳо, ҷустуҷӯйи ҳалли масъалаҳо, тахминҳо, тасвияти фарзияҳо, дигаргунсози онҳо, иттилоот оид ба натиҷаҳо. Чуноне ки мебинем, Торренс дар баробари аломату нишонаҳои маърифатӣ ба сифати нишондиҳандаҳои эҷодкорӣ инчунин эҳсосоти зеҳнӣ, ва ё ба

истилоҳи муосир зеҳни эмотсионалиро ҷудо менамояд. ки ба андешаи мо лаҳзаи муҳим дар назарияи ӯ маҳсуб меёбад [5, с. 34].

Дар психологияи русӣ-шуравӣ масъалаи лаёқатмандӣ дар ду самт коркард гардидааст: дар доираи таълимот оид ба қобилиятҳо (С.Л. Рубинштейн, Б.М. Теплов, Н. С. Лейтес, К.К. Платонов, Э.А. Голубева) ва тафаккури маҳсулнок, эҷодиёт (Я.А. Пономарёв, А.М. Матюшкин, М. И. Махмутов, Д.Б. Богоявленская, З.И. Калмыкова) баррасӣ гардидааст.

Ҷонибдорони самти аввал ба таври анъанавӣ ба сифати меъёри лаёқатмандӣ иҷрои бомуваффақияти фаъолиятро дида мебароянд. С.Л. Рубинштейн қайд намуда буд, ки қобилият – «ин хусусияти мураккаби таркибии шахс аст, ки коршоямии ӯро ба фаъолият муайян месозад» [11, с. 538]. Ба андешаи ӯ, қобилиятҳо модарзодӣ нестад, вале ҳамту аз муҳит низ ба шакли тайёр дода намешавад. Дар фард бояд заминаҳо, шароитҳои ботинӣ барои рушди қобилиятҳо мавчуд бошанд. Қобилиятҳо дар раванди таълим тавассути маҳорату донишҳо ташаккул меёбанд. С.Л. Рубинштейн ба сифати нишондиҳандаҳои муҳимми лаёқатмандӣ зеринҳоро ҷудо мекунад:

*дараҷа ва сифати қобилиятҳои шахс ба таълиму меҳнат;*

*суръат, осони азхуднамоӣ, муваффақият дар азхуднамоии донишҳо, васеъии кӯчонидани донишҳо ба дигар соҳаҳо, ки аз ҷониби фардҳои гуногун дар раванди таълим ба даст меояд;*

*зуҳури барвақти қобилиятҳо [11, с. 544].*

Ба андешаи мо, дар аломатҳои ҷӯдогардида танҳо сеюмаш метавонад лаёқатро тавсиф диҳад, ду аломати аввал бошанд, бештар мансуби қобилият ба таълиманд.

Зуҳуроти барвақти қобилиятҳоро К.К. Платонов низ ҳамчун аломати лаёқатмандӣ баррасӣ менамояд. Ба андешаи муҳаққиқи мазкур лаёқатмандӣ – ин «…ҷузъи модарзодии қобилиятҳои гуногунсамт» [9, с. 146]. Дар рушди қобилиятҳо ӯ се хосияти онҳоро ҷудо мекунад: вақти ибтидои зоҳиргардии он; равшании зуҳурот, дараҷаи минбаъдаи рушд. Ду хусусияти аввал, ба андешаи ӯ, аз лаёқати кӯдак вобастааст, хусусияти сеюм бошад, аз таъсири муҳит ва пеш аз ҳама аз педагоге, ки шуури кӯдаки лаёқатмандро ташаккул медиҳад.

Б. М. Теплов лаёқатмандиро ҳамчун «мувофиқати ба худ хоси қобилиятҳо, ки иҷрои бомуваффақияти фаъолиятро таъмин месозанд» [12, с. 22], тавсиф медиҳад. Қобили қайд аст, ки иҷрои бомуввафақияти фаъолият, ки барои раҳёфти мазкур анъанавӣ аст, метавонад на танҳо аз лаёқатмандӣ, балки инчунин аз дигар сифат ва тавсифоти фард вобаста бошад.

Дар таҳқиқоти Э. Голубева ва Н.С. Лейтес кӯшишҳои ошкор намудани нишонаю аломатҳои лаёқатмандӣ бо дарназардошти заминаҳои биологии он ба назар мерасанд. Масалан, Э. Голубева пешниҳод менамояд, ки ба сифати ҷузҳои лаёқатмандӣ фаъолӣ, танзими ихтиёрии амалҳо ва қобилиятҳои мнемикӣ (хотира) баррасӣ гарданд [4, с. 31]. Ба андешаи ӯ, барои рушд ва ба роҳ мондани намудҳои гуногуни фаъолияти таҳқиқотӣ ва донишдӯстӣ яке аз заминаҳои мусоид рефлексии самтмуайяннамоӣ мебошад [4, с. 27].

Н. С. Лейтес ба сифати омилҳои асосии универсиалии лаёқатмандии зеҳнӣ фаъолӣ ва худтанзимнамоиро ҷудо менамояд, ки дар рафти рушди синнусолӣ комил гашта, ба зинаҳои сифатан нави рушд баланд мегарданд. Ба андешаи Н.С. Лейтес, хусусиятҳои типа фаъолияти асаб ба сифати шароитҳои ботинии рушди фардият баромад намуда, шарти коршоямии зеҳнӣ ва интихобӣ будани фаъолии зеҳнист [6, с. 221]. Дар тасдиқи гуфтаҳои боло, аз қувваи системаи асаб, дар баробари тобоварӣ, инчунин тарафи сифатии коршоямӣ низ вобастааст. Масалан, мавҷуд набудани тамоюл ба қолибкорӣ, суботкорона бартарафнамоии душвориҳо, хусусияҳои воридгардӣ ба фаъолият, фаррохии фарогирии шароити гуногун, таҳаррук (динамика)-и ниҳоятёбии фаъолият ва ғ. [6, с. 387]. Ба андешаи муҳаққиқи болозикр, зеҳн ва лаёқатмандии зеҳнӣ дар айният нестанд, ҳарчанд дар баробари талаботи маърифатӣ ва эҷодкорӣ ташкилдиҳандагони асосии он маҳсуб меёбанд [6, с. 69].

Дар доираи раҳёфти дуюм таҳқиқоти А. М. Матюшкина ва Д. Б. Богоявленской қобили таваҷҷуҳанд. А. М. Матюшкин пешниҳод менамояд, ки лаёқатмандӣ ҳамчун заминаи умумии рушди инсони эҷодкор баррасӣ гардад. Ба андешаи ӯ, сохтори психологии лаёқат бо унсурҳои асосии сохтории эҷодиёт, ки дар кӯдакӣ ҳамчун рушди нисбатан бештари нутқ ва тафакур, ҳамчун рағбати барвақт ба ягон машғулият, ҳамчун донишдӯстии кӯдак, ҳамчун фаъолии таҳқиқотии ӯ ифода меёбад, мувофиқат мекунад. [8, с. 30]. Дар консепсияи лаёқати эҷодии худ А. М. Матюшкин панҷ ҷузъҳои сохтории онро ҷудо мекунад: нақши бартаридоштаи маромнокии маърифатӣ; фаъолии таҳқиқотӣ, эҷодӣ, ки дар кашф кардани навгониҳо, дар гузориши мустақилона ва ҳаллии проблема ифода меёбад; имконияти ба даст овардани ҳалли аслии (оригиналӣ) масъала, ки дар сатҳи номонандӣ, ғайристандартӣ будан, ногаҳонӣ будани ҳалли масъала миёни дигар ҳалҳои стандартӣ ифода меёбад; имконияти пешгӯйӣ, пешбинӣ, ки амиқии он ҷузъи ҳатмии лаёқатмандии умумӣ маҳсуб ёфта,

имконияти ба тезӣ дастрасӣ пайдо намудан ба ҳалли масъаларо таъмин месозад; қобилият ба офаридани намунаҳои идеалӣ, ки баҳогузории баланди эстетикӣ, ахлоқӣ, зеҳниро таъмин месозанд [8, с. 32]. Аломатҳои ҷудошуда асосан имкониятҳои эҷодии фардро муайян месозанд, аммо қобилиятҳои зеҳнӣ аз ҷониби муҳаққиқ хотирнишон намегарданд. Дар сурате, ки таҳқиқоти муосир қобилиятҳои зеҳниро ҳамчун ҷузъи муҳимми сохтори лаёқатмандӣ эътироф менамоянд.

Дар ин муносибат, ба андешаи мо, мавқеи Д.Б. Богоявленская бештар қобили қабул аст. Ба андешаи ӯ лаёқатмандӣ – ин «омезиш»-и ба худ хоси қобилиятҳо ва шахсият аст. Ба сифати чунин «омезиш» ӯ фаъолии зеҳниро пешниҳод менамояд, ки «…ҳамкории протсессуалии омилҳои маърифатӣ ва маромӣ буда, абстаксияи яке аз онҳо ғайриимкон аст» [2, с. 24]. Асоси фаъолии зеҳниро қобилиятҳои фикрӣ ташкил медиҳанд, вале онҳо танҳо тавассути сохтори маромии шахс, дар сохтори фаъолии зеҳнӣ зоҳир мегарданд [2, с. 23]. Дар назария Д.Б. Богоявленская лаҳзаи муҳим ҷудо намудани ташабуси зеҳнӣ «… ба сифати зуҳуроти махсуси фаъолии зеҳнӣ» [2, с. 23] маҳсуб меёбад. Ташаббуси зеҳнӣ ҳамчун идомаи фаъолияти фикрӣ берун аз ҳудуди талаботи мавҷуда ва ё бо истилоҳи худи муаллифи назария, фаъолияти самараноки аз ҷониби вазъияти мавҷуда ҳавасманднагардида фаҳмида мешавад. Зери ин мафҳум Д.Б. Богоявленская давом ёфтани на танҳо кори зеҳнӣ, балки фаъолияти маърифатиро дар назар дорад, ки аз ниёзҳои амалӣ ва арзёбии манфии беруна ё субъективии кор вобаста нест [2, с. 24].

Ба андешаи М.А. Холодная, лаёқати зеҳнӣ ҳамчун захираҳои фикрии фард баромад мекунанд, ки дар имконияти иҷрои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ ифода меёбад, яъне дар офаридани ғоя (идея)-ҳои нав, раҳёфтҳои аслӣ (оргиналӣ) ба ҳалли масъалаҳо, кушода будан ба навгониҳо ва ғ. [14, с. 168]. Ӯ чунин мешуморад, ки оид ба лаёқати зеҳнӣ дар синни барвақт хулоса намудан номумкин аст, зеро «тавсифоти муҳимтарини лаёқати зеҳнӣ – ин табиати тадриҷӣ доштани он аст» [164, с. 185]. Моҳияти лаёқат дар мураттаб намудан ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи фардии маърифатӣ зоҳир мегардад.

Дар таҳқиқоте, ки лаёқатро дар чаҳорчӯбаи таълимот оид ба тип (шакл) - ҳои тафаккур баррасӣ менамоянд, ба сифати аломатҳои лаёқат мувофиқан мавҷудияти ҷузъҳои рушдкардаи тафаккур назариявӣ (таҳлили назариявӣ, банақшагирӣ ва рефлексия) пешниҳод мегарданд. Масалан, ба андешаи Р. Атохонов, қобилият ба рефлексияи мазмуннок аломати муҳимтарини лаёқати зеҳнӣ мебошад [1, с. 5].

Назарияҳои муосири лаёқат хусусияти маҷмӯӣ дошта, онро аз мавқеи шахсияти том баррасӣ менамоянд. Масалан, дар амсилаи машҳури лаёқати Ҷ. Рензулли ба сифати нишондиҳандаҳои асосии он қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодкорӣ ва маромнокӣ баромад мекунанд [10, с. 7]. К. Хеллер ва ҳамкорони ӯ, ки амсилаи бисёромилаи лаёқатмандиро таҳия намудаанд, лаёқатро ҳамчун зарфиёти инфиродӣ, маърифатӣ, маромӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ менамоянд, ки имкон медиҳанд дар як ё якчанд соҳаи зерин натиҷаҳои баланд ба даст оянд: зеҳн (интеллект), эҷодиёт, салоҳиятмандии иҷтимоӣ, имкониятҳои бадеӣ, имкониятҳои психомоторӣ [13, с. 121].

Ҳамин тариқ, хулоса намудан мумкин аст, ки лаёқат ташкилаи мураккаби ҳамгирошуда мебошад, ки ба сохтори он ташкилдиҳандаҳои маърифатӣ, эҷодӣ, шахсӣ шомил буда, рушди он афзалиятан аз омилҳои муҳити иҳотакарда вобастааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Атаханов, Р. Мышление и интеллектуальная одарённость детей [Текст]/ Р. Атаханов //Одарённые дети Узбекистана. Тезисы выступлений к научно-практической конференции. – Термез, 1992. – С. 17-19.
2. Богоявленская, Д.Б. Пути к творчеству [Текст] / Д.Б. Богоявленская. – М.: Знание, 1981. – 354 с.
3. Гальтон, Ф. Наследственность таланта: законы и последствия / пер. с анг. [Текст] / Ф. Гальтон. – М.: Мысль, 1996. – 270 с.
4. Голубева Э.А. Некоторые проблемы экспериментального изучения природных предпосылок общих способностей [Текст] / Э.А. Голубева // Вопросы психологии. – 1980. – № 4. – С. – 21 – 35.
5. Дружинин, В.Н. Психология общих способностей [Текст] / В.Н. Дружинин. – СПб.: Питер, 2002. – 368с.
6. Лейтес, Н.С. Ранние проявления одарённости [Текст] / Н.С. Лейтес // Вопросы психологии. – 1998. – №4. – С. 97-101.
7. Лосева, А.А. Психологическая диагностика одарённости: учеб. пособие для вузов [Текст] / А.А. Лосева. - М.: Академический Проект; Трикста, 2004.– 176 с.

8. Матюшкин, А.М. Концепция творческой одарённости [Текст] / А.М. Матюшкин // Вопросы психологии. – 1989. – № 6. – С 29-33.

9. Платонов К.К. Проблемы способностей. [Текст] / К.К. Платонов. – М., Наука, 1972.

10. Рензулли, Дж. Модель обогащения школьного обучения [Текст] / Дж. Рензулли, С. Райс // Одарённый ребёнок. – 2002. – №2. – с. 6-31.

11. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии [Текст] / С.Л. Рубинштейн. – СПб.: Питер, 2001. – 720 с.

12. Теплов, Б.М. Избранные труды в двух томах. Т.1. [Текст] / Б.М. Теплов. – М.: Педагогика, 1985. - 328 с.

13. Хеллер, К.А. Лонгитюдное исследование одарённости [Текст] / К.А. Хеллер, К. Перлет, В. Сиервальд. // Вопросы психологии. – 1991. – №2. – С. 121-126.

14. Холодная, М.А. Психология интеллекта. Парадоксы исследования [Текст] / М.А. Холодная. – 2-е изд., перераб. и доп. – СПб.: Питер, 2002. – 272 с.

15. Штерн, В. Психологические методы испытаний интеллектуальной одарённости в их применении к детям школьного возраста [Текст] / В. Штерн. – Пг., 1915. – 168 с.

16. Terman, L.M. (1906). Genius and stupidity: a study of some of the intellectual processes of seven 'bright' and seven 'stupid' boys. Pedagogical Seminary, 13, 307-373.

## МАСЪАЛАИ АСОСНОКНАМОИИ МЕЪЁРҲО ВА АЛОМАТҲОИ ЛАЁҚАТИ ЗЕҲНӢ

Мақола ба таҳлили масъалаи муҳимми соҳаи лаёқат ва қобилиятҳои зеҳнӣ – масъалаи асоснокнамойии меъёру аломатҳои лаёқати зеҳнӣ бахшида шудааст. Таъкид мегардад, ки омӯзиши меъёру аломатҳои лаёқати зеҳнӣ дар психологияи Амрико ва Аврупо афзалиятан дар чаҳорчӯбаи равандҳои маърифатӣ баррасӣ мегардад, дар сурате, ки дар психологияи ватанӣ ва русию шӯравӣ он дар доираи таълимот оид ба фаъолият дида баромада мешавад. Дар заминаи таҳлили адабиёти зиёди психологӣ ва педагогӣ хулоса карда мешавад, ки лаёқати зеҳнӣ зуҳуроти гуногунҷабҳа ва мураккаб буда, дар баробари қобилиятҳои зеҳнӣ инчунин сифатҳои шахсиятӣ ва қобилиятҳои эҷодиро низ фаро мегирад.

**Вожаҳои калидӣ:** *ташаккул, рушд, лаёқат, лаёқати зеҳнӣ, қобилият, аломатҳои лаёқати зеҳнӣ, намудҳои лаёқат, эҷодкорӣ, хусусиятҳои шахсиятӣ, омилҳои муҳит.*

## ПРОБЛЕМА ОБОСНОВАНИЯ КРИТЕРИЙ И ПРИЗНАКОВ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ ОДАРЁННОСТИ

Статья посвящена анализу важной проблемы в области таланта и интеллектуальных способностей - вопросу обоснования критериев и признаков интеллектуальных способностей. Подчеркивается, что изучение критериев и признаков интеллектуальных способностей в американской и европейской психологии рассматривается преимущественно в рамках познавательных процессов, а в отечественной и российско-советской психологии - в рамках обучения деятельности. На основе анализа большого количества психолого-педагогической литературы делается вывод о том, что интеллектуальные способности – явление многогранное и сложное, включающее наряду с интеллектуальными способностями также личностные качества и творческие способности.

**Ключевые слова:** *формирование, развитие, одарённость, интеллектуальная одарённость, способности, признаки интеллектуальной одарённости, виды одарённости, креативность, особенности личности, факторы внешней среды.*

## THE PROBLEM OF JUSTIFICATION OF CRITERIA AND SIGNS OF INTELLECTUAL GIFTEDNESS

The article is devoted to the analysis of an important problem in the field of talent and intellectual abilities - the issue of substantiating the criteria and signs of intellectual abilities. It is emphasized that the study of criteria and signs of intellectual abilities in American and European psychology is considered primarily within the framework of cognitive processes, and in Russian and Russian-Soviet psychology - within the framework of learning activities. Based on the analysis of a large amount of psychological and pedagogical literature, it is concluded that intellectual abilities are a multifaceted and complex phenomenon, including, along with intellectual abilities, also personal qualities and creative abilities.

**Key words**: *formation, development, giftedness, intellectual giftedness, abilities, signs of intellectual giftedness, types of giftedness, creativity, personality characteristics, environmental factors.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Абдураҳмонов Гулруз Нурмаҳмадович – номзади илмҳои психологӣ. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Нишонӣ, ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов 11/2. E-mail: abduraxmonov_1979@mail.ru, тел:983330279*

***Сведения об авторе:*** *Абдурахмонов Гулруз Нурмахмадович – кандидат психологических наук. Академия образования Таджикистана. Адрес, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2. E-mail: abduraxmonov_1979@mail.ru, тел:983330279*

***Information about the author:*** *Abdurakhmonov Gulruz Nurmakhmadovich – candidate of Psychological Sciences. Academy of Education of Tajikistan. Address, Dushanbe, st. A. Adkhamov, 11/2. E-mail: abduraxmonov_1979@mail.ru, tel:983330279*

**ТДУ 151.8+371(575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ОМОДАНАМОИИ КУРСАНТОНИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ҲАРБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ МУОСИР

***Ҷ. М. Ҷурабоев***

Дар ҷараёни рушди низоми ҳарбии мамлакат ва инчунин таҳияи заминаи нави қонунӣ дар соҳаи ҳарбӣ дар назди системаи маорифи ҷумҳурӣ вазифаи муҳим ба он - таъмини ташаккули ҳайати нави кадрӣ, ки нисбат аз тарафи ҷомеа ҳамарӯза талаботи баланди шахсӣ, касбӣ ва ахлоқӣ ба миён меояд.

Тавре аз таҷриба ва натиҷаҳои таҳқиқоти сершумор бармеояд риояи қонун ва интизоми хизматии кормандони ояндаи соҳаи ҳарбӣ дар ҳоли ҳозир на аз серталабии роҳбарон, балки аз маърифати касбӣ ва муносибатҳои ахлоқии худи хизматчиёни ҳарбӣ муайян карда мешавад. Дар бисёр мавридҳо маҳз ҳамин сифатҳо ба самаранокӣ ва сифати кори онҳо бештар таъсир мерасонанд. Ба ин муносибат масъалаи тарбияи ахлоқӣ ва тайёрии касбии курсантон дар тамоми системаи донишкадаҳои олии ҳарбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода мешаванд.

Ташаккули ахлоқи дар психологияи педагогӣ фаҳмидани вазифаи худ, пайдоиши масъулият дар назди наслҳои ҳозира ва оянда, дарки табиати мураккаби олам ва майли пайвастаи такмилу рушди ахлоқӣ фаҳмида мешавад.

Дар робита ба таҳқиқоти мо, ташаккули ахлоқии курсантон дар раванди тарбияи касбӣ ва ахлоқие сурат мегирад, ки дар донишгоҳҳои ҳарбӣ амалӣ карда мешаванд. Рушди ахлоқии курсантон ҳангоми маҷмуи амалиёти мусбати ташаккули ахлоқи касбӣ дар байни кормандони ояндаи соҳаи ҳарбӣ имконпазир аст, ки ин дар тарбияи шахсии интегралӣ ифода мегардад ва дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мешаванд.

- дар шуури касбӣ ва ахлоқӣ (донистани принсипҳои касбӣ ва ахлоқӣ, меъёрҳо, огоҳии ахлоқӣ ва дарки мавқеи худ дар ҷомеа ва касб);
- дар муносибатҳои касбӣ - ахлоқӣ ва эҳсосӣ (дар баҳодиҳии касбӣ ва ахлоқӣ, эҳсосот ва муносибат ба ҷомеа, ба давлат, ба касб, шахсият, ва ба вазифаи хизматӣ);
- дар рафтори касбӣ ва ахлоқии (дар низоми амалу кирдори касбӣ дар асоси арзишҳои ахлоқӣ, қоидаҳо ва меъёрҳои дар доираи касб ва ҷомеа қабулшуда) кормандони ояндаи соҳаи ҳарбӣ.

Ҳамин тариқ, инкишофи ахлоқию равонии курсантон дар фаҳмидани ҳадафи шахсӣ ва касбии онҳо, дар баланд бардоштани масъулият дар назди худ ва ҷомеа, саъй кардан барои такмили ахлоқӣ дар хизмат ва дар хона ифода меёбад. Корманди соҳаи ҳарбӣ танҳо он вақт ахлоқ дорад, ки барои ӯ меъёрҳои ахлоқу маърифат ҳамчун эътиқод ва шаклҳои маъмулии рафтори хизматӣ ва ғайривазифавии ӯ амал мекунанд.

Самти фарҳангии мазмуни рушди ахлоқии курсантон татбиқи чунин арзишҳои асосии шахсиятро, ба монанди худамаликунӣ, эҷодиёти ҳаётӣ, шинохти фарҳангӣ, фардикунонӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар низоми муосири омоданамоии касбӣ муҳим аст, ки таълим дар донишгоҳҳои олии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои маҳсулнокӣ ва ташаккули рафтори касбӣ ва ахлоқӣ, шуур, муносибатҳо, эҳсос, арзишҳо, диққати махсус дода мешавад.

Бо назардошти мураккабӣ ва гуногунҷанбаи инкишофи ахлоқию психологии курсантон, муайян кардем, ки тарбияи психологӣ ва ахлоқӣ дар донишгоҳҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди фаъолияти намудҳои гуногуни таълими иловагӣ амалӣ карда мешавад. Ба асосии онҳо инҳо дохил мешаванд: омоданамоии ибтидоии касбӣ, омоданамоии аслии касбӣ, омоданамоии ахлоқию психологӣ ва худомӯзӣ.

Дар бораи онҳо тавсифи мухтасар медиҳем. Омӯзиши ибтидоии касбӣ дар доираи омодагии касбӣ-ахлоқӣ ва психологӣ дар соли якуми омодасозии курсантон амалӣ мешавад. Татбиқи ин намуди омодакунии имкон медиҳад, ки курсантонро бо низоми фанҳои ҳарбӣ шинос намуда, донишҷӯёнро ба

дарки ҷанбаи ахлоқии фаъолияти касбии ояндаи худ, амиқтар омӯхтани он фанҳои таълимие равона созад, ки ҳангоми дохилшавӣ ва адои хизмат ба ҳар як ихтисоси соҳаи ҳарбӣ бештар талабот доранд.

Илова бар ин, дар доираи ин омӯзиш курсантон бо системаи таҳсилоти ҳарбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо самтҳои гуногуни омодасозӣ (ихтисосҳо), ки дар доираи таҳсилоти кафедравӣ мавҷуданд, бо афзалиятҳои онҳо шинос мешаванд. Мақсади асосии ин навъи тайёрии курсантон аз муқаррар намудани арзиши онҳо барои татбиқи фаъолияти касбии системаи ҳарбӣ мувофиқи принсипҳои ахлоқиву маърифатии касбӣ асоснок гардонида шудаанд.

Воқеан, омоданамоии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як намуди омоданамоии касбӣ ва ахлоқии курсантон дар ҷараёни таълими онҳо дар барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад, ки дорои омодасозӣ мебошад.

Омоданамоии касбӣ - ахлоқии курсантон дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ низ як низоми чорабиниҳоро дар доираи тарбияи хизматӣ дар назар дорад. Якҷоя кардани саъю кӯшиши онҳо ба мустаҳкам намудани дониш, малака, маҳорати касбию ахлоқии курсантҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи хизматии онҳо ва дар ҳолатҳои фавқулодда мусоидат мекунад.

Шаклҳои хосси хизматӣ, сохторӣ ва тарбияи ҷисмонӣ инҳо мебошанд: семинарҳои доимо амалкунанда; лексияҳо, таълими индивидуалӣ; машғулиятҳои амалӣ; мактабҳои таълимии курсантон дар самти фаъолияти минбаъдаи оперативӣ ва хизматии онҳо; чорабиниҳои ба ҷиҳати рушди касбӣ нигаронидашуда, аз қабили мусобиқаҳои маҳорати касбӣ, тайёрии пеш аз дохил шудан ба хизмат, таҷрибаомузӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, эстафета ва ғ.

Омодасозии ахлоқӣ-психологӣ як намуди мустақили омодагии касбӣ ва ахлоқии афсарони оянда дар раванди фаъолияти тарбиявӣ ва оперативӣ мебошад, ки дар фаъолияти шуъбаҳои дастгирии ахлоқию психологии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ амалӣ карда мешаванд. ва бо мақсади ташаккули муносибати ахлоқӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ ва садоқат ба Ватан, Конститутсияи ҶТ, қонунҳои ҶТ, савганди ҳарбӣ, эътиқоди шахсӣ ба афзалияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омодагии психологӣ ба иҷрои вазифаҳои оперативӣ - хизматӣ; ба даст овардани системаи дониш дар соҳаи асосҳои маънавии хизмат дар қисмҳои ҳарбӣ ва таҷрибаи мутаносибан дар амал татбиқ намудани онҳо ва ғ. Омоданамоии ахлоқию психологии курсантон дар доираи чорабиниҳои тарбиявӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ - тарбиявӣ, инчунин корҳои таҳкими интизоми хизматӣ ва қонунии ҳайати шахсӣ амалӣ карда мешавад.

Худомузии курсантон қисми ҷудонашавандаи омодагии касбӣ - ахлоқӣ дар муассисаҳоии таҳсилоти олии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ба ташаккули мутахассисони салоҳиятдори қисми ҳарбӣ нигаронида шудааст. Худомӯзӣ бо мақсади амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳои дар лексияҳо ва дигар шаклҳои дарсҳо гирифташуда, барои ташаккул додани малакаҳои азхудкунии мустақилонаи донишҳои нав, иловагӣ, аз ҷумла дар соҳаи ахлоқи касбӣ, тайёрӣ ба семинарҳо ва машғулиятҳои амалии дар пешистода, санҷишҳо ва имтиҳонҳо; ва дорои гуногунрангии зерин аст: таълимӣ; таълимӣ - тадқиқотӣ; илмӣ - тадқиқотӣ; омоданамоии мустақилона таҳти роҳбарии омӯзгор; худташаккулдиҳӣ, худтарбиякунӣ ва ғ.

Пайвастагӣ ва мутобиқати мундариҷаи такмилу рушди касбӣ - ахлоқӣ дар намудҳои гуногуни омоданамоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор шартҳои психологӣ ва педагогӣ таъмин карда мешавад: танзими арзиши раванди омоданамоии касбӣ - ахлоқии курсантон дар донишгоҳҳои кафедравӣ; таносуби оқилонаи муносибатҳои субъект-объект ва субъект-субъект дар муҳити таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ; мавҷудияти ҷараёнҳои зидди касбӣ ва ахлоқии мутақобила байни муҳити таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ва курсант; тамоюли курсантон ба созиши ахлоқии ҳадафҳо ва воситаҳо дар соҳаҳои мушаххаси харбӣ, дар фаъолияти касбии ояндаи онҳо.

Ба ҷаҳони муосир равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ хеле хос аст. Дигаргунихое, ки дар мамлакат дар соҳаи сиёсат, иқтисодиёт, муносибатҳои иҷтимоӣ ба амал меоянд, дар навбати худ боиси афзоиши худшиносии миллӣ, майлу хоҳиши мардум барои ҳифзи асолат ва беназирии худ мегардад. Аз ин лиҳоз, ташаккули ҷиҳатҳои миллӣ, маънавӣ, касбӣ ва психологӣ мутаносибан ҳамчун принсипи асосии такмили омоданамоии курсантону афсарони артиши Тоҷикистон аҳамияти хосса дорад. Ин масъала ду ҷиҳат дорад:

Аввалан, ҳангоми дохил шудан ба донишкадаҳои ҳарбӣ аксари курсантон бори аввал дар ҳаёти худ ба як гурӯҳи бисёрминтақавӣ дохил шуда, бо намояндагони нохияҳои гуногуни мамлакат ба алоқаи доимӣ дохил шуда, таҷрибаи аввалини ҳамкории зич пайдо мекунанд. Дар баробари ин, эҳтиёҷоти синусолӣ барои худтакмилдиҳӣ вобаста ба вақт бо талаботи худшиносӣ мувофиқат мекунад. Бори аввал ҷавонони минтақаҳои гуногун паҳлу ба паҳлу ба ҳамдигар қарор мегиранд ва муносибатҳои

байни онҳо низ ба таври гуногун тавсиф мешаванд: бештар мусбат, гоҳе бепарво ва гоҳе ғайри дӯстона ва ҳатто беэътиноӣ.

Мутаносибан, ҳам курсантон ва ҳам афсарон бо зарурати дарки таҳаммулпазиронаи чунин ҷомеа рӯ ба рӯ мешаванд, зеро дар шароити муосир тарзи суннатии аз мавқеи тавонмандӣ аз худ кардани фарҳанги худ хеле кам қобили қабул мегардад.

Сониян, сатҳи афсарон, ки ҷузъи элитаи артиш аст, даъват карда мешавад ва қодир аст ба вазъияти маънавию психологии қисмҳои гуногуни ҳарбӣ бевосита амалан таъсир расонад. Зарурати ҳалли масъалаҳои мураккаби ташаккули муносибатҳои дӯстона, инсонпарварона дар ҳайати ҳарбӣ, тарбияи фарҳангӣ, маънавӣ, муошırати байнишахсӣ дар байни афсарони оянда аҳамияти хоссаи талаботро нисбати курсантони донишгоҳи ҳарбӣ муайян мекунад.

Курсант ба намуди нави фаъолияти пешбаранда - таълимию касбӣ фаро гирифта мешавад, ки дуруст ташкил кардани он асосан ташаккули ӯро ҳамчун субъекти фаъолияти касбии минбаъдаи ҳарбӣ, муносибати ӯро ба меҳнат муайян мекунад. Курсант ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ баромад мекунад, ки пеш аз ҳама бо ёрии ду намуди ангезаҳо муайян карда мешавад: ҳавасмандии дастовардҳо ва ҳавасмандии маърифатӣ. Ҳавасмандии дастовардҳо аз ҳавасмандии маърифатӣ ва касбӣ вобаста аст.

Ҳавасмандии маърифатӣ ин асоси фаъолияти таълимӣ ва маърифатии курсант буда, ба табиати фаъолияти равонии ӯ мувофиқ аст. Табдил додани ҳавасмандгардонии тамоми системаи тамоили арзишҳо, аз як тараф, ташаккули интенсивии қобилиятҳои махсус дар робита бо касбиятро тақозо мекунад, аз тарафи дигар, синну соли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ҳамчун давраи марказии ташаккули характер ва шуурнокӣ, инкишофи қувваҳои ҷисмонӣ мусоидат мекунад.

Робитаи таълиму тарбия ва рушди ҳаматарафаи курсант яке аз масъалаҳои марказии психологияи ҳарбӣ мебошад. Дар баррасии он чунин далел аҳамияти хосаро доро аст, ки раванди рушд ин худ як ҳаракати мураккаби пешбарандаи таҳаввулотӣ буда, дар раванди он дар худи курсант тағйирот дар зеҳну рафтор ва фаъолият ба амал меоянд.

Дар маҷрои муносибатҳои шахсӣ – фаъолӣ, курсант ҳамчун обьекти идоракунандаи фаъолияти худ ба ҳисоб меравад. Он бо самти фаъолияти маърифатӣ барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси касбӣ нигаронида шудааст.

Ҳангоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ заминаи мустаҳкам барои фаъолияти касбӣ дар ниҳоди курсантон ташаккул дода мешавад. Фазои солими иҷтимоӣ - психологии таълим, иқтидори мутобиқсозии шахсият, рушди умумии зеҳнӣ, дониш ва маҳорату малакаи дар раванди таълим азхудшуда, натанҳо ба сифати мавзӯи фаъолияти таълимӣ, балки ҳамчунин воситаи фаъолияти ояндаи касбии ҳарбӣ дониста мешаванд.

Ҳамин тариқ, мутахассиси муосири муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ бояд фарҳанги муошират дошта бошад, ҳайати шахсиро муттаҳид созад ва дӯстии байни сарбозонро мустаҳкам намуда, масъулият ва эҳтироми ҳамсафони худро ба роҳ монда тавонад.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки донишҳои психологӣ дар ҳама сатҳҳои фармондеҳӣ ва назорати ҳарбӣ зарурати беш аз пешро доро аст. Аз ин ҷост, ки масъалаи густариш ва навсозии омодагии равонии ҳайати низомии артиши Тоҷикистон ба миён меояд. Ба ҳар як курсант доир ба психологияи халқҳои Точикистон дониши мушаххас лозим аст: хусусияти муошırати нутқи онхо, одат, шавқу ҳавас, муносибат, завқ, хислатҳои характер, меъёри арзишҳои ахлоқӣ ва маърифатӣ, хусусиятҳои муносибати онхо ба табиат. Инчунин роҳу усули ифодаву ибрози эҳсосот, ҳиссиёт, фикру ақида, пазироӣ, хайрбод ва гайра. Психологияи халқ дар нигоҳдорӣ ва инкишоф додани анъана, расму оинҳои наслҳои гузашта, дар тарзу услуби мулоҳиза ва арзёбии андешаву назар ба хислату вокунишҳои халқи худ зоҳир мегардад.

Тайёрии психологии курсантон бояд ҳамчунин омӯзиши муносибати анъанавӣ ба ақди никоҳ ва ҷудошавӣ, бефарзандӣ, кам ва ё серфарзандӣ, назорати тавлид, беморшавӣ ва фавт, муносибатҳои пеш аз издивоҷро дар бар гирад. Барои курсантон ва хизматчиёни ҳарбии оянда донистани синну соли анъанавӣ ва қонунии издивоҷи мардону занон, муносибати бартаридошта ба издивоҷ ва муҷаррадӣ, шароити издивоҷ, мавқеъи зан дар оила ва ҷомеа, чорчӯбаи муносибатҳои анъанавии зану шавҳар, мамнӯъиятҳои ҷинсӣ, муносибати ҷинсии берун аз никоҳӣ ва кӯдакони бе никоҳ таваллудшуда хеле муҳим аст. Донистани таъсири дин ба расму оинҳои мардум муҳим аст, ки агар онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза решаҳои амиқ давонда бошанд ва ба рафтори демографӣ таъсир расонанд. Мавқеи маъмулии одамонро барои дарки воқеият дар такя ба урфу одатҳои азхудшуда, муносибатҳои омухташуда, муқарраротu анъанаҳои пойдорро мадди назар ногирифта намешавад. Чунон ки мутафаккири фаронсавӣ Монтен дуруст ва айни муддао қайд карда буд: «Андеша ва урфу одатҳои мамлакати мо ба мо ҳамчун меъёри ҳақиқӣ ва оқилона хизмат мекунанд».

Барои фармондеҳони тамоми сатҳҳо муҳим аст, ки арзиши байналмилалӣ, умумибашарии мероси фарҳангии халқу миллатҳои худ ва инчунин миллатҳои дигаре, ки дар қаламрави Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, донанд ва дар роҳбарӣ ба инобат гиранд, ҳисси мансубияти миллӣ дошта бошанд. Дар баробари ин, ба он ноил шудан лозим аст, ки шуури хизматчиёни ҳарбӣ дар як доираи танг маҳдуд нашуда, балки боз бо идеалҳои ватандустӣ, ғамхорӣ дар бораи бутунии Ватани худ, иқтидори мудофиавии он, принсипу нуқтаҳои ҷаҳонбинии илмӣ фаро гирифта шавнад. Дар кор бо одамон он чиҳатҳои мусбие, ки дин дар тарбияи ахлокӣ ва ватандустӣ дода метавонад, истисно кардан мумкин нест. Дар кор бо курсантон аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ такаббурӣ, дағалӣ, муомила бо онҳо суистифода кардан аз мавқеъҳои роҳбарикунанда махсусан норавост. Принсипи рафтор дар муносибат бо намояндагони табақаҳои гуногуни кишвар ин эҳтироми амиқ ба шаъну шараф, фарҳанг, забон ва таърихи халқи худ мебошад.

Ҳадаф набояд аз нав сохтани қолабҳои этникии рафтори хизматчиёни ҳарбӣ дар артиш бошад. Ба расму оинҳои халқии курсантҳои миллатҳои дигар, агар онҳо дар ҳайат бошанд, бо онҳо таҳаммулпазир, ҷавобгар, самимӣ, хайрхоҳ будан лозим аст. Аз ҳамин лиҳоз, дар мактабҳои ҳарбӣ масъалаи гузаронидани чорабиниҳои тарбиявиро, ки ба ташаккули шуури фарҳангии курсантҳо нигаронида шудаанд, бештар ба миён мегузоранд.

Омили муҳимме, ки самти шартии зуҳурот ва инкишофи хислатҳои психологии курсантонро дар хизмати ҳарбӣ муайян мекунад, ин таълиму тарбия мебошад. Шароити зиндагонӣ, хизмат дар коллективҳои ҳарбӣ, муҳити наздик, алоқаи пуршиддат, тайёрии ҷангӣ ва оммавӣ-давлатӣ ба шахсияти курсантон таъсири калон ва асосан мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, бояд ба омодагии психологии курсантони ҳарбӣ дар сафи артиш, донишҷӯёни муассисаҳои таълимии ҳарбӣ ҳамеша бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Яке аз вазифаҳои муҳимми омодагии психологии кадрҳои ояндаи роҳбарикунандаи ҳарбӣ шинос кардани онҳо бо одоб, фарҳанг, анъана, урфу одат, психологияи халқу миллатҳои на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои ИДМ низ мебошад. Чунин таълим такмили васеи донишро дар бораи истилоҳоти психологияи одамон, омилҳое, ки мазмуни онро муайян мекунанд, дар бораи робитаи психологияи шахс ва психологияи як миллати муайян ва ғайраро талаб мекунад.

## АДАБИЁТ:


1. Волковицкий, Г.А. Мотивация военно-профессионального совершенствования // Г.А. Волковицкий- М.: Военная Академия им. Ф.Э. Дзержинского. - 1994. - 175 с.
2. Воронина Т.Н., Лукьянов А.С. Педагогические условия формирования профессионально важных качеств у курсантов//Современные проблемы науки и образования. - 2016. - № 6.
3. Гамезо М.В., Степаносова А.В., Хализева Л.М. Словарь-справочник по педагогической психологии. 2001:
4. Психология. Словарь. Под ред. А. В. Петровского, М. Г. Ярошевского.- М.: Политиздат, 1991.- С. 384.

**Манбаъҳои интернетӣ:**

5. https://natural-sciences.ru/ru/article/view?id=12721 (санаи муроҷиат: 26.09.2022).
6. https://science-education.ru/ru/article/view?id=25535 (санаи муроҷиат: 26.09.2022).
7. http://pedagogic_psychology.academic.ru (санаи муроҷиат: 26.09.2022).


## ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ОМОДАНАМОИИ КУРСАНТОНИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ҲАРБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои касбӣ, таълимӣ, психологии омода намудани курсантон ба фаъолияти ояндаи ҳарбӣ таҳлил карда мешаванд, дараҷаҳои таёрии касбӣ - психологӣ омухта шудаанд. Меъёрҳои ахлоқӣ, маърифатӣ, психологӣ дар самти рушди шахсияти курсантон аз нуқтаи назари илмӣ, касбӣ, динӣ, фарҳангӣ, этнографӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ва ниҳоятан ҳарбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар назардошти мураккабӣ ва гуногунҷанбаи инкишофи ахлоқию психологии курсантҳо мо намудҳои гуногуни таълими иловагиро, ки дар донишгоҳҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд, муайян кардем ва тавсифи мухтасари онҳоро низ овардем. Паҳлуҳои гуногуни масоили омоданамоии курсантон дар доираи чорчӯбаи меъёрҳои аз тарафи давлат ва қонун муқарраршуда, таҳлил ва омӯхта шудаанд.

Бинобар сабаби гуногунҷанбаь будани фаъолияти воҳидҳои сохтори ҳарбӣ аҳамияти дониши тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ба кормандони он муайян шудааст.

Ҳамчунин аҳамияти ҷанбаҳои гуногуни донишҳои ҳарбӣ барои курсантон таҳқиқ шудааст, талабот нисбати курсантон аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун мутахассисони оянда дар шароити ҷомеаи муосир баён карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** *курсант, тайёрии касбӣ, инкишофи ахлоқӣ - психологӣ, тарбияи психологӣ, мақомоти ҳарбӣ, низоми ҳарбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПОДГОТОВКИ КУРСАНТОВ ВОЕННЫХ ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В данной статье анализируются профессионально-педагогические, психологические особенности подготовки курсантов к будущей военной деятельности, изучаются уровни профессионально-психологической подготовки. Рассмотрены этические, познавательные, психологические стандарты в направлении развития личности курсантов с научной, профессиональной, религиозной, культурологической, этнографической, социальной, воспитательной и, наконец, военной точек зрения.

Учитывая сложность и многообразие нравственно – психологического развития курсантов, нами были выявлены различные виды дополнительной подготовки, реализуемые в военных вузах Республики Таджикистан, и также дана их краткая характеристика. Проанализированы и изучены различные аспекты подготовки курсантов в рамках установленных государством и законом норм.

В связи с многогранностью деятельности подразделений военной структуры определена важность знания всех областей права для её сотрудников.

Также изучено значение различных аспектов военных знаний для курсантов, выражены требования к курсантам со стороны правоохранительных органов как к будущим специалистам в условиях современного общества.

**Ключевые слова**: *курсант, профессиональная подготовка, морально-психологическое развитие, психологическое воспитание, органы военного управления, военная система, правоохранительные органы.*

## PSYCHOLOGICAL ANALYZES OF THE CADETS TRAINING IN MILITARY HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN THE CONDITIONS OF MODERN SOCIETY

This article analyzes the professional-pedagogical, psychological features of the preparation of cadets for future military activity, the levels of professional-psychological training are studied. Ethical, cognitive, psychological standards in the direction of cadets' personality development from scientific, professional, religious, cultural, ethnographic, social, educational and, finally, military points of view are considered.

Given the complexity and diversity of the moral psychological development of cadets, we have identified various types of additional training implemented in the military universities of the Republic of Tajikistan, and given their brief description. Various aspects of the training of cadets have been analyzed and studied within the framework of the norms established by the state and the law.

Due to the multifaceted nature of the activities of the units of the military structure, the importance of the knowledge of all areas of law for its employees has been determined.

The significance of various aspects of military knowledge for cadets is also studied, the requirements for cadets from law enforcement agencies as future specialists in the conditions of modern society are expressed.

**Keywords:** *cadet, professional training, moral and psychological development, psychological education, military administration, military system, law enforcement agencies.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Ҷурабоев Ҷонибек Музаффарович - ассистенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. тел: (+992) 915373877.*

**Информация об авторе:** *Джурабоев Джонибек Музаффарович - ассистент кафедры психологии Таджикского национального университета. тел: (+992) 915373877.*

**Information about the author:** *Juraboev Jonibek Muzaffarovich - asistent of psychological department of Tajik national university. Phone: (+992) 915373877.*

## ХУСУСИЯТҲОИ РАВОНИИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ НАВРАСОН

***Ҳакимов С. Ғ.***

**Донишгоҳи далатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар шароити имрӯза дар робита ба дигаргуниҳои амиқ ва босуръати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, демократикунонӣ ва ҷаҳонишавии муносибатҳо дар кишварҳо, ҷинояткорӣ дар байни насли наврас,

мушкилоту нофаҳмиҳо дар доираи оила, зиёд шудани шумораи тадқиқҳо оид ба шахсияти наврас, масъалаҳои вобаста ба худмуайянкунии шахсият, худогоҳӣ ва худтатбиқкунӣ дар фаъолияти касбӣ, хусусиятҳои ташаккули шахсияти наврас, хусусиятҳои фардӣ-типологии шахсияти наврас ва ғайра аҳамияти махсус пайдо карда, масъалаи рӯзмара ба ҳисоб меравад.

Давраи наврасӣ ин давраи тағйироти амиқи сифатӣ ва миқдорӣ дар рушди шахсӣ ва равонӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ин синну сол ба таъсири омилҳои беруна хеле пурэҳсос дониста мешавад, мисли ниҳодҳои гуногуни ҷомеасозӣ, ки равандҳои дохилии шахсияти наврасро муайян мекунанд, ва дар тағйирёбии ақидаҳо дар бораи худ, ҷустуҷӯи мавқеи худ дар ҷомеа, ҳисси калонсолӣ, ноустувории машғулиятҳо ва манфиатҳо, ташаккули шахсияти том ва ғ. ифода меёбад.

Тавре ки Э.М. Ахмедова қайд мекунад, ба давраи наврасӣ дигаргуниҳои бузурги физиологӣ хос аст. Дар ин давра, қад ва вазни наврас якбора зиёд мешавад, рушди назарраси низоми дилу рагҳо, инчунин тағирёбии тавозуни гормоналӣ дар бадан мушоҳида мешавад [1, с. 4]. Наврасон давраи хеле душворро аз сар мегузаронанд ва ин аз нуқтаи назари Веингерова Л.Я муқаррарӣ ҳисобида мешавад [4, с. 47]. Илова бар ин, манфиатҳо, завқ ва тарзу усули худро ифода кардани наврасон аксар вақт ба меъёрҳои маъмули рафтор мувофиқат намекунанд. Ин на танҳо ба шахсият, балки таъсири як қатор омилҳои беруна ба ноболиғ низ вобаста аст [3, с. 75].

Ахмедова Э.М. чунин андеша дорад, ки дар робита ба тағйироти мушоҳидашуда дар хусусиятҳои физиологии бадани наврас, дар вай метавонад изтироб, тағйирёбии эмотсионалӣ ва фикрҳои афсурдагӣ пайдо шаванд. Наврас метавонад худро ноуҳдабаро, заҳматталаб ҳис кунад ва дар бораи намуди зоҳирии худ хавотир бошад. Ин тағйирот аҳамияти ба худ хос доранд, ки бо тассавуроти иҷтимоӣ дар бораи рушд ва анъанаҳои фарҳангии ба воя расидан, инчунин муносибати дигарон ба ӯ ва муқоисаи худ бо дигарон муайян мешаванд. Тағйироти ҷиддие, ки дар давраи наврасӣ ба вуҷуд меоянд, ҳам аз омилҳои беруна (иҷтимоӣ) ва ҳам дохилӣ (биологӣ ва равонӣ) вобастаанд. Ҳамзамон, дарккунии фаъоли шахсияти худ - рефлексия оғоз меёбад [1, с. 12].

Ба тамоми гуфтаҳои муҳаққиқони дар боло зикршуда розӣ шудан мумкин аст, зеро давраи наврасӣ, ки ба гуфтаи баъзе олимон синни аз 11 то 17 солагиро дарбар мегирад, бо тағйироти куллӣ дар бадан, намуди зоҳирӣ, психика ва ғ. ба амал меоянд. Яку якбора дар як вақти муайяни кутоҳ, наврас аз кӯдак ба ҷавони қадбаланду бо тамоман фикрҳои тағйирёфта, каму беш шахсияти ташаккулёфта мубаддал мегардад, ки чунин тағйирёбиҳо ҳам дар бадан ва ҳам дар психика ва ҳолати равонии ӯ, барои наврас хеле душвор паси сар мешаванд. Албатта ба ташаккулёбии шахсияти наврас омилу сабабҳои гуногуни ҳам дохилӣ ва ҳам беруна таъсири бузург мерасонанд: оила, падару модар, бародару хоҳар, бобою бибӣ, боғча, мактаб, ҳамсинфон, муаллимон, куча, бозиҳои гуногуни наврасӣ ва ғ. Ин ҳама дар ҳолати равонии наврас бе таъсир намемонад.

Ҳамин тавр, дар як муддати кӯтоҳ дар ҷисми наврас тағйироти назаррас ба амал меояд. Инкишофи нобаробари бадан дар натиҷа ба хастагии баланд, эҳсоси ноустувор, асабишавӣ ва таъби манфӣ оварда мерасонад [6, с. 50]. Л.Я. Веингерова ва Д.Д. Гурев давраи наврасиро ҳамчун даврае муайян мекунанд, ки ба давраи гузариш аз бачагӣ ба наврасӣ хос аст. Ин давраи синну солӣ барои рушди наврас танқидӣ ба ҳисоб меравад ва бо тағйироти куллӣ дар шуӯр ва муносибатҳои шахс алоқаманд аст [4, с. 17].

Асоси ташаккули сифатҳои нави равонӣ ва шахсии наврас муошират дар доираи фаъолиятҳои гуногун мебошад. Наврасон одатан хоҳиши фаъоли дохил шудан ба ҷаҳони калонсолонро нишон медиҳанд. Дар ин давра худшиносӣ ва таваҷҷуҳ ба худ ҳамчун шахс, қобилият ва истеъдодҳои худ инкишоф меёбад. Агар наврас имкони фардикунонӣ ва амалӣ намудани қобилиятҳои нави худро надошта бошад, ӯ метавонад рафтори девиантиро нишон диҳад [2, с. 48]. Тибқи гуфтаҳои Д.П. Ткаченко, «синну соли наврасӣ яке аз марҳилаҳои муҳимтарини инкишофи инсон ба ҳисоб меравад», зеро он асоси тамоми ташаккули минбаъдаи шахсиятро муайян мекунад [12, с. 33]. А.Е. Личко низ ин нуқтаи назарро тасдиқ мекунад, ба андешаи ӯ, ин давра бо ноустуворӣ ва осебпазирӣ хос аст ва аз ин рӯ, нисбат ба дигар марҳилаҳои ҳаёт аз воқеияти атроф вобастагии зиёд дорад [8, с. 12].

Яъне ба андешаи ин олимон, дар ин давра ҷиҳатҳои равонии наврас, аз қабили дарки дунё, гирду атроф, худшиносӣ, рафтору муошират бо дигарон, рушди истеъдодҳо, тағйирёбии фикру ақидаҳо рушду ташаккул меёбанд ва илова бар ин, агар шароит ва имкон барои ин рушд набошад, наврас ва шахсияти ӯ метавонад ба самти манфӣ равона шавад ва дар ӯ як қатор рафтору хислатҳои манфӣ пайдо шудан мегиранд, ки бо тамоми гуфтаҳои ин муҳаққиқон розӣ шудан мумкин аст.

Ҳамин гуфтаҳоро низ Л.С. Виготский тасдиқ мекунад. Ба андешаи ӯ, гузариш ба вазифаҳои олии равонӣ мазмуни асосии давраи наврасии рушд мебошад, ки маҳсули рушди фарҳангӣ ва таърихии шахсият мебошад.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз шумораи зиёди нуқтаҳои назар оид ба мундариҷаи давраи наврасӣ, вазифаҳои умумие, ки дар ин ҷо ҳал карда мешаванд:

*1) ба даст овардани мустақилият аз калонсолон;*
*2) ташаккули шахсият;*
*3) азхудкунии нақши муайян (баданӣ, ҷинсӣ, гендерӣ);*
*4) худмуайянкунӣ (ҳаётӣ, касбӣ, шахсӣ);*
*5) худтанзимкунии рафтор;*
*6) ташаккули низоми арзишҳо;*
*7) инкишофи тафаккури абстрактӣ.*

Синну соли наврасӣ аксар вақт бо балоғат алоқаманд аст, ки он давраи инкишофи махсуси шахсият мебошад, ки дар ин давра қобилияти иҷрои вазифаи репродуктивӣ ташаккул меёбад. Суръатёбии он ва омили хавфи инкишофи равонии наврас мегардад. Дар давраи балоғат, вазъи кӯдак бадтар мешавад, гарчанде ки ақидаҳои ғайривоқеӣ дар бораи имтиёзҳои шахсӣ ва мақоми калонсолон боқӣ мемонанд. «Ба ин омилҳои субъективӣ низ таъсир мерасонад: тағйироти гуногуни физиологӣ, орзую идеалҳое, ки аллакай амалӣ шуданро сар карда истодаанд, душвориҳои муносибат бо худ ва муҳити наздик, эҳсоси танҳоӣ ва хоҳиши зуд расидан ба мақоми калонсол ва ғ.» [11, с. 13].

Л.С. Виготский дар ин бобат чунин андеша дорад, ки давраи балоғат то ба охир расидани инкишофи умумии органикии наврас ва то расидан ба шакли иҷтимоию фарҳангии наврас оғоз ва ба охир мерасад. Ба таври хосса муаллиф ин секунҷаро дар шакли қуллаҳо - нуқтаҳои муайяни камолот: ҷинсӣ, умумии органикӣ, иҷтимоӣ тавсиф кардааст [5, с. 18].

Дар сатҳи баданӣ тағйироти ҷиддии гормоналӣ ба амал меояд, дар сатҳи иҷтимоӣ наврас мавқеи фосилавии байни кӯдак ва калонсолонро ишғол мекунад, дар сатҳи психологӣ (равонӣ) синну соли наврасӣ бо ташаккули худшиносӣ хос аст. Ҳар як давраи синну солӣ давраи гузариш аст, ки шахсро барои гузаштан ба сатҳи баландтари синну сол омода мекунад.

Дар ин давра тафаккури конкретӣ, тасаввуротӣ, ки хосси кӯдакон аст, дар давраи наврасӣ торафт бештар мавқеи худро ба абстрактӣ тағйир дода, мустақил, фаъол ва эҷодкортар мегардад. Наврас аллакай медонад, ҳангоми ҳалли масъалаҳои зеҳнӣ чӣ гуна бо фарзияҳо амал кунад. Илова бар ин, ӯ қодир аст ҷустуҷӯи мунтазамро дар ҳалли мушкилот анҷом диҳад. Бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ шуда, кӯшиш мекунад, ки роҳҳои гуногуни имконпазири ҳалли онро пайдо кунад, самаранокии мантиқии ҳар яки онҳоро санҷад. Чунин амалиёт, ба монанди тасниф, аналогия (муқоисакунӣ), умумикунонӣ ва ғайра дар наврас рушд меёбанд.

Муҳаққиқони муосири давраи наврасӣ, аз ҷумла Л.В. Зиновева чунин андеша доранд, ки «аз як ҷониб, синну соли наврасӣ давраи иҷтимоишавӣ, дастрасӣ ба олами фарҳанги инсонӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ ва аз ҷониби дигар фардишавӣ мебошад» [7, с. 92], «Ман»-и нотакрор ва бемислу монандро кашф ва устувор мекунад. Давраи наврасии зиддиятнок на танҳо давраи дастовардҳо, балки давраи талафоти муайяне низ ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои тафаккури назариявии рефлексионӣ ба наврасон имкон медиҳанд, ки ақидаҳои абстрактиро таҳлил кунанд, хато ва зиддиятҳои мантиқиро дар қазияҳо ҷустуҷӯ кунанд. Бе дараҷаи баланди рушди зеҳнӣ шавқу ҳавас ба масъалаҳои абстрактӣ, фалсафӣ, динӣ, сиёсӣ ва ғайра, ки ба ин синну сол хос аст, имконнопазир аст. Наврас метавонад дар бораи идеалҳо, дар бораи оянда сухан гӯяд, вай ба ҷаҳон назари нави амиқтар пайдо мекунад. Дар ин вақт ташаккули асосҳои ҷаҳонбинӣ оғоз меёбад, ки ҷаҳонбинӣ ҷузъи он аст.

Дар айёми наврасӣ кӯдак мантиқи тафаккури калонсолонро ба даст меорад. Иктишофи минбаъдаи дарк ва хотира, шаклҳои гуногуни нутқ, аз ҷумла хаттӣ инкишоф меёбанд. Ташаккули хаёлот бо инкишофи умумии зеҳнӣ низ алоқаманд аст. Наздикшавии тасаввурот бо тафаккури назариявӣ ба эҷодкорӣ такони қавӣ мебахшад: наврасон ба навиштани шеър, тарҳрезии моделҳо, навохтани асбобҳои мусиқӣ шуруъ мекунанд.

Аммо дар давраи наврасӣ хатти дуюми инкишофи хаёлот низ вуҷуд дорад. На ҳама наврасон кӯшиш мекунанд, ки натиҷаи эҷодии объективӣ ба даст оранд, аммо ҳама ҳангоми хаёл кардан аз имкониятҳои тасаввуроти худ истифода мебаранд.

Эҳтиёҷот, эҳсосоте, ки наврасро фаро мегирад, дар вазъияти хаёлӣ паҳн мешавад. Орзуҳои дар ҳаёти воқеӣ қонеъношуда дар ҷаҳони фантастикӣ ба осонӣ амалӣ мешаванд: наврасе ҷудошуда, ки дар муошират бо ҳамсолон душворӣ мекашад, метавонад қаҳрамон шавад, духтари ношинос метавонад ба

модели олӣ табдил ёбад ва ғайра. Дар наврасӣ мушкилоти зиёди шахсӣ вуҷуд дорад, бинобар ин дар ҷузъи эҳсосотӣ тасаввурот нақши муҳим дорад.

Наврасон як гурӯҳи синну солие мебошанд, ки дар марҳилаи гузариш байни кӯдакӣ ва калонсолӣ қарор доранд. Дар ин синну сол онҳо ба як қатор мушкилот дучор мешаванд, ки метавонад ба хислат ва рушди шахсии онҳо таъсири манфӣ расонад.

Наврасон барои ба мақсади худ расидан азму иродаи қавӣ ва суботкории калон доранд. Аммо, ин сифатҳо метавонанд яктарафа зоҳир шаванд. Ҳамин тавр, мақсаднокӣ ва матонати олӣ метавонад бо ҳасосият ва ноустуворӣ омезиш ёбанд. Эътимоди баланд ба худ ва бетартибӣ дар қазияҳо метавонад ба осебпазирии ночиз ва эҳсоси шубҳанокӣ ба худ табдил ёбад. Ниҳоят, волоияти эҳсос метавонад бо ратсионализми хушк, худпарастӣ, хусумат ва бераҳмӣ дар ҳамҷоя бошад.

Хоҳиши истиқлолият ва худмухторӣ дар ин синну сол заъфи шахсро фош ва таҳким бахшида, онҳоро ба таъсири манфии муҳити зист бештар осебпазир месозад. Навовариҳое, ки дар давраи наврасӣ рушд меёбанд, аз қабили танзими бошууронаи амалҳои худ ва қобилияти ба назар гирифтани эҳсос ва манфиатҳои одамони дигар, ба наврасон барои мутобиқ шудан ба шароити нави зиндагӣ ва инкишоф додани салоҳиятҳои иҷтимоии онҳо кӯмак мекунанд.

Дар натиҷа, давраи наврасӣ на танҳо як давраи душвор, балки давраи ниҳоят муҳим дар ҳаёти инсон ба ҳисоб меравад. Ин вақте аст, ки онҳо ба ташаккули шахсияти худ шуруъ мекунанд ва ҷои худро дар ҳаёт меҷӯянд. Гузариши бомуваффақият ва солим ба синни балоғат танҳо бо дастгирии муҳити ғамхор ва меҳрубон, ки омода аст ба онҳо барои бартараф кардани ҳама монеаҳое, ки дар роҳи онҳо истодаанд, амалӣ карда шавад.

Барои инкишофи руҳии кӯдак на танҳо хусусияти фаъолияти асосии ӯ, балки хусусияти муносибат бо одамони гирду атроф, ки ӯ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи худ қарор дорад, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, муомилаи байни наврасон бо ҳамсолон ва калонсолонро шарти муҳимми ташаккули шахсияти онҳо ба назар гирифтан зарур аст. Нокомӣ дар муошират боиси норозигии дохилӣ мегардад, ки онро бо натиҷаҳои баланд дар дигар соҳаҳои ҳаёт ва фаъолият ҷуброн кардан мумкин нест.

Фаъолияти муҳим дар айёми наврасӣ муошırати байнишахсӣ мебошад. Муошırати пурмазмунтарин ва амиқтарин дар дӯстӣ имконпазир аст. Дар дӯстӣ наврасон хеле интихобӣ ҳастанд, аммо доираи иҷтимоии онҳо танҳо бо дӯстони наздик маҳдуд намешавад - баръакс, он нисбат ба марҳилаҳои қаблии рушд васеътар мешавад. Дар ин давра наврасон ба ҳамдигар ҷалб мешаванд, муошırати онҳо чунон шадид мешавад, ки ҳатто дар бораи «гурӯҳбандии наврасон» ҳарф мезананд. Бо вуҷуди ин, барои рушди дурусти наврас, муҳим аст, ки як гурӯҳи истинодӣ бояд бошад, ки арзишҳои онҳоро ӯ қабул кунад ва мувофиқи он ӯ худро дар рафтор ва баҳодиҳии вазъият равона кунад.

Ба андешаи А. А. Реан, «муошıратро наврасон ба таври субъективӣ ҳамчун чизи хеле муҳимми шахсӣ қабул мекунанд. Аммо, чунон ки таҳлили раванди муосири педагогӣ нишон медиҳад, зарурати омӯзиши наврасон барои муошırати мусоид, эътимоднок бо калонсолон ва ҳамсолон дар мактаб аксаран қаноатмандии худро пайдо намекунад. Ин боиси ташаккули изтироби зиёд, ташаккули ҳисси худбоварӣ бо худбаҳодиҳии нокифоя ва ноустувор мегардад, мушкилот дар рушди шахсӣ ба самтгирӣ дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёт халал мерасонад. Агар кӯдак дар оила муошırати мусоид надошта бошад, ҳамаи ин борҳо боз ҳам бадтар мешавад [10, С. 378-379].

Л. С. Выготский қайд карда буд, ки дар давраи синну соли наврасӣ хонанда раванди дарки мафҳумҳоро азхуд мекунад, ки ин ба шакли олии фаъолияти фикрӣ оварда мерасонад. Ҳамчунин қайд мекунад, ки: «фаҳмидани дигарон ва дарки худ он чизест, ки тафаккур дар мафҳумҳо бо ҳам меорад» [5, с. 59]. Олим қайд кардааст, ки дар наврасони 9-12 сола тадриҷан тафаккури консептуалӣ рушд меёбад, вале он ҳанӯз нокомил аст, зеро мафҳумҳои ибтидоии дар заминаи таҷрибаи ҳаёт ташаккулёфта ҳанӯз бо маълумоти илмӣ тасдиқ карда нашудаанд [5, с. 35].

Р.С. Немов, дар навбати худ, таъкид мекунад, ки дар давраи наврасӣ тамоми равандҳои маърифатӣ ба дараҷаи баланди рушд, аз ҷумла, «хотираи механикӣ» мерасад, ки дар якҷоягӣ бо тафаккури ба қадри кофӣ инкишофёфта барои инкишофу такмили минбаъдаи тафаккури мантиқӣ ва хотираи пурмазмун замина фароҳам меорад» [9, с. 88]. Дар наврасон қазияҳо ба ҳам алоқаманд ва мантиқӣ мегарданд, ки имкон медиҳад фарзияҳоеро пешниҳод кард, ки санҷиш, танқид ва асосноккунии мулоҳизаҳоро талаб мекунанд.

Синну соли наврасӣ як давраи аҷибест, ки дар шахсияти кӯдак тағйироти зиёде рух медиҳад. Яке аз тағйироти асосӣ ташаккули нутқи ботинӣ ва омезиши афкор бо сухан мебошад. Наврас ҳар қадар калон шавад, тафаккури абстрактии ӯ ҳамон қадар мустаҳкамтар мегардад ва вай метавонад сатҳи назариявии дониш ва дарки олами атрофро ба худ гирад.

Барои рушди шахсии худи наврас хеле муҳим аст, ки ӯ ба ягон илм ё санъат шавқ дошта бошад, аз ин рӯ, ба фаъолияти зеҳнии калонсолон шомил кардани ӯ метавонад барои ӯ хеле муфид бошад. Имконияти амиқи худомузӣ ва иштирок кардан дар ҳалли масъалаҳои мураккаб — ҳамаи ин боиси баланд шудани дараҷаи инкишофи шахсияти насли наврас мегардад.

Аммо на ҳамаи наврасон ба дараҷаи баланди рушди шуӯри ахлоқӣ ноил шуда метавонанд ва танҳо камшуморе барои некуаҳволии дигарон масъулият ҳис карда метавонанд. Бо вуҷуди ин, волидайни манфиатдор метавонад барои гаҷетҳо ва технологияҳои навтарин, ки метавонад ба онҳо муваффақтар ва маълумотноктар шаванд ва имкониятҳои навро барои рушди шахсӣ боз кунад, бештар пардохт кунанд.

Инчунин шаклҳои воқеан арзишманди балоғат мавҷуданд, ки на танҳо барои наздикон, балки барои рушди шахсии худи наврас мусоид мебошанд. Ин шомил шудан ба фаъолияти зеҳнии калонсолон, вақте ки наврас ба як соҳаи муайяни илм ё санъат шавқ дорад ва ба худомӯзӣ амиқ машғул аст. Ё худ ғамхорӣ кардан дар бораи оила, иштирок кардан дар ҳалли масъалаҳои мураккаб ва ҳаррӯза, ёрӣ расондан ба ниёзмандон.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, барои аз таъсири манфии муҳити зист эмин нигоҳ доштани наврасон барои онҳо фазои мусоид фароҳам овардан лозим аст. Инчунин ба онҳо дар барқарор кардани муносибатҳои солим бо волидон, дӯстон ва муаллимон кумак кардан ва инчунин имкони ба даст овардани дониш ва малакаҳоеро фароҳам бояд овард, ки ба онҳо дар идора кардани эҳсосот ва амалҳояшон расонанд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф кори дастаҷамъӣ ва ҳамкории волидон, муаллимон ва дигар мутахассисон, аз ҷумла равоншиносон ва кормандони иҷтимоӣ лозим ва зарур аст. Онҳо бояд кафолат диҳанд, ки наврасон ба иттилооти дуруст дастрасӣ пайдо хоҳанд кард, малакаҳои кори дастаҷамъӣ, қобилияти эътироф ва ҳалли низоъҳо ва инкишоф додани ҳамдардӣ дар онҳо рушд дода ва онҳоро азхуд кунанд. Инчунин барои наврасон шароит фароҳам овардан муҳим аст, ки дар он онҳо тавонанд истеъдод ва маҳфилҳои худро инкишоф диҳанд, дар чорабиниҳои варзишӣ, волонтёрӣ ё бадеӣ иштирок кунанд.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои асосии ташаккули шахсияти наврас инҳоянд:

*1. Буҳрони худмуайянкунӣ: Дар давраи синну соли наврасӣ наврас дар бораи худшиносӣ, мавқеъи худ дар ҷомеа ва арзишҳои шахсии худ ба худ саволҳо медиҳад ва бисёр андеша мекунад. Ӯ аллакай дарк мекунад, ки дигар кӯдак нест, лекин пурра ба камол нарасидааст ва роҳи худро дар ҳаёт меҷӯяд.*

*2.Ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ: Дар давраи наврасӣ шахс муомила карданро бо ҳамсолон фаъолона меомӯзад, салоҳияти иҷтимоии худро ташаккул медиҳад, қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори гурӯҳиро аз худ мекунад.*

*3. Фардикунонӣ тавассути таҷриба: Наврас тавассути таҷрибаи амалӣ аз шавқу ҳавасҳо ва майлҳои худ огаҳ мешавад. Ӯ бо нақшҳо ва рафторҳои гуногун озмоиш мекунад, то муайян кунад, ки ӯ кӣ будан мехоҳад.*

*4. Эҳсоси баланди эмотсионалӣ: Дар давраи наврасӣ дар заминаи гормоналӣ тағйироти назаррас ба амал меояд, ки боиси афзоиши ҳассосияти эмотсионалӣ мегардад. Наврас метавонад эҳсоси пурталотум, тағирёбии рӯҳӣ ва аксуламалҳои шадиди эмотсионалӣ дошта бошад.*

*5. Ҷустуҷӯйи мустақилият: Барои наврас мустақил будан аз волидон ва хоҳиши истиқлолият масъалаи муҳим мегардад. Вай ҷустуҷӯйи шахсият ва озодии интихоби худ дар ҳаётро оғоз мекунад.*

*6. Худмуайянкунии интенсивӣ: Наврас хислатҳои шахсӣ, қобилият ва маҳорати худро фаъолона кашф ва инкишоф медиҳад. Ӯ дар назди худ ҳадафҳо мегузорад ва барои расидан ба онҳо талош мекунад.*

*7. Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ: Наврас ба ташаккули низоми арзишҳо ва эътиқоди ахлоқии худ дар асоси таҷрибаҳои худӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ шуруъ мекунад.*

*8. Афзоиши масъулияти иҷтимоӣ: Дар раванди ташаккули шахсият наврасон бо вазифаҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки қабули қарор ва масъулиятро барои амалҳои худ талаб мекунанд. Онҳо акнун дарк мекунанд, ки амалҳои онҳо оқибатҳо доранд ва метавонанд ба дигарон таъсир расонанд.*

**АДАБИЁТ:**

1. Ахмедова Э.М. Педагогические основы профессионального самоопределения обучающихся // Э. М. Ахмедова. Московская международная академия. М.: ММА, 2020. С. 12 (149 с).

2. Бережковская Е.Л. Проблема оценки условий формирования психологической готовности к профессиональному выбору.// Е.Л. Бережковская. М.: Белый ветер, 2020. 85 с.

3. Буданцова А. А. Профессиональное самоопределение обучающихся на основе расширения социально-культурной среды учреждения // Приоритеты мировой науки: эксперимент и научная дискуссия Материалы X международной научной конференции.// А.А. Буданцова. Научно-издательский центр «Открытие». 2016. С. 92-109.

4. Вейнгерова Л.Я. О подготовке подростков к самостоятельной жизни.// Л.Я. Вейнгерова. М. : Сам Полиграфист, 2020. 70 с.

5. Выготский Л. С. Педология подростка. Психологическое и социальное развитие ребенка.// Л.С. Выготский. СПб.: Питер, 2021. 221 с.

6. Добрева Н.Ю. К вопросу об изучении понятия ценностно - смысловой сферы в отечественной и зарубежной психологии // Уголовно-исполнительная система России в условиях реформирования. // Н. Ю. Добрева. Сборник материалов межвузовской научно-практической конференции адъюнктов, курсантов, студентов и слушателей. 2019. С. 49-52.

7. Зиновьева Л.В. Структура ролевых диспозиций подростков в пространстве социальной турбулентности Новосибирск:// Л.В. Зиновьева. Новосибирский государственный педагогический университет, 2020. 128 с.

8. Личко А.Е. Психопатии и акцентуации характера у подростков.// А.Е. Личко. СПб.: Питер, 2022. 301 с.

9. Немов Р. С. Общая психология: учебник и практикум для СПО.// Р. С. Немов. М.: Юрайт, 2019. 262 с.

10. Психология человека от рождения до смерти. Психологический атлас человека. /Под ред. А.А. Реана. СПБ.: Прайм - ЕВРОЗНАК, 2007. 651 с.

11. Сулейманова А. Н. Социально-психологические аспекты организации учебного процесса у подростков с девиантными формами поведения: автореферат дис. доктора философии: специальность 61.14.01. Социальная психология: отрасль науки: Психология / А.Н. Сулейманова; Азербайджанская Республика, [Азербайджанский университет языков]. Баку, 2022. 22 с.

12. Ткаченко Д.П. Психологические особенности социализации подростков в современном транзитивном обществе: диссертация. кандидата психологических наук: 19.00.13 / Д.П. Ткаченко; [Место защиты: Институт психологии Российской академии наук]. М.: 2020. 150 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ РАВОНИИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ НАВРАСОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи мубрам ва рӯзмара – хусусиятҳои ташаккулёбии шахсияти наврасонро аз ҷиҳати назариявӣ, такя ба асарҳои олимону муҳаққиқон ватаниву хориҷӣ зери омӯзиш қарор дода, баррасӣ ва таҳлил намудааст. Давраи наврасӣ ин давраи тағйироти амиқи сифатӣ ва миқдорӣ дар рушди шахсӣ ва равонӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра, қад ва вазни наврас якбора зиёд мешавад, рушди назарраси низоми дилу рагҳо, инчунин тағирёбии тавозуни гормоналӣ дар бадан мушоҳида мешавад. Наврасон давраи хеле душворро аз сар мегузаронанд ва манфиатҳо, завқ ва тарзу усули худро ифода кардани наврасон аксар вақт ба меъёрҳои маъмули рафтор мувофиқат намекунанд. Ин на танҳо ба шахсият, балки таъсири як қатор омилҳои беруна ба ноболиғ низ вобаста аст. Ин тағйирот аҳамияти ба худ хос доранд, ки бо тассавурот иҷтимоӣ дар бораи рушд ва анъанаҳои фарҳангии ба воя расидан, инчунин муносибати дигарон ба ӯ ва муқоисаи худ бо дигарон муайян мешаванд. Тағйироти ҷиддие, ки дар давраи наврасӣ ба вуҷуд меоянд, ҳам аз омилҳои беруна (иҷтимоӣ) ва ҳам дохилӣ (биологӣ ва равонӣ) вобастаанд. Ҳамин тавр, муаллиф қайд менамояд, ки давраи наврасӣ, ки ба гуфтаи баъзе олимон синни аз 11 то 17 солагиро дарбар мегирад, бо тағйироти куллӣ дар бадан, намуди зоҳирӣ, психика ва ғ. ба амал меоянд. Яку якбора дар як вақти муайяни кутоҳ, наврас аз кӯдак ба ҷавони қадбаланду бо тамоман фикрҳои тағйирёфта, каму беш шахсияти ташаккулёфта мубаддал мегардад, ки чунин тағйирёбиҳо ҳам дар бадан ва ҳам дар психика ва ҳолати равонии ӯ, барои наврас хеле душвор паси сар мешаванд.

**Калидвожаҳо:** *наврас, шахсият, балоғат, кӯдак, рушд, инкишоф, эҳсосот, равонӣ, тағйирот, танқидӣ, ташаккул, дохилӣ, берунӣ, манфиат, хоҳиш, завқ, усул, рафтор, тасавурот.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ ЛИЧНОСТИ МОЛОДЫХ

В данной статье автор изучил, рассмотрел и проанализировал актуальный и современный вопрос - особенности формирования личности подростков с теоретической точки зрения, опираясь на работы отечественных и зарубежных ученых и исследователей. Подростковый возраст – это период глубоких качественных и количественных изменений в личностном и психологическом развитии. В этот период резко увеличивается рост и вес подростка, наблюдается значительное развитие сердечно-сосудистой

системы, а также изменения гормонального баланса в организме. Подростки переживают очень сложный период, а их интересы, вкусы и способы самовыражения часто не соответствуют общепринятым нормам поведения. Это зависит не только от личности, но и от влияния ряда внешних факторов на несовершеннолетнего. Эти изменения имеют свое значение, которое определяется социальными представлениями о развитии и культурными традициями взросления, а также отношением к нему окружающих и его сравнением с другими. Существенные изменения, происходящие в подростковом возрасте, зависят как от внешних (социальных), так и от внутренних (биологических и психологических) факторов. Так, автор указывает, что период подросткового возраста, к которому, по мнению некоторых ученых, относится возраст от 11 до 17 лет, сопровождается радикальными изменениями в организме, внешности, психике и т. д.. Внезапно за определенное короткое время подросток из ребенка превращается в высокого юношу с совершенно изменившимися мыслями, более или менее сформировавшейся личностью, и такие изменения в своем теле, а также в психике и психическом состоянии подростку очень трудно преодолеть.

**Ключевые слова:** *подросток, личность, подростковый возраст, взрослость, ребенок, развитие, чувства, психика, психологическое, изменение, трудный, критический, характер, формирование, внутреннее, внешнее, интерес, стремление, вкус, самостоятельная жизнь, способ, поведение, воображение.*

## PSYCHOLOGICAL FEATURES OF YOUNG PERSONALITY FORMATION

In this article, the author has studied, reviewed and analyzed an actual and modern issue - the peculiarities of the formation of the personality of adolescents from a theoretical point of view, based on the work of domestic and foreign scientists and researchers. Adolescence is a period of profound qualitative and quantitative changes in personal and psychological development. During this period, the height and weight of a teenager sharply increases, there is a significant development of the cardiovascular system, as well as changes in the hormonal balance in the body. Teenagers are going through a very difficult period, and their interests, tastes and ways of self-expression often do not correspond to generally accepted norms of behavior. It depends not only on the personality, but also on the influence of a number of external factors on the minor. These changes have their own significance, which is determined by social ideas about development and cultural traditions of growing up, as well as the attitude of others to it and its comparison with others. Significant changes occurring in adolescence depend on both external (social) and internal (biological and psychological) factors. So, the author points out that adolescence is a period of transition between childhood and adulthood (the age from 11 to 17 years). During this time, children undergo many changes in their bodies and brains. These include physical, intellectual, psychological, and social challenges as well as development of their own moral compass. The changes are rapid and often take place at different rates. Suddenly, in a certain short time, a teenager turns from a child into a tall young man with completely changed thoughts, more or less formed personality, and such changes in his body, as well as in his psyche and mental state, are very difficult for a teenager to overcome.

**Keywords:** *teenager, teenagers, personality, adolescent personality, adolescence, adulthood, child, development, feelings, psyche, psychological, change, difficult, critical, character, formation, internal, external, interest, aspiration, taste, independent life, way, behavior, imagination.*

***Маълумот дар боари муаллиф:*** *Ҳакимов Силоҳиддин Ғуломович – докторанти бахши якуми ихтисоси Психологияи умумии факултети Психологияи Донишгоҳи далатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: (+992)901-42-06-07.E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com.*

***Информация об авторе:*** *Хакимов Силохиддин Гуломович - докторант первого курса специальности Общая психология факультета психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел: (+992) 901-42-06-07.E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com*

***Information about the author:*** *Hakimov Silokhiddin Gulomovich - doctoral student of the first year of the specialty General Psychology, Faculty of Psychology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel: (+992) 901-42-06-07. E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com*

# МОҲИЯТИ БОЗӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

*Раҳимзода Ф. Г.*
**унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Аз лаҳзаи таваллуди кӯдак оила ҳаёти ӯро мувофиқи қоидаҳои ҷомеа ташкил ва ба роҳ мемонад. Падару модар ӯро ба корҳои ҳаррӯза ба мисли: хӯрок хӯрдан, дар вақти муайяншуда аз хоб бедор кардан ва амсоли инҳо одат мекунонад. Баъди гузашти 4-5 моҳ кӯдак ашёро дарк карда, мехоҳад бо онҳо амалеро иҷро кунад. Ва ӯ ба идора кардани онҳо шуруъ мекунад. Баъди 6 моҳи ҳаёт дар кӯдак эҳтиёҷ ба муошират бо калонсолон ва хоҳиши иҷрои амал пайдо мегардад. Дар ҷавоб ба муҳаббат ва ғамхории волидон кӯдак ҳисси мусбат, хушҳолӣ, хайрхоҳӣ ва кунҷкобиро инкишоф медиҳад. Ин хусусиятҳо дар оянда ҳамчун шарти зарурии рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мегарданд.

Ба андешаи муҳаққиқ, олим ва педагоги тоҷик Маҷидова Бибиҳафиза «Барои кӯдакони то яксола фаъолияти аввалин ин муносибати эмотсионалӣ-ашёӣ бо калонсолон аст. Дар ҷараёни ин фаъолият дар кӯдак талабот ба таассуроти нав инкишоф ёфта, тасаввуроти нав ҳосил мешавад. Дар баробари калон шудан кӯдак тарзи иҷрои амалҳоро аз худ мекунад, ки он воситаи зиёд шудани фаъолиятнокӣ мегардад»[7, С.31].

Дар давоми соли аввали ҳаёти кӯдакон шахси калонсол муносибати худро бо истифода аз воситаҳои тақлидӣ ба мисли: мимика, пантомима ва интонатсияҳои нутқ ифода мекунанд. Волидон баъзе аъмоли тифлро ташвиқ, дигареро маҳкум мекунанд ва ҳамин тавр талабот ва хости худро нисбат ба кӯдак баён месозанд. Кӯдак ҳанӯз маънои ин таработро намефаҳмад, аммо интонатсияи овозро хуб ҳис мекунад ва муносибати эмотсионалии худро нишон медиҳад. Масалан, кӯдак хуб хӯрок мехӯрад ё осуда хоб меравад, калонсолон ба ӯ нигоҳ карда, сар меҷунбонанду табассуму сила мекунанд ва бо меҳрубонӣ бо ӯ сухан мегӯянд.

Тавре ки муҳаққиқ Евтушенко И.Н. дар китоби худ «Икишоф ва тарбияи кӯдакони синни хурдсол» қайд мекунад: « Муносибати меҳрубонона ба кӯдак шарти ташаккули муносибати мусбати ӯ ба одамон мебошад. Дар вуҷуди кӯдак эҳсос ба андозаи зарурӣ рушд накардааст, аммо барои наздикон муҳим будани худро эҳсос мекунад»[3, С.73].

Ташаккули тамоюл ба суханронии калонсолон дар охири соли аввали ҳаёт ба таъсиси робитаи байни сухану амал ва тарзи рафтор оварда мерасонад. Чунин робитаҳо ба ташаккули шаклҳои иҷтимоии рафтори кӯдак мусоидат мекунанд. Дар давраи аввали кӯдакӣ рушди роҳравӣ доираи муошираи кӯдакро бо ҷаҳони беруна ба таври назаррас васеъ мекунад. Рафтори кӯдак мураккабтар шуда, диққати ӯро ҳамагуна ашёи номаълум ҷалб месозанд. Вай бештар ба фаъолияти якҷоя бо калонсолон, махсусан ба корхои хона машғул мешавад. Дар баробари ин, доираи зуҳури мустақилӣ пайдо мегардад. Дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти кӯдак ба амал меоянд, зарурати ҷорӣ намудани қоидаҳои мураккабтари ахлоқиро аз тарафи волидон ба миён мегузоранд. Масалан, волидон ба ӯ мегӯянд ва талаб мекунанд, ки либосҳоятро ифлос накун, ба ҷойи обдор нарав, ҳангоми роҳ рафтан дастатро ба даҳонат нагузор ва ғайра.

Ташаккули одатҳои ахлоқӣ дар давраи аввали кӯдакӣ дар фаъолияти ҳамарӯза ва объективӣ, вақте ки шахси калонсол тарзи рафторро нишон дода, аз кӯдак талаб мекунад, ки онро аввал дар фаъолияти муштарак бо ӯ ва баъд мустақилона анҷом диҳад, зоҳир мегарданд.

Дар давраи аввали кӯдакӣ низоми муносибатҳои байни кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолон вусъат ва ташаккул меёбанд. Амалҳо мураккабтар гардида, фаъолияти муштарак бо ҳамсолон ба вуҷуд меояд. Кӯдаки синни томактабӣ олами атрофро дарк карда, муносибатҳоро дар асоси меъёрҳои рафтор ба роҳ мемонад[2, С.15].

Хоҳиши кӯдак дар якҷо бо калонсолон кору фаъолият ва амалеро иҷро намудан, тақлид ба рафторҳои онҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Кӯдак аз педагог ва падару модар услуби рафтор, одоб, одат ва ҳатто муносибатро нисбат ба одамон, ашё, ҳайвонот ва муҳити атроф меомӯзад.

Дар синни томактабӣ кӯдакон ба намудҳои гуногуни фаъолият аз қабили: муошират, бозӣ, тасвирӣ, меҳнатӣ, таълимӣ ва маърифатӣ рӯ ба рӯ гардида, дар раванди ҳаёт аз онҳо истифода мебаранд. Кӯдакон тадриҷан ҳама намуди фаъолиятҳоро аз худ карда, онҳо бо мурури синну сол мураккабтар шуда, гуногунранг мегарданд ва дар оянда воситаи азхудкунии олами атроф ба ҳисоб мераванд.

Бояд қайд кард, ки айёми синни томактабӣ давраи кӯтоҳ вале муҳим барои ташаккули шахсият ба шумор меравад. Дар ин вақт кӯдакон доир ба ҳаёти гирду атроф ва омилҳое, ки ба онҳо таъсир

мерасонанд, донишҳои аввалин пайдо мекунад. Яъне, дар онҳо муносибати муайян бо дигарон ба вуҷуд омада, ташаккули хислат, маҳорат ва одатхои рафтор сурат мегиранд.

Бо ин мақсад, Ҳукумати Тоҷикистон як қатор тадбирҳоро дар асоси Қонунҳо, Консепсияҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳо роҳандози намуда истодааст. Аз ҷумла:

*«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ»;*

*«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;*

*«Барномаи давлатии рушди таълими томактабӣ барои солҳои 2020-2025»;*

*Конеспсия миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;*

*«Лоиҳаи дастгирии рушди кӯдакони синни томактабӣ».*

Бояд қайд кард, ки дар ин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тамоми масоили марбут ба таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ба таври шоиста дарҷ гардидаанд.

Яке аз фаъолиятҳои асосии дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бозиҳо ба шумор мераванд, ки дар раванди онҳо инкишофи рӯҳу равон ва ҷисмонии онҳо ташаккул мeёбанд. Илова бар ин, бозиҳо воситаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад. Тамоми паҳлӯҳои шахсияти кӯдак дар бозиҳо ташаккул ёфта, барои гузаштан ба марҳилаи нави баланди рушд омода мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқон Мелникова Н.В. ва Овчарова Р.В. «Аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ дарк кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва ташаккули эҳсоси ахлоқӣ қисми раванди умумии воридшавии фаъолонаи онҳо ба ҳаёти калонсолон ва муносибат барқарор кардан мебошад»[8, С.49].

Педагогҳо ва психологҳо иқтидори бузурги таълимӣ ва тарбиявии бозиҳоро шарҳ дода, чунин мешуморанд, ки бозиҳо фаъолияти пешбари кӯдакони синни томактабӣ баҳри ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мебошанд. Дар байни ҳамагуна бозиҳо мавқеи асосиро бозиҳои нақшбозӣ ишғол мекунанд. Дар ин бозиҳо кӯдакони синни томактабӣ ҳама чизеро, ки дар ҳаёт ва фаъолияти калонсолон дар атрофи худ мебинанд, дар нақшҳо такрор мекунанд. Бозиҳои эҷодӣ шахсияти кӯдаконро комилан ташаккул медиҳанд, бинобар ин, онҳо воситаи муҳими тарбия мебошад.

Педагог Иматова Л. чунин қайд мекунанд, ки маҳз дар бозиҳо маҳорати эҷодии кӯдакон инкишоф мeёбад[5, С.21].

Дар бозӣ кӯдакон ҳаёти воқеии атрофро инъикос мекунанд. Дар раванди бозӣ гӯё ва ба қавли кӯдакон ҳама он чизҳое, ки онҳо истифода мебаранд, зинда мебошанд. Масалан, кӯдакон медонанд, ки лӯхтак, асп, хирсак, паланг ва сагча бозичаанд, вале онҳоро мисли зинда дӯст медоранд. Дар раванди бозии ҳавонавард ва маллоҳи баҳрӣ онҳо хуб медонанд, ки ҳамаи персонажҳои бозӣ тахайюлӣ мебошанд, новобаста ба образнок будани онҳо кӯдакон худро ҷасур, нотарс ва қаҳрамон мепиндоранд.

Тақлид ба калонсолон дар бозӣ бо кори тахайюл алоқаманд аст. Кӯдак воқеиятро нусхабардорӣ намекунад, вай таассуроти гуногуни ҳаётро бо яклухтҳои шахсӣ муттаҳид мекунад.

Эҷодиёти кӯдакон дар идеяи бозӣ ва дар ҷустуҷӯйи воситаҳои татбиқи он зоҳир мешавад. Барои омода кардани бозӣ кӯдакон аз тасаввуроти худ бештар истифода мебаранд. Масалан, барои дуруст омода кардани раванди бозӣ кӯдакон бояд персонажҳоро ҷо ба ҷо гузоранд, кадом қаҳрамони бозӣ дар куҷо истад, либоси онҳо чӣ гуна бошад ва ғайра.

Дар бозӣ кӯдакон дар як вақт ҳамчун драматург, ороишгар ва актёр баромад мекунанд. Бо вуҷуди ин, кӯдакон барои бозӣ нақшаи пешакӣ намекашанд, барои иҷрои нақш ва тайёр кардани актёрҳо муддати дароз омодагӣ намебинанд. Онҳо барои худ бозӣ мекунанд, орзую аъмол, фикр ва эҳсосе, ки доранд, ба воситаи бозӣ изҳор мекунанд. Аз ин рӯ, бозӣ ҳамеша импровизатсия аст.

Ба андешаи педагог Шмаков С.А. «Бозӣ як роҳи худшиносии ҳар як кӯдак буда, ба воситаи он имкониятҳо, қобилиятҳо ва маҳоратҳои инфиродӣ дониста мешаванд. Худшиносӣ ҳамеша ба ташаккули қобилият мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, бозии кӯдакон воситаи мухимми худтаълимдиҳӣ мебошад. Дар раванди бозӣ ташаккули одатҳои мусбат ва азхуд кардани малакаҳои зарурӣ ба таври табиӣ ва ноаён ба амал меоянд»[15,С.4].

Бозӣ барои кӯдакон як фаъолияти мустақилест, ки дар он бори аввал бо ҳамсолони худ тамос мегиранд. Бояд қайд кард, ки мақсади ягона, саъю кушиши якҷо барои расидан ба муваффақият ва пирӯзӣ кӯдаконро муттаҳид мекунад. Худи кӯдакон бозиро интихоб мекунанд ва раванди онро маҳз худашон ташкил мекунанд. Илова бар ин, танҳо дар раванди бозии кӯдакон қоидаҳои қатъӣ риояшаванда, шарти рафтор ва иҷрои онҳо то ба охир дида мешаванд. Аз ин рӯ, бозӣ барои таълиму тарбияи кӯдакон муҳим арзёбӣ гардида, ташаккулдиҳандаи амал, фикр, муносибат ва меъёрҳои рафтор мегардад.

Дар бозӣ кӯдакон худро аъзои коллектив эҳсос мекунад, ба амалу кирдори рафиқон, ҳамсолон ва худаш одилона баҳо медиҳад. Вазифаи педагог дар ин раванд аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи

бозингарон ба мақсадҳои муайян равона карда, умумияти ҳиссиёт ва амалҳоро ба миён оварада, ба ин васила, ба роҳ мондани муносибатҳои мусбат дар байни кӯдакон, дӯстӣ, адолат, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳисси ҳамдиливу ҳамдардиро тақвият бахшад.

Ба андешаи педагог Бритко Г.Ф. «Фаъолияти муштарак кӯдаконро бо ҳадафҳои ягона, вазифа ва кори умумӣ муттаҳид мекунад. Дар он тақсимоти масъулиятҳо ва ҳамоҳангсозии амалҳо вуҷуд дорад. Тавассути иштирок дар фаъолияти муштарак кӯдакони синни томактабӣ тарзи қоидаҳои муносибатро меомӯзанд. Ва дар як вақт метавонанд, ба хоҳишҳои ҳамсолон итоат кунанд ё онҳоро ба ҳақ будани худ бовар кунонанд»[13, С.14].

Бозии коллективонаи эҷодӣ шароит фароҳам меорад, то кӯдакон худро дар муҳити барои онҳо мусоид эҳсос кунанд. Ҳиссиёте, ки дар раванди бозиҳо дар кӯдакон пайдо мегардад, дар оянда ба рафтору кирдор ва амалҳои онҳо дар зиндагӣ таъсир мерасонад. Инчунин, маҳорату малакаҳое, ки дар раванди муоширати ҳамарӯзаи кӯдакон бо ҳамдигар ва калонсолон ташаккул ёфтаанд, дар бозӣ боз ҳам инкишоф меёбанд. Бояд зикр кард, ки бозӣ воситаи муҳимми тарбияи равонии кӯдакон низ ба шумор меравад. Донишу фаҳмиши дар муассисаи томактабӣ ва дар хона гирифташуда дар раванди бозӣ амалӣ ва инкишоф меёбанд. Дар фаъолияти бозӣ кӯдакон рӯйдодҳои гуногуни ҳаёт, лаҳзаҳо аз афсона ва ҳикояҳоро амалан иҷро намуда, дар бораи он чизҳое, ки дида, хонда ва шунида буданд, андеша мекунанд ва маънои бисёр ҳодисаҳову мазмуни онҳоро барои худ мефаҳманд.

Ба андешаи муҳаққиқ Попова Е.И. «Дар бозиҳо интизоми бошуурона, меҳнатдӯстӣ, ёрии ҳамдигарӣ, хоҳиши ҳамроҳ шудан ба фаъолиятҳои гуногун, мустақилият, қобилияти ҳимояи ақидаи худ, ташаббус нишон додан ва роҳҳои ҳалли дурустро интихоб кардан дар шароитҳои муайян дар кӯдакон тарбия карда мешавад»[11, С.11].

Таҷассуми таассуроти ҳаётӣ дар бозӣ як раванди мураккаб аст. Бозии эҷодиро ба ҳадафҳои маҳдуди дидактикӣ тобеъ кардан мумкин нест. Кӯдакон мувофиқи шавку ҳавас бозиҳоро интихоб намуда, ба ин васила, барои интихоби касби оянда замина фароҳам меоранд. Бозиҳои кӯдакон соддалавҳона ва на як бору ду бор дигар мешаванд.Оҳиста-оҳиста дар бозӣ кӯдакон дар бораи моҳияти меҳнат ва нақши касбҳои гуногун тасаввуроти умумӣ пайдо мекунанд. Бозӣ қобилияти эҷодии кӯдаконро инкишоф медиҳад. Бозиҳои шавқовар табъи кӯдаконро болида гардонида, фазои фараҳбахш ба вуҷуд меоранд. Ҳатто дар шароити мусоид ва ғизои хуб кӯдак суст инкишоф меёбад, агар ӯ ба бозии ҷолиб фароргир набошад. Дар бозӣ тамоми ҷанбаҳои шахсияти кӯдак дар ягонагӣ ва ҳамкорӣ ташаккул меёбанд. Коллективи дӯстона ташкил кардан дар раванди бозӣ дар кӯдакон ҳисси дӯстӣ ва маҳорати ташкилотчигиро парвариш медиҳад. Инчунин, бозии коллективона кӯдаконро фаъол гардонида, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, дар назди дӯстон масъул будан ва адолатона масъалаҳои баҳснокро ҳал намудан ташаккул меёбанд.

Барои ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии кӯдакон аз ҳама гуногунрангии бозиҳо бозии нақшбозӣ мавқеи муайян дорад. Дар он кӯдакон тарзи рафтор, амал, муносибат ва муоширати байниҳамдигариро меомӯзанд. Бо бозӣ кардани нақшҳо кӯдак мувофиқи меъёрҳои ахлоқие, ки дар ҷомеа қабул шудаанд, амал карданро меомӯзад.

Тавре ки педагог Виноградова В.А. қайд мекунад: «Бозиҳои нақшбозӣ табиати инъикоскунанда доранд. Дар нақшбозиҳо кӯдакон ҷанбаҳои воқеиятро, ки ба онҳо таваҷҷуҳ доранд ва диққатро ҷалб кардаанд, дубора эҳё мекунанд»[1, С.31].

Мундариҷаи бозӣ асоси ҷанбаҳои тарбиявии бозӣ ба шумор меравад. Яъне, аз интихоби мавзуъ, таҳияи сюжет, тақсими нақшҳо ва татбиқи образҳои бозӣ раванди бомуваффақонаи бозӣ ба шумор мераванд. Мавзуи бозиҳо ҳарчанд гуногун ҳам бошанд, аммо онҳо аз ҳаёти ҳаррӯза гирифта шуда, сипас, ба таври образнок дар нақшҳо офарида мешаванд. Барои кӯдакон бештар он мавзуъҳое писанд мебошанд, ки диққати онҳоро ҷалб месозанд. Ва дар онҳо хоҳиши нақш офаридан пайдо мешавад. Бозиҳои образнок ба кӯдакон наздиктар мебошанд. Ва мундариҷаи онҳо барои бедор кардани фантазияи кӯдакон нигаронида шудаанд. Масалан, дар бозиҳои нақшбозӣ ба ҳар як кӯдак нақши муайян барои иҷрои он дода мешавад. Ба яке муаллим, ба дигаре капитан ба сеюмин ронанда. Инчунин, кӯдакон дар бозиҳо нақшҳои ҳайвонотро низ иҷро мекунанд. Дар офаридани қаҳрамони бозӣ кӯдак на танҳо муносибати худро нисбат ба персонажи интихобшуда баён мекунад, балки сифатҳои шахсиро низ нишон медиҳад. Масалан, ҳама духтарон модаранд, аммо ҳар яки онҳо нақши хислатҳои фардии худро нишон медиҳанд. Писарон бошанд нақши ҳавонавард ё маллоҳро иҷро мекунанд, вале бояд хислатҳои қаҳрамон бо хислатҳои кӯдак тавъам бошанд.

Аз ин рӯ, нақшҳо метавонанд якхела бошанд, аммо нақшофарии бозӣ ҳамеша инфиродӣ мебошанд. Мазмуни бозиҳои кӯдакона гуногунанд: дар онҳо ҳаёти оила ва боғча, меҳнати одамони касбу кори гуногун, воқеаҳои ҷамъиятие, ки ба кӯдакон фаҳмо буда, диққатро ба худ ҷалб мекунанд,

инъикос меёбанд. Аммо ҳар гуна бозӣ мақсаду мароми худро дорад, ки мазмуни он моҳияти педагогии бозиро муайян мекунад. Бозӣ бо лӯхтак дар дар ҳама давру замон вуҷуд дошт. Ин табиист, ки оила ба кӯдак таассуроти аввалини ҳаётиро медиҳад. Падару модар шахсони наздиктарин ва маҳбуб барои фарзандон мебошанд, ки пеш аз ҳама ба онҳо тақлид кардан мехоҳанд. Инчунин, табиист, ки лӯхтакчаҳо асосан духтаронро ба худ ҷалб мекунанд, зеро модарону бибиҳо ба кӯдакон бештар ғамхорӣ мекунанд. Рафтори кӯдаконро дар бозиҳо мушоҳида карда, муайян кардан мумкин аст, ки онҳо дар оила чӣ гуна зиндагӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ин бозиҳо ба кӯдакон таъсирҳои мусбат расонида, ҳисси эҳтиром ба падару модар, пиронсолон ва хоҳиши нигоҳубини кӯдаконро дар ниҳоди онҳо ташаккул медиҳанд. Дар нақшбозиҳо кӯдакон ба корҳои калонсолон тақлид карда, баъзе малакаҳои кори хонаро меомӯзанд. Масалан, чанги ашёи хонаи лӯхтакро тоза мекунанд, рахти хоби онро ба тартиб медароранд, хонаро тамиз мекунанд ва ғайра.

Мундариҷа ва маънои бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ тағйирёбанда мебошанд. Онҳо инкишоф ёфта, мураккабтар мешаванд(аз амалиёти объективӣ дар вазъияти воқеӣ то амалҳои бозӣ, ки дар вазъияти шартӣ анҷом дода мешаванд) [6, С.8].

Муассисаҳои томактабӣ барои фаъолияти бозиҳо, махсусан дар гурӯҳҳои хурдсол, вақте ки кӯдакон таҷрибаи ҳаётии наонқадар зиёд дорад, воситаи ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии онҳо мебошанд. Навъҳои гуногуни бозиҳо ҳаёти ҳаррӯзаи муассисаҳои томактабӣ мебошанд. Тавре дар боло зикр кардем мунадриҷаи бозиҳо аз ҳаёти ҳаррӯза гирифта шуда, рӯйдодҳои ғайриоддии хурсандиоварро инъикос мекунад. Аксарияти бозиҳо ба инъикоси меҳнати одамони касбу кори гуногун бахшида шудаанд. Ба воситаи бозӣ шавқу рағбати кӯдакон ба касбҳои гуногун мустаҳкам ва амиқтар мегардад ва ҳисси эҳтиром ба меҳнат тарбия карда мешавад.

Ба андешаи мо рушди ахлоқии кӯдаки синни томактабӣ се самти ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад:

*донишҳои ахлоқӣ;*

*мулоҳизаҳо;*

*ақидаҳо.*

Самтҳои маърифатии кӯдакон ҷиҳатҳои гуногуни шуури ахлокии ҷамъиятӣ ва пеш аз ҳама дарки талаботи ахлоқӣ ва меъёрҳои баҳодиҳии ахлоқиро инъикос мекунанд. Дар раванди бозиҳо кӯдакон ба таври ихтиёрӣ риоя кардани меъёрҳои ахлоқиро меомӯзанд. Кӯдакон рафтори ахлоқиро азхуд намуда, метавонад на дар сухан, балки дар амал интихоби дурусти ахлоқӣ кунанд. Дар доираи таҷрибаҳо кӯдакон муносибатҳои аз ҷиҳати ахлоқӣ арзишманд ва аз ҷиҳати ахлоқӣ тасдиқшударо дар робита бо одамони дигар инкишоф медиҳад, ки дар ин раванд, дар онҳо ҳиссиёт ва муносибатҳои инсондӯстона, таваҷҷӯҳ ба ниёзҳо ва манфиатҳои дигарон, қобилияти ба назар гирифтани онҳо, ҳамдардӣ ба мушкилоти дигарон, инчунин, эҳсоси худро хатокор донистан ҳангоми риоя накардани меъёрҳо ташаккул меёбад.

Ҳамин тариқ, бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ шакли дастраси фаъолият ва ҳам воситаи шинохти олами атроф мебошад. ҳисси кунҷкобӣ ва зарурати фаъол будан кӯдаконро ба бозӣ ташвиқ мекунад. Бозӣ донишро ғанӣ гардонида, маҳоратро инкишоф медиҳад, тахайюлотро бедор карда, ба рушди тафаккур мусоидат мекунад. Маҳз дар бозӣ кӯдакон аввалин шаҳди ғолибиятро чашида, барои расидан ба муваффақиятҳо бештар кӯшиш мекунанд.

## АДАБИЁТ:


1. Виноградова Н. А. Сюжетно-ролевые игры для старших дошкольников/ Н. А. Виноградова Н. В. Позднякова. — М.: Айрис-пресс, 2009. — 128 с.
2. Гудырина К.В. Нравственное воспитание детей дошкольного возраста в процессе совместной деятельности / К.В. Гудырина. -Челябинск– 2017. -74с.
3. Евтушенко И.Н. Развитие и воспитание детей раннего возраста / И.Н. Евтушенко. – Челябинск: Изд-во Южно-Урал. гос. гуман.-пед. ун-та, 2019. – 282 с.
4. Зворыгина Е.В. Первые сюжетные игры малышей / Е.В. Зворыгина. - М.: Просвещение, 1988. - 102с.
5. Иматова Л.М. Теоретическая обоснованность реализации принципа преемственности в непрерывном образовании старших дошкольников и младших школьников в аспекте речевого развития: Автореф. Док.пед.наук / Л.М.Иматова. –Душанбе, 2013. -46с.
6. Кулуева А.В. Методическая разработка «Технологии развития и коррекции сюжетно-ролевой игры у дошкольников с ЗПР» / А.В.Калуева. –М.:2021. -48с.

7. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ / Б.Маҷидова. –Душанбе, 2011. -242с.
8. Мельникова Н.В., Овчарова Р.В. Нравственная сфера личности дошкольника: Монография / Н.В. Мельникова – Курган: Изд-во Курганского гос. ун-та, 2007. – 240с.
9. Монтессори М. Дом ребенка. Метод научной педагогики / М.Монтессори. -Гомель, 1993. -269с.
10. Попова Е.И. Сюжетно-ролевые игры 21 века для социально- коммуникативного развития детей дошкольного возраста 5–7 лет. / Е.И. Попова, А.Ф. Кондрашина, С.С. Сунцова. – Ишим : Изд-во ИПИ им. П.П. Ершова (филиал) ТюмГУ, 2018. – 80 с. –С.11
11. Педагогика / Под ред. Ю.К. Бабанского. -М.: Просвещение, 1988. - 580 с.
12. Формирование целостной картины мира в ролевых играх у детей дошкольного возраста / сост. Бридько Г.Ф.. - Донецк 2017. -373с.
13. Филатов В.П. Загадка человеческого понимания / В.П. Филатов. — М.: Политиздат, 1990. -196с.
14. Чёрная А.В. Развитие личности в традициях игровой культуры / А.В. Чёрная. -М.: 2005. -239с.
15. Шмаков С.Л. От игры к самовоспитанию / С.Л.Шмаков, Н.Я.Безбородова. - М.: Новая школа, 1985. -80с.

## МОҲИЯТИ БОЗӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Айёми синни томактабӣ давраи кӯтоҳ вале муҳим барои ташаккули шахсият ба шумор меравад. Дар ин вақт кӯдакон доир ба ҳаёти гирду атроф ва омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, донишҳои аввалин пайдо мекунад. Яъне, дар онҳо муносибати муайян бо дигарон ба вуҷуд омада, ташаккули хислат, маҳорат ва одатхои рафтор сурат мегиранд.

Яке аз фаъолияти асосии дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бозиҳо ба шумор меравანд, ки дар раванди онҳо инкишофи рӯҳу равон ва ҷисмонии онҳо ташаккул мeёбанд. Илова бар ин, бозиҳо воситаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад. Тамоми паҳлӯҳои шахсияти кӯдак дар бозиҳо ташаккул ёфта, барои гузаштан ба марҳилаи нави баланди рушд омода мешавад.

Дар бозӣ кӯдакон ҳаёти воқеии атрофро инъикос мекунанд. Дар раванди бозӣ гӯё ва ба қавли кӯдакон ҳама он чизҳое, ки онҳо истифода мебаранд, зинда мебошанд. Масалан, кӯдакон медонанд, ки лӯхтак, асп, хирс, паланг ва сагча бозичаанд, вале онҳоро мисли зинда дӯст медорад.

Дар бозӣ кӯдакон худро аъзои коллектив эҳсос мекунанд, ба амалу кирдори рафиқон, ҳамсолон ва худашон одилона баҳо медиҳанд. Вазифаи педагог дар ин раванд аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи бозигарон ба мақсадҳои муайян равона карда, умумияти ҳиссиёт ва амалҳоро ба миён оварада, ба ин васила, ба роҳ мондани муносибатҳои мусбӣ дар байни кӯдакон ба мисли: дӯстӣ, адолат, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳисси ҳамдиливу ҳамдардиро тақвият бахшад.

**Калидвожаҳо:** *бозиҳо, кӯдакон, фаъолият, раванд, ташаккул, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, муносибат, педагог, таваҷҷуҳ, дӯстӣ, адолат, эҳсосот, робита, хоҳиш, эҷодиёти кӯдакон, тақлидкорӣ, коллектив.*

## ЗНАЧЕНИЕ ИГРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ ДОШКОЛЬНИКОВ

Дошкольный возраст – короткий, но важный период формирования личности. В это время дети получают первые знания об окружающей их жизни и факторах, влияющих на них. То есть у них вырабатываются определенные отношения с окружающими, формируются характер, навыки и привычки поведения.

Одним из основных видов деятельности в духовно-нравственном воспитании дошкольников являются игры, в процессе которых формируется их психическое и физическое развитие. Кроме того, игры являются средством обучения социальному опыту. Все стороны личности ребенка формируются в играх, подготавливающих к переходу на новую высокую ступень развития.

В игре дети отражают реальную жизнь вокруг себя. В процессе игры, как бы и по мнению детей, все предметы, которыми они пользуются, оживают. Например, дети знают, что куклы, лошадки, мишки, тигры и собаки — это игрушки, но любят их, как живых.

В игре дети чувствуют себя членами коллектива, справедливо оценивают действия своих друзей, сверстников и самих себя. Задача воспитателя в этом процессе – направить внимание играющих на определенные цели, вызвать общность чувств и действий, таким образом, установить положительные отношения между детьми, такие как: дружба, справедливость, ответственность, толерантность и укрепить чувство сопереживания и сочувствия.

**Ключевые слова:** *игры, дети, деятельность, процесс, формирование, духовно-нравственные качества, отношения, педагог, внимание, дружба, справедливость, чувства, связь, стремление, детское творчество, подражание, коллектив.*

## THE VALUE OF THE GAME IN THE FORMATION OF SPIRITUAL AND MORAL QUALITIES OF PRESCHOOLERS

Preschool age is a short but important period of personality formation. At this time, children receive the first knowledge about the life around them and the factors that affect them. That is, they develop certain relationships with others, form the character, skills and habits of behavior.

One of the main activities in the spiritual and moral education of preschool children is games, during which their mental and physical development is formed. In addition, games are a means of teaching social experience. All aspects of the child's personality are formed in games that prepare for the transition to a new high stage of development.

In the game, children reflect the real life around them. During the game, as if in the opinion of children, all the objects that they use come to life. For example, children know that dolls, horses, bears, tigers and dogs are toys, but they love them as if they were alive.

In the game, children feel like members of a team, fairly evaluate the actions of their friends, peers and themselves. The task of the educator in this process is to direct the attention of the players to certain goals, evoke a commonality of feelings and actions, thus establishing positive relationships between children, such as: friendship, justice, responsibility, tolerance, and strengthening the feeling of empathy and sympathy.

**Key words:** *games, children, activity, process, formation, spiritual and moral qualities, relationships, teacher, attention, friendship, justice, feelings, connection, aspiration, children's creativity, imitation, team.*

**Маълумот дар бораи муаллимф:** *Раҳимзода Файзимо Гурез. унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

**Сведения об авторе:** *Рахимзода Файзимо Гурез. соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана*

**Information about the author:** *Rakhimzoda Faizimo Gurez. Competitor of the Institute for the Development of Education. A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan*

## ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***Раҳмонова Г. С.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҷинси инсон ҳамчун воқеияти биологӣ зоҳир шуда, ҳамаи одамонро аз рӯйи нишонаҳои ҷисмонӣ, репродуктивӣ, рафторӣ ва иҷтимоӣ ба мард ва зан тақсим мекунад. То дусолагӣ кӯдак аллакай медонад, ки ӯ писар аст ё духтар, ҳарчанд дар бораи фарқҳо тасаввуроти басо номуайян дорад, то 5-6 солагӣ бебозгашт будани мансубияти худро дарк мекунад. Хувийяти ҷинсӣ натиҷаи ҷараёни мураккаби биоиҷтимоӣ буда, дар он "нақши ҷараёнҳои биологӣ аз мувофиқати байниҳамдигарии омилҳои хромосомӣ, гормоналӣ, морфологӣ ва иҷтимоӣ иборат аст, ки дар маҷмуъ инкишофи муътадили ҳисси ҳуввияти ҷинсиро муайян менамоянд" [1].

Як қатор муҳаққиқон мафҳуми ҳувийяти гендерии ҷинсиро фарқ мекунанд. Ҷинс бевосита аз фарқҳои биологӣ муайян гардида, "гендер" (англ. gender – ҷинс), дар навбати худ, ба он ишора мекунад, ки чӣ хел мо ҷинси биологии худро дар муҳити иҷтимоӣ тасаввур мекунем.

Ташаккули ҳувийяти гендерӣ аз лаҳзаи таваллуд, аз лаҳзаи муроҷиати волидон ба кӯдак ҳамчун ба писар ё духтар оғоз ёфта, дар давоми ҳаёти инсон идома меёбад. Чӣ қадар мо худро зан ё мард ҳис мекунем: бадани худро ҳамчун мувофиқ ба ин ё он ҷинс баҳогузорӣ карда, мувофиқи тасаввуротамон дар бораи ҷинси худ бо нақшҳо, ҳолатҳо, арзишҳо ва одатҳои он рафтор мекунем.

Масъалаи хусусиятҳои гендерӣ ташаккули ҷинси психикии кӯдак, фарқҳои ҷинсию психикӣ ва тафриқаи ҷинсу нақшҳоро дар бар мегирад. Бе ҳалли ин масъала усули тафриқашудаи тарбияи кӯдакони гуногунҷинсро, ки барои ташаккули сифатҳои мардонаю занонаи онҳо ва барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои худ дар оила ва ҷомеа ба онҳо муҳим ба шумор меравад, таҳия кардан номумкин аст [2].

Консепсияи анъанавии психоаналитикӣ аз З.Фрейд сар карда, тавре маълум аст, нақши асосиро дар тафриқаи ҷинсӣ ба омилҳои биологӣ нисбат дода, ҷараёни ба волидон ҳаммонандкунии кӯдакро механизми асосӣ мешуморад. Ин консепсияи ҷараёни пурраи инкишофи шахсият буда, ба ташаккули рафтор ва тасаввурот вобаста ба ҷинс диққати асосӣ медиҳад ва ба соҳаи сексуалӣ алоқаманд аст.

Психоанализи анъанавӣ эътироф мекунад, ки моделҳои мардона ва занона аз рӯйи сифатҳои худ тамоман ба ҳам зид буда, агар барои рафтори хосси мардона фаъолнокӣ, агрессия, қатъият, майл ба рақобат ва муваффақият, қобилият ба фаъолияти эҷодӣ, дурандешӣ хос бошад, ба рафтори занона заифӣ, дудилагӣ, рафтори вобаста, роҳат, набудани фикррони мантиқӣ ва майл ба муваффақият, инчунин эмотсияи зиёд ва тамкини иҷтимоӣ хос аст.

Ба тахмини З. Фрейд, шахсият вақте мутаносиб ва мукаммал инкишоф меёбад, ки ба моделҳои дар боло тасвиршуда пайравӣ мекунад ва ҳуввияти ҷинсии ӯ халалдор намешавад.

Психоанализи муосир гуногун аст: маҷмуи яклухти назарияҳои психоаналитикӣ вуҷуд дорад, ки ба моҳиятҳои мардона ва занона дахл дошта, муқаррароти алоҳидаи онро дар намояндагони тамоилҳои дигар вохӯрдан мумкин аст. Назарияҳои фаллосентрикӣ ва гиносентрикӣ дар байни назарияҳои психоаналитикӣ мавқеи намоён доранд; назарияи якум дар давраи ибтидоии ҳуввияти ҷинсӣ тамоюли мардонаро барои кӯдакони ҳарду ҷинс эътироф мекунад, назарияи дуюм тамоили занонаро ҳуввияти барвақтӣ ва асосӣ ҳам барои духтарон ва ҳам барои писарон меҳисобад.

Назарияи таълими иҷтимоӣ ва назарияи ба он наздики моделсозӣ механизмҳои ташаккули ҷинси психикӣ ва одатҳои ҷинсию нақшдорро баррасӣ намуда, принсипи асосии бихевиоризм – принсипи вобастагиро моделсозӣ кард. Дар инкишофи рафтори ҷинсию нақшдор ҳамаи омилҳо ба моделҳои волидон, ки кӯдак ба онҳо тақлид кардан мехоҳад ва ба тақвиятҳое, ки волидон ба рафтори кӯдак медиҳанд (мусбат – барои рафтори мувофиқ ба ҷинс, манфӣ – барои рафтори зид), вобастагӣ дорад. Принсипи асосии таълими рафтори ҷинсию нақшдор тафриқаи нақшҳои ҷинсӣ ба воситаи мушоҳида, мукофот, танбеҳ, вобастагардонии бевосита ва бавосита аст.

Назарияи инкишофи когнитивӣ тасдиқ мекунад, ки ҳарчанд тақвиятҳои мусбат ва манфии шахси калонсол ва ҳаммонандкунӣ ба ин шахс дар иҷтимоикунонии ҷинсии кӯдак нақши муайян мебозанд, вале дар он маълумоти маърифатӣ, ки кӯдак онро аз шахси калонсол мегирад, инчунин фаҳмидани мансубияти ҷинсии худ ва бебозгашт будани ин хосият муҳим аст. Ба тахмини асосгузори назарияи когнитивӣ Л. Колберг, ташаккули одати ҷинсӣ, хусусан дар солҳои томактабӣ, ба инкишофи умумии зеҳнии кӯдак вобаста буда, ин ҷараён заиф нест ва аз таъсири машқҳои иҷтимоӣ тақвиятёбанда пайдо намешавад, балки ба нишонаҳои худкатегориякунонӣ, яъне худро ба ҷинси муайян нисбат додани кӯдак вобаста аст. Тақвиятдиҳӣ ва моделсозӣ ба ташаккули ҷинси психологӣ, ба андешаи Л. Колберг, танҳо баъди он таъсири зиёд мерасонад, ки типикунонии ҷинсӣ аллакай рӯй додааст. Нақши асосиро дар ташаккули ҷинси психикӣ ва нақшҳои ҷинсӣ интизориҳои иҷтимоии ҷомеа мебозанд, ки онҳо мувофиқи матритсаи иҷтимоию фарҳангӣ пайдо шуда, дар ҷараёни тарбия инъикос меёбанд [3].

Ҷ. Стоккард ва М. Ҷонсон ба муқаррароти асосии назарияи интизориҳои иҷтимоӣ такя карда, чунин тасдиқи муҳимро пешбарӣ мекунанд, ки ҷинс биологӣ (хромосомӣ ва гормоналӣ) аст, яъне ҷинс модарзодӣ буда, танҳо ба муайян намудани рафтори эҳтимолии инсон ёрӣ расонда метавонад ва муҳимтар аз ҳама ҷинс психологӣ, иҷтимоӣ буда, он дар ҷараёни ҳаёт аз худ карда мешавад ва ба ташаккули он тағироти нажодӣ, синфӣ, қавмии нақшҳои ҷинсӣ ва интизориҳои иҷтимоии ба он мутобиқ таъсири зиёд мерасонанд.

Фрейдистҳоро барои муболиға кардани нақшҳои анъанавии ҷинсӣ, хусусан мавқеи онҳо дар бораи фоҷианокии шахсияти инкишофёбанда ҳангоми пайдо шудани тамоюлҳо дар ташаккули ӯ аз стандартҳои анъанавии феммннистӣ ё маскулистӣ танқид карда, Ҷ. Стоккард ва М. Ҷонсон тасдиқ мекунанд, ки ин стандартҳо модели идеалии марду зани муосир нестанд, масалан, тарбияи духтар дар асоси фаҳмиши анъанавии зан будан ӯро ба модари бад – оҷизу нотавон ва вобаста табдил дода метавонад.

Дар байни психологҳое, ки масъалаи ҷинс ва тафриқаи ҷинсиро аз нуқтаи назари тамоили иҷтимоию конструктивистӣ таҳқиқ кардаанд, Р.Ангер, Б.Лоот, Хааре-Мустин, Маречек маъруфияти бештар доранд. Дар асарҳои онҳо, пеш аз ҳама, фарқи нигоҳи нав ба масъалаҳои мубрами психологияи гендерӣ аз мавқеъҳои хоси намояндагони равиши ҷинсию нақшдор таъкид мешавад. Фарқи якум ба мафҳуми моҳияти категорияҳои "ҷинс" ва "фарқҳои ҷинсӣ" дахл дорад. Ба андешаи Харе-Мустин, Маречек, асарҳои психологҳо дар соҳаи иҷтимоикунонии ҷинсию нақшдор дар асорати тасаввуроти эътиқодмандона дар бораи падидаи ҷинс ҳамчун муайянкунандаи нақши иҷтимоӣ ва рафтори психологӣ боқӣ мемонанд. Дар байни мафҳумҳои "ҷинс" ва "фарқҳои ҷинсӣ" аломати баробарӣ гузошта, онҳо гаравгонони тарзи ҳукмфармои маскулистии ҳаёти ҷомеа мешаванд, ки дар он нобаробарии муносибатҳои иҷтимоӣ дар байни ҷинсҳо ҳамчун баробарии бардурӯғи онҳо пешниҳод мегардад. Ҳол он ки "ҷинс моликият нест, балки муносибатҳои таъиншудаи иҷтимоӣ, ҷараён ва сохти иҷтимоиро дар бар мегирад". Ҳамин тавр, дар заминаи нигоҳи иҷтимоию конструктивистӣ ҷинс

ҳамчун тарзи ташкили ҳаёти ҳаррӯза зоҳир шуда, на ҳамчун фарқ, балки ҳамчун падида бояд фаҳмида шавад.

Ба инқилоби хос, ки дар психологияи нақшҳои иҷтимоӣ рӯйдод ва ба пайдоиши "психологияи нави ҷинс" се таҳқиқоти бунёдӣ мусоидат кард, ки натиҷаҳои ин се таҳқиқот муқаррароти асосии назарияи анъанавиро инкор мекунанд. Яъне асарҳои:

*Е. Маккоби ва К. Ҷеклин;*

*Ҷ. Мани ва А. Эрхард, ки қудрати таъсири иҷтимоикунониро нишон доданд;*

*С.Бем, ки беасос будани ба психологияи анъанавӣ муқобилгузории маскулизм ва феминизмро исбот кард.*

1600 таҳқиқоти фарқҳои ҷинсҳои психологиро, ки дар давоми ҳафт сол гузаронда шудаанд, таҳлил карда, Е. Маккоби ва К. Ҷеклин хулоса баровардаанд, ки моҳиятан фарқҳои бунёдию фитрӣ дар хусусиятҳои психологии мардону занон дар бисёр соҳаҳо вуҷуд надоранд, яъне дар соҳаҳое, ки пештар вуҷуд доштани ин фарқҳо эътироф мешуд; ҳамон фарқҳое, ки кӯдакони хурдсол доранд, ақаллан барои асоснок намудани нобаробарии анъанавии нақшҳои иҷтимоии ҷинсӣ кифоя нестанд [4].

Таҳқиқоти Ҷ. Мани ва А. Эрхард, ки дар он, аз як тараф, индикаторҳои анатомию физиологӣ (маҷмуи хромосомӣ, баробарии гормонҳои мардонаю занона ва ғ.), аз тарафи дигар, омили аз тарафи шахс худро ба ин ё он ҷинс нисбат додан омӯхта шудаанд, нишон дод, ки агар дар аксарияти кӯдакон ин омил ва индикаторҳои анатомию физиологӣ ислоҳи бевосита дошта бошанд, ҳатто барои кӯдаконе, ки нишонаҳои анатомию физиологии ҳарду ҷинсро доранд, дар инкишофи ҷинсию нақшдор худро ба ҷинси мард ё зан нисбат додан омили ҳалкунанда ба шумор мерафт.

Аз нуқтаи назари тасаввуроти муосири онтогенез давраҳои (марҳилаҳои) зерини ташаккули ҷинсро дар кӯдакон ҷудо кардан мумкин аст:

- *давраи пеш аз таваллуд (аз бордоршавӣ то таваллуд) – ташаккули ҷинс дар сатҳҳои генетикӣ, морфологӣ ва сохтори майна, ки ба рафтори сексуалӣ масъул аст, сурат мегирад;*

- *давраи парапубертатӣ (аз таваллуд то 6 солагӣ) – худогоҳии ҷинсӣ, рафтори ҷинсию нақшдор ва тамоюли ибтидоии психосексуалӣ;*

- *давраи препубертатӣ (7-11 солагӣ) – ташаккули нақши ҷинсӣ, тамоюли ибтидоии психосексуалӣ ва омодагӣ ба пубертат (балоғати ҷинсӣ) идома меёбад.*

Инкишофи психосексуалӣ як қисми инкишофи психикӣ буда, ба қонуниятҳои умумии ташаккули психика тобеъ аст, ба монанди: марҳилаҳои синнусолӣ ва инкишофи мунтазам, ягонагии биологӣ ва иҷтимоӣ бо тақвияти таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва кам шудани омилҳои биологӣ дар баробари зиёдшавӣ. То 5-6 солагӣ кӯдак аллакай бебозгашт будани мансубияти ҷинсии худро мефаҳмад, ки баъди он мувофиқи ҷинси худ рафтор мекунад. Моҳияти иҷтимоикунонии гендерии кӯдакони синни томактабӣ аз он иборат аст, ки дар ҷараёни ба ҷомеа дохил шудани кӯдак хусусиятҳои хислат ва услуби рафтори духтарон ва писарон ташаккул меёбанд.

Хусусиятҳои гендерӣ се ҷанбаро дар бар мегиранд:

- *когнитивӣ – кӯдак барвақт худро ба ҷинси муайян нисбат медиҳад, дар бораи мазмуни рафтори типӣ тасаввурот ҳосил мекунад (Д.Н.Исаев, В.Е.Каган, И.С.Кон, Т.А.Репина);*

- *эмотсионалӣ – афзалиятҳои ҷинсию нақшдор, ҳавасҳо, тамоюлҳои арзишӣ, аксуламалҳо ба баҳодиҳӣ, нишон додани эмотсияҳо вобаста ба ташаккули хусусиятҳои маскулизм ва феминизм (Д.В.Колесов, А.Е.Ольшанникова, Н.Б.Сельверова, Т.П. Хризман);*

- *рафторӣ – азхудкунии модели ба ҷинс хоси рафтор (И.С.Кон, Д.В.Колесов, Н.В.Плисенко, Т.А. Репина)* .

Тарбияи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои гендерии онҳо, аз як тараф, бояд ба кӯдак барои намояндаи ин ё он ҷинс дарк кардани худ ёрӣ расонад. Дар натиҷаи ин дар кӯдакон бояд устувории гендерӣ ташаккул ёбад: "Ман духтарам ва ҳамеша духтар мемонам. Ман писарам ва ҳамеша писар мемонам".

Вале, дар баробари ин, ҳолати кунунии рушди ҷомеа қатъиян зидди он аст, ки мардону занон аз рӯи ҷинс афзалиятҳо дошта бошанд. Масалан, писарон ҳамчун мардони оянда дар зуҳуроти шахсӣ набояд танҳо мардонагӣ, иродаи шикастнопазир ва мушакҳои "оҳанӣ" нишон диҳанд. Онҳо бояд ҳалиму мушфиқу меҳрубон бошанд, дар ҳаққи одамони дигар ва хешу табор ғамхорӣ кунанд. Духтарон ҳамчун занони оянда, дар баробари сифатҳои занона, бояд ташаббускорони фаъол бошанд ва манфиатҳои худро ҳимоя карда тавонанд.

Маълум аст, ки тарбияи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои гендерии онҳо бештар бо хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдак муайян гардида, ба ҳамон шаклҳои рафтори занону мардон вобаста аст, ки кӯдак бо онҳо дар оила рӯ ба рӯ мешавад. Вале ин ҳаргиз чунин маъно надорад, ки

таъсири тарбиявии ба духтар ё писар дар ин синну соли нозук расондашаванда ба онҳо имкон намедиҳад, ки дар ҷомеаи муосир муваффақ бошанд.

Ҳувийяти гендериро кӯдакон худ аз худ дарк намекунанд. Аз он оғоз мекунем, ки ба ҳамаи коргарони боғчаҳои кӯдакон хуб маълум аст. Дар сесолагӣ бисёр кӯдакон ҷинси худро аниқ "муайян карда" наметавонанд. Агар роҳбари мусиқӣ аз писарон хоҳиш кунад, ки духтаронро ба рақс даъват намоянд, ҳамроҳи писарон ҳатман якчанд духтарон аз ҷой мехезанд ва баръакс.

Ба андешаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, масъалаи ҷиддӣ он аст, ки ташаккули ҳуввияти гендерии писарон нисбат ба духтарон дар шароитҳои душвортар сурат мегирад. Писарон вақти зиёдро на бо падар, балки бо модар мегузаронанд. Дар натиҷа симои падар баъзан камтар диққатҷалбкунанда шуда, кӯдак аз имконияти тақлид ба падар маҳрум мешавад. Аксарияти писарон танҳо аз тарафи модар ва биби тарбия карда мешаванд, дар боғчаи кӯдакон онҳоро занон иҳота кардаанд. Ба ташаккули ҳувийяти гендерӣ мавқеи кӯдак дар оила ва боғчаи кӯдакон ҳам мусоидат намекунад. Одатан кӯдак дар ҳолати вобастагӣ қарор дорад ва ба ҳодисаҳои бо ӯ рӯйдиҳанда таъсир расонда наметавонад. Калонсолоне, ки кӯдакро иҳота кардаанд, бисёр вақт рафтори ғайримардонаи ӯро маҳкум мекунанд, вале рафтори мардонаашро қадр намекунанд. Мушоҳидаҳои олимон аз он далолат медиҳанд, ки кӯдакон рафторҳои ношоистаро дар ҷомеаи худ мақбул намешуморанд. Аллакай дар сесолагӣ онҳо рафтори ба ҳамин ҷинс хоснабударо тақвият медиҳанд ё маҳкум мекунанд. Илова бар ин, ҳамсолон ба рафтори писарон таъсири калон расонда, дар рафтори онҳо зоҳир шудани хислатҳои занонаро маҳкум мекунанд, ба фарқ аз духтарон, ки рафтори онҳо ба намояндагони ҷинси зан мувофиқ нест (занозанӣ мекунанд ва ғ.). Писарони занмиҷозро писарон намеписанданд. Вале духтарон бо майли том қабул мекунанд ва баръакс, духтарони мардмиҷозро духтарон намеписанданд, вале писарон қабул мекунанд. В.Е. Каган, доктори илмҳои тиб, президенти Ассосиатсияи психологияи гуманистии Санкт-Петербург, чунин мешуморад, ки аз ташаккул наёфтани ҳуввияти гендерӣ якчанд нишонаҳои мунтазам дар мутобиқатҳои гуногун зоҳиршаванда вобаста ба рафтори кӯдак дарак медиҳад:

- *тамоили шахси калонсоли ҷинси муқобил будан ва ба рафтори ӯ тақлид кардан;*
- *хоҳиши равшан ифодаёфтаи тағири ҷинс ва номи худ;*
- *нақлҳои кӯдак дар бораи хобҳои дидааш, ки дар онҳо ҳамчун намояндаи ҷинси дигар зоҳир мешавад;*
- *тамоили ҳамчун ҷинси муқобил либос пӯшидан, рафтор кардан ва ғ.*

Пештар духтарон қисми зиёди вақтро бо модар мегузаронданд ва тарбияи писаронро падар роҳбарӣ мекард. Кӯдакон ҳамеша волидони худро медиданд ва бо онҳо муошират мекарданд. Дар натиҷа дар онҳо одатҳои ба мардон ва занон хоси рафтор ташаккул меёфтанд.

Худогоҳии гендерӣ тавсифи интегралии инсон буда, "образи Ман", "Ман-консепсия", одатҳои гендерӣ, тамоюлҳои гендерӣ (аттитюдҳо), рафтори гендерӣ, худбаҳодиҳии гендерӣ ва нақшҳои гендерӣ (ҷинсии иҷтимоӣ)-ро дар бар мегирад. Дар ҷараёни татбиқи барномаҳои таҳқиқотӣ механизми табдили азхудкунии бешуурона ва сусти фарҳанг ба азхудкунии бошуурона ва дар натиҷа ба азхудкунии табдилдиҳанда ҳамчун яке аз омилҳои иҷтимоикунонӣ дар ҷараёни таълим фаъол мегардад. Пайравӣ ба ин мантиқ имкон медиҳад, ки механизми хосси психологии сохти гендер дар онтогенези барвақтӣ фаъол гардонда шавад. Дар баробари ин, масъалаи муайян намудани воситаҳои инкишофи шуури мусбат ва эгалитаристии (баробарвазни) кӯдакон, ки дар сатҳи рафторӣ зоҳир гардида, индикаторҳои он паттернҳои мазмуни гендеридоштаи рафтор мебошанд, ҳал карда мешавад [5].

Таҳлили таҳқиқоти эмпирикӣ нишон медиҳад, ки мафҳумҳои гендерӣ дар кӯдакон дар фаъолияти амалию воқеии муошират ба он сабаб ташаккул меёбанд, ки онҳоро дар асоси моделҳои рафтори дар доираи назари онҳо қарордошта бо таълим фаро мегиранд. Идроки иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ нисбат ба ҷинси одамони дигар бо нисбатан сатҳӣ будан тавсиф мешавад, ки ба нокифоя будани донишу таҷриба, инчунин ба хусусияти функсияҳои идрок вобаста аст. Кӯдаки синни томактабӣ аз муайян намудани алоқаҳои сабабу натиҷа дида, нишонаҳои зоҳириро осон ба хотир мегирад. Ба сабаби хусусиятҳои синнусолии фикрронӣ гузарондани таҳлил, ҷамъбаст ва категориякунонӣ барои кӯдаки синни томактабӣ душвортар аст.

Дар баробари ин, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар байни аз воқеият маълумот доштани кӯдаки синни томактабӣ ва чигунагии муносибати ӯ ба ин воқеият фарқи калон ҳаст. Ин ба муносибатҳо ба намояндагони ҷинси худ ва ҷинси муқобил ҳам дахл дорад. Дар таҳқиқоти озмоишӣ нишон дода шудааст, ки кӯдакони 4-5 солаи ҳарду ҷинс чунин мешуморанд, ки духтарон аз писарон бо он фарқ беҳтаранд, ки писарон тамоили эмотсионалии "писарон аз духтарон бадтаранд ва ман бадам" ва духтарон тамоюли эмотсионалии "духтарон аз писарон беҳтаранд ва ман хубам" доранд .

Дар муҳокимаи типикунонии ҷинсӣ, ки дар кӯдакӣ мушоҳида мешавад, Сербин бо ҳамкасбонаш тахмин мекунанд, ки одатҳо табиӣ, вале ногузиранд: "омилҳои муҳит ба он таъсир мерасонанд, ки чӣ хел кӯдакон аз одатҳои ҷомеаи худ воқиф мешаванд ва онҳоро қабул мекунанд". Мартин мегӯяд, ки ҳангоми дар ҷомеаи мо барзиёд будани омилҳои ба гендер вобаста кӯдакон ҳатман одатҳои мувофиқро ҷаббида мегиранд. Лекин ӯ қайд мекунад, ки истифода ва қабули чунин одатҳо ногузир нест, хусусан агар кӯдакон бо моделҳои нақшдори ба мансубияти ҷинсӣ новобаста шинос карда шаванд. Вақте ки волидон аз доираи нақшаҳои анъанавии гендерию нақшдор берун мебароянд, ин ба он оварда мерасонад, ки тамоюлҳои фарзандони онҳо нисбат ба нақшҳои гендерӣ тағир меёбанд. Масалан, дар як таҳқиқоти дарозмуддат, ки 11 сол идома ёфт, иштироки фаъоли волидон дар ҳаёти кӯдакони синни томактабии онҳо аз тарафи наврасон дастгирӣ ёфтани намудҳои ғайрианъанавии шуғлро пешакӣ муайян намуд ва иштироки волидон дар ҳаёти кӯдакони 7-9 сола дастгирӣ ёфтани нақшаҳои ғайрианъанавии тарбияи кӯдаконро пешакӣ муайян намуд .

Лекин волидон агентҳои ягонаи иҷтимоикунонии иҷтимоикунонии гендерӣ нестанд. Забони гендерию бетараф дар адабиёти кӯдакона ва тасвири занону мардоне, ки нақшҳои хонагӣ ва хизматиро иҷро мекунанд, дар барномаҳои кӯдакона бояд роҳи дарозро тай кунад, то ин ки кӯдакон аз сӯистифодаи фарқгузориҳои гендерӣ даст кашанд. Баъзе таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки воситаҳои ахбори омма идроки ба одатҳои гендерӣ вобастаро тағир дода метавонанд ва дар симоҳои гендерӣ дар воситаҳои ахбори омма беҳбудиҳои муайян пешбинӣ гардидаанд. Мутаассифона, симоҳои анъанавии гендерӣ то замоне бартарӣ хоҳанд дошт, ки ақидаи ба фурӯши молҳо мусоидат кардан ва тамошобинон ё хонандагонро ҷалб кардани онҳо муҳим ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, дар муҳити иҷтимоӣ тасаввур кардани ҷинси биологии худро "гендер" меноманд. Масъалаи ҳувийяти гендерӣ дар бисёр назарияҳо ва таҳқиқҳои психологӣ инъикос ёфтааст: намояндагони назарияи психоаналитикӣ ҷараёни ба волидон ҳаммонандкунии кӯдакро механизми асосӣ мешуморанд; бихевиористҳо рафтори кӯдакро ба тақвиятҳои волидон (мусбат, манфӣ) вобаста медонанд; назарияи когнитивӣ тасдиқ мекунад, ки ташаккули донишҳо дар бораи ҷинси худ ба инкишофи умумии зеҳнии кӯдак вобаста аст. Ба андешаи Ҷ. Стоккард ва М. Ҷонсон, ҷинси иҷтимоӣ ба тағироти нажодӣ, синфӣ, қавмии нақшҳои ҷинсӣ вобастагӣ дорад. Давраҳои ташаккули ҷинси кӯдакон ва ҷанбаҳои иҷтимоикунонии инфиродии онҳоро баррасӣ карда, хулоса баровардан мумкин аст, ки то дусолагӣ кӯдак аллакай медонад, ки ӯ писар аст ё духтар, ҳарчанд дар бораи фарқҳо тасаввуроти басо номуайян дорад, то 5-6 солагӣ бебозгашт будани мансубияти худро дарк мекунад.

Бозӣ падидаи ягонаи воқеиятро дар бар мегирад. Нақшаю вазифаҳои гуногуни он дар соҳаҳои гуногуни дониш – фалсафа, этнография, санъатшиносӣ, психология тавақҷуҳи амиқро ба вуҷуд меоранд. Бозӣ дар ин қатор ҳамчун падидаи педагогӣ мавқеи махсус дорад. Дар назарияи муосири педагогӣ ба истифодаи намудҳои гуногуни бозӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад, аммо дар амалияи педагогӣ маълум мешавад, ки бозӣ танҳо кӯдакии томактабиро фаро гирифтааст. Имкониятҳои тарбиявии бозӣ дар ҷараёни таълиму тарбия дар дигар марҳилаҳои синнусолӣ ба таври кофӣ дарк намешаванд.

Бозӣ ба усули бавоситаи таъсир тааллуқ дошта, дар он кӯдак худро объекти таъсири шахси калонсол ҳис намекунад, балки субъекти комилҳуқуқи фаъолият мешавад. Аз ин рӯ, дар ҷараёни бозӣ худи кӯдакон ба бартараф намудани душвориҳоро кӯшиш мекунанд, дар назди худ вазифаҳо гузошта, мустақилона онҳоро ҳал мекунанд. Бозӣ воситаест, ки дар он тарбия ба худтарбиякунӣ табдил меёбад.

Дар бозӣ муносибатҳо дар байни шахси калонсол ва кӯдак ба роҳ монда мешаванд ва асоси усули рафториро ташкил медиҳанд, вақте ки диққати муаллим на танҳо ба вазифаҳои талаба, балки ба шахсияти кӯдак равона шудааст. Ҳамин тавр, бозӣ на дилхушӣ, балки усули махсуси ҷалби кӯдакон ба фаъолияти эҷодӣ ва усули ҳавасмандгардонии фаъолнокии онҳо аст.С.Л. Рубинштейн қайд мекунад, ки кӯдак ин ё он нақшро иҷро карда, на танҳо ба шахсияти одами дигар ворид мешавад, балки ҳангоми иҷрои нақш ӯ шахсияти худро васеъ ва амиқ гардонда, такмил медиҳад. Ин далел ҷолиб аст, ки бозӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоию психологӣ на падидаи синнусолӣ, балки шахсиро дар бар мегирад. Талаботи шахс ба бозӣ ва қобилияти ба фаъолияти бозӣ ҳамроҳ шудан бо ҷаҳонбинии махсус тавсиф мешавад, ки он ба иқтидори эҷодӣ вобаста аст, на ба синну соли инсон. Вале майли калонсолону кӯдакон ба бозӣ асосҳои гуногуни психологӣ дорад.

Муносибатҳои воқеӣ, ки дар ҷараёни ҳамкории бозии байнишахсӣ ба роҳ монда мешаванд, ба инкишофи салоҳиятнокии коммуникативию иҷтимоии кӯдак ва инкишофи ахлоқии ӯ таъсири зиёд мерасонанд. Дар муносибатҳои сюжетию нақшдор барои кӯдак меъёрҳои маънавию ахлоқии рафтор боз шуда, тамоил ба ин меъёрҳо амалӣ мегардад ва дар муносибатҳои воқеӣ азхудкунии ин меъёрҳо сурат мегирад.

Дар ҳамкории бозӣ кӯдак бо камоли майл хоҳишҳои бевоситаи худро ба маҳдудиятҳои бозӣ тобеъ мегардонад. Ин функсия ба сифати яке аз парадоксҳои бозӣ, ки Л.С. Выготский муайян намудааст, ифода мешавад: одатан кӯдак ба тобеъгардонии қоида бархилофи хоҳиш дучор меояд, чунки дар бозӣ тобеъгардонии қоида усули таъмини қаноатмандии пурра аст. Кӯдак дар бозӣ ба дастовардҳои олӣ ноил шуда метавонад, ки онҳо дар ояндаи наздик ба сатҳи миёнаи воқеӣ ва ахлоқи ӯ табдил меёбанд.

Ҳамин тавр, асоснокии мақсаднок ва методологии ташкили рафтори бозии мактаббачагони хурдсол воситаи инкишофи самараноки шаклҳои нави ҳамин синну сол, инчунин ҳалли мушкилиҳои рафторию ҳиссӣ вобаста ба фаъолияти таълимӣ ва мутобиқшавӣ ба мактаб шуда метавонад.

Аз натиҷаи таҳқиқи ҳиссиёти мактаббачагони хурдсол чунин хулоса баровардан мумкин аст. Ҳиссиёти кӯдак ба таври табиӣ ба таркибҳои ҳавасмандӣ, иродавӣ ва зеҳнии сохтори шахс дохил шуда, ба фаъолият ва инкишофи онҳо таъсири бевосита мерасонад. Шаклҳои нави ҳиссиёт дар ин синну сол: такмили системаи худтанзимкунӣ, гузоштани асосҳои ҳиссиёти маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ; устувор, мақсаднок ва амиқшавии ҷараёнҳои ҳиссӣ. Шароитҳои номусоиди муҳити иҷтимоӣ, ки кӯдак таълиму тарбия мегирад, ба инкишофи ҳолатҳои номусоиди ҳиссӣ оварда расонда метавонанд, ки нишонаҳои номутобиқӣ ба мактаб дар қатори онҳо баррасӣ карда мешаванд: пурҳаяҷонӣ, бадҷаҳлӣ, бепарвоӣ ва ваҳм.

Хусусиятҳои синнусолӣ ба кӯдак имкон медиҳанд, ки таъсири мусбати ташаккулдиҳандаи калонсолони наздикро ба ҳиссиёти худ дарк кунад. Ҳамин тавр, самту натиҷаи инкишофи ҳиссиёт ба муҳити мусбати иҷтимоӣ ва шароитҳои мусоиди таълиму тарбия вобаста аст.

## АДАБИЁТ:


1. Абраменкова в.в. половая дифференциация и межличностные отношения в детской группе. "Вопросы психологии". №5, 1987.
2. Барномаи давлатии рушди тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2016. Душанбе, 2005.
3. Бабаева Т.И. Младший дошкольник в детском саду: Как работать по программе "Детство". – Издательство: "ДЕТСТВО-ПРЕСС, 2010. – 288 с.
4. Одарённые мальчики и девочки//Начальная школа. 2000. - №3 – с.58-65.
5. Попова Л.В. Гендерные особенности психического развития в дшкольном детстве.
6. Колесов В.Е. беседы о половом воспитании. 2-е изд. Перераб.Дополн. М., Пед., 1988.
7. Коломенский Я.Л., Мелтсас М.Х. Поло-ролевое развитие ребёнка в дошкольном возрасте// Генетические проблемы социальной психологии/ Под ред. Коломинского Я.Л., Лисиной М.И. Минск 1985.
8. Коломинский Я.С. Мальчики и девочки. "Знание-сила", №2, 1971.
9. Колеченко А.К. Энциклопедия педагогических технологий/ А.К. Колеченко. КАРО, спб.: 2004. 222 с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақолаи мазкур муносибатҳои воқеӣ, ки дар ҷараёни ҳамкории бозии байнишахсӣ ба роҳ монда мешаванд, ба инкишофи салоҳиятнокии коммуникативию иҷтимоии кӯдак ва инкишофи ахлоқии ӯ таъсири зиёд мерасонанд. Дар муносибатҳои сюжетию нақшдор барои кӯдак меъёрҳои маънавию ахлоқии рафтор боз шуда, тамоюл ба ин меъёрҳо амалӣ мегардад ва дар муносибатҳои воқеӣ азхудкунии ин меъёрҳо сурат мегирад. Бозӣ одатан маҷмуи яклухти донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои кӯдакро дар бар мегирад. Он ба фаъолгардонии диққат, ҳавасмандгардонии аксуламалҳо ва сабру тоқат равона шуда, беихтиёрона хотираро дар бар гирифта, таассуротро инкишоф медиҳад. Ин ҳамон фаъолиятест, ки ба ҳамаи системаи психофизиологӣ дар як вақт таъсир мерасонад.



**Калидвожаҳо:** *гендер, бозӣ, рафтор, синнусол, кӯдак, нақш, фаъолият, маҳорат, қобилият, волидайн, муносибат.*


## ГЕНДЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА


В данной статье большое влияние на развитие коммуникативно-социальной компетентности ребенка и его нравственное развитие оказывают реальные отношения, складывающиеся в ходе межличностного игрового взаимодействия. В сюжетных отношениях у ребенка раскрываются морально-этические нормы поведения, реализуется склонность к этим нормам, а в реальных отношениях происходит усвоение этих норм. Игра обычно включает в себя всю совокупность знаний,

навыков, умений и способностей ребенка. Она направлена на активизацию внимания, стимулирование реакций и терпения, непроизвольно включает память и вырабатывает впечатления. Это та самая деятельность, которая затрагивает всю психофизиологическую систему одновременно.

**Ключевые слова:** *пол, игра, поведение, возраст, ребенок, роль, активность, умение, способность, воспитание, отношения.*

**GENDER CHARACTERISTICS OF PRESCHOOL CHILDREN**

In this article, the development of a child's communicative and social competence and his moral development are greatly influenced by real relationships that develop in the course of interpersonal game interaction. In plot relations, the child reveals moral and ethical norms of behavior, a tendency to these norms is realized, and in real relations, these norms are assimilated. The game usually includes the totality of knowledge, skills, abilities and abilities of the child. It is aimed at activating attention, stimulating reactions and patience, involuntarily turns on memory and generates impressions. This is the very activity that affects the entire psychophysiological system at the same time.

**Key words:** *gender, game, behavior, age, child, role, activity, skill, ability, upbringing, relationship.*

**Маълумот дар бораи муалиф:** *Раҳмонова Г. С.-ассистенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел:-992 900-51-54-79.*

**Сведения об авторе:** *Рахмонова Г. С.-ассистент кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Телефон: -992 900-51-54-79.*

**Information about the author:** *Rakhmonova G. S. - Assistant of the Department of General and Pedagogical Psychology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: -992 900-51-54-79.*

**УДК:159.9**

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯҲОИ ПСИХОЛОГӢ ОИД БА РАФТОРИ СУИСИДӢ

***Саидзода Б. Х.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**

*Банӣ одам аъзои як пайкаранд,*
*Ки дар офариниш, зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.* [7]

Масъалаи суисид падидаи нави иҷтимоӣ набуда, балки таърихи омӯзиши худро низ дорад. Аз замонҳои қадим бо сабаби гирифтор шудан ба касалиҳои руҳию равонӣ, муносибатҳои носолими байнишахсию низоъҳои оилавӣ ва омилҳои дигари иҷтимоӣ-психологӣ афроде дар ҷомеа даст ба суисид мезананд. Шахсони ба ин амал дастзананда барои мушкилоти ночизе, ки метавон онро дар муддати кутоҳ ё бо дурандеши бартараф намуд, сабаб пеш оварда, аз идомаи ҳаёт даст мекашанд. Яъне аз ҳисоби бетаҳаммулӣ ва қазоват накардани шахсони мазкур, мушкилоти ҷойдошта онҳоро ба коми марг мебарад.

Тибқи сарчашмаҳои солҳои охир(2014) дар ҳар як 40 сония касе аз сокинони сайёраи Замин рӯ ба амали суисидӣ меоварад, ҳол он ки кӯшиши номуваффақонаи амали суисид ба 10-20 миллион дар як сол мерасад. Қайд кардан лозим аст, ки суисид дар адабиёти илмии ҷаҳонӣ бо мафҳуми «Суисид» ифода ёфтааст. «Шахс суисидро (англ. Suicide-худкушӣ) ҳангоми харобии ҳолати руҳӣ, ё ин ки дар зери таъсири бемориҳои руҳӣ ба анҷом мерасонад» [9].

Психология аз ҷумлаи он илмҳое ба шумор меравад, ки ба ин масъала эътибори махсус дода, кӯшиш менамояд, ки сабабу омилҳои психологии сар задани суисидро муайян намуда, роҳҳои пешгири психологии онро равшан созад. Намояндагони равияҳои гуногуни илмӣ ва пайравони мактабҳои сершумори психологӣ ин масъаларо бо тарзу усули гуногун дида мебароянд.

Ба ақидаи М.И. Еникеева, «Суисид – рафтори шадиду гуногуни девиантӣ буда, шахс аз давом додани зиндагӣ даст мекашаду бо дасти худаш ҳаёташро қатъ мегардонад» [4].

Дар «Луғати тафсирӣ»-и В.И. Дал бошад, мафҳуми «Суисид худро нобуд сохтан, даст ба худкушӣ задан» дарҷ гардидааст [3].

Суисид аз тарафи А.В. Петровский ва М.Г. Ярашевский дар «Луғати психология» чунин шарҳ дода мешавад. «Суисид – ҳамчун амале, ки таҳти ҳаяҷони баланди руҳӣ ва ҳолатҳои асабхаробкунандаи бо афсурдагӣ алоқамандбуда ба вуҷуд меояд. Яъне дар ин замина ҳаёти шахсӣ ҳамчун қиматтарин неъмат арзиши худро барои инсон гум мекунад».

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» мафҳуми суисид бо худкушӣ иваз шуда, чунин шарҳ дода мешавад: «Худкушӣ – ба воситае ба ҳаёти худ хотима додан, худро куштан» тавсиф дода мешавад [6].

Яке аз психиатрҳои машҳури сатҳи ҷаҳонӣ, асосгузори равияи психоанализ Зигмунд Фрейд «Суисид»-ро натиҷаи вайроншавии асабҳо ва инкишоф наёфтани ҳисси шаҳвонии одам меҳисобид. Ӯ ва ҳамрадифонаш чунин мешумориданд, ки агар шахси ҷавон ҳиссиёти шаҳвонии аз дигарон фарққкунандаи худро қонеъ карда натавонад, ё аз атрофиён шарм дорад, ин боиси ба суисид даст задани ӯ мегардад. Ба ақидаи Фрейд, ду навъи рағбат вуҷуд дорад: яке аз онҳо ғаризаи ҳаёт – Эрос ва дигараш рағбат ба марг ва хашму ғазаб – Танатос мебошанд ва дар байни ин ду ғаризаи бо ҳам зид доимо тағйирёбӣ ба вуҷуд меояд. Яъне дар сурати баланд шудани ғаризаи Танатос дар инсон майли суисидӣ пайдо мешавад.

Карл Менингер ба ақидаи Фрейд розӣ буда, қайд менамояд ки дар ҳаёти инсон мубориза сахт байни ғаризаҳои худмуҳофизаткунӣ ва худмаҳвкунанда ба амал меояд.

К. Г. Юнг бошад, масъалаи суисидро дида баромада, ба хулосае омад, ки суисид ин амали бешууронаи инсон нисбат ба ҳолати руҳии ӯ буда, он метавонад сабаби асосии марг гардад.

Назари психоанализ оид ба суисид низ вуҷуд дорад ва онҳо суисидро ҳамчун амали девонагӣ тавсиф медиҳанд. Соли 1838 Эскюрол роҳбари мактаби психоанализ суисидро яке аз нишонаҳои бемориҳои равонӣ медонист. Ба андешаи ӯ «инсони бемор танҳо дар ҳолати ҳазён суисид мекунад».

А.Г. Амбурумова ва як қатор тадқиқотгарон дигар кирдори худмаҳвкунӣ ё суисидро ҳамчун натиҷаи мутобиқ нагардидани шахс ба хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар шароити зиддияти микроиҷтимоӣ баҳо медиҳанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки шахсони худмаҳвкунанда ё майли суисидидошта аз 70 то 75% мақсаду мароми худро ошкор менамоянд. Яъне дар бисёр ҳолатҳо ба таври равшан дар рафтору гуфторашон ифода меёбанд. Ҳолатҳое мешавад, ки аз тарафи баъзан шахсон амали суисид пинҳони анҷом дода мешавад. Албатта, сабабҳои рӯ овардани шахс ба суисид гуногунанд, вале яке аз омили асосӣ бетаҳаммулии шахс маҳсуб меёбад. Таҳаммулпазарӣ яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи психологияи иҷтимоӣ мебошад. Таҳаммулпазирӣ ба хусусиятҳои психологии шахс мансубият дошта, психологҳои машҳур, аз қабили Асмолов А.Г., Маралов В.Г., Ситаров В.А., Зиновев Д.В., Колмогоров П.Ф., Франкл В ва дигарон тадкиқҳо бурдаанд.

Ба андешаи муҳақиқон Забродин Ю.М., Голубинов В.В., Лебедев И.Б., Милерян Е.А. бошад, мафҳуми таҳаммулпазирӣ як навъ устуворӣ зоҳир намуданро ба ин ё он таъсироти олами беруна ифода мекунад, ки барои инкишофи шахс номувофиқ аст. Аз ин лиҳоз, аксарияти муҳаққиқон таҳаммулпазириро аз мавқеи муносибатҳои байнишахсӣ баҳодиҳӣ мекунанд. Ин амал он вақт сурат мегирад, ки агар шахс худро ба ин ё он гуруҳи иҷтимоӣ мансуб медонад, он гоҳ дар шуури ӯ мафҳумҳои бо ҳам зид, монанди «худӣ»-«бегона», «ман»-«ту», «шахси наздик»-«шахси бегона», «монандкунӣ» ва ғайра ташаккул меёбанд. М. Бубер таҳаммулро қисми ҷудонашавандаи муколамаи байни «ман» ва «ту» донистааст. Чунин мафҳумҳо метавонанд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, корӣ ва амсоли инҳо пайдо шаванд ва сипас ба пайдоиши низоъҳо сабаб гашта, дар дар натиҷа нафаре ба суисид майл намояд.

Таҳлилҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки дар шахсони майли суисиддошта соҳаи иродави ташаккул наёфтааст ва ё бо мурури замон заиф гаштааст. Аз тарафи дигар, барои ин кори сангинро анҷом додан нақши ирода низ ба назар мерасад. Пас дар ин маврид ба гуфтаи В. Франкл, ин ашхос на аз марг, балки аз зиндагӣ кардан тарс доранд. Яъне, дар лаҳзаи додашуда ба шахс қувваи ирода лозим аст, то ин ки бо мушкилоти рӯ ба рӯ шуда мубориза бурда тавонад. Бояд қайд кард, ки дар дилхоҳ вазъият мақсадгузории шахс нақши бузургро мебозад. Таҳаммул бошад, шахсро барои расидан ба мақсадҳои дар пеш гузоштааш мусоидат менамояд. Дар робита ба ин В. Франкл чунин ақида дорад: «Таҳаммул рушди маънавии инсонро нишон дода, ҷузъи ҷудонопазирии таҳаммулпазириро аз маънавиёти шахс таъкид мекунад [8].

Таҳаммулпазирӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва марказии илми психология ба шумор меравад. Зеро он, яке аз сифатҳои иродавии шахс ба ҳисоб рафта, ҳар як кадоми мо барои анҷом додани дилхоҳ кор, пеш аз ҳама такя ба ирода менамоем. Ирода дар ҳаёти инсон ҳамчун калидӣ комёбиҳо хизмат мекунад.

Агар таҳаммулпазириро аз мавқеи низоъ омӯзем, он гоҳ системаи муносибати байниҳамдигарии «одам»-«одам» дар заминаи принсипҳои гуманистӣ ва умумибашарӣ ба вуҷуд меояд. Мувофиқи андешаҳои дар боло зикршуда, дар оила бо назардошти муаммоҳои хонаводагӣ низоъҳои гуногун ба амал меоянд ва яке аз сабабҳои он набудани сабру таҳаммул дар ин ё он аъзои оила мебошад. Ба қавли психолог А.Г. Асмолов, «низоъ яке аз механизмҳои муҳимми инкишофи табиат, ҷамъият ва шахс ба шумор меравад. Бисёр олимон ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мафҳумҳои кооператсия, ҳамкорӣ, идентификатсияи коллективӣ, эмпатия ва ғайраро дар шарҳи он истифода мебаранд». Ин ҳама ба маҳорати зоҳир намудани таҳаммули шахс дар ҷараёни муошират ва муносибати носолим зоҳир мегардад. Яке аз омилҳое, ки шахсро ба ҳолатҳои аффект, асабоният ва ба депрессияю фурустратсия бурда мерасонад, ин муносибати носолим ва ё ноодилона мебошад. Шахс ҳангоми муносибату муошират зери таъсири суханҳои дилбазану гӯшхарош худидоракуниашро гум карда, сабру таҳаммулро аз даст медиҳад. Ӯ дар ин маврид барои ҳар гуна корро анҷом додан қодир мегардад, аз он ҷумла рӯ ба суисид оварданро. Гуфтан мумкин аст, ки дар ин гуна шахсон яке аз сифатҳои иродавӣ, яъне таҳаммулпазирӣ ташаккул наёфтааст. Шахси бе сабру таҳаммулро дар вазъиятҳои мухталиф, ҳар лаҳза марг таҳдид мекунад ва дар ниҳояти кор даст ба худмаҳвкунӣ ё амали суисид мезанад. Физиологи машҳури рус Ухтомский А. А. қайд мекунад, ки «шахс ҳангоми муошират дар ҳолати қаҳру ғазаб бехабар ҷабрдидаи гуфтаҳои хатои худ мегардад [1].

**Таҳаммул** – ин сифати рушдёфтаи шахс аст, ки бо дараҷаи баланди рефлексия ва қобилияти дар амал тадбиқшаванда ба худ тавсиф дода мешавад. Маҳз таҳаммулпазирӣ метавонад шахсро аз вазъиятҳои мушкил барораду фикрҳои носолим, ба монанди худмаҳвкунӣ аз ҳаётро дур созад. Албатта, шахс худ ба худ ба шахсияти таҳаммулпазир мубаддал намегардад, балки ин сифати иродавиро ҳар кадоми мо бояд дар худ ташаккул диҳем. Мушкилотҳои зиёди оилавӣ, корӣ ва байнишахсие, ки ба хушунату худмаҳвкунӣ бурда мерасонанд, таҳаммулпазир набудани шахсро дар ин гуна вазъияти баамаломада нишон медиҳад. Бояд қайд кард, ки таҳаммулпазирӣ аз хислатҳои иродавии шахс ба шумор рафта, он ҳамчун амали бошуурона тавсиф дода мешавад, вале на ҳамчун созишкории ба касе тобеъшаванда. Шахси ботаҳаммул дар ҳама вазъият амалу гуфтори худро мантиқан таҳлилу хулосабарорӣ намуда, имконият намедиҳад, ки муносибатҳои пуртаззод дар фаъолияти рӯзмараaш рӯй диҳанд. Аз ин бармеояд, ки бояд ташаккули таҳаммулпазириро дар оила ба роҳ монд. Агар таҳаммул дар муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдакон бо волидайн вуҷуд дошта бошад, онгоҳ ин қадами нахустин барои пешгирии амалҳои нохуши ҳаёт, аз қабили худмаҳвкунӣ башумор меравад. Тадқиқҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки муҳити оила аҳамияти ниҳоят бузургро дар пешгирии зуҳуротҳои манфии иҷтимоӣ дар ҷомеа дорад.

Бояд зикр кард, ки «**Вожаи таҳаммулпазирӣ**, ки дар забони тоҷикӣ истилоҳи tolerance (аз лот. tolerantia – сабр, тоқат)-ро иваз менамояд. Аз асри XVдар истифодаи илмӣ қарор дошта, тавассути психологияи иҷтимоӣ ба илми равоншиносӣ ворид гардид» [5].

Набояд фаромуш кард, ки нахустин муносибату муошират ва хусусиятҳои психологиро, аз қабили таҳаммулпазирӣ, шахс дар оила аз худ менамояд. «Оила аввалин ҷоест, ки кӯдак дар он инкишоф ёфта, тарбия мегирад. Ҳар гуна бенизомӣ ва мушкилиҳои ахлоқӣ дар оила метавонад бевосита ё бавосита дар рафти тарбияи кӯдак таъсири манфии худро гузорад» [2].

Дар ташаккул ва тарбияи рафтори таҳаммулпазирона дар насли наврас нақши муҳимро ибрати шахсияти волидайн ва атрофиён мебозад. Омӯзишҳои психологӣ нишон доданд, ки ташаккули таҳаммулпазирӣ дар кӯдакон ба дараҷае мураккаб мешавад, ки агар худи волидайн чунин сифати иродавиро доро набошанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки гуруҳе аз шахсони суисидро анҷомдиҳанда дар ҳолатҳои аффектӣ ва дар вазъиятҳои мушкили ҳаётӣ зери ғурбат монда, бо чунин иборахо «номусам намебардорад», «тоқати чунин суханҳоро шунидан надорам ва амсоли инҳо»- ро ба забон оварда, роҳи халосиро дар анҷом додани суисид мебинанд. Ҳол он ки онҳо метавонанд ба василаи суботкорӣ, ҳамкорӣ ва ғайра аз ин мушкилиҳо раҳо ёбанд.

Доир ба пешгирии суисид психолог Байбородова Л.В. таъкид менамояд, ки нақши муносибатҳои оилави ҷанбаи асосии масъала башумор меравад. Ба андешаи ӯ «асоси муносибати байниҳамдигариро дар оила идеяи гуманизм ташкил медиҳад». Ӯ қайд менамояд, ки дар байни волидайн ва кӯдак муносибатҳои инсондӯстона, хайрхоҳона ва меҳрубонона вуҷуд дошта бошад, то ин ки дар ҳолатҳои ба мушкилот рӯ ба рӯ шудани яке аз аъзоёни оила аз дигарон бе тарсу ҳарос кӯмак хоста тавонад.

Ногуфта намонад, ки дар бештари мавридҳо худидоракунӣ ва ё таҳаммулпазириро одамон хато дарк намуда, дубора бар шахси муқобилаш хашму ғазаби худро равона мекунанд. Мисол: ҳангоми бархурди ақидаҳо, ки бештари вақт вазиътҳои низоъиро ба вуҷуд меорад, яке аз тарафҳо барои

вазъиятро дар ҳолати муътадил нигоҳ доштан таҳаммулпазириро пеш мегирад. Дар ин маврид шахси ба ӯ муқобил фикр мекунад, ки рақибашро мағлуб кард, гунаҳкор буданашро дарк кард, ё тарсид гуфта, дубора ба сараш фишор меорад. Ин гувоҳи он аст, ки он шахс аз ин соҳаи иродавӣ, яъне аз таҳаммулпазирӣ огаҳӣ надорад.

В.О. Тишков таҳаммулпазириро бо худмуайяннамоии шахс, ягонагии ӯ дар фаъолият ва муносибаташ алоқаманд намудааст. Таҳаммулпазирӣ дар шахс бошуурона сурат мегирад, яъне бо мақсадона рафтору гуфтори худро ба низом медарорад. Рушди соҳаи иродавии шахс яке аз нишонаҳои солимии равонӣ ва побарҷо будани ӯро дар вазъиятҳои пуршиддати руҳӣ нишон медиҳад.

Мувофиқи ақидаи Г. Алпорт, рушди инсон дар ҳамбастагӣ бо ҷомеа ва дар мақсадгузориҳояш сурат мегирад. Г. Алпорт шаш нишонаи шахси баркамолро дарҷ намудааст:

*Ҳудуди васеи байни «Ман» ҳамчун қобилияти нигориш ба шахсияти худ аз муҳиту фаъолияти иҷтимоӣ.*

*Қобилияти барқароркунии муносибати самимона дар ҷаъмият (аз қабили таҳаммулпазирӣ, муросо, суботкорӣ ва ғ).*

*Қобилияти идора намудани эҳсосоту ҳиссиёти худ дар ҳама гуна вазъиятҳо.*

*Қобилияти худшиносӣ ва ҳисси баланди инсонгароӣ ва хуштабъӣ.*

*Мақсадгузорӣ ва банақшагирии дурнамои зиндагӣ.*

Ҳар қадаре, ки дараҷаи рафтори таҳамулпазиронаро дар оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷойҳои корӣ ба роҳ монем, ҳамон қадар низоъҳо, вайроншавии оилаҳо ва майлҳои худмаҳвкунӣ дар ҷомеа коҳиш ёфта, фазои солими равонӣ ҳукумфармо мегардад. Зеро аз рафтору гуфтори калонсолон наврасону ҷавонон ибрат гирифта, дар ташаккулёбии шахсияташон нақшгузор гардида, маҳорату малакаи аз вазъиятҳои душвор баромаданро ёд мегиранд. Бо ҳамин метавонем, наврасону навҷавононро дар руҳияи гуманизм бавоя расонем.

Ҳамин тавр, таҳлили назариявии масъалаи суисидӣ аз дидгоҳи илми психология нишон медиҳад, ки ин падида бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ-психологӣ ба амал меояд ва он дар ҳама давру замон маҳкум карда мешуд ва мешавад.

## АДАБИЁТ:

1. Амонов Н.Қ. Асосҳои психологии муоширати педагогӣ/ Н. Қ. Амонов. – Д.: Сино, 2003. – С. 13
2. Амонов Н.Қ. Розито Р.Ҷ. Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон/ Н.Қ. Амонов, Р.Ҷ. Розито// Махсусияти кӯдакони мушкилии равонидошта. – 2015 - № 3/10. – С. 188-192
3. Даль В.И. Толковый словарь русского языка. Современная версия/ В.И. Даль. – М.: Изд-во Эксимо,2002. – 576 с.
4. Еникеева М.И. Энциклопедия. – Общая и социальная психология/ М.И. Еникеева.–М.: «Изд-во ПРИОР», 2002.– 404 с.
5. Каримов Қ. Шарипова М. Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон/ Қ. Каримов, М. Шарипова// Ташаккули таҳаммулпазирӣ ҳамчун омили устуворгардонии муносибатҳои оилавӣ дар байни ҳамсарон. – 2016 - № 3/4. – С. 186-193
6. Сайфиддин Н. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ/ Н. Сайфиддин, С. Аҳмадҷон, К. Саид, Ҳ.С.Мирзо. – Д.: Бухоро, 2015. – С. 474
7. Саъдии Шерозӣ. Гулистон/ Саъдии Шерозӣ. – Д.: Маориф, 2014. – С. 34
8. Ҳабибова Н.Ш. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Н.Ш. Ҳабибова// муаммои таҳаммулпазирӣ дар илми равоншиносӣ. – 2016 – № 3/4. – С. 228-231
9. Юнусова Н.М. Худкушӣ: ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва тадбирҳои эҳтиётии он/ Н.М. Юнусова, Н.М. Шарипова, Г.Д. Гулмирзоева. – Д.: ҶДММ Голд-Принт, 2014. – С. 8, 16

## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯҲОИ ПСИХОЛОГӢ ОИД БА РАФТОРИ СУИСИДӢ

Психология аз ҷумлаи он илмҳое мебошад, ки ба ин масъала суисид эътибори махсус дода, кӯшиш менамояд, ки сабабу омилҳои психологии сар задани мушкилиҳоро муайян намуда, роҳҳои пешгирии психологии онро равшан созад. Намояндагони равияҳои гуногуни илмӣ ва пайравони мактабҳои сершумори психологӣ ин масъаларо бо тарзу усули гуногун дида баромадаанд. Мувофиқи назарияҳои илмӣ, одатан одамони руҳан носолим даст ба суисид мезананд. Аммо мушоҳидаҳо ва тадқиқотҳои низ нишон медиҳанд, ки новобаста аз ин, сабабҳои дигари суисид низ вуҷуд доранд. Яке аз онҳо бетаҳаммулии шахс ба ҳисоб меравад. Шахсони ба ин амал дастзананда барои душвории ночизе, ки метавон онро дар муддати кӯтоҳ бартараф намуд, сабаб пеш оварда даст ба амали суисидӣ мезананд. Бояд зикр кард, ки дар шахсони майл суисидидошта соҳаи иродавӣ ташаккул наёфтааст ё

худ бо мурури замон заифгашта мебошад. В. Франкл дар чунин назар аст: «шахсони амали суисидиро анҷомдиҳанда на аз марг, балки аз зиндагӣ кардан метарсанд». Ӯ тавсия медиҳад, ки иродаро бояд дар шахс ташаккул дод, то ки бо мушкилоти рӯбарӯшуда дар зиндагӣ мубориза бурда тавонад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шахсони мазкур аз сабаби бетаҳаммулиашон, душвориҳо онҳоро ба коми марг мебаранд. Албатта, сабабҳои суисид гуногунанд, вале яке аз омили асосӣ бетаҳаммулии шахсони суисидкунанда ба шумор меравад, аз он ҷумала дар ҳолатҳои низоӣ.

**Калимаҳои калидӣ:** *суисид, худмаҳвкунӣ, таҳаммулпазирӣ, наврасон, ҷавонон, шахс, сабабу омил, назария, психология.*

## АНАЛИЗ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ТЕОРИЙ СУИЦИДАЛЬНОГО ПОВЕДЕНИЯ

Психология одна из наук, которая уделяет этому вопросу особое внимание и пытается выявить психологические причины проблемы и определить способы ее предотвращения. Представители различных научных дисциплин и последователи множества психологических школ по-разному подходили к этому вопросу. Согласно научным теориям, психически больные люди обычно кончают жизнь самоубийством. Однако наблюдения и исследования показывают, что, тем не менее, есть и другие причины самоубийства. Один из них - нетерпимость. Те, кто совершает самоубийство, совершают самоубийство из-за малейшей трудности, которую можно преодолеть в кратчайшие сроки. Следует отметить, что склонные к суициду люди не развили силу воли или со временем ослабли. В. Франкл считает, что люди, совершающие самоубийство, боятся не смерти, а жизни. Он предполагает, что в человеке необходимо сформировать волю, чтобы справиться с проблемами, с которыми он сталкивается в жизни. Это указывает на то, что эти люди умирают из-за своей нетерпимости. Конечно, причины суицида различны, но одним из основных факторов является нетерпимость к суицидам, в том числе в конфликтных ситуациях.

**Ключевые слова:** *суицид, толерантность, подростки, молодежь, личность, причина, теория, психология.*

## ANALYSIS OF PSYCHOLOGICAL THEORIES OF SUICIDAL BEHAVIOR

Psychology is one of the sciences that pays special attention to this issue and tries to identify the psychological causes of the problem and to clarify ways to prevent it. Representatives of various scientific disciplines and followers of numerous schools of psychology have addressed this issue in different ways. According to scientific theories, mentally ill people usually commit suicide. However, observations and research show that, nevertheless, there are other causes of suicide. One of them is intolerance. Those who commit suicide commit suicide for a small reason that can be overcome in the shortest possible time. It should be noted that among those who are prone to suicide, the willpower is not formed or weakened over time. B. Frankl notes that people who commit suicide are not afraid of death, but of life. He suggests that the will must be formed in a person in order to cope with the challenges he faces in life. This indicates that these people are dying because of their intolerance. Of course, the causes of suicide vary, but one of the main factors is the intolerance of suicides, including in conflict situations.

**Keywords***: suicide, tolerance, adolescents, youth, person, cause and effect, theory, psychology.*

**Маълумот дар бораи муаллиф***: Саидзода Баҳрулло Хол – доктори фалсафа Phd, аз рӯйи ихтисоси психология, мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел: 987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Саидзода Бахрулло Хол – доктор философии PhD, по психологии, заведующий кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета. Тел: 987957070, электронная почта: bahrullo_90@mail.ru*

**About the author:** *Saidzoda Bahrullo Khol – doctor of philosophy PhD in psychology, head of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university. Phone: 987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

**ТДУ 151.8: 378 (575.3)**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ФИЗИОЛОГӢ ВА МУШКИЛОТИ ИҶТИМОИИ ДАВРАИ БАБАЛОҒАТРАСИИ НАВРАСОН

*Салимзода М. Қ.*

**ДПДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд**

Зарурати мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад ки марҳилаи бабалоғатрасӣ барои рушд ва ташаккули шахсият хеле муҳим аст. Дар ин марҳила ҷаҳони ботинии шахс, муҳити зеҳнӣ, тарзи муошират бо дигар одамон, тасаввурот оиди мавқеи худ дар ҷаҳон,қобилият ва малакаҳои худро дар бар гирифта он нисбат ба дигар марҳилаҳои ҳаёти инсон тафовути куллӣ дорад. Маҳз дар марҳилаи ба балоғатрасӣ инсон худро ҳамчун шахсият дарк менамояд, аммо на ҳамаи кӯдакон якхел ба балоғат мерасанд, зеро ҳар як кӯдак суръати инкишофи худро дошта, бинобар ин дар раванди бабалоғатрасӣ мушкилотҳои гуногунро метавонад паси сар намояд. Айни ҳол мо се намуди суръати бабалоғатрасии биологӣ: барвақтӣ, миёна ва дериро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Дар марҳилаи бабалоғатрасӣ талаботҳо ва муносибатҳои атрофиён ба наврас тағйир меёбад. Дигар одамон чунин меҳисобанд, ки наврас калон ва бомасъулият шудааст ба талаботҳои аз ҷониби ҷомеа пешниҳод гардида ҷавобгӯ аст. Аз дигар ҷиҳат дар раванди босуръат бабалоғатрасӣ, кӯдак дигаргуншавии муносибатро нисбат ба худ интизор мешавад ва дар ин ҳолат метавонад байни калонсолон ва ҳамсолон ихтилофотҳо ба миён ояд. Суръати инкишофро омӯхта метавон хусусиятҳои ҳар яки онҳоро омӯхта ба кӯдак барои ҳаллӣ мушкилот ва ташаккули шуурнокӣ дар синни наврасӣ кӯмак кард.

Имрӯз дар ҳамаи макотиби ҳудуди вилояти Суғд ва Тоҷикистон масъалаи бабалоғатрасӣ ё ин ки бо дигар истилоҳ синни бӯҳронӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад, зеро ин ки наврасон синни бӯҳрониро маҳз дар марҳилаи таҳсил дар мактаб паси сар менамоянд. Аз ин лиҳоз омӯзгоронро зарур аст, ки ба кӯдакон барои ӯҳданамоӣ ва бартарафнамоии мушкилот ва ҳиссиёташон кӯмак намуд, аммо ҳангоми кӯмак омӯзгоронро зарур аст, баҳри пешгирии таҳрики мушкилоти волидайн, кӯдакон ва дигар омӯзгорон бояд кор кард.

Синни наврасӣ – марҳилаи дигаргуниҳои ҷисмонӣ ва ҳаётӣ дар инсон ба шумор меравад. Тамоми ҷанбаҳои инкишоф ба азнавсозиҳои сифатӣ гирифтор шуда навгониҳои психологӣ ба вуҷуд меоянд. Ин ҷараёни тағйирот асосҳои хусусияти шахсияти кӯдакони синни наврасиро муайян менамояд. Синни наврасӣ – ин марҳила-давраи онтогенез (инкишофи фардӣ), кадоме давраи гузариши байни кӯдакӣ-наврасӣ-балоғат ба шумор меравад. [16]

«Яке аз хусусиятҳои асосии синни наврасӣ ин азнавсозии вазнин ва чуқури организм-бабалоғатрасии ҷинсӣ мебошад. Инкишофи ҷинсӣ аз инкишофи умумӣ ҷудонашаванда буда, он пайваста аз рӯзи таваллуд ба вуҷуд меояд. Аммо дар синни наврасӣ он зуд суръат гирифта дар ҷараёни нисбатан кӯтоҳи вақт бабалоғтарасии ҷинсӣ фаро мерасад» [14, с. 76]. Дар адабиёти тиббӣ даврабандии синни наврасӣ аз нуқтаи назари ҷисмонӣ ва бабалоғатрасии ҷинсӣ гузаронида мешавад. Тамоми марҳилаи ба балоғатрасӣ ҳамчун пубертат муайян карда мешавад (аз лот. pubertas – бабалоғатрасии ҷинсӣ) ва одатан онро ба се давра ҷудо менамоянд:

*пеш аз пубертат – давраи тайёрӣ;*

*давраи асли пубертат- ҷараёни пуршиддати азнавсозии дохилӣ бо фарорасии балоғати ҷинсӣ (қобилият барои афзоиш);*

*баъди пубертат- ноилшавӣ ба балоғати комили биологӣ. [12]*

Пубертат фардӣ буда, инчунин метавонад бо назардошти нажод, шароити географӣ ва дигар омилҳо тағйирёбанда бошад. Имрӯз шартан ин синну солро аз 13 то 17 солагӣ ҳисоб намуд ва агар чаҳорчӯбаи муваққатии пубертатро мавриди баррасӣ қарор диҳем, метавон омилҳои гуногуни пубертатро вобаста ба вақт муайян кунем. Вақти оғози синни наврасӣ тағйирёбанда буда он бештар аз инкишофи физиологӣ, таърихӣ, ирсият ва омилҳои муҳитӣ вобастагӣ дорад. Дар чаҳорчӯбаи инкишофи таърихии ба балоғатрасии наврасон вобаста ба ҷинс фарқҳо вуҷуд дорад. Синни наврасӣ барои духтаракон 12-15 ва барои писаракон 13-16 сола; синни навҷавонӣ барои писарон аз 17 сола оғоз шуда дар синни 22-23 ба итмом мерасад. Дар духтарон бошад аз синни 16 оғоз шуда дар синни 19-20 ба итмом мерасад. [12] Таҷрибаҳо собит менамояд, ки чунин даврабандӣниз ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст.

Дар китоби «Педология» -и П.П.Блонский ёдовар мегардад, ки «дар минтақаҳои иқлими гарм дошта кӯдакон нисбат ба кӯдаконе, ки дар иқлими сард зиндагӣ мекунанд пештар ба балоғат мерасанд. [ 3, с 240]

Боз яке аз дигар омилҳое, ки ба синни балоғатрасӣ таъсир мерасонад он шароити зист мебошад. Наврасоне, ки дар шароити хуб зиндагӣ мекунанд нисбат ба ҳамсолони худ, ки дар шароити вазнин (ғизои нокифоя, кори вазнин ва ғ.) зиндагӣ мекунанд, инчунин наврасони варзишгар, ки сарбории вазнини ҷисмонӣ доранд, зудтар инкишоф меёбанд. [3]

Дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик солҳои охир ба балоғатрасии ҷинсии босуръати оммавии насли нав ба чашм мерасад. Кӯдакони муосир 1,5-2 сол пештар нисбат ба насли гузашта ҷисман инкишоф ёфта истодаанд. Аммо агар вобаста ба воя расидан, дарёфти мавқеи сотсиологӣ сухан ронем дар ин радиф ҳолат ба ҷанбаи манфӣ тағйир ёфт, яъне дароз шудани муҳлати таҳсил, ба даст овардани касб ва тағйири оғози фаъолияти меҳнатии мустақилро нисбатан ба синни дерӣ оварда мерасонад.

Аз ин ҷо хулоса метавонем кард, ки марҳилаи синни наврасӣ ва ба балоғатрасии ҷинсӣ барои кӯдакони минтақаҳои гуногун фарқ мекунад. Дар китоби И. В. Дубровина «Рабочая книга школьного психолога» марҳилаҳои миёнаи синни наврасӣ дода шудааст, ки дар он тахминан аз 10-11 то 14-15 солро дар бар мегирад, ки он дар маҷмӯъ бо кӯдакони синфҳои миёнаи мактаби миёна мувофиқ аст. [1]

Шартҳои асосии ба балоғатрасии наврас аз омилҳои зер вобастагӣ доранд:

- *ирсият*
- *ҷинс*
- *омилҳои табиати беруна*
- *миллат ва ҷои истиқомат*
- *тарзи ҳаёт*
- *ҳолати умумии саломатӣ ва сатҳи зиндагӣ*

Чуноне, ки аллакай дар боло қайд гардида буд, синни наврасӣ қабл аз ҳама синни ба балоғатрасии ҷинсӣ буда, он дорои физиологияи худ аст. Ин қонуниятро мо дар поён мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Физиологияи ба балоғатрасӣ (пубертат)**

к врачу, случаи головной боли, боли в желудке, в спине, простуда, ухудшение зрения и опасения ожирения, которые получили название «профессиональные болезни». Как известно, люди здоровье и физически, и духовно, мыслящие позитивно, очень эффективно влияют на создание среды, благоприятной для обучения. Этот вывод следует и из ответов учителей пяти средних общеобразовательных учреждений г. Душанбе и р. Рудаки результаты выборки здесь оказались, следующие: СОУ № 28 – 1,33; СОУ № 32 – 1,60; СОУ № 91 – 1,14; СОУ № 102 – 1,71; РТГ в р. Рудаки –1,9; б) положительные показатели: СОУ № 28 – 1,21; СОУ № 32 – 0,72; СОУ № 91 – 1,50; СОУ № 102 – 0,77; РТГ в р. Рудаки – 0,43. Общее количество ответов учителей всех средних общеобразовательных учреждений 686 (453+233), и в них отрицательные показатели (66,03%) явно преобладают над положительными (33,97%). Такая ситуация, конечно, вызывает тревогу, потому что свидетельствует о том, что, учителя подвержены психическим перегрузкам.

В опроснике шкала «Ощущение профессиональной болезни» по количественной характеристики отделена от следующей шкалы «*Стрессовые синдромы*», по качественной характеристике обе эти шкалы однозначны, и поэтому ниже дается общее заключение по обеим из них.

Шкала «*Стрессовые синдромы*», была составлена на основе 402 (291+111) ответов на четыре вопроса из Приложений 5,6 и 7. Ответы были сформулированы как «нет», «в некоторой степени», «да», «безоговорочно» или «несомненно». Как выяснилось в ходе опроса, только 27,61% учителей пяти средних общеобразовательных учреждений отметили в себе стрессовые синдромы. Средние показатели распределились следующим образом: СОУ № 28 – 1,11; СОУ № 32 – 1,03; СОУ № 91 – 0,87; СОУ № 102 – 0,81; РТГ в р. Рудаки –1,08; б) положительные показатели: СОУ № 28 – 0,21; СОУ № 32 – 0,30; СОУ № 91 – 1,37; СОУ № 102 – 0,54; РТГ в р. Рудаки – 0,25. Меньший уровень наличия стресса у учителей и в связи с этим - благоприятные условия наблюдаются у учителей № 28, 32 и РТГ в р. Рудаки 8.

Показатели и той, и другой шкалы свидетельствуют о том, что «синдром выгорания» у учителей средних общеобразовательных учреждений прогрессирует. Возникает в результате воздействия стрессовых факторов на работе и выражается в эмоциональном истощении. Как мы уже писали преподавание считается одной из профессий с высокой предрасположенностью к развитию этого синдрома. Свою роль здесь играют рабочее давление и физическая среда учителя, поэтому это синдром можно охарактеризовать как длительный, неразрешенный рабочий стресс, который требует особого внимания в медицинском, психологическом и организационном отношении.

По данным первой шкалы, основными диагнозами, о которых мы узнали в ходе опроса среди учителей пяти (для примера мы приводим данные по трём средним общеобразовательным учреждениям № 28 32 г. Душанбе и РТГ в р. Рудаки), были: РТГ в р. Рудаки частая головная боль – у 20,6% опрошенных; боль в желудке – 15%; боль в спине - 25%; напряженность – 15%; стресс - 10%; проблемы со зрением - 5%; в СОУ № 28 – головная боль не отмечена, боль в желудке – у 5%; боль в спине - 5%; напряженность – 15%; стресс - 10%; проблемы со зрением - 10%; СОУ № 32 – головная боль у 45,4% учителей; боль в желудке – у 9%; боль в спине – 45,5%; напряженность – 18,2%; стресс – 18,1%; проблемы со зрением – у 45,5%. Результаты свидетельствуют о преобладании боли в желудке, боли в спине, напряженности и стрессе на работе. Их изучение позволило выявить неблагоприятные рабочие ситуации и измененные состояния здоровья. Взаимосвязанность того и другого несомненна. Наличие факторов риска требует разработки мер профилактики и контроля.

Четвертая шкала «*Духовно-психологическая активность*», как особый фактор, влияющий на деятельности учителя, концептуализируется в измерении черт или тенденций, которые относительно невосприимчивы к изменениям. Это общий темперамент, специфические личностные переменные и давно укоренившиеся предрасположенности, с одной стороны, и тех установок и поведения, которые подвержены изменениям, даже если они изменения занимают длительный период времени. Хотя многие из этих факторов могут иметь отношение ко всем учителям, например, «ответственность» или «грусть», другие же переменные могут быть особенно применимы в условиях класса, например, «степень активности в свободное время». Так, в этой шкале объединены ответы, «иллюстрирующие» диапазон от устойчивых факторов до податливых социальных и психологических. Вопросы респондентам в данном случае касались испытываемых (или не испытываемых ими) чувств ответственности, вины, грусти, а также физической активности и поддержки коллег в стрессовых ситуациях. Всего было обработано 502 (269+233) ответа. Как выяснилось, 46,4% учителей положительно отзывались об этих факторах. Здесь нужно отметить, что в вопроснике специально были включены в смешанном варианте негативный аспект состояния человека (вина – 11-й вопрос, грусть, печаль – 12 и 18-й вопросы) и позитивный (ответственность – 10-й вопрос, физическая активность - 14-

й вопрос). Если бы эти вопросы задавались отдельно, то результат был бы получен другой. Выборочно сравнили ответы учителей по этим вопросам из двух средних общеобразовательных учреждений: № 32 – 5+10+2 = 17 (негативный) и 2+3 = 5 (позитивный); № 102 – 16+17+3 = 36 и 13+12 = 25. Эти результаты показывают, что они аналогичны общему результату выборки. По средним общеобразовательным учреждениям средний уровень этих результатов таков: отрицательно: СОУ № 28 – 1,0; № 32 – 0,66; № 91 – 0,91; № 102 – 0,92; РТГ в р. Рудаки – 0,86; б) положительные показатели: № 28 – 0,66; № 32 – 1,0; № 91 – 2,26; № 102 – 0,77; РТГ в р. Рудаки – 0,8.

Следующая шкала посвящена анализу «*Эффективности в отношении к работе, администрации, коллегам и родителям*». Было обработано 662 (295+367) ответа; 65,4% опрошенных подтверждают эффективность в своём отношении к работе, администрации, коллегам и родителям, что является одним из индикаторов хорошего психологического климата в средних общеобразовательных учреждениях. Эти ответы в среднем измерении представляют такую картину: СОУ № 28 – 1,16; № 32 – 0,87; № 91 – 0,92; № 102 – 0,95; г. Душанбе и РТГ в р. Рудаки – 0,96; б) положительные показатели: № 28 – 1,2; № 32 – 1,45; № 91 – 0,87; № 102 – 1,71; г. Душанбе и РТГ в р. Рудаки – 1,05. Среднее соотношение отрицательного-положительного в ответах учителей составляет 0,97:1,25. В этом показателе худшее положение в образовательных учреждениях РТГ в р. Рудаки и №28 г. Душанбе, где оно равно соответственно 19,66% и 23,7%, соответственно, что означает неэффективное отношение учителей к работе администрации, коллегам и родителям. Тем не менее, большинство учителей вышеуказанных пяти средних общеобразовательных учреждений г. Душанбе и р. Рудаки выступают за и поддержку социальных и эмоциональных навыков самих учителей. При этом они отмечают, что эмоциональное состояние учителей (например, регуляция эмоций, способность принимать точку зрения и сопереживать другим людям из разных слоев общества) и их социальные/межличностные навыки (например, позитивное взаимодействие с учениками, родителями и коллегами), вероятно, влияют на социальное, эмоциональное и академическое благополучие их учеников. Сегодня это особенно важно.

К этой шкале по смыслу предмета исследования близка следующая шкала «*Использование ресурсов и внешней поддержки*», составленной на основе пяти вопросов Приложений 5,6 и 7. Ответы на эти вопросы были выражены словами «нет», «в некоторой степени», «да», «безоговорочно» или «несомненно». В общей сложности было получено 511 (267+244) ответов. Из них очевидно, что чуть больше половины учителей (52,2%) не удовлетворены использованием своих внутренних ресурсов и внешней поддержкой в среднем общеобразовательном учреждении (особенно учителя средних общеобразовательных учреждений №91 г. Душанбе и РТГ в р. Рудаки соответственно 28,0% и 27,7%). В среднем измерении были также ответы: а) отрицательные: СОУ № 28 – 0,83; № 32 – 0,69; № 91 – 0,91; № 102 – 0,68; РТГ в р. Рудаки – 1,25; б) положительные показатели: № 28 – 1,16; № 32 – 0,96; № 91 – 0,64; № 102 – 0,98; РТГ в р.Рудаки – 0,41. Среднее соотношение отрицательного -положительного в ответах учителей составляет 0,87:0,83. Результаты опросника показывают, что в указанных средних общеобразовательных учреждениях все еще недостаточно используют внутренние ресурсы и не оказывают внешнюю поддержку. Это очень сольно влияет на методы работы, доступ к знаниям, общение, коммуникацию, сотрудничества и достижение успеха, по сути на области профессиональной, социальной и личной жизни учителей и учеников. В Таджикистане на современном этапе его развития доступ к информации (особенно г. Душанбе) возможен в любое время но ограничен он дорогой стоимостью интернета и тем, что не во всех семьях имеются компьютеры. Тем не менее социальная среда сегодня постепенно меняется.

Наконец, последняя шкала «*Оценка условий работы в СОУ*», которая также с точки зрения логики тесно связана с предыдущей шкалой. Эта шкала включает в себя 14 пунктов, вычисленных из трех указанных Приложений, в которых зафиксированы больше всех – 1528 (753 отрицательных и 775 положительных) ответов. В них отражены мнения учителей об условиях работы в средних общеобразовательных учреждений, о возможностях урегулирования конфликтов разного характера, о важности работы, участии жизни образовательного учреждения, возможности влияния на рабочую ситуацию, о мерах для улучшения психического здоровья, о наличие учеников с психическими отклонениями, об обеспечении современной техникой, об оттоках или притоках специалистов в средние общеобразовательные учреждения, о состоянии зданий образовательного учреждения и др. В итоге опроса были зафиксированы следующие ответы учителей пяти средних общеобразовательных учреждений г. Душанбе и Рудаки: а) отрицательные показатели в СОУ № 28 – 3,08; № 32 – 1,69; № 91 – 2,43; № 102 – 2,15; РТГ в р. Рудаки – 2,88; б) положительные показатели: № 28 – 1,58; № 32 – 6,78; № 91 – 2,13; № 102 – 2,51; РТГ в р. Рудаки – 1,95. Среднее соотношение отрицательного-положительного

в ответах учителей составляет 2,44:2,99, означающее, что учителей данных (50,7%) в принципе удовлетворяют условия работы в средних общеобразовательных учреждениях. И это несмотря на то, что они в среднем работают более 40 часов в неделю, считая внеурочное время и то, что их средняя зарплата, как правило, ниже, чем у многих других специалистов. Большая, часть учителей сообщила, что они в значительной степени контролируют то, как они преподают и оценивают учеников. При этом они лишены возможности выбора того, какие материалы и тексты они могут использовать. Менее активны они оказались в содействии сохранению психологического здоровья и благополучия у своих коллег и учеников. В выборке есть вопросы о «грусти» и «печали» учителей, которые проистекают не столько из психологическим состояния самых учителей, сколько из – за того, что иногда они иногда сердятся из-за негативного отношения к ним администрации образовательного учреждения, коллег, родителей и даже отдельных учеников.

Из вышеизложенного можно сделать вывод, что психологическое благополучие (как психическое состояние и как характеристика личности) обеспечивает эффективность образовательного процесса. Психологический комфорт, отсутствие неоправданного эмоционального и умственного напряжения способствуют развитию интеллектуальных способностей педагогов. Чтобы все эти процессы приобрели стабильность, средние общеобразовательные учреждения должны хорошо финансироваться, учителя должны иметь доступ к принятию решений, к высококачественным консультациям специалистов в области психологического здоровья. В свою очередь средние общеобразовательные учреждения также должны нести более строгую ответственность за качество и адекватность предоставляемых ими услуг. Конечно, создать в средних общеобразовательных учреждениях идеальные во всех отношениях условия невозможно, тем не менее она должна стремиться к тому, чтобы в ней всегда было комфортно работать. Для этого она должна обладать достаточными ресурсами, которые можно было бы использовать, помимо всего прочего, на профилактике и развитие здоровья учителей во всех его аспектах.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Глузман А.В., Горбунова Н.В. Искусство педагогики // Педагогика и психология искусства, 2016. № 4. С. 11-18.
2. Закон Республики Таджикистан. Об образовании. http://ncz.tj/system/ files/Legislation/1004_ru_0.pdf 30 стр. Дата обращения 21.05.2020.
3. Международная организация труда (МОТ). Будущее трудовой деятельности в секторе образования в контексте развития навыков, непрерывного обучения и программы достойного труда. Май, 2021 г. 16 стр. https://www.ilo.org/wcmsp5/groups/public/---ed_dialogue/---sector/ documents/meetingdocument/wcms_780075.pdf Дата обращения 13.04.2022.
4. Туринский процесс 2018-2020, Таджикистан. 67 стр. https://openspace.etf.europa.eu/sites/default/files/2020-11/TRPreport_2020_ Tajikistan_RU.pdf Дата обращения 26.03.2020.
5. Столин, В.В. Познание себя и отношение к себе в структуре самосознания личности Текст. / В.В. Столин. - М.: МГУ, 1983. - 286 с.
6. Суворова, В.В. Психофизиология стресса / В.Н. Суворова. - М.: Педагогика, 1975. - 208 с.
7. Тощенко, Ж.Т. Социальные резервы труда: Актуальные вопросы социологии труда / Ж.Т. Тощенко. - М.: Политиздат, 1989. - 287 с.
8. Реан, А.А. Социальная педагогическая психология / А.А. Реан. СПб., - М., Харьков, Минск: Питер, 2000. - 432 с.
9. Психология здоровья / Г.С.Никифоров, В.А.Ананьев, И.Н.Гурвич и др.; под ред. Г.С.Никифорова. - СПб.: Изд-во. С-Петерб. ун-та, 2000. - 504 с.
10. Платонов, Ю.П. Психология коллективной деятельности: Теоретико-методологический аспект / Ю.П. Платонов. - Л.: ЛГУ, 1990. -184 с.
11. Пахальян, В.Э. Развитие и психологическое здоровье: Дошкольный и школьный возраст / В.Э. Пахальян. - СПб.: Питер, 2005. - 240 с.
12. Мышление учителя: Личностные механизмы и понятийный аппарат / Под ред. Ю.Н. Кулюткина, Г.С. Сухобской. - М.: Педагогика, 1990. – 306с.
13. Леонтьев, Д.А. Психология смысла: природа, строение и динамика смысловой реальности / Д.А. Леонтьев. - М.: Смысл, 1999. - 487 с.
14. Исаев, Д.Н. Эмоциональный стресс: психосоматические и соматопсихиче-ские расстройства у детей / Д.Н. Исаев. - СПб.: Речь, 2005. - 400 с.

15. Вернадский, В.И. Биосфера и ноосфера / В.И.Вернадский. - М.: Айрис-пресс, 2004. - 576 с.

## ПРОБЛЕМА ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО ЗДОРОВЬЯ ПЕДАГОГА СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОСТРАНСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

**(социально-психологический анализ)**

Статья посвящена исследованию проблемы психологического здоровья педагога средних общеобразовательных учреждений в образовательном пространстве Таджикистана на основе социо-психологического анализа, проведенного в средних общеобразовательных учреждений г. Душанбе и района Рудаки. Во вводной части статьи рассматривается влияние информационных и коммуникационных технологий на сферы деятельности педагогов, создание благоприятных условий деятельности учителей законодательными актами на уровне государства, оценка состояния педагогов по отчетам международных организаций. Основная часть статьи посвящена анализу теста-опросника, проведенного в вышеуказанных школах по таким вопросам психологического здоровья педагогов и организационного климата в школах, как стремление к достижению цели, желание работать «по-другому», проявление самостоятельности в решении задач независимо от воли начальства, чувство необходимости помощи коллег в решении вопросов, зависимость от решения администрации, необходимость в профориентации и оценки деятельности педагога, работать на себя, для своего удовольствия и благополучия, быть полезным для других, желание быть креативным и эффективным человеком, быть социально ответственным человеком и др.

**Ключевые слова:** *социальные условия, образовательные учреждения, психологическое здоровье, физическая и эмоциональная нагрузка, положительные и отрицательные показатели, социальная ответственность, результаты опросника, риски и вызовы, психологическое состояние учителей*

## МАСЪАЛАИ ҲИФЗИ СОЛИМИИ ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР ФАЗОИ ТАЪЛИМИИ ТОҶИКИСТОН.

**(таҳлили иҷтимоӣ-психологӣ)**

Мақола ба таҳқиқи мушкилоти ҳифзи солимии психологии омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фазои таълимии Тоҷикистон дар асоси таҳлили иҷтимоӣ-психологии он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ бахшида шудааст. Дар қисми муқаддимаи мақола таъсири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба самтҳои фаъолияти омӯзгорон, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти омӯзгор бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи давлатӣ ва арзёбии вазъи омӯзгорон аз рӯи гузоришҳои созмонҳои байналмилалӣ баррасӣ мешаванд. Қисми асосии мақола ба таҳлили натиҷаҳои санҷиш-саволнома, ки дар мактабҳои мазкур вобаста ба масъалаҳои ҳифзи солимии психологии омӯзгорон ва фазои ташкилии фаъолият дар мактабҳо шузаронида шудааст, ба монанди талоши ноил шудан ба ҳадаф, хоҳиши «ба таври дигар» кор кардан, зоҳиршавии мустақилият дар ҳаллу фасли вазифаҳо сарфи назар аз иродаи роҳбарият, эҳсоси зарурати кӯмак ба ҳамкорон дар ҳаллу фасли масъалахо, вобаста будан аз қарори маъмурият, зарурати самтгирии касбӣ ва архёбии фаъолияти муаллим, кор кардан барои манфиати худ, барои лаззат ва некӯаҳволии худ, ба дигарон фоиданок будан, майлу хохиши одами эҷодкор ва таъсирбахш будан, шахси масъули ҷомеа будан ва ғайра бахшида мешавад.

**Вожаҳои калидӣ:** *шароити иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ, ҳифзи солимии психологӣ, сарбории ҷисмонӣ ва ҳиссӣ, нишондиҳандаҳои мусбат ва манфӣ, масъулияти иҷтимоӣ, натиҷаҳои саволнома, хатарҳо ва чолишҳо, ҳолати равонии омӯзгорон*

## THE PROBLEM OF PSYCHOLOGICAL HEALTH OF A TEACHER IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN THE EDUCATIONAL SPACE OF TAJIKISTAN

**(socio-psychological analysis)**

The article is devoted to the study of the problem of psychological health of a teacher in secondary educational institutions in the educational space of Tajikistan on the basis of a socio-psychological analysis carried out in secondary educational institutions in Dushanbe and Rudaki district. In the introductory part of the article, there is considered the influence of information and communication technologies on the areas of activity of teachers, the creation of favorable conditions for the activities of teachers by legislative acts at the state level, and the assessment of the state of teachers according to reports from international organizations in it. The main part of the article is devoted to the analysis of the questionnaire test conducted in the above schools on such issues of the psychological health of teachers and the organizational climate in schools as the

desire to achieve the goal, the desire to work "differently", the manifestation of independence in solving problems regardless of the will of the authorities, the feeling the need to help colleagues in resolving issues, dependence on the decision of the administration, the need for career guidance and evaluation of the teacher's activities, to work for oneself, for one's own pleasure and well-being, to be useful to others, the desire to be a creative and effective person, to be a socially responsible person, etc.

**Keywords:** *social conditions, educational institutions, psychological health, physical and emotional stress, positive and negative indicators, social responsibility, questionnaire results, risks and challenges, psychological state of teachers.*

**Сведения об авторе:** *Курбонов Нуъмон Холматович – Таджикский государственный педагогический университет им Садриддина Айни, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры психологии. Адрес: 734021, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки, 121. E-mail: kurbanov-numon@mail.ru Тел.: (+992) 919197254*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Қурбонов Нуъмон Холматович – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии психология. Суроға: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: kurbanov-numon@mail.ru Тел.: (+992) 919197254*

**Information about the author:** *Kurbanov Numon Kholmatovich – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, senior lecturer Psychology chair. Address: 734021, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. E-mail: kurbanov-numon@mail.ru Тел.: (+992) 919197254*

**УДК: 15. 14. 7.0**

# ПАЙДОШАВИИ НИШОНАҲОИ АФСУРДАГӢ ДАР РАФТОРИ ИНСОН

***Раҷабзода Н. М., Сахиёр Р.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони муосир асабишавӣ ва омилҳои дигаре ба зиндагии рӯзмараи мардум таъсири бад мерасонанд. Ҳар як фарди ҷомеа навъҳои мухталифи стресс ва асабоният дорад. Муҳити зиндагии иҷтимоӣ, хонавода ва ҳар он чи фард бо он дар иртибот аст, метавонад дар чунин вазъияти танишзо ҷараёни зиндагии ӯро ба самти бухронҳо барад.

Афсурдагӣ бемориест, ки муҳимтарин хусусияти он тағйири рафтор ва эҳсоси ғамгинӣ аст, ки дараҷаи мубтало шудан ба он метавонад аз як ноумедии андак то эҳсоси дараҷаи ноумедии шадид оварда расонад. Ин тағйири хулқ рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ё солҳо идома мекунад. Афсурдагӣ инчунин ба организми инсон таъсири худро мегузорад ва тамоми паҳлӯҳои зиндагии як фардро таҳти таъсири худ қарор медиҳад. Ин оқибатҳо дар эҳсос, неру, кӯшиш, фикр, ҳолати робитаи фард намоён мешавад.

Дар илми равоншиносӣ афсурдагиро тағйири хулқ ба самти ғамгинӣ медонанд. Боризтарин нишонаи бемории афсурдагӣ ҳамон хулқи афсурдаест, ки ба дараҷаҳои мухталиф мумкин аст падид ояд. Дар баъзе мавридҳо хулқи афсурда мумкин аст танҳо ҳамчун беморӣ боқӣ бимонад. Ба ҳар ҳол дар ин беморӣ кулли аъмоли ҳаётӣ мутаносиб бо хулқи афсурда тағйир меёбад [12, с.29].

**Афсурдагӣ:** ин истилоҳ бисёр васеъ ва то ҳудуде душворфаҳм аст, барои шахси оддӣ ҳолате мушаххас бо ғамгинӣ ва гирифтагӣ ва беҳавсалагӣ ва барои пизишк гурӯҳест, кимавриди табобат қарор мегиранд.

Бехобӣ, ба хусус бехобии охири шаб аломати вайроншави дар рафтор аст. Беиштиҳоӣ ва коҳиши вазн низ аз нишонаҳои асосии афсурдагӣ шуморида мешаванд. Тағйироти шабонарӯзии хулқ ба сурати шиддат ёфтани нишонаҳо (дарду ранҷҳо) ҳангоми субҳ бештар аст шикояти аз дарди сар, миёндард, қабзият, бидуни иллати ошкор гоҳе бо афсурдагӣ робита дорад. Вуҷуди афкори худкушии такроршаванда низ дар муҳимтарин нишонаи афсурдагӣ шуда, метавонад [9, с. 11].

Бар замми ин ду хусусияти мушаххаскунандаи асосии афсурдагӣ ноумедӣ ва ғамгинӣ аст, ки инсон вазъияти ваҳшатнокеро дар худ эҳсос мекунад. Афсурдагӣ бештар бо ғамгинӣ иштибоҳ мешавад дар ҳоле ки ин мафҳумҳо бо якдигар ҳаммаъно нестанд. Вале ин ҳолати равонӣ бо кам шудани неруи маънавии фард ҳамроҳ нест, аммо дар афсурдагӣ тағироти хулқ дар шахс таъсири амиқи худро гузошта, идроки ӯро аз худ ва муҳити атрофаш нисбатан дигаргун мекунад [2, с.70].

Бар асоси таърифоти баёншуда инро қайд кардан ба маврид аст, ки афсурдагӣ беморӣ аст, ки ба табақаи замону макони хос маҳдуд намешавад, балки тамоми афроду гуруҳҳои ҷомеаро дар бар мегирад. Дар ҷомеаи шарқӣ, афсурдагӣ аз намоёнтарин бемориҳост. Афсурдагӣ яке аз авомили боздорандаи анҷоми фаъолиятҳост ва боис мешавад, ки одам қувваи худро барои анҷоми корҳо аз даст

диҳад. Алоқа ба шуғл ва таҳсил надошта ва наметавонад ба корҳои рӯзмарраи зиндагии одӣ худ бипардозад.

**Нишонаҳои афсурдагӣ:**

*Нишонаҳои равонӣ:*

*- эҳсоси ғамгинӣ ва афсурдагии тӯлонӣ, ки дар замони мушаххас аз рӯз (маъмулан субҳ) бадтар мешавад.*

*- нотавонӣ дар лаззат бурдан аз ҳар чиз.*

*- аз даст додани робита ба дигарон ва иртибот доштан бо дӯстон.*

*- нотавонӣ дар тамаркуз кардан.*

*- эҳсоси гуноҳ кардан ба хотири корҳое ки анҷом надодаед.*

*- бадбин шудан.*

- эҳсоси ноумедӣ ва ҳатто худкушӣ.

**Нишонаҳои ҷисмӣ:**

*Бехобӣ;*

*Субҳ зуд ва ё дар тӯли шаб аз хоб бедор шудан;*

*Аз даст додани робита ба иртиботи ҷинсӣ;*

*Ғизо нахӯрдан ва коҳиши вазн ва ё гоҳе пурхӯрӣ ва афзоиши вазн* [10, *с. 29*].

Бинобар таҳқиқоти қаблӣ афсурдагон чунин нишонҳо доранд: лаззат набурдан аз фаъолиятҳои одии зиндагӣ, эҳсоси гуноҳ ва бе арзишӣ: афроди афсурда на танҳо нисбат ба зиндагӣ балки нисбат ба худашон низ беалоқаанд.

**Асабоният ва беҳавсалагӣ.** шахси мубтало мумкин аст, ки хеле зуд асабонӣ шаваду таҳаммули сару садо ё ҳатто наздикони худашро надошта бошад: ин афрод маъмулан беэҳсос ва беҳавсала ҳастанд. Ҳаракату вокунишҳо ва ҳатто фикри фарди афсурда дучори вайроншавии иштиҳо мешаванд: иштиҳо маъмулан коҳиш меёбад ва бисёре аз афрод эҳсос мекунанд, ки маҷбуран ғизо мехуранд, коҳиши қувва хастагӣ дар субҳгоҳон шадидтар аст, раванди хоб вайрон мешавад: вайроншавии раванди хоб аз муҳимтарин шохаҳои биологии афсурдагӣ ҳастанд.

Вайроншавии муносибати маҳрамона бо ҳамсар аз нишони барҷастаи афсурдагӣ аст, кам шудани қувваи ҳофизаи зеҳнӣ: ин афроди қодир ба тамаркузи ҳавосу тасмим гирӣ нестанд, коҳиши майли ҷинсӣ: ҳамчун коҳиш дар бисёре аз қувваи ҷисмӣ равонӣ, ин афрод аз коҳиши майли ҷинсии ҳам кам нестанд, фикри худкушӣ пайдо мешавад: бемирони мубтало мумкин аст ба марзи ноумеди қатъи умед аз зиндагӣ бирасанд ва мумкин аст ҳамаи дарҳоро бар рӯй худ баставу чораро дар худкушӣ бубинанд, дарди ҷисмонӣ: дар баъзе аз афроди афсурдагии бештар ба шакли дардҳову алоими ҷисмонӣ нишон дода мешавад. Ин алоим ва дардҳо шомили сардард, дарди камар, дарди гардану нороҳатӣ дар ҷисми инсон мебошад.

**Мушкилоти ангезишӣ, физиологӣ ва маърифатиии шахсони дорои афсурдагӣ**

Нишонаҳои маърифатии афсурдагӣ: аз дидгоҳи Бек нишонаҳои маърифатии афсурдагиро метавон дар се ҷиҳат дастабандӣ кард

*Назари манфӣ ба худ: иззатнафсии паст, эҳсоси шикаст, ҳақирӣ ва кифоятӣ, ба дунболи инҳо сарзаниши худ ва эҳсоси гуноҳ.*

*Назари манфӣ нисбат ба оянда: шомили эътиқодоти бадбинона ва ноумедона нисбат ба оянда;*

*Назари манфӣ нисбат ба дигарон: эътимоду боварӣ надоштан ба дигарон.*

**Нишонаҳои ангезишӣ**: ба назар мерасад, ки афроди афсурда ангезае (шӯру шавқ, завқ, ҳавас) барои амал надоранд ва ё агар дошта бошанд ҳам, наметавонанд ангезаҳояшонро амалӣ гардонанд. Афроди афсурда мумкин аст, ки рӯзҳои зиёд бо сари ҳам беҳаракат бишинанд.

**Нишонаҳои физиологӣ**: дар сурати шиддати афсурдагӣ, тамоми лаззатҳои ҷинсӣ ва равонӣ, ки зиндагиро боарзиш месозанд, оҳиста - оҳиста аз байн мераванд. Инчунин аз даст додани иштиҳо дар байни афроди афсурда аз эҳтимол дур нест. Дар афсурдагии миёна ва шадид камшавии вазн рух медиҳад, вале дар афсурдагии сабук гоҳе вазнпартоӣ низ дида мешавад. Вайроншавии меъёри хоб низ ба амал меояд [4, с. 4].

Ногуфта намонад, ки афсурдагӣ ихтилол аст, ки коҳиши қувва, алоқа, эҳсоси гуноҳ, мушкилот дар тамаркузу иштиҳо мушаххас мешавад ва бо тағйирот дар сатҳи фаъолиятҳо, тавоноиҳои шинохтӣ, вазъияти хобу тағйироти биологӣ ҳамроҳ аст, ки дар амалкардҳои шуғлӣ, равобити иҷтимоӣ байни одамон зоҳир мегардад. Инсони дар ҳолати афсурдагӣ қарордошта зиндагиро бе ҳадаф ва бе натиҷа мебинад. Ҳар амалу фаъолият ба назараш хушку холи арзёби мегардад. Иштиёқи худро дар анҷоми фаъолиятҳо, ки бароя ш лаззатбахш буд, аз даст медиҳанд. Мумкин аст танҳо дар гӯшае биншинад ва сокит бимонанду фаъолиятҳои иҷтимоии вай ба шиддат коҳиш ёбанд. Афсурдагӣ яке аз роиҷтарин

бемориҳои равонӣ аст, ки боиси мурочиат ба равонпизишкон ва мутахассисони беҳдошт равона мегардад.

**Ихтилоли афсурдагӣ** Афсурдагӣ ин ғамгинии бисёр шадид, бемории мағзро ба бор меорад. Афсурдагӣ дар аксар бемориҳои дигари равонӣ монанди шизофрения ва димонс низ рух медиҳад. Афсурдагӣ якҷо бо изтироб маъмултарин шикояти равонӣ аст, ки мавриди баҳс байни беморон оид ба рақобатҳои аввалия мушоҳида мешавад.

**Афсурдагии пинҳон.** Афсурдагии пинҳонӣ истилоҳест, ки аз соли 1950 ба баъд умумият ёфтааст. Ин навъи афсурдагӣ мумкин аст дар шакли ҳар навъ шикояти ҷисмонӣ, ки нисбат ба дармонҳои муносиб зид будааст, зоҳир гардад. Чунин шикоёти ҷисмонӣ маъмулан, бо дармонҳои зидди афсурдагӣ мисли антидепрессияҳои се ҳалқа ё электрошок беҳбудӣ меёбад.

**Афсурдагии пас аз таваллуд дар кӯдакон.** Зуҳури нишонаҳои афсурдагии шадид чанд рӯз пас аз таваллуд оризаи нодире аст. Бетафовутӣ нисбат ба навзод, аз ҷумла нишонаҳои изтиробангези ин навъ аст ва бемор воҳима ва ҳазёнҳое, ки аксаран марбут ба навзодон мегардад, пайдо мекунад.

**Афсурдагӣ дар давраи тифлӣ.** Афсурдагӣ дар давраи тифлӣ синдромест, ки дар кӯдакон дар нимаи дувуми яксолагӣ ба дунболи маҳрумият аз таваҷҷуҳи модар ё касе ки нақши модарӣ дошта бошад, зоҳир мегардад. Чунин тифле ибтидо бо хашм ва эътирозу изтироб ба ҳузур надоштани модар вокуниш нишон медиҳад.

**Афсурдагӣ дар давраи навҷавонӣ.** Афсурдагӣ дар навҷавонон аз лиҳози вижагии синнусолӣ ва таҳаввулоти равонии онҳо зиёд мушоҳида мешавад ва ҳангоми вуҷуди маҳрумият ё нокоми навҷавон ақибнишинӣ мекунанд ва вокуниши ғайрифаъолона ба шароит нишон медиҳанд, чунин вокунише нишонаҳои афсурдагиро дар худ дорад ва ба навҷавон кӯмак мекунад то ҳолати рӯҳии худро аз мушкилот сабук кунанд. [7, с. 47].

**Афсурдагӣ дар давраи камолот.** Хатари афсурдагӣ бо боло рафтани синну сол афзоиш меёбад ва аз 40 - солагӣ боло ошкортар мегардад. Афсурдагӣ бозгаште бо ошуфтагӣ, беқарории шадид мушаххас аст эҳтимоли иқдом ба худкушӣ пас аз хатароти ҷиддии ин навъи афсурдагӣ аст. Синдроми ошёнаи холӣ истилоҳест, ки гоҳе ба ин навъи афсурдагӣ нисбат дода мешавад.

**Афсурдагӣ дар давраи пиронсолӣ**. Дар ин афрод мағз тадриҷан, коршоямии худро аз даст медиҳад, шахс мумкин аст аз ин ҳолат огоҳ ва дар натиҷа дучори афсурдагӣ шавад [1, с. 29].

Афсурдагӣ дар кӯдакиву бузургсолӣ маънои мушобеҳӣ надораду нишонаҳои ҳар кадом мутафовит аст. Мутолиаи афсурдагӣ дар бузургсолон баёнгари нақши интиқолдиҳандаҳои асабӣ аст ва ба назар мерасад, ки набудани танзими ғуддаҳои даруни рез дар афсурдагии бузургсолон нақш доранд.

**Афсурдагии фаслӣ**. Касоне ҳастанд, ки танҳо дар фасли зимистон афсурда мешаванд. Занон бештар аз мардон ба ин мушкилӣ дучор мешаванд, тавсифҳои он дар бораи руҳияи паст ва хоболудагии зиёд дар аснои зимистон, бештар ба унвони ғамгиниҳои аз ҳад зиёд, мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шудааст [8, с. 101].

**Афсурдагии невротикӣ:** Тағйироти хулқ ба дунбол ё дар посух ба рӯйдодҳои муҳитӣ фаровон зоҳир мешавад, хоб рафтан ба душворӣ сурат мегирад. Эҳтимолан ин афсурдагӣ ба назар мерасад бештар аз шиддат ёфтани гироишҳо ва вижагиҳои шахсияти неуротикии (невроз бошад?) фард бошад, ки бо изтироб ва печиданиҳои фаровон низ ҳамроҳ аст.

**Афсурдагии узвӣ**: Афсурдагии узвӣ яке аз нишонаҳои бемории вайроншавии) мағзӣ аст бо вуҷуди ин дар баъзе мавридҳо идомаи ҳолати афсурдагӣ низ баъд аз беҳбуди авориз мушоҳида мегардад. Вижагии зоҳир ва симои клиникӣ дар ин афсурдагӣ ҳолати ғаму андуҳи куллӣ, тамаркуз, коҳиши робита доштан бо дигарон, набудани худангехтагӣ дар такалум, изтироб ва зудранҷӣ мебошад [10, с. 21].

Афсурдагии кӯдакон бо бузургсолони тафовут андаки дорад ва ҳамчунон афсурдагии пас аз таваллуд,‹баёнкунандаи шароит аст, ки ба дунболи таваллуди фарзанд барои модар эҷод мешавад. Ин афсурдагӣ, изтироб, набудани алоқа ба навзоду эҳсоси набудани салоҳияту кифоят ба унвони як модараст. Афсурдагии узвӣ ё органикӣ номе аст ба навъе аз афсурдагӣ дода шудааст, ки ба иллати як бемории ҷисмӣ ва ё масрафи баъзе аз доруҳо эҷод мегардад.

**Афсурдагӣ дар донишҷӯён.** Афсурдагӣ дар байни ин гурӯҳ бисёр роиҷ аст. Дар ҳудуди 78% донишҷӯёни донишгоҳ аз баъзе нишонаҳои марази афсурдагӣ ранҷ мебаранд, 46 % аз донишҷӯён то он андоза дучори афсурдагии шадид ҳастанд, ки ба баъзе кумакҳои муносиби тахассусӣ ниёзманданд [13, с. 51].

Ба асоси сабабҳои сершумор метавон чунин эътиқод кард ки мизони афсурдагӣ дар донишҷӯён бештараст аз инки бисёре аз донишҷӯёни нахустин бор дур аз хонаводаи худ зиндагӣ мекунанд. Илова бар он, гарчи донишгоҳҳо донишҷӯёни худро аз байни болаёқаттарину пешрафтатарин донишомӯзон

интихоб мекунанд, вале таҳсил дар сатҳи донишгоҳ бисёр мушкилтару рақобатангезтар аст ва бисёре аз донишҷӯён ки ҳамвора ҷузъи беҳтаринҳои синф худ будаанд, наметавонанд мақоми миёнтарро дар донишгоҳ таҳаммул кунанд. Донишҷӯёни ғолибан мутмаин нестанд, ки кадоми мехоҳанд кунанд. Онон мумкин аст дар бораи пуле ки аз волидайни онҳо барои таҳсилашон мепардозанд, эҳсоси гуноҳ намуда, ҳатто ҳангоме, ки ҳеҷ ормони равшанӣ дар бораи кайфияти зиндагии оянда худ надоранд, барои муваффақияти бештари эҳсос ҷабр кунанд.

**Афсурдагӣ дар занон.** Пажӯҳишгарон чунин андеша доранд, ки тағйироти гармонӣ ва биохимиявии мағз дар бадани бархе занон дар фасли зимистон боиси зуҳури бемории ё вайроншавии афсурдагӣ дар онҳо мешавад, ки тадриҷан низ бо анҷом расидани фасли зимистон ва оғози фасли баҳор аз байн меравад. Ин афрод беш аз дигарон дар ҳолати мубтало шудан ба афсурдагии болинӣ (клиникӣ) ҳастанд. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки як зани афсурда наметавонад фаъолияти зиндагии худро ба хубӣ анҷом диҳад ва бо фарзандону ҳамсари худ иртиботи муносиб дошта бошад. Аз тарафе фарзандон низ таҳти таъсири ин ҳолатҳои рӯҳии модар тафаккури манфӣ пайдо мекунанд ва низоми фикри онҳо бар асоси бадбинӣ рушд меёбад ва ин амр бар фаъолиятҳои мадрасагӣ-мактабӣ, рафтору бозӣ ба ҳамсолон таъсири манфӣ бар ҷой хоҳад гузошт. Зимни он ки маншаи бисёре аз ихтилофоти хонаводагӣ ва ҷудоиҳо ба афсурдагии занону духтарон бармегардад [3, с.55].

Занон ба иллати ҳассосиятҳои боло; зудранҷ будан, отифаи эҳсоси шадид ва таваҷҷуҳи зиёд ба ҷузъиёт, бештар дар маърази эҳсос ва ҳаяҷоноти манфӣ ва дар ниҳоят афсурдагӣ қарор мегиранд. Инчунин аз дигар омилҳое, ки занонро ба самти афсурдагӣ мекашонад, метавон ба ҳолати стресс ва фишорҳое, ки дар берун аз муҳити хона таҳмил мекунанд, сухан ронд. Зеро имрӯзҳо ба иллати ҳамоҳанг набудани вазоиф ҳамсарӣ бо вазоифи модарӣ аз як сӯ ва машғул будани занон аз сӯйи дигар, фишори рӯҳии дучанде ба онҳо ворид мешавад. Мушкилоти иҷтимоӣ ва хонаводагӣ, таассуботи хосси фарҳангӣ ва набудани шароити фароғатӣ-истироҳатии муносибро аз дигар омилҳои шадидкунандаи афсурдагии занон ва ҳатто мардон метавон ҳисобид [5, с.64].

Аз таҳқиқоти анҷомшуда чунин натиҷа гирифта мешавад ки афсурдагӣ дар миёни занон зиёдтар ба чашм мерасад. Авомили зистшинохтӣ, ҳормонӣ, чархаи зиндагию авомили равонӣ ки марбути занон аст бо мизони бештари афсурдагӣ дар занон иртибот дорад Муҳаққиқон нишон доданд ки ҳормонҳо ба сурати мустақим рӯй мағз таъсир мегузоранд ки авотифу эҳсосу ҳолоти фардро кантрол мекунад. Барои мисол занон махсусан баъд аз таваллуд дар маърази мубтало ба афсурдагӣ ҳастанд. Бисёре аз модарҳо давраи сареъи ҳузну андӯҳро таҷриба мекунанд. Аммо баъзеҳо ба афсурдагии шадидтар тавсеа пайдо мекунанд.

## АДАБИЁТ:


1. Аҳмадӣ Фаршод ва Фурӯтанпошо. Баррасии изтироб ва афсурдагии муаллимони зани мадориси оддӣ ва истисноии Теҳрон. 1378.
2. Барҷандӣ Парвин. Равоншиносии рафтори ғайриоддӣ. Теҳрон: Деҳхудо. 1364. 516 с.
3. Иршодӣ Ёшор. Баррасии таъсири авомили иқтисодӣ бар фарсудагии шуғлии муаллимони зани мақтаи роҳнамоии Аҳвоз. Поённомаи мақтаи коршиноси аршад. Донишгоҳи Озоди Исломии Воҳиди Аҳвоз, 1384.
4. Ҷавонмард Ғуломҳусайн. Осебшиносии равонӣ. Теҳрон 1387. 190 с.
5. Меҳриён ва Юсуфӣ. Фарсудагии шуғлии муаллимони зани Истони Лористон ва роҳҳои муқобилаи он. Поённомаи коршиносии аршад. Донишгоҳи Озоди Исломии Воҳиди Хурамобод. 1385.
6. Нусрат Сайид Аминуллоҳ, Акбарӣ, Ҳамидуллоҳ ва Аюб Муҳаммад Фирӯз. Равонӣ. Мазори Шариф 1396. 320 с.
7. О. Рос. Равоншиносии шахсият. Тарҷумаи Саид Ҷамолнаср. Теҳрон 1373. 328 с.
8. Озод Ҳусайн. Осебшиносии равонӣ. Теҳрон: Интишороти «Рудакӣ». 1372.488 с.
9. Пурафкорӣ Нусратуллоҳ. Фарҳанги ҷомеъи равоншиносии равонпизишкӣ. Теҳрон 1373. 818 с.
10. Пурафкорӣ Нусраттуллоҳ. Вокуниши афсурдагӣ. Теҳрон 1364. 120 с.
11. Расо Ҷамшед. Шинохт ва дармони афсурдагӣ. Кобул: интишороти «Илҳом Аҳадӣ» 1396. 78 с.
12. Сайид Муҳаммадӣ Яҳё. Осебҳои равонии дидгоҳҳои болинӣ дар бораи ихтилолоти равонӣ. Ҷ.2. Теҳрон 1395. 401 с.
13. Фругот Вин. Натарс: роҳнамои ғалаба бар изтироб. Тарҷумаи Меҳрдоди Фирӯзбахт.Теҳрон 1387. 376 с.
14. Шукуҳӣ Саида. Баррасии афсурдагӣ ва изтироби муаллимони зани мадориси оддӣ ва истисноии шаҳри Сабзавор. Поённомаи коршиносӣ. Донишгоҳи Озоди Исломии Воҳиди Сабзавор. 1386.

## ПАЙДОШАВИИ НИШОНАҲОИ АФСУРДАГӢ ДАР РАФТОРИ ИНСОН

Дар замони муосир асабишавӣ ва омилҳои дигаре ба зиндагии рӯзмараи мардум таъсири бад мерасонанд. Ҳар як фарди ҷомеа бо навъҳои мухталифи стресс ва асабоният дорад. Муҳити зиндагии иҷтимоӣ, хонавода ва ҳар он чӣ инсон бо он дар иртибот аст, метавонад дар чунин вазъияти танишзо ҷараёни зиндагии ӯро ба самти бухронҳо барад.

Афсурдагӣ бемориест, ки муҳимтарин хусусияти он тағйири хулқ ва эҳсоси ғамгинӣ аст, ки дараҷаи мубтало шудан ба он метавонад аз як ноумедии андак то эҳсоси яъси шадид оварда расонад. Ин тағйири хулқ рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ё солҳо идома мекунад.

Афсурдагӣ инчунин ба организми инсон таъсири вазнин мегузорад ва тамоми паҳлӯҳои зиндагии як фардро таҳти таъсири худ қарор медиҳад. Ин рафтор дар эҳсос, неру, кӯшиш, фикр, ҳолати робитаи инсон намоён мешавад. Дар бораи афсурдагӣ дар кӯдакону навҷавонон ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Иддае ақида доранд ки дар кӯдакон афсурдагӣ вуҷуд надорад. Дар муқобили гурӯҳи дигаре аз мутахассисон, шикояти ҷисмонӣ ва рафторҳои ногаҳонии кӯдаконро нишонаҳои аз афсурдагии онҳо медонанд.

Афсурдагии кӯдакон бо калонсолон тафовути каме дорад ва ҳамчунон афсурдагии пас аз таваллуд баёнкунандаи он аст, ки ба дунболи таваллуди фарзанд барои модар эҷод мешавад. Ин афсурдагӣ, изтироб, муносибат ба навзоду эҳсоси салоҳияту кифоят ба унвони як модар аст.

***Калидвожаҳо:*** *афсурдагӣ, кӯдакон, наврасон, навҷавонон, эҳсос, бухронҳо, таваллуди фарзанд, рафтор, хастагӣ, нотавонӣ, беҳолӣ, изтироб, шикояти ҷисмонӣ.*

## ВОЗНИКНОВЕНИЕ СИМПТОМОВ СТРЕССА В ПОВЕДЕНИИ ЧЕЛОВЕКА

В современном мире стресс и другие факторы плохо сказываются на повседневной жизни людей. Каждый человек в обществе находится в состоянии различных видов стресса и нервозности. В такой ситуации среда общественной жизни, семья и все, с чем связан индивид, может вести его жизнь в сторону кризисов. Выгорание — это заболевание, важнейшим признаком которого является изменение поведения и чувство грусти, которое может варьироваться от легкого отчаяния до крайнего отчаяния. Это изменение в поведении продолжается дни, недели, месяцы или годы.

Стресс по-своему влияет на организм человека и влияет на все аспекты жизни человека. Это поведение видно в чувствах, энергии, усилиях, мыслях, состоянии отношений личности. Существуют разные мнения об этом состоянии у детей и подростков. Некоторые люди думают, что дети не склоны к стрессам. В отличие от другой группы специалистов, физические жалобы и внезапное поведение детей считаются признаками их состояния.

Стресс детей немного отличается от взрослых, а послеродовой стресс – это то состояние, которое возникает после рождения ребенка у матери. Это расстройство включает в себя депрессию, тревогу, отношение к новорожденному и чувство компетентности и самодостаточности матери.

***Ключевые слова:*** стресс*, дети, подростки, молодые люди, переживания, кризисы, роды, поведение, утомляемость, слабость, вялость, тревожность, физические жалобы.*

## THE APPEARANCE OF STRESS SYMPTOMS IN HUMAN BEHAVIOR

In today's world, stress and other factors have a bad effect on people's daily lives. Every person in society is in a state of various types of stress and nervousness. In such a situation, the environment of social life, the family and everything with which the individual is connected, can lead his life towards crises. Stress is a disease which most important symptom is a change in behavior and a feeling of sadness that can range from mild despair to extreme despair. This change in behavior continues for days, weeks, months, or years.

Stress in its own way affects the human body and affects all aspects of a person's life. This behavior is seen in the feelings, energy, efforts, thoughts, state of the relationship of the individual. There are different opinions about stress in children and adolescents. Some people think kids don't have stress. Unlike another group of specialists, children's physical complaints and sudden behaviors are considered signs of stress.

Child stress is slightly different from adult stress, and postpartum stress is the one that occurs after a mother has a baby. This disorder includes depression, anxiety, attitude towards the newborn, and the mother's sense of competence and self-sufficiency.

***Keywords:*** stress*, children, adolescents, young people, experiences, crises, childbirth, behavior, fatigue, weakness, lethargy, anxiety, physical complaints.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Раҷабзода Насим Мирзохудои, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 Тел: 918. 31. 04. 02 E-mail: nasimjon 0402@mail.ru*

**Сахиёр Раҳимуллоҳ** - *доктор PhD, докторанти кафедраи равоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17). Тел: 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@mail.com*

**Сведения об авторах:** *Раджабзода Насим Мирзохудой, кандидат философских наук, доцент кафедры психологии Национального университета Таджикистана, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 Тел: 918.31.04.02 E-mail: nasimjon 0402@mail.ru*

**Сахияр Рахимулла** - *доктор PhD, докторант, кафедры психологии Таджикского национального университета 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон. 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@ mail.com*

**Information about the authors:** *Rajabzoda Nasim Mirzohuday, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Psychology of the National University of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki prospect, 17 Tel: 918.31.04.02 E-mail: nasimjon 0402@mail.ru*

**Sakhiyar Rahimullah** - *PhD, doctoral student, Department of Psychology, Tajik National University 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 Телефо. 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@ mail.com.*

## «ТАХТИ САНГИН» - ЁДГОРИИ НОДИРИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***Мардинаева М.***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Мавриди ёдоварист, ки тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 ноябр дар шаҳри Парижи Франсия дар Конференсияи генералии ЮНЕСКО Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ доир ба муаррифии таърихи миллати куҳанбунёди тоҷик ва пешниҳод оид ба таҷлили 2500-солагии «Тахти Сангин» суханронӣ намуда буд.

Имсол дар Тоҷикистон 2500-солагии шаҳраки қадимаи «Тахти Сангин» таҷлил карда мешавад. Аз ҷумла, то охири моҳи июли соли равон озмун оид ба таҳия ва пешниҳоди рамзи 2500-солагии шаҳристони «Тахти Сангин» гузаронида мешавад. Инчунин давоми сол албоми бозёфтҳо ва раванди корҳои ҳафриёти шаҳристони «Тахти Сангин» чоп хоҳад шуд. Ҳамзамон шаҳристони «Тахти Сангин» аз назари илмӣ, таърихию фарҳангӣ ва меъморӣ омӯхта мешавад.

Дар назар аст, ки соли равон дар ин ёдгорӣ корҳои ҳафриётӣ-тадқиқотӣ зиёд гардида, китоби «Тахти Сангин» дар таърихи Осиёи Марказӣ таҳия ва чоп гардад.Инчунин, соли равон баргузории намоиши «Тахти Сангин - ёдгории фарҳангии антиқии Тоҷикистон» пешбинӣ шудааст.

Шаҳраки «Тахти Сангин» ба асрҳои IV то мелод ва III-и мелодӣ мансуб буда, таҷассумгари маданияти элинӣ ба шумор меравад. Ин шаҳри замони атиқа ба сабки юнонӣ сохта шудааст. Бояд қайд кард, ки «Тахти Сангин» мавзеи таърихиест, ки димна ва ё шаҳрак унвон гирифтааст. Ёдовар мешавем, ки ёдгории «Тахти Сангин» номзад ба силсилаҷоизаи Шоҳроҳи Бузурги Абрешим долони «Амударё» мебошад. Ин ёдгории таърихӣ аллакай дар рӯйхати ЮНЕСКО шомил аст. Қобили зикр аст, ки шаҳраки «Тахти Сангин» дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон ҷойгир буда, масоҳати 80 гектарро дар бар мегирад. Шаҳрак соли 2018 дар феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Чумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда, соли 2011 ба ЮНЕСКО пешниҳод шуда буд. Аз соли 2017 инҷониб дар рӯйхати пешакии мероси фарҳангии умумиҷаҳонӣ ворид гардида, баъди мукаммал гардидани парвандаи номинатсионии он ба Феҳристи асосии мероси фарҳанги ҷаҳонӣ шомил карда мешавад. Имсол (2023) ҷашнвораи 2500-солагии «Тахти Сангин» мувофиқи Қатъномаи дахлдори ЮНЕСКО ва Амри Президенти Чумҳурии Тоҷикистон аз 03.01.2023 дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил карда мешавад. Хазинаи Амударё аз коллексияи ҷавоҳироту тангаҳои тилоӣ ва нуқра, ки теъдоди онро олимон 1300 номгуй меҳисобанд, иборат аст. Хазинаро соли 1877 тоҷирони бухорӣ дар Қубодиён пайдо намуда, онро ба худ барои тиҷорат ба Ҳиндустон бурданд. Дар Ҳиндустон аксарияти ҷавоҳироту тангаҳои хазина ба дасти амалдорони бритонӣ афтода, ба осорхонаи шаҳри Лондон интиқол меёбад. Муҳаққиқи англис О. Далтон хазинаи Амударёро ба бозёфтҳои шаҳраки «Тахти Сангин» нисбат дода, онро номгузорӣ намудааст. Ба андешаи ӯ дар натиҷаи тиҷорату دуздӣ ва дигар омилҳо, то замони мо моли осорхонаи Британия гардидаанд. Аз бозёфтҳо маълум мегардад, ки шояд дар байни онҳо инчунин молҳои дигари қимматбаҳо низ буданд, вале нобуд гардиданд. Ин коллексияи хазина ба бозёфтҳои

Бохтари Шимолӣ тааллуқ дорад. Инчунин, мувофиқи тадқиқоти таърихшинос И. Р. Пичкиян «Хазинаи Амударё» аз ганҷинаҳои  Маъбади Окс» буда, дар охири асри III таалуқ дорад. Шаҳрак дорои ду дарвоза: даромаду баромад будааст. Дар паҳлу ва қад-қади деворҳо бошишгоҳҳои сарбозон ва муҳофизон, дар самти шимол ва ҷануб корвонсаройҳо ва ҷойи истиқоматии ҳунармандону косибон қарор дошт. Тарҳи иморатҳо аз завқи баланди меъморон гувоҳӣ медиҳад. Дар шаҳристон диж ё арки бузург қомат афрохтааст, ки дарозиаш 137м ва бараш 165 м аст. Диж ё арк аз қисматҳои дигар бо бузургию азамат фарқ мекард, ки он идора ва маҳалли зисти ашрофзодагон ва роҳбарӣ ҳисоб мешуд. Арк бо деворҳои сангин иҳота карда шудааст.Моҳи октябри соли 2023 бо ташаббуси Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти унвони «Тахти Сангин — намоди омезиши тамаддуни Шарқу Ғарб» Симпозиуми байналмилалии илмӣ баргузор мегардад.

Дар доираи ҷашнвораи мазкур байни донишҷӯёну хонандагони муассисаҳои мамлакат озмун ташкил шуда, баргузории дигар чорабиниҳо низ дар назар аст.

Бояд гуфт, ки Тахти Сангин яке аз ёдгориҳои пурарзиши таъриху фарҳанги тоисломии тоҷикон маҳсуб мешавад.

Тахти Сангин бештар ҳамчун «Хазинаи Амударё», ё «Ҷавоҳироти Окс» иборат аз нигораҳо, ҷавоҳиру тангаҳои тиллоӣ ва нуқра маълум аст. Соли 1877 аз ҷониби тоҷирон номгӯи нигораҳои нодир харидорӣ шудааст. Ин намунаҳои нодири ёдгориҳои халқи тоҷик дар Осорхонаи миллии Британия дар шаҳри Лондон нигоҳдорӣ  мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми боздид аз «Тахти Сангин» дар ноҳияи Қубодиён ба олимон супориш доданд, ки барои баргардонидани Ганҷинаи Амударё ба ҷумҳурӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Мавриди ёдоварист, ки тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 ноябр дар шаҳри Парижи Фаронса дар Конфронси генералии ЮНЕСКО Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ доир ба муаррифии таърихи миллати куҳанбунёди тоҷик ва пешниҳод оид ба таҷлили 2500-солагии «Тахти Сангин» суханронӣ намуда буд. Бояд гуфт, ки «Тахти Сангин» яке аз ёдгориҳои пурарзиши таъриху фарҳанги тоисломии тоҷикон маҳсуб мешавад.

Ёдгории Тахти Сангин дар ноҳияи Қубодиёни Тоҷикистон, дар нуқтаи ҳамроҳшавии обҳои Панҷу Вахш ҷой гирифтааст. Ин ёдгории нодир соли 2009 ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО пешниҳод гардида буд.

Он халқу қавме, ки мероси гузаштаро дӯст намедорад, эҳтиром наменамояд, ба гумномии таърих афтода, аз байн меравад. Дар ин маврид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтаанд: "Он қавму миллате, ки ба гузаштаи худ эҳтиром намегузорад, ояндаи он норавшан аст". Эҳтиром гузоштан ба масъалаҳои муҳимми рӯз – ин истифодаи дурусти мероси таърихию фарҳангӣ, бахусус ёдгориҳои таърихӣ мебошад.

Ҳатто дар Конститутсияи кишвар гуфта мешавад: "Дар ҶумҳурииТоҷикистон ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ дастраси халқ мебошанд. Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст".

"Тахти Сангин" ёдгории монументалӣ буда, яке аз меросҳои бостонӣ, меъморӣ ва таърихии пурғановати "Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангӣ" маҳсуб мегардад. Таърихи пайдоиши он ба ҳазораи якуми пеш аз мелод нисбат дода мешавад."Тахти Сангин" шоҳиди ягонаест дар кишвар, ки ба мо аз гузаштаи таърихии аҷдодамон ҳарф мезанад.

Ин шаҳри қадима дар қисми якҷояшавии дарёҳои Панҷ ва Вахш, ки инҷоро Амударё мегӯянд, макон дошта, ҳудудаш ба ноҳияи Қубодиён рост меояд. Ин шаҳри қадимаи "Тахти Сангин" дар баъзе сарчашмаҳо "Тахти Қубод"- номбурда мешавад. Роҳраву сутунҳои бузурги ин шаҳр аз сангҳо сохта шудааст. Олимон, ин шаҳрро таҳқиқ кардаанд ва онро "Тахти Сангин" ном гузоштаанд, ки монанд ба "Тахти Ҷамшед" мебошад.

Ин дар шакли росткунҷа ҷойгир буда, аз куҳандиз ва бошишгоҳи начандон калон иборат мебошад. Донишмандону олимон ақида доранд, ки "Хазинаи Амударё" аз харобаҳои ин дарё ёфт шудаанд.

Дар бораи "Тахти Қубод" ном гирифтани ин мавзеъ ривояти зиёде мавҷуд аст. Дар ривоятҳо гуфта мешавад, ки шоҳ Қубод духтари дар ҳусну малоҳат беҳамтое доштааст. Духтар ба бемории гирифтор мешавад. Табибони гуногунро аз гирду атроф меоранд, вале ҳеҷ як табиб дармони духтари шоҳро намеёбад. Яке аз олимони дарбор, ки аз илми тиб бохабар буд, тавсия медиҳад, ки барои бемор як ҷойи табобати хушбоду ҳаво ва зебо лозим аст. Ин гуна мавзеи хушобу дорои иқлими биҳиштосо дар макони ҳозираи ёдгории "Тахти Сангин" писанд мешавад.

Ҳангоме ки шоҳ Қубод ба макони зебо омада, манзараҳои зебою дилкаш, қаторкӯҳҳои баланд, якҷояшавии якчанд дарёҳои мусаффоро мебинад, хеле шод мегардад. Дар соҳили дарё як қасри зебою боҳашамат ва ҷойи истироҳат бунёд мекунад. Баъдтар, дуртар аз ин мавзеъ бо супориши шоҳ Қубод дар ҷойи ҳамвору зебо шаҳре бунёд менамоянд. Баъди гузаштани муддате, духтари шоҳ шифо меёбад.

Шаҳре бунёд менамояд, ки Қубодиёни ҳозира мебошад, ки масоҳаташ 100 гектар заминро дар бар мегирифт.

Ҳангоми бунёди шаҳр ҳунари кандакорӣ, миёни бошандагон рушд ёфта буд. Бунёди қасру бошишгоҳҳо бо ороишоти сангу дигар олоти хосси он замон бозгӯ ва рушди ҳунармандӣ, хусусан кандакорӣ ба шумор меравад. То ин давра он сутунҳои сохташуда шаклу намуди хешро гум накардаанд.

Нақшу нигори тарошидашудаи дар чӯбҳо ва сутунҳо аз рушди илмҳои дақиқ, риёзӣ, геометрия, табиатшиносӣ бозгӯӣ менамоянд. Аз гуфтаи бостоншиносон дар ноҳияи Қубодиёни ҳозира Панҷ шаҳри замони Ҳахоманишиён пайдо шудааст, ки онҳо низ дорои тамаддуни баланд будаанд.

Бостоншиносон зимни корҳои ҳафриётӣ дар ин ёдгорӣ 3 қабати фарҳангӣ пайдо намудаанд, ки ҳар қабати он бозгӯйи давраҳои гуногуни давлатдорӣ ва таърихӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки бозёфтҳои мо дар ҳар кишвар зиёданд, чунин бозёфтҳо ба монанди бозёфти “Тахти Сангин”, ки ба дигар кишварҳо интиқол ёфтаанд, кам нестанд. Аммо бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам ЭмомалӣРаҳмон аз “Дафинаи Амударё” ашёи онро нусхабардорӣ намуда, дар осорхонаи миллӣ ба маъраз гузоштаем.

Абурайҳони Берунӣ чунин менигорад, ки Искандари Мақдунӣ баъди кишваркушоиҳояш якчанд шаҳрҳои нав бунёд намуда, баъзеяшонро бо номи худ гузоштааст, масалан: Искандария дар Миср, инчунин Искандарияи Эсхата, яъне Хуҷанди имрӯза ва ҳамчунин дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр 9 шаҳри нав бунёд месозад. Бо эҳтимоли зиёд гуфтан мумкин аст, ки Тахти Сангин яке аз онҳост.

Ва бо ин ном дар сарчашмаю нигораҳои таърихӣ зикр нашудааст. Ҳангоми ковишҳои археологӣ маълум гаштааст, ки шаҳрак, роҳраву сутунҳои бузурги он аз сангҳо бино шудаанд. Натанҳо сохти меъморӣ, балки ҳама ҷузъиёти он то ба имрӯз пойдор мондааст.

Тибқи маълумоти таърихӣ, яке аз сабабҳои таваҷҷуҳи таърихнигорон ба ин маҳал дарёфти “Хазинаи Амударё” буд. Дар нимаи дуюми асри XIX тоҷирони бухороӣ ёдгориҳои фаровони таърихию бостониро, ки аксараш бо тило сохта шуда буд, ба Ҳиндустон барои фурӯш бурдаанд. Он замон, ки Ҳиндустон мустамликаи Англия буд, чанде аз афсарони англис маснуоти таърихиро харида, ба осорхонаи Британияи Кабир тухфа карданд ва ҳоло қисме аз бозёфтҳо дар Лондон ба намоиш гузошта шудааст.

Зимнан, баъди паҳн шудани ин ривоятҳо, ба олимон зарур омад, ки макони ин ёдгории таърихиро омӯзанд. Барои ин дақиқ кардан лозим буд, ки бозёфтҳо чӣ гуна ба ин макон омадаанд, ё ватани аслӣ ва бунёдсозонаш аз мулки Қубодиён аст. Бостоншиносони шӯравӣ академик Б.А.Литвинский, солҳои 70-ум ва 80-ум, доктори илмҳои таърих И.Р.Пичикян дар кашфи «Тахти Сангин» нақши муҳим бозиданд.

Ҳоло ин мавзеи таърихӣ ба як харобазор табдил ёфтааст. Ҳарчанд таваҷҷуҳ ба маснуоти пайдошуда ва таърихи куҳан доштани шаҳраки “Тахти Сангин” вуҷуд дошта бошад ҳам, вале барои пойдорӣ ва ҳифзи ин ёдгории таърихӣ мақомоти дахлдор беҳавсалагиро ихтиёр кардаанд. Бо такя аз қабул ба Феҳристи ҷашнвораҳои ЮНЕСКО барои таҷлил дар солҳои 2022-2023 умед аст, ки масъулон дар самти эмин нигоҳ доштани ин шаҳраки бостонӣ чора меандешанд. Зеро аксар кишварҳои дунё аз маконҳои таърихии хеш даромади иқтисодӣ меёбанд ва бо барқарорсозии мавзеъҳои азбайнрафта, таваҷҷуҳи ҷаҳонгардонро ба чунин маконҳо бештар месозанд. Мо низ метавонем аз ин дороиҳои таърихию фарҳангӣ босамар истифода барем ва осори гаронмояро ҳифз ва ба ояндагон боқӣ гузорем.

Хулоса, шаҳраки «Тахти Сангин» яке аз ёдгориҳои нодири халқи тоҷик маҳсуб ёфта, нақши он дар худшиносии миллӣ беназир аст. Насли ҷавони кишвар уҳдадор аст, ки нисбат ба чунин ёдгориҳои таърихӣ арҷ гузорад ва ба хотири эҳтироми таърихи гузаштаи хеш саҳмгузор бошад.

## АДАБИЁТ:

1.Андреев М.С Этнографияи тоҷикон -Душанбе, 2016
2.Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история 1972
3. Ғафуров Б. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан-Душанбе, 2012.
4.Ғаффаров У.Равшангари таърих.–Душанбе: 1990.-106с

5.Бартольд В.В. Тоҷикон. Очерки таърихӣ. Андар шинохти тоҷикон. Мураттиб Н.Убайдуллоев.- Душанбе, 2016
6. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. - Сталинобод: 1947

### «ТАХТИ САНГИН» - ЁДГОРИИ НОДИРИ ХАЛҚИ ТОҶИК

"Тахти Сангин" яке аз нодиртарин ёдгориҳои замони тоисломии Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Бостоншиносон зимни корҳои ҳафриётӣ дар ин ёдгорӣ 3 қабати фарҳангӣ пайдо намудаанд, ки ҳар қабати он бозгӯйи давраҳои гуногуни давлатдорӣ ва таърихӣ мебошад. Шаҳри қадимаи "Тахти Сангин" дар мавзеи якҷошавии дарёҳои Вахш ва Панч, ки ҳавзаи Амударёро ташкил медиҳанд, ҷойгир буда, ҳудудаш ба ноҳияи Қубодиён рост меояд. Шаҳри "Тахти Сангин" дар муқобили дарёи Ому бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсоягӣ дорад.

**Калидвожаҳо**: *тоҷик, меъморӣ, маданияти элинӣ, атиқа, Диж, арк, нуқра, куҳандиз, маъбад.*

### «ТАХТИ САНГИН» — РЕДКИЙ ПАМЯТНИК ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

«Каменный трон» — один из редчайших памятников доисламской эпохи Средней Азии. В ходе раскопок в этом памятнике археологи обнаружили 3 культурных слоя, каждый из которых представляет разные периоды государственности и истории. Древний город «Тахти Сангин» расположен у слияния рек Вахш и Пяндж, образующих Амударью, и его территория соответствует Кубодианскому району. Город «Тахти Сангин» примыкает к Исламской Республике Афганистан через реку Ому.

**Ключевые слова**: *таджикский, архитектура, народная культура, антик, Дидж, арка, серебро, кухандыз, храм.*

### "TAKHTI SANGIN" - A RARE MONUMENT OF THE TAJIK PEOPLE

"Stone Throne" is one of the rarest monuments of the pre-Islamic era of Central Asia. Archaeologists found 3 cultural layers during the excavation work in this monument, each of which represents different periods of statehood and history. The ancient city "Takhti Sangin" is located at the confluence of the Vakhsh and Panj rivers, which form the Amudarya, and its territory corresponds to the Qubodian district. The city of "Takhti Sangin" is adjacent to the Islamic Republic of Afghanistan across the Omu River.

**Keywords:** Tajik, architecture, folk culture, antique, Dij, arch, silver, kuhandiz, temple

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Мардинаева Мавзуна – ходими калони илмии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ, сурога ш. Душанбе кучаи А. Адҳамов 11/2 тел:501.11.99.04*

**Сведения об авторе**: *ардинаева Мавзуна - старший сотрудник отдела гуманитарных наук, социологии и пересмотра и усовершенствования стандартов, образовательных программ и учебников ПРМ им.А.Джамӣ АОТ, г. Душанбе, улица А. Адхамова 11/2 тел: 501-11-99-04*

**Information about the author**: *Mardinaeva Mavzuna - senior researcher of the department of humanities, sociology and revision and improvement of standards, educational programs and textbooks of PRM named after A. Jomi ATT, address: Dushanbe street A. Adhamov 11/2 phone: 501.11.99.04*

## ХУСУСИЯТҲОИ ЭТНИКИВУ ПСИХОЛОГИИ ТАРБИЯИ ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ

***Файзуллоева И.***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

*Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ, инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонанд.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

Тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ ҷузъи асосии кори таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб ёфта, яке аз самтҳои муҳимми «Қонун дар бораи маориф»- ҷалб намудани насли наврасу ҷавонон ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, тадбиқи амалии тарбияи миллӣ тавассути кулли фанҳои таълимӣ, хосатан, силсилаи фанҳои гуманитарӣ, дониста шудааст [7,с. 48]. Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида,

донишандӯзӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳию хештаншиносии насли наврасу ҷавонон нақши бориз дошта, рукни асосии тарбияи миллӣ мебошад.

Дар давраи таърихӣ дар ҳар як халқ вобаста ба вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ анъанаҳои маънавӣ сифатҳои ахлоқиро ташаккул медиҳад ва онро аз як насл ба насли дигар интиқол месозад. Мардуми хирадманду тамаддунофари мо ҳанӯз аз давраҳои қадим масъалаи худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллиро тавассути нақлу ривоятҳо, панду андарзҳо, чистонҳо, зарбулмасалу афсонаҳо ва амсоли инҳо роҳандозӣ менамуданд. «Тоҷикон аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон буда, таърихи ғанӣ ва маданияти бою рангин доранд. Таърих гувоҳ аст ва ҳаёт собит менамояд, ки мардуми тоҷику форс ҳанӯз дар садаҳои ду ва яки то милод соҳиби афкори баланд ва ниҳодҳои омӯзишӣ буданд» [10,**с.**257]. Ҳарчанд ки дар он давраҳо вожаҳои «ифтихори миллӣ» ва «худогоҳии миллӣ» бо ин номҳо маъмул набуд, дӯст доштани марзу бум, обу хоки ватан ва назари некбинона ба оянда, тавассути ақлу хирад ва донишу ахлоқи ҳамида зистан ҳамчун рукни тарбияи миллӣ пазируфта мешуданд, ки ин ҳама гуфтаҳо дар осори шифоҳию хаттии хирадмандон, мутафаккирон, олимон, адибони барҷастаи миллати тоҷик таҷассум ёфтаанд. Чунончи, ин шоҳбайти Шоҳномаи безаволи Фирдавсӣ бо виқору тантна аз ифтихори ватандории миллати тоҷик шаҳодат медиҳад:

Ҳама тан ба тан сар ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем. (Фирдавсӣ)

Мардуми шарафманди тоҷик як умр аз ватандории худ ифтихор менамуданд ва ин ифтихор на танҳо дар осори мутафаккирону адибони барҷастаи мо, балки дар эҷодиёти шифоҳии мардумӣ низ таҷассум меёфт:

*Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар,*
*Хору хасаш аз тилову райҳон беҳтар.*
*Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,*
*Шояд,ки гадо будӣ ба Канъон беҳтар.*

Мавриди қайд аст, ки дар педагогикаи халқӣ ватандӯстиву ватанпарварӣ, некию накукорӣ, ҷавонмардию далерӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ, инсондӯстию инсонпарварӣ, халқдӯстию халқпарварӣ ва ба ин монанд хислатҳо ҳамеша зери мафҳуми одоб маънӣ гирифтаанд. Яъне шахси боодоб ватандӯст аст, инсонпарвар аст, ифтихори миллӣ дорад ва ғайра.

Рушду нумӯйи ҳар як давлат ба худогоҳию худшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарварии шаҳрвандони он, бахусус, ба насли наврасу он марбут аст. Зеро, худогоҳию худшиносӣ, ватандорию ватандӯстӣ омилҳои асосии давлатсозию ҷомеасозӣ мебошанд. Дар ҷодаи ташаккули худшиносӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромаду вохӯриҳо ва Паёмҳои ҳамасолонааш таъкид карда, наврасону ҷавонон ва умуман, тамоми шаҳрвандони кишварро ба эҳёи анъанаҳои миллӣ, ободгароиву созандагӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ даъват менамояд[8].

Дар кишвари мо мазмуни инкишофи ахлоқӣ-ватандустӣ ва тарбия таҳкурсии арзишҳои миллӣ ба ҳисоб мераванд. Ин арзишҳоро мо метавонем дар анъанаҳои хонаводагӣ, фарҳангӣ пайдо кунем ва он аз насл ба насл интиқол дода шуда, асосан дар хонавода ташаккул меёбад. Тавассути арзишҳои миллӣ мо тарбияро ба самти эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ, расму оин равона намуда, дар ҳар як шахсият ватандӯстиро ташаккул медиҳем.

Воқеан, ватандӯст чӣ шахс аст ва ватандӯстӣ дар чӣ зоҳир меёбад? Ватандӯст, пеш аз ҳама, аз таърихи халқи худ бохабар аст. Аз гузаштаи ниёгони худ бохабар аст ва аз гузаштаи худ ифтихор дорад. Баъдан шахси ватандӯст аз анъанҳо, суннатҳои олии ниёгони худ бохабар аст ва ба ҳама арзишҳои миллӣ эҳтиром мегузорад. Дониши кофӣ аз адабиёти миллӣ низ нишондиҳандаи шахси ватандӯст мебошад. Шахси ватандӯст дар муносибат бо намояндагони дигар халқ қодир аст аз гузаштаи ниёгони худ сухан карда, намояндаи сазовори халқи худ буданро нишон диҳад. Асоси рукни ватандӯстӣ эҳтиром ба Ватани худ, ба гузаштаи он, ба имрӯзи он мебошад. Шахси ватандӯст дар рӯҳияи анъанаҳои миллӣ тарбия ёфта мебошад. Ватандӯст ҳозир аст Ватани худро аз ҳар ҷиҳат дифо намояд ва барои ҳар як порчаи замини халқи худ ҳозир аст ҷони худро нисор кунад.

Пас, ин ҷо бояд тазаккур дод, ки тарбияи ватандӯстии миллии мо ин тарбияест, ки дар натиҷаи он шаҳрвандон Ватан, яъне ҷумҳурии соҳибистиқлоли худро дӯст дошта, баҳри дифои он, рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он софдилона заҳмат мекашанд.

Имрӯзҳо яке аз вазифаҳои муҳимми дар назди муассисаҳои таъҳсилоти умумӣ истода ин тарбияи ватандӯстии ҳар як хонанда мебошад. Зеро кӯдакону наврасон маҳз дар давраи таҳсил ба илму дониш, хосатан, ба рафтору одоб ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Таълиму тарбияи самаранок фаъолияту муносибати хонандагон, шавқу рағбати онҳоро ба осори пандуҳикматии

мутафаккирони классику муосир зиёд мегардонад ва ҳисси ватандӯстию ифтихори миллӣ ва меҳру муҳаббати онҳоро ба ватани аҷдодӣ, эҳтиром ва ҳимояи марзу буми он афзуда, нафрати хонандагонро ба ҳар гуна равияҳои тундгаро, хиёнат ба миллату ватан, ифроту ифротгароӣ, одамрабоӣ, терроризму экстремизм ва амсол ба инҳоро маҳкум менамояд. Аз ин лиҳоз, барои рӯйи кор овардани заминаи илмӣ ва методологии асосҳои тарбияи хонандагон ва дар оянда ба воя расонидани ворисони сазовор ба фаъолияти касбӣ, соҳиби таҷрибаи баланди педагогӣ ва дониши васеи ҳаматарафа зарурат ба вуҷуд омдааст.

Дар давраи имрӯз дар пеши муассисаҳои таълимӣ ва илмҳои педагогӣ муносибати маърифати миллӣ меистад ва роҳу усули амалисозии стратегияи он ҷустуҷӯ карда мешавад. Имрӯз дар бештари мактабҳо кори фаъол бояд ба навсозии барномаи таълим ва тарбия бурда шавад, ки барои системаи таълим ва тарбияи миллӣ масъалаи хеле масъулиятнок ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки зимни ҷорӣ намудани тарғиби тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ гузоштани таҳкурсиҳои асосиро бо ба назар гирифтани синну соли хонандагон амалӣ намудан хеле мувофиқи мақсад мебошад, махсусан ҷорӣ намудани чунин тарбия, агар аз хонандагони хурдсол оғоз ёбад, натиҷаи матлуб хоҳад дод. Зеро махсусияти синну соли хурдсолон на танҳо бо хусусиятҳои психикӣ фарқ мекунад, балки бо дигаргунихои мавқеи иҷтимоӣ фарққунанда мебошад. Дар ин давра аз фаъолияти бозӣ ба таълим гузаштани хонандагони хурдсол ба амал меояд, ки ин аз педагогҳо муносибати ҷиддиро талаб мекунад. Дар ин давра хиштҳои асосӣ барои таҳкурсии таҳкими ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ гузошта мешаванд. Ба ин маънӣ дар Консепсияи мактаби миллӣ чунин қайд гардидааст: «Бунёди принсипи гуманистӣ ва демократӣ, ки ҳоло ҷомеаи мо ба сӯи он роҳ гирифтааст, дар оила, боғча ва муассисаи таълимӣ рехта мешавад. Маҳз, муассисаи таълимӣ қодир аст, ки бо тарзи ба роҳ мондани педагогикаи ҳамкорӣ байни муаллиму мактаб ва аҳли мактабу ҷомеа тарбияи маънавию рафтори шоистаи талабаҳоро сайқал диҳад» [5, с.8].

Муҳаққиқон ба он ақидаанд, ки синну соли аз 6 то 12- солагӣ давраи асосӣ барои фаъолияти маърифатӣ ба шумор меравад. Махсусиятҳои синну соли хурдсолон фаъолияти онҳоро ба монанди хондан, бозӣ, муошират инъикос менамояд. Аммо дарки арзишҳои миллӣ вобаста ба сохтори фаъолият ва муносибати тарбиявӣ нисбати хурдсолон рӯз ба рӯз ташаккул ёфтан мегирад.

Вобаста ба синну соли хонандагони хурдсол, мо бояд оид ба ташкили фаъолияти онҳо ҳамчун роҳи асосии тарбия тавассути арзишҳои миллӣ андеша кунем. Ин масъаларо бо истифодаи методҳои гуногун дар байни хонандагон ҷорӣ намудан мумкин аст. Чӣ хеле ки маълум аст, корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар мактаб ба ташаккули шахсият бо истифодаи технологияи анъанавӣ ва инноватсиоонии таълим равона карда мешавад. Ин ҳам дар раванди таълим ва ҳам тавассути корҳои беруназсинфӣ сурат мегардад. Барои тарбияи хонандагони хурдсол дар руҳияи ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватану миллати худ ва тарбияи шахсияти дорои руҳияи баланди миллӣ, сифатҳои ахлоқӣ бояд кори якҷояи мактабро бо хонавода ҷорӣ намуда, тарбияро дар асоси этнопедагогика ба роҳ мондан лозим аст ва албатта ин иқдом бояд дар сатҳи корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ амалӣ гардад. Омӯзгорони мактаб, роҳбарони синф ба хонандагон таълим диҳанд, ки ба арзишҳои миллӣ, урфу одат, анъанаҳои миллии халқи худ эҳтиром гузоранд. Аз ин хотир, инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар бо назардошти инкишофи ҳаёти маънавӣ ва фарҳангӣ, ки ба халқи мо хос аст, тақозо менамояд, ки насли хурдсолро дар рӯҳияи анъана, забони миллӣ, санъату ҳунари миллӣ, эҳтиром ба таърихи миллат ва таърихи умумибашарӣ тарбия намуд. Ин яке аз масъалаҳои хеле масъулиятноки давлат ва системаи маорифи кишвар ба шумор меравад. Натиҷаи тарбияи миллӣ бошад, аз дараҷаи фаъолият ва маҳорати педагогии омӯзгорон муайян мегардад.

Барои ба мафҳуми ватандӯстию ифтихори миллӣ сарфаҳм рафтани хонандагон худшиносу худогоҳ будани онҳо ва аз таърих, маданият, адабиёт, санъати гузаштаву муосири халқи худ ва халқҳои дигари бурунмарзӣ, новобаста аз ирқу нажод ва миллату халқияташон ошноӣ доштан аст ва ин хислатҳои ҳамидаи инсониро дар қалби онҳо падару модарон ва баъдтар дар муассисаи таълимӣ омӯзгорони фанҳои таълимӣ таҳким дода, моҳияти ифтихори миллиро мефаҳмонанд.

Гузашта аз ин, ватандӯстию ифтихори миллиро ба хонандагон тавассути саҳифаҳои рангин ва рӯзгори равшани миллати мо дар тӯли таърих бо талошу муборизаҳои ниёгонамон, пешвоён ва сарлашкарон, Шерак, Спитамен, Темурмалик, Муқаннаъ, Исмоили Сомонӣ, Восеъ, адибони барҷастаи милати тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, сиёсатмадорони маъруф Бобоҷон Ғафуров, Ширишоҳ Шоҳтемуров, Эмомалӣ Раҳмон, дастовардҳои санъаткорон ва варзишгарони нотакрори даврони муосир Толиб Шаҳидӣ, Малика Собирова, Фаррух Рӯзиматов, Раҳматулло Искандаров, Саидмуъмин Раҳимов, Зебунисо Рустамова, Мавзуна Чориева, Дилшод Назаров ва даҳҳо зиёиёну сиёсатмадорони шарафманди дигар тарбия намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ба ақидаи мо, омӯзгор

вазифадор аст, ки дар симои чунин фарзандони машҳури таърихӣ, ҳунармандону санъаткорон, табибони шуҳратманди ҷаҳонӣ, адибону мутафаккирон, шоирону олимон, файласуфону муаррихон тарбияи ватандӯстию ифтихори миллиро дар замири хонандагон, новобаста аз фанни таълимӣ эҳё ва мустаҳкам намояд.

Хонандагонро дар ҷараёни таҳсил тавре таълиму тарбия додан лозим меояд, ки дар навбати аввал ба ҷо овардани эҳтиром ва донистани қадру қимати инсон, илму дониш ва дӯст доштани ватан, меҳру муҳаббати беандоза доштан нисбат ба он, сарфаҳм рафтан ба мафҳуми хештаншиносию худогоҳӣ, ватандӯстию ифтихори миллиро бархӯрдор гарданд, донанд, ки онҳо аз кадом наслу авлоданд, ҳамчунин, вазифаи муқаддаси дар назди онҳо гузоштаро сомон дода тавонанд. Аз диди мо, барои дар руҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон ба омӯзгорон зарур аст, ки дар радифи дониши хуби тахассусӣ доштан, инчунин, доир ба масъалаҳои психологию педагогӣ низ дониши ҳаматарафа рушдёфтаро фарогир бошанд. Бе ҷаҳонбинии васеи педагогию психологӣ омӯзгор ба ҳеҷ ваҷҳ барои дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани мактаббачагон комёб намегардад, зеро дониши педагогию психологӣ омили асосиест барои тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ.

Ба андешаи мо, пеш аз ҳама, дастовардҳои самараноки фаъолияти ҳар як омӯзгор марбут ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ҷаҳонбинӣ, маҳорат, донишу истифодаи методҳои ҷадидтарини таълимро (ба амсоли ташкили дарс-саёҳат, дарс-конфронс, викторинаҳои адабӣ, вохӯрӣ бо фарзандони барӯманди миллат, озмунҳо ва ғайра) тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, насли наврас дар руҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ дар ҳолате тарбия ёфта ба камол мерасад, ки омӯзгорон, падару модарон ва дигар аъзои ниҳодҳои ҷомеа бо донишҳои баланд ва ҷаҳонбинии васеи педагогию психологӣ, мусаллаҳ бошанд, аз таърихи гузаштаву муосири миллати худ, муқаддасоти миллӣ, таърихи тамаддуни башар, расму оин ва монанди инҳо бархӯрдор бошанд, ҷаҳони маънавии воло дошта бошанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Аронов А.А., Афонин А.И. Воспитать патриотов: Кн. для учителя. - М.: Просвещение, 1989. – 175 с.

2. Арсалиев Ш. М-Х. Методология современной этнопедагогики. - М.: Гелиос АРВ, 2013. - 560с.

3.Божович Л.И. Личность и её формирование в детском возрасте (Психолочическое исследование). – М.: Просвещение, 1968.-464 с.

4. Валуев В.Г. Модели формирования патриотизма в России: сб. науч. трудов. - Саратов: Поволжская академия государственной службы им. П.А. Столыпина, 2009. – 112 с.

5. Консепсияи мактаби миллии тоҷик. - Душанбе, 1995.

6. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. [Матн]. Душанбе, 2002. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».- Душанбе, 2013. – С. 48.

8. Лутфуллоев М. Инсон ва тарбия. – Душанбе, «Собириён», 2008. – 148 с.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. / ш. Душанбе, 26 декабри соли 2018.

9. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 37 с.

10. Юнусов Ю. Педагогика. – Душанбе: «Маориф ва Фарҳанг», 2005. – 327 с. – С. 3-27

## ХУСУСИЯТҲОИ ЭТНИКИВУ ПСИХОЛОГИИ ТАРБИЯИ ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба хусусиятҳои этникӣ ва психологии тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сухан ронда, роҳҳои ташаккули онро қайд намудааст. Иброз дошта шудааст, ки тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ доманадор буда, ҳамкории доимии оила, мактаб ва ҷомеаро тақозо менамояд. Танҳо дар сурати ба роҳ мондани ин ҳамкорӣ тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ самаранок хоҳад буд.

**Калидвожаҳо:** *тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, хусусиятҳои этникӣ ва психологӣ, арзишҳои миллӣ, урфу одат, анъанаҳои миллӣ, ватан, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамкорӣ, омӯзгор, оила, ҷомеа.*

**ЭТНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВОСПИТАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОРДОСТИ И СПОСОБЫ ЕГО ОРГАНИЗАЦИИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ**

В статье автор рассказал об этнопсихологических особенностях воспитания патриотизма и национальной гордости в общеобразовательных учреждениях и отметил пути его формирования. Подчеркнуто, что воспитание патриотизма и национальной гордости многогранно и требует постоянного сотрудничества семьи, школы и общества. Только при установлении этого сотрудничества воспитание патриотизма и национальной гордости будет эффективным.

**Ключевые слова:** *воспитание патриотизма и национальной гордости, этнопсихологические особенности, национальные ценности, обычаи, национальные традиции, Родина, учащиеся общеобразовательных учреждений, сотрудничество, педагог, семья, общество.*

**ETHNO-PSYCHOLOGICAL FEATURES OF EDUCATION OF NATIONAL PRIDE AND WAYS OF ITS ORGANIZATION IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS**

In the article, the author spoke about the ethno-psychological features of the education of patriotism and national pride in educational institutions and noted the ways of its formation. It is emphasized that the education of patriotism and national pride is multifaceted and requires constant cooperation of the family, school and society. Only when this cooperation is established, the education of patriotism and national pride will be effective.

**Keywords:** *education of patriotism and national pride, ethno-psychological characteristics, national values, customs, national traditions, motherland, students of educational institutions, cooperation, teacher, family, society.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Файзуллоева Иноят, ходими пешбари илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2 тел:917 68. 66 76.*

**Information about the author**: *Faizulloeva Inoyat, leading researcher at the Institute for Educational Development named after Abdurrahmani Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe. street, Adhamova 11/2, tel.: 917 68. 66 76.*

# ҲАМОСАИ «ГӮРҒУЛӢ» – МЕРОСИ ПЕДАГОГӢ-АХЛОҚӢ ВА ҚАҲРАМОНИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***Назаров Х. Д.***

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

***Раҳимов Б. Ғ.***

**Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ**

Ҳамосаи «Гурғулӣ» яке аз бузургтарин осори баргузидаи шифоҳии халқи тоҷик мебошад, ки таҷрибаи бойи миллати тоҷикро тули асрҳои зиёд дар бар гирифтааст. Арзиши гаронмояи асар дар он аст, ки мавқеи тарбия аз нигоҳи педагогӣ ва ахлоқӣ инъикоси васеъ дорад. Бо вуҷуди он ки тамоми асарҳои бузурги эпикӣ ба андозаи гузаштаи таърихии халқи тоҷик, соҳаҳои гуногуни ҳаёти моддӣ, маишӣ ва маънавии халқ – психология, ҷаҳонбинӣ, орзую омол, анъанаву устураҳои онро инъикос намудаанд, ин асар ҳақиқати таърихиро тариқи хаёлот инъикос намудааст [1,22].

Сари ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паём ва суханронии худ иброз менамояд, ки осори шифоҳии миллати тоҷик арзиши баланди таълимӣ-тарбиявиро доро буда, шахсияти ватандӯстро бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ ташаккул медиҳад.

Ҳамосаи «Гурғулӣ» аз ҷасурӣ, диловарии бемаҳдуд, фаросати ҷангӣ, мардонагӣ дар муҳорибаҳо ва аломатҳои асосии қаҳрамонҳои асар хабар медиҳад. Образҳое, ки дар ҳамоса тасвир ёфтаанд, таҷассуми фикру ақида ва эҳсосоти гуногуни инсонӣ, аломатҳои муқаррарии ҷомеаи гузаштаи халқ мебошад Дар он таҷрибаи ҳаёт, муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва анъанаҳои гуногуни тарбия ва ахлоқ ба таври васеъ инъикос меёбанд. Ҳамаи ин ба «Гурғулӣ» арзиши педагогӣ-ахлоқӣ медиҳад. Донишманди машҳур И.С.Брагинский чунин гуфтааст: “Махсусияти ҳамосаи тоҷикӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки асоси онро на ривоят дар бораи Гурғулӣ, балки тасвири шоирона дар шароити ривояти қадимаи асримиёнагӣ вобаста ба «Макони орзу»-и бахти деҳқонӣ ташкил медиҳад. Чунин макон дар ҳамосаи «Чамбули муъҷизанок» тасвир

мегардад ва баҳодурони он бо роҳбарии Аваз ватанро аз аҷнабиён ва дигар халқҳо ҳимоя мекунанд» [5,17].

Эҷодкорони «Гурғулӣ» асосан деҳқонон буданд. Бинобар ин, дар ҳамоса дар навбати аввал орзую омоли халқи одиро инъикос намуда, аз як тараф – ҳаёти озоди накӯкорона, корномаҳо дар ҷанг бо душмани истилогар, меҳнатдӯстӣ ва инсондӯстӣ, тавсифи одамони озод ва ҷасур, аз тарафи дигар – мубориза барои ҳифзи тартиботи шоҳӣ гуфта мешавад. Чунин аст, ду зуҳуроти асосии ҳамосаи «Гурғулӣ», ки моҳият ва мазмуни онро дучанд намудааст.

Дар ҳамосаи «Гӯруғлӣ» муносибатҳои дӯстонаи як қатор халқҳо нақши худро доранд. Дар байни якчанд халқҳо паҳншавии ҳамосаи ҳамном омили муҳиме мебошад, ки мавҷудияти байни онҳо муносибатҳои дӯстона ва фарҳангиро, ки решаҳои таърихӣ доранд, тасдиқ мекунанд. Дӯстии ин халқҳо дар ҳамосаи тоҷикӣ, инчунин дар он ифода ёфтааст, ки дар достонҳои «Гурғулӣ» дар қатори тоҷикон, халқҳои дигар низ, таҷассум ёфтаанд. Гурғулӣ барои озодии халқҳои дигар низ мубориза мебарад ва аҳолии давлатҳои ҳамсоя нисбати Гурғулӣ ва зодгоҳи афсонавии ӯ – Чамбули Мастон меҳру муҳаббати беандоза доранд [3,52].

Зимни таҳлили ин ҳамосаи эпикӣ, ки эҷоди достонҳои сершуморро дар бар мегирад, дар аксари мавридҳо тимсолҳои таърихии қаҳрамонони марказии ҳамосаро ёфтан мумкин аст. Қаҳрамоне, ки ба ҳамоса ном медиҳад, номи ӯ маҳакест, ки дар атрофаш ривоятҳо чарх мезананд, ҳаёту фаъолияти ӯ хатти асосии сужетро ташкил медиҳанд – ин қаҳрамон дар аксари мавридҳо образи бадеии шахси воқеӣ мебошад.

Аз мундариҷаи асосии ин ҳамосаи халқӣ, инчунин аз ҳодисаҳои сершумори сужетӣ ва самти умумии ғоявӣ, ки дар байни халқ машҳуранд, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҳамоса тамоюли халқии тарбия ва ахлоқ афзалият дорад. Ҳамосаи «Гурғулӣ» достони калонҳаҷмест дар бораи қаҳрамони халқӣ аз табақаи поёнии ҷомеа, ки барои некӯаҳволии халқ ба муқобили зулму истибдод мубориза мебарад. «Гурғулӣ» таҷассуми қаҳрамони устуравист, ки бо қувваҳои табиат, пеш аз ҳама, офтоб алоқаманд аст. Ғояи ҳамоса бо ақидаҳои ахлоқӣ – этикии оммаи халқ, бо ақоиди халқи оддӣ дар бораи некӣ ва бадӣ алоқаи зич дорад.

Аз мазмуни ҳамосаи «Гурғулӣ» бармеояд, ки аз қадимулайём халқи тоҷик дар бораи некӣ ва бадӣ фикри муайяне доштанд. Некӣ он чизест, ки барои халқи худ аст – меҳнат, қаноатмандӣ, дастгирии ҳамдигар дар ҳолатҳои мушкил, истироҳат ва дилхӯшӣ баъд аз меҳнати пурмашаққат, тақсимоти одилонаи неъматҳо – ба ҳар кас ҳиссаи ӯ дода мешавад. Ин ақидаҳо, ки ҳанӯз дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ ба вуҷуд омада буданд, дар шароити муборизаи синфӣ рушд меёфтанд. Бадӣ он чизест, ки барои халқ зишт аст – истилои ғоратгарони молумулки бо меҳнати зиёд андохташуда, азобдиҳӣ ва зӯроварии хону феодалҳо, истилои аҷнабиён. Халқ дар ҷараёни рушди таърихии худ бадиро дарк намуда, муносибати муайяни манфиро ба ин бадӣ муқаррар кард.

Бо некӣ ва бадии ҷамъиятӣ некӣ ва бадии аз қувваҳои табиат бароянда алоқаи зич доранд. Некӣ ин офтоб, рӯшноӣ, борони файзбор мебошад, ки ҳосилро зиёд, меҳнатро осон мекунанд, боигариро афзун месозанд. Бадӣ – ин торикӣ, бемориҳо, хушксолӣ, гуруснагӣ, ки ба истифодабарӣ аз натиҷаҳои меҳнат имкон намедиҳанд, ба дуздон дар ғорат кардани мардум ва золимону истилогарон дар истисмори мардум кумак расонанд.

Чунин тасаввуроти одиро дар бораи некӣ ва бадӣ халқи тоҷик дар образҳои ҳамоса ба шакли гуногун таҷассум сохт.

Ҳамосаи «Гурғулӣ» аз 34 достони халқӣ иборат аст. Дар достони «Авазхон ва Райҳонараб» гуфта мешавад:

Ин достони Гурғулӣ, рафиқон,
Дар даври кухна, эй дӯстон.
Гузаштааст дар хоки тоҷикон,
Номи шаҳруш Чамбули мастон. [6, 130].

Қаҳрамонҳои ҳамосаи мазкур Гурғулӣ, Аваз, Нуралӣ, Шералӣ, Гуланор ва дигарон мебошанд, ки дар сарзамини худ барои ҳимояи Ватан, сулҳу субот ва оромии Чамбули мастон, ки "тулҳавзи диёр" аст, ҷонсупорӣ намуданд. Дар ҳар образи бадеии қаҳрамонҳои ин асари назмии шифоҳии тоҷик ахлоқ, ва тарбия дар шакли аёният тасвир ёфтааст. Ин ҳамосаи мардумӣ чун эҷодиёти шифоҳӣ, бо лаҳҷаҳои гуворо ва сурудҳои халқӣ одобу ахлоқро тавзеҳ медиҳад.

Такомули одобу ахлоқ дар ҳамосаи «Гурғулӣ» дар асотир ва паҳлавониҳо, ки дар назм дароварда шудааст, дида мешавад. Дар ин ҳамосаи таърихӣ, ки достонҳои назми миллӣ аст, сабабҳои воқеии ифтихори миллӣ ва Ватану ватандорӣ таҷассум ёфтааст. Аз ҳамоса маълум мегардад, ки такомули одобу ахлоқ ба одобу ахлоқи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шабоҳат дорад, зеро

дар ҳарду ҳамоса ҷамъоварии афсона, қиссаҳо ва ривоятҳои қаҳрамонӣ вуҷуд дорад ва сокинони ин замон барои муҳайё сохтан ва ба мавқеи гирифтори фақир ва тиҳидаст нагаштан ба дарбори шоҳон таваҷҷуҳ надоштанд. Таърихи воқеаҳои ҳамосаи «Гурғулӣ» таърихи миллат аст, ки мартабаи одобу ахлоқ дорад.

Дар афкори педагогии халқи тоҷик ҳамосаи «Гурғулӣ» зуҳуроти арзандаи тарбиявидошта аст. Қаҳрамонони ҳамосаи «Гурғулӣ» зидди ҷаҳолат ва зӯровариянд. Дар ҳамоса анъанаҳо ва расму маросимҳои мардумӣ, аз ҷумла меҳмондорӣ, эҳтироми калонсолон дида мешавад. Аз рӯйи мазмуни ҳамоса ҷаҳони дохилии инсон дарк карда мешавад. Дар ҳамоса руҳияи озодӣ ва ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, инсондӯстӣ тараннум гардидааст, ки ҳамеша намунаи аслии такомул ва зебоию покизагии ахлоқ аст:

Гурғулӣ аслоҳ кард, савор шуд таллон,
Табли ҷанг зад, ларзид замину садо дод осмон.
Найзабозӣ карданд дар майдон,
Шикаст ёфт хунхор, қафо гашт гузерон.
Аваза Гурғулӣ ба Чамбули мастон,
Ағюнусу Ширмо парвариш карданд Аваза ба дилу ҷон [6, 60].

Муносибатҳои неки инсонӣ дар ҳамоса то имрӯз омӯхташавандаанд ва аҳамияти ахлоқии худро гум накардаанд. Гурғулӣ ҳамеша ифшогари беадолатӣ ва зулм аст. Ӯ образи халқӣ аст ва бузургии маънавӣ ва ахлоқии ӯ низ аз халқ аст. Қуввати сухани ӯ, аз рӯйи мазмун мактаби бузурги тарбиявӣ аст. Дар образи ӯ маънавиёт ва ахлоқ тарбия карда мешавад.

Гурғулӣ инъикоси мураккаби шароитҳои сиёсӣ, анъанаҳои таърихӣ аст, ки тарбияи ватандӯстиро ба миён мегузорад. Образи Гурғулӣ барои наврасон ва ҷавонон як навъи аёният дар тарбия аст. Ин образи бадеӣ онҳоро дар партави таърих, фарҳанг, мактабу маориф ва давлату давлатдорӣ тарбия менамояд, ки дар шароити истиқлоли миллӣ мавқеи он меафзояд.

Образи Гурғулӣ барои наврасон ва ҷавонон шароити бо ҳам алоқамандии ахлоқ ва тарбияро ба муҳити иҷтимоӣ муҳайё месозад. Гурғулӣ чунин обарзе мебошад, ки хусусиятҳои муҳим ва воқеии тарбиядиҳанда ва тарбияшавандаҳоро васеъ инъикос мекунад. Маҳз, мазмун ва мундариҷаи тарбиявӣ-ахлоқии ҳамоса дар мазмуни бадеии қаҳрамонҳо, аз ҷумла Гурғулӣ аст, ки дар арсаи таҷдиди кишвар (Чамбули мастон) саҳмгузорӣ кардааст:

Фармонд Гурғулӣ, харҷ кард Аҳмадхон,
Бино монд Чамбули мастон.
Чил газ арк шуд дар осмон,
Ҳар кунгураи тилло овезон.
Ҳаждаҳ майхона сохтанд бари дар бар,
Чил тахт шинонданд аз зар.
Соқии чевар,
Гурғулӣ, шоҳи сафдар [6, 56].

Анъанаҳои тарбия дар бино намудани кишвар (Чамбули мастон), санъати сухан, муошират, муколамаи мардуми Чамбули мастон, дар санъат, суруд, эҷоди қиссаҳо ва қаҳрамониҳо ифода гардидааст. Гурғулӣ образе мебошад, ки марҳилаи тарбияи ватандӯстиро таҷассум менамояд. Ӯ манфиати мардумро ҳимоя намуда, бахри ҳифзи он қаҳрамониҳо мекунад. Аз ин рӯ, ҳамосаи «Гурғулӣ» асарест, ки дар як марҳилаи иҷтимоӣ-таърихӣ, дар шакли низомӣ-фидокорӣ, муҳаббат ба ватанро тарбия дар қалби кас менамояд.

Аз ин рӯ, ҳамосаи «Гурғулӣ» ҳамчун мероси назмии тоҷик аҳамияти муҳимми тарбиявӣ дошта, ҳоло ҳам хулосаи муосир дорад. Дар образи Гурғулӣ, ки образи ҷалбкунандаи эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик аст, заминаҳои ахлоқӣ-этникӣ эҷод гардидааст.

Асоси ҳамосаи «Гурғулӣ»-ро чӣ тавре ки он ба дилхоҳ достони халқӣ хос аст, муҳорибаҳо ва корномаҳои баҳодуронаи ҳамроҳони Гурғулӣ, дар навбати аввал Аваз ва писарони ӯ – Нуралӣ ва Шералӣ ба муқобили подшоҳ ва қушунҳои истилогарон ташкил медиҳанд. То андозае эпизодҳои якхелаи ҷангҳо – муборизаҳои тан ба тани қаҳромонон-баҳодурони алоҳида бо қушунҳои сершумор сужети аксари достонҳои «Гурғулӣ»-ро муайян менамоянд. Ҷасурӣ, диловарӣ, фаросати ҷангӣ, мардонагӣ дар муҳорибаҳо аломатҳои асосии қаҳрамонҳои ҳамоса мебошад. Образҳое, ки дар ҳамоса тасвир ёфтаанд, таҷассуми фикру эҳсосоти гуногуни инсонӣ, аломатҳои муқаррарии ҷамъияти гузашта мебошад. Дар он таҷрибаи ҳаёти коллектив, муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва анъанаҳои гуногуни халқ ба таври васеъ инъикос меёбад. Ҳамаи ин ба «Гурғулӣ» арзиши муҳими тарбиявӣ медиҳанд[2, 84].

Ҳамосаи «Гурғулӣ» асари назмии асотирӣ аст, зеро ҳамосае аст, ки одоб мисли қисми аввали «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тавзеҳ дода мешавад. Ин ҳамосаи паҳлавонӣ, ки ҷанбаи асотирӣ ҳам дорад, дар зиндагии Гурғулӣ ҷанбаҳои гуногуни таърихӣ дорад. Дар он амалу рафтори шахсиятҳо дар набарди қаҳрамониҳо бо душман, рафтан ба сафарҳои дур, ки баъди якчандрӯз бармегаштанд, бо усулҳои гуногун, муҳаббат ба ватан, вафодорӣ ва сидқу сафо ба халқи хеш суруда мешавад.

Муҳтавои ҳамосаи «Гурғулӣ» бо замону макон мураттаб аст. Ҳамоса дар замоне ва дар маконе суруда мешавад, ки аз макони ҷуғрофие номбурда мешавад, ки «Чамбули мастон» ном дорад ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Турон, Самангон, Мозандарон аст. Аммо амалу рафтори қаҳрамонони ҳамосаи «Гурғулӣ» дар набардҳои тан ба тан баҳри ҳимояи Ватан мантиқи тарбиявии ин ҳамоса аст:

Гурғулӣ ба дилаш кард ормон:
«Бино монӣ, мешавад ҷои хубон».
Фикраша пеш кард, бо гиряю фиғон,
Меҳнат кард, иморат сохт чил газ ба осмон.
Чил тахт шинонд аз зар,
Ном монд ба он ҷо Чамбули хайбар [6, 56].

Дар ҳамосаи «Гурғулӣ» Чамбули мастон «деҳқон» номида мешавад ва маънии кишвар ва барзгарро надошта, балки мафҳуми қадимии ин вожа маънии заминдор (молик)-ро дорад. Замини бузург, ки истилоҳи Чамбули мастон манзур аст, ин гурӯҳ аз мардуме мебошанд дар озодӣ ва тавонгарӣ мезистанд, ки ба таърих ва фарҳанги тоҷик лоиқ буданд. Мардуми ин мулк дар пайи эҳёи дубораи расму оинҳои қабл аз ислом буданд ва худро масъул медонистанд, ки таърих ва фарҳанги худро эҳё кунанд. Ин аст, ки дар сурудҳои ҳамоса достонҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ бо мақсади муттаҳид гардидани қавм баҳри озодӣ ва истиқлолият гирд оварда шудаанд. Дар ин маврид, манбаи аслии ҳамосаи «Гурғулӣ» пандҳои тарбиявии китоби «Авесто», «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст. Сухан аз Яздон ва аҳриман ва ривоятҳо роҷеъ ба Зардушт, достонҳои офариниш ва ҳикоятҳои пандомези Қаюмарс ва дигар қиссаи мардумӣ меравад. Дар баъзе достонҳои ҳамоса достонҳои қаҳрамониҳои Кова ва Кайковус ва афсонаҳои муштараки тоҷикӣ бармегарданд. Ҳатто аз афсонаҳои муштараки Ҳинд сарчашма мегиранд. Мисли достони Зол, Исфандиёр, достони Ҳафтхон, ки ба афсонаҳои ахлоқӣ-тарбиявии ҷаҳон муштарак аст, қиссаҳое монанди достони “Рустам ва Суҳроб” дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва монанди инҳо гирифта шудааст. Ин матлаб дар ҳамосаи «Гурғулӣ» бо мақсади дарёфти ҳадафҳои тарбия гирифта шудааст [3,125].

Тазаккур дода мешавад, ки зимни таҳлили ин ҳамосаи эпикӣ, ки достонҳои сершуморро дар бар мегирад, дар аксари мавридҳо симои таърихии қаҳрамонони марказии ҳамосаро ёфтан мумкин аст. Қаҳрамоне, ки ба ҳамоса ном медиҳад, номи ӯ маҳакест, ки дар атрофаш ривоятҳо чарх мезананд, ҳаёту фаъолияти ӯ хати асосии сужетро ташкил медиҳанд. Ин қаҳрамон дар аксари мавридҳо образи тарбиявӣ-ахлоқӣ доранд [8,35].

Вожаҳои тарбиявӣ-ахлоқии ҳамоса, дар ҳавзаи ҷанг тасвирҳои қаҳрамонон аст. Тасвир ва тахайюл низ мвҷуд аст, ки дар ташбеҳи қаҳрамонҳо хусусияти хос дорад. Нуқтаи авҷ байни ду қувваи А. ва Б. аст. Б. намехоҳад ба А. таслим шавад. Ҷангу набард байни ин ду қувва ҳатмӣ ва қарибалвуқуъ аст. А. медонад, ки ҳар касе, ки Б.-ро бикушад дар ин дунё беранҷ аст ва дар ин дунё мукофот мегирад ва агар таслим шавад, ёди тамоми зиндагии паҳлавонии гузаштаро барбод медиҳад. Бархурдории онҳо, дарвоқеъ бархурдории озодӣ ва асорат, пириву ҷавонӣ, куҳна ва нав, сарнавишт ва ирода аст. Б. вақте, ки А.-ро дар байни ин ду роҳ қарор медиҳад, банд ва оромиш ё озодӣ ва марг – авҷи ҳамосаро ташкил медиҳад. А. дар ҳайрати азим фурӯ меравад, ки ҳатто нерӯи паҳлавонони ӯро Б. медонад. Б. ночор ба ҷодугарӣ, ҳилаву найранг даст мезанад. Замоне, ки А. аз пояш дармеоварад, чашмони Б. кушода мешавад, ҳамаи қаҳрамониҳои худро ночиз медонад.

Муборизаи некӣ ва бадӣ боз ҳам мушаххастару воқеитар дар муборизаи Гурғулӣ бо Райҳон-араб, ки яке аз лаҳзаҳои асосии ҳамосаи «Гурғулӣ» мебошад, ифода меёбад. Райҳон-араб дорои тамоми аломатҳои воқеии хоин, бойи ҷабркунанда, муфтхӯр мебошад. Ӯ модари Гурғулиро зада маъюб ва ғорат мекунад. Вақте ки Гурғулӣ мамлакатро тарк намуд, душманонро ба меҳмонӣ даъват карда барои истилогарони аҷнабӣ дарвозаро кушод. Ба мисли он, ки Гурғулӣ намояндаи неки заминӣ мебошад. Райҳон-араб бошад, намояндаи мушаххаси қувваи бадӣ дар рӯйи замин аст:

Аҳмад кард дастурхон
«Пурсидан айбе нест, - гуфт, - меҳмонон,

Ҳафтодта паҳлавон, ба чӣ ҳастед саргардон?»
«Мора Райҳонараб кард равон,
Элчием – гуфт, - ба ту Аҳмадхон,
Ту бахшӣ Ҳилол ба Райҳон.[6, 48].

Халқ некбини бузург аст, бинобар ин, дар ҳамосаи «Гурғулӣ» дар интиҳо некӣ ғолиб меояд. Ин ғалабаи некӣ ба бадӣ ғояи асосии «Гурғулӣ»-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, анъанаҳои тарбияи халқи тоҷикро дар ҳамосаи «Гурғулӣ», дар маҷмуъ, бо анъанаҳои сершумори дигар баррасӣ кардан зарур аст ва инро хусусияти фалсафаи педагогикаи халқӣ талаб менамояд, чунки тарбия ҳамчун яке аз категорияи асосии арзиши миллӣ ба шумор меравад.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Амонов Р. «Аҳамияти ватандӯстии эпоси қаҳрамонии халқи тоҷик» – Душанбе, 1978. – 22с.
2. Амонов Р. «Аз паи ҳикмати халқ» – Душанбе, 1963. – 104с.
3. Асрориён Ҷ. Гӯрғулӣ (Гузориш ва нигориш) – Душанбе, 2010. – 180 с.
4. Баён Раҳимов, Абдулбоқӣ Нуров. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик – Душанбе: 2008. – с.118.
5. Брагинский И.С. Заметки о таджикском эпосе «Гуругли» / И.С. Брагинский. // Краткие сообщ. Института востоковедения СССР. Т. 9. – 1953.
6. Гургули. Таджикский народный эпос / Гургули. – М.: Наука, 1987. - 463 с.
7. «Гуругли».Таджикский народный эпос. –М.: Главная редакция восточной литературы, 1989. -701с.
8. «Гуругли». Девять сказаний о подвигах Гуругли и Аваза – богатыря; пер. с таджикского Т. Стрешневой и д. Виноградова. – Душанбе, 1983. – 160с.
9. Раҳимов К.С. таджикский эпос “Гуруглӣ” в традициях исполнительской школы Хикмата Ризо. – Душанбе, 2019. – 256с.
10. Ушинский К.Д. Педагогические сочинения в 6 т. Т. 5. – М., 1988. – 411 с.
11. Шадриков В.Д. Народная школа // Высшее образование в России. – 1993. – № 2. – С. 41-48.


## ҲАМОСАИ «ГӮРҒУЛӢ» – МЕРОСИ ПЕДАГОГӢ-АХЛОҚӢ ВА ҚАҲРАМОНИИ ХАЛҚИ ТОҶИК


Дар мақола вобаста ба аҳамияти омӯзиши достони «Гуруғли», ки саропо тарбиявист, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дида баромада шудааст. Қайд карда мешавад, ки агар омӯзиши достони «Гуруғли» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар дарсҳои иловагӣ ба роҳ монда шавад, дар баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳии миллии хонандагон саҳми муносиб мебозад.

Арзишҳои тарбиявии достони «Гуруғлӣ» ҳамчун фарҳанги суннатии тарбия дар замири хонандагон нақши муҳим мебозад. Алоқаи мутақобилаи арзиши миллӣ ва инсонӣ дар достони «Гуруғлӣ» дида баромада шудааст. Бо дарназардошти аҳамияти бузурги маънавӣ, қаҳрамонӣ, ватандӯстии ин асар онро бояд дар мактабҳо мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Ин асар он маҳсули нобиғаи бузурги халқӣ мебошад, ки аз он ҳамчун аз чашмаи сероби софу беолоиш фарҳанги маънавии тоҷикон баҳра мегирад.


**Калидвожаҳо:** *«Гуруғлӣ», суннат, фарҳанг, дониш, достон, тақводорӣ, тарбия, забон, педагогика, афсона, инсон.*

## ЭПОС “ГУРУГЛИ” – ЭТО ПЕДАГОГИЧЕСКИ-НРАВСТВЕННОЕ НАСЛЕДИЕ И ГЕРОИЗМ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА


В статье рассматривается важность изучения истории “Гуругли” в общеобразовательном среднем образовании. Следует отметить, в случае изучении истории «Гуругли» в средних школах, нужно реализовать дополнительные занятия, в целях повышения и улучшения чувства самосознания и рост саморазвития студентов.

В статье рассматривается воспитательная ценность таджикского эпоса «Гуругли», как традиционной культуры воспитания. Рассматривается взаимосвязь национальной и человеческой ценности в эпосе «Гуругли». Исходя из огромного эстетического, героического, патриотического значения эпоса «Гуругли», следует его изучать в школах. Эпос «Гуругли» является тем творением могучего народного гения, от которого, как от полноводного чистого родника, веками питается духовная культура таджиков.

**Ключевые слова:** *Гуругли, традиция, культура, знание, духовность, воспитание, язык, эпос, педагогика, сказка, ориентир*

**THE EPIC “GURUGLI” IS THE PEDAGOGICAL AND MORAL HERITAGE AND HEROISM OF THE TAJIK PEOPLE**

The epik “Gurghuli” is the pedagogical-moral heritage and heroism of the Tajik people.

The article examines the importance of learning about the “Gurghuli” story in general secondary detentions facilities. It is noted that if the teaching of the “Gurughli” story is conducted in secondary schools, it will contribute significantly to enhancing students` sense of self-identity and self-awareness. Educational values of the “Gurghuli” story as an artistic culture of upbringing play an important role in readers` understanding. Given the great spiritual, heroic and patriotic nature of this work, it should be taught in schools. This work is a product of the great nation`s great genius, which enjoys the spiritual culture of Tajiks as a source of pure, pure worship.

**Keywords:** *Gurugli, tradition, culture, epic, spirituality, education, language, knowledge, education, fairy tale, a landmark.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Назаров Х. Д. – ходими калони раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел: 901-60-68-88*

**Раҳимов Б. Ғ.** *– ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ Телефон: 918-56-68-88*

**Сведения об авторах:** *Назаров Х. Д. - старший сотрудник отдела науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, телефон: 901-60-68-88*

**Рахимов Б. Г.** *- ассистент кафедры иностранных языков технического колледжа ДТТ им. академика М. Осими Телефон: 918-56-68-88*

**Information about the authors***: Nazarov Kh. D. - senior employee of the department of science and innovation of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, phone: 901-60-68-88*

**Rakhimov B. G.** *- assistant at the Department of Foreign Languages of the DTT Technical College named after. Academician M. Oshimi Phone: 918-56-68-88*

## ФОРМИРОВАНИЕ СОЦИАЛЬНОГО ОПЫТА УЧАЩИХСЯ КАК ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПЕДАГОГИКИ

***Наҷмиддинова Г. М.***

**унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ**

На рубеже XIX – XX веков уже было очень много исследований сущности «социального опыта», особенностей его формирования. Накопленные знания позволили перейти на новый уровень изучения этой проблемы, в исследование которой внесли существенный вклад З. Фрейд и Т. Парсонс [12].

В частности, один из основоположников современной социологической теории Т. Парсонс акцентировал внимание на социальном опыте, который дети получают в семье. Задачей школы он считал организацию эмансипации подростка от семейной привязанности и переход к интернационализации ценностей, выработанных обществом.

Основатель психоанализа З. Фрейд определил механизмы, необходимые для выработки социального опыта. В их числе он выделил:

- идентификацию, то есть отождествление личности с определённой общностью, принятием сформированных ею ценностей, целей, осознание своей принадлежности к группе людей. С помощью идентификации у детей формируется собственная поведенческая матрица, ценностные ориентации, полоролевая идентичность;

- имитация в виде подражания, воспроизведения действий, стереотипов поведения другого человека.

В концепциях конца XIX начала XX века социальный опыт рассматривается в виде процесса приобщения к общественным ценностям, нормам, существующих в социуме, посредством идентификации, имитации.

Новые научные достижения в области социального опыта позволили расширить и уточнить понятие данной категории [7, С. 48-52]. Например, по мнению К.А. Абульхановой-Славской, А.Г. Асмолова, Л.С. Выготского, социальный опыт относится к ведущей смысловой характеристике субъекта, непосредственно влияющей на внутреннюю позицию личности.

И.С. Кон полагал, что социология изучает социальный опыт, как основную поведенческую характеристику человека. Учёный подчёркивал в этом плане факт того, что, несмотря на личные природные качества, индивид всегда находится под влиянием социального опыта [2].

А.Я. Флиер указывал, что социальный опыт неразрывно связан с содержательной составляющей культуры и представляет собой сформированную обществом модель социально значимой деятельности. При этом социальный опыт может не быть тождественным всей культуре, но обязательно будет отражать квинтэссенцию её содержательного компонента [11, С. 8].

Дополнительно А.Я. Флиер определил несколько важных функций, которые выполняет социальный опыт:

1. Обобщение способов социальной интегрированности человека в стабильных организационно-деятельностных формах.
2. Накопление отдельных культурных черт общества, личности индивида.
3. Трансляция культурных ценностей от старшего к младшему поколению.

Культура предопределяет содержание образования в его учебной, познавательной деятельности, является источником социального опыта, который необходимо отнести к феномену, состоящему из таких элементов, как общественный, личный социальный опыт:

- объективированный или общественный опыт, это комплекс из норм, ценностей, сформировавшихся в процессе совместной жизнедеятельности общества, социальной группы людей, их представлений о должном, нашедших своё отражение в знаниях, приобретённых прежними поколениями;
- личностный или индивидуальный опыт, это совокупность знаний, умений, навыков, которые получил индивид в ходе осуществления межличностных отношений, формирующих его личное отношение к жизненным обстоятельствам и ситуациям.

Общественный социальный опыт необходимо описать, как реальный продуктом поиска, отбора и аккумуляции действий, знаний, чувств, умений, образа мышления индивидов, общества.

Такой опыт имеет устойчивую связь с индивидуальным опытом, который может трансформироваться в объективированный опыт, затем в индивидуальный опыт. Диалектику такого перехода можно описать так: индивиды формируют социальный опыт, а он формирует индивиды.

В своём исследовании мы придерживаемся мнения А.В. Мудрика. Учёный видит в социальным опыте процесс объединения ощущений, переживаний с приобретёнными навыками, умениями, образом мышления, видами деятельности, матрицами поведения, ценностями, принятыми в обществе [6].

Социальный опыт, по мнению И.А. Неясовой, нужно рассматривать, как смысловое ядро социализации, критерий, оценивающий успешность личности в обществе и общественной жизни [8, С. 18-20].

Если найти в Российской педагогической энциклопедии слово «социализация», мы прочитаем трактовку данного понятия: «процесс усвоения человеком ценностей…», образцов, норм поведения, ставших базовыми для определённого общества, являющихся средством приобретения социального опыта, механизмом реального воспроизводства социальных связей.

Г. М. Андреева описывает социализацию, как двухсторонний процесс, в ходе которого индивид приобретает социальный опыт и получает способность к воспроизведению социальных связей, включаясь в деятельность, характерную для социальной среды [1].

В своей исследовательской работе мы взяли за основу мнение Б.Г. Ананьева, описывающего социализацию как процесс получения социального опыта с помощью различного типа социальных взаимодействий. При этом социальный опыт приобретается с взрослением. Человек в этом случае

является субъектом деятельности. Однако, он формируется, как личность, если станет субъектом отношений [10, С. 326-330].

Процесс социализации имеет глобальный характер, сопровождается воспитанием, развитием личности. Социализацию можно отнести к стихийному процессу. Однако, его качество будет высокое, если социализация имеет направляемый вектор на всём жизненном пути человека.

Социализация будет спонтанной, когда она происходит под влиянием стихийных условий, ситуаций, непредвиденных проблем, требующих быстрого принятия решений [9, С. 200-201]. Ребёнок приобретает социальный опыт вне специально организованного процесса жизнедеятельности.

Среда обитания человека формирует условия для стихийной социализации. Особенностью этой среды является то, что она окружает человека и при этом совершенно нейтральна к его отношению. Индивид же не может игнорировать условия среды обитания. Он вынужден существовать в ней, адаптироваться к её условиям, правилам, нормам.

Если социализация представляет собой управляемый процесс, то приобретение социального опыта происходит под его влиянием. Индивид выделяет из социума наиболее значимые действия, события при наличии свободы выбора, своей оценке происходящего, и при возможности смены окружающей среды.

Таким образом, контролируемая социализация является процессом целенаправленного усвоения социального опыта, его обогащением, воспроизводством в результате социального воспитания.

Универсальные педагогические механизмы социализации (классификация А.В. Мудрик) делят на две группы:

1. Психологические, социально-психологические:

- импринтинг. Данный процесс представляет собой фиксирование личностью воздействующих на его сознание особо значимых жизненных объектов;

- экзистенциальный нажим. Этот процесс является совокупностью усвоения норм поведения на неосознанном уровне, необходимых для организации общения с наиболее значимыми лицами;

- подражание в виде принятия за образец какой-либо образ, модель поведения;

3. Ни один коллектив или объединение в школе не вправе диктовать свою волю другим коллективам и объединениям взрослых и детей. Все они призваны взаимодействовать на основе принципов совета, согласия, сотрудничества и самоуправления.

4. Приоритетом пользуются органы самоуправления непосредственной демократии: общее собрания перед органами представительной демократии (конференции, советы, комитеты и др.).

5. В каждой школе действует принятая в соответствии с ее Уставом согласительная система разрешения конфликтов и противоречий между органами самоуправления.

6. Школьные работники, учащиеся и их родители, их органы самоуправления не могут действовать в школе изолировано друг от друга, не обеспечивая координацию деятельности и взаимодействия по актуальным школьным проблемам.

7. Органами школьного самоуправления руководствуются социально-педагогическими принципами равноправия, выборности, обновленности и преемственности, открытости и гласности, демократии, законности, педагогической целенаправленности, коллегиальности в принятии решений и персональной ответственности за их решение [2, с.145].

Общей целью как раздельных, так и совместных органов самоуправления учащихся, их родителей и педагогов в школе является реализация их потребностей и интересов.

Работа любого органа самоуправления в школе начинается с выявления актуальных потребностей и интересов своих избирателей, на основе которых затем определяются содержание и основные направления его деятельности, что в свою очередь, не определяет его организационную структуру. Базовая модель школьного самоуправления включает в себя четыре подсистемы: ученическую, педагогическую, родительскую и систему соуправления педагогов, учащихся и родителей, являющуюся системы самоуправления всей школы. Наряду с органами самоуправления общешкольного уровня могут и должны действовать органы соуправления на базе первичных коллективов и их ассоциаций. Высшим органом самоуправления в педагогическом коллективе является педагогический совет школы, который обсуждает и утверждает педагогическую концепцию школы, единые требования к работе с учащимися, социально-правовые и психолого-педагогические основы, взаимоотношений с ними и их родителями; определяет организационную структуру педагогического коллектива в соответствии с нормативными документами школы, утверждает распределение должностных обязанностей; выражает и отстаивает интересы педагогического коллектива и его отдельных членов в школе и за ее пределами и т.д.

Методический совет организует работу по повышению научно-теоретического уровня и методического мастерства педагогов, координирует деятельность учителей в методических объединениях, оказывает им практическую помощь, занимается распространением педагогического опыта, организует педагогические чтения, научно-практические конференции, конкурсы, работы школ передового опыта, развивает и укрепляет методическую базу учебно-воспитательного процесса.

Методическое объединение педагогов организует самообразование, наставничество педагогов работу над методической темой, обмен опытом работы учителей; занимается изучением и реализацией нормативных и методических документов и материалов, передового опыта работы учителей; осуществляет в своей сфере экспертную оценку педагогических и методических проектов, учебно-воспитательных результатов деятельности педагогов; высказывает рекомендации о присвоении педагогам соответствующей квалификационной категории; выступает с ходатайством перед педсоветом, директором школы о предоставлении своим членам работать в режиме доверия и самоконтроля, о проведении внеочередной аттестации, награждении учителей ведомственными наградами и т.д. Самоуправление ученического коллектива:

Высшим органом ученического самоуправления является общее собрание учащихся, проводимое по мере необходимости не реже 1 раза в год. Функции школьного ученического собрания:

1. Рассматривает и утверждает перспективный план, основные направления деятельности органов ученического самоуправления на предстоящий период.

2. Решает вопросы, связанные с участием учащихся в управлении школой; обсуждает и принимает планы совместной работы органов самоуправления учащихся с педагогами, родителями, советом школы;

3. Формирует органы самоуправления в школе;

4. Вырабатывает и формулирует предложения ученического коллектива по совершенствованию учебно-воспитательного процесса; выражает отношение учащихся к проектам школьных документов, планам и программам их осуществления;

5. Рассматривает и утверждает положения, правила, памятки и инструкции, регулирующие внутреннюю деятельность учащихся в своем коллективе, работу ответственных и уполномоченных коллективом лиц;

6. Заслушивает отчеты и информации, оценивает результаты деятельности органов самоуправления. [8, с.45].

Высшим органом ученического самоуправления школы между школьными ученическими собраниями является школьный ученический совет, который созывается по мере необходимости не реже 1 раза в четверть.

Школьный ученический совет:

1. Координирует деятельность всех органов и объединений учащихся школы, планирует и организует внеклассную и внешкольную работу;

2. Организует самообслуживание учащихся, их дежурство, поддерживает дисциплину и порядок в школе;

3. Устанавливает шефство;

4. Готовит и проводит собрания или конференции учащихся школы;

5. Организует выпуск своих газет, радиопередач;

6. На своих заседаниях обсуждает и утверждает планы подготовки и проведения важнейших школьных ученических мероприятий, заслушивает отчеты о работе своих рабочих органов (комиссий, штабов, редакций и др.) органов самоуправления первичных коллективов и принимает по ним необходимые решения, заслушивает информацию и отчеты ответственных лиц самоуправления о выполнении решений школьного ученического собрания;

7. Решает вопросы поощрения и наказания, принимает решения об ответственности учащихся в соответствии со своими полномочиями;

8. Принимает решения об использовании заработанных ученическим коллективом денег и т.д.

Высшим органом самоуправления класса и других первичных ученических коллективов и объединений является общее собрание их членов, проводимое по мере необходимости, не реже 1 раза в месяц.

Высшим органом самоуправления в классе в период между ученическими собраниями является классный ученический совет, избираемый классным собранием и проводящий свои заседания по мере необходимости, не реже 1 раза в месяц.

Участие родителей в школьном самоуправлении:

Высшим органом самоуправления родителей в школе являются общие собрания.

Между школьными родительскими собраниями действует школьный родительский комитет, в классах - классные родительские собрания.

Школьное самоуправление учащихся в лицее ТГУК [i]направлено на вовлечение каждого школьника в общие дела, общий поиск и творчество.

В начале пути организации самоуправления учащихся самоуправление рассматривалось как организация досуга, отдыха, развлечений. По мере развития самоуправления все больше места отводилось содержанию его деятельности: общественно-полезным делам, направленным на организацию жизни, учебы, труда учащихся, участие в управлении школой, на защиту своих прав и интересов. Педагогический коллектив обрел дополнительных помощников и единомышленников из числа учащихся.

Высшим органом школьного самоуправления учащихся является конференция, которая проводится один раз в учебном году. В работе конференции принимают участие учащиеся 5-11 классов (по 8-10 человек от каждого класса). Школьная конференция предлагает и утверждает перспективный план работы ученического коллектива на учебный год, решает вопросы, связанные с участием учащихся в управлении гимназией, вырабатывает предложения учащихся по совершенствованию учебно-воспитательной деятельности, предлагает и утверждает правила, памятки, обязанности, которые регулируют работу учащихся в коллективе. В том числе оценивает результаты деятельности органов ученического самоуправления. Все решения школьной конференции принимаются большинством голосов. Решения школьной конференции могут быть отменены самой конференцией. Между конференциями высшим органом самоуправления является Совет старшеклассников, который избирается сроком на учебный год.

Совет старшеклассников - выборный орган ученического самоуправления, который создается с целью активных членов общества, умелых организаторов; привлечения учащихся к организации жизни своего коллектива; демократизации жизни школы и самоуправления.

Основными задачами старшеклассников являются:

- организация досуговой деятельности учащихся;
-вовлечение школьников в сознательное и ответственное управление делами своего коллектива;
- создание сплочённого коллектива со своими традициями.

Основными направлениями работы совета старшеклассников является планирование досуговой деятельности совместно с классным руководителями, разработка сценариев конкурсов, праздников и других мероприятий, осуществление помощи педагогу-организатору в организации и проведении детских праздников. утренников для учащихся 1-7 классов. А также проведение традиционных праздников, мероприятий в 8-11 классах, организация выпуска школьной газеты, организация дежурства по школе и столовой, оказание помощи кафедре физического воспитания и проведения спортивных праздников, соревнований, дней здоровья, организационная работа в классных коллективах по развитию самоуправления и пропаганде знаний.

Школьное самоуправление в школах нового типа направлено на достижение следующих задач:

1. Предоставить учащимся реальную возможность вместе с педагогами участвовать в прогнозировании, организации, исполнении и анализе учебно-воспитательного процесса.
2. Формировать у учащихся потребности и готовность совершенствовать свою личность, создавать условия для развития способностей и интересов членов ученического коллектива, обогащать духовный мир, развивать самостоятельное мышление и самосознание.
3. Воспитать положительное отношение к общечеловеческим ценностям, нормам коллективной жизни, законам государства, развить гражданскую и социальную ответственность за самого себя, свою семью, окружающих людей, общество и государство.
4. Воспитать желание бороться за своих друзей и ровесников, помогать им, найти себя, преодолевать трудности, приносить пользу людям, стать защитником правды, добра и справедливости.
5. Формировать умение самостоятельно найти дело, полезное обществу, государству, вести неустанную работу за сохранение мира, беречь и охранять природу.

Существо школьного самоуправления в том, что в работу школы оно вносит начало целостности и индивидуальности. Задача школьного самоуправления состоит в том, чтобы распыленную ученическую среду претворить в целостный расчлененный организм, внутри которого каждый школьник приучался бы к добросовестному выполнению определенной общественной функции. Но нужно помнить, что школьное самоуправление вырождается тогда, когда, вместо цели организации ученического общества, оно себе ставит посторонние задачи (например, практическое обучение формам демократического государства и т.д.). Школьное самоуправление может реализоваться в самых различных конкретных формах, жизненность которых зависит от особенностей окружающей обстановки.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Бочкарев В.И. Директору школы о самоуправлении. - М.: ВЛАДОС, 2001. – 192 с.
2.Коротов В.М. Самоуправление школьников. - М.: Просвещение, 1981. – 207 с.
3.Кричевский В.Ю. Демократизация школьной жизни. - М.: Знание, 1991. – 38 с.
4.Лейтес И.С. Способности и одарённость в детские годы// Н.С.Лейтес.-М.:Знание,1984г.-80с.
5.Опалихин В.М. Развитие ученического самоуправления в школе: (Актуальные проблемы), - М.: Знание, 1984. – 39 с.
6.Ожегова С.И.Толковый словарь русского языка.
7.Рогаткин , www .pedlib .ru
8.Рожков М.И. Развитие самоуправления в детских коллективах. - М.: ВЛАДОС, 2002. – 160 с.
9.Рожков М.И., Байбородова Л. В. Организация воспитательного процесса в школе: Учебное пособие для студ. высш. учеб. заведений - М.: ВЛАДОС, 2000. – 190 с.
10.Селиванова, www.library.elibra.ru

## ТЕОРИТЕЧЕСКАЯ КОНЦЕПЦИЯ ШКОЛЬНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ

В своей статье автор говорит о значение базовой модели, которую необходимо рассмотреть, как теоретическую концепцию школьного самоуправления. Современная средняя общеобразовательная

школа - сложное социально-педагогическое учреждение, включающее в себя педагогические и ученические коллективы, - различные объединения и организации взрослых и детей.

Родители учащихся юридически не входят в школьный коллектив и вообще коллектива не образуют, но они не менее педагогов или детей заинтересованы в успешной работе школы. Являясь социальными заказчиками школы, родители должны иметь возможность влиять на ее деятельность и участвовать в школьной жизни, в управление, жизнедеятельностью школы.

В школах нового типа, каждый из коллективов и объединений взрослых и детей должен иметь право на самоуправление, самостоятельное решение своих вопросов.

**Ключевые слова**: *управление, базовая модель, координация, поиск, функция, потребность, самосознание, ответственность.*

## КОНЦЕПЦИЯИ НАЗАРИЯВИИ ХУДИДОРАКУНӢ ДАР МАКТАБ

Муаллиф дар мақолаи худ дар бораи аҳамияти модели асосӣ, ки бояд ҳамчун мафҳуми назариявии худидоракунии мактаб баррасӣ шавад, сухан меронад. Мактаби миёнаи замонавӣ муассисаи мураккаби ҷамъиятию педагогӣ буда, коллективҳои педагогӣ ва талабагон, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои гуногуни калонсолон ва бачагонро дарбар мегирад. Падару модарони талабагон ба таври қонунӣ ба ҷамъияти мактаб дохил карда нашудаанд ва умуман коллектив ташкил намекунанд, вале ба кори бомуваффақияти мактаб аз муаллимон ва бачаҳо кам нестанд. Ҳамчун муштариёни иҷтимоии мактаб, волидон бояд имкон дошта бошанд, ки ба фаъолияти он таъсир расонанд ва дар ҳаёти мактаб, идоракунӣ ва ҳаёти мактаб иштирок кунанд.

Дар мактабҳои типи нав, ҳар як гурӯҳ ва иттиҳодияҳои калонсолону кӯдакон бояд ҳуқуқи худидоракуниро дошта, масъалаҳои худро мустақилона ҳал кунанд.

**Калидвожаҳо:** *идоракунӣ, модели асосӣ, ҳамоҳангсозӣ, ҷустуҷӯ, функсия, ниёз, худшиносӣ, масъулият.*

## THEORETICAL CONCEPT OF SCHOOL SELF-GOVERNMENT

In his article, the author talks about the importance of the basic model, which must be considered as a theoretical concept of school self-government. A modern secondary school is a complex social and pedagogical institution, which includes teaching and student teams, various associations and organizations of adults and children.

Parents of students are not legally included in the school community and do not form a team at all, but they are no less interested in the successful operation of the school than teachers or children. As social customers of the school, parents should have the opportunity to influence its activities and participate in school life, in the management, and life of the school.

In schools of a new type, each of the groups and associations of adults and children should have the right to self-government and independently resolve their issues.

**Key words:** *management, basic model, coordination, search, function, need, self-awareness, responsibility.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Мирзоева Саёҳат Раҳмоновна - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими кафедраи забонҳо. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2. Телефон:(+992 37)234-86-26. Почтаи электронӣ: tguk @mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Мирзоева Саёхат Рахмоновна - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры языков. Адрес:734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Дехоти1/2. Телефон:(+992 37)234-86-26. E-mail: tguk @mail.ru*

# МАВҚЕИ ПАЁМ ДАР РУШДИ МАОРИФИ КИШВАР

***Маҳкамов Д., Ҳакимова Х.***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қутбнамоест, ки моро ба андеша ва фаъолияти амалӣ водор менамояд. Пас аз баргузор

гардидани Паём дар тамоми вазорату идора, корхонаю муассиса, садою симо маъракаи шарҳу эзоҳи нуктаҳои асосии Паём оғоз мегардад, ки онро мо ниҳоят муҳим арзёбӣ менамоем.

Дар ин кор бояд мутахассисоне ҷалб карда шаванд, ки фалсафаи ҳар калимаю ибораи онро ба шунавандагон расонида тавонанд.

Паёми навбатӣ, ки 28-уми декабри соли 2023, баргузор гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо санъати баланди суханварӣ бо забони ноби тоҷикӣ, ки устод Айнӣ сухан мекарданд, андешаҳои хешро ироз намуданд, ки ягон шахси ватандӯсту ватанпарварро бетараф намегузорад. Паёми навбатӣ ҳар яки моро масъул менамояд, водор месозад, ки дар пайи татбиқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат бошем.

Ҳаргиз аз дастовардҳо қаноатманд нагардида боз ҳам талош варзем, ки аз хуб ба хубтар дар иҷрои дастуру ҳидоятҳояшонро расем. Дар Паёми навбатии хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон *«Соли 2023- ро барои Тоҷикистон таҳлил намуда, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор номбарӣ намуд»*.

Муҳтавои асосии ин гуфтаҳо аз рӯи самти фаъолият ҳар яки моро водор менамояд, ки дар пайи баланд бардоштани фарҳанги экологии аҳолии калонсол ва насли наврас бошем, тадбирҳои судманде андешем, ки пешгирикунандаи гармшавии иқлим ва ҳифзи пиряхҳо гардад. Дар ин раванд ходимони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дастуру мақолаҳои зиёди илмӣ, маърифатӣ ва фарҳангиро ба табъ расонидаанд, ки ҷавоби арзанда ба дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар татбиқи нуктаҳои Паём шуда метавонанд.

Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст овард, маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардида, ба 130 миллиард сомонӣ расонида шуд. Инчунин қайд намуданд, ки тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда шудааст, ки дар ҳаёти Тоҷикистон ба масъалаи мубрам табдил ёфтааст.

Ин, мо, ходимони илмиро водор менамояд, ки ташвиши Пешвои миллатро дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ илман асоснок намуда, ба мардум фаҳмонем, ки оқибати кӯчидани аҳолӣ, Тоҷикистонро ба кадом омилҳо рӯ ба рӯ месозад. Мо бояд тадбирҳои иловагиро андешем, ки маҳсулоти дохилии кишвар аз 8,3 фоиз зиёдтар гардад, ин кори олимони самтҳои гуногуни ҳоҷагии халқ мебошад, ки бояд шабу рӯз дар атрофи он андеша кунанд.

Пешвои миллат таъкид намуд: *«Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем»*.

Мо олимон бояд фикру андешаҳоеро пешниҳод намоем, ки фарҳанги мардум оид ба сарфакорона ва самаранок истифода бурдан аз «иқтисоди сабз» боз ҳам рушд ёфта, талаботи мардуми кишварро бо пуррагӣ бо ин неъмат қонеъ карда тавонем. Рақамикунонии иқтисодиёт ҳар чи зудтар амалӣ гардад, инкишофи неруи инсонӣ аз оила, боғча, синфҳои ибтидоӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тақвият ёбад.

Пешвои миллат рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатпазирии онро бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон медонад, ки мутлақо дуруст мебошад. Вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, ки аз мо маорифчиён инкишофи сармояи инсонӣ сахт вобастагӣ дорад. Ягон нафари мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки дар ин масъала худро бетараф ҳис намоем.

Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самараноки соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ мебошад. Дар ин раванд хешро сарфароз меҳисобем, ки зери роҳбарии мо роҳбарони илмӣ унвонҷӯёни ҷавон рисолаҳои илмии хешро дифоъ намуда сармояи инсонии хешро баланд мебардоранд.

Пешвои миллат бо адолатона қайд намуданд: *«Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад»*.

Баҳри оянда бо субботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ходимони илмии шуъбаҳои ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ дар амалисозии дастуру супоришҳои Пешвои миллат корҳои арзишмандро ба нақша гирифта, сомон мебахшанд. Аз ҷумла татбиқи барномаи муносибати босалоҳият, гузаштан ба таҳсилоти 12 сола ва низоми баҳогузории 10 балла баҳри ташаккули сармояи инсонӣ рафта истодааст.

Дастгирии таҳқиқотҳои илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад. Ин маънои онро дорад, ки то соли 2026 дар саноатикунонии кишвар бояд дастовардҳои назаррас ба даст ояд ва ба ин мо умедворем.

Ин масъала муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо озмоишгоҳ ва марказҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ мепайвандад ва боварӣ дорем, ки сарчашмаи боло рафтани сифати таълим, омодагии касбӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ хоҳад шуд.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат таъкид намуданд: *«ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо супориш дода шавад, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд».*

Пешвои миллат таъкид намуданд: « Агар дар соли 2017, низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар шаш соли оянда, яъне то соли 2023, ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар ва соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад». Ҳалли ин ин масъала аз мо бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, таъмин бо омӯзгорон ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад. Ин омил моро бо мушкилот рӯ ба рӯ месозад ва андешидани тадбирҳои судмандро аз мо талаб менамояд

Агар, дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул бо синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар мерасад, ки мушкилоти ҷиддиро пеш меорад, ки ҳар яки мо ин масъаларо шуурона дарк намоем ва дар пайи андешидани тадбирҳои иловагӣ шавем.

Дар ин давра бинед, ки бештар аз 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд, вале ин ҳоло ҳам талаботро қонеъкунанда нест, зеро дар айни ҳол 73 ҳазор нафар хонанда бе ҷойи нишаст мемонад.

Пешвои миллат таъкид намуданд: *«Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад»....*

Омода намудани кадрҳои баландтахассуси омӯзгорӣ ядрои асосии мақсаду муҳтавои ҳамагон мебошад, аммо дар ин раванд низоми кредитӣ ва супориши имтиҳонҳои тестӣ халал ворид менамояд. Ин низом кудрати баланд бардоштани сифати таълимро надорад. Ин низом омӯзгоронро низ аз қудрати таъсир расонидан ба сифати таълим маҳрум намудааст, зеро сифати таълимро маркази тестии муассиса муайян менамояд.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати маориф ва илм, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавиро, вазифадор намуд, ки барои ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд. Дар ин раванд Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ корҳои зиёдеро анҷом бахшиданд. Зери роҳбарии роҳбарони илмии ПРМ ва АТТ садҳо нафар унвонҷӯёну докторантҳо рисолаҳои илмӣ дифоъ намуда, соҳибунвон гардиданд ва ин анъана давом ёфта истодааст.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омадааст: *«Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намояд»,* ки асоси баланд гардидани сифату самараи таълим мебошад.

Дар Паёми навбатӣ таъкид гардидааст: «Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад».

Дар Паёми солҳои 2021, 2022 ва 2023 андешидани тадбирҳои мушаххас доир ба омӯзонидани касбҳои коргарӣ, саросар соҳибкасб гардонидани аҳолии аз 18 сола болои мамлакат ва ҳарчи бештар дар дохили кишвар бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани шаҳрвандон истода буд. Дар ин раванд шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ корҳои зиёдеро анҷом бахшидааст.

Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ дар ин самт масъулияти бевосита доранд.

Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд. Танҳо дар даҳ соли охир 11 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Аз 3 ҳазору 300 нафар ҷавононе, ки соли ҷорӣ танҳо тавассути Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илм ба хориҷи кишвар барои таҳсил рафтаанд, 30 фоизашон духтарон мебошанд. Умуман, дар замони соҳибистиқлолии кишвар беш аз 256 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 1989-ум ҳамагӣ 66 ҳазор нафар занону бонувон соҳиби маълумоти олӣ буданд. Имрӯз бонувони мо, дар баробари фаъолият дар низоми хизмати давлатӣ, корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис дода, ҳамчун соҳибкорони муваффақ соҳиби эътибору обрӯ гардидаанд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

## АДАБИЁТ:


1. Минбари халқ аз 4 январи соли 2024, № 1, (1449).
2. Садои мардум Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№ 157 (4740), аз 29.12.2023.
3. Шабакаи интернет ва садою симо.


## МАВҚЕИ ПАЁМ ДАР РУШДИ МАОРИФИ КИШВАР


Дар ин мақола сухан дар бораи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки қутбнамоест, ки моро ба андеша ва фаъолияти амалӣ водор менамояд меравад. Пас аз баргузор гардидани Паём дар тамоми вазорату идора, корхонаю муассиса маъракаи шарҳу эъзоҳ додани нуктаҳои асосии Паём оғоз мегардад, ки дар ин раванд такроран хондан, вақти мардумро гирифтан шарт нест, балки ба фалсафаи Паём шинос сохтани аҳли нишаст зарур мебошад.

Паёми навбатӣ, ки 28-уми декабри соли 2023, баргузор гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо санъати баланди суханварӣ бо забони нобу тоҷикӣ, ки устод Айнӣ сухан мекард андешаҳои хешро дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки боиси пайравӣ дар фаъолияти эҷодӣ, дар татбиқ ва амалисозии эродҳои ӯ шудани ҳамагонро талаб менамояд.



**Калидвоаҳо:** *Паём, самтҳои асосӣ, захираи инсонӣ, сифати таълим, забонҳои хориҷӣ, афзалиятнок, барномаҳо.*


## РОЛЬ ПОСЛАНИЯ ПРИЗИДЕНТА В РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАНИЯ СТРАНЫ


В данной статье речь идет о Послании Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан», являющийся руководством, которое побуждает нас думать и практически вести деятельность. После того, как Послание будет проведено во всех министерствах, ведомствах, предприятиях и учреждениях, начнется работа по разъяснению и комментированию основных положений Послания.

Очередное Послание, состоявшееся 28 декабря 2023 года Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона с высоким искусством речи на благородном таджикском языке, как говорил устод Айни, высказал свои мысли по основным направлениям внутренней и внешней политики Республики Таджикистан, что требует от каждого следовать в творческой и практической деятельности реализации его замечаний.



**Ключевые слова:** *Послание, основные направления, человеческие ресурсы, качество образования, иностранные языки, приоритет, программы по качествие обучения.*



**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Маҳкамов Дастам - мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2. тел: 93.502.15.64*

**Ҳакимова Хосият** - *ходими пешбари шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2. Тел 900262200.*

**Сведения об авторах:** *Махкамов Дастам – заведующий отделом начального, среднего и высшего профессионального образования ПРМ им. А. Джами АТТ, г.Душанбе, ул.А. Адхамова 11/2. телефон: 93.502.15.64.*

**Хакимова Хосиат** – *ведущий сотрудник отдела технологии труда, физического воспитания и начальной военной подготовки и пересмотра и совершенствования стандартов, образовательных программ и учебников ПРМ им. А. Джами АТТ, г. Душанбе, ул. А. Адхамова 11/2. Телефон 900262200.*

**Information about the authors:** *Makhkamov Dastam – head of the department of primary, secondary and higher professional education of the PRM named after. A. Jami ATT, Dushanbe, st. A. Adkhamova 11/2. phone: 93.502.15.64.*

**Khakimova Khosiat** - *is a leading employee of the department of labor technology, physical education and initial military training and the revision and improvement of standards, educational programs and textbooks of the PRM named after. A. Jami ATT, Dushanbe, st. A. Adkhamova 11/2. Phone 900262200.*

**ТДУ:37.01+37.014**

## ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ХУДОМӮЗӢ

***Файзализода Ҷ. Х.***

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Нарзулоев Ҳ. С.***

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти тарбияи шаҳрвандон, махсусан наврасону ҷавонон, тарбия намудани онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ, такмили савияи дониш, маҳорату малака дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадбирҳои амиқ меандешад.

Маҳз қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” барои рушди маънавию ахлоқӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон равона гардидааст. Дар қонуни мазкур чунин омадааст: “Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳое, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон тарбия намудани дарки зарурати бошууронаи хизмати фидокоронаю беғаразона ба Ватан зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаббат ба кишвари маҳбуб, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, риояи қонун, ахлоқи ҳамида, фарҳанги умумӣ, мавқеи амиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ барои адои қарзи конститутсионӣ ва ухдадориҳои шаҳрвандӣ, ифтихор аз дастовард ва анъанаҳои ниёгон равон карда шудааст”. [1]

Худомӯзӣ фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон, ба мақсади ташаккули хусусиятҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, дарёфти камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани қобилияту малакаҳои касбӣ, аз худ кардани малакаи идора намудани раванди худтакмилдиҳӣ дар асоси таҷрибаи худ ба шумор меравад. Ба ақидаи В. А. Сухомлинский, «худомӯзӣ ин на ин ки як чизи ёрирасон дар тарбия аст, балки таҳкурсии он аст. Ҳеҷ кас наметавонад инсонро тарбия кунад, агар вай худ худашро тарбия накунад”.[3]

Ба ҷумлаи масъалаҳои асосии методологии тарбияи шаҳрвандӣ бо усули худомӯзӣ, метавон, проблемаи ҳамгиросозии байнифаннии машғулиятҳо ва махсусиятҳои истифодаи усули умумиилмиро дохил кард. Равандҳои ҳамгиросозӣ дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ имрӯз ба сабаби мавҷудияти як қатор омилҳои беруна афзалият пайдо карданд. Дар шароити рушди саноаткунонӣ, вақте ки шакли нави сохтори ҷамъиятӣ бунёд мегардад, муттаҳид намудани донишҳо шарти зарурӣ барои аз худ кардан ва истифодаи самарабахши маълумоти нав, ҳам таълимӣ ва ҳам илмӣ, ба шумор меравад. Талаботи бозори муосири меҳнат ба мутахассисони дорои донишҳои васеъ ва ба тағйироти хусусияти меҳнат зуд мутобиқшаванда, омода ва аз худ кардани технологияҳои нав зарурати ташкили низоми нави омодасозии насли ҷавонро ба миён мегузорад, ки пояи онро ақидаҳои муттаҳид кардани донишҳо аз фанҳои мухталиф ташкил медиҳанд.

Усули асосии роҳандозии муҳтавои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ин дарс аст. Дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, метавон, хусусиятҳои зерини дарси ҳамгироро нишон дод:

✓ мавҷудияти шароит барои ҳамгиросозӣ (проблема, метод ва объекти омӯзиш);

✓ бархӯди ҳамагиросозӣ ба интихоби муҳтавои маълумот: донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳо, самтҳо (донишҳои илмӣ, философия, санъат, диншиносӣ, мифология);

✓ интихоби шаклҳои ба муҳтавои дарс мувофиқ, ки метавонад, рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандаро таъмин намояд. [7]

✓ Мисоли қолиби ҳамгиросозӣ, ки қоидаҳои баҳснопазири дар боло зикршударо таҷассум мекунад, ҳамгиросозии дарсҳо маҳсуб меёбад.

Масъалаҳои дигари илмии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ масъалаҳои илмӣ - педагогӣ мебошанд, ки муҳимтаринашон инҳо ба шумор меравад:

- таъсис ва рушди системаи тарбияи шаҳрвандӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисоти дигар;

- беҳтар кардани муҳтаво ва методикаи дорои тамоили тарбияи шаҳрвандии рушди таълиму тарбия;
- ташкили шаклҳои таълими муттасил, ки ба таври зарурӣ ба таълими шаҳрвандон равона шудаанд;
- беҳтар кардани сохтор ва идораи фазои иҷтимоӣ – педагогии чунин навъи тарбия;
- рушди ҷузъҳои иҷтимоии таркибии тарбия;
- тарбияи гароишҳои арзишии шаҳрвандӣ ва меҳвари онҳо – идеалҳо дар хонандагон ва ҷавонон;
- муҳтаво ва методҳои ташкили тарбияи шаҳрванд, муайян кардани меъёрҳои арзёбӣ ва нишондиҳандаҳои он;
- ба назар гирифтани ҷинс ва синни хонандагон ҳангоми ташкили раванди тарбияи шаҳрвандӣ;
- ҷойгоҳ ва нақши оила дар ин навъи тарбия ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон масъалаи асосӣ ин беҳтар кардани худомӯзӣ ҳамчун раванди тарбия дар сатҳи ҳамаи қисмҳои таркибии он – мақсаднокӣ, субъекту объект, муҳтаво ва асоснокии илмӣ аст, ки дар сурати дуруст ҳаллу фасл шудани он натиҷаи хуб ба даст меояд.

Асосгузори марксизм Карл Маркс ҳанӯз ҳангоми навиштани иншо дар гимназия дар мавзуи «Андешаҳои ҷавон ҳангоми интихоби касб» қайд карда буд: «...Табиати инсон чунин аст, ки инсон метавонад, танҳо барои камолоти муосирони худ, ба фоидаи онҳо кор карда, худаш ҳам ба дараҷаи камол бирасад.Агар инсон танҳо барои худ кор кунад, вай имкон дорад, олими машҳур, донишмани бузург, шоири барҷаста шавад, вале ҳеҷ гоҳ ба дараҷаи пурра инсони бузург ҳақиқӣ шуда наметавонад".[5]

Таърих он шахсонеро бузург эътироф мекунад, ки барои манфиати умумӣ заҳмат кашида, худашон дорои ахлоқи баланд ва фидокор гардиданд. Таҷриба нишон медиҳад, ки хушбахтарини одам он аст, ки теъдоди зиёди одамонро хушбахт кардааст. Педагоги машҳури советӣ А. С. Макаренко ба худомӯзӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аҳамияти калони онро зикр карда буд. Мавсуф худомӯзиро ҳамчун сабаби худи рушди шахсият дар коллектив ҳисоб мекард. Дар ибтидо рушди шахсият дар зери таъсироти беруна, вале баъдан бошад, дар натиҷаи талаботи ҷиддӣ нисбат ба худ, яъне дар натиҷаи худомӯзӣ сурат мегирад. А. С. Макаренко исбот мекунад, ки худомӯзӣ ин амал кардан дар танҳоӣ нест, балки фаъолияти якҷояи ҳамаи коллектив аст. «Ба таври тамоман номаълум рафти тарбияе, ки Антон Семенович раҳнамоӣ мекард ва ҳайҳати муттаҳиди педагогҳоеро, ки ӯ интихоб карда буд, ба раванди худомӯзии дастҷамъӣ мубаддал гардид. Маҳз аз ҳамин иборат аст, он навгоние, ки А.С. Макаренко ба назария ва амалияи худомӯзӣ ворид карааст» [4].

Нависандаи бузурги рус Л. Н. Толстой ба худтарбиякунии қобилиятҳою хислатҳо ва хусусиятҳои зеҳнии худ аҳамияти калон медод. Аз синни наврасӣ сар карда, вай ба навиштани рӯзнома оғоз мекунад, ки дар он камбудиҳои худро қайд мекунад ва барои муҳлатҳои гуногун нақшаи худомӯзиро тартиб медиҳад, аз рафти корҳои марбут ба такмили шахсияти худ анҷомдода ҳисобот менависад, хатоҳоро таҳлил карда, нақшаҳои нави умумию шахсии худомӯзиро тартиб медод. Аз рӯйи он чизе, ки мавсуф худаш дар бораи худ навиштааст, маълум мешавад, ки ӯ дар хурдӣ тарбияю маълумоти хуб нагирифтааст. Ба шарофати кори ҳаррӯзаи собитқадамона ӯ танбалию шуҳратпарастии беҳад, дурӯғгӯйӣ ва бисёр кабудиҳои дигари худро бартараф кард ва ҳамзамон бисёр хислатҳои нек, ба мисли инсондӯстӣ ва махсусан, муҳаббат ба халқ ва деҳқононро касб намуд ва қобилияту имкониятҳои худро ба мисли мушоҳидакорӣ, зеҳни амиқ, тахайюли эҷодӣ ва хотира вусъат бахшид.

Тарбияи шахсияти инсон дар се самти нисбатан муҳимми ҳаёт шуур, муносибатҳо ва машғулиятҳо сурат мегирад. Вале агар натиҷаҳои тарбияи шаҳрвандӣ дар соҳаҳои шуур ва муносибатҳо дуруст нишон дода шуда бошанд, аммо дар бораи рафтори шаҳрвандӣ ва фаъолияти шаҳрванд дар барномаҳо ба таври равшан маълумот оварда нашудааст ва чунин фикри бисёр муҳим, яъне шаҳрвандӣ дар навбати аввал бояд дар рафтори шаҳрванд ва фаъолияти ҷамъиятӣ зоҳир гардад, зикр нашудааст. Маҳдуд кардани соҳаҳои тарбияи шаҳрвандӣ дар доираи шуур дар назария ва амалияи ин навъи тарбия дар ҳамаи сатҳҳо – идеяҳо ва барномаҳо, таҳқиқоти илмӣ, китобҳои дарсӣ ва коркардҳои методӣ мушоҳида мешавад.

Бояд ҳаминро хотиррасон кард, ки дар сатҳи мақсад тарбияи шаҳарвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ба ғайр аз гароиш ба тарбияи сифатҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим, боз амалӣ гардондани мақсадҳои дигари вазифаҳои тарбия ҳам, яъне бомуваффақият ба ҳаёти иҷтимоӣ омода кардани насли наврас дар шароити имрӯза ва худинкишофдиҳии инсон ҳамчун мавҷуди фаъол, ҳамчун шахсияти эҷодкор фаро мегирад.

Худи ҳаёт ва хусусиятҳои замони ҳозираи он нишон медиҳанд, ки самарбахшии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ асосан аз тарбия дар оила вобаста аст. Танҳо дар оила кӯдак маълумоти ибтидоиро дар бораи муҳаббат ба ҷомеаи хурди худ (оила), ватани хурди худ касб мекунад ва танҳо тавассути оила робитаи ирсии наслҳо, мафкураи ватандӯстии халқҳо тавъам бо хусусиятҳои миллию динни таърихан шаклгирифтаи онҳо интиқол меёбанд. Ва маҳз оила дар маркази таъсири харобиовари механизмҳои иқтисоди бозории дар давраи рушди пасошӯравии кишвар ва сиёсати ахлоқӣ – маънавии воситаҳои ахбори омма қарор гирифт ва маҳз оила ҳамчун хурдтарин ҷомеаи иҷтимоӣ ва такягоҳи маънавии давлат дар давраи ҳозира бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст. Ба он додани мақоми яке аз субъектҳои пешбари тарбияи шаҳрвандии хонандагон, ворид намудани ҳифзи муҳити ахлоқӣ – маънавии оила ба мундариҷаи тарбияи шаҳрвандӣ илман асоснок ва зарурати ҳаётӣ ба шумор меравад. [6]

Дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ обрӯю эътибори оила ва таъсири он аз лиҳози давомнокии замонии худ фарқ мекунад. Дар хона кӯдак наздики аз се ду ҳиссаи вақти худро мегузаронад. Дар хона ӯ бозӣ мекунад, мехонад, дарсҳоро тайёр мекунад, корҳои рӯзмарраи хонаро анҷом медиҳад, дар бораи таассурот, хурсандию андӯҳи худ ба наздиконаш нақл мекунад. Одатҳое, ки кӯдакон дар оила касб мекунанд, дар тамоми умр боқӣ мемонанд.

Қувваи тарбияи шаҳрванди тавассути худомӯзӣ дар оила аз ҳассосияти амиқи он иборат аст. Муносибат бо волидони дӯстдоштаю дӯстдоранда ҳамеша пурра эътимодбахш аст. Агар падар ва модар дар тарбия ба хато роҳ надиҳанд, дили кӯдак ҳамеша барояшон боз аст. Ин имкон медиҳад, ки сари вақт рафтори ӯро ислоҳ кунанд, дар кӯдак хислатҳои мусбатро тарбия карда, зуҳуроти манфиро боздоранд. Таъсири волидон ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути имкониятҳои худомӯзӣ хеле бузург аст, пеш аз ҳама, барои он ки онҳо нахустин шуда бо ӯ муошират мекунанд. Кӯдак ҳар қадар хурдсол бошад, ҳамон қадар вай аз муҳити атроф бештар таъсирпазир аст. Дуруст аст, ки таассуроти нахустин бештар пойдор мемонанд ва бунёди хислатҳои кӯдак, системаи муносибатҳои ӯ ба олам ва одамонро ташкил медиҳанд. Дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ падару модар, аз яктараф ва кӯдак аз тарафи дигар ҳамчун шахсиятҳои дар мувофиқа бо ҳам амалкунанда зуҳур мекунанд. Писарону духтаронро тарбия карда, волидон дар бораи дар онҳо пайдо шудани хоҳишу рағбати фаҳмидану аз худ кардани дастурҳо ва бо камоли майл иҷро кардани супоришҳо аз ҷониби онҳо ғамхорӣ мекунанд, онҳоро ба мустақилият одат мекунонанд ва барои дар кӯдак тарбия кардани қобилиятҳои эҷодӣ кӯшиш мекунанд.

Муошират калонсолону кӯдакон бояд барои ҳар ду тараф омӯзанда бошад, яъне онҳо бояд аз ҳамдигар омӯзанд. Волидон наметавонанд ба фарзандонашон таъсири мусбат расонанд, агар худашон ба фарогирии хислатҳои мусбат майл надошта бошанд, яъне барои такмили шахсияти худ кӯшише ба харҷ надиҳанд. Тарбияи шаҳрванддии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила ин ҳамзамон худомӯзии падарону модарон низ маҳсуб мешавад.

Кӯдак орӣ аз хислатҳои шахсӣ ба дунё меояд ва ҳамчун шахсият дар рафти ҳаёти иҷтимоӣ ва аз худ кардани таҷрибаи меҳнатию ҷамъиятӣ ташаккул меёбад. Аломати асосии камолоти баланди шахсият қобилияти ӯ ба худидоракунӣ, яъне интихоби мустақилонаю бошууронаи амалу рафтори худ мутобиқ ба эътиқод ва одатҳои психологии худ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, шахсияти кӯдакро ташаккул дода, бисёр муҳим аст, ки волидон ҳангоми дар ӯ тарбия кардани шуурнокӣ ва хислатҳои дигари мусбат ба аз ҳад зиёд манъ кардану маҷбуркунӣ роҳ надиҳанд. Бешубҳа, тавассути зӯроварӣ ва хушунат кӯдакро тарбия кардан мумкин нест.

Дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ нақши китобҳои дарсии фаннӣ хеле калон аст. Аз худ кардани мазмуни китобҳои дарсӣ аз ҷониби хонандагон боиси касб кардани чунин донишҳои марбут ба шаҳрвандӣ аз ҷониби онҳо мегардад:

- ✓ донистани таърихи ватани бузург ва хурди худ;
- ✓ донистани оинномаҳои мардумӣ ва расму оин;
- ✓ донистани сохтори давлатии кишвари худ ва рамзҳои он;
- ✓ донистани меъёрҳои иҷтимоии рафтор дар ҷомеа;
- ✓ донистани табиати ватан ва имкониятҳои ҳифзи он;
- ✓ донистани роҳҳои дар амал татбиқ кардани имкониятҳои шахсии худ ба фоидаи ҷомеа ва ғайра.

Ба ҳайси мақсад ва натиҷаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар раванди таълим, бешубҳа, ақидаҳо ва боварии (эътиқод) шаҳарвандӣ хизмат мекунанд. Калимаи боварӣ дар забони тоҷикӣ ба он гурӯҳи калимаҳои сермаъное дохил мешавад, ки дар онҳо ҳар яке аз маънoҳо яке

аз тарфҳои ҳодисаҳои мураккабу чандпаҳлӯи олами воқеиро инъикос мекунанд. Калимаи мазкур се маъноро ифода мекунад:

- якум, боварӣ унсури муҳимми шуури ахлоқии одамон дар назар гирифта мешавад;
- дуюм, ақидаҳои нисбатан устувори дар таҷрибаи шахсӣ исботшудае, ки асоси ақидаҳои ҷаҳонбинии шахсро ташкил медиҳанд ва раҳнамои рафтор мебошанд. Бо ин калима худи рафти коркард шудани боварӣ дар шуури инсон ҳам ифода мешавад;
- сеюм, боварӣ ин усули асоситарини тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ аст. [6]

Ақидаҳои шаҳрвандӣ хусусияти тағйирнопазири шахс маҳсуб мешаванд, ки боварии устувори инсон ба дурустии эътиқодоти ҳосилшуда ва аз ҷониби ӯ ҳимояшавандаи марбут ба шаҳрвандиро ифода мекунад. Хоҳиши омодагӣ ба пайгирӣ намудани эътиқодот дар ҳаёти воқеӣ дар эътиқодоти шаҳрвандӣ зоҳир мегардад.

Баъзе муҳаққиқон дар корҳои худ исбот мекунанд, ки хусусияҳои шаҳрвандии шахс дар худ нишондодҳоро фаро гирифтаанд (М. Н. Аплетаев, В. И. Руденко, И. В. Редина). Ба андешаи В. И. Руденко, ҳар як зинаи худмуайянкунии шахс (аз зинаи шахсӣ то ба зинаи давлатӣ) ҳамроҳ бо шаклгирии мақсади дахлдори шаҳрвандӣ сурат мегирад. Маҳз мақсадҳо, ба андешаи Д. Н. Узнадзе, сабаби на танҳо омодагию майли субъект ба дарки ҳодисаҳои оянда ва амал кардан дар самти муайян мегарданд, балки онҳо хусусияти устувору мақсадноки сурат гирифтани рафтори ватндӯстиро низ таъмин менамоянд ва ҳамчун асоси интихоби мақсадноки фаъолияти инсон хизмат мекунанд.

Дараҷаи ташаккули мақсад омодагии шахс ба анҷоми амали мавриди назарро муайян мекунад. Дар заминаи мақсад фаъолияти ватандӯстӣ метавонад, бидуни мавҷудияти амалҳои эмотсионалию иродавӣ тақвият ёбад. Аҳамияти сифати ҳиссиёти шаҳрвандӣ дар таъсири тарбияи шаҳрвандӣ дар рафти омӯзиши хонандагон дар муқоиса ба ақидаҳою мақсади шаҳрвандӣ камтар нест.

Тарбияи шаҳвандии хонандагон тавассвути худомӯзӣ вобаста аз синни хонандагон ва дарҷаи маълумоти онҳо усулу шаклҳо ва методоҳои махсуси худро дорад.

Дар синфҳои ибтидоӣ кӯдакон мафҳумҳоро дар бораи табиат, донишҳои ибтидоӣ дар бораи гузашта ваояндаи Ватани худ аз худ мекунанд. Мактаб ба хонандагони хурдсол донишҳои одӣ дар бораи табиат ва ҷамъият дода, ба таври мунтазам ба онҳо мушоҳида кардани умумият байни ҳодисаҳои мавриди омӯзиш ва рушди онҳо, ёфтани сабабҳои воқеии ба ҳам наздик будани онҳоро ёд медиҳад. Дар рафти омӯзиши тарбияткунанда хонандагон мафҳумҳои оддитарин дар бораи қоидаҳои рафтор ва сифатҳои маънавиро аз худ мекунанд, дар онҳо ҳисси ватанпарварӣ, дӯстӣ ва рафоқат, коллективизм, софдилӣ ва ҳақиқатхоҳӣ, одатҳои интизомнокӣ ва муназзамӣ тарбия меёбанд.

Дар синфҳои миёна ва болоӣ бо ёрии омӯзиши амиқу доимии фанҳои табиӣ – риёзӣ ва гуманитарӣ сатҳи ҳамаи корҳо доир ба дар наврасон ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, эътиқодоти шаҳрвандӣ, мақсад, нуқтаи назар, ақида ва гароиши арзишӣ, аз худ кардани меъёрҳои рафтори ахлоқӣ, рушди малакаҳо ва қобилиятҳои шаҳрвандӣ боло бурда мешвад.

Муҳтавои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ аз амалисозии мақсаду вазифаҳои бамиёнгузошта ва пешниҳоду риояи мақсадҳои асосии муайянгардида иборат аст.

Асоси тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзиро эътиқодоти зерин ташкил медиҳанд:

- хусусияти ба худ хоси таъриху фарҳанг, ки рушди тарбия дар асоси расму ойинҳои таърихию фарҳангии ватанӣ, арзишҳо ва меъёрҳои фарҳанги миллӣ, суннатҳои этникии маҳаллиро дар назар дорад, мувофиқат ва созгорӣ бо афзалиятҳои умумибашарӣ, ки омода намудани насли наврас ба воридшавӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси идеалҳои баробарӣ, фарҳанги муошırати байни миллатҳо, ҳамкорӣ, муколамаи фарҳангҳо, ҳамзистӣ дар ҷаҳонро дар назар дорад;
- равона будан ба нафъи равандҳои дигари тарбия, ки аз гароиши он ба идеалҳои инсондӯстӣ ва амалисозии тасаввурот дар бораи тарбиягиранда ҳамчун шахсияти рушди тарбия, дар хонандагон тарбия намудани муносибати инсонпарварона ба таърихи кишвари худ, объектҳои фарҳанг, табиат, одамон ва нисбат ба худ иборат аст. Он кӯшиши кӯдакро ба худинкишофдиҳӣ, ангезиши ҳавасмандии ташаббуси кӯдакона, худфаъолият, ба кӯдакон додани имконияти мавқеъгирии фаъолонаи шаҳрвандӣ, мувофиқи тавоноӣ иштирок кардан дар меҳнати дорои аҳамияти иҷтимоии кӯдаконро равона ва дастгирӣ менамояд;
- фаъол будан ва фаъолият дар роҳандозӣ намудани омӯзиши худтарбиякунӣ дар бахши тарбияи шаҳрвандӣ;
- муттаҳид намудани тарбияи шаҳрвндӣ ва навъҳои дигари тарбия барои таъсири ҳаматарафа ба ақидаҳо ва мақсадҳои хонандагон доир ба олами атроф.

Тарбияи шаҳрвандӣ тавассути методи худомӯзӣ дар ҳамаи сатҳҳо ҳамчун яке аз қисмҳои таркибии тарбия ва ба ҳайси ниҳоди иҷтимоӣ ягонагии ҷомеаро тавассути амалӣ намудани вазифаҳои зерин таъмин менамояд:

- ✓ ба таври мақсаднок фароҳам овардани шароит барои аз ҷиҳати тарбияи шаҳрвандӣ нисбатан дуруст равона кардани рушди ҳамаи аъзои ҷомеа ва иҷро кардани талаботи вазифавии онҳо;
- ✓ мувофиқ ба рушди ҷомеа омода намудани «сармояи инсонӣ», ки то андозаи кофӣ муносиби фарҳанги ҷомеа бошад;
- ✓ таъмини суботи ҳаёти иҷтимоӣ тавссути интиқоли фарҳангу арзишҳои шаҳрвандӣ ва ғайра.

Истифодаи имкониятҳои тарбияи шаҳрвандӣ тавассути усули худомӯзӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон, сатҳи рушди ҷаҳонбинии психологии онҳо, мафҳуми олам ва равандҳои иродавӣ, инчунин мувофиқ ба муҳтавои маводи мавриди омӯзиш интихоб намудани шаклу методҳо ва усули таълим, ки имконияти воқеии муттасилӣ ва пайдарҳамии равандҳо ва муттасилии корҳои тарбиявиро доир ба дар хонандагон тарбия намудани хусусияҳои шаҳрвандиро талаб менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон".Душанбе, 2022.
2. Абдулкосим Фирдоуси. Шахнаме [Текст] / Фирдауси Абдулкосим. - Душанбе, 2001. – 256 с.
3. Абу Али Ибн Сина (Авиценна). Канон врачебной науки [Текст] / Абу Али Ибн Сина (Авиценна). - Ташкент: Издательство АН УзССР, 1956. - 367 с.
4. Абуали ибни Сино. Избранные произведения [Текст] /под ред. М.С.Осимова и др. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 479с
5. Авзалов Х.С., Рахимов Б. История педагогики таджикского народа [Текст] / Х.С.Авзалов, Б.Рахимов. - Душанбе: Маориф, 1994. -190 с.
6. Агапова И., Давыдова М. Гражданское воспитание в школе [Текст] / И.Агапова, С. Давыдова. – М.: Айрис-пресс, 2002. – 224 с.
7. Адаменко С. Воспитываем патриотов России [Текст] / С.Адаменко // Народное образование. – М., 2005, №4. – С. 23.
8. Давлятзода Дж. Оиди баъзе масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар марҳалаи муосир. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: 2021, №5. - С. 279-286. ISSN 2074-1847.
9. Давлятзода Дж. Шакл ва усулҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар марҳалаи кунунии рушди низоми таҳсилот. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе:2022.№1.-С.272-279. ISSN 2074-1847.


## ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ХУДОМӮЗӢ


Муаллиф дар ин мақола масъалаҳои марбут ба тарбияи шаҳрвандии хонандагонро дар раванди худомӯзӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Инчунин, муаллиф аҳамияти кори мустақилонаро дар ин раванд нишон дода, дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ нақши китобҳои дарсии фаннӣ шарҳ додааст. Дар идома муаллифон таҳқиқ намудаанд, ки худомӯзӣ фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон аз болои худ ба мақсади ташаккули хусусиятҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, дарёфти камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани қобилияту малакаҳои касбӣ мебошад.



**Калидвожаҳо:** *тарбияи ватандӯстӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, субъект, ташкилотҳо.*


## ГРАЖДАНСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ САМООБУЧЕНИИ


В данной статье автор рассматривает вопросы, связанные с гражданским воспитанием учащихся в процессе самообразования. Также автор показал важность самостоятельной работы в этом процессе и объяснил роль технических учебников в развитии гражданского воспитания учащихся посредством самообучения. Далее авторы исследовали, что самообучение – это сознательная и систематическая самостоятельная деятельность человека над собой с целью формирования необходимых личностных и профессиональных качеств, воспитания высоких моральных качеств, обретения физической зрелости, укрепления профессиональных способностей и навыков.



**Ключевые слова:** *воспитание патриотизма, самообучение, предмет,организации, самостятельная деятельность.*

**CIVIC EDUCATION OF SCHOOLCHILDREN IN THE PROCESS OF SELF-EDUCATION**

In this article, the author examines issues related to the civic education of students in the process of self-education. The author also showed the importance of independent work in this process and explained the role of technical textbooks in the development of civic education of students through self-education. Further, the authors investigated that self-education is a person's conscious and systematic independent activity on himself with the aim of forming the necessary personal and professional qualities, cultivating high moral qualities, acquiring physical maturity, and strengthening professional abilities and skills.

**Key words:** *education of patriotism, public organizations, subject, independent activity.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Файзализода Ҷумахон Хол, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Телефон (+992) 918.50.63.24 эл.почта f.jumakhon@mail.ru*

**Нарзулоев Ҳайбуло Саъдуллоевич** - *муаллими калони кафедраи педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Телефон (+992) 918.90.37.20.эл.почта khabibullo79@mail.ru*

**Сведения об авторах:** *Файзализода Джумахон Хол, доктор педагогических наук, профессор кафедры психологии и социологии управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Телефон (+992) 918.50.63.24 эл.почта f.jumakhon@mail.ru*

**Нарзулоев Хайбуло Садуллоевич** - *старший преподаватель кафедры педагогики Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзоды. Телефон (+992) 918.90.37.20.эл.почта khabibullo79@mail.ru*

**Information about the authors:** *Fayzalizado Dzhumakhan Khol, doktor of pedagogical scinces, Professor of the Department of Psychology and Sociology of Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Telefon (+992) 918.50.63.24 эл.почта f.jumakhon@mail.ru*

**Narzuloyev Khaybulo Sadulloyevich** - *senior lecturer at the Department of Pedagogy at the International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzoda. Telefon(+992) 918.90.37.20. khabibullo79@mail.ru*

**ТДУ 37.035.6 (575.3)**

## АНДАР ТАРБИЯИ ХОНАВОДАГӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ ТАВАССУТИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ

***Маҷидова Б.***

**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

***Одилзода Д.***

**унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Имрӯз дар ин вазъияти басо душвор ва мураккаби тағйирёбиҳои сиёсӣ ва илмиву фарҳангии ҷаҳонӣ дуруст дарк карда тавонистани моҳият ва аҳамияти маънoии мафҳуми "ватандустӣ" ниҳоят муҳим аст. Дар робита ба ин, бояд фаҳмид, ки тарбияи ватандӯстӣ яке аз ҷузъҳои сершумори тарбия нест, балки он ҳамчун асоси тарбия мебошад. Бинобар ин, мо мувофики мақсад мешуморем, ки пеш аз ҳама ҷиҳати моҳиятии масъаларо мухтасаран баррасӣ намоем.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди бедор намудани ҳисси ватандорию ватандӯстии ҷавонону наврасони кишвар хеле бомаврид қайд намуданд: "Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд".

Бояд гуфт, ки тарбияи хонаводагӣ натанҳо дар рушди тарбияи ватандӯстӣ, балки дар ташаккулу инкишофи тарбияи педагогӣ ва ҷаҳонбинии умумии наврасон аҳамияти хоса дорад. Дар мақолаи мазкур таъсири тарбияи хонаводагӣ танҳо дар ташаккули тарбияи ватандӯстии наврасон мухтасаран мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Маълуми ҳамагон аст, ки ибтидои ҳар гуна тарбия, чӣ тарбияи ватандӯстӣ, тарбияи ахлоқӣ, зебоипарастӣ (эстетикӣ) ва ғайра аз хонавода оғоз меёбад. Масалан, дар бораи тарбияи ахлоқии наврасон дар шароити хонавода бо истифодаи педагогикаи халқии тоҷик падарону модарон ҳамеша таъкид мекунанд, ки "бача азиз, одобаш аз вай азиз". Бо ин роҳ насли наврас аз кӯдакӣ дар хонаводааш

чунин пандро ба таври абадӣ дар гӯш мегирад ва натанҳо дар мавриди зарурати истифода мекунад, балки оянда ба фарзандони худ низ таълим медиҳад.

Беҳуда нест, ки дар “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” омадааст: “Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар доранд”.

Нависанда ва педагоги маъруфи шуравӣ Василий Александрович Сухомлинский ваҳдати эътиқоди педагогии муаллимон ва падару модаронро қайд карда, чунин менависад, ки “Мо тарбияро дар бисёр мактабҳои мамлакатамон дар давоми чандин сол таҳлил ва дар машғулиятҳои мактаби маданияти педагогӣ ҷамъбаст карда, ба хулосае омадем, ки падару модарон дар натиҷаи кори мураттабу муттасили коллективи педагогҳо ва падару модарони фаъол эътиқоду ақидаҳои педагогӣ ҳосил кардаанд”. [6, с. 9-10].

Тарбияи ватандӯстӣ қисми таркибии тарбияи педагогии ҳар шаҳрванд маҳсуб мегардад, ки он ба арзишҳои хоси умумибашарӣ ва миллӣ (зиндагии шоиста, саломатии солим, маънавияти воло, ахлоқи ҳамида, озодии шахс ва ғ.) асос ёфтааст.

Дар педагогикаи халқии миллати тоҷик, фолклору этнографияи халқи мо дар бораи тарбияи ватанпарастӣ суханони ҳикматборе собит гардидааст, ки “Меҳри Ватан аз аллаи модар сар мешавад” Воқеан, модарон ҳанӯз дар бари гаҳвораи кӯдаконашон дар қатори сурудҳои гуногуни “Аллаё” суханони “Калон шав писарҷон, аллаё, қаҳрамон шав писарҷон, аллаё” ва ҳамин гуна пандҳои ватанпарастиро гӯшрас мекунанд. Аз ин ҷост, ки ибораи “Ватан - модар” беҳуда дар педагогикаи халқӣ пайдо нагардидааст. Маҳз бад-ин хотир метавон гуфт, ки ҳисси ватандӯстӣ ҳанӯз аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ пайдо мешавад.

Возеҳ аст, ки амнияти дилхоҳ кишвар ва зиндагии шоиставу беҳсозии шароити иҷтимоии он ва ҳатто сохтори шуури ҷамъиятии он беш ва пеш аз ҳама аз тарбияи ватандӯстии шаҳрвандони он вобастагии ногусастанӣ дорад. Тарбияи ватандӯстии ҳар шаҳрванд бечунучаро аз овони кӯдакӣ ва наврасии ӯ оғоз меёбад. Бад-ин васила тарбияи наврасон аз муҳити хонаводагӣ сарчашма гирифта, дар оянда дар самтҳои гуногун ташаккул меёбад.

Дар педагогикаи халқии тоҷик дар бораи “ватандӯстӣ” ҳанӯз дар доираи тарбияи хонаводагӣ ба наврасон тавассути назму наср меҳри Меҳан таълим дода мешавад, ки рубоиҳои зерин аз ҷумлаи онҳост:

Бечора касе, ки аз Ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.
Чархи фалако, гардаду ояд ба Ватан,
Гар мурдаи садсола бувад, зинда шавад.

Ва ё ин ки:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош, гадо будӣ ба Канъон хуштар.

Як нукта ҷолиби таваҷҷуҳ ва боиси таъкиди ҳамешагӣ аст, ки адабиёти бостониву ғановатманди тоҷик саросар аз панду ҳикмат иборат аст, ки фарогири ҷанбаҳои гуногуни илми педагогика мебошад. Ниёгони оламшумули мо дар баробари таълиму тарбияи ахлоқиву зебоипарастӣ, ба тарбияи ватандӯстии насли наврас низ аҳамияти хоса додаанд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ таваҷҷуҳ ба маънавиёт ва фарҳанги миллӣ беш аз ҳар вақт ниёзманд гардида, омӯзгоронро ва умуман ҳамаи аҳли зиёро месазад, ки барои тарбияи ватандӯстии насли наврас бепарво набошанд. Зеро таҳоҷуми фарҳанги бегона беш аз ҳама тавассути ахбори электронӣ, ки ҷавонон майл ба он доранд, бедорӣ ва ҳуввияти миллии халқҳоро аз байн бурдан дорад, ки ояндаи начандон хуб дорад. Ин ҳама “ҷаҳонишавӣ”-ҳо оҳиста-оҳиста мафҳумҳои арзишманде аз қабили поси забони модарӣ, тарғиби фарҳанги ниёгон, меҳри Ватан ва ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносиро барои насли ҷавон беарзиш ҷилва медиҳад, ки дар оянда хатари бузургеро барои амнияти миллату кишвар ба бор хоҳад овард.

Як падидаи ногувори дигар, ин ки ҷавонон майлони тарки ватан доранд ва ғарибии пуразобро аз бумии кишвари худ авло медонанд. Ҳол он, ки ниёгони мо аз қадимулайём панд медоданд, ки “гадоии мулки хеш беҳ аз шоҳии мулки бегона”.

Омӯзгоронро месазад, ки ҳангоми таълими мавзуҳои худшиносӣ ва ватандӯстӣ шогирдонро ёдрас шаванд, ки меҳри миллату кишвар аз қадимуайём барои ниёгони мо мафҳумҳои муқаддас ба

шумо мерафт, ки ҳамеша ситоиш ва васфи меҳани худро мекарданд. Масалан, Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар бораи ватандӯстиву дифоъ аз ватан чунин ибрози ақида кардааст:

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем. [2].

Мафҳуми "тарбияи ватандӯстӣ" доираи васеи арзишҳои педагогиро фаро гирифта, ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад, яъне тарбияи ватандӯстӣ:

- ин шиносоии хонандагон бо системаи арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки сарват ва асолати таърихиро инъикос мекунад;
- ин инъикоси маданияти кишвар ва миллати худ, аз ҷумла тавассути адабиёт, санъат, таърих ва ғ.;
- ин тарбияи зарурати аз худ кардани арзишҳои фарҳангии ватанӣ ва ҷаҳонӣ, хоҳиши иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа;
- ин ташаккули таваҷҷуҳ ба таърих ва фарҳанги минтақаи худ, зодгоҳ ва ватани худ мебошад;
- ин дар кӯдакон ташаккул додани тасаввурот дар бораи гуногунии табиат ва сарватҳои Ватан ва минтақаи онҳо, тарбияи муҳаббат ба табиат, олами атроф ва муносибати эҳтиёткорона ба он;
- ин тарбияи эҳтиром ба қонун, меъёрҳои ҳаёти коллективӣ, ташаккули масъулияти иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ, ки дар ғамхорӣ дар бораи беҳбудии кишвари худ зоҳир мегардад;
- ин кумак ба ҷавонон дар интихоби маънии зиндагӣ дар шароити нав, ошкор намудани неруи шахсият, ташаккули худшиносӣ, муносибати арзишманд ба шахсият, ҷомеа ва давлат;
- ин тарбияи муносибати мусбат ба меҳнат ва меҳнатдӯстӣ ҳамчун арзиши муҳими ҳаёт;
- ин ташаккул ва инкишоф додани талабот ба ҳаёти маънавӣ, тарзи ҳаёти ахлоқӣ, қобилияти зиндагӣ дар ҷомеа ва ғайра мебошад.

Бояд таъкид кард, ки ватандӯстӣ ин эътиқоди кӯр-кӯронаи мутаассиб набуда, балки эҳтиром ба Ватан, миллат, забон ва фарҳанги гузаштагон аст. Аз ин рӯ, ватандӯстиро муҳимтарин ҷузъи анъанаи фарҳангию педагогии миллӣ номидан мумкин аст.

Таҷрибаи тарбияи ватандустии талабагон иборат аз вохуриҳо бо ветеранҳои ҷангу меҳнат, ҷамъомадҳои модарони афсарон, соатҳои тантанавӣ, баргузории "Рузҳои даъват", "Рузҳои хотира", ҳар гуна "бозиҳои ҳарбиён" ва ғайра мебошад.

Ба насли навраси имрӯза равшантар нишон додан лозим аст, ки миллати куҳанбунёди тоҷик дар тарбияи қаҳрамонию ватандӯстӣ таҷрибаи ҳазорҳосола, анъанаҳои ҷолиби меҳнатӣ, ҳарбӣ, варзишӣ ва қаҳрамонони овозадор дорад. Ном ва корнамоии қаҳрамононро аз даҳон ба даҳон баён намуда, шаклҳои таъсирбахши ташаббуси ватандӯстонаро (дастурҳо, савгандҳои даъват, видоъ ва вохурихои кахрамононро) нигоҳ доштаанд, ки дар педагогикаи халқи абадан сабт гардидааст. Номи як зумра қаҳрамонон дар адабиёти таърихӣ Рустами Дастон, Сиёвуши Кайковус, Спитамен, Деваштич, Ғурак, Шерак, Муқаннаъ, Темурмалик, Восеъ,бо ҳарфҳои тиллоӣ навишта шудаанд.

Адабиёти классикии форс-тоҷик саросар аз панду ҳикмат ва ситоиши меҳри Ватан мебошад. Барои мисол зиндагиномаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мавлуди Румимасканро ба ёд овардан кофист, ки на як бору ду бор ёди ватан карда ситоиши Балхро кардааст.

Балхиям ман, Балхиям ман, Балхиям,
Шӯр дорад оламе аз талхиям.
***
Наъраи ҳойу ҳуйи ман аз дари Рум то ба Балх
Асл кучо хато кунад, Шамси ману Худои ман. [4].

Ва ё возеҳтару таъсирбахштар аз ҳама ёди диёрашро Камоли Хуҷандӣ карда, ғазали "Дил муқими куи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб"-и хешро ба байти зерин ҷамъбаст кардааст:

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад, мискин Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб. [3].

Сардафтари адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Саидмуродзода Айнӣ (1878-1954) дар яке аз асарҳои таърихии худ "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик" [1] дар бораи меҳри Ватан аз ҷониби Темурмалик ҳамчун қаҳрамони миллат чунин қайд кардаанд, ки дар миёнбанди Темурмалик халтачае ёфтанд, ки дар он як каф хок ва як порча коғаз бо чунин навиштаҷот вуҷуд дошт:

Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,

Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок.

Яке аз вазифаҳои пурифтихори ҳар як омӯзгор ва педагог дар ҷараёни таълиму тадрис аз он иборат аст, ки дар қалби наврасон аҳамият ва зарурати тарбияи ватандӯстиро ҷой намоянд.

Муҳаббат ба Ватан ин аз муҳаббат ба забони модарӣ, оила, хона, зодгоҳ халқу миллат ва осору пайкори ниёгон иборат мебошад. Педагогикаи халқӣ ба воситаи каломи модарӣ аз қаъри асрҳо ба мо сабақҳоеро меомӯзонад, ки ифодакунандаи "заковат", "шуҷоат", "далерӣ", "адолатпарастӣ" ва амсоли ин хислатҳои накӯӣ мебошад.

Бепарвоӣ нисбат ба забони модарӣ, маданияту анъанаҳои худ насли калонсолон ва аҳли зиёи кишварро ба ташвиш меоварад. Зеро ба қавли устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ "забонгумкарда рӯзе ватангумкарда месозад".

Аз тамоми ину он гумкардагон,
Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон.
З-он ки гум карда забони модарӣ,
Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.
Бок не, гар доварӣ гум кардааст,
Ё умеди сарварӣ гум кардааст.
Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.
Он яке қадри сухангумкардае,
Дигаре боғу чаман гумкардае.
Аз забони модарӣ гумкарда, лек
Мерасад рӯзе ватангумкардае...[5].

Анъанаҳои ватандӯстии мардумро нисбат ба наврасон ҳар қадар амиқтар ва ҳамаҷониба равшан кунем, ҳамон қадар ҳисси ватандӯстӣ, шуур ва рафтори онҳо устувортар инкишоф ва ташаккул меёбад, яъне муҳаббати ҳақиқӣ нисбат ба Ватан – ин муҳаббат ба падару модар, бародару хоҳар ва дар маҷмуъ ба хилқи худ мебошад.

Ҳамин тавр, бояд гуфт, ки Ватандӯстӣ ҳамчун рисолати хидмат ба Ватан дар раванди таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, омодагӣ ба меҳнати созанда ва хидмат ба Ватан ташаккул меёбад. Муҳим аст, ки ҷавонон фаҳманд, ки некӯаҳволии шахсӣ ва оилавии онҳо, ноил шудан ба интизориҳои ҳаёт дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ва мақоми иҷтимоӣ бо омодагии онҳо ба хидмат ба Ватани худ - ба ҷомеа ва давлате, ки дар он зиндагӣ мекунанд, алоқаманд аст.

## АДАБИЁТ:


1. Айнӣ, Садриддин. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. – Душанбе: Маориф, 1978. – 168 с.
2. Андарзномаи Фирдавсӣ. Таҳия ва тадвин аз Зоҳир Аҳрорӣ, Камол Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 196 с.
3. Камоли Хуҷандӣ. Девон. – Хуҷанд: Хуросон, 2021. – 1328 с.
4. Комилӣ Абдулҳай. Мавлононома. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. – 100 с.
5. Лоиқ Шералӣ. Куллиёт: Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор. Мураттибон: Баҳриддин Алавӣ ва Ромиш Лоиқзода. – Душанбе: Адиб, 2008. – 564. с.
6. Сухомлинский В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. Дар 3 ҷилд. Ҷ.3. (Мураттибон О.С.Богданова, В.З.Смаль, А.И.Сухомлинская). – Душанбе: Маориф, 1988. – 672 с.


## АНДАР ТАРБИЯИ ХОНАВОДАГӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ ТАВАССУТИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ


Дар мақола масъалаи тарбияи хонаводагӣ ва ватандӯстии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он ба ғайр аз рубоиёт халқӣ, ки овони кӯдакӣ дар бари гаҳвораи кӯдакон замзама карда мешавад, инчунин аз шоирони классик ва муосири тоҷик мисолҳо оварда шудааст. Мафҳуми "тарбияи ватандӯстӣ" доираи васеи арзишҳои педагогиро фаро гирифта, ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад. Мақола натанҳо барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, балки унвонҷӯёни соҳаи таърих ва назарияи педагогика низ судманд хоҳад буд.



**Калидвожаҳо**: *педагогика, тарбияи ватандӯстӣ, педагогикаи халқӣ, тарбияи хонаводагӣ.*

## К ВОПРОСУ СЕМЕЙНОГО И ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СРЕДСТВАМИ НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКИ

В статье рассматривается вопросы семейного воспитания и патриотизма подростков средствами народной педагогики. В ней приведены стихотворные примеры классических и современных таджикских поэтов, а также народные песни, которые поются детям в колыбели. Понятие «патриотическое воспитание» охватывает широкий спектр педагогических ценностей и затрагивает различные стороны жизни общества. Статья будет полезна не только преподавателям общеобразовательных учреждений, но и соискателям ученых степеней в области истории и теории педагогики.

**Ключевые слова**: *педагогика, патриотическое воспитание, народная педагогика, семейное воспитание.*

## ON THE ISSUE OF FAMILY AND PATRIOTIC EDUCATION BY MEANS OF FOLK PEDAGOGY

The article examines the issues of family education and patriotism of adolescents using folk pedagogy. It contains poetic examples of classical and modern Tajik poets, as well as folk songs that are sung to children in the cradle. The concept of “patriotic education” covers a wide range of pedagogical values and affects various aspects of social life. The article will be useful not only to teachers of general education institutions, but also to applicants for academic degrees in the field of history and theory of pedagogy.

**Key words**: *pedagogy, patriotic education, folk pedagogy, family education.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Маҷидова Б.** *доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи коррексионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 121. Тел.: 938 50 88 87.*

**Одилзода Дилбар Раҳим** – *унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. E-mail: odilzodadr@mail.ru*

**Сведения об авторах:** *Маджидова Б. - доктор педагогических наук, профессор кафедры коррекционной педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки – 121. Тел.: 938 50 88 87.*

**Одилзода Дилбар Рахим** – *соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. E-mail: odilzodadr@mail.ru*

**Information about authors: Majidova B.** - *doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Correctional Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Dushanbe, Rudaki Avenue - 121. Tel.: 93 850 88 87.*

**Odilzoda Dilbar Rahim** – *applicant at the of the Institute of Educational Development named after Abdurakhman Jomi of the Academy Education Tajikistan. E-mail: odilzodadr@mail.ru.*

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

# ТАШАККУЛИ ИСТЕЪДОДИ ХОНАНДАГОН ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ

***Асҳобиддини Ш., Каримзода Ш. К.***

**Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе**

Даҳсолаҳои охир кишварҳои тараққикарда ба рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодии худ ҳамчун захираи стратегӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Шӯрои Аврупо ҳанӯз соли 1994, №1248 Қарори махсусеро дар самти кор бо кӯдакони болаёқат ба тасвиб расонид, ки дар он гуфта мешавад: “Ҳеҷ кишвар наметавонад ба худ иҷозат диҳад, ки истеъдодҳоро нобуд созад. Муайян ва амалӣ накардани усули муосири дарёфти неруи зеҳниро метавон маҳвсозии захираҳои инсонӣ ном бурд Ба кӯдакони болаёқат бояд шароити мусоиди таҳсил фароҳам намуд, то онҳо тавонанд имкониятҳои худро ба нафъи хеш ва тамоми ҷамъият истифода баранд” [8, 235].

- *Ҳолати чандинсолаи буҳронӣ ба сатҳи маърифатнокӣ ва зеҳнияти аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, фирори захираҳои зеҳнию эҷодӣ, кам шудани шавқмандӣ ва имкониятҳои воқеии волидон ва омӯзгорон барои дарёфти истеъдодҳо ва иҷтимоишавии кӯдакони болаёқатро ба бор овардааст. Дар шароити бавуҷудомада дарёфт, дастгирӣ ва иҷтимоишавии кӯдакони болаёқат ҳамчун фонди генетикии кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа боқӣ мемонад.*
- *Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва 2021-2025 муҳимтарин абзори ҳалли мушкилоти марбут ба таъмини шароити мусоид барои дарёфт ва рушди кӯдакони болаёқат, амалишавии имкониятҳо ва ҳифзи иҷтимоии онҳо маҳсуб мешавад [2; 3].*
- *Мавриди қайд аст, ки ташкили корҳо дар самти амалисозии барномаи давлатии зикршуда ҳамчун вокуниши давлат ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандонаш маҳсуб мегардад.*
- *Масъалаи лаёқатмандӣ хусусияти комплексӣ дошта, дар он бархӯрди манфиатҳои давлат, ҷамъият, шахс ва самтҳои гуногуни илмӣ сурат мегирад. Душворӣ ва хусусиятҳои кор бо хонандагони болаёқат ҳамкории намояндагони тахассусҳои гуногун – педагогҳо, равоншиносон, ҷомеашиносон, омӯзгорон, кормандони соҳаи фарҳанг ва варзиш, менеҷерҳои соҳаи маориф ва дигаронро тақозо менамояд.*
- *Ба андешаи Д. Б. Богоявленский кор бо кӯдакони болаёқат набояд танҳо ба таҷрибаи эмпирикӣ асос ёбад [5, 125]. Ин амал бояд ба кашфиётҳои ҷиддии илмӣ ва илмӣ-методие, ки ҳалли мушкилоте чун дарёфт, омӯзиш ва рушди кӯдакони болаёқатро таъмин карда метавонанд, асос ёбад. Маҳз ба ҳамин хотир дар Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таъминоти назариявӣ ва илмӣ-методии он яке аз вазифаҳои муҳим нишон дода шудааст [3].*
- *Аз нуқтаи назари равоншиносӣ лаёқатмандӣ объекти мураккабе мебошад, ки дар он идрок, эҳсос, ирода, ангеза, ҳолати психофизиологӣ ва дигар соҳаҳои шахсияти инсон бо ҳам печидаанд.*
- *Душвории падидаи лаёқатмандӣ хусусиятҳои кор бо кӯдакони болаёқатро муайян мекунад. Дар ин раванд доимо мушкилоти педагогиву психологии мутаносиб бо гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, шумораи бисёри равишҳои мутақобили назариявӣ ва усулҳои муайянсозии он, бисёрҷабҳагии таҳсилоти муосир, инчунин шумораи фавқуллода ками мутахассисони махсус барои кор бо кӯдакони болаёқат дар муассисаҳои таълимии шаклҳои гуногун ҷой доранд.*
- *Бо дарназардошти аҳамияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва таҳсилии масъалаи лаёқатмандӣ, зарур аст, ки нақши ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз шакл ва сатҳ, боло бурда шавад. Зеро субъектҳои кор бо кӯдакони болаёқат на танҳо волидон, мураббиҳо, омӯзгорон, равоншиносон мебошанд, балки муассисаи таълимӣ низ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар ин ҷода як қатор ҳуқуқ ва уҳдадорӣ доранд.*

Дар як қатор матлабҳои муосир гуфта мешавад, ки кор бо кӯдакони болаёқат бояд хусусияти систематикӣ дошта бошад. Ба сифати самтҳои асосии чунин фаъолият нишон дода мешаванд:

- *Таҳияи меъёрҳо барои рафъи антиинтеллектуаллизми дар ҷомеа шаклгирифта;*
- *Таъмини шароит барои тарбияи “пешсафон” аз ҳисоби аҳолӣ, ки рушди босуръати ҳамаи соҳаҳоро таъмин карда тавонанд;*

*- Таъмини хизматрасониҳои сифатан нав дар соҳаи маориф, услубҳои созанда барои ҷавонон ва субкултураҳо, авлавияти усулҳои нави рушди имкониятҳои эҷодии инсон ва гурӯҳи инсонҳо;*

*- Рушди доираи таҳсилоти минтақавӣ ва таъмини кор бо кӯдакони болаёқат дар шароитҳои махсус дар минтақаҳои муайян.*

*Татбиқи самтҳои номбаршуда аз талошҳои дастаҷамъонаи олимон, татбиқкунандагон, роҳбарони муассисаҳои соҳаи маориф, таҳияи базаи захираҳо, омодагии равонӣ ва касб кардани таҷрибаи фаъолияти иноватсионӣ вобаста мебошад.*

*Таҳлили сарчашмаҳои адабӣ ва таҷрибаи маориф дақиқан нишон медиҳад, ки то ҳол дастовардҳои муайян дар ташкили кор бо кӯдакони болаёқат ба даст омадаанд:*

*- Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи типи нав (аз ҷумла, таҳсилоти иловагӣ) таъсис ёфтаанд;*

*- Ассотсиатсияи олимон, омӯзгорон, муассисаҳои соҳаи маориф, ки корро бо кӯдакони болаёқат пеш мебаранд, таъсис ёфтаанд;*

*- Семинарҳои махсус, ҷаласаҳо, курсҳои методӣ баргузор шуда, дар онҳо парадигмаи инсондӯстии таҳсилот ва мушкилоти кор бо кӯдакони болаёқат баррасӣ мешавад;*

*- Доираи кормандони соҳаи маориф васеъ шуда, тавассути баргузории курсҳои омодасозӣ, чорабиниҳои методӣ ва сафарҳои эҷодӣ касбияти онҳо муназзам баланд бардошта мешавад;*

*- Базаи моддии муассисаҳои таълимӣ тавассути таъмини таҷҳизоти муосири техникӣ (компютерҳо, чопкунакҳои рӯимизӣ, компютерҳои фардӣ барои идоракунӣ, воситаҳои техникии навориву садоӣ, мавҷгирҳои маҳворaӣ) беҳтар карда мешавад;*

*- Таҷрибаи ташкил ва баргузории чорабиниҳои таълимии ғайрианъанавӣ дар системаи таҳсилоти умумӣ (конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар, озмунҳо, фестивалҳои педагогӣ) касб карда мешавад.*

Дар баробари ин, ҳанӯз яке аз мушкилоти асосӣ роҳи ҳалли худро наёфтааст: таълими кӯдакон ва наврасони болаёқат чигуна амалӣ карда шавад?

Олимон дар ин маврид ду нуқтаи назар изҳор мекунанд. Мувофиқи нуқтаи назари аввал, барои таълими хонандагони болаёқат таъсиси гурӯҳ (синф)-ҳои махсус ё муассисаҳои махсуси таълимӣ лозим мебошад. Дар ин синфҳо ё муассисаҳо фаъолияти таълимӣ ва тарбиявиро педагог ва психологҳои махсусомодашуда бояд пеш баранд. Мувофиқи нуқтаи назари дуюм, кӯдакони болаёқат бояд ҳамроҳ бо дигар ҳамсолони худ, аммо аз рӯи барномаи махсуси таълимӣ дарс хонанд.

Н. Б Шумакова таҷрибаи ватанӣ ва кишварҳои хориҷиро дар самти таълими кӯдакони болаёқат хулоса карда, ҳамаи сабабҳои ҷонибдорӣ ва муқобил будан бо ғояҳои таҳсили ҷудогона ва якҷои таълими хонандагони лаёқатмандро таҳлил карда, натиҷагирӣ мекунад, ки масъалаҳои таълими хонандагони болаёқатро набояд ҳамчун масоили ҷудогона мавриди омӯзиш қарор дод, зеро табиатан ҳамаи кӯдакон дар аввал эҷодкор буда, нерӯи рушд кардан доранд. Агар лаёқатҳои кӯдакон рушд наёбанд, ба ин ҳамаи калонсолон (яъне ҷамъият) гунаҳкоранд, зеро онҳо ё барои рушди лаёқати табии кӯдакон шароит фароҳам наовардаанд, ё лаёқатҳои онҳоро тавассути истифодаи усули догматикии таълим маҳв сохтаанд [12, 25]. Ба ҳамин хотир, муҳим дониста мешавад, ки дар ҳамаи типи муассисаҳои таълимӣ муҳити рушди эҷодӣ сохта шавад.

Бо ибораи дигар, барои институтҳои соҳаи маориф ҳардуи нуқтаҳои назар муҳим мебошанд: ҳам дар муассисаҳои ҳамагонӣ ва ҳам дар муассисаҳои таълимии махсус бояд шароити мувофиқ барои рушди лаёқатмандии кӯдакон таъмин карда шавад. Яке аз чунин шартҳо кашфи саривақтии лаёқатмандии кӯдакон тавассути истифодаи усулҳои психологӣ, дидактикӣ ва психологӣ-дидактикӣ маҳсуб мешавад. Шарти дигар таҳияи маводи таълимии гуногун аз рӯи таҷриба ва назарияи кор бо гурӯҳҳои гуногуни кӯдакони лаёқатманд дар муассисаҳои таълимии типашон гуногун мебошад.

Истифодаи санҷишҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ танҳо шумораи нисбатан ками ҷанбаҳои лаёқатмандии ақлонии хонандагонро фаро мегирад. Манбаи муҳими маълумот инчунин мушоҳидаҳои омӯзгорон ва волидон, таҳлили табиат ва муваффақиятҳои мактабҳо ва таълими берун аз синфии кӯдакон хизмат мерасонанд. Ба муқоисаи нишондиҳандаҳои қобилияти маърифатии хонандагон бо муваффақияти онҳо дар мактаб диққати махсус дода мешавад. Гарчанде, ки муваффақиятҳо дар таълими кӯдакони лаёқатманд, чун қоида, аз муваффақиятҳои ҳамсинфони онҳо баландтар аст, дар байни кӯдакони лаёқатманд ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки аз муваффақияти пасти онҳо дарак медиҳад, ки муваффақияти нокофӣ ном дорад, зеро сатҳи пасти муваффақият (аксар вақт он, қариб, ки қаноатбахш аст) он чандон муҳим набуда, вале номувофиқатӣ бо сатҳи баланди қобилиятҳо, метавонанд бо сабабҳои хусусиятҳои маърифатӣ ва ғайримаърифатии шахс алоқаманд бошанд [7, 25-30].

Ба ҳамин сабаб масъалаи ташхиси кӯдакони болаёқат, ки бояд бевосита аз ҷониби мутахассисон – педагогҳо, равоншиносон, кормандони соҳаи тиб ва иҷтимоӣ ва бо ҷалби волидон гузаронида шавад, муҳиммияти бештар пайдо мекунад.

Тибқи андешаи М. А. Холодная ҳалли масъалаи усулҳои маълумсозии кӯдакони болаёқат аз он вобаста аст, ки зери мафҳуми лаёқатмандӣ мо чиро мефаҳмем. Аз ин рӯ, ба андешаи муҳаққиқ, сараввал лозим аст, ки асоси назариявии кори ташхисӣ муайян карда шавад [11, 89].

Бояд қайд гардад, ки одатан ташхиси лаёқатмандӣ вазифаи аввалиндараҷаи равоншинос, таълим бошад, дар баробари тарбия ва рушд вазифаи омӯзгорон ва волидайн ҳисобида мешаванд. Раднопазирии нисбии тасаввуроти расман мантиқии мазкур зимни аз мавқеи таҷрибаи педагогӣ баррасӣ намудани он нуқсонҳои муайянро маълум месозад. Магар нафаре, ки зуҳуроти дохилӣ ва берунии лаёқатмандиро дида наметавонад, мумкин аст, ки онро рушд диҳад? Албатта, саволи мазкур риторикӣ буда, роҳи ҳалли он маълум менамояд. Аммо инро як масъалаи ҳалшуда гуфта намешавад.

Ба ақидаи Ю. Д. Бабаева ва В. И. Панова дар баробари ҳалли масъалаи таълими кӯдакони болаёқат, инчунин муайян кардани шакли зуҳури лаёқатмандӣ муҳим аст, зеро, чуноне дарҷ гардид, лаёқатмандӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зуҳур кунад. Муаллифон дуруст қайд мекунанд, ки аз шакли зуҳури лаёқатмандӣ: асолати мақсадҳои таълим; асолати объекти таълим; хусусиятҳои фаъолияти маърифатии хонандагон, ки аз ҳамдигар аз рӯи тарзи тафаккур, сатҳи зеҳнӣ, зеҳн ва хотира, махсусиятҳои дарккунӣ ва сатҳи азхудкунии маълумот фарқ мекунанд; суръати омӯзиш ва умқи маълумоти азхудшуда ва ғайраҳо вобаста мебошанд [1, 146-148].

Хуллас, ҷустуҷӯ ва дарёфти кӯдакони лаёқатманд ва ташкили фаъолияти педагогӣ бо онҳо аз мушкилоти асосии илм ва таҷриба дар соҳаи маориф мебошанд.

Дар воқеъ, дар таҷриба як мушкили дигар низ ҷо дорад: талаботи муассисаҳои таълимӣ ба барнома ва китобҳои дарсӣ, ки дар онҳо дархостҳои инфиродӣ ва манфиатҳои кӯдакони лаёқатманд ба эътибор гирифта шудаанд. Дар барномаҳои таълимӣ айни замон роҳу воситаҳои алтернативии рушди хонандаи лаёқатманд берун аз барномаи таълимии умумӣ дарҷ нагардидаанд. Дар ҳоле, ки навоварӣ дар маорифи миллӣ на танҳо ба азхудкунии донишҳои муайян, балки ба рушди шахсият ва талаботи маърифативу созандагии хонандагон равона гардидааст. Рушди маҳоратҳои тадқиқотӣ ва эҷодии хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таълим дар шароити ҳозира вазифаи асосии маориф мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, банақшагирӣ ва сохтани муҳити мусоид барои рушд муҳимтарин бахши фаъолияти муассисаи таълимӣ мебошад.

Ба андешаи А.В. Беляева таҳия ва татбиқи курсҳои махсус барои кормандони соҳаи маориф дар системаи такмили ихтисос метавонад роҳи ҳалли мукшил бошад [4, 183-185]. Ҳадаф аз гузаронидани чунин курсҳо шинос намудани омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо сифатҳои эвристикии шахсият, роҳҳои ташхиси натиҷаҳои таълимиву эҷодӣ, системаи дарсҳои таълимӣ барои рушди кӯдакони болаёқат ва ғайраҳо мебошад. Чунин курсҳо, аз нигоҳи мо, барои рушди бештари кӯдакон тавассути баланд бардоштани савияи дониш ва маҳоратҳои худи омӯзгорон муҳим мебошанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир шумораи зиёди хонандагони болаёқат маҳфуз аст. Дар дилхоҳ муассисае хонандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки барои хондан ва рушди лаёқатҳои худ шавқманд ва омодаанд, ё баръакс (кӯдакони аз ҷиҳати рушди равонӣ қафомонда ва бо имкониятҳои маҳдуд низ истисно нестанд). Дар байни ин хонандагон қисми асосии хонандагон – аксарият қарор доранд, ки ҳар кадом бо хусусиятҳои инфиродии худ аз ҳамсолон фарқ мекунанд ва ба таваҷҷуҳ ниёз доранд [6, 97].

Зимни кор бо кӯдакони лаёқатманд ҳамеша мушкилоти педагогӣ ва психологӣ сар мезананд, ки қисми зиёди онҳо бо гуногуннавъии лаёқатмандӣ, аз ҷумла тафовути синусолӣ ва лаёқатмандиҳои ошкорнагардида, инчунин шумораи зиёди равишҳои назариявӣ ва хусусияти тағйирёбии таҳсилоти муосир алоқаманд мебошанд.

Аз диди назариявӣ душвории масъалаи таълим ва рушди кӯдакони болаёқат аз гуногунии муносибатҳо ба масъалаи лаёқатмандӣ ва рушди он дар кӯдакони дорои нишонаҳои ошкор ва пинҳони лаёқатмандӣ вобаста мебошад. Лаёқатмандӣ тавассути таносуби худ ба шароите, ки фаъолияти аниқи одам сурат мегирад, ошкор мегардад [9, 66]. Дар рушди динамикаи лаёқатмандӣ самарабахш будани сатҳи талабот, масалан, талаботе, ки барномаи таълимӣ муайян мекунад, муҳим аст. Барои мусоидат кардан ба рушди лаёқатмандӣ ин талабот бояд дар сатҳи зарурӣ бошад.

Лаёқатмандии инфиродии хонанда ҳамчун маҳорати муайяни табиӣ низ баррасӣ мешавад. Дар чунин ҳол вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар раванди таълим кӯдакро ба ин маҳоратҳо мутобиқ кунад, онҳоро ҳифз намояд ва лаёқатмандиҳоро ба кор дарорад. Шартҳои амалисозии ин усул дарёфт ва интихоби чунин хонандагон қабл аз рафтан ба мактаб, барои онҳо ташкил намудани дарсҳои

махсуси таълимӣ, таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва ғайра мебошанд. Меъёрҳои интихоби хонандагони болаёқат аз типи муассисаи таълимӣ ва барномаи таълимӣ, инчунин афзалиятҳои додаи педагог ва равоншиносоне, ки кӯдакони болаёқатро интихоб мекунанд, вобаста мебошанд. Раванди таълим дар ин ҳол ба ноил шудан ба дастовардҳо аз рӯи фанҳое, ки ба ҳамин типи лаёқатмандӣ мутобиқат мекунанд, новобаста аз он ки технологияҳои дар раванди таълим истифодамешуда то чи андоза ба рушд ва саломатии кӯдак безараранд, нигаронида шудааст. Рушди ин кӯдакон ба шаклгирии шахсияте, ки лаёқатмандии мазкурро, новобаста аз натиҷаҳои манфӣ ва мусбии он, татбиқ карда метавонад, нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, барномаҳои таълимӣ ва раванди таълим дар ин ҳолат ба омода кардани мутахассиси варзида дар соҳае, ки ба лаёқатмандии кӯдак мувофиқат мекунад, нигаронида шудааст: математика, физика, мусиқӣ, филология, табиатшиносӣ ва ғайра.

Яке аз хусусиятҳои инкишофи кӯдакони лаёқатманд ин аст, ки онҳо дар муқоиса бо кӯдакони дигар мутафовит будани худро дарк мекунанд. Дар натиҷа, баъзеи онҳо эҳсос мекунанд, ки нисбат ба дигар ҳамсолон ба баъзе корҳо ҳуқуқи бештар доранд. Аммо, чунон ки маълум аст, одам ҳар қадар имкониятҳои зиёд дошта бошад, бояд бештар нисбат ба кирдораш масъулиятшинос бошад. Аз ин бармеояд, ки таълим бояд ба рушди истеъдоди фитрии кӯдакон нигаронида шуда, ҳатман рушди махсуси шуури маънавию ахлоқии онҳо, ҳисси масъулият барои худ ва дигарон, таҳаммулпазирӣ ва ғайраро низ дар бар гирад. Маълум мешавад, ки таълими кӯдакони лаёқатманд ҳатман заминаи равонии рушди шахсии онҳоро бояд дар бар гирад [6, 134].

Аксар вақт муаллимон ва дигар мутахассисон бо истеъдоди синну солӣ (муваққатӣ) сару кор доранд, ки он дар як синну сол равшан зоҳир шуда, дар синни дигар ногаҳон нопадид мешавад (ё ногаҳон пайдо мешавад). Дар ин давраи синну соли ҳассос кӯдак ба категорияи боистеъдод дохил мешавад ва пас аз муддате истеъдоди ӯ "ғайб мезанад".

Лаёқати ниҳонӣ масъалаест, ки камтар омӯхта шудааст ва муайян кардани он душвор аст. Барои муайян кардани чунин лаёқатмандӣ шароити махсус, ё як намуди махсуси фаъолият лозим аст. Вақте сухан дар мавриди лаёқатмандӣ ошкор меравад, мо бо истеъдод ҳамчун падидаи на танҳо психологӣ, балки иҷтимоӣ низ сарукор дорем, зеро истеъдод тавассути он навъи фаъолиятҳое зоҳир мешавад, ки муҳити иҷтимоӣ ба кӯдак фароҳам меорад. Вақте сухан дар бораи лаёқатмандии ниҳонӣ меравад, он бештар ҳамчун як падидаи табиии равонӣ зоҳир мешавад. Дар навбати худ ин сухан маънои онро дорад, ки ҳар як кӯдак аз рӯи табиат қобилияти рушди эҷодӣ дорад.

Барои зуҳури лаёқатмандӣ ва қобилият ва умуман фардият, муҳити таълимӣ бояд дар нахуст бисёрҷониба бошад ва тавре сохта шавад, ки ба рушди табиии майлҳои равонӣ ва ҷисмонии мактаббачагон зарар нарасонад. Муҳити таълимӣ ҳамчун шарти омӯзиш ва инкишофи хонандагон, аз як тараф, бояд имкони на танҳо масъулгардонӣ, балки кам кардани масъулияти зеҳнӣ, эҳсосӣ ва ҷисмониро дар бар гирад. Аз ҷониби дигар, он бояд на танҳо ҳамчун объекти тарҳрезӣ ва моделсозӣ, балки ҳамчун объекти экспертизаи психологию педагогӣ низ амал кунад, то мутобиқати он ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таълим, инчунин мутобиқати он ба хусусияти ҷисмонӣ ва инкишофи рӯҳии хонандагон таъмин карда шавад.

Дар ташаккули эҷодии кӯдаки лаёқатманд, пеш аз ҳама, омӯзгор, ки масъули асосии эҷоди муҳити таълиму тарбия мебошад, мусоидат мекунад. Ин масъулият нисбат ба тайёрии касбӣ ва шахсии омӯзгор талаботҳои махсус мегузорад. Дар ин ҷо сатҳи хуби таълими фаннӣ дигар кифоя нест, зеро таълим бо ин равиш характери инкишофёбанда пайдо мекунад. Технологияҳои анъанавии таълим, ки ба интиқоли дониш, малака ва маҳорат аз рӯи як фанни мушаххас ба хонанда нигаронида шудаанд, бо технологияҳои рушддиҳандае, ки ба рушди қобилияти хонанда ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ва раванди рушд дар маҷмӯъ (рушди ҷисмонӣ, эҳсосӣ, зеҳнӣ, шахсӣ, рӯҳонӣ ва ахлоқӣ) нигаронида шудаанд, иваз карда мешаванд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои психологӣ, физиологӣ, дидактикӣ ва дигар хусусиятҳои тарбия ва инкишофи кӯдакони лаёқатманд, талаботи асосии омода намудани омӯзгорон барои кор бо онҳо ин тағйир додани шуури педагогӣ мебошад [10, 121-131]. Тағйир додани шуури педагогӣ гуфта, тағйир ёфтани стереотипҳои идрок (фаҳмиш оид ба донишҷӯ, раванди таълим ва касбияти худ), муошират ва рафтор ва дар натиҷа, усулҳои таълиму тарбия, ки қаблан ба муаллимон омӯзонида шуда буд, дар назар дошта шудааст.

Дар натиҷаи тағйир ёфтани парадигмаи таълимии кишвар – гузариш ба низоми салоҳиятнокӣ, низоми кор дар мактаби муосир ва махсусан кор бо хонандагони болаёқат ногузир тағйир ёфт. Ин гузариш боиси тағйироти динамикии системаи кори омӯзгорон, равоншиносон ва маъмурияти муассисаи таълимӣ гардид. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои баланд дар самти кор бо хонандагони болаёқат

дар мактаби муосир танҳо дар сурате ба даст меояд, ки агар консепсияи ягонаи кор дар ин самт аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим таҳия ва амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, мураккабии масъалаи лаёқатмандии хонандагон ба як қатор омилҳо вобаста буда, ҳалли мушкилоти он ба иҷрои шартҳои ташкилӣ, кадрӣ, илмию методӣ, моддию техникӣ, хавасмандгардонӣ, меъёрӣ ва молиявӣ вобаста аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Бабаева Ю.Д. Психологический тренинг для выявления одаренности (методическое пособие) / Под ред. В.И.Панова. – М.: Молодая гвардия, 1997. – 278 с.
2. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, таҳти №353.
3. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113.
4. Беляева А.В. Одаренные дети в обычной школе // Народное образование. - 1999. - № 9. -С. 183–185.
5. Богоявленский Д.Б., Богоявленская М.Е. Психология одаренности: понятие, виды, проблемы. Выпуск 1. - М.: МИОО, 2005. – 176 с.
6. Доровская А.И. Дидактические основы развития одаренности учащихся. -М.: Российское педагогическое агентство, 1998. – с.210
7. Каримова И., Ш.Норматов. Ҷанбаҳои равонӣ-педагогии омӯзиши мафҳуми лаёқатмандӣ. /Ш. Норматов // [Матн] - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.Бахши педагогика, №2 (30) , 2020.-с. 25-30;
8. Карне М. Учитель // Одаренные дети. - М.: Прогресс. 1991- С. 235-254.
9. Ландау Э. Одаренность требует мужества: Психологическое сопровождение одаренного ребенка. – М.: Академия, 2002. – 144 с.
10. Савенков А.И. Детская одаренность и школьное обучение. Теоретическая модель обогащения содержания образования // Школьные технологии. - 1999. – №1–2. – С. 121–131.
11. Холодная М.А. Психология интеллекта: парадоксы исследования. - СПб.: Питер, 2002. -272 с.
12. Шумакова Н.Б., Щебланова Е.И. Исследование творческой одаренности с использованием тестов П. Торренса у младших школьников при специальном обучении // Вопросы психологии - 1991. - №1. - С. 27–32.


## ТАШАККУЛИ ИСТЕЪДОДИ ХОНАНДАГОН ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ


Дар мақола масъалаҳои истеъдоди кӯдакон, ташхиси истеъдоди кӯдакон ва мушкилоти таълими хонандагони болаёқат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масъалаи истеъдод дар соҳаҳои гуногуни психологияву педагогика, аз қабили педагогикаи синну солӣ низ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, зеро истеъдод аз марҳилаҳои аввали инкишофи инсон, яъне дар давраи кӯдакӣ зуҳур мекунад. Лаёқатмандии кӯдак ҳамчун як хусусияти баландтар ба омӯзишу эҷодиёт майл доштан нисбат ба ҳамсолонаш фаҳмида мешаванд.

Кӯдакони лаёқатманд як падидаи беназир дар ҷаҳони иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо на танҳо бо қобилияти хубашон ба ҳар гуна фаъолият фарқ мекунанд, балки бо хусусиятхои психологиашон низ дар байни хамсолони худ тафовут доранд. Муҳимтарин проблемаи пешрафти ҷомеа нигоҳ доштан ва инкишоф додани истеъдодҳо мебошад. Дар шароити муосир дастгирӣ, рушд ва иҷтимоикунонии кӯдакони лаёқатманд ба яке аз самтҳои афзалиятноки низоми маориф табдил ёфта истодааст.

Дуруст сохтани муносибати кӯдаки лаёқатманд бо олами беруна имкон медиҳад, ки ӯ қобилияти худро пурра амалӣ намояд. Барои кӯдаки боистеъдод фароҳам овардани фазои мусоиди равонӣ хеле муҳим аст, ки барои бартараф кардани фарқияти байни рушди зеҳнӣ ва шахсият мусоидат намуда, ба рушди онҳо заминагузорӣ намояд.

Чӣ гуна кӯдаконро боистеъдод шуморидан мумкин аст. Вақте ки онҳо калон мешаванд, бо онҳо чӣ мешавад. Фаъолияти онҳоро чӣ тавр ташкил кардан лозим аст? Дар ин гуна масъалаҳо дар психологияву педагогика таҷрибаи калон мавҷуд аст. Дар баробари ин дар мақола ба омодасозии омӯзгорон барои кор кардан бо кӯдаконе, ки ба таълим ва эҷодкорӣ майл доранд, диққати калон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** *неруи зеҳнӣ, истеъдод, лаёқатмандӣ, кӯдакони болаёқат, зеҳн, муассисаҳои махсуси таълимӣ, барномаи махсуси таълимӣ, ташхиси лаёқатмандӣ, дарёфти кӯдакони лаёқатманд, лаёқатмандии инфиродии хонанда, лаёқати ниҳонӣ*

## ФОРМИРОВАНИЕ ОДАРЁННОСТИ УЧАЩИХСЯ В СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматривается вопросы детской одаренности, диагностика одаренности у детей и проблемы обучения одаренных учащихся. Также рассматривается проблема одаренности различными областями психологии, такими как педагогическая и возрастная, поскольку одарённость проявляется на ранних этапах развития человека, то есть в детстве. Под одарённостью ребёнка понимается более высокая, чем у его сверстников при прочих равных условиях, восприимчивость к учению и более выраженные творческие проявления.

Одаренные дети являются уникальным явлением в социальном мире. Они отличаются не только хорошими способностями к каким-либо видам деятельности, но по своим психологическим особенностям выделяются среди своих сверстников. Важнейшей проблемой прогресса общества является сохранение и развитие одаренности. В современных условиях поддержка, развитие и социализация одаренных детей становятся одной из приоритетных задач системы образования.

Правильное построение взаимоотношений одаренного ребенка с окружающим миром позволит ему наиболее полно проявить свои способности. Очень важно создать благоприятную психологическую обстановку для одаренного ребенка, которая поможет преодолению разрыва между интеллектуальным и личностным развитием и будет способствовать их развитию.

Каких детей можно считать одарёнными. Что происходит с ними по мере взросления. Каким образом следует организовывать их деятельность. По таким вопросам в психологии и в педагогике накоплен немалый опыт. При этом в статье большое внимание уделяется подготовке учителей для работы с особо восприимчивыми к учению и творчеству детьми.

**Ключевые слова:** *интеллектуальный потенциал, талант, одаренность, одаренные дети, интеллект, специальные образовательные учреждения, специальная образовательная программа, диагностика одаренности, выявление одаренных детей, индивидуальная одаренность учащегося, скрытая одаренность.*

## FORMATION OF STUDENTS' GIFTEDNESS IN THE EDUCATION SYSTEM

The article discusses the issues of children's giftedness, the diagnosis of giftedness in children and the problems of teaching gifted students. The problem of giftedness in various areas of psychology, such as pedagogical and age psychology, is also considered, since giftedness manifests itself in the early stages of human development, that is, in childhood. The giftedness of a child is understood as a higher susceptibility to learning and more pronounced creative manifestations than that of his peers, all other things being equal.

Gifted children are a unique phenomenon in the social world. They differ not only in good abilities for any kind of activity, but in their psychological characteristics they stand out among their peers. The most important problem of the progress of society is the preservation and development of giftedness. In modern conditions, support, development and socialization of gifted children are becoming one of the priorities of the education system.

The correct construction of the relationship of a gifted child with the outside world will allow him to fully demonstrate his abilities. It is very important to create a favorable psychological environment for a gifted child, which will help bridge the gap between intellectual and personal development and will contribute to their development.

What kind of children can be considered gifted. What happens to them as they grow up. How should their activities be organized? Considerable experience has been accumulated in psychology and pedagogy on such questions. At the same time, the article pays great attention to the training of teachers to work with children who are especially receptive to learning and creativity.

**Key words:** *intellectual potential, talent, giftedness, gifted children, intellect, special educational institutions, special educational program, giftedness diagnostics, identification of gifted children, student's individual giftedness, latent giftedness.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Асҳобиддини Шералӣ - номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии “Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе”, шаҳри Душанбе, к.Маякосвкий 27/1. E-mail: asomnazarov@mail.ru, тел: +(992) 93-999-96-99*

**Каримзода Ш. К.** - *номзади илмҳои педагогӣ, директори Филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе”, к. М. Турсунзода 8/1а. E-mail: shavkatnormatov@mail.ru, тел: +(992) 93-803-93-92*

**Сведения об авторах:** *Асхобиддини Шерали - кандидат педагогических наук, директор Государственного образовательного учреждения “Лицей для одаренных учащихся в городе Душанбе", город Душанбе, ул.Маякосвского27/1. E-mail: asomnazarov@mail.ru, тел: +(992) 93-999-96-99*

**Каримзода Ш. К.** - *кандидат педагогических наук, директор Государственного учреждения “Филиала Института повышения квалификации и переподготовки работников образования в городе Душанбе”, ул. М. Турсунзода 8/1а. E-mail: shavkatnormatov@mail.ru, тел: +(992) 93-803-93-92*

**Information about the authors:** *Ashobiddini Sherali - candidate of Pedagogical Sciences, Director of the State Educational Institution “Lyceum for Gifted Students in the city of Dushanbe", Dushanbe, Mayakosvskogo27/1 . E-mail: asomnazarov@mail.ru , tel: +(992) 93-999-96-99*

**Karimzoda Sh. K.** – *candidate of Pedagogical Sciences, Director of the State Institution “Branch of the Institute of Advanced Training and Retraining of Education Workers in the city of Dushanbe", M. Tursunzoda str. 8/1a. E-mail: shavkatnormatov@mail.ru , tel: +(992) 93-803-93-92*

## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ МОНЕАҲОИ ЗАБОНӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФ КАРДАНИ ОНҲО

***Абдуллозоде М. И.***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар замони истиқлолияти кишвар вобаста ба рушди иқтисод ва фарҳанги миллӣ талабот ба мутахассисони соҳибкасби забони русӣ ва англисӣ бештар гашта истодааст. Агар забони русӣ ҷумҳуриро ба хориҷи наздик бипайвандад, тавассути муошират бо забони англисӣ метавон пурра ба ҷаҳони мутамаддин роҳ ёфт. Забони англисӣ ва русӣ роҳро ба сӯйи уфуқҳои нави дониш, иттилоот дар ҳамаи соҳаҳо, ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ ва фарҳангӣ боз намуда, барои шинос шудан бо таърих, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои соҳибзабонҳо дар татбиқи тарбияи маънавӣ, худшиносии миллӣ, омӯзиши фарҳангу таърихи миллӣ мусоидат намуда, муошрати байни тамаддунҳоро таъмин менамояд. Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо омӯзиши забони англисӣ ниҳоят муҳим аст, зеро ин забон муошрати байналмилалиро таъмин менамояд. Омӯзиши забони русӣ ва алалхусус, забони англисӣ имрӯз, бидуни шубҳа, талаботи замон аст. Ин аст, ки зарурияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ як самти афзалиятноки маорифи ҷумҳурӣ баргузида шудааст. Бояд зикр намуд, ки ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар самти сиёсати ҳукумати ҷумҳурӣ дар соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Дар паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати дониши донишҷӯён, омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ тадбирҳои иловагӣ андешида, ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ тарбия намудани насли навраси кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намояд»[7 ].

Дар ҷаҳони муосир балад будан ба забони хориҷӣ рӯз то рӯз хусусияти салоҳиятҳои касбиро бархӯрдор гашта истодааст. Забони хориҷӣ воситаи муҳим барои омодагии касбӣ, имконияти муошират ва мубодилаи афкор бо мардуми мамлакатҳои гуногун мебошад. Мақсади асосии омӯзиши забон ин ташаккули шахсиятест, ки қодир аст дар муошрати байнифарҳангӣ ширкат варзад. Аз ин рӯ, вазифаи асосӣ дар таълими забони хориҷӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ дар шароити муосир ташаккул додани салоҳиятҳои муоширатии забони хориҷӣ маҳсуб меёбад, то ки, омӯзандагони забон дар оянда ҳамчун мутахассис барои ташаккули муқобилат дар бозори ҷаҳонии меҳнат омода гарданд. Вале, мутаассифона, як қатор мушкилиҳои психологие зимни таълим бармеояд, ки танҳо дар ҳолати бартараф кардани онҳо хонанда дар аз худ кардани забони хориҷӣ муваффақ мегардад. Яке аз чунин хусусиятҳои психологӣ монеаҳои коммуникативӣ-монеаҳо дар муошират мебошад.

Дар назария ва амалияи таълими забони хориҷӣ паси сар кардани “монеаҳои коммуникативӣ” мавқеи асосиро ишғол менамояд. Забон худ воситаи муошират аст, аммо дар раванди омӯзиши он на ҳама вақт чунин аст. Дар зери мафҳуми азхудкунии забон ҳам омӯзгорон ва ҳам омӯзандагон айнан такрор кардани воҳидҳои муайяни дидактикиро фаҳмида, истифодаи бевоситаи забонро ҳамчун воситаи коммуникативӣ истисно мекунанд. Сабаб дар чист? Барои чӣ омӯзандагони забони хориҷӣ кӯшиш менамоянд, ки бо ин забон муошират намоянд, вале нутқи ҳамсуҳбати хориҷии худро бо душворӣ мефаҳманд ё умуман намефаҳманд, агарчи онҳо ҳам мисли соҳибони он забон аз воситаҳои васеи нутқӣ бархӯрдоранд [6, с.188 ].

Ба андешаи мо, барои ҳалли ин масъалаи душвор омӯзгор, пеш аз ҳама, бояд ба таҷрибаи истифодаи забони хориҷии худ ҳангоми таълим такя намояд. Бештари ашхосро дар ҳолати камтаҷрибагии истифодаи забон дар вақти вохӯрӣ бо хориҷиён ҳаяҷон фаро мегирад ва калимаҳо худ аз худ фаромӯш мешаванд. Сабаби асосии ин дар таҷрибаи кофӣ надоштан барои муошират аст. Айнан, чунин ҳолат бо хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилотӣ низ рух медиҳад. Вақте ки

омӯзгор ба онҳо бо забони хориҷӣ суҳбат мекунад, як ҳолати ногувори психологӣ онҳоро фаро мегирад. Хонанда ба монеае дучор омадааст, ки онро бартараф карда наметавонад. Саволе ба миён меояд, ки барои паси сар кардани чунин монеа чӣ бояд кард? Барои ин сабабҳои пайдоиши он монеаро муайян намудан лозим аст.

Бояд зикр намоем, ки яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани "монеаи забонӣ" набудани зарурияти муҳими истифодаи забони хориҷӣ мебошад, зеро дар вақти дарс омӯзгор ва хонанда мумкин аст ҳар лаҳза, бидуни ихтиёр ба муошират бо забони модарӣ гузаранд. Азбаски шароити воқеие, ки хонандаро маҷбур созад бо забони хориҷӣ муошират намояд, мавҷуд нест ва онро бояд ба таври сунъӣ муҳайё намуд. Зеро шароити воқеии муошират маҷбур месозад, ки хонанда тамоми дониш, маҳорат, малакаи забонии худро истифода барад ва аз ин вазъияти душвори пешомада бароянд. Мутахассиси забоншинос А.Кахновский таъкид менамояд: "Зарур аст, ки донишҷӯ дар машғулиятҳо бо ҳамкурсон муошират намояд ва бо онҳо маводи омӯзишиpo тафсир карда тавонад, яъне ташкили усулҳои коммуникативӣ дар машғулиятҳо донишҷӯро ба зоҳир намудани шахсияти худ дар ҷомеа омода менамояд" [3, с.15]. Мутаассифона ин ҳолат айни замон дар аксари муассисаҳои таҳсилотии кишвар хеле зиёд мушоҳида мешавад, махсусан баргузор нагардидани машғулиятҳо ва набудани муошират дар машғулиятҳои забони хориҷӣ, ба хусус русӣ ва англисӣ, ки ин албатта ташвишовар аст.

Сабаби дигари "монеаи забонӣ" ин нобоварии психологӣ, камтаҷрибагӣ дар истифодаи забони хориҷӣ, мақсади муайян надоштан, набудани таҷрибаи муошират бо забони хориҷӣ ва кам будани фонди луғавӣ мебошад. Ҳамаи ин сабабҳо барои бартараф кардани монеаи забонӣ муҳиманд ва боиси мушкилии забономӯзон дар истифодаи зиндаи забони хориҷӣ мегарданд.

Нобоварии психологӣ, пеш аз ҳама, хавфи ба хатоӣ роҳ додан, ҳиссиёти ногувор дар муошират бо забони хориҷӣ мебошад. Барои бартараф кардани ин нобоварии психологӣ ҳамчун монеи забонӣ, омӯзгор бояд дар рафти таълим чунин шароите муҳайё намояд, ки забономӯз худро дар ҳолати ногувор ҳис накунад ва аз муошират кардан натарсад.

Муҳаққиқони хориҷӣ таҷрибае пешниҳод намудаанд, ки тибқи он бояд дар омӯзиши забони хориҷӣ, пеш аз ҳама, фаҳмидан, дарк кардан ва таносуби коммуникативӣ дар мадди аввал гузошта шуда, расман дуруст риоя шудани воҳидҳои забон дар мадди дуюм гузошта шавад, ки мо барҳақ тарафдори ин ақидаем. Зеро, хавфи иштибоҳ кардан хонандаро, умуман забономӯзро дар ҳолати пассив нигоҳ медорад. Дар сурати бартараф намудани ин тарс, хонандагон ҳамчун истифодабарандагони фаъоли ин забон мавқеи арзандаро ишғол менамоянд. Ин, дар навбати худ, шавқу рағбати забономӯзонро бештар менамояд. Онҳо рӯҳбаланд гашта, кӯшиш менамоянд, ки дониш ва таҷрибаи худро дар истифодаи забони хориҷӣ, яъне дар вақти муошират кардан мавриди санҷиш қарор диҳад.[1]

Дар ин замина қайд кардан воҷиб аст, ки таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимӣ бояд раванди мақсаднок бошад. Хусусан забони англисӣ, дар муошират байни инсонҳо дар замони муосир на танҳо системаи аломатҳоро дар бар мегирад, балки ҳамчун воситаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, худмаърифатӣ, ҳувияти миллии хонандагонро муайян мекунад. Барои ноил гардидан ба ин, омӯзгор дар баробари омӯзиши забон бояд барои рушди эмотсионалӣ, маънавию ахлоқӣ, эҷодӣ ва маърифатии омӯзандагон шароит фароҳам оварад. Омӯзиши забони англисӣ дар сурате самара мебахшад, ки агар дар раванди таълим ҳам аз методҳои анъанавӣ ва ҳам аз тарзу усулҳои нави таълим, ки мақсад дар ҳарду самт ҳам маҳз ба ташаккулу такмили салоҳиятҳои муоширатии забони хориҷӣ равона карда мешаванд, дар ҳамҷоягӣ истифода бурда шавад. Масалан, барои он ки забономӯзон забони англисиро ба таври озод мавриди истифода қарор диҳад, бояд истифодаи ибораҳои қолабиро вобаста ба лаҳзаҳои гуногуни зиндагӣ аз худ намоянд. ***Stand up, Come here, That's not right, Speak up, let's get started, take your time, Speak slower (louder).*** *Б*арои ин кӯшиш ва заҳмати омӯзгор бояд барои муҳайё сохтани лаҳзаҳои муайяни ба воқеият наздик равона карда шаванд. Барои ин бояд малакаҳои муоширатиро ба дараҷаи бидуни ихтиёр истифода бурдан ташаккул диҳад, то ки омӯзандагон дар атрофи мавзуъҳои гуногун ба таври озодона муошират карда тавонанд.

Дигар омили психологие, ки метавонад монеаи забониро бартараф намояд, ин шавқмандӣ ба омӯхтани забон мебошад. Худи раванди таълим метавонад ҳамчун омиле бошад, ки шавқу рағбати забономӯзро боло бардорад. Яъне, пурмазмун ва шавқовар гузаронидани дарсҳо хеле муҳим аст. Ба ин, албатта, як қатор шароити педагогӣ мусоидат мекунанд. Дар зери мафҳуми шароити педагогӣ мо, пеш аз ҳама, муҳити таълимиро дар назар дорем. Омӯзгор бояд муҳите барпо кунад, ки забономӯзон нутқи худро озодона баён кунанд. Яъне, ин ҷо ба таври сунъӣ муҳайё намудани вазъияти коммуникативӣ хеле роиҷ аст. Боз як омиле, ки боиси боло бурдани шавқу рағбати хонандагон дар раванди таълим мегардад, ин аст, ки онҳо бояд мақоми забони омӯхташавандаро барои касби ояндаи худ дарк намоянд.

Бояд дарк намоянд, ки ин забон ба онҳо дар ҳалли мушкилоти ояндаи касбӣ омили муҳимтарин мебошад.[6]

Аз пешниҳодоти муҳаққиқони соҳа ва таҷрибаву мушоҳидаҳои солҳои охир равшан бармеояд, ки беҳтарин усул барои бартараф кардани монеаҳои психологии забонӣ ин истифодаи методҳои коммуникативӣ ва интерактивӣ мебошанд. Бояд таъкид кард, ҷорӣ намудани ин усул дар раванди дарсҳо бояд ҳанӯз аз марҳилаҳои аввали таълим дар мактаб оғоз гардида, сипас дар донишкадаҳо такмил ёбанд. Истифодаи бозиҳо(ба хусус бозиҳои таълимӣ) ҳамчун усули фаъол ё худ методи интерактивӣ шароити ба воқеият наздикро муҳайё сохта, шиддати ҳаяҷони эмотсионалиро паст мекунад, маҳорати озодона нутқ карданро ташаккул дода, таркиби луғавии омӯзандагони забонро бой мегардонад. Аввалан, муваффақияти истифодаи бозӣ, гап задан, муошират кардан ва ақидаи худро нотарсида баён кардан буда, монеаи забониро ҳамаҷониба бартараф кардан аст, ки маҳз ин амалҳоро хонандагон метавонанд зимни бозӣ беҳарос, нотарсона иҷро кунанд. Ин ҳолат забономӯзонро дар самте тарбия мекунад, ки оянда дар муошırати зинда фаъолона ва боҷуръатона ширкат варзанд.

Ҳамчунон, ба чунин шароити педагогӣ ташкили вазъияти муоширатие, ки ба вазифаҳои касбӣ алоқамананд, дохил мешавад. Бояд усулҳои фаъоли таълим, истифодаи компютер ва шабакаи интернет барои ҷустуҷӯй, муошират ва ҳамзамон таъмини фазои психологӣ ҳамчун омилҳои муҳим дониста шаванд.

Методистҳои хориҷӣ муҳимияти омилҳои забоншиносӣ, психологӣ ва дидактикиро дар омӯзиши забони англисӣ ба хоса қайд кардаанд. Аммо "принсипи психологии таълими забони англисӣ" ҳамчун яке аз категорияи асосӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ аҳамияти умда дорад. Принсипи психологии таълим ҳамчун принсипи калидӣ принсипҳои зеринро дар бар мегирад:

– *принсипи психологии эҳсосотӣ (Principle of emotional psychology);*

– *принсипи алоқамандии балад будан ба забон ва фарҳанги мардумии он забон (Principle of connection awareness of the language and culture of the speaker);*

– *принсипи боварӣ ба нерӯи худ (Principle of self-confidence);*

– *принсипи забоншиносӣ (Linguistic principle);*

– *принсипи таъсири забони модарӣ ба азхудкунии забони хориҷӣ (native language effect);*

–*принсипи салоҳиятҳои коммуникативӣ (Principle of communicative competence).*

Дар сурати дуруст риоя шудани принсипҳои дар боло номбаршуда ва ташкил намудани муошırати озод дар раванди машғулиятҳои забони хориҷӣ дар асоси риояи ин принсипҳо монеаҳои психологӣ дар омӯзиши забонӣ хориҷӣ аз байн мераванд.

Ҳамин тариқ, ба назар гирифтани ҷанбаҳои забонӣ, психологӣ ва иҷтимоию маданӣ дар вақти омӯзиши забони хориҷӣ имкон медиҳад, ки омӯзандагон "монеаҳои психологии забонӣ"-ро зимни муошират бартараф карда, ҳамчун мутахассиси рақобатпазир дар бозори меҳнат бомуваффақият фаъолият намоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Активность и самостоятельность учащихся на уроках русского языка. Начальные классы. –М.:-Мысль-1963. -150 с.

2.Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014, 2020-2030.

3.Бухвалов В.А. Развитие учащихся в процессе творчества и сотрудничества /В.А.Бухвалов.-М.:-Центр.-200.-144 с.

4. Дидактика средней школы. –М.: Просвещение.-1975. -301 с.

5.Иностранный язык для специалистов. Психологические, методические, лингвистические аспекты.-М:.-Наука-1960.- 210с.

6. Камынова Т.П. К вопросу о преодолении «коммуникативного барьера» / Т.П.Камынова //Материалы российской конференции «Профессиональное образование в высшей школе: проблемы и перспективы/Коллектив авторов. Под общей редакции проф. В.Е.Шевченко - Воронеж: -ВГАУ.-2002.-С.210-213

7. Куриленко Н.С. Игры в обучении, воспитании и социализации/авт.-сост. Н.С.Куриленко В.В. Чечет.-Минск.:-Выш.шк. 2003.-38 с.

8. Лутфуллоева П., Каримова Ш., Истифодаи бозӣ дар дарсҳои забони англисӣ. Дастури методӣ. Душанбе – 2021., 52 саҳифа.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://www.president.tj/ru.

10. Шанский Н.М., Резниченко И.Л., Кудрявцева Т.С., Клименко Г.В. Что значить знать язык и владеть/Н.М. Шанский,И.Л. Резниченко, Т.С.Кудрявцева, Г.В.Клименко.-Л.:- Просвещение.- 1989. - С.140.
11. Щубин Э.П. Основные принципы методики обучения иностранным языкам./Э.П.Щубин.- М:.- Правда.-1963. -190 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ МОНЕАҲОИ ЗАБОНӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФ КАРДАНИ ОНҲО

Муаллиф дар мақола роҷеъ ба монеаҳои психологии забонӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ, сухан ронда, кӯшиш ба харҷ додаст, ки роҳҳои бартараф кардани онро номбар намояд. Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки барои бартараф кардани монеаҳои забонӣ ва ҳолатҳои ногувори психологӣ ба омӯзгорони забони хориҷӣ лозим аст, ки дар дарсхо аз усулу методҳои фаъол, воситаҳои навини техникӣ истифода баранд. Ҳамчунон, иброз дошта шудааст, ки ташкил намудани шароитҳои вазъияти муоширатӣ дар машғулиятҳо беҳтарин усул барои бартараф кардани монеаҳои психологии забономӯзӣ шуда метавонанд.

**Калидвожаҳо:** *забони хориҷӣ, монеаҳои забонӣ, шароитҳои дидактикӣ, муошират, принсип, омилҳои психологӣ, воситаҳои техникӣ.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ЯЗЫКОВЫХ БАРЬЕРОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА И СПОСОБЫ ИХ ПРЕОДОЛЕНИЯ

В статье автор рассматривает психологические языковые препятствия в процессе изучения иностранного языка и попытается перечислить способы их преодоления. В частности, отмечается, что для преодоления языковых барьеров и неприятных психологических ситуаций преподавателям иностранных языков необходимо использовать на уроках активные методы и новые технические средства. Также установлено, что организация условий коммуникативной ситуации на занятиях может быть лучшим методом преодоления психологических препятствий для изучения языка.

**Ключевые слова:** *иностранный язык, языковые барьеры, дидактические условия, общение, принцип, психологические факторы, технические средства.*

## PSYCHOLOGICAL CHARACTERISTICS OF LANGUAGE BARRIERS IN LEARNING A FOREIGN LANGUAGE AND WAYS TO OVERCOME THEM

In the article, the author considers psychological language barriers in the process of learning a foreign language and tries to list ways to overcome them. In particular, it is noted that in order to overcome language barriers and unpleasant psychological situations, teachers of foreign languages need to use active methods and new technical means in the classroom. It was also found that the organization of the conditions of the communicative situation in the classroom can be the best method to overcome the psychological barriers to language learning.

**Key words:** *foreign language, language barriers, didactic conditions, communication, principle, psychological factors, technical means.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Абдулло-зоде Маҳфуза Икромовна, ходими илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2. Тел.: (+992) 777090202, e-mail: mahfuza.abdullozode@gmail.com*

**Сведения об авторах:** *Абдулло-зоде Махфуза Икромовна, научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. г. Душанбе, ул. А. Адхамов 11/2. Тел.: (+992) 777090202, e-mail: mahfuza.abdullozode@gmail.com*

**Information about the authors:** *Abdullo-zode Mahfuza Ikromovna, researcher at the Institute of the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Dushanbe, st. A. Adkhamov 11/2..Tel.: (+992) 777090202, e-mail: mahfuza.abdullozode@gmail.com*

# РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ОМӮЗИШИ ПРОБЛЕМАИ ТАШАККУЛИ ШАХС ТАВАССУТИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

*Аслонов Д. И.*

**Унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Тибқи таъкиди одилонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар тамоми давраҳои таърихи башарият ҳамчун омили асосӣ дар тарбияи ҷисмонию маънавии аъзоёни солими ҷомеа нақши муҳим бозидаанд. Варзиш яке аз муҳимтарин ҷузъҳои фарҳанги башарӣ буда, ҳамчун сафири амният ва сулҳ вазифаи муҳимро иҷро намуда, ба саломатии инсон, рушди ҳамаҷонибаи он, тарбияи ҳисси ҳамбастагӣ ва дӯстии намояндагони халқҳои гуногун мусоидат мекунад.

Чуноне ки муҳаққиқони сершумори хориҷӣ ва тоҷик мутмаинанд, тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, аз ҷамъияти ибтидоӣ сарчашма мегирад. Ҳамаи халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла халқҳои Осиёи Миёна аз ин марҳалаи таърихӣ гузаштанд. Дар давраҳои ибтидоии инкишофи инсон дараҷаи рушди равонӣ ва ҷисмонӣ шарти асосии зинда мондани ӯ ба шумор мерафт [2].

Яке аз бузургтарин мутафаккирони замони гузашта Абуалӣ ибни Сино дар асарҳои худ навишта буд, ки тарбияи ҷисмонӣ воситаи асосии нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани саломатӣ мебошад. Дар китоби «Қонуни тиб» навиштааст, ки барои обутоб ёфтани организм риояи қоидаҳои гигиена(беҳдошти саломатӣ), ғизои солим ва машқ зарур мебошад. Дар гузаштаи дур дар мардуми мо ба тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун аскетизм муносибат мекарданд. Зимнан, тарбияи ҷисмонӣ бо масъалаҳои экологӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад[1].

Аз нуктаи назари биологӣ машқҳои ҷисмонӣ шарти ҳатмии инкишофи мутаносиби инсон мебошанд. Маҳз талабот ба фаъолият ва зиндагии пуразриш ва расидан ба камолот шарти асосии пайдоиши машқҳои ҷисмонӣ гардидааст. Инсон, ҳамчун мавҷудоти мавҷудоти табиӣ ва биологӣ, на иҷтимоӣ, ягон намуди фаъолиятро мерос намегирад, аммо майли биологӣ барои иҷрои ин фаъолият метавонад ба сифати ирсӣ табдил ёбад. Тавассути машқҳои ҷисмонӣ шахс метавонад аломатҳои қобилияти табии худро, ки аз лаҳзаи таваллуд соҳиб аст, такмил диҳад. Фаъолияти меҳнатӣ, ҳамчун падидаи интегратсияи принсипҳои биологӣ ва иҷтимоӣ, натиҷаи омилҳои иҷтимоӣ мебошад. Муоширати байни одамон муҳитест, ки дар он интиқоли таҷрибаи ҷамъиятию таърихӣ, аз ҷумла таҷрибаи машқҳои мақсаднок, бошуурона амалӣ карда мешавад [4].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи тадқиқот ба хулосае омадем, ки дар амалия пайдо гардидани машқҳои ҷисмонӣ, ки асоси ташаккули тарбияи ҷисмониро дар байни мардуми Осиёи Миёна, аз ҷумла дар ҳудуди Тоҷикистони муосир, замина мегузорад, сарчашмаи худро аз ҷамъияти ибтидоӣ гирифтааст ва фаъолияти истеҳсолӣ бошад, ки дар он давра нақши онро шикор иҷро мекард, барои пайдоиши ин падидаи фарҳангӣ баромади иҷтимоӣ дорад.

Дар давраи таърихии баррасишаванда тарбияи ҷисмонӣ дар байни ниёгони мо характери синфӣ дошт. Машқҳои ҷисмонӣ барои синфҳои мазлум аҳамияти хоса дошта, дар ҳаёти ғуломдорон нақши бориз мебозид [7].

Қобили қайд аст, ки дар солҳои ба ҳайати ИҶШС дохил шудани ҷумҳурии мо дар РСС Тоҷикистон, ки соли 1929 ташкил ёфта буд, дар назди Комитети Иҷроияи Марказии РСС Тоҷикистон Совети (Шурои) физкултура ва спорт ташкил карда шуда буд. Натиҷаи аввали ин Спартакиадаи республикавӣ, ки соли 1933 барпо гардид, дар базаи комплексии ГТО ба таври васеъ ба варзиш фаъолона ҷалб намудани халқи тоҷик мебошад. То оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон зиёда аз 80 ҳазор нафар варзишгарони тоҷик ба 300 коллективи варзишию тандурустӣ муттаҳид шуда буданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҷумҳурӣ кариб 50 ҳазор нафар ҷавонон аз рӯйи намудҳои варзиши ҳарбии амалӣ тайёр карда шуданд. Дар давраи баъд аз ҷанг дар ҷумҳурӣ фаъолияти физкультура ва спорт аз нав сар шуд. Ҳамин тавр, варзишгарони ҷумҳурӣ дар Спартакиадаи 5-уми умумитоҷикистонӣ, ки соли 1952 дар шаҳри Душанбе барпо гардид, дар таърихи Тоҷикистон ба 17 дастоварди баландтарин ноил гардиданд.

Варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои умумииттифоқӣ фаъолона иштирок карданд. Аз солҳои шастуми асри гузашта намояндагони ҷумҳурии мо ба дараҷаи байналхалқӣ баромаданд, ки ба ин ривоҷи васеи шабакаи мактабҳои спортии наврасон, ки дар ҷумҳурӣ насли нави чемпионҳо, ғолибони форумҳои калонтарини республикавӣ, умумииттифоқӣ ва байналхалқии спортиро тайёр кардааст, ба таври назаррас мусоидат намуд.

Пешравии назаррас дар тарбияи кадрҳои омӯзгории соҳибихтисос дар соҳаи варзиш бо кушода шудани Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1971 ба амал омад. Ташкилотҳои варзишии ҷумҳурӣ бо иштироки фаъолонаи созмонҳои ҷавонон шумораи зиёди фаъолони физкултура ва спортро тарбия карданд. Масалан, то соли 1983 дар Тоҷикистон қариб 49 ҳазор тренер ва зиёда аз 62 ҳазор ҳакамон ба таври ихтиёрӣ кор мекарданд. Корҳои методиро 511 нафар мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи варзиш ба ҷо меоварданд.

Дар кори ба варзиш фаъолона ҷалб намудани ҷавонон шаклҳои гуногуни кори оммавии варзишӣ ва тарғиботӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои сершумори ҷавонони ҷумҳурӣ гузаронида мешуданд, нақши бориз дошт. Коллективҳои тарғиботии варзишӣ, ки дар онҳо варзишгарони номдори тоҷик иштирок доштанд, маърузаву вохӯриҳо бо варзишгарони хизматнишондода, ғолибони бозиҳои олимпӣ ва дигар мусобиқаҳои байналхалқӣ, митингҳои агитатсионӣ ва дигар чорабиниҳои оммавии варзишӣ самари хуб медоданд.

Ба шарофати ҷидду ҷаҳди ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва варзишӣ, дар асоси фаъолияти тарғиботии варзишӣ дар ҷойҳои истиқоматии ҷавонон корҳои варзишӣ-фарҳангӣ вусъат ёфтанд. Бо ин мақсад дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ мусобиқаҳои сершумор ташкил карда шуданд, ки дар онҳо ташкилкунандагони корҳои оммавӣ-варзишӣ ва тарбиявӣ комёбиҳои худро нишон доданд. Таваҷҷуҳи махсус ба кор дар ҷойи истиқомати кӯдакону наврасон зоҳир карда шуд. Дар коллективҳои меҳнатӣ ва мактабҳо мусобиқаҳои шиноварон, шохмотбозон, футболбозон ва устодони дигар намудҳои варзиш барпо мегардиданд. Масалан, соли 1981 дар мусобиқаи «Тӯби чармин» зиёда аз 60 ҳазор нафар футболбозони ҷавони тоҷик иштирок доштанд. Барномаи телевизионии ҳарбӣ-варзишии «Майдон аз Далер!» миёни ҷавонони тоҷик маҳбубияти зиёд пайдо карда буд. Чунин шаклҳои чорабиниҳои варзишӣ-тарбиявӣ на танҳо таъсири пурзӯри тарғиботӣ мебахшанд, балки ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас низ мусоидат мекунанд.

Барои варзиши тоҷик соли 1975 санаи муҳимме буд, ки аввалин бор дар таърихи Тоҷикистон духтари тоҷик Зебунисо Рустамова дар чемпионати ҷаҳон оид ба камонварӣ зинаи баландтаринро ишғол кард.

Халқи тоҷик аз чунин варзишгарони барҷаста, ба монанди заврақрон Иброҳим Ҳасанов, гуштингири самбо Саидмуъмин Раҳимов, гимнаст Эрика Шиеллер, шамшербоз Ҳусейн Исмоилов, муштзан Ҳайдар Мадмусаев, велосипедрон Саид Ҳусейнов ва дигар варзишгарони тоҷик фахр мекунад.

Дар солҳои истиқлолият дар кишвар тамоми шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст, то ки варзишгарони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ васеъ муаррифӣ гардида, дар ҳаракати байналмилалии олимпӣ саҳмгузор бошанд. Тоҷикистони соҳибистиқлол, аллакай, чемпионҳои олимпии худро дорад, ки Х. Ҳасанов, Р.Боқиев, С.Раҳимов, Х.Назриев, А.Абдувалиев аз ҷумлаи онҳоянд. Варзишгарони тоҷик С.Бабиков, Ш.Достиев, Г.Дадабоева, Д.Назаров, Наргис Набиева дар Олимпиадаи Афина фаъолона иштирок намуданд [10, С.119-124].

Дар баробари ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кори варзиш дар байни ҷавонони Тоҷикистон баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Масалан, баъзе ҷавонписарон ва духтарон дар иҷрои нормативҳои варзиш душворӣ мекашанд, инчунин маҳорати шиноварӣ ва тирандозӣ надоранд.

Дар сатҳи зарурӣ надонистани забонҳои англисӣ ва русӣ ба як қатор намояндагони деҳоти ноҳияҳои ҷумҳурӣ имкон намедиҳад, ки онҳо талаботи стандартҳои техникиву ҳарбиро пурра риоя кунанд.

Барои таҳияи маҷмуи тавсияҳо оид ба рафъи камбудиҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ гузаронидани конференсияи илмӣ-амалӣ зарур аст, то ки дар доираи он ҷанбаҳои мухталифи рушди соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар ҷумҳурӣ, дастовардҳо ва мушкилоти он муҳокима гардида, тадбирҳои минбаъда барои такмили он муайян карда шаванд.

Имрӯзҳо дар маркази диққати ходимони варзиш ва педагогика ва умуман аҳли ҷомеа чунин масъалаҳо, аз қабили дар ҷумҳурӣ паҳн намудани намудҳои нави варзиш, ки солҳои охир дар хориҷи кишвар шуҳрати калон пайдо кардаанд, инчунин даъват ба анъанаҳои чандинасраи варзиши миллӣ дар ҷумҳурӣ ва умуман, масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла солимии ҷисмонӣ ва равонӣ, меистад. Бо ташаббуси Кумитаи миллии олимпии ҷумҳурӣ, бо дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар намудҳои гуногуни ҳунарҳои размии шарқӣ дар асоси ҷаҳонбинии фалсафию ахлоқии Шарқ фаъолият доранд. Инчунин ҷиҳати эҳёи шавқу рағбат ва рушди намудҳои анъанавии варзиш, аз ҷумла бозиҳои варзишӣ ва дастаҷамъӣ корҳои фаъол идома доранд. Барои

густариш ва таҳкими равобити байналмилалии варзишгарони тоҷик таъсиси федератсияҳои миллии варзиш дар намудҳои гуногуни варзиш аҳамияти хосаро касб намудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст, ки дар назди сохторҳои тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон вазифаҳои муҳимме, аз қабили пурзӯр намудани талошҳо барои баланд бардоштани нуфузи байналмилалии варзишгарони тоҷик, инчунин пурзӯр намудани корҳои тарбиявӣ дар байни онҳо бо мақсади таҳкими ватандӯстӣ, бедор намудани шавқу рағбат ба анъанаҳои миллии варзишӣ ва умуман, ба донистани таърихи халқи тоҷик истодааст [8, С. 219-223].

Ҳамин тариқ, омӯзиши решаҳои таърихии рушди фарҳанги ҷисмонӣ дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ дар давраи бостон на танҳо барои Тоҷикистони муосир, балки барои ҳамсояҳои он дар минтақа низ, ки тафаккур ва урфу одатҳои наздик, эътиқоди динӣ ва ахлоқӣ, системаи муштараки арзишҳои маънавиро дороанд, аҳамияти муҳим дорад. Саҳми халқҳои Осиёи Марказӣ дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, заминаи шукуфоӣ ва рушди минбаъдаи фарҳангии он бидуни шубҳа бузург аст.

Аҷдоди мо анъанаҳои ғании равишҳои маънавиро инкишоф додаанд, ки онҳо барои тарбияи насли наврас дар эҳтироми ҳақиқат, тоъату итоаткорӣ, эҳтиром нисбат ба калонсолон, хоксорӣ, омодагӣ барои қурбон намудани манфиати худ ба хотири кумак ба ҳамсоя равона гардидаанд. Ҷанбаи асосии ин анъанаҳо ташаккули принсипҳои маънавию ахлоқиест, ки ба рад кардани майли аз ҳад зиёд ба қудрат, тамаъ, сарватмандӣ бо ҳар восита асос ёфтааст.

Машғулиятҳи варзишӣ имконият медиҳанд, ки дар ҷавонон чунин хислатҳо, ба монанди ирода, боварӣ, меҳнатдустӣ, интизомнокӣ, коллективизм, тайёр будан барои кумак ба дигарон ташаккул ёбанд. Нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани саломатӣ мақсади асосии фаъолияти системаи варзишии оммавӣ ва тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад варзиши ҷавонон нақши бориз дорад.

Ҳамчун шахсият инсоне дар назар дошта мешавад, ки на танҳо ба дараҷаи муайяни рушди ҷисмонӣ расидааст, балки дар ӯ маҷмуи муайяни сифатҳои шахсият, асосҳои ахлоқиву маънавии шахсият, ки пояи асосии инсони комил, доираи манфиатҳои ӯ, мавқеи иҷтимоии ӯро инъикос мекунанд, ташаккул ёфтааст.Мо модули шахсиятро дар асоси таҳқиқоти назариявии И. Туревский, В.И. Ильинич, Ю.И. Евсеев тибқи принципи сатҳӣ пешниҳод мекунем [9]:

*Расми1*.Сатҳи шахсият




Мо заминаи психологиро сифатҳои асосии шахсияти фард мешуморем. Он сатҳи инкишофи фарҳангӣ, дониш, муносибатҳои ахлоқӣ ва арзишӣ, ҳадафҳои зиндагӣ ва дигар параметрҳои равониро дар бар мегирад.

Сифатҳои ҷисмонӣ саломатии умумӣ, устуворӣ, суръат, ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо, чандирӣ, сифатҳои қавиро ифода менамояд.

Зери сифатҳои шахсӣ мо мақсаднокӣ, қобилияти бартараф кардани душвориҳо, меҳнатдустӣ, интизомнокӣ, хислатҳои қавииродагиро дар назар дорем.

Рафтори иҷтимоӣ қобилияти идора кардани эҳсосот, фарҳанги рафтор ва намуди зоҳирӣ, эҳтиром ба занон, кӯдакон, насли калонсол ва ҳамсафони онҳоро дар бар мегирад.

Ҳангоми баррасии равандҳои ташаккули шахсият рушди мутаносиби тамоми ҷузъҳои ифодакунандаи шахсият дар назар дошта мешавад. Дар ин замина баррасии ҳамаи ҷузъҳои он дар якҷоягӣ бо таҳлили раванди ташаккули хусусиятҳои он, ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар маҷмуъ, ба мақсад мувофиқ аст.

Динамикаи мусбати такмили тамоми ҷузъҳо далели инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият, худшиносии он, мутобиқшавӣ ба муҳити атроф мебошад. Омилҳои гуногун, аз қабили ҳолати равонӣ, саломатӣ, хусусиятҳои синну сол метавонанд ба таносуби ин ҷузъҳо таъсир расонанд. Хеле муҳим аст, ки параметрҳо аз ҳудуди муайяни шартӣ зиёд набошанд.




Дар системаи арзишҳои маънавӣ хислатҳои худтанқидкунӣ, муносибат ба меҳнат, мардонагӣ ва поквиҷдонӣ, интизомнокӣ, ватандустӣ, нуктаи назари шаҳрвандӣ, инсондустӣ ва ғайра мавқеи калон доранд. Дар аксари кишварҳои ҷаҳон бо мақсади ташаккули арзишҳои маънавӣ бо ҷавонон дарси ахлоқ гузаронида мешавад. Лиҳозан, ташаккули шахсияти муташаккил бидуни дониш ва қабули арзишҳои ахлоқӣғайриимкон аст. Дар бораи воситаҳои ташаккули маънавиёт сухан ронда, роҷеъ ба варзиши донишҷӯён ёдовар нашудан мумкин нест [11, С. 242-244].

Ташаккули шахсият ва инкишофи он, хусусиятҳои таъсири тарбияи ҷисмониро ба раванди мазкур баррасӣ намуда, мо дар назар дорем, ки шахсияти мутаносиб инкишофёфта аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим, аз ҷиҳати ахлоқиву маънавиёт ба ҷомеаи муосир мутобиқшуда мебошад.

Расми 2.Модели назариявии шахсияти инфиродии мутаносиб инкишофёфта

Фаъолияти соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии тарбияи ҷисмонӣҳамчун унсури таркибии фарҳанги умумӣ дар байни ҷавонон мусоидат намояд ва ҷанбаъҳои мавзуӣ ва фардиро дар бар гирад.

Дар ҷараёни азхуд кардани тарбияи ҷисмонӣ фард арзишҳои зеринро соҳиб мешавад:
- фаъолияти ҷисмонӣ;
- қобилият ва маҳорати баҳаракатоваранда;
- қаду қомат ва андоми зебо;
- донишҳо аз соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва ҳифзи саломатӣ;
- системаи сифатҳои ахлоқи ҳамида.

Беҳамто будани шах дар матнҳои фарҳанги ҷисмонӣ фаъолияти муайяни ба самти варзишӣ нигаронида шудаи фардеро ифода мекунад, ки мубтало ин фаъолият буда, онро ҳамчун воситаи такмили шахсият эҳсос мекунад. Дараҷаи олии ташаккули тарбияи ҷисмонии шахсият ин фаъолияти мустақилонаи ҷисмонии ӯ мебошад. Дар сатҳи шахсӣ тарбияи ҷисмонӣ бо роҳи регрессивӣ ё прогрессивӣ инкишоф меёбад. Роҳи прогрессивӣ ин ҷараёни пай дар пай бартараф намудани зуҳуроти манфӣ ва хислатҳои манфии худ, зиддиятҳо мебошад, ки ҳамзамон бо дар як вақт ошкор намудан ва

дар амал татбиқ намудани неруйи ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, афзоиши доимии он, ба даст овардани натиҷаҳои варзишӣ сурат мегирад. Дар самти регрессивӣ коҳиши фаъолият дар ин ё он самт ба назар мерасад, ки он имкони худшиносиро ба таври назаррас маҳдуд мекунад, шахси алоҳида фақат ба таҷрибаи гузашта такя карда, худро ором мекунад, ки ин ба пайдоиши саъю кӯшишҳои нав, дидани пешомадҳои нави инкишофи шахсият мусоидат намекунад. Сатҳи нокифояи хештангароии фард дар раванди машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш боиси эҳсоси манфӣ ҳам дар доираи фаъолияти муқаррарӣ ва ҳам натиҷаҳои он мегардад. Ин ҳолат муҳити фарҳангии фардро хеле танг мекунад. Бояд мутазаккир шуд, ки ба вуҷуд омадани робитаҳои нав дар доираи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ташаббусест, ки худи шахсиятро рушд медиҳад. Тарбия ва варзиш, ҳамчун воситаи муҳими ташаккул ва такмили фарҳанги шахсӣ, барои ташаккули малакаҳои рафтори иҷтимоии инсон ва хусусиятҳои равонии шахсияти ӯ аҳамияти калон доранд [3, С. 20-22].

Ба андешаи мо, маҳз муносибати ба шахсият нигаронидашуда воситаи асосии методологии ҷараёни таълиму тарбия буда, ба донишҷӯён бо назардошти синну сол, хусусиятҳои фардӣ, саъюу кӯшиши онҳо, нерӯйи ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, талаботи таълимӣ таъсири ҳамаҷониба расонида метавонад, зеро муносибати мазкур ба принсипҳои инсондустӣ ва инкишоф, худшиносии эҷодии шахсият асос ёфтааст.

Дар заминаи таҳқиқоти худ мо самтҳои инфиродии таълимро ҳамчун яке аз шаклҳои ташкили раванди таълим ва фаъолияти беруназсинфии донишҷӯён бо назардошти эҳтиёҷоти инфиродӣ, шавқу рағбат ва дархостҳои онҳо дар заминаи дастгирии мунтазами педагогӣ баррасӣ намудем, ки ин ба ташаккули салоҳиятҳои касбии мутахассисони оянда мусоидат намуда, дар онҳо ҳисси қаноатмандӣ аз раванди таълими касбӣ дар МТОК, инчунин ноил шудан ба дастовардҳои варзишӣ дар соҳаи варзиши интихобкардаашонро бедор хоҳад кард [5, С. 390-394].

Самти инфиродии таълим дорои сохторест, ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Ҷузъи мақсаднок муайян кардани вазифаҳо ва гузоштани ҳадафҳои омӯзишро дар бар мегирад.
2. Ҷузъи мундариҷа мазмуни самти таълимии донишҷӯёни муайянро дар бар мегирад.
3. Ҷузъи технологӣ аз воситаҳо ва усули ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва ноил шудан ба ҳадафҳо иборат аст.
4. Ҷузъи муассир муайян кардани натиҷаи дилхоҳ, меъёрҳои арзёбӣ ва мӯҳлатҳои расидан ба ҳадафро дар бар мегирад.
5. Қисмати ташхис интихоби системаи ташхисиро дар бар мегирад.

Муносибати маҷмуӣ, ки омӯзгорони донишгоҳ дар раванди таълим истифода мебаранд, имкон медиҳад хатмкунандагони муассисаи таълимӣ ҳамчун шахсияти ҳамаҷониба ба камол расида, дорои тамоми хислатҳои барои фаъолияти касбии онҳо зарур - устуворӣ, мақсаднокӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ, хислатҳои ирода, маҳорати асосии пешраванда бошанд.

Раванди таълиму тарбия дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ба методҳои маҷмуии ба хонандагон таъсиррасон асос ёфтааст. Тавассути ин усул хислатҳои ба онҳо хос ташаккул ва такмил ёфта, имкон медиҳад, ки онҳо дар фаъолияти варзишӣ ба ҳадафҳои қаблан гузошташуда ноил гарданд.

Дар раванди тарбияи ҷисмонӣ шахсияти инфиродӣ дар натиҷаи татбиқи гурӯҳҳои зерини усулҳо ташаккул меёбад:

Усулҳои маъмултарини истифодашаванда: Усули эътиқод ба амал ё сухан яке аз усулҳои асосӣ дар ташаккули хислатҳои шахсии мутахассисони оянда эътироф шудааст. Он фаҳмонда додани моҳияти қоидаҳои аз тарафи умум қабулшуда ва меъёрҳои ахлоқии рафторро дар бар мегирад.

Усули машқҳо имкон медиҳад, ки сатҳи ташаккули малакаҳои асосии рафтор баланд бардошта шавад. Истифодаи мунтаззами чунин машқҳо ба ташаккули на танҳо сифатҳои касбӣ, балки ахлоқӣ низ мусоидат мекунад.

Усули ҳавасмандгардонӣ. Он ҳавасмандгардонии моддӣ ё маънавиро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки одатҳои ё хислатҳои хуби характер муттаҳид карда шаванд. Ҳавасмандгардонӣ дар ҳузури ҳамкасбон ё ҳамсабақон ба таври шифоҳӣ ва ё бо ягон ҷоиза, медали варзишӣ ва ғ.татбиқ карда мешавад.

Усули ҷазо (маҷбуркунӣ) нисбат ба вайронкунандаи меъёру қоидаҳои ахлоқӣ ё иҷтимоӣ истифода мешавад. Чунин усул бояд гунаҳкорро водор кунад, ки рафтори худро тағйир диҳад.

Аз баски ҷузъи фаъолияти шахсӣ, маъмулан, натанҳо дар назарияи педагогӣ, балки дар амалия низ фаъолияти танзимкунанда ҳисобида мешавад, ба андешаи мо, татбиқи равиши ба шахсият нигаронидашуда низ барои ташакули босамари сифатҳои шахсии мутахассиони оянда тавассути тарбияи варзишӣ мусоидат хоҳад кард [6, С. 383-384]

Бояд зикр намуд, ки захираи асосии таҳсилоти олӣ мутахассисони донишгоҳҳо мебошанд, ки дар муқоиса бо дигар зинаҳои системаи таълимӣ дорои неруи мутаносибан бузурги зеҳнӣ ва илмӣ буда, қодиранд барои ташаккули талабот ба тарзи ҳаёти солими донишҷӯён зимни машғулиятҳои ҷисмонӣ дар “МСД” заминаи боэътимод бошанд.

Ба ин минвол, дар бораи бартарияти дигар захираҳои ҳам моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ дар системаи таҳсилоти олӣ: молиявӣ, иттилоотӣ, таълимӣ ва ғайра низ сухан гуфтан мумкин аст. Ҳамаи ин захираҳо як воситаи тавонои ташаккули талабот ба тарзи ҳаёти солим дар машғулиятҳои “МСД” мебошанд, вале, тавре ки омӯзиши таҷрибаи муосири таълимӣ нишон медиҳад, онҳо на ҳамеша дар самти дуруст истифода мешаванд, ки ин имкон намедиҳад онҳоро пурра ба гурӯҳи потенсиалҳо дохил кунанд. Ин ҳолат дар раванди таълим амалҳои мақаднок ва махсуси педагогиро талаб мекунанд. Аз ин рӯ, дар асоси принсипҳои умумии педагогӣ марҳилаҳои асосии раванди ташаккули талабот ба тарзи ҳаёти солими донишҷӯён зимни машғулиятҳо дар «Маркази саломатии донишҷӯён»: омодагӣ, асосӣ ва ниҳоӣ муайян карда шуданд. Ин принсипҳо ба мантиқи умумии фаъолияти педагогӣ мувофиқ буда, ҷузъҳои муайянкунии ҳадаф, мундариҷаи методҳо ва назорат-баҳодиҳиро пешбинӣ мекунанд.

Дар марҳилаи омодагӣ ҳадаф гузошта шуда, ташхиси талаботи мавҷуда ба тарзи ҳаёти солими хонандагон зимни машғулиятҳо дар «МДС» бо истифода аз усули гуногун гузаронида мешавад. Дар марҳилаи асосии раванди ташаккули эҳтиёҷот ба тарзи ҳаёти солими талабагон дар машғулиятҳои «Маркази саломатии донишҷӯён» маҷмуи чорабиниҳои педагогӣ татбиқ карда мешавад. Дар марҳалаи ниҳоии раванди ташаккули талаботи тарзи ҳаёти солими дар машғулиятҳи «Маркази саломатии донишҷӯён» натиҷаҳои корҳои анҷомдода ҷамъбаст гардида, дурнамои фаъолияти минбаъда дар ин самт муайян карда мешавад.

Самаранокии пасти татбиқи усулҳо ва технологияҳои татбиқи усулҳои ҳифзи саломатӣ, ки дар рафти таҳқиқот ошкор гардид, ҷустуҷӯйи дигар воситаҳои фаъол ва интерактивии ташаккули талабот ба тарзи ҳаёти солими хонандагонро дар машғулиятҳои «Маркази саломатии донишҷӯён», ки яке аз онҳо лоихакашии педагоги буд, тақозо менамояд. Қобил ба зикр аст, ки дар айни замон лоиҳакашӣ дар бисёр соҳаҳои ҳаёти инсон: тиҷорат ва истеҳсолот, фарҳангу санъат, илму маориф ворид шуда, босуръат инкишоф меёбад. Дар илми педагогикаи хориҷӣ ва ватанӣ вобаста ба самти омӯзиши ин усул тафсирҳои мухталиф, аз қабили усули омӯзиши лоиҳавӣ, методи тарҳрезӣ дар таълим, моделсозӣ дар таълим ва ғайра вуҷуд доранд. Вале, ба андешаи мо, моҳияти ин метод аз тарафи Э.Полат ҳаматарафа тафсир гардидааст. Номбурда онро ҳамчун маҷмуи муайяни усулҳои тарбиявию маърифатие пешниҳод менамояд, ки барои ҳалли масъалаи мушаххас тавассути амалҳои мустақилонаи донишҷӯён, инчунин роҳи ноил гардидан ба мақсадҳо тавассути омӯзиши амиқи мушкилот, ки бояд нишондоди конкретиро дар бар гирад, истифода бурда мешавад.

Дар асоси натиҷаҳои омӯзиши як қатор корҳои илмӣ дар ин самт марҳилаҳои асосии тарҳрезии педагогӣ - ҷустуҷӯ ва таҳқиқот, корҳои ташкилию омодагӣ, амалӣ, муаррифӣ, ки дар рафти онҳо зарурати тарзи ҳаёти солимро дар “Маркази саломатии донишҷӯён” ташаккул додан мумкин аст, муайян карда шуданд.

Мундариҷаи марҳилаи ҷустуҷӯйӣ ва таҳқиқотии фаъолияти лоиҳавӣ дар машғулиятҳо дар «МСД» мубрамияти он мебошад, яъне муайян намудани ҷанбаҳои муҳимтарин, ки таваҷҷуҳи махсусро тақозо намуда, дар раванди ташаккули талабот ба тарзи ҳаёти солим метавонад барқарор намудани саломатӣ, бартараф намудани одатҳои бад, интихоби ғизои солим, муқаррар намудани реҷаи таҳсил ва истироҳат ва ғайраро ифода намояд.

Дар марҳилаи ташкилӣ ва омодагӣ донишҷӯёни гурӯҳҳои махсуси омӯзишӣ ғоя ва ҳадафҳои лоиҳаро амалӣ мегардонанд.

Дар марҳилаи кори амалӣ санҷиши тахминҳое, ки аз тарафи донишҷӯёни гурӯҳҳои махсуси омодагирӣ пешниход гардидаанд, бо истифода аз шаклу усулҳои гуногуни фаъолияти тарбиявӣ гузаронида мешавад.

Марҳилаи муаррифӣ, шояд, дар ҳама чорабиниҳои лоиҳавӣ дар «Маркази саломатии донишҷӯён» давраи мушкилтарин бошад, чунки натиҷаҳои он ҳимоя карда мешаванд. Дар фаҳмиши анъанавии фаъолияти лоиҳавӣ ба ин марҳила аҳамияти кофӣ дода намешавад, ки ин камбудии ҷиддӣ аст, махсусан, вақте ки кори мураккаб ва тӯлонии донишҷӯён баҳои дуруст намегирад. Аз ин рӯ, мазмуни марҳилаи муаррифии лоиҳаи педагогӣ бояд оммавигардонии натиҷаҳои он бошад, ки усули оптималии татбиқи он усули таблиғот мебошад.

Илова бар ин, рафти таҳқиқот нишон дод, ки фаъолияти лоиҳавӣ ва тарғиботиро дар системаи таҳсилоти олӣ дар “Маркази саломатии донишҷӯён” ҳамгиро намудан зарур аст, зеро ки натиҷаи кӯшишҳои онҳо дар соҳаи тарзи ҳаёти солим бояд аз тарафи аҳли ҷомеа эътироф пайдо кунад.

Ҳамзамон, фаъолияти лоиҳавӣ-тарғиботӣ, ҳамчун пайдарпайии амалҳое пешниҳод карда мешавад, ки дар сохтори лоиҳа дар «Маркази саломатии донишҷӯён» дар самти ташаккули эҳтиёҷоти тарзи ҳаёти солим муайян карда мешаванд ва натиҷаҳои онҳо ҳатман оммавӣ гардонида мешаванд. Муҳтавои лоиҳа ва чорабиниҳои таблиғотӣ оид ба ташаккули эҳтиёҷот ба тарзи ҳаёти солими хонандагон дар «Маркази саломатии донишҷӯён» амалӣ гардонидан, баён кардан, санҷиш ва оммавӣ гардонидани ғояҳои ҳифзи саломатӣ дар байни донишҷӯён мебошад.

## АДАБИЁТ:


1. Абуали ибн Сина // Сборник сочинений. - Ч. 2. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 558 с. (на таджикском языке).
2. Болтаев, М. Н. Философские взгляды Абуали ибн Сина/ М.Н.Болтаев. - Душанбе, 1969. – 222 с. (на таджикском языке).
3. Винокуров, Е. Г. Физическая культура в нравственном развитии личности / Е. Г. Винокуров // Вестник научных конференций. – 2019. – № 10-2(50). – С. 20-22.
4. Гафуров, Б. Г. Таджики (Древнейшая, древняя и средневековая история)/ Б.Г.Гафуров.- Кн. 1. - Душанбе: Ирфон, 1989. – 384 с.
5. Корнилова, А. С. Физическое развитие студентов, занимающихся физической культурой в группе лечебной физической культуры / А. С. Корнилова // Чебоксары: Чувашский государственный аграрный университет, 2021. – С. 390-394.
6. Краснов, Р. К. Физическое воспитание как инструмент развития духовной культуры личности и личностных качеств студентов / Р. К. Краснов, А. Л. Слепченко, В. В. Вольский // Молодой ученый. – 2019. – № 19(257). – С. 383-384.
7. Нажмиддинова Г. Н. Великие мыслители Востока об обязанностях родителей по воспитанию детей/ Г.Н.Нажмиддинова. – Душанбе, 2009. – 226 с.
8. Сафаров, Ш. А. Проблемы, препятствующие развитию физической культуры и спорта и пути их решения в Республике Таджикистан / Краснодар: Кубанский государственный университет физической культуры, спорта и туризма, 2022. – С. 219-223.
9. Туревский И. М. Психомоторная подготовленность человека: структура, онтогенез, практика: монография / И. М. Туревский. - Тула: Изд - во Тул. гос. пед. у-та им. Л. И. Толстого, 2012. - 365 с.
10. Факеров Х.Н. Анализ и оценка современного состояния и развития физической культуры и спорта в Республике Таджикистан./ Х.Н. Факеров, М.Х.Саидова //Вестник ТНУ. Серия экономических и социально-гуманитарных наук.-Душанбе: «Сино», 2016. № 2/9(218). – С.119-124.
11. Шапка, С. Н. Педагогическая система развития физической культуры личности / С. Н. Шапка, Л. Г. Габуева // Мир науки, культуры, образования. – 2020. – № 1(80). – С. 242-244.


## РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ОМӮЗИШИ ПРОБЛЕМАИ ТАШАККУЛИ ШАХС ТАВАССУТИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ


Дар мақола муносибати назариявӣ ва методӣ ба омӯзиши проблемаи ташаккули шахс тавассути тарбияи ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор додашуда, аз ҷумла қайд карда мешавад, ки инсон, ҳамчун мавҷудоти табиӣ ва биологӣ, на иҷтимоӣ, ягон намуди фаъолиятро мерос намегирад, аммо майли биологӣ барои иҷрои ин фаъолият метавонад ба сифати ирсӣ табдил ёбад,тавассути машқҳои ҷисмонӣ шахс метавонад аломатҳои қобилияти табиии худро, ки аз лаҳзаи таваллуд соҳиб аст, такмил диҳад.

Ҳамчунин, самтҳои инфиродии таълим ҳамчун яке аз шаклҳои ташкили раванди таълим ва фаъолияти беруназсинфии донишҷӯён бо назардошти эҳтиёҷоти инфиродӣ, шавқу рағбат ва дархостҳои онҳо дар заминаи дастгирии мунтазами педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои касбии мутахассисони оянда мусоидат намуда, дар онҳо ҳисси қаноатмандӣ аз раванди таълими касбӣ дар МТОК, инчунин ноил шудан ба дастовардҳои варзишӣ дар соҳаи варзиши интихобкардаашонро бедор хоҳад кард, таҳлилу арзёбӣ шудааст.



**Калидвожаҳо:** *муносибати назариявӣ ва методӣ, ташаккули шахс, сифати ирсӣ, машқҳои ҷисмонӣ, фаъолияти беруназсинфӣ, салоҳияти касбӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, лоиҳаи педагогӣ, соҳаи варзиш, ташаккули салоҳиятҳо.*


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ И МЕТОДЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЕ ЛИЧНОСТИ ЧЕРЕЗ ФИЗИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ


В статье рассматривается теоретико-методологический подход к изучению проблемы формирования личности посредством физического воспитания, в частности отмечается, что

посредством физических упражнений человек способен совершенствовать природные задатки, которыми он обладает от самого рождения иявляясь интегрированным феноменом биологического и социального начал, трудовая деятельность, тем не менее, является порождением социальных факторов.

Также, в статье подвергнуты анализу индивидуальные направления обучения как одна из форм организации учебного процесса и внеучебной деятельности обучающихся с учетом их индивидуальных потребностей, интересов и запросов в условиях регулярного педагогического сопровождения, что способствует формированию профессиональных компетенций будущих специалистов и в них будет просыпаться чувство удовлетворенности процессом профессионального образования в ВУЗе, а также достижением спортивных успехов в области избранного ими вида спорта.

**Ключевые слова:** *теоретико-методический подход, развитие личности, генетическое качество, физические упражнения, внеучебная деятельность, профессиональная компетентность, проектная деятельность, педагогический проект, отрасл спорта, развитие компетенций.*

## THEORETICAL APPROACHES AND RESEARCH METHODS OF THE PROBLEM OF PERSONALITY FORMATION THROUGH PHYSICAL EDUCATION

The article discusses a theoretical and methodological approach to studying the problem of personality formation through physical education, in particular, it is noted that through physical exercises a person is able to improve the natural inclinations that he has from birth and being an integrated phenomenon of biological and social principles, labor activity, nevertheless less, is a product of social factors. Also, the article analyzes individual areas of study as one of the forms of organizing the educational process and extracurricular activities of students, taking into account their individual needs, interests and requests in the context of regular pedagogical support, which contributes to the formation of professional competencies of future specialists and they will wake up a sense of satisfaction with the process professional education at the university, as well as the achievement of sports success in the field of their chosen sport.

**Keywords:** *Theoretical and methodological approach, personality development, genetic quality, physical exercises, extracurricular activities, professional competence, project activities, pedagogical project, sports industry, competence development.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Аслонов Далер - унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ; Суроға: 734063, ҶумҳурииТоҷикистон, к. Зарафшон, 8; Тел:. (992) 93 128 25 35; Почтаиэлектронӣ: daler.aslonov.87@ mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Аслонов Далерҷон Исломбоевич– соискатель Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни; Адрес: 734063, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Зарафшон, 8; Тел:. (992) 93 128 25 35; E.mail: daler.aslonov.87@ mail.ru*

**Information about the author:** *Aslonov Dalerjon Islomboevich - competitor of the Tajik State Pedagogical University named after. S. Aini; Address: 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. zarafshon, 8; Tel:. (992) 93 128 25 35; E.mail: daler.aslonov.87@ mail.ru*

**ТДУ (УДК) -159.9**
**ТКБ (ББК) -88.5 И-73**

# ТАШАККУЛЁБИИ РАВИЯИ ГУМАНИСТИИ ШАХСИЯТИ МАКТАББАЧАҲО ДАР СИСТЕМАИ ТАЪЛИМ

***Исмоилов Ш. Ғ.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Педагогикаи гуманистӣ ба маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида мешавад, ки ин фаҳмишҳоро бояд фарқ кард. Ба маънои маҳдуд ин технологияи педагогӣ, маҷмуи усулҳо, аз ҷумла, усули методие мебошад, ки барои гуманизатсияи таълим истифода мешаванд. Ба маънои васеъ он идеология ва методологияи педагогика мебошад. Вай танҳо бо барқарор намудани шиорҳои аз ҷиҳати педагогӣ дуруст ва усули самарабахш маҳдуд намешавад. Аҳаммияти он барои назария ва амалияи педагогӣ хеле васеътар аст, зеро идея ва принсипҳояш дар интихоби амсилаи нави таълим ҳамчун асос хизмат мекунанд.

Ба инкишофи афкори гуманистӣ дар педагогика асарҳои Е.В. Бондаревский, Л.Ю. Гордина, В.М. Коротов, В.Т. Лихачев, А.С. Макаренко, М.И. Мухина, Ю.П. Соколникова, Н.Е. Шурков ва диг. Таъсири назаррас гузоштаанд. Таҳлили рушди консепсияҳои гуманистӣ инъикоси худро дар асарҳои педагогҳои хориҷӣ Б.Л. Вулфссон, Л.М. Данилова, З.А.Малкова ва диг. ёфтааст.

Дар умқи педагогикаи шуравӣ педагогикаи гуманистӣ ба вуҷуд омад ва инкишоф ёфт. Ин соҳаи педагогика ба бартараф намудани монеаҳое, ки дар байни муаллиму хонанда вуҷуд доранд ва ба роҳ мондани ҳамкории созандаи онҳо равона шудааст. Хонандагон якҷоя бо омӯзгорон вазифаҳои умумии ҳаётан муҳимми амалӣ ва тарбиявию таълимиро барои беҳтар кардани ҳаёти худ ва атрофиён ҳал мекунанд.

Равияи гуманистӣ пешниҳод менамояд, ки аз истифодаи технологияҳои универсалии педагогӣ худдорӣ карда, вобаста ба хусусиятҳои инфиродии кӯдак бояд онҳоро тағйир дод. Бояд дар назар дошт, ки агар дар доираи як системаи таълимӣ технологияҳои тафовутдошта метавонанд якҷоя шаванд, ҳамгиро бошанд ва ҳамдигарро пурра кунанд, пас, амсилаи таълим, ки консепсияи умумии парадигмаи кори муассисаи таълимиро муайян мекунад, бояд ягона бошад. Аммо айни замон интихоби он барои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ мушкили зиёд дорад.

Масалан, амсилаи мустақилонаи омӯзиш муайян карда шудааст, ки онро М.Н. Берулава интегралӣ номидааст. Ин амсиларо танҳо дар доираи парадигмаи гуманистии маориф амалӣ кардан мумкин аст. Дар алоқамандӣ ба он таносуби интерпсихикӣ ва интрапсихикӣ ба тарзи нав фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо нақши субъекти рушди психикӣ дар раванди таълим ва худомӯзӣ ҳамчун омили муҳим баромад мекунад. Ин маънои онро дорад, ки шароити дохилӣ дар дараҷаҳои гуногун ба таъсироти беруна, ки ба он, пеш аз ҳама, таъсироти педагогӣ дохил мешавад, вобастагӣ дорад. Таваҷҷуҳ ба амсилаи интегралӣ аз он бармеояд, ки ҳама гуна мундариҷаи таълим, ҳама гуна технологияҳои педагогӣ танҳо дар сурате воситаи рушди худшиносии шахс шуда метавонанд, ки агар бо шароити дохилии он робита дошта бошанд [0].

Ин муносибат бо таҷдиди назар кардани нақши ҷомеа ва ҷиҳати афзалияти он барои фард алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, дар бораи меъёрҳои инкишофи психикӣ сухан ронда, бояд на танҳо ба меъёрҳои барои ҷомеа зарурӣ диққат дод, балки таваҷҷуҳ ба меъёрҳои барои субъекти маърифат аҳаммиятдошта низ бамаврид аст. Дар баробари ин, маълум аст, ки ҳар ду меъёр ба ҳамдигар таъсири мутақобила доранд.

Амсилаи интегралии таълим аз он бармеояд, ки бояд меъёри интихоби технологияи таълим на танҳо талаботи ҷомеа, балки пеш аз ҳама, хусусиятҳои психологии фард бошад (С.Л. Рубинштейн) [7, с.79].

Татбиқи амсилаи интегралии омӯзиш канорашавӣ ё аз байн бурдани нақши ҷанбаҳои инфиродӣ, психикӣ ё шахсии омӯзишро истисно мекунад. Ба ин маъно, вай ба амсилаи субъективии таълим мухолиф аст. Пас, метавон бо он муҳаққиқоне, ки мақсади асосии таълимро ташаккул додани дараҷаи баланди зеҳн медонанд, розӣ нашуд. Дар баробари ин, ташаккул додани сифатҳои шахсии одам дуюмдараҷа ҳисобида мешавад. Аммо дарки аҳаммияти ҷанбаи ахлоқии фаъолият ва муошират дар ягонагӣ бо ташаккул додани талабот ба худомӯзӣ ва худтарбиякунӣ заминаи воқеии самтгирии шахс ба сӯи такмили худшиносӣ мебошад.

Феълан ҳалли ин масъалаи муҳим дар саргаҳи масоили мубрами педагогикаи гуманистӣ қарор дорад. Шахсе, ки зеҳни баланд дорад, аммо дорои арзишҳои ахлоқӣ нест, хеле хатарнок аст. Таърихи ҳама давру замон ба мо мисолҳои даҳшатноки генотсид ва ваҳшониятеро пешниҳод мекунад, ки дар заминаи дастовардҳои илмӣ амалӣ карда шудаанд. Ҳамзамон, муаллифон дар бораи дараҷаи инкишофи зеҳн сухан ронда, одатан тафаккури назариявии калимагӣ-мантиқиро дар назар доранд, зеро маҳз ҳамин нишондиҳанда бо истифодаи тестҳои мавҷудбуда ташхис карда мешавад. Дар баробари ин, аҳаммияти муҳим доштани инкишофи зеҳни иҷтимоӣ, ки барои мутобиқ шудани шахс ба талаботи ҷомеа ва эҷодкорона амалӣ намудани зарфиятҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад, аксар вақт инкор карда мешавад. Дар ин радиф, арзиши дараҷаи баланди тафаккури амалӣ (зеҳни амалӣ) аз арзиши дараҷаи баланди инкишофи тафаккури назариявӣ, камтар нест.

И.Г.Песталотсий бори нахуст дар педагогика кӯшиш намуд, ки сирри «механизм»-и тарбия ва тарзи ташаккули шахсиятро ошкор кунад. Ӯ принсипи асосии тарбияи табииро пешниҳод кард, яъне ҳаёт худаш ҳама чиро танзим мекунад. Ҳаёти худи кӯдак ин роҳи табиии тарбияи ӯ аст: таълим, ташаккул, инкишоф. Худи инсон табиатан тавоноии инкишоф додани неруи зеҳнӣ ва тафаккурро тавассути амалҳои фикрӣ ва қобилияти ҳунармандӣ, яъне амалан ба кор бурдани онҳо ва машқ кардан дорад. Сифатҳои ахлоқӣ, яъне ишқ ва боварӣ танҳо дар сурате инкишоф меёбанд, ки шахс онҳоро дар амал нишон диҳад, яъне амал ва машқ кунад. Ягона роҳи инкишоф ва ташаккул додани хислатҳои шахсият машқ кардан, яъне дар амал татбиқ намудани онҳо аст, қайд мекунад муаллифи «Таронаи қувон» [5,].

К.Д. Ушинский заҳматҳои Песталотсийро ба дараҷаи баланд қадр карда, ӯро падари педагогикаи муосир ва аввалин муаллими халқӣ номида буд. К.Д. Ушинский қариб панҷ сол системаи мактабҳои Олмон, Белгия, Италия, Фаронса ва махсусан Шветсарияро омӯхтааст [6, 9].

К.Д. Ушинский мусоидат кардан ба инкишофи маълумоти ибтидоӣ ва таҳияи китобҳои дарсиро барои синфҳои ибтидоӣ вазифаи асосии худ медонист, вале ба нақшаҳои хаёлпарастонаи пешгузаштагони бузурги худ мувофиқ набуд. Ӯ муътақид буд, ки на педагогика ва на педагогҳо, балки худи халқ ва бузургони он роҳро ба сӯи оянда мекушоянд ва таърихро менависанд: "тарбия танҳо бо ҳамин роҳ пеш меравад ва дар ҳамгирой бо дигар қувваҳои ҷомеа амал карда, ба одамони алоҳида ва насли наврас кумак мекунад, ки бо ин роҳ пеш раванд» [9].

Педагоги барҷастаи шуравӣ В.А.Сухомлинский тамоми ҳаёти худро барои сохтани мактаби «ба инсондӯстӣ равонашуда» бахшид, ки дар он дониш инсонмеҳвар аст. Ӯ «ғояи озодиро ҳамчун воситаи худидоракунӣ таҳия кардааст». Барои ӯ «озодӣ ин «интихоби эҷодкорона» барои эҷод кардани ҳаёти худ» ва «интихоби бошууронаи роҳи зиндагӣ» аст [8]. Мавсуф ба таври боварибахш нишон дод, ки моҳияти табиӣ ва ҷамъиятии инсонро аз ҳам ҷудо кардан мумкин нест. Танҳо ягонагии мутаносиби онҳо бо фарогирии тамоми ҷузъҳои таълим имкон медиҳад, ки ҷомеа яклухтии рушди шахсиятро таъмин намояд. Ин мавқеъгирии В. А. Сухомлинский дар педагогикаи гуманистии ӯ яке аз нуктаҳои калидӣ мебошад. Педагоги навовар ба идеяи Я.Я. Коменский, ки онро Руссо ва Песталотсий ғанӣ гардонидаанд, такони тоза бахшид, яъне ҳадафи таълиму тарбия инкишоф додани «истеъдодҳои табиӣ»-и кӯдакон, таъмини рушди табиӣ ва ошкор кардани имкониятҳои онҳо аст.

Дар илми педагогика мафҳумҳои «гуманизатсияи мактаб» ё «гуманизатсияи маориф» пайдо шуда, бештар мавриди истифода қарор мегиранд, ки онҳоро муҳаққиқон ба маъноҳои гуногун шарҳ медиҳанд: тағйир додани мазмуни таълим, дар он афзоиш додани ҳиссаи донишҳои инсоншиносӣ ва арзишҳои фарҳанги умумиинсонӣ дар маҷмуъ (дар асл инсонмеҳварӣ), демократикунонии муошироти педагогӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди маънавию психологӣ дар ҳар як мактаб, зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардии мактаббачагон, таваҷҷуҳ ба соҳаи ҳавасмандгардонии кӯдак, самтгирии гуманистии муаллим ва ғ. Гуманизатсияи таълим ягонагии инкишофи умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва касбии шахсиятро пешниҳод мекунад. Ин принсипи иҷтимоию педагогӣ таҷдиди назар намудани мақсад, мазмун ва технологияи таълимро тақозо мекунад.

Бо такя ба таҳлили таҳқиқоти сершумори психологию педагогӣ мо қонуниятҳои гуманизатсияи таълимро мураттаб месозем.

1. *Таълим ҳамчун раванди ташаккул додани хусусият ва функсияҳои психикӣ ба ҳамкории насли наврас бо калонсолон ва муҳити иҷтимоӣ робита дорад.* Зуҳуроти психикӣ, қайд мекунад С.Л. Рубинштейн, дар раванди ҳамкории инсон бо олами атроф пайдо мешаван. А.Н. Леонтев муътақид буд, ки кӯдак бо олами атрофаш дар танҳоӣ ҳамкорӣ намекунад. Муносибати ӯ ба олам ҳамеша тавассути муносибатҳои одамони дигар мегузарад, ӯ пайваста ба муошират (фаъолияти муштарак, муошироти шифоҳӣ ё фикрӣ) ҳамроҳ карда мешавад. Барои аз худ намудани дастовардҳои фарҳанги моддию маънавӣ, ба талабот («ҷузъиёти фардият»)-и худ табдил додани онҳо, одам бо зуҳуроти олами атроф муносибати муайянро ба роҳ мемонад. Ин раванд вобаста ба функсияҳои худ раванди тарбия маҳсуб меёбад [, с.14].

2. Дар байни равияҳои гуманистии фаъолият ва рушди системаи маориф яке аз самтҳои асосии он, яъне тамоюлро ба рушди шахсият ҷудо кардан мумкин аст. *Ҳар қадаре инкишофи умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва касбии шахс муттавозин бошад, ӯ ҳамон қадар озоду эҷодкор мегардад.*

3. *Маориф дархости шахсиро қонеъ мегардонад, агар* ба қавли Л. Виготский, *он ба «минтақаи наздиктарини тараққиёт» нигаронида шуда бошад*, яъне ба функсияҳои психикие, ки аллакай дар кӯдак шакл гирифта, барои инкишофи минбаъда омода мебошанд. Ин самт пешбурди чунин мақсадҳои таълимро тақозо мекунад, ки рушди сифатҳои бунёдии дар давраи муайян барои ташаккули шахсият заруриро таъмин кунанд [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.274].

4. Имрӯз имконияти воқеӣ фароҳам оварда шудааст, ки шахсро на танҳо бо донишҳои зарурии касбӣ мусаллаҳ намоем, балки ба ӯ барои аз худ кардани фарҳанги умумибашарӣ имконият диҳем ва кумак расонем, зеро маҳз дар ҳамин асос рушди ҳаматарафаи шахсро таъмин кардан имконпазир аст. *Ҳамоҳанг будани ташаккулёбии шахсият бо фарҳанги умумибашарӣ ба сатҳи азхудкунии фарҳанги асосии башардӯстӣ вобаста аст.* Бо ин қонуният раҳёфти фарҳангӣ ба интихоби мазмуни таълим робитаи зич дорад. Аз ин лиҳоз, худмуайянкунии шахс дар фарҳанги ҷаҳонӣ хатти асосии гуманизатсияи мазмуни таълим мебошад.

5. Принсипи фарҳангшиносӣ баланд бардоштани мақоми илмҳои гуманитарӣ, таҷдиди назар намудани мазмуни онҳо, ошкор намудани маънавиёт ва арзишҳои умумибашарии онҳоро тақозо

мекунад. *Ба эътибор гирифтани анъанаҳои таърихӣ-фарҳангии халқ, ягонагии онҳо бо фарҳанги умумибашарӣ шарти муҳимтарини тартиб додани нақшаю барномаҳои нави таълимӣ мебошад.*

6. Фарҳанг вазифаи худро дар самти ташаккул додани шахс дар сурате амалӣ менамояд, ки инсонро фаъол созад, ба фаъолият водор намояд. *Ҳар қадаре фаъолияти барои шахс аҳаммиятошта гуногунрангу пурмаҳсул бошад, аз худ намудани фарҳанги умумибашарӣ ва касбӣ ҳамон қадар самарабахштар мешавад.* Фаъолияти шахс маҳз ҳамон механизмест, ки барои табдил додани маҷмуи зуҳуроти беруна ба навташкилаҳои шахс ҳамчун маҳсули инкишоф имконият медиҳанд. Ин аҳаммияти хоса доштани татбиқи раҳёфти фаъолиятиро ҳамчун стратегияи гуманизатсияи технологияҳои таълиму тарбия муайян мекунад. Вай имкон медиҳад, ки вазифаҳои педагогӣ ба «маънои шахсӣ»-и фаъолияти инсон табдил дода шаванд.

7. *Раванди инкишофи умумӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва касбии шахс ҳангоми ба сифати субъекти таълим баромад кардани хонанда характери оптималӣ пайдо мекунад.* Ин қонуният шарти ягонагии раҳёфтҳои фаъолиятӣ ва шахсӣ мебошад. Раҳёфти шахсӣ пешниҳод мекунад, ки бояд ҳам муаллим ва ҳам хонанда ба ҳар як одам ҳамчун ба арзиши мустақил муносибат кунанд, на ҳамчун ба воситаи расидан ба ҳадафҳои худ. Ин ба омодагии онҳо барои фаҳмидани одами дигар ҳамчун аъзои қобили таваҷҷуҳи ҷомеа ва эътироф кардани ҳуқуқи ӯ ба фарқ кардан аз дигарон, вобастагӣ дорад. Раҳёфти шахсӣ ворид намудани таҷрибаи шахсӣ (ҳиссиёт, таассурот, эмотсияҳо, амалу рафтори ба он мувофиқ)-ро ба раванди педагогӣ тақозо мекунад.

8. *Принсипи раҳёфти диалогӣ табдил додани мавқеи муаллим ва хонандаро ба мавқеи баробарҳуқуқии шахсӣ*, яъне ба мавқеи одамони ҳамкорикунанда пешниҳод мекунад. Чунин дигаргунсозӣ бо тағйир додани нақш ва вазифаҳои иштирокчиёни раванди педагогӣ алоқаманд аст. Муаллим таълим намедиҳад, тарбия намекунад, балки фаъол мегардонад, саъю кӯшишро бармеангезад, маромҳои хонандаро ба худинкишофдиҳӣ ташаккул медиҳад, фаъолии ӯро меомӯзад, барои пешрафти худ шароит фароҳам меорад. Дар баробари ин, бояд пайдарпаӣ ва динамикаи муайян риоя карда шавад: аз ёрии максималии муаллим ба хонандагон дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ (дар марҳилаи ибтидоии таълим) тавассути фаъолсозии тадриҷии хонандагон ба худитанзимкунии пурра дар таълим ва ба вуҷуд овардани муносибатҳои ҳамкорӣ (шарикӣ) дар байни онҳо.

9. Худинкишофдиҳии шахс ба дараҷаи ба эҷодиёт равона шудани раванди таълим вобаста аст. Ин қонуният асоси принсипи раҳёфти инфиродӣ-эҷодиро ташкил дода, маромноккунии бевоситаи фаъолияти таълимӣ ва дигар намудҳои фаъолият, ташкил кардани худтаҳрикдиҳиро барои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ пешниҳод мекунад. Ин ба хонанда имкон медиҳад, ки аз дарки инкишофёбӣ ва расидан ба ҳадафҳои худ ҳаловат барад. Мақсади асосии раҳёфти инфиродӣ-эҷодӣ фароҳам овардани шароит барои худвоқеиятбахшии шахс, инчунин, ошкор (ташхис) кардан ва инкишоф додани қобилиятҳои эҷодии худ мебошад. Маҳз ҳамин раҳёфт дараҷаи шахсии аз худ намудани фарҳанги асосии башардӯстиро таъмин менамояд.

10. Гуманизатсияи таълим дар дараҷаи муайян бо татбиқи принсипи масъулияти тарафайни касбӣ-ахлоқӣ алоқаманд аст. *Омодагии ба уҳдаи худ гирифтани ғамхорӣ ба одамони дигар аз тарафи иштирокчиёни раванди педагогӣ дараҷаи ташаккулёбии образи гуманистии ҳаётро муайян мекунад.*

Ҳамин тариқ, ҳамгироии раҳёфтҳои гуногун ба моҳияти гуманизатсияи таълим имкон дод, ки қонуниятҳои асосӣ ва системаи принсипҳои бо онҳо алоқаманд муайян карда шаванд. Таҳлили назариявии қонунҳо ва принсипҳои гуманизатсияи таълим имкон медиҳад, ки на танҳо самтҳои стратегии раванди таълим, балки барномаи тактикии татбиқи мақсадҳои инсонпарваронаи он низ муайян карда шавад.

- Мавқеъгириҳои асосиеро, ки тавсифдиҳандаҳои мундариҷаи омӯзиши таҷрибавии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасонро муайян мекунанд, чунин пешниҳод кардан мумкин аст:
- назари умумӣ ба таълим дар самти дарки амиқтари он ҳамчун раванди фарҳангӣ, ки моҳияташ дар усулҳои инсондӯстӣ ва эҷодии ҳамкории иштирокчиёни он зоҳир мешавад, тағйир меёбад;
- тасаввурот доир ба шахс, ки ба ғайр аз сифатҳои иҷтимоӣ дорои хосиятҳои гуногуни субъективии тавсифдиҳандаи мустақилият, қобилият ба интихоб кардан, рефлексия, худтанзимкунӣ ва ғ. мебошад, тағйир меёбад ва вобаста ба ин нақши ӯ дар раванди таълим низ тағйир ёфта, таълим ба сифати омили ташаккулдиҳандаи низоми шахсиятсозӣ баромад мекунад;
- муносибат ба хонанда ҳамчун объекти таъсиррасонии педагогӣ таҷдиди назар шуда, ба ӯ мақоми субъекти таълим ва ҳаёти худ дода мешавад. Фароҳам овардани шароит барои инкишоф ва

дарки таҷрибаи субъективӣ, хусусиятҳои инфиродӣ-шахсӣ, хислатҳо ва дастгирии педагогии фардияти кӯдакон ҳамчун мақсадҳои асосии таълим баррасӣ карда мешаванд;

- натиҷаҳои таҳқиқоти охирин оид ба механизмҳои психологии инкишофи шахс ба педагогика фаъолона ворид шуда, талабот пайдо мекунанд.

## АДАБИЁТ:


1. Берулава М.Н. Теория и практика гуманизации образования. - М., 2001. - 340 с.
2. Выготский Л.С. Собр. соч.: В 6 т.- М.: Педагогика, 1984. - Т. 4. - 432 с.
3. Коменский Я.А. Великая Дидактика. Хрестоматия по истории зарубежной педагогики / сост. А.И.Пискунов. - М., 1971. – 385 с.
4. Корнетов Г.Б. Гуманистическое образование: Традиции и перспективы. - М., 1993. - 135 с.
5. Монро П. История педагогики: Древность и средние века / под ред. Н.В.Виноградова. - М., 1991. - Ч.1. - 327 с.
6. Очерки истории школы и педагогики за рубежом. - М., 1988. – Ч.1. – 210 с.
7. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – СПб.: Питер, 1999.– 720 с.
8. Сухомлинский В.А. Идеи свободы и воспитания: Свободное воспитание. – М., 1993. - С.36.
9. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании // Избранные педагогические сочинения: В 2 т. - М., 1984.- Т.1. – 420 с.


## ТАШАККУЛЁБИИ РАВИЯИ ГУМАНИСТИИ ШАХСИЯТИ МАКТАББАЧАҲО ДАР СИСТЕМАИ ТАЪЛИМ


Ин мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини ташаккулёбии равияи гуманистии шахсияти мактаббачаҳо дар системаи таълим бахшида шудааст. Муаллиф ҳангоми муайян кардани шароити психологию педагогии ташаккулёбии равияи гуманистии шахсияти мактаббачаҳо дар системаи таълими муттасил зарур донистааст, ки маънои истилоҳҳои «гуманизм» ва «инсондӯстӣ» ба назар гирифта шавад. Педагогикаи гуманистӣ ба маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида мешавад, ки ин фаҳмишҳоро бояд фарқ кард. Ба маънои маҳдуд ин технологияи педагогӣ, маҷмуи усулҳо, аз ҷумла, усули методие мебошад, ки барои гуманизатсияи таълим истифода мешаванд. Бояд гуфт, ки ҳамгироии раҳёфтҳои гуногун ба моҳияти гуманизатсияи таълим имкон дод, ки қонуниятҳои асосӣ ва системаи принсипҳои бо онҳо алоқаманд муайян карда шаванд. Таҳлили назариявии қонунҳо ва принсипҳои гуманизатсияи таълим имкон медиҳад, ки на танҳо самтҳои стратегии раванди таълим, балки барномаи тактикии татбиқи мақсадҳои инсонпарваронаи он низ муайян карда шавад.

Бо такя ба таҳлили таҳқиқоти сершумори психологию педагогӣ дар мақола қонуниятҳои гуманизатсияи таълимро мураттаб кардааст.



**Вожаҳои калидӣ:** *ташаккул, психология, педагогика, равияи гуманистӣ, мактаббача, одамият, муносибатҳои байнишахсӣ системаи таълим, гуманизатсияи таълим.*


## ФОРМИРОВАНИЕ ГУМАНИСТИЧЕСКОГО НАПРАВЛЕНИЯ ЛИЧНОСТИ ШКОЛЬНИКОВ В СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ


Данная статья посвящена одной из важнейших проблем формирования гуманистического направления личности школьников в системе образования. При определении психолого-педагогических условий формирования гуманистического направления личности школьников в системе непрерывного образования автор считает необходимым учитывать значение терминов» гуманизм «и» гуманизм". Гуманистическая педагогика понимается в ограниченном и широком смысле, что эти идеи необходимо различать. В ограниченном смысле это педагогическая технология, совокупность методов, в частности методик, используемых для очеловечивания образования. Следует отметить, что интеграция различных председателей позволила очеловечить суть гуманизации образования, определить основные законы и систему принципов, с которыми они связаны. Теоретический анализ законов и принципов гуманизации образования позволяет определить не только стратегические направления образовательного процесса, но и тактическую программу реализации его гуманистических целей.

Опираясь на анализ многочисленных психолого-педагогических исследований, в статье были сформулированы законы гуманизации образования.



**Ключевые слова:** *формирование, психология, педагогика, гуманистическая ориентация, школьница, человечность, межличностные отношения система образования, гуманизация образования.*

**FORMATION OF THE HUMANISTIC DIRECTION OF THE PERSONALITY OF SCHOOLCHILDREN IN THE EDUCATION SYSTEM ANNOTATION**

This article is devoted to one of the most important problems of the formation of the humanistic direction of the personality of schoolchildren in the education system. When determining the psychological and pedagogical conditions for the formation of the humanistic direction of the personality of schoolchildren in the system of continuing education, the author considers it necessary to take into account the meaning of the terms "humanism". Humanistic pedagogy is understood in a limited and broad sense that these ideas need to be distinguished. In a limited sense, it is a pedagogical technology, a set of methods, in particular techniques used to humanize education. It should be noted that the integration of various chairmen made it possible to humanize the essence of the humanization of education, to define the basic laws and the system of principles with which they are associated. The theoretical analysis of the laws and principles of humanization of education allows us to determine not only the strategic directions of the educational process, but also the tactical program for the implementation of its humanistic goals.

Based on the analysis of numerous psychological and pedagogical studies, the article formulated the laws of humanization of education.

**Keywords:** *formation, psychology, pedagogy, humanistic orientation, schoolgirl, humanity, interpersonal relations education system, humanization of education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Исмоилов Шокирҷон Ғуломович - муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: azizmuhammad-98@mail.ru; тел.: +992-927 59 82 65.*

**Сведения об авторе:** *Исмоилов Шокиржон Гуломович - старший преподаватель кафедры общей психологии Худжандского государственного университета имени академика Бобожона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1. e-mail: azizmuhammad-98@mail.ru; тел.: +992-927 59 82 65.*

**Information about author:** *Ismailov Shokirjon Gulomovich - senior lecturer of the department of general psychology of academician Bobojon Gafurov Khujand state university, khujand, Mavlonbekov passage 1. e-mail: azizmuhammad-98@mail.ru ; tel.: +992-927 59 82 65*

**ТДУ: 809. 155.0+802.0**

## МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

***Раҳимова Ш. Д.***

**Донишгохи байналмилалии забонхои хориҷии Точикистон ба номи С. Улугзода**

Такрор ба воситаҳои забоние мансуб аст, ки аз истеъмоли дуюмини худи ҳамон як падидаи забонӣ иборат аст. Дар адабиёти забоншиносӣ такрорро аксар вақт бо редупликатсия айният медиҳанд. Масалан, «Луғатномаи забоншиносии энсиклопедӣ» (1990), калимаи «такрор»-ро бидуни тафсир гузошта, ба калимаи «редупликатсия» истинод оварда, чунин овардааст: «Редпликатсия (аз лотинии деринаи reduplkatjo-дутошавӣ) падидаи фономорфологие махсуб мешавад, ки аз ҷуфтшавии ҳиҷои ибтидоӣ (редупликатсияи ҷузъӣ) ё тамоми реша (редупликатсияи пурра) иборат мебошад. Редупликатсия ба забонҳои дорои сохти гуногун хос буда, вазифаҳояш гуногун мебошанд» [14, с. 4 08].

Дар китоби дарсии худ «Муқаддима ба забоншиносӣ» А.А. Реформатский таърифи зеринро овардааст: «Такрор ё редупликатсия аз такрори пурра ё ҷузъии реша, асос ё тамоми калима бе тағйирёбии таркиби овозӣ ё тағйирёбии ҷузъии он иборат мебошанд» [20, с. 287].

О.С. Ахманова дар «Луғати истилоҳоти забоншиносӣ» зимни тафсири вожаи «такрор» аз ҷумла навиштааст: «Такрор (ҷуфтшавӣ, редупликатсия, такрор) анг. Reduplickation, фр. Redajblement, нем. Werdeppelung или reduplication мебошад» [4, с. 327]. Ӯ дар луғатномаи худ навъҳои зерини такрорро қайд кардааст: 1) такрори пурра ё ҷузъии реша, асос ё тамоми калима бе тағйирёбии таркиби овозии онҳо (ё бо тағйирёбии ҷузъии он) ҳамчун усули ташаккули калимаҳо, шаклҳо ва воҳидҳои фразеологии синтетикӣ ва тавсифӣ. Масалан, калимаҳои дугоник – англ. Ling-long; оҳиста – оҳиста; 2) такрорҳои тақлиди овозҳо; 3) такрорҳои эмфатикӣ; 4) такрорҳои эҳсосотӣ ва ғайра.

Аз баррасии мухтасари манбаъҳои мазкури илмӣ дида мешавад, ки истилоҳҳои «такрор» ва «редупликатсия» айнӣ ва муродиф мебошанд, ва эҳтимоланд, чунин тафсири он сабаби ба вуҷуд

омадани шумораи зиёди рисолаҳои илмӣ бо истифодаи истилоҳи «редупликатсия» дар барорбари «такрор» дар асоси маводи забонҳои ҷаҳон гардидааст.

Муҳаққиқи тоҷик Н.А. Ғафуров дар диссертатсияи номзадии худ «Сохтор ва маънои такрор: ҷанбаи забоншиносӣ (дар маводи забони тоҷикӣ)» изҳори ақида кардааст, ки мафҳуми «такрор» назар ба «редупликатсия» васеътар мебошад. Ӯ таъкид менамояд, ки на ҳар гуна «ҷуфтшавӣ» такрор буда метавонад, ва ҳамчун такрор он ҷуфтшавиеро шуморидан зарур аст, ки аз ҳисоби худи ҳамон як падида, масалан, луғавӣ, фонетикӣ, грамматикӣ ташаккул меёбад. Бар асоси чунин мулоҳиза, мо ақидаи он ммуҳаққиқонеро низ ҷонибдорӣ намекунем, ки калимаҳои ҷуфти навъи «сурху сафед», «ному насаб»-ро ҳамчун такрор мешуморанд. Редупликатсия, гарчанде маънои ҷуфтшавиро ифода кунад ҳам, аммо аксар вақт ин ба такрори фонетикӣ ё ҷузъӣ дахл дорад [7, с. 19].

Масъалаи редупликатсия ҳамчун усули алоҳидаи калимасозӣ дар забоншиносии муосир баҳсталаб боқӣ мемонад. Ба ақидаи олимон – забоншиносон Г.Б. Антрушина [1; 2], О.Ю. Крючкова [13], Ф.Р. Минлос [17], калимасозӣ бо роҳу усулҳои редупликатсия амсилаи мустақили калимасозӣ ба шумор меравaнд. Ба ақидаи олимони дигар (О.Д.Мешкова [16], Е.В.Федяева [23]) бошад, редупликатсия ба таркиби калима ташаккулдиҳӣ ба сифати конституент дохил мешавад. Дар ҳоле ки бархе аз забоншиносон чунин ақида доранд, ки редупликатсия роҳу усули мустақили калимасозӣ ба шумор меравад, бархи дигари олимон дар бораи он баҳс мекунанд, ки оё дучандшавии асосро ба намуди мустақилона дохил кардан мумкин аст.

Ба назари мо, дар «Луғатномаи забоншиносии энсиклопедӣ» таърифи аниқтари «редупликатсия» дода шудааст, ки ба тариқи зайл садо медиҳад: «редупликатсия ин падидаи фономорфологӣ ба ҳисоб рафта, аз дучандшавии ҳиҷои ибтидоӣ (редупликатсияи ҷузъб: дар забони англисӣ – сосоа) ё решаи бутун (редупликатсияи пурра: дар забони англисӣ -grugru, gaga, hiwihiwi) иборат мебошад. Ҳолати ниҳоии редупликатсия такрор, яъне дучандшавии тамоми калима мебошад (дар забони англисӣ – goody-goody, divi-divi, chin-chin); ташаккулёбии чунин шаклҳо бо калимасозӣ пайванд мехӯрад. Ҳангоми редупликатсия овози садонок метавонад такрор ёбад, аммо метавонад овози садоноки дигар низ пайдо шавад (дар забони англисӣ – diddle-daddle, flip-perty-flopperty, kit-kat). Редупликатсия ба забонҳои дорои сохти гуногун сохт буда, вазифаҳояш гуногун буда, он метавонад маъниҳои грамматикиро низ ифода намояд. Аксар вақт редупликатся ҳамчун воситаи тағйирдиҳии маънии луғавӣ амал карда, шиддатнокӣ, резагӣ, камшавӣ ва ғайраро ифода мекунад» [14, с. 408].

Мафҳуми редупликатсия аз ҷониби олим – забоншиноси рус Г.Б. Антрушина ҳамчун раванди калимасозие дониста мешавад, ки ҳамчун амсилаи асосии он дучандшавии асос бидуни тағйироти фонетикӣ (bye-bye), ё дучандшавии асос, ва маҳз бо тағйирёбии садоноки решагӣ мебошад (ping-pong, chit-chat). Амсилаи охирин номи редупликатсияи дараҷавиро гирифтааст [2, с. 118].

Ба падидаи редупликатсия А. М. Зарипова, редупликатсия ин падидаи бозии забоние ба ҳисоб меравад, ки дар шеърҳои анъанавии кӯдакона зуҳур карда, дар забонҳои мушаххас хусусияти хоси миллию фарҳангиро пайдо мекунад, ки ин бо хусусиятҳои забони алоҳида дар маҷмӯъ ва ҳар як сатҳи забонӣ аз ҷумла ба вуҷуд омадааст [8; 9].

Ба ақидаи Е.Ф. Федяева, редупликатсия аз «такрори воҳидҳои сатҳҳои гуногуни забонӣ иборат буда, ба забонҳои дорои сохти гуногун хос мебошад» [23, с. 470].

Ба назари мо, редупликатсия ҳамчун усули мустақили калимасозие таъриф мешавад, ки бо гуногуннавъии шаклҳои зуҳурёбӣ, инчунин бо басомади баланди истифода дар калимасозӣ, махсусан дар ифодаи эҳсосот, муносибати гӯянда ба мавзуъ тавсиф мешавад. Дар ин росто, на танҳо моҳият ва табиати редупликатҳо, балки истифодаи онҳо дар сабку усулбҳои гуногуни нутқ низ ҷолиб ба назар менамояд.. Редупликатсия ба навъи пурмаҳсули калимасозӣ мансуб буда, ҳам дар нутқи хаттӣ, ҳам дар нутқи шифоҳӣ истифода мшавад.

Редупликатҳои забони англисиро ба ду гурӯҳи васеъ: пурра, нопурра (ҷузъӣ) тақсим кардан мумкин аст.

Азбаски муҳаққиқон дар бораи падидаи редупликатсия ақидаи ягона надоранд, аз ин рӯ, нисбат ба он муносибатҳои гуногун вуҷуд доранд. Тибқи ифодаи ҷамъбастӣ, ҳамчун редупликатсия дар забоншиносӣ такрор, ҷуфтшавӣ (изъоф) – и реша ё калимаи бутун ҳамчун усули ташаккулёбии калимаҳо, шаклҳои грамматикӣ, воҳидҳои фразеологӣ номида мешавад. Гарчанде то имрӯз дар забоншиносӣ таснифи аниқ қабулшудаи редупликатсия мавҷуд нест, он дар соҳаҳова бахшҳои гуогуни фаъолияти инсон ба тоаври васеъ истифоода мешавад. Калимаҳои фуфтшуда ба сифати смҳои хос мариди истифодаи фаъол қарор гирифта, имкониятҳои редупликатсия барои номгузории тамғаҳои тиҷорӣ ва корхонаҳо ҳамчун захираи бебаҳо маҳсуб мешаванд.

Дар забони англисӣ редупликатсияҳо дар услубҳои гуногуни нутқ истифода шуда, аксарияти калиимаҳое, ки аз рӯи редупликатсия ташаккул ёфтаанд, ба луғати гуфтугӯӣ тааллуқ дошта, аз ҷиҳати усулбӣ тамғагузорӣ карда шудаанд. Редупликатсия дар забони англисӣ вазифаҳои гуногунро иҷро карда, редупликатсияҳои бартаридошта редупликатсияҳои таъсирнок, эҳсосотӣ ва зебоишиносӣ ба шумор меравprintln [22].

Муҳаққиқони хориҷӣ дар бобати калимаҳои редупликативӣ ба чунин хулоса омадаанд, ки «сабабҳои такрор дар вазифаи асосии забон – ҳамчун воситаи муошират ниҳон мебошанд, зеро такрор кардани чизи гуфташуда бо талаботи гӯянда ба расонидани фикр то гӯшкунанда, ба ӯ талқин намуди ин фикр алоқаманд аст. Такрор, барзиёдӣ ба «гӯшкунанда» (мухотаб) кумак мекунад чизи гуфташударо дар ҳолате, ки «ғавғоҳои ҷонибӣ» ба иртиботи бомуваффақият халал мерасонанд, беҳтар фаҳмад. Редупликатсия ба гӯянда кумак мекунад фикри худро бо суръати бештар изҳор карда, зимнан, сухани минбаъдаи худро пухта кунад. Такрор ба гӯшкунанда имкон медиҳад иттилоотро бо худи ҳамон суръате, ки ба ӯ аз ҷониби гӯянда интиқол дода мешавад, дарк кунад» [27].

Редупликатсия дар забони англисӣ ба таври васеъ истифода шуда, вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Тасдиқи ин дар корҳои Е.Ф. Арсентев ва Р.Б.Валиуллин инъикос ёфта, аз ҷумла онҳо қайд мекунанд, ки: «доираи истифодаи редупликатсия хеле васеъ мебошад. Он барои ҳамаи жанрҳо ва усулбҳои нутқ маъмул мебошад. Аз редупликатсия ҳам дар нутқи адабию китобӣ, ҳам дар нутқи гуфтугӯӣ истифода мебаранд, он ҳам барои нутқи калонсолон, ҳам барои кӯдакон хос мебошад», «редупликатсия ҳамчун воситаи тағйирдиҳии маънии луғавӣ амал карда, шиддатнокӣ, рез – резӣ, камшавиро ифода мекунад» [3, с. 14].

Баъзе муҳаққиқон (С.Г. Николаев, Э.И. Ибрагимова) ба чунин назаранд, ки аксари калимаҳои редупликативӣ бо мурури замон метавонанд аз сленг ва сабку услуби гуфтугӯӣ ба дараҷаи луғати умумиистеъмолӣ гузаранд.

Ба ақидаи забоншинос С.Д. Никулин, «Редупликатсия барои мақсадҳои гуногун хизмат мекунад; он ҳамчун воситаи эҷод таъсири лаҳнию оҳангӣ ва эҷоди сабку услуби ғанӣ, маҳобатнок дар адабиётҳои аврупоӣ ба шумор рафта, инчунин воситаи наздикшавии нутқи табиӣ бо нутқи бадеӣ ва воситаи ифодаи нозукиҳои ҷузъитарини маънои калима маҳсуб мешавад» [19].

Дар луғатномаи истилоҳоти забоншиносии Д.Э. Розентал редупликатсия ба тариқи зайл шарҳ дода шудааст: «Редупликатсия ин такрорёбии пурра ё ҷузъии реша, асоси калима ё калимаи бутун ҳамчун усули ташаккулёбии калимаҳо, шаклҳои тавсифӣ, воҳидҳои фразеологӣ мебошад» [21, с. 345].

Забоншинос А.А. Реформатский такрорҳо ё редупликатсияҳоро ҳамчун такрорёбии пурра ё ҷузъии реша, асоси калима ё калимаи бутун бидуни тағйирёбии таркиби овозӣ ё бо тағйирёбии ҷузъии он медонад [20].

Нуқтаҳои гуногуни назарро мавриди омӯзиш қарор дода, ҳамчун асос муносибати фономорфологӣ (морфофонологӣ)-ро қабул карда, редупликатсияро ҳамчун усули калимасозӣ фаҳмидан мумкин аст, ки аз такрори асоси калима, решаи калима, худи калима ё як қисми он иборат аст. Натиҷаи ин раванд воҳиди луғавӣ – редпликатив ё редупликат ба ҳисоб меравад.

Дар навиштани редупликативҳо се ҳолати онҳо: пайваст, ҷудо, аз тариқи дефис дучор меоянд.

Таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши падидаи мазкур олимон – забоншиносони рус зоҳир кардаанд. Паҳлуҳои шеърии такрор, масалан, дар корҳои аввалини В.М. Жирмунский, Ю. Тинянов ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Такрорҳои луғавӣ, инчунин масъалаҳои умумии такрор дар корҳои А.П. Баранников, Д.Н. Овсянико-Куликовский ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ба ин ҷо инчунин як қатор монографияҳо, диссертатсияҳо ва мақолаҳои махсусро нисбат додан мумкин аст.

Паҳншудагӣ ва басомаднокии редупликатсия аз як забон ба забони дигар фарқ мекунанд. Дар он забонҳое, ки редупликатсия намуди серистеъмоли калимасозӣ дар он онҳо маҳсуб мешавад, он бо овозтасвиркунӣ зич алоқаманд аст. Маҳз ҳамин робитаи мутақобила нишонаи сабабноккунандае мебошад, ки дар асоси калимаҳе қарор дода шудааст, ки ҳамчун натиҷаи редупликатсия ба шумор меравand.

Ҳамчун яке аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба шумор рафта, забони англисӣ редупликатсияро нгоҳ доштааст. Ташаккулёбии калимаҳо бо кумаки усули мазкур аз ҷониби олимон – забоншиносоне, ба монанди Э. Сепир, О. Есперсен, Э. Экхардт, А.М .Болл, Л. Блумфилд баррасӣ шудаанд. Ба шумори таҳқиқотҳои охирине, ки ба масъалаҳои редупликатсия дар забони англисӣ бахшида шудаанд, корҳои Е.Найда, Г.Марчанд, Д.Э. Болингер, И.Р. Галперин, И.В. Арнолд, Н.Тан, Н.А. Шехтман ва дигаронро нисбат додан мумкин аст.

Дар корҳои Э. Сепир, Л. Блумфилд ва Е. Найда тавсифоти умумизабошиносии редупликатсия пешниҳод шудаанд. Хусусиятҳои фонетикӣ ва морфологии калимҳои редупликатсияшдуа дар забони англисӣ аз ҷониби олимон – забоншиносон О. Есперсен, Э. Экхардт, Г. Марчанд, Д.Э. Болингер мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аммо аксари масъалаҳои редуликатсияҳои англисӣ ҳалли худро мунтазиранд.

Е.Ф.Арсентева ва Р.Б.Валиулина дар кори худ «Редупликатсия дар забони муосири англисӣ ва русӣ» чунин мешуморанд [3, с. 12~16], ки редупликатсия ҳамчун усули мустақили калимасозие таъриф мешавад, ки бо гуногунии шаклҳои зоҳиршавӣ, инчунин бо басомади истифода дар калимаэҷодкунӣ, махсусан барои ифодаи эҳсос, муносибати субъективии гӯянда ба мавзӯъ тавсиф шуда метавонад. Мавҷуд будани шаклҳои гуногуннавъеро, ки ҳам дар нутқи хаттӣ, ҳам дар нутқи шифоҳӣ истифода мешаванд, исбот карда, муҳаққиқон редупликатсияро ба усули сермаҳсули калимасозӣ нисбат медиҳанд.

Масъалаи омӯзиши муқоисавии редупликатсия дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар кори диссертатсионии М.М. Буранова [6] мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ба муаллиф муяссар гардидааст масъалаҳои муҳими марбут ба забонҳои аз ҷониби ӯ муқоисашавандаро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар кори мазкур тавсифи калимаҳои редупликативӣ дар забонҳои англисӣ ва ӯзбекӣ пешниҳод шуда, хусусиятҳои фонетикӣ, хосиятҳои морфологӣ ва маъниҳои маъноии редупликатҳо муайян карда шудаанд.

Ҳангоми муқоисаи сохтори маъноии калимаҳои редупликативӣ муаллиф ба зарурати тафриқаи маъниҳои грамматикӣ ва луғавие, ки ду паҳлуи маънои калимаҳои редупликативиро ташкил медиҳанд, асос меёбад. Дар пайи Н. Тан, М.М. Буранова мутаносибан а ду паҳлӯҳои номидашудаи мсаъноиредупликатҳо ду навъи маъниро фарқгузорӣ мекунад:

1) *маъниҳои луғавӣ ё шайъӣ, ки сохтори дохилии калимаро инъикос мекунанд;*
2) *маъниҳои бештар муҷарршуда (абстраксияшуда) [6, с. 84].*

Дар натиҷаи баррасии ҳаамтарафаи хусусиятҳои маънои ва сохторӣ, инчунин хосиятҳои фонетикии калимаҳои такрорӣ дар забони англисӣ дар муқоиса бо забони ӯзбекӣ М.М. Буранова ба чунин хулосаи муҳим меояд, ки редупликантҳо дар ҳарду забон тавассути овозҳои салонок ва ҳамсадо офарида шуда, ва маҳз бо ҳамин роҳу усул навъҳои редупликативии калимасозие офарида мешаванд, ки ба омили рушд ва ғанигардии захираи луғавии забонҳои англисӣ ва ӯзбекӣ табдил ёфта метавонанд.

*Омӯзиши редупликатсия дар Тоҷикистон.* Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бойтарин ва кӯҳантарини ҷаҳон ба ҳисоб рафта, захираи луғавӣ ва сохтори грамматикии он, ки дар тӯли садсолаҳои зиёд ташаккул ёфтааст, таркиби гуногуннавъи луғавӣ ва пойдории низомро ташкил медиҳанд. Дар ин низом такрор ҳамчун воситаи тафсирию ифодакунӣ ва унсурҳои услубшиносии забон, ки каломи бадеӣ ифоданокии махсусро мебахшанд, мақоми махсусро ишғол менамояд. Маълум аст, ки усули такрор аз ҷониби адибон дар адабиёти тоҷику форс барои ороиши бадеии нутқ, ба он додани зебоӣ, ҷилоҳои модалӣ ва ифоданокии бештар истифода шуда, то ҳол мавриди истифода қарор дорад. Ба тақвияти ифоданокӣ ва тасвирнокии нутқ мусоидат намуда, такрор ба воқеият возеҳият ва боварӣ мебахшад.

Забоншинос ва луғатшинос Т. Зеҳнӣ падидаи такрорро чунин тавсиф мекунад, ки барои баёни ифоданоктар ва аниқтар нависанда вожа, ибора ё таъбиреро интихоб мекунад, ки бо кумаки онҳо фикр равшантар интиқол дода мешавад. Ин вожа якчанд маротиба дар худи ҳамон ё якчанд байтҳо такрор шуда, маънии вожаро таъкид мекунад Ӯ қайд мекунад, ки такрор воситаи ифоданокии аниқтар ва балеғонатар мебошад [10, с. 159].

Дар луғатномаи адабии зери таҳрири Р. Ҳодизода, М. Шукуров ва Т. Абдуҷабборов усули такрор чунин таъриф шудааст, ки шоир барои ифодаи ҳаяҷон ва ҳиссиёти эҳсосотии худ таъбирҳои интихобшуда, ё баъзе калимаҳоеро интихоб ммекунанд, ки ифоданокии шаърҳоро якчанд маротиба баланд мебардорад [24, с. 104].

Бояд қайд кард, ки дар илм дар бораи маҳорати шоирӣ усули каломии бадеии «такрор» танҳо ҳамчун воситаи ороиши бадеӣ маълум буд. Аммо, нақши такрор на танҳо ҳамчун усули каломӣ маҳдуд намешавад, балки аз моҳияти луғавию грамматикӣ аз нуқтаи назари забоншиносӣ низ иборат аст, ки таҳияи он яке аз вазифаҳои муҳимтарини забоншиносон маҳсуб мешавад.

Дар даврони шӯравӣ забоншиносии тоҷик, бо такя ба забоншиносии россиягӣ ва аврупоӣ, ба натиҷаҳои дастрас дар ҳалли вазифаҳои гармматика, луғатшиносӣ ва луғатнигорӣ ноил шудаанд. Ҳанӯз аз солҳои 40 – 70 – ми асри XX шуруъ карда, корҳои илмию таҳқиқотии олимон – луғатнигорони маъруфи тоҷик, аз қабили: Л. Бузургзода, А. Мирзоев, Б. Ниёзмуаммадов, Д. Тоҷиев, А. Каримов, М. Фозилов, Н. Маъсумӣ, В. С. Расторгуева ба нашр мерасиданд. Дар асарҳои худ онҳо дар

ҳалли масъалаҳои фонетика ва фонология, морфология, синтаксис, лексикологияи забони муосири адабии тоҷик саҳми назаррас гузоштаанд.

Хусусиятҳои маънoии калимаҳои такрории забони адабии тоҷик дар таҳқиқоти М. Шукурова ҳамаҷониба тавсиф шудааст [26, с. 71~76]. Ӯ баъзе маъниҳои семантикие, ки бо калимаҳои такрорӣ (сершуморӣ, шиддатнокӣ, дараҷаи сифат, миқдор) ифода мешаванд, мансубияти онҳо ба ҳиссаҳои нутқ, маъно, баъзе равандҳои калимасозанда, ки тавассути редупликатсия ба амал меоянд, инчунин баъзе хусусиятҳои услубшиносии такрорҳоро дар забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Муалиф таснифи аввалини такрорҳоро, ки ба асоси маънoии калимаҳои ҷуфтшуда такя мекунад, гузаронида, онҳоро ба чор намуд тақсим кардааст: такрори пурра; такрори нопурра; такрори изофӣ; такрори тағйирёфта [26, с. 76].

Ҷанбаҳои алоҳидаи маъноӣ ва сохтории калимаҳои такрории забони тоҷикӣ дар таҳқиқотҳои монографии олимон – забоншиносони тоҷик мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифта, баъзе намуду навъҳои онҳо дар мақолаҳои алоҳидаи илмии муҳаққиқон баррасӣ шудаанд. Ҳамин тавр, монографияи Д.М. Искандарова, Л. Бекташ ба омӯзиши муқоисавии навъҳо ва амсилаҳои сохторӣ ва маънoии редупликатсия дар забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ бахшида шудааст [11].

Дар мақолаҳои илмии муҳаққиқони тоҷик Ҳ. Ҷалилов ва Р. Саидов ба такрорҳои тавтологӣ таҳқиқ шуда, калимаҳои овозтақлидӣ дар мақолаҳои Ш. Исмоилов, М. Қаҳҳоров, Ф. Турсунова баррасӣ шуда, вазифаҳои грамматикии такрори калимаҳо дар мақолаҳои Д. Тоҷиев, М. Шукурова, Ф. К. Зикриёев, Ҳ. Иброҳимова мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Хусусиятҳои алоҳидаи маъноӣ ва сохтории калимаҳои такрорӣ, инчунин намудҳои пурра ва нопурраи редупликатсия, калимаҳо ва такрорҳои тавтологии овозтақлидӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи мавриди баррасӣ дар китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба забони тоҷикии адабӣ, дар грамматикаи академии забони тоҷикӣ, инчунин дар мақолаҳои алоҳидаи илмии Д. Тоҷиев, Ф.Қ. Зикриёев, Д.М. Искандарова, Ҳ. Ҷалилов, Ш. Исмоилов, Ҳ. Иброҳимова ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Дар мақолаи худ Д.М. Искандарова ба баррасии редупликатсияҳо дар забони тоҷикӣ дар ҷанбаҳои муоисавӣ ва гунашиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст [12, с. 55~62]. Хусусиятҳои гунашиносӣ, сохторӣ, маъноӣ ва грамматикии редупликатсия дар забони туркӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ дар таҳқиқоти Луқмон Бектош мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [5].

Н. А. Ғафуров дар кори диссертатсионии худ [7] сохтор ва маънои такрорро дар ҷанбаи забоншиносӣ дар маводи забони тоҷикӣ таҳқиқ кардааст. Дар кори худ ӯ таърифи «такрор» ва навъҳои онро дар забон тоҷикӣ оварда, усулҳо ва роҳҳи ташаккули воҳидҳои такрорро тавсиф карда, маъниҳо ва тобишҳои гуногуни маънoие, ки бо такрорҳои луғавӣ ифода меёбанд, муайян карда шуда, усули такрори морфологӣ таҳқиқ гардида, мақоми такрор дар калимасозӣ тавсиф шуда, моҳияти грамматикии такрори синтаксисӣ таҳқиқ шуда, нақши воҳид такрор дар ташаккули аъзои ҷумла, бо шумули аъзои якҷинса муаррифӣ карда шуда, мақоми такрор дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаб муқаррар карда шуда, нақши такрор дар сохтани матни ҷумлаҳои бисёртаркиба ва омехтаи мураккаб муайян карда шуда, вазифаҳои услубшиносии воҳиди такрорро тавсиф кардааст.

Дар асарҳои илмии олимон: Ш. Рустамов, М. Н. Қосимова, А. Л. Хромова, Б. Камолиддинов, С. Ҳалимов, М. Муҳаммадиев, Т. Хаскашев, С. Хоҷаева ва дигарон ҷанбаҳои муҳимтарини луғат, фразеология, луғатнигорӣ ва соҳаҳои дигари забоншиносии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҷанбаҳои муҳимтарини забоншиносии тоҷик, аз ҷумла дар соҳаи луғатшиносӣ, дар солҳои охир аз ҷониби чунин олимони маъруфи тоҷик, аз қабили: М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, П. Ҷамшедов, Д. Саймиддинов ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Калимаҳои такрорӣ дар забони тоҷикӣ аз ҷониби забоншиноси шинохтаи тоҷик М. Муҳаммадиев мавриди таҳқиқи қарор гирифта, ӯ ба омӯзиши ин масъалаи муҳим дар забоншиносии тоҷик солҳои зиёди фаъолияти илмии худро бахшидааст. Масъалаҳои мақсадҳои муродифӣ ва муродифҳои услубшиносӣ дар яке аз асарҳои нахустини М. Муҳаммадиев «Муродифҳо дар забони адабии тоҷикӣ» [18], ки соли 1962 ба нашр расида, ба омӯзиши муродифҳо бахшида шуда буд, ва корҳои дигари илмии ӯ кушода дода шудаанд.

Дар омӯзиши калимаҳои такрории забони тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо бо забони русӣ муаллифони луғати «Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии муродифот» [15] саҳми калон гузоштаанд. Дар миёни корҳои илмие, ки моҳияти муродифоти забони тоҷикиро кушода медиҳанд, ин асар мақоми баландро ишғол менамояд.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои таҳқиқи калимаҳои ҷуфт дар забони тоҷикӣ аз ҷониби олимон – забоншиносони тоҷик назар ба забоншиносони россиягӣ камтар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Корҳои нахустини бахшида ба роҳҳо ва усулҳои таҳқиқи калимаҳои ҷуфт аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик З. Шарипова, С. Аминов ва Б. Сиёев ба анҷом расидаанд.

Дар бораи калимаҳои такрорӣ дар асарҳои Саъдии Шерозӣ таҳқиқоти луғатшиноси шинохта С. Ҳошимов бахшида шудааст. Дар монографияи худ «Хусусиятҳои луғавии «Гулистон» – и Саъдии Шерозӣ» [25] олим қайд мекунад, ки истифодаи воҳидҳо ва конструксияҳои луғавӣ бо сохтори гуногун, вале аз рӯи маъно наздик дар эҷодиёти ҳар як адиб барои муайян кардани маҳорати эҷодии нависанда махсусан муҳим мебошад.

Олим – забоншинос Б. Сиёев таърихи калимаҳои ҷуфти забони адабии тоҷикиро мавриди таҳлил қарор дода, тавсифи мухтасари хусусиятҳои воҳидҳои луғавиро медиҳад. Ӯ онҳоро аз нуқтаи назари басомади истифодаи онҳо, хусусиятҳои сохторӣ ва мансубиятҳо ба ҳиссаҳои нутқ баррасӣ мекунад. Роҳу усули инъикоси муродифҳои ҷуфтро дар забони асари «Таърихи Бадахшон» мавриди баррасӣ қарор дода, олим ба хулоса меояд, ки мавҷудияти ду лексема дар як таркиб мувофиқи қонуниятҳои ҳар як забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ, як зуҳуроти табиӣ ба шумор меравад. Олим таъкид менамояд, ки маҳз мавҷудияти калимаҳои махсус, аз ҷиҳати маъно ба ҳамдигар наздик боиси инкишоф ёфтани муродифоти ҷуфтӣ мегардад.

Таҳлили таҳқиқотҳои олимон – забоншиносони тоҷик оид ба падидаи муродифоти ҷуфт нишон медиҳад, ки дар миёни онҳо дар ифодаи истилоҳи «муродифоти ҷуфт» ақидаи ягона вуҷуд надорад. Баъзеи онҳо муродифоти ҷуфтиро ҳамчун «ҷуфтҳои муродифӣ» тавсиф карда, дигариҳо дар таҳқиқотҳои худ истилоҳҳои «ибораҳои муродифӣ», «воҳидҳои ҷуфт», «таркибҳои ҷуфт» – ро, ки аз рӯи маънояшон ба ҳамдигар баробармаъно мебошанд, истифода мебаранд. Аммо, аксарияти олимон ба ин назаранд, ки барои ифодаи хусусиятҳои калимаҳои муродифӣ истилоҳи «ҷуфтҳои муродифӣ» муносибтар мебошад.

Ҳангоми редупликатсия калимаҳои нав аз ҳисоби дучанд шудани асос бидуни тағйироти фонетикӣ *(bye-bye)*, ё аз ҳисоби дучанд шудани асос бо тағйирёбии садоноки решагӣ (*ping-pong, chit-chat*) ташаккул меёбанд [1, с. 118]. Редупликатсия ҳамчун «дучандшавии дохиликалимагӣ» низ таъриф мешавад. Илова бар ин, редупликатсия ҳамчун «такрори воҳидҳшои сатҳҳои гуногуни забонӣ» фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаи мавриди баррасӣ нишон медиҳад, ки дар он ҳарду истилоҳ – «редупликатсия» ва «такрор» истифода шудаанд. Зимнан, зери редупликатсия такрорёбии ҳам калимаҳо, ҳам ҳиҷоҳо, ҳам решаҳо фаҳмида мешавад. Азбаски мафҳуми «редупликатсия» барои ифодаи ҷуфткунии (такроркунии) овозҳо, ҳиҷоҳо ва калимаҳо қобили қабул аст, пас ҳарду истилоҳро истифода бурдан мумкин аст.

## АДАБИЁТ:

1. Антрушина Г. Б., Афанасьева О. В., Морозова Н. Н. Лексикология английского языка: Учебное пособие для студентов. – М.: Дрофа, 1999. – 288с.
2. Антрушина Г.Б. Лексикология английского языка / Г.Б.Антрушина, О.В.Афанасьева, Н.Н.Морозова. – М.: Дрофа, 2001. – 288 с.
3. Арсентьева Е.Ф. Редупликация в современном английском и русском языках / Арсентьева Е.Ф., Валиуллина Р.Б.// Филология и культура. – Казань: Издательство Казанского университета, 2013, № 1 (31). – С.12-16.
4. Ахман Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов/О.С.Ахманова// Изд-во «Советская энциклопедия».- М., 1966. – 604 с.
5. Бекташ, Л. Структура и семантика редупликации в турецком и таджикском языках: Дис. канд. филол. наук: 10.02.20 /Бекташ Л. – Душанбе, 2015. – 170 с.
6. Буранова М.М. Структурно-семантические особенности редупликативных слов в английском и узбекском языках: дис... канд. филол. наук: 10.02.20. Ташкент, 1982. -142 с.
7. Гафуров Н.А. Структура и семантика повтора: лингвистический аспект (на материале таджикского языка). Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук: 10.02.19 – Теория языка. – Институт языка и литературы им. Рудаки АН Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – 168 с.
8. Зарипова А.М. Лингвокультурологический анализ редупликации в традиционных детских стихах: автореф. дис. ... канд. филол. наук. – Челябинск: Челяб. гос. ун-т, 2008. – 22 с.
9. Зарипова А.М. Редупликация в английском и турецком языках// Вестник Челябинского государственного университета. – 2007, №13. [Электронный ресурс] – URL:

http://cyberleninka.ru/article/n/ reduplikatsiya-v-angliyskom-i-turetskom-yazykah (дата обращения 01.11.2014).

10. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан./Т.Зеҳнӣ: Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1967. – 267 с.

11. Искандарова, Д.М. Редупликация в турецком и таджикском языках/ Д.М.Искандарова, Л.Бекташ. – Saarbrücken, Deutschland:Palmarium Academic Publishing, 2016. – 160 с.

12. Искандарова, Д.М. Явление и природа языковой редупликации (сопоставительный и типологический анализ)/ Д.М. Искандарова //Проблемы русского языка в контексте компаративистики. – Душанбе, 2005. – С.55-62.

13. Крючкова О.Ю. Редупликация как явление русского словообразования: дис. ... д-ра филол. наук. – Саратов: Сарат. гос. ун-т, 2000. – 261 с

14. Лингвистический энциклопедический словарь. -М.: Советская энциклопедия, 1990. – 685 с.

15. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии муродифот.

16. Мешкова О.Д. Словообразование в современном английском языке. – М.: Наука, 1976. – 237 с.

17. Минлос Ф.Р. Редупликация и парные слова в восточно-славянских языках: дис. ... канд. филол. наук. – М.: Институт славяноведения РАН, 2004. – 184 с.

18. Муҳаммадиев, М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. -162 с.

19. Никулина С.Д. Функционирование редупликации в художественном тексте: системно-синергетический аспект. [Электронный ресурс] – URL: conference.osu.ru/assets/files/conf_reports/conf9/638.doc

20. Реформатский, А.А. Введение в языковедение, 4-ое изд., исправленное и дополненное. /А.А.Реформатский. М., 1967. – 542 с.

21. Розенталь, Д. Э., Теленкова М. А. Словарь-справочник лингвистических терминов. – М., 1976.

22. Смирнова Е.А. Сопоставительный анализ коллоквиальных субстантивных композитов в английском и турецком языках: прагматический аспект: автореф. дис. … канд. филол. наук. – Казань: ТГГПУ, 2007. – 25 с.

23. Федяева Е.В. Редупликация как одно из средств репрезентации неопределенного количества. - СПб: Известия РГПУ им.А.М.Герцена. – № 33 (73), 2008. – С. 469 – 472.

24. Ҳодизода, Р., Шукуров М., Абдуҷабборов, Т. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. / Р.Ҳодизода, Т.Абдуҷабборов., Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1964. – 183 с.

25. Ҳошимов С. Хусусиятҳои луғавии «Гулистон” – и Саъдии Шерозӣ

26. Шукурова, М. Доир ба хусусиятхои семантики калимахои такрори забони адабии точик //Забоншиносии точик. – Душанбе: Дониш, 1976. – С. 71-76.

27. Thun Nils. Reduplicative Words in English. –Uppsala, 1963. – С. 214-219

## МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муаллиф дар мақолаи худ масъалаҳои омӯзиши калимаҳои такрориро дар забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Таъкид карда мешавад, ки такрор ба воситаҳои забоние мансуб аст, ки аз истеъмоли дуюмини худи ҳамон як падидаи забонӣ иборат буда, дар адабиёти забоншиносӣ такрорро аксар вақт бо редупликатсия баробармаъно медонанд. Ба назари муаллиф, редупликатсия ҳамчун усули мустақили калимасозие таъриф мешавад, ки бо гуногуннавъии шаклҳои зуҳурёбӣ, инчунин бо басомади баланди истифода дар калимасозӣ, махсусан дар ифодаи эҳсосот, муносибати гӯянда ба мавзӯъ тавсиф мешавад. Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки дар он ҳарду истилоҳ – «редупликатсия» ва «такрор» истифода шуда, зери редупликатсия такрорёбии ҳам калимаҳо, ҳам ҳиҷоҳо, ҳам решаҳо фаҳмида мешавад. Аз сабаби он ки мафҳуми «редупликатсия» барои ифодаи ҷуфткунии (такроркунии) овозҳо, ҳиҷоҳо ва калимаҳо қобили қабул аст, пас ҳарду дар забоншиносӣ истифода бурдан ҷоиз аст.

**Калидвожаҳо**: *калимаҳои такрорӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, забоншиносӣ, редупликатсия, фономорфология, ҷуфтшавӣ, ҳиҷо, реша, фонетика, нутқ.*

## ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ПОВТОРНЫХ СЛОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В своей статье автор изучил вопросы изучения повторных слов в таджикском и английском языках. Подчеркивается, что повтор относится к языковым средствам, состоящим из повторного

употребления одного и того же языкового явления, и в лингвистической литературе он часто отождествляется с редупликацией. По мнению автора, редупликация определяется как самостоятельный способ словообразования, который характеризуется разнообразием форм проявления, а также высокой частотностью употребления в словообразовании, особенно при выражении чувств, отношения говорящего к изучаемому. предмет. Анализ научной литературы по данному вопросу показывает, что в ней употребляются оба термина – «редупликация» и «повторение», а редупликация – это повторение слов, слогов, корней. Поскольку понятие «редупликация» допустимо для обозначения сочетания (повторения) звуков, слогов и слов, то и то, и другое допустимо в лингвистике.

**Ключевые слова**: *повторные слова, таджикский язык, английский язык, языкознание, редупликация, фономорфология, удвоение, слог, корень, фонетика, речь.*

**ISSUES OF LEARNING REPEATED WORDS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES**

In his article, the author studied the issues of learning repeated words in Tajik and English languages. It is emphasized that repeated words refers to linguistic means consisting of the second use of the same linguistic phenomenon, and in the linguistic literature, repetition is often equated with reduplication. According to the author, reduplication is defined as an independent method of word formation, which is characterized by a variety of forms of manifestation, as well as by a high frequency of use in word formation, especially in the expression of feelings, the speaker's attitude to the subject. The analysis of the scientific literature on this issue shows that both terms - «reduplication» and «repetition» are used in it, and reduplication means the repetition of words, syllables, and roots. Since the concept of «reduplication» is acceptable to denote the pairing (repetition) of sounds, syllables, and words, both are acceptable in linguistics.

**Keywords**: *repeated words, Tajik language, English language, linguistics, reduplication, phonomorphology, pairing, syllable, root, phonetics, speech*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Рахимова Шахло Дилшодовна - ассистенти кафедраи филологияи англис Донишгохи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода 992 918796968.*

**Сведения об авторах:** *Рахимова Шахло Дилшодовна - ассистент кафедры филологии английского языка Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзоде 992 918796968.*

**Information about the author:** *Rahimova Shahlo Dilshodovna - assistant of the Departent of English Philology of International of Foreign languages named after Sotim Ulugzoda 992 918796968.*

**ТДУ 37.- 01**

# ЭҶОДКОРИИ МУАЛЛИМ ДАР РАВАНДИ ДАРСИ МУОСИР

***Давлатназарова Ф. А.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

*«Омӯзгори одӣ баён мекунад. Омӯзгори хуб мефаҳмонад. Омӯзгори барҷаста нишон медиҳад. Омӯзгори бузург илҳом мебахшад».*

**Уильям Уорд**

Дар замони ҳозира, дар давраи инкишофи демократикунонӣ ва инсонгароёна намудани ҷомеа ва мактаб, омӯзгор дар муайян кардани мундариҷаи таҳсил ва дидгоҳҳои ғайриқолабии педагогӣ-психологӣ дар ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон низ озод аст, ки барои ҳамкории эҷодӣ бо хонандагон заминаи бештаре фароҳам меорад. Дар ҷомеаи имрӯза фаъолияти касбии муаллимро бе равандҳои эҷодкорӣ тасаввур кардан имконнопазир аст.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар замони муосир онро тақозо менамояд, ки ба сифати таълиму тарбия эътибори беш зоҳир карда шавад ва дар раванди таълим ягонагии фаъолияти таълим барои ҳадафи умумӣ-мусаллаҳ кардани хонандагон бо донишҳо, маҳорату малака, ҳамчунин инкишоф ва тарбияи онҳо, ки бо қобилияти эҷодӣ алоқамандии зич дорад, ташаккул дода шавад.

Эҷодкорӣ фаъолиятест, ки як чизи сифатан навро, ки бо мумтозӣ ва нотакрории ҷамъиятиву таърихияш имтиёз дорад, меофарад. Эҷодкорӣ хосси инсон аст, зеро ҳама вақт эҷодкор субъекти фаъолияти эҷодиро дар назар дорад. Академик М. Лутфуллоев роҷеъ ба ин масъала чунин таъкид мекунад: "Омӯзгоре, ки ба кори худ эҷодкорона муносибат мекунад, дар хонанда на танҳо объекти таъсирот, балки бештар шарик, ҳамкори ҷараёни эҷодро мебинад"[81]

Эҷодкории омӯзгор ва унсурҳои мухталифи он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди фаъолияти касбии ӯ шакл мегиранд. Гузашта аз ин, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд дар бораи эҷодкории педагогӣ тасаввурот пайдо карда, барои ин фаъолият як қатор маҳорату малакаро ҳосил карда бошанд.

Педагоги машҳури тоҷик Ф. Шарифзода шартҳои зарурии инкишофи эҷодкории омӯзгорро муайян кардааст:

1. Таъмини вақти холии омӯзгорон тариқи суръат бахшидан, дуруст ба роҳ мондани раванди таълим, ташкили илмии он, ки барои сарфаи вақти корӣ ва мувофиқ кардани он ба нишондиҳандаҳои меъёрӣ нигаронида шудаанд.

2. Ба вуҷуд овардани пойгоҳи мувофиқи таълимию моддии мактаб.

3. Фароҳам овардани фазои мусоиди ахлоқию психологӣ дар мактаб, ки на танҳо набудани низоъҳо дар коллектив, балки дастгирӣ ва инкишофи ҷустуҷӯҳои эҷодии омӯзгорон, бақайдгирии рушди эҷодкории омӯзгорро дар бар мегирад

4. Дуруст ба роҳ мондан ва ташкил кардани кори методии омӯзгорон.

5. Барои инкишофи эҷоди омӯзгорон таҳрикбахшии он аҳамияти махсус дорад.[5; 168с]

Олими маъруфи тоҷик М. Лутфуллоев чунин сифатҳои омӯзгори эҷодкорро, мисли серғайратӣ, руҳбаландкунии касбӣ, қобилияти эҳсос кардани авҷи эҷодкорӣ, қобилият ба ҳамкорӣ, омодагӣ ба таҳлил, ҷамъбаст, дигаргунсозӣ, қабули қарорҳо, кӯшиш барои мустақилият, худомӯзии касбӣ, қобилияти сарфаҳм рафтан ба ҳама гуна вазъияти педагогӣ, ҳамчунин қобилияти эҳсос кардани илҳоми эҷод, тарзи эҷодии тафаккур, мушоҳидакорӣ, ботамкинӣ ва мавҷуд будани эҳсосот. Дар баробари ин, мавсуф ҷанбаҳои зерини маҳорати эҷодиро муайян мекунад: маҳорати фаро гирифтани техникаи таълим ва тарбия, маҳорати ба тарзи педагогӣ фикр ва амал кардан, маҳорати татбиқ кардани воситаҳои таъсироти педагогӣ [79]

Барои омӯзгори асил ва мутахассис гаштани шахс бояд барномаҳои таълимию тарбиявиро, ки аз се пояи асосӣ иборат аст, аз худ намояд.

1. **Омодагии умумии илмӣ (Тарбияи умумӣ).** Муваффақияти омӯзгор дар ҳаёти умумии худ ва фаъолияти омӯзгориаш то як андоза ба ин нуқтаҳо вобастагии зич дорад: васеъ будани доираи маълумоти умумии ӯ дар ҳар боб, аз мушкилоти ҷомеа, миллат ва олами бузурге, ки ӯро иҳота дорад, огоҳ будан. Бояд ӯ дараҷаи маърифатӣ, фалсафа ва ҳадафҳои ҷомеаро, ки дар он ҳаёт ба сар мебарад, бо тамоми паҳлуҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ омӯзад. Илова бар ин, аз маълумоти асосии асри худ, махсусан фарҳангу тамаддуни он бохабар бошад. Бо тамоми ин имкониятҳо ӯ метавонад, ки шогирдонашро аз фалсафаи ҳаёт, мубориза алайҳи мушкилоти он кӯмак намояд, то барои онҳо бо ин восита тавофуқи психологӣ ва иҷтимоиро фароҳам оварад. Талабагон низ дар навбати худ бо ин роҳ барои тараққиёти ҷомеа метавонанд саҳмгузор бошанд.

2. **Омодагии илмии тахассусӣ (Тарбияи тахассусӣ).** Ин омодагӣ ба навъи тахассусе вобаста аст, ки онро муаллим бо дарназардошти қудрат ва имкониятҳои илмии худ интихоб кардааст. Қабл аз он ки омӯзгор по ба майдони фаъолият гузорад, бояд доир ба маводе, ки онро таълим медиҳад, огоҳии комил дошта бошад, то барои таълими он фан салоҳият пайдо кунад ва бо методҳои нав ба нав онро ба талабагон таълим диҳад.

3. **Омодагии касбии тахассусӣ.** Барои ба дараҷаи омӯзгори муваффақ расидан танҳо иттилои васеъ доштан, маълумоти умумӣ касб кардан ва дар доираи тахассуси худ маҳорат пайдо кардан кифоя нест, балки илова бар ин, омӯзгор бояд аз донишҳои тарбиявӣ, педагогӣ-психологӣ ва таҷрибаҳои амалии таълим огоҳ бошад.

Дар маҷмуъ, ӯ бояд аз донишҳои педагогӣ-психологӣ огоҳ бошад, то барои роҳнамоии талабагон, идораи синф ва қудрат доштан барои истифодаи воситаҳои диданӣ ва шуниданӣ роҳ ёбад.

Мусаллам аст, ки дарс-шакли асосии таълим аст, вале дар баробари ин он ҷои вохӯрӣ бо шахсияти хонанда мебошад ва ин вохӯрӣ аз рӯзҳои аввали ба мактаб омадани хонанда оғоз меёбад. Чӣ қадаре ки ҳамин вохӯрӣ шавқовару хурсандибахш ташкил карда шавад, ҳамон қадар раванди таълиму тарбия бомуваффақият давом меёбад.

Дарс барои хонанда бояд ҳамеша шавқовар бошад. Муаллимро зарур аст, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи роҳу восита ва технологияҳои нави таълим бошад. Аз ҷумла, дастрасӣ ба воситаҳои техникаи муосир, аз қабили: проектор, тахтаҳои электронӣ, видео, харитаҳо, маводи коргузорӣ ва дигар таҷҳизоти техникаи навин истифода шаванд.

Дар марҳилаи инкишофи ҳаматарафаи мактаби ибтидоӣ ҳар як муаллим бояд эҷодкорона фаъолият намояд. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як дарс бояд рангорангу шавқовар ташкил карда шавад. Хусусияти хоси фаъолияти муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки онҳо бояд якчанд

фанни таълимиро ба хубӣ донанд: математика, забони модарӣ, технология (санъат ва меҳнат), суруд ва мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ, табиатшиносӣ ва ғ.

Маълум аст, ки раванди азхудкунии мундариҷаи ҷараёни таълим инъикоси бевоситаи таъсиррасонии педагогӣ набуда, аз муносибати хонанда ба ин раванд вобастагии калон дорад. Шавқи маърифатҷӯии хонанда раванди бошиддат таълиму тарбия мебошад. Ин гуна шавқу ҳавас дар фаъолияти ҳамарӯзаи хонанда, муносибати вай ба донишандӯзӣ, мустақилнокиву масъулиятшиносии вай дида мешавад. Шавқу ҳавас бо ҳиссиёти дохилии хонанда алоқамандии зич дорад. Дар ҳолати бедоршавии шавқу ҳавас хонандаро ҳиссиёти мусбӣ фаро мегирад.

«Шавқу ҳавас дар ҷое, ки илҳом ҳаст ва он аз муваффақияти муаллим тавлид мeёбад, вуҷуд дорад»-гуфта буд В.А. Сухомлинский **[18,с 210].**

Пас, ба ин муваффақият чӣ гуна ноил гардем? Ташкил ва гузаронидани дарс шавқи ҳаматарафаи хонандагонро нисбати дарс бедор намуда, дар онҳо илҳоми донишандӯзиро ба вуҷуд меоварад. Ҳар як дарсе, ки аз ҷониби муаллим эҷодкорона ташкил карда мешавад, дар хотираи шогирдон абадӣ нақш мебандад, шавқи маърифатҷӯии онҳоро баланд мебардорад.

Ин воситаҳо шавқи хонандагонро ба таҳсил аз нав бедор намуда, дарки пурраи маводро таъмин месозанд, раванди азнавҳосилкунӣ беҳтар мегардад.

Дар замони муосир муаллим ва бояд дар интихоби усулҳои таълим озодона, эҷодкорона, муташаккилона ва ботаҳаммул эҳсос намояд.

Дарс дар мактаби муосир бояд шаҳовар, гуногунранг, бо истифодаи аёниятҳо ва технологияҳои таълимии гуногун ба роҳ монда шавад. Дар рафти дарс ба муҳокимаи хонандагон мавридҳои таҳлилӣ пешниҳод карда шаванд, муколамаҳои гуногуни таълимӣ, пешниҳоди ғояҳои нав дида шавад. Дар ҷараёни дарс аз усулҳои фаъоли таълим, ба монанди гурӯҳбандӣ, ҳуҷуми фикрӣ, бархурди фикру ақидаҳо истифода бурда шавад, ки дар натиҷа хонандагон бе ҳеҷ ҳаяҷону изтироб фикри худро ба ҳамдигар иброз намоянд.

Имрӯз дар ҷомеаи муосир давлат ҳамаи шароитро муҳайё менамояд, ки то ҳар як узви он созанда гардад, эҷодкор бошад, баҳри гулгулшукуфии иқтисодию маънавии мамлакаташ масъулияти шахсӣ ҳис кунад. Вазифаи ташаккул додани шахсияти эҷодкор ба тамоми раванди таълим, тарбия ва рушди ҳамаҷонибаи насли наврас таъсир мегузорад ва ин равандро ба кори муҳиму пурмаъсулият табдил медиҳад. Мусаллам аст, ки асоси қобилият ва эҷодкориро шавқу ҳавас, майлу рағбат ва эҳсосоти эстетикӣ ташкил мекунад.

Тарбияи эстетикӣ ва меҳнатӣ дар робитаи ногусастании диалектикӣ ва таъсири мутақобила қарор доранд, зеро ташаккули шуури инсон танҳо зери таъсири меҳнат ташаккул меёбад. Чӣ тавре ки Ф. Энгелс гуфта буд: “Инсонро меҳнат офаридааст”. Қисми зиёди ҳаёти инсон ба воситаи меҳнат амалӣ мегардад, эҳтиром ба тарбияи меҳнат дар муҳити истеҳсолӣ, дар ҷомеаи меҳнатӣ, дар муносибати мутақобила бо аъзои ҷомеа ва ҳоказо. Фанни санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ таълим дода шуда, таълими якҷояи фанҳои пештараи санъати тасвирӣ ва таълими меҳнатро дар бар мегирад. Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд ва ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – расмкашӣ ва қисмати дуюм меҳнат ё баръакс. Вале мазмуни дарс аз тарзи ташкили он ба мавзуъ вобаста аст. Агар ҳаҷми кор зиёдтар бошад, муаллим метавонад як дарси пурраро ба санъати тасвирӣ ва ё ба таълими меҳнат бахшад. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни санъат ва меҳнат ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат ва зебоифаҳмию зебоипарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани таҷҳизот ва маводи таълим, дуруст, мақсаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни санъат ва меҳнат хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр менамояд, ки аз тадбирҳои аввалин таълими технология дар доираи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд.

Дар воқеъ, дар раванди таълим омилҳои зиёде ба ҳам алоқаманд гардида, якҷоя амал мекунанд, вазъияти такрорнашавандаи педагогие ба миён меоянд, ки омӯзгор пешбинӣ карда наметавонад. Ҳамин чиз фаъолияти эҷодии омӯзгорро вусъат мебахшад, ки ҳамаи масъалаҳои типии педагогиро дар вазъи нав ҳал мекунад ё масъалаҳои навро дар вазъияти типпологӣ пешниҳод менамояд. Ин масъалаҳоро ҳал карда, омӯзгор воситаҳои нави таълимро ба вуҷуд оварда метавонад, воситаҳои нави аллакай маълумро ба тарзи нав ё воситаҳои куҳнаро дар ҳамбастагии нав татбиқ менамояд.

Хуллас, омӯзгор бояд шаклҳои дарсро ба инобат гирифта, кӯшиш кунад, ки тамоми воситаҳои техникаи эҷодиро дар раванди дарс истифода карда, шавқу завқи шогирдонашро бедор кунад, чунки болоравии майлу рағбат метавонад, сабаби пешравии фаъолияти эҷодӣ хонанда ва муаллим бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" – Душанбе: "Шарқи озод"- (22.07.2013, №1004).
2. Лутфуллоев. М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001
3. Лутфуллоев. М. Дарс. – Душанбе, 1995
4. Сухомлинский В. А. Сто советов учителю. – Киев: Рад. шк.,1984
5. Шарифзода Ф, Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. –Душанбе "Ирфон". 2012


## ЭҶОДКОРИИ МУАЛЛИМ ДАР РАВАНДИ ДАРСИ МУОСИР


Дар мақола эҷодкории муаллим дар раванди дарси муосир, ба масобаи яке аз масъалаҳои мубрам мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтааст. Ҳар як омӯзгор бояд эҷодкор бошад. Эҷодкорӣ ба он мусоидат мекунад, ки дарсҳои ӯ гуногунранг ва диққатҷалбкунанда гузаранд. Даст кашидан аз усулҳои кухнаву шахшудаи таълим аз вазифаҳои аввалин дараҷаи омӯзгорони эҷодкор маҳсуб меёбад. Албатта, барои ба ин дараҷа расидан омӯзгорро зарур аст, ки бештар омӯзад, аз таҷрибаи устодони бузург воқиф гардад ва дар ин раванд шавқу рағбати шогирдонашро ба фаро гирифтани дониш дар ҷараёни дарс бедор намояд.



**Калидвожаҳо:** *эҷодкорӣ, дарс, омӯзгор, муосир, раванд, таълим, фаъолият, шавқу ҳавас, маҳорат, малака, қобилият, восита.*


## ТВОРЧЕСТВО УЧИТЕЛЯ В ПРОЦЕССЕ СОВРЕМЕННОГО УРОКА


В статье расматривается роль и творчество учителя в процессе современного урока как один из актуальных вопросов. Каждый учитель должен быть творческим. Творчество способствует тому чтобы уроки учителя проводилось разнообразно и интересно. Отказ от старых и устаревших методов обучения – одна из первых задач творческих учителей. Конечно, чтобы достичь этого уровня, учителю необходимо больше узнавать, знакомиться с опытом великих учителей и в этом процессе пробуждать интерес своих учеников к получению знаний в ходе урока.



**Ключевые слова:** *творчество, урок, учитель, современный, процесс, обучение, деятельность, увлечение, мастерство, овладение, способность, средство.*


## CREATIVITY OF THE TEACHER IN THE PROCESS OF MODERN LESSON


*The article examines the creativity of the teacher of modern lesson; in the degree of one of the most pressing issues the teacher should be creative. Creativity contribute to his lessons were varied and interesting. Rejection of old and teaching methods is one of the first tasks of creative teachers. In order to reach this level, the teacher needs to become more familiar with the experience of great teachers and in this process, the interest of his students in gaining knowledge during the lesson*



**Key words:** *creation, lesson, teacher, modern, process, learning activity, predilection, mastery, acquirement, ability, means of teaching.*



**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Давлатназарова Фируза Ақназаровна ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Тел: +992935-65-22-00, E-mail: fira8283@inbox.ru*

**Сведения об авторе**: *Давлатназарова Фируза Акназаровна ассистент кафедры педагогики и психологии начального обучения Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни Тел: +992935-65-22-00, E-mail: fira8283@inbox.ru*

**Information about the author:***Davlatnazarova Firuza Aqnazarovna Teching assistant, Department pedagogy and psychology on elementary education of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni Tel: +992935-65-22-00, E-mail: fira8283@inbox.ru.*

# УЧЕБНАЯ МОТИВАЦИЯ ВЗРОСЛЫХ И КАК НА НЕЕ ВОЗДЕЙСТВОВАТЬ (ДОПОЛНИТЕЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ)

***Оганисян Ш. Г.***

**соискатель Института развития образования имени А. Джами АОТ**

Термин «мотив» происходит от французского языка и означает «поощрение». «Мотив» или «побуждение» - движущий фактор поведения человека, источником которого являются потребности, служащие ведущей силой любой деятельности [1]. Под «движением» подразумевается все, что побуждает людей к действию. Мотивация – это система мотивов, определяющая конкретные действия или поведение человека. Она необходима для эффективного достижения намеченных целей. Однако в процессе обучения взрослых, мотивация – это не просто набор мотивов, здесь важную роль играют ситуационные факторы (влияние разных людей, особенности деятельности и ситуации). Таким образом, мотивация – это совокупность всех факторов (как личностных, так и ситуационных), стимулирующих деятельность человека.

Изучив педагогическую психологию выявлено, что в процессе обучения взрослых высокая положительная мотивация может играть роль компенсирующего фактора, особенно при наличии у человека низких способностей или недостаточных знаний. Однако это не работает в обратном направлении. Иными словами, высокий уровень знаний и умений не компенсирует низкий уровень мотивации к обучению и не может привести к успешному обучению.

Следовательно, появляется вопрос: *Каковы же мотивы обучения взрослых?*

Ученые считают, что на мотивацию к обучению влияют внутренние и внешние факторы, хотя их интерпретация может существенно различаться. Что касается внутренних факторов, то в нашем случае имеется в виду постоянное желание учиться, которое можно охарактеризовать целенаправленностью «я действительно хочу учиться», а не утверждениями «я делаю это, потому что должен/а» или «я обязан/а». Под «внешними факторами» мы понимаем факторы экономические, систему поощрения и наказания работников, условия обучения (здание, в котором проводится обучение, освещение, дизайн интерьера, цветовые решения помещений и др.), используемые педагогом мотивационные стратегии.

Также существует отличие мотивации взрослых учащихся от мотивации молодых. Взрослые учащиеся нацелены на результат. Они точно знают, зачем идут на тот или иной курс. По большей части их образование связано с возможным карьерным ростом, который требует приобретения новых навыков. Обычно лишь небольшой процент взрослых говорит, что целью является получение официального сертификата, который требует менеджер по персоналу. Взрослые, по большей части, осознают, что им нужно изучать и почему. Что делает их более целеустремленными, так это тот факт, что они в основном платят за свое обучение. Юные учащиеся в большинстве формулируют необходимый результат в общих чертах и, скорее, понимают «формальную» сторону: чтобы устроиться на хорошую работу нужно получить диплом или сертификат. Из-за недостаточного опыта большинство из них не могут понять ценность того или иного навыка, в результате чего еще меньше ориентируются на результат. Взрослые должны знать, какой материал подходит для их целей. Они предпочитают практичность разнообразию и хотят, как можно быстрее применить полученные знания. В этом смысле работа со взрослыми учащимися может быть затруднена, если изучаемый материал с трудом применим на данной должности или в данных условиях работы. В этом случае совершенно необходимо объяснить, как понимание материала или новые навыки могут быть полезны учащимся в других условиях. В противном случае взрослые быстро потеряют мотивацию. Им нужно знать ответ на вопрос «почему?», стоящий за необходимостью исследовать новую идею, а затем уметь связать ее с устоявшимися идеями. Взрослые учащиеся более самостоятельны. Они хотят взять на себя ответственность за свой образовательный путь и контролировать его, поэтому являются сторонниками самостоятельного обучения. Они нуждаются в присмотре гораздо меньше, чем учащиеся по моложе. Молодые учащиеся усваивают новую информацию быстрее, чем взрослые, но взрослые, как правило, понимают информацию глубже. Разница может быть заметна в случае материала, который необходимо запомнить, например, в случае формул или иностранного языка. Взрослые учащиеся ожидают, что к ним будут относиться с уважением. Это опытнее молодых студентов, многие из них занимают ответственные должности. Они также ожидают уважения к своему времени.

Кроме того, педагог должен создать мотивирующую среду для взрослых учащихся.

Качество учебной среды состоит из множества различных компонентов. В этом смысле это напоминает кулинарию: точно так же, как повара могут добиться глубины вкуса и аромата за счет сочетания специй, преподаватели в области образования создают мотивирующую среду с помощью

различных ингредиентов. Некоторые повара полагаются в основном на определенные специи и создают свои рецепты, а другие предпочитают сочетания трав. Такая же ситуация и в случае развития мотивирующей среды. Если мы знаем об обширном списке имеющихся в нашем распоряжении компонентов, которые по-разному влияют на эту среду, мы сами решаем, какие из них использовать, исходя из конкретных потребностей, возникающих в конкретных обстоятельствах.

Есть только одно правило, которое следует соблюдать: не пытайтесь сочетать все известные ингредиенты одновременно, потому что, это будет не рецепт мотивирующей среды, а педагогическая композиция «рецепт истощения». Мотивирующую среду можно создать, подчеркивая практическое применение правильно выбранных компонентов, а не их количество.

Важно учесть то, что внутренний дизайн пространства и организация учебной среды влияет на мотивацию.

На каждого из нас так или иначе влияет дизайн интерьера помещения, где мы живем, работаем или учимся. Свет, цвет, мобильность и удобство мебели, наличие или отсутствие техники, температура воздуха - все это либо стимулирует активность, либо подавляет ее. Мы вообще не осознаем, что особенно привлекательно для нас в окружающем пространстве, а что нет. Мы просто чувствуем, что хотим вернуться в ту область, которая оказывает на нас благотворное психологическое воздействие, и стремимся избегать областей с противоположным воздействием. Инкубаторы, коворкинги, центры стартапов, центры инноваций, образовательные пространства для активного обучения - вот некоторые из быстрорастущих проектов, направленных на повышение креативности и поощрение мотивации к работе, обучению и инновациям. Все они разработаны на основе мотивационной и эволюционной психологии.

Ключевой темой эволюционной психологии является биофилия. Термин был введен биологом Эдвардом Осборном Уилсоном, описавшим его в 1984 году. опубликовал в своей книге, которая также называется «Биофилия» [2]. Почетный профессор Гарварда Уилсон описал фундаментальную потребность человека заниматься природой, имитировать ее процессы и системы в повседневной жизни. Эта ключевая идея лежит в основе этого дизайна (рис. 1).

Такая конструкция рекомендуется для использования как в офисах, так и в учебных заведениях, поскольку она не только мотивирует, но и в целом оказывает очень положительный психологический эффект, повышая энергию и физический комфорт, повышая уровень познавательных способностей, внимания и памяти, которая должна как минимум соответствовать следующим условиям:

- большие окна, из которых открывается вид на природу, и через которые хорошо проникает дневной свет;
- озеленение внешней и внутренней территории учреждения, в случае невозможности внутреннего озеленения, использование фоновых фотоплакатов с видами природы;
- идеальная дифференциация: обеспечение естественной вентиляции и контроля температуры внутри здания;
- использование натуральных предметов и материалов во внутренней отделке помещений;
- мебель, бросающая вызов традиционным геометрическим формам, таким как квадрат и треугольник, в пользу более естественных, изогнутых органических форм.

А.С. Бутабекова в статье «Принципы биофильного дизайна в организации комфортного пространства» затронула принципы биофильного дизайна как способ изменения отношения человека к окружающему пространству [3]. Как известно, растения благоприятно влияют на физическое здоровье, работоспособность и продуктивность, а также эмоциональное состояние человека и участвуют в создании гармоничного интерьера. Биофильное направление в архитектуре и дизайне представляется наиболее перспективным, поскольку соответствует наиболее актуальной из всех современных глобальных тенденций, основанной на принципах устойчивого развития общества. Будучи относительно новой концепцией на сцене дизайнов интерьера, у него есть много преимуществ, которые необходимо изучать. Следует отметить, что биофильный дизайн – это больше, чем просто мощная эстетика, это метод проектирования, который может повысить уровень здоровья и благополучия человека, а также улучшить окружающую среду.

В наше время люди, как никогда раньше, подвержены стрессу и перегрузкам. Крайне негативно повлияла на физическое и эмоциональное состояние человечества пандемия Covid-19, ставшая вызовом современному обществу и изменившая привычный образ жизни [4,5]. Не обошло данное глобальное явление и дизайн архитектурной среды, который является внешним отражением внутреннего мира общества в целом. Изоляция, в которой вынужденно находились все люди на

планете, заставила нас осознать, что интерьер в первую очередь должен быть максимально комфортным, функциональным и экологическим.

Вышеуказанные факторы показывают, что учащиеся видят вокруг себя, но мотивационный дизайн также имеет важный компонент: пространственная организация: в 2017г. появился постоянный термин - *класс активного обучения* (Active learning classroom - ALC). Такие классы все чаще используются в различных странах для обучения взрослых организациями, потому что они лучше всего отвечают потребностям как современного преподавателя, так и учащихся.

В таких аудиториях стоят круглые или изогнутые столы и передвижные (мобильные) стулья, которые всегда позволяют учащимся видеть лица друг друга, а также обеспечивают качественную групповую работу. Часто на каждом из столов есть переносная доска или флип-чарт для мозгового штурма и рисования. В некоторых из них есть несколько экранов или портативных планшетов, которые позволяют преподавателям и учащимся, сидящим в разных концах класса, отображать информацию со своих компьютеров (ноутбуков). Многие аудитории также оборудованы микрофонами для обеспечения лучшей слышимости: Wi-Fi и розетки необходимы для работы на компьютерах (ноутбуках) и смартфонах. Необходимо понимать, что не существует универсального дизайна интерьера зрительного зала, поэтому необходимо иметь либо несколько аудиторий, оборудованных по-разному, либо одну с такой мебелью и оборудованием (мобильная мебель), которые можно быстро менять.

Следует отметить, что даже при рассадке студентов амфитеатром мобильная мебель позволяет очень быстро проводить дискуссии в малых группах и переходить от лекций к работе в малых группах.

Например, чтобы получить более детальное представление о том, как «организовать» пространство, необходим определенный вид классной мебели, которую можно изготовить на заказ.

1. *Verb Classroom* - это интегрированная мебельная система, предназначенная для разных стилей обучения и преподавания. Учащиеся и преподаватели переходят от самостоятельной работы к групповым, общим обсуждениям и снова возвращаются к самостоятельной работе, не тратя драгоценного времени на перемещение из одной аудитории в другую.

2. *Образовательная зона «Node»* - в этой зоне используются кресла-каталки со встроенными ящиками для всевозможных вещей, личные рабочие поверхности, мобильные доски для совещаний и регулируемый по высоте стол для преподавателя.

Следует отметить, что особенностями такой перестановки мебели и оборудования являются:

- экраны, размещенные на разной высоте, позволяют получать информацию из любой точки аудитории;
- ножки столов сконструированы таким образом, что края столов соединяются;
- вращающиеся сиденья с регулируемой высотой подходят для всех пользователей;
- такая форма стола способствует созданию «личной зоны», в результате чего «моё» пространство отделено от «вашего»;
- легкие доски Huddleboard для совещаний очень удобны для создания и просмотра контента в небольших группах;
- преподаватели могут расположить регулируемый стол и стул в любой части аудитории, которая лучше всего соответствует их стилю преподавания или аудитории;
- у каждого студента есть свое встроенное хранилище для различных предметов, личная рабочая поверхность, которая регулируется в зависимости от роста и веса пользователей, вращающееся сиденье и ролики, благодаря чему используется каждый метр образовательного пространства.

3. *Образовательное пространство «LearningLab»* - сочетание инновационного дизайна и технологий позволяет организовать три различных способа работы с цифровым контентом: совместная творческая работа в малых группах, то же в большой группе, лекция.

Хочу отметить, что количество примеров мотивационного оформления активно обучающих образовательных пространств значительно больше. Организации по обучению взрослых используют их все чаще и чаще по всему миру. Следует помнить, что для организации мотивирующего пространства вовсе не обязательно покупать дорогую мебель или оборудование. Вы можете довольствоваться имеющейся мебелью или заказать мебель с необходимым дизайном. Помните, что мотивационное пространство должно удовлетворять потребность в быстром переключении между различными формами обучения, быть портативным и использоваться экономно. Разные методы, разные предметы, образовательные цели и группы участников требуют разного сочетания мебели, техники и пространства. Поскольку наши методы и стили обучения различны, должно быть много

областей для обучения. Современное образование даже отказывается от термина «аудитория», заменяя «образовательным пространством», потому что в «аудитория» слишком «классическое» расположение рядов. Следует помнить, что с точки зрения педагогики аудитория должна обеспечивать плавный переход между разными формами обучения: лекцией, групповым проектом, групповыми обсуждениями и т.д. Она должна обеспечивать свободу передвижения преподавателя, его непрерывный контакт с учащимися, а также взаимодействие учащихся. Мебель должна легко перемещаться. Также важно объяснить учащимся во время вводного занятия, что мобильная среда позволяет им взять на себя ответственность за свое обучение. Технически важно использовать материалы для демонстрации как горизонтальные, так и вертикальные, а также цифровые и аналоговые средства обучения.

Необходимо учесть, что также цвета влияют на мотивацию к обучению. Независимо от того, как организовано учебное пространство, существует еще одна важная составляющая, которая может оказывать сильное влияние на психологическое состояние учащихся, мотивировать или демотивировать их. Это цвет мебели и стен комнаты.

Цвета влияют на нейронные связи человеческого мозга. Каждый цвет имеет определенную длину волны, и каждый из них по-разному влияет на наше тело и мозг. Использование правильного цвета, а также правильный выбор и расположение могут серьезно повлиять на эмоции, внимание и поведение, проявляемые во время обучения. Низковолновые цвета способствуют релаксации и спокойствию, а также повышают работоспособность и концентрацию. Вот почему зеленый цвет отлично подходит для улучшения концентрации. Помимо того, что зеленый - один из самых приятных для глаз цветов, он напоминает нам о природе. Зеленый - хороший цвет для долговременной концентрации и ясности мысли. Исследования показывают, что учащиеся, у которых перед глазами преобладает зеленый цвет, делают меньше ошибок и лучше концентрируются.

Оранжевый поднимает настроение, стимулирует чувство комфорта и улучшает работу нервной системы. Некоторые теоретики утверждают, что среда, богатая оранжевым цветом, увеличивает поступление кислорода в мозг, стимулируя умственную деятельность и приводя к бодрости, а также готовности доводить дело до конца. В некоторых учебных заведениях центры тестирования окрашены в оранжевый цвет, чтобы поощрить тестируемых. Оранжевый считается более подходящим для классных комнат для учащихся старшего возраста, так как этот цвет может вызвать перевозбуждение у энергичных молодых учеников. Комнаты, предназначенные для дискуссий и групповой работы, также рекомендуется красить в оранжевый цвет, так как этот цвет способствует общению.

Если учащимся предстоит выполнять задания, требующие сильной умственной концентрации и познавательной нагрузки, их лучше выполнять в синей комнате. Однако не монохромный, а синий, сбалансированный более теплыми цветами. Их можно найти, используя противоположную сторону цветового круга. Синий вызывает положительный, успокаивающий эмоциональный отклик, делая людей счастливее. Исследователи пришли к выводу, что синяя комната будет хорошим местом для творческого мозгового штурма. Если необходимо, чтобы ученики проявили творческий подход, было бы хорошо проводить занятия в помещении, где много синего.

Однако важно учесть яркость и насыщенность. Психолог Анджела Райт утверждает, что яркие оранжевые тона возбуждают, а цвета с низкой насыщенностью успокаивают [6]. Итак, если вы хотите стимулировать студентов, используйте насыщенные цвета, а если хотите расслабиться, используйте пастельные оттенки.

*Мотивационные стратегии* - это действия, направленные на повышение мотивации взрослых к обучению. Они призваны создать условия для проявления мотивации. Одним из таких условий является интерес и любопытство. С их появлением действительно начинается процесс обучения. В дополнение к этому есть четыре других важных условия, которые преподаватель должен обеспечить для повышения мотивации к обучению у взрослых: инклюзия, позитивное отношение, смысл и компетентность.

*Инклюзия* - это атмосфера, характеризующаяся комфортом, взаимным уважением и безопасной средой обучения. Только в инклюзивной атмосфере взрослые могут не бояться ошибаться и делиться своим опытом.

Поэтому необходимо создать инклюзивную атмосферу:

➢использование стратегии «Многомерный обмен» - это вводные занятия, позволяющие взрослым узнавать друг друга с разных сторон перед основной учебной деятельностью;

➢применение группового обучения - эта стратегия предполагает, что учащиеся прилагают совместные интеллектуальные усилия в группах из двух и более человек для решения учебных задач;

➢совместная разработка групповых норм – которые позволяют создать атмосферу доверия и уважения, снизить тревожность, а также обеспечить психологическую безопасность в критические моменты группового обсуждения.

*Позитивное отношение к учебной программе* - взрослые прагматичны. Личностная значимость учебной программы является ключевым компонентом в формировании их мотивации. Для взрослых важно иметь возможность выбирать, чему учиться, с кем и где. Существует 2 стратегии поощрения положительного отношения у взрослых учащихся к предлагаемому учебному плану:

➢Во-первых, подавать пример выпускникам - когда участники видят, что люди, схожие с ними по возрасту, полу, национальности, классу, обладают знаниями и достигли желаемых профессиональных целей благодаря опыту, полученному на предлагаемом курсе, у них повышается уверенность в себе, они склонны полагать, что и у них есть способности к достижению подобных целей.

➢Во-вторых, разработанная Донной Огл (1986) стратегия K-W-L [7] - представляет собой способ формирования отношения к новой теме или идее на основе предварительных знаний участников. Взрослые наделены «морем опыта», который может придать необычайное значение новым идеям.

*Смысл* - это происходит, когда участники участвуют в учебной деятельности, которая включает в себя определенную задачу. Вовлеченность позволяет им искать, оценивать, создавать или координировать учебный материал, превращая его в новые или лучшие идеи, воспоминания, навыки, ценности, чувства, концепции или решения. Для создания сложной ситуации необходимо нижеследующее:

➢Работа с проблемными задачами или кейсами. Проблема – это любая ситуация, когда человек хочет достичь цели, но есть препятствие.

➢Применение симуляции. Симуляция - это учебная деятельность, включающая ролевые игры и упражнения, позволяющие участникам применять полученные знания в нереальных, но вполне реалистичных контекстах.

Уверенность в повышении уровня компетентности - в этом смысл любой программы обучения взрослых. Основная стратегия развития доверия участников заключается в оценивании прогресса обучения. Оценка включает в себя 3 параметра:

➢глубина и динамика обучения;

➢опыт обучения, связанный с реальными потребностями участников;

➢размышления участников и самоконтроль.

Например, если вы проводите курс для преподавателей ВУЗов по методам обучения, которые поощряют индивидуальное самовыражение студентов и воспитывают взаимное уважение, то в какой-то момент вы должны предоставить преподавателям возможность применять эти методы на занятиях самостоятельно, посредством моделирования, ролевых игр или любых других упражнений. Кроме того, вам понадобятся некоторые критерии, по которым профессора могут судить об их эффективности. Их можно определить заранее. Чем больше участники осознают эффективность обучения чему-либо, тем больше вероятность того, что они будут применять то, что знают, и тем выше будет их мотивация.

Следовательно, мотивирующая учебная среда состоит из многих и разнообразных компонентов. Поэтому необходимо использовать несколько самых доступных базовых компонентов, приправив наиболее впечатляющим для вас компонентом, который добавит красок и настроения в образовательную среду.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Немов Р.С. «Психологический словарь». / Р.С. Немов. - 1982, С. 96
2. Уилсон Э.О. Биофилия. Врожденная тяга к живому как связь человека с другими биологическими видами. / Э.О. Уилсон. // Пер. С. Пилецкий. - М.: Ленанд, 2017. – 189с.
3. Бутабекова А.С. «Принципы биофильного дизайна в организации комфортного пространства». / А.С. Бутабекова // Вестник (научный журнал). - 2022. С.135-142.
4. Монастырская М.Е. «Реслободизация» городов – эффективный ответ на эпидемиологический вызов современности. Часть I: общие положения, гипотеза исследования / М.Е. Монастырская // Градостроительство и архитектура. Вестник (научный журнал) - 2021. С. 72-81.
5. Монастырская М.Е. «Реслободизация» городов – эффективный ответ на эпидемиологический вызов современности. Часть II: предпосылки, алгоритмы, результаты // Градостроительство и архитектура. Вестник (научный журнал) - 2021. С. 94-117.

6. Райт А. Введение в психологию цвета (часть 1) _ https://dzen.ru/media/id/5e8ef09e70c4601c2c652d1e/vvedenie-v-psihologiiu-cveta-chast-1-5fa672021aeb58326c4cf786?utm_referer=www.google.com _ дата обращения 23.07.2023
7. Ogle, D. «The K-W-L: A Teaching Model That Develops Active Reading of Expository Text. Reading Teacher», 1986, 39, 564–576

## УЧЕБНАЯ МОТИВАЦИЯ ВЗРОСЛЫХ И КАК НА НЕЁ ВОЗДЕЙСТВОВАТЬ (ДОПОЛНИТЕЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ)

Данная статья посвящена учебной мотивации взрослых, в рамках дополнительного образования, и разным воздействиям на саму мотивацию. В статье затронута проблема изучения педагогической психологии, в частности изучению процесса обучения взрослых, где высокая положительная мотивация может играть роль компенсирующего фактора, особенно при наличии у человека низких способностей или недостаточных знаний. В статье раскрыта мотивирующая учебная среда, которая состоит из многих и разнообразных компонентов, указана необходимость использования несколько самых доступных базовых компонентов и то, что также цвета, в частности цвет мебели и стен комнаты влияют на мотивацию/демотивацию к обучению.

**Ключевые слова:** *мотив, мотивация, побуждение, поощрение, аудитория, образовательное пространство, классическое расположение рядов, мотивы обучения взрослых, внутренние и внешние факторы.*

## ҲАВАСМАНДСОЗИИ ТАЪЛИМИИ КАЛОНСОЛОН ВА ТАРЗИ ТАЪСИР КАРДАН БА ОН (ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ)

Ин мақола ба ҳавасмандсозии таълимии калонсолон дар доираи таҳсилоти иловагӣ ва таъсироти гуногун ба худи ҳавасмандкунӣ бахшида шудааст. Дар мақола ба масъалаи омӯзиши психологияи таълимӣ, аз ҷумла, омӯзиши раванди таълими калонсолон рӯ оварда шудааст, ки дар он ҳавасмандии баланди мусбӣ метавонад нақши омили ҷубронкунандаро бозад, хусусан агар шахс дорои қобилияти паст ё дониши нокифоя бошад. Дар мақола муҳити ҳавасмандкунандаи таълим, ки аз ҷузъҳои бисёр ва гуногун иборат аст, инчунин зарурати истифодаи якчанд ҷузъҳои асосии дастрастарин ва он ки рангҳо, бахусус ранги ҷиҳоз ва деворҳои ҳуҷра, ба ҳавасмандкунӣ / ҳавасмандии омӯзиш таъсир мерасонанд, нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** *ангеза, ҳавасмандкунӣ, шавқмандкунӣ, аудитория, фазои таълимӣ, ҷойгиркунии классикии қаторҳо, мотивҳои омӯзиши калонсолон, омилҳои дохилӣ ва беруна.*

## LEARNING MOTIVATION OF ADULTS AND HOW TO INFLUENCE IT (ADDITIONAL EDUCATION)

This article is devoted to the educational motivation of adults, within the framework of additional education, and various influences on motivation itself. The article touches upon the problem of studying educational psychology, in particular, the study of the adult learning process, where high positive motivation can play the role of a compensating factor, especially if a person has low abilities or insufficient knowledge. The article reveals a motivating learning environment, which consists of many and varied components, indicates the need to use several of the most accessible basic components and the fact that colors, in particular the color of furniture and room walls, affect motivation / demotivation for learning.

**Key words:** *motive, motivation, motivation, encouragement, audience, educational space, classical arrangement of rows, motives for adult learning, internal and external factors.*

**Сведение об авторе:** *Оганисян Шагане Грантовна – соискатель Института развития образования имени А. Джами АОТ. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, кучаи А.Адҳамов, 11/2, тел. (+992) 909-808-253. Преподаватель РТСУ. Адрес: 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица М. Турсунзода, 30, тел. (+992) 37-221-35-50. e-mail: erik.hovhannisyan.10@mail.ru*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Оганисян Шагане Грантовна – унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ. Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А.Адҳамов, 11/2, тел. (992) 909-808-253. Омӯзгори ДРТС. Нишонӣ: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30, тел. (+992) 37-221-35-50. e-mail: erik.hovhannisyan.10@mail.ru*

**Information about the author:** *Hovhannisyan Shagane Hrant – an applicant of the Institute for the Development of Education named after A. Jami AET. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A.Adhamov str. phone: (992) 909-808-253. Lecturer of RTSU. Address: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzoda Street, 30, phone: (+992) 37-221-35-50. e-mail: erik.hovhannisyan.10@mail.ru*

*ТДУ 392.9:68.3 (79.2)*
*ТКБ 84.23+83 Я 78*

# ТАШАККУЛДИҲИИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МУРАББИЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

*Котибова Ш. П.*
**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**
*Ёров А. Б.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Рушди ҷомеаи муосир шароити махсуси ташкили таълим ва тарбияи томактабӣ, ҷорӣ намудани инноватсия, технологияҳои нав ва усули кор бо кӯдаконро дар муассисаҳои томактабӣ тақозо мекунад. Имрӯз муассисаҳои таҳсилотӣ ба педагог-мураббиёне ниёз дорад, ки эҷодкор, соҳиби салоҳиятмандии технологӣ, қобилияти ташаккули маҳорати сафарбар намудани нерӯи шахсии худро дар системаи муосири таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабиро дошта бошад. Ҳар як кӯдак ба таваҷҷӯҳ ва ғамхорӣ аз ҷониби калонсолон ниёз дорад. Аз ин лиҳоз, дар робита ба баланд шудани талабот ба сифати раванди таълими муассисаҳои таълимии томактабӣ муносибат ба сатҳи такмили ихтисоси мураббиён низ тағйир меёбад. Дар ин шароит салоҳияти касбӣ махсусан, салоҳиятмандии технологии мураббиён муҳим аст, ки он дар умум ба рушди шахсият ва касбият ва дараҷаи касбии мураббиён таъсир мерасонад ва инчунин ба сифати таҳсилоти кӯдакон низ бетаъсир намемонад. Дар партави таъкидҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат ба унвони яке аз соҳаҳои афзалиятноки миллӣ, бо мақсади мунтазам такмилу баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабии кишвар, фаъолияти касбию педагогӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ (МТ), аҳамияти хоса дорад. Вазъияти имрӯзаи маориф мураббиёни муассисаҳои томактабиро дар шароити хосса қарор медиҳад, ки он бо набудани танзими қатъии фаъолияти касбӣ, маҳдудияти фаъолияти илмӣ-педагогӣ, заминаи моддӣ-техникӣ, барномаҳои таълимию омӯзишии компютерӣ, фаъолият аз меъёру услуб сар карда, то таҳқиқоту навоварӣ идома мекунад.

Олим ва педагоги рус А. Я. Фридланд дар диссертатсияи доктории худ дақиқсозии ин парадигма аз ҳисоби ворид кардани се унсурҳои нави амсила пешниҳод карда шудааст:

- захираи информатикӣ, ки мафҳуми “китоби дарсӣ” (дастурҳои таълимӣ, корҳои мустақилона, тестҳои таълимӣ, дастурҳои электронӣ, стендҳо)-ро ҷамъбаст менамояд;
- муҳити иттилоотӣ, ки, бешак дар ҳамаи низомҳо ва равандҳои таълимӣ ҳузур дошта, аз ҳамаи услуб ва методҳои махсус иҳотакунанда иборат аст;
- муҳити информатсионӣ, ки қисми муҳити иттилоотӣ маҳсуб ёфта, аз маҷмӯи маҳсулоти васоити ахбори ома, маҳсулоти ҳокимият ва ҷомеа иборат мебошад [6, с. 22-23].




Тағйир додани ҳадафҳо ва арзишҳои таълими томактабӣ нисбат ба омодагии касбӣ-техникии мураббиён, сатҳи салоҳиятмандии касбии онҳо талаботи нав мегузорад, дар ҳоле ки салоҳияти мураббиён ба консепсияи стратегии навсозии касбии онҳо табдил меёбад. Мафҳуми салоҳиятмандии мураббӣ дар соҳаи технологияи муосир «ҳамчун омодагӣ ва қобилияти мустақилона истифода бурдани технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ дар фаъолияти педагогӣ барои ҳалли доираи васеи вазифаҳои таълимӣ ва тарҳрезии роҳҳои баланд бардоштани тахассус дар ин самт» фаҳмида мешавад.

Баланд бардоштани салоҳияти технологии мураббиён имкон медиҳад, ки фаъолияти онҳоро пурзӯр ва сабуктар гардонад, барои рушд ва худшиносии мураббиён такмили фаъолияти таълимӣ ва методии ӯ имконият фароҳам оварда мешавад. Истифодаи воситаҳои технологии муосир дар раванди таълим ва тарбия бо кӯдакон маҳдуд намешавад ва ин гуфтаҳоро дар бар мегирад:

1. Интихоби маводи тасвирӣ барои машғулиятҳо ва тарҳрезии стендҳо, гурӯҳҳо, ҳуҷраҳои таълимӣ (сканер, Интернет, принтер, намоишҳо-презентатсияҳо); интихоби маводи иловагӣ аз сарчашмаҳои гуногун барои машғулиятҳои таълимӣ ва тарбиявӣ;
2. Мубодилаи таҷриба, шиносоӣ бо нашрияҳои даврӣ, корнамоиию фаъолияти касбӣ-техникии мураббиёни дигар;
3. Эҷоди намоишҳои гуногун дар барномаи PowerPoint барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ бо кӯдакон;
4. Эҷоди намоишҳои гуногун дар барномаи Powerpoint барои гузаронидани мастер-классҳо барои кормандон ва волидон;
5. Истифодаи камераҳои рақамӣ ва барномаҳои таҳриркунии аксҳо, ки идоракунии тасвирҳоро мисли аксбардорӣ осон мекунанд, ба осонӣ пайдо кардани расму тасвирҳои мувофиқ, таҳрир ва намоиш додани онҳо;
6. Истифодаи шабакаи Интернет дар фаъолияти таълимӣ бо мақсади таъмини иттилоотӣ ва илмию методии раванди таълим дар муассисаи томактабӣ, ҳамчун ҷустуҷӯйи маълумоти иловагӣ барои машғулиятҳо, ташкил намудани ҷаҳонбиниҳо бо кӯдакон ва волидон;
7. Тайёр кардани машваратҳо, ёддоштҳо барои волидон ва мураббиён, ороиши буклету брошураҳо, маводҳо оид ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти муассисаи томактабӣ;
8. Истифодаи компютер дар пешбурди ҳуҷҷатҳо, ташкили пойгоҳи гуногуни маълумот;
9. Омода намудани мавод барои веб-сомонаи муассисаи таълимӣ.

Тарбияи томактабӣ ҷабҳаи муҳимми муассисаи томактабӣ ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин синну сол дониш, малака ва маҳорати шахс дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, идеологӣ, сиёсӣ, экологӣ, фарҳангӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, хислатҳои ахлоқии ин давраи синну сол мавқеи махсусро ишғол мекунад. Шахси бомаърифат чӣ дар муассисаи таълимӣ ва чӣ дар муҳити хонавода доир ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташкил ва мазмуни онҳо донишҳои ибтидоӣ гирифта, малакаҳои муайяни худро ташаккул медиҳад. Ҳалли бомуваффақияти мушкилоти ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар кӯдакон, алалхусус, синни томактабӣ ба сифати тайёр намудани онҳо ба зинаи ояндаи таҳсилот бевосита вобаста мебошад. Барои ташаккули сифатҳои ахлоқии тарбиятгиранда маҳорати касбӣ ва таҷрибаи мураббиён аҳамияти ҳалкунанда дорад. Муносибати дуруст ба вазифаҳои худ, ҳисси масъулият самаранокии ташаккули чунин сифатҳои мусбӣ, ба монанди эҳтиром ба муҳити зист, риояи реҷаи ҳаррӯза, ташкили дурусти муносибат бо ҳамсолон, эҳтироми дӯстиро таъмин мекунад. Дар ин аснод ҳамаҷониба таъмин намудани муассисаи томактабӣ бо маводҳои таълимӣ тарбиявӣ ва инчунин ба самти рушди салоҳиятмандии технологӣ роҳнамоӣ кардани мураббиён самаранокии таҳсилоти кӯдаконро низ баланд месозад.

Муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ба қадри имкон бо шарту шароити замони муосир таъмин шуда истодаанд. Муассисаҳои томактабӣ низ аз ҷумлаи онҳо маҳсуб меёбанд. Татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар аз худ дарак дода истодааст. Масъалаи бо компютер ва дигар таҷҳизотҳои муосири компютерӣ таъмин кардани муассисаҳои томактабии Тоҷикистон то кунун дар ҳоли баррасӣ буда, марҳила ба марҳила амалӣ шуда истодааст. Бо вуҷуди талошҳои сохторҳои марбута мушкилот роҳи ҳалли худро наёфтаанд, баъзе аз онҳо дар ҷадвали зерин нишон дода шудаанд.

| **Муҳтавои мушкилот** | **Дараҷа ва андозаи мушкилот** |
|---|---|
| Маблағгузории нокифоя ба харидории | Таҷҳизот тадриҷан аз ҳисоби |

| | |
|---|---|
| таҷҳизотҳо ва таъминоти онҳо бо барномаҳои компютерии лозимӣ. | маблағҳои муассисаҳо ва махсус харидорӣ карда мешавад. |
| Ҳайати кормандон (аз ҳисоби дараҷаи баланди масъулият ҷалб кардани мутахассисони ихтисосманд мушкил аст) | Қабул кардани мутахассисони ҷавон ва бозомӯзии педагогони собиқадошта. |
| Нокифоя будани воситаҳои барномавии компютерӣ барои кӯдакони синну соли томактабӣ. | Сохтани бозиҳои компютерии омӯзишӣ ва барномаҳои компютерии хусусӣ. |

Раванди таълиму тарбия аз он иборат аст, ки насли наврас ба ҳаёти фармоишҳои иҷтимоӣ, ки талаботи ҷомеаро инъикос мекунад, омода созад. Дар раванди таълиму тарбияи ҷавонон дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тавонмандӣ, дар ҷомеа дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ мавқеи сазовор пайдо кардан, аз худ намудани донишу анъана ва малакаҳои меҳнатии аз ниёгон андӯхташуда нақши ҳалкунанда дорад ва инчунин дар рушди касбияти мураббиён маҳорати касбию-технологии онҳо нақши ҳалкунанда дорад.

Нисбат ба дараҷаи тайёрӣ, инчунин ба фаъолияти бевоситаи мураббии муассисаи томактабӣ талаботи муайян мавҷуд аст. Ба ғайр аз маълумоти миёнаи касбӣ ва маълумоти олӣ барои мураббӣ бояд барномаи махсуси корӣ аз ҳисоби такмили сатҳи касбиятионҳо пешбинӣ карда шавад. Он ҳадафҳои асосии кор бо кӯдаконро нишон медиҳад: таълимӣ, рушдёбанда, тарбиявӣ. Дар ин ҷо вазифаҳое, ки тарбиятгиранда дар давраи муайян ба миён гузоштааст, роҳҳои ба даст овардани онҳо муқаррар карда шудаанд. Мутобиқи стандартҳои нави таълими томактабӣ омӯзгор тамоми малакаҳои асосии универсалиро муқаррар мекунад, ки дастпарваронаш (мураббиён) бояд пас аз хатми курс аз худ кунанд. Вобаста аз он, ки муассисаи томактабӣ кадом равияро интихоб мекунад, барномаҳои мураббиён метавонанд ба доираи маҳдуд равона карда шаванд. Дар муассисаи таълимии томактабӣ дар байни равияҳои маъмултарин самти тарбияи ватандӯстӣ, экологӣ ва ҷисмонӣ дар ҷои аввал қарор доранд.

Ин сифат аз ҷониби мураббиён риояи меъёрҳои универсалии муносибат ва муошират бо кӯдакони синни томактабиро тақозо мекунад. Ғайр аз ин, мураббии касбӣ хислатҳои фардии ҳар як кӯдак, хусусиятҳои психологии ӯро ба назар мегирад. Мутобиқи Стандартҳои нави давлатии таълим, ҳар як тарбиятгирандаи кӯдакистон самти омӯзишро дар ҳамбастагии хонавода муайян намуда, вобаста ба қобилиятҳои синнусолӣ ва инкишофи ҷисмонии кӯдакон раванди омӯзиш ба роҳ монда мешавад. Адолат сифати ҳатмии мураббии муассисаи томактабӣ шуморида шуда, ӯ дар адои фаъолияти касбии худ вазифадор аст, ки нисбат ба ҳар як нафар кӯдакон беғаразона ва инфиродӣ рафтор намояд. Мураббии хуб бояд боз кадом хислатҳои шахсиро аз ҷумла, ҷаззобияти шахсӣ дошта бошад, ҳазлу шӯхӣ намояд, бошад. Аз нигоҳи фаъолияти иҷтимоӣ чунин мураббӣ бояд ҳамеша омода бошад, ки ба ҳамкорон дар ҳалли мушкилоти иҷтимоию иҷтимоӣ, пеш аз ҳама ба соҳаи маориф алоқаманд бошад. Мураббиён метавонанд дар фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии муассисаҳои томактабӣ аз усулҳои муосири таълим васеъ истифода баранд, то самаранок ва натиҷаовар фаъолият кунанд. Инчунин муҳим аст, ки мураббӣ тавонад ба воситаи шабакаҳои муосири компютерӣ (шабакаи Интернет) дар рушди салоҳияти технологии худ истифода бурда, маҳорат ва малакаҳои касбии хешро такмил диҳанд.

Барои инкишофи ҳаматарафаи ҷомеаи мутамаддин рушду инкишофи зинаи аввали таҳсилот саҳми босазо гузошта, таҷрибаи андӯхтаи наслҳои калонсол ба кӯдакон нишон дода шавад. Мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар тарбия ва таълими шахсиятҳои эҷодкор ва дурахшон ҳиссагузор шуда, масъулияти вазнине, ки бар душ доранд иҷро месозанд. Онҳо бо устувории эмотсионалӣ, истодагарӣ, сабр, устуворӣ, мушоҳидакорӣ шахсонеро ба воя мерасонанд, ки ҳамчун кӯдакони комил ба мактаб қадам мегузоранд. Инчунин, ба инобат гирифтани инкишофи ҷисмонӣ ва равонии онҳо дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бо ҷалби техникаву технологияи муосир

қадами дигари рушди минбаъдаи кӯдакон шуда метавонад. Аммо системанок ташкил намудани раванди омӯзиш ва бо ҷалби мутахассисони варзидаи соҳа ҳал намудани баъзе аз мушкилотҳои ҷойдошта суръати бартарафсозии масъалаҳои муҳитмарини ҳалталаб баланд мегардад.

Дар пайдо намудани мақоми арзанда мураббӣ бо истифода бурдан аз технологияи иртиботӣ-коммуникатсионӣ, компютер, шабакаи интернет ва технологияи мултимедӣ комёб мегардад.

Таҳлили адабиёти илмию методии муосир нишон медиҳад, ки технологияи информатсионӣ дар ҷараёни таълим васеъ истифода шуда истодааст. Таҳсилот соҳаи фаъолияти инсон аст, ки ҳамеша ба воситаҳои мухталифи ҷамъоварии иттилоот диққати махсус медиҳад. Махсусан, дар соҳаи маориф кинофилмҳо, видеофилмҳо, дискҳо, фитаҳои сабти овозии магнитафон, инчунин технологияи нави компютерӣ васеъ ҷорӣ гадидааст.

Имрӯзҳо таҳқиқоти зиёде оид ба масъалаи истифодаи технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълим гузаронида шудааст. Дар байни онҳо таҳқиқоти олимони рус Л.Ю. Бегенина, Г.А. Бордовский, Б.С. Гершунский, И.Б. Горбунова, В.А. Извозчиков, Е.И. Машбица, В.М. Монахов, Е.В. Николскийро қайд кардан бамаврид аст.

Оид ба рушди маориф дар асоси истифодаи технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълим, инчунин корҳои таҳқиқотии В.С. Леднева, В.П. Линьковой, С. Пейперта, И.В. Робертро қайд радан зарур аст, ки аксари онҳо дар асоси истифодаи технологияи иртиботӣ-коммуникатсионӣ имконияти тағйирот ворид намуданро ба ҷараёни таълим пешниҳод менамоянд.

Мутахассисон чунин меҳисобанд, ки технологияи иртиботӣ-коммуникатсионӣ метавонад имкониятҳои дарккунии кӯдаконро баланд бардошта, коэфитсиенти ҳушёрии дар зери таъсири атрофиён намонданро таъмин намояд, агар омӯзиш ва ё таълим ба воситаи технологияи информатсионӣ самаранок истифода бурда шавад. Бояд қайд кард, ки нақши технологияи иртиботӣ-коммуникатсионӣ дар он аст, ки ба ҳиссиёти муҳими кӯдакон таъсир расонида, қобилияти дар гурӯҳ зоҳир намудани маҳоратҳои хешро баланд мебардорад, кӯдак аз хурдӣ худро масъул ва ҷавобгӯй ҳис менамояд.

Дар ҳақиқат асри XX1 асри информатика ва технологияи муосири информатсионӣ мебошад. Саҳми ахбор дар қабули қарорҳои идоракунии истеҳсолот, ҷамъият, тафаккур ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарра меафзояд.

Рӯҳшиноси бачагонаи француз Серж Тиссерон қайд менамояд: «Дар замони пеш одамон дар зодгоҳашон таваллуд мешуданд ва мемурданд, дар як вазъияту ҳолат ин ё он ҳунар ё шуғлро аз худ намуда, тамоми умр онро иҷро мекарданд. Имрӯз ин тамоилҳо аз байн рафта, аз одамон бештар касбияти баланд ва тавоноии интелектуалӣ талаб карда мешавад»[5]. .

Касбияти баланд дар одамон аз давраҳои хурдсолӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ парварида мешавад. Махсусан, зинаи таҳсилоти томактабӣ марҳилае мебошад, ки дар он тамоми дониш, маҳорат, малака ё худ салоҳиятҳои кӯдакон ташаккул дода мешаванд.

Имрӯз барои пешравии соҳа ва барои ташкили низоми таҳсилоти ҷавобгӯи талаби замон, дар ин замина бо тарзу усули инноватсионӣ, татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим шароити мусоиду босамар фароҳам оварда мешавад.

Албатта, дар амалӣ шудани чунин талабот таълиму тарбияи томактабӣ тавассути технологияи иртиботӣ-коммуникатсионӣ нақши муҳим дорад. Кӯдакон тавассути компютер дар раванди тадрис ва берун аз он бояд тамоми вазифаҳои таълимиро эҳсос ва дарк намоянд. Барои он ки кӯдакон чун воситаи муомилот будани воситаҳои технологияи иттилоотиро ба пуррагӣ пай баранд, ҳамеша бубинанд ва ба таҳлил кашанд. Дар акси он наметавонанд тамоми қудрату тавон ва эъҷози таълимиро ба таври зарурӣ дарк кунанд. Барои бою рангин гардидани раванди таълиму тарбияи кӯдакон, мураббӣ истифодаи технологияи иртиботӣ-коммуникатсиониро бояд дуруст ба роҳ монад. Зеро, технологияи иртиботӣ-коммуникатсионӣ кӯдаконро ба фикр рондан, муҳокима намудан, таҳлилу таркиб кардан, ҷамъбасту хулоса баровардан водор намуда, зеҳн ва ақлу фаросаташонро такмил медиҳад, ки ба маҳорати касбии ҳар як мураббии соҳибкасб вобастагӣ дорад.

## АДАБИЁТ:


1. Лукьянова М.И. Профессиональная компетентность педагога: теоретический анализ понятия // Управление Дошкольным Образовательным учреждением, 2007. – № 1. – С. 15 – 22.
2. Маҷидова Б., Каримова А. Машғулиятҳои таълимӣ дар кӯдакистон "Омӯзгор", аз 25 августи соли 2006.
3. Михайленко Л.Л. Повышение профессионального уровня педагогов в дошкольном образовательном учреждении // Методист. – 2010. — №5. – С. 63-67.
4. Михайленко Л.Л. Повышение профессионального уровня педагогов в дошкольном образовательном учреждении // Методист. – 2010. — №5. – С. 63-67.
5. Расулхоҷаева, М.А. Нақши мураббиён дар ташаккули сифатҳои ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути шиносоӣ бо олами ҳайвонот / М.А. - Матн: мустақим // Олими ҷавон. - 2012. - No 7 (42). - С. 314-316. — URL: https://moluch.ru/archive/42/5095/ (санаи дастрасӣ: 26.12.2022).
6. Фридланд А.Я. Развитие содержания обучения информатике в педагогическом вузе на основе интеграции синтаксического и семантического подходов к информационным процессам, системам, технологиямю Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора педагогических наук: 13.00.02 - теория и методика обучения и воспитания (технологияи иттилоотӣ). – Москва, 2005. – 44 с. С. 17.


## ТАШАККУЛДИҲИИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МУРАББИЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақола рушди технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар ташаккули маҳорат ва малакаҳои техникии мураббиён нишон дода шуда, роҳҳо ва усулҳои инкишофи заминаи моддӣ ва техникии муассисаҳои томактабӣ ва сатҳи дониши техникии мураббиён дар таълиму тарбияи кӯдакон мусоидат менамояд. Муаллиф қайд мекунад, ки технологияи иттилоотӣ дар кӯдакистон метавонад ҳамчун ҷанбаҳои гуногун ҷамъоварӣ, коркард, интиқол, нигоҳдорӣ ва истифодаи иттилоот хизмат кунад. Инчунин, гуфтан мумкин аст, ки самараи маҳорату малакаи мураббиён на танҳо ба зинаи аввали таҳсилот, инчунин дар дигар зинаҳои таҳсилот натиҷабахш мешавад.



**Калидвожаҳо**: *технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ, салоҳиятнокӣ, муассисаи томактабӣ, мураббия, заминаи моддӣ, раванд, таълим.*


## ФОРМИРОВАНИЕ ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ НАВЫКОВ И УМЕНИЙ ВОСПИТАТЕЛЕЙ В УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ


В статье широко показано развитие информационно-коммуникационных технологий в формировании технических навыков и умений педагогов, а также пути и методы развития материально-технической базы дошкольных учреждений и уровня технических знаний педагогов поощряется воспитание и обучение детей. Автор отмечает, что информационными технологиями в дошкольных учреждениях могут служить различные аспекты сбора, обработки, передачи, хранения и использования информации. Также можно сказать, что влияние навыков и умений воспитателей эффективно не только на первой ступени обучения, но и на других ступенях обучения (средние общеобразовательные учреждения).



**Ключевые слова:** *информационно-коммуникационные технологии, компетентность, дошкольное учреждение, воспитатель, материальная база, процесс, образование.*


## FORMATION OF TECHNOLOGICAL SKILLS OF EDUCATORS IN THE EDUCATIONAL AND UPBRINGING PROCESS OF PRESCHOOL INSTITUTIONS


The article widely shows the development of information and communication technologies in the formation of technical skills and abilities of teachers, as well as ways and methods for developing the material and technical base of preschool institutions and the level of technical knowledge of teachers in encouraging the upbringing and education of children. The author notes that various aspects of the collection, processing, transmission, storage and use of information can serve as information technologies in kindergarten. It can also be said that the influence of the skills and abilities of trainers is effective not only at the first stage of training, but also at other stages of training.



**Key words**: *information and communication technologies, competence, preschool institution, educator, material base, process, education.*



**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Котибова Шарифа Пирмаҳмадовна- Тел: +992 559993120*

*Почтаи электронӣ: sharifa.kotibova@mail.ru*

**Об авторе:** *Котибова Шарифа Пирмахмадовна Тел: +992 559993120 Эл. почта: sharifa.kotibova@mail.ru*

**About the author:** *Kotibova Sharifa Pirmahmadovna Tel: +992 559993120 E-mail: sharifa.kotibova@mail.ru*

**Дар бораи муаллиф**: *Ёров Акмал Боронович-омӯзгори кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Тел: +992 918120314 Почтаи электронӣ: yorov.akmal@mail.ru*

**Об авторе:** *Ёров Акмал Боронович-преподаватель кафедры информационно-коммуникационных технологий ТГПУ им. С. Айни Тел: +992 918120314 Эл. почта: yorov.akmal@mail.ru*

**About the author:** *Akmal Yorov-the teacher of Information and communication technologies depute of TSPU named after S. Ayni Tel: +992 918120314 E-mail: yorov.akmal@mail.ru*

# НАҚШИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА ДАР ТАЪЛИМИ СИНТАКСИСИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

***Қурбонзода Ҳ. Н.***

**унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Фанни забони тоҷикӣ фаннест, ки омӯзиши он барои ихтисосҳои гуногун зарур аст, барои он ки ин фан худшиносии миллӣ, донистани мантиқ, неруи ирода, устуворӣ, истифода кардани фикр, эҷодкорӣ, таваҷҷуҳро равнақ медиҳад. Корҳои мустақилона аз фанни забони тоҷикӣ тарафҳои гуногуни ҳаётро инъикос намуда, ба донишҷӯён маълумотҳои заруру фоиданокро медиҳад. Аз ҳамин сабаб, иҷроиши онҳо донишҷӯёнро дар руҳияи сарфакорӣ, масъулиятнокӣ, ахлоқи ҳамида, меҳнатдӯстӣ ва ростгӯию поквиҷдонӣ тарбия менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ афзалиятнокии соҳаҳои илму маорифро борҳо таъкид намуда, ба рушду нумӯи забони тоҷикӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонанд. «Забони давлатӣ, бешубҳа, яке аз арзишҳои бузурги миллӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ, гузашта аз ин, нишонаи возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи пурнишебу фарози халқи тоҷик маҳсуб меёбад» [8]. зикр намуданд, дар яке аз суханрониҳои худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Бояд қайд кард, ки аз худ намудани дастовардҳои навини илму техника ва технологияҳои инноватсионӣ дар омӯзиш ва таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёна ва олӣ мавқеи асосиро мебозад. «Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад» Эмомалӣ Раҳмон. Вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгори забони тоҷикӣ имрӯз аз он иборат аст, ки ҷамъи қувваю имкониятҳои худро дар баробари таълим ва тадриси матнҳо ва порчаҳои назмию насрӣ ба тавсия ва мукаммалгардонии дониши грамматикии донишҷӯён сафарбар намуда, заминаи такомули шуури таҳлилӣ ва аналитикии онҳоро фароҳам оварад.

"Беш аз ин дар хазинаи арзишхои маънавии авлоди башар ҳиссаи намояндагон ва умуман халқи мо зиёдтар аст. Дар ҳамон арзишҳои умумибашарӣ (замин, ватан, оила, инсон, маданият, сулҳ, меҳнат, илму дониш), ки то имрӯз эътироф шудаанд, симо, сират, хусусият - менталитети халки мо бештар ба чашм мерасад. Дар бобати муносибат ба замин, ватану ватандорӣ, мустақиливу пойдории оила, ба қадри инсон расидан, фарҳангу маданият, сулху оштӣ, касбу ҳунар, афрӯхтани тухми дониш халқи мо мисл надорад. Масалан, арзиши умумибашарии илму донишро бигирем" [2, 10].

Бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки ҳама гуна фаъолияти инсон ва ҷамъият тавассути забон сурат мегирад. Ба ибораи дигар, забон воситаи муҳимтарини таҳаввулоти ҷамъият мебошад. Бесабаб нест, ки мутафаккири бузург Мирзо Абдуқодири Бедил фармуда, ки аз ибтидо то интиҳо ҳама кори олам дар ҳукми сухан (забон) аст.

*Аз азал то абад чи нав, чи куҳан*
*Буд маҳкуми иқтидори сухан.*

Ин маъниро ҳам илм ва ҳам таҷрибаи таърихии халқи тоҷик собит менамояд. Имрӯз илми ҷамъиятшиносӣ исбот кардааст, ки яке аз аломатҳои муҳими шинохти миллат мавҷудияти забони адабӣ мебошад. Барои ҳамчун миллат шинохта шудани ҳар халқият чаҳор омили иҷтимоӣ зарур мебошад: 1) мавҷудияти сарзамини аҷдодӣ, ки халқ маскун аст; 2) дорои истеҳсолоти моддӣ будан; 3) соҳиби забони адабӣ будан; 4) дорои анъанаҳои миллӣ – суннатҳои хоси маданиву фарҳангӣ будан. Ба

ибораи дигар гӯем, ҳар халқ, ки даъвои унвони миллатро дорад, бояд Ватани худ, номи худ ва маданияти худро дошта бошад. Бидуни яке аз ин омилҳо миллат чаҳор ишкели бутун пайдо намекунад.

Забон аломати барҷастаи тафаккури хосса, маданияти миллӣ мебошад. Мероси гаронбаҳову нотакрори фарҳанги миллат дар забон ифода мегардад. Забони тоҷикӣ имрӯз вазифаи таърихии худро беш аз пеш беҳтар ба иҷро расонида истодааст. Он, қабл аз ҳама, барои насли наврас воситаи бебадали инкишофи шуур ва тафаккур, барои ҳамагон воситаи мубодилаи афкор ва муомилоти моддию маишӣ, барои миллат воситаи вусъати маънавиёт ва илму фарҳанг мебошад. Нашри асарҳои безаволи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Забони миллат – ҳастии миллат» иборат аз ду ҷилд ҷиҳати пойдорӣ ва мустаҳкамии забони ноби тоҷикӣ аҳамияти беандоза дорад.

Масъалае, ки ба фаҳмиши моҳияти сиёсати забон марбут аст, андешидани тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо дар мамлакат мебошад.

Тадбирҳое, ки дар барномаи Ҳукумат пешбинӣ шуда буд, шароит ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи забони давлатӣ, муайян намудани асосҳои илмию усулии омӯзиши он дар ҳама навъи мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ, тадвину танзим ва нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим, табъу нашри адабиёт ба забонҳое, ки дар ҷумҳурӣ амал мекунанд, тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва соҳаҳои дигар, беҳтар кардани иштироки воситаҳои ахбори умум дар бобати тараққӣ ва омӯзиши забони давлатӣ, боло бурдани сатҳи маданияти нутқ ва ғайраро дарбар мегирифтанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули қонуни нави забонро ба миён гузошт, ки он таълиф гашт ва пас аз муҳокимаву таҳрир 3 октябри соли 2009 дар Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Ин ҳуҷҷати муҳими давлатиро, ки «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад, бояд қонуни комилан нав ҳисобид. Қонуни мазкур ба мисли пештара на ба ҳамаи забонҳои роиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, балки он вазъи ҳуқуқӣ ва истифодаи танҳо забони тоҷикӣ (давлатӣ)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин менамояд. Моддае, ки дар қонуни пештара нисбат ба забони русӣ вуҷуд дошт ва забони русиро «забони муошрати байни халқҳо дар ҳудуди Тоҷикистон» эълом дошт, фурӯгузор шудааст.

Ҳоло, ки иқтисоди бозоргонӣ ҳукмфармоӣ мекунад, ҳар муассиса ё корхона мехоҳад, ки кормандонаш шахсони ҷавони кордон ва дониши хуб дошта бошад. Аз ин лиҳоз, идораҳои давлатӣ, муассисаҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ҷавононро ба таври озмун ба кор қабул мекунанд, ки дар он масъалаву машқҳо аз фанни забони тоҷикӣ ва саводи грамматикӣ низ мавҷуд мебошад. Бинобар ин, бояд ҳар як донишҷӯ ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд аз мафҳумҳои грамматикӣ ва мантиқӣ бархӯрдор бошанд. Барои ба ин масъалаҳо ҷавоби мушаххас ѐфтан шарт нест, ки шахс мутахассиси соҳаи филология бошад. Дар ин ҳолат, дар дарсҳо масъалаҳои зеҳниро низ истифода бурдан лозим аст, ки малакаву маҳорати ҳалли чунин масъала дониши зеҳнии донишҷӯро такмил медиҳад. Вазифаи мактаби олӣ ба донишҷӯён додани дониши мустаҳками асосҳои илмидошта, баланд бардоштани малака ва маҳорат ва дар амал татбиқ намудани дониши назариявӣ мебошад. Ҳалли ин масъалаҳо бевосита бо мукаммал намудани шаклҳо, методҳо ва воситаҳои омӯзиш ва назорат вобаста аст. Барои ҷавобгӯ будани таълим ба стандарти давлатӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос дар мактабҳои таҳсилотӣ олӣ омӯзгорон бояд аз усули наву самарбахш истифода баранд. Дар раванди омӯзиши фанни забони тоҷикӣ ташкил кардани корҳои беруназсинфӣ дар мавзуи таълими синтаксис аҳамияти калон дорад. Ба инҳо дохил мешаванд озмунҳо, маҳфилҳои забоншиносӣ, олимпиада, машғулиятҳои иловагӣ, викторинаҳо, шабнишиниҳои саволу ҷавоб ва ғайра. Иштирок дар чунин озмунҳо донишҷӯёнро:

- ба беҳтаршавии сатҳи дониш;
- васеъ кардани ҷаҳонбинии грамматикӣ
- фаҳмиши воқеии илми забоншиносӣ,
- пайдо намудани диққати тафаккур, фикррони ва ғайра мусоидат мекунад, ки завқи онҳоро ба ин фан зиёд мекунад.

| | | |
|---|---|---|
| **беҳтаршавии сатҳи дониш** | **Иштирок дар озмунҳо** | **васеъ кардани ҷаҳонбинии грамматикӣ** |
| **пайдо намудани диққати тафаккур** | **фаҳмиши воқеии илми забоншиносӣ** | **фикррронӣ** |

Ташкил ва баргузори озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ҷиҳати рушду нумӯи забони давлатӣ ва баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти нерӯи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантон, ходимони илмӣ), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун (омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар) мусоидат мекунад. Инчунин, ҳамасола дар донишгоҳҳо ҳафтаи кафедраҳо ташкил ва гузаронида мешавад. Ҳафтаи кафедраи фанни забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Данғара аз ҷумлаи онҳост, ки дар давоми ин ҳафта дар муассиса семинарҳои илмӣ, тарбиявӣ, озмунҳои гуногун, дарсҳои намунавӣ, конфронсҳо баргузор мегардад. Устодони кафедра дар асосӣ нақшаи корӣ ҳар сол 5-7 чорабиниҳои беруназдарсиро дар сатҳи баланд мегузаронанд, ки ин ба бедор намудани шавқи донишҷӯён ба ин фан ва инкишофи нутқи даҳонии онҳо мусоидат менамояд. Ба монанди шабҳои эҷодӣ, масалан аз қисми синтаксиси фанни забоншиносӣ гузаронидан мумкин аст:

1. Ҷумлаи зерин: «Маҳмудҷон дарвозаро кушод, ҳар ду ба ҳавлӣ даромаданд» ба кадом намуди ҷумлаи мураккаб таллуқ дорад?

А) Ҷумлаи мураккаби тобеъ. Б) Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор. В) Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак. Г) Ҷумлаи сода.

2. Ҷумлаи мураккабе, ки ҷумлаҳои содаи таркиби он баробарҳуқуқ набуда, яке бадигаре тобеъ аст, чӣ номида мешавад?

А) Ҷумлаи сода. Б) Ҷумлаи мураккаби пайваст. В) Ҷумлаи мураккаби тобеъ. Г) Ҷумлаи мураккаби бепайвандак. Ғ) Ҷумлаи мураккаби омехта.

3. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ чӣ ном доранд?

А) Ҷумлаи баробарҳуқуқ. Б) Ҷумлаи пай дар пай. В) Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав. Г) Сарҷумла ва ҷумлаи баробарҳуқуқ. Ғ) Ҷумлаи пайрав ва тобеъшаванда

4. Ба пайвандакҳои ҷумлаи мураккаби пайваст кадоми ин гурӯҳҳо мансубанд?

А) Пайвандакҳои шартӣ. Б) Пайвандакҳои сабабӣ. В) Пайвандакҳои мақсад. Г) Пайвандакҳои тобеъкунанда. Ғ) Пайвандакҳои пайвасткунанда.

5. Ҷумлаи пайраве, ки ба тафсил ва эзоҳи хабари сарҷумла омада, бо он ба воситаи пайвандаки кӣ вобаста мегардад, чӣ ном дорад?

А) Ҷумлаи пайрави хабар. Б) Ҷумлаи пайрави мубтадо. В) Ҷумлаи пайрави муайянкунанда. Г) Ҷумлаи пайрави пуркунанда. Ғ) Ҷумлаи пайрави ҳол.

6. Дар ҷумлаи «Ҳар кас ки бештар кор кунад, вай ҳамон қадар ҳам бештар музд мегирад», дар он кадом хели ҷумлаи пайрав истифода шудааст?

А) Ҷумлаи пайрави хабар. Б) Ҷумлаи пайрави мубтадо. В) Ҷумлаи пайрави пуркунанда. Г) Ҷумлаи пайрави муайянкунанда. Ғ) Ҷумлаи пайрави ҳол

7. Ҷумлаи пайраве, ки сарҷумла бо ҷонишинҳои ишоратӣ ифода шудааст, эзоҳ медиҳад, чӣ ном дорад?

А) Ҷумлаи пайрави мубтадо. Б) Ҷумлаи пайрави хабар. В) Ҷумлаи пайрави муайянкунанда. Г) Ҷумлаи пайрави пуркунанда. Ғ) Ҷумлаи пайрави ҳол.

8. Ҷумлаи пайрави ҷумлаи зерин: «Ҷавононе, ки милтиқҳояшонро ба даст гирифта буданд, ҷаста хеста аз хона баромада давон – давон ба кӯча рафтанд» ба кадом намуди ҷумлаҳои пайрав тааллуқ дорад?

А) Ҷумлаи пайрави мубтадо. Б) Ҷумлаи пайрави хабар. В) Ҷумлаи пайрави муайянкунанда. Г) Ҷумлаи пайрави пуркунанда. Ғ) Ҷумлаи пайрави ҳол

9. Ҷумлаи пайраве, ки мубтадои сарҷумла ба воситаи ҷонишини ишоратӣ ифода гардидааст, шарҳ медиҳад, чӣ ном дорад?

А) Ҷумлаи пайрави мубтадо. Б) Ҷумлаи пайрави хабар. В) Ҷумлаи пайрави муайянкунанда. Г) Ҷумлаи пайрави пуркунанда. Ғ) Ҷумлаи пайрави ҳол.

10. Ҷумлаи зерин ба кадом намуди ҷумлаи пайрави ҳол тааллуқ дорад, муайян намоед: «Бибиоиша то як ҳафта, бе он ки овозе баланд кунад, чун мӯи оташдида ба худ мепечид».

А) Ҳоли тарзи амал. Б) Миқдору дараҷа. В) Монандӣ. Г) Макон. Ғ) Замон. Д) Мақсад.

11. Ҷумлаи пайраве, ки миқдору дараҷа, миқёс ва ҳадди воқеъ шудани амалу ҳолати сарҷумларо эзоҳ медиҳад, чӣ ном дорад?

А) Ҳоли тарзи амал. Б) Миқдору дараҷа. В) Макон. Г) Замон. Ғ) Мақсад. Д) Натиҷа.

«Таҷрибаи педагогӣ на танҳо дар кори муаллим ёрӣ мерасонад, инчунин дар назди назария як қатор масъалаҳоро мегузорад. Аз тарафи дигар, амалия на танҳо масъалахои заруриро барои аз нуқтаи назари илмӣ асоснок кардан дар назди назария мегузорад, инчунин вай дар бобати дурустӣ ё нодурустии хулосаҳои баровардаи назария ёрӣ мерасонад. Маҳз дар натиҷаи амалия самаранокии ин ё он тарз дар таълим исбот мегардад. Баъзан амалия метавонад самаранокии хулосаи умумии назария баровардаро рад намояд» [2, 34].

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ба омӯзиши фанни забони тоҷикӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи замони муосир, ба донишҷӯён бо маҳорат ва масъулияти баланд, дониш дода шавад. Зеро омӯзиши фанни зикргардида, қобилияти фикррониии ҳар як шахсро ташаккул дода, барои пешбурди соҳаҳои мухталифи давлатдорӣ, хоҷагии халқ ва роҳбарикунанда мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Земская Е. А. Современный русский язык. Словообразования учеб. пособ. М. Просвещение, 1973, - 304с.
2. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Воситаи таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ ва донишҷӯёни коллеч. 2001. – 339с.
3. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. УДТ. Маориф, 1967, саҳ. 37-45.
4. Ниёзӣ Ш. А. Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ, ҷузъи 7.Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ, АФ РСС Тоҷикистон, Сталинобод, 1954, - 49 с.
5. Потиха З. А. Современное русское словообразование. Пособие для учителя, М. Просвещение, 1970, - 384 с.
6. Рубинчик Ю. А. Грамматика современного персидского литературного языка, - М. Изд. Фирма “Восточная литература” РАН, 2001 – 600с.
7. Рустамов Ш. Исм, Душанбе, “Дониш”, 1983, - 220 с.
8. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш. Шаҳри Душанбе, 30.08.2017.
9. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. -М.: Просвещение, 1980. – 234с.
10. Ҳалимов С., Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик. (Ҳиссаҳои номии нутқ), Душанбе, 1988, - 100 с.
11. Ҳусейнов Х. Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. Душанбе, Маориф, 1988, 155 с.
12. Шанский М. Н. Очерки по русскому словообразованию. Изд. М. 2016. – 338 с.
13. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ (Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон) - Душанбе: Шуҷоиён, 2009. - 456 с.


## НАҚШИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА ДАР ТАЪЛИМИ СИНТАКСИСИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ташкил ва баргузории корҳои мустақилона ва озмуну викторинаҳо аз фанни забони тоҷикӣ ҷиҳати рушду нумӯи забони давлатӣ ва баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти нерӯи зеҳнӣ, инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мусоидат мекунад. Вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгори забони тоҷикӣ имрӯз аз он иборат аст, ки ҷамъи қувваю имкониятҳои худро дар баробари таълим ва тадриси

матнҳо ва порчаҳои назмию насрӣ ба тавсия ва мукаммалгардонии дониши грамматикии донишҷӯён сафарбар намуда, заминаи такомули шуури таҳлилӣ ва аналитикии онҳоро фароҳам оварад.

Дар ин мақола муаллиф дар бораи нақши корҳои мустақилона дар таълими синтаксиси фанни забони тоҷикӣ натиҷаи таҳқиқоти илмиро пешниҳод намудааст, ки яке аз масъалаҳои мубрам дар таълими фанни забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо***: фанни забони тоҷикӣ, таълим, синтаксис, донишҷӯ, омӯзгор, донишгоҳ, грамматика.*

## РОЛЬ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ В ОБУЧЕНИИ СИНТАКСИСУ ПРЕДМЕТА ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Организация и проведение самостоятельных работ и конкурсов и викторин по предмету таджикский язык способствует развитию и появлению государственного языка и повышению вкуса к чтению, укреплению интеллектуальной энергии, развитию творческих способностей учащихся начальных, средние и высшие профессиональные учебные заведения, после профессиональных учебных заведений. Первостепенная задача каждого преподавателя таджикского языка сегодня состоит в том, чтобы мобилизовать все свои силы и способности наряду с преподаванием и обучением текстам и произведениям поэзии и прозы для рекомендации и улучшения грамматических знаний учащихся, а также заложить основу для улучшения их аналитических способностей. и аналитическое сознание.

В данной статье автор представил результаты научного исследования роли самостоятельной работы в обучении синтаксису таджикского языка, что считается одним из самых актуальных вопросов в обучении таджикскому языку.

**Ключевые слова:** *предмет таджикского языка, образование, синтаксис, студент, преподаватель, вуз, грамматика.*

## THE ROLE OF INDEPENDENT WORK IN TEACHING THE SYNTAX OF THE SUBJECT OF THE TAJIK LANGUAGE

The organization and conduct of independent work and competitions and quizzes on the subject of the Tajik language contributes to the development and emergence of the state language and increase the taste for reading, strengthen intellectual energy, develop the creative abilities of students in primary, secondary and higher vocational schools, after vocational schools. The paramount task of every Tajik language teacher today is to mobilize all his strengths and abilities along with teaching and teaching texts and works of poetry and prose to recommend and improve the grammatical knowledge of students, as well as lay the foundation for improving their analytical skills. and analytical consciousness.

In this article, the author presented the results of a scientific study of the role of independent work in teaching the syntax of the Tajik language, which is considered one of the most pressing issues in teaching the Tajik language.

**Keywords:** *subject of the Tajik language, education, syntax, student, teacher, university, grammar.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Қурбонзода Ҳусен Нурмаҳмад - унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, адрес: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони . А. Адҳамов 11/2.*

**Сведения об авторе:** *Қурбонзода Ҳусен Нурмаҳмад - соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамов 11/2.*

**Information about the author:** *Qurbozoda Husen Nurmahmad - researcher, Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi, Academy of Education of Tajikistan, addres: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adhamov 11/2.*

# САМАРАНОКИИ АМСИЛАИ ТАКОМУЛИ ЖАНРҲОИ БАДЕӢ ДАР ТАШАККУЛИ НУТҚИ ОБРАЗНОКИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***Раззоқова Т. Р.***

**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»**

Солҳои охир баробари тараққӣ намудани илму техника ба масъалаи босавод гардонидани кӯдакони синни томактабӣ Ҳукумати мамлакат аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Зеро ба инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон на танҳо тарбияи волидайн басандагӣ намекунад, балки таълиму тарбияи муассисаҳои томактабӣ бисёр муҳим аст. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани таълиму тарбияи

кӯдакони синни томактабӣ шумораи зиёди корҳои тадқиқотии равоншиносон ва омӯзгорон ба омӯзиши проблемаи инкишофи нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз моделсозӣ бахшида шудаанд. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки ташаккули қобилияти ҳикоя кардан дар давраи томактабӣ яке аз ҷузъҳои асосии ташхиси психологии омодагии кӯдак ба мактаб буда, аз ин рӯ, вазифаи таъхирнопазири инкишофи кӯдакони муосир мебошад. Дар замони муосир мураббияҳо бештар моделсозиро дар таълими кӯдакони синни томактабӣ барои нақл кардани афсонаҳо истифода мебаранд, зеро моделсозӣ имкон медиҳад, ки дар як вақт бисёр равандҳои маърифатӣ инкишоф дода шавад: хотира, тафаккур, дарк, тасаввурот, инчунин ҳавасмандкунии фаъолияти маърифатии кӯдак ва ғ. Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 50% кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ҷалб гардидаанд, ки ба онҳо мураббияҳо баробари тарбият намудан, таълим низ медиҳанд. Аз ҷумла, машғулиятҳои «Шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ», «Инкишофи нутқ», «Саводомӯзӣ», «Шиносоӣ бо оламои атроф» ва ғайра омӯзонида мешаванд. Мақсади асосии ин машғулиятҳо дар кӯдакони синни томактабӣ босавод гардонидани насли наврас, аз рӯи талаботи замон омода намудан мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои томактабии давлатӣ ва хусусӣ фаъолият мебаранд, ки дар ҳамаи ин онҳо аввал машғулияти «Инкишофи нутқ» ба роҳ монда шудааст ва мураббияҳо бо ҳар гуна усулу методи таълимӣ кӯдакони синни томактабтро таълим медиҳанду тарбият менамоянд. Дар назди кормандони муассисаҳои томактабӣ вазифа гузошта шудааст, ки кӯдакони синни ин зинаи таҳсилотро дар руҳияи ватанпарастӣ ва донандаи хуби забони адабӣ тарбият намоянд. Барои ноил шудан бо ин мақсад волидайн ва мураббияро мебояд, ки дар вақти таълиму тарбия жанрҳои бадеиро тариқи амсила омӯзонад. Кӯдакон тарзи муошират, яъне фаҳмо ва пай дар пай баён кардани фикру андешаи худро донанд.

**Амсила** – модел, андоза, шабоҳат ё намунаи навест, ки хосиятҳои асосӣ ва муҳимтарини объект, ҳодисаи таткиқшавандаро инъикос менамояд [11]. Моҳияти кори онҳо дар он аст, ки тафаккури кӯдакро бо воситаи схемаву ҷадвалҳо махсус, моделҳо инкишоф медиҳанд, ки ба кӯдак ҳамчун маводи аёнӣ ва дастрас пешкаш мегардад. Он шакли махсуси ниҳонӣ, ки дар робита бо ин ё он объект таҷдид карда шуда, аз принсипи ивазкунӣ бархӯрдор аст.




Муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ ва психология, ба мисли А.Н. Гвоздев, Д.Б. Элконин, А.Н. Леонтьев, Л. Выготский, Ҷ. Пиаже, Д. Слобин, Ҷ. Брунер, С.Л. Рубинштейн омӯзиши амсиларо барои кӯдакони синни томактабӣ тавсия намудаанд [3, с. 356]. Онҳо ақида доранд, ки тафаккури кӯдак бо ёрии схемаҳо, моделҳои махсус, ки хосиятҳо ва робитаҳои пинҳонии ашёро дар шакли дидашавандаву дастрас барои ӯ такрор мекунанд, ки дар ин замина хотира ва нутқи онҳо инкишоф мeёбад.

Рушди нутқ ҳамчун рушди қобилияти фаҳмидан ва истифода бурдани забон ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, инкишофи шунавоии фонемикӣ ва таҳлили овоз, захираи луғавӣ, огоҳӣ аз таркиби калимаҳо, инкишоф додани малакаҳои коммуникативӣ, ташаккули категорияҳои грамматикӣ, қобилият ва малакаи нутқи адабӣ.

Дар шароити пешрафти илму техника дар машғулиятҳои таълимии муассисаҳои томактабӣ омӯзиши жанрҳои бадеӣ тариқи амсила бояд хуб ба роҳ монда шавад. Зеро дар синни томактабӣ кӯдакон шаклҳои гуногуни нақлкуниро меомӯзанд. Дар ин росто, қисми зиёди кӯдакон барои дарёфт намудани ҳақиқату далел дар нақлҳои худ, дар мантиқу пайдарҳамӣ ва муназзамии нутқ, сохти баёну фасеҳияту мураттабии забон душворӣ мекашанд. Аз ҳама усулҳои таълими нақлкунӣ методи

амсиласозӣ навтар маҳсуб меёбад ва дар замони муосир афзалтарин метод барои ташаккули нутқ ва тафаккур пиндошта шудааст. Моделсозии биноӣ ин таҷдиди хосиятҳои асосии объекти омӯхташаванда, эҷоди ивазкунанда ва кор бо он мебошад. Дар синни томактабӣ маводи биноӣ нисбат ба шифоҳӣ осонтар аст. Л.А. Венгер, Д.Б. Элконин, истифода бурдани моделсозии визуалиро ба мақсад мувофиқ мешуморанд, зеро он барои кӯдакон дастрас буда, қобилиятҳои ақлиро инкишоф медиҳад, захираи луғавиро бой мегардонад, кӯдакон муқоиса карданро ёд мегиранд. Муҳаққиқон дуруст таъкид мекунанд, ки «Истифодаи моделҳо хотираро инкишоф медиҳад, дониши кӯдаконро равшан мекунад, фаъолият, мустақилият ва азхудкунии маълумоти омӯхташударо инкишоф медиҳад» [5, с. 235]. Вазифаи мураббия аз шинос намудани кӯдакон бо усулҳои одии ба хотиргирӣ, ёд додани тахайюлот, эҷод ва нақл кардани афсонаҳо маҳсуб меёбад.




Дар ҷараёни истифодаи усули аёнии амсиласозӣ кӯдакон бо сохти графикии маълумот – модел, амсила ва ё намуна шинос мешаванд. Кор аз болои шакли одии моделиронӣ ё худ амсиласозӣ – силсилавӣ оғоз мегардад. Кӯдакони синни томактабӣ тартиб додани амсилаҳоро бо омӯзиши жанрҳои бадеӣ меомӯзанд.

Шакли дуюми методи амсиласозӣ ин ҳаракаткунанда мебошад. Бо илова намудан ва ё барканор кардани ҷойнишини қаҳрамонҳо лаҳзаҳои нақлро кӯдакон баён мекунанд. Ин намуди амсиласозӣ ба кӯдак имкони воқеаро пайдарҳам ба хотир гирифтан ва маҳорати дурусту аниқ вогузор намуданро таъмин менамояд.

Шакли сеюми амсиласозӣ ин муваққатӣ – фазовӣ мебошад, ки бо воситаи он ҳодисаҳои муваққатӣ метавонанд бо шакли амсила манзур гардида бошанд: ҳудуду чорчӯбаи ранга бо ақрабакҳо, теғаи кубикҳо. Бо истифода аз амсилаҳои муваққатӣ-фазоӣ кӯдакон нақлкунии лаҳзаҳои афсонаро бе мадади калонсолон ва интихоб намудану пайдарҳамӣ сюжети асарро меомӯзанд. Ақрабакҳое, ки аз як расм ба расми дигар бурда мешаванд, ба кӯдакон барои бахотиргирии лаҳзаҳо ва мантиқиву паиҳам баён намудани нақл мадад мерасонад. Мураббияҳо метавонанд дар рафти машғулияти таълимӣ як афсонаро дар намуди дилхоҳи методӣ зикр карда, ба кӯдакони синни томактабӣ омӯзанд. Оид ба омӯзиши жанрҳои бадеӣ тариқи амсила дар раванди машғулиятҳои муассисаҳои томактабӣ мо аз кори муассисаҳои давлатии шаҳри Хуҷанд, аз қабили «Ширхоргоҳ - кӯдакистон»-ҳои рақами №26, №25 №2 ва №35 дидан намудем. Дар зимни боздид таваҷҷуҳи худро бештар ба гурӯҳҳое, ки барои мактаб омода мешуданд, равона намудем. Бо мураббияҳо перомуни мавзуи зикргардида суҳбат намуда, аз гӯшаи адабиёти гурӯҳҳо дидан намудем. Дар машғулиятҳои таълимии гурӯҳҳо иштирок намудем. Мушоҳидаҳо нишон дод, ки мураббияҳо ба кӯдакони синни томактабӣ аз жанрҳои хурди фолклорӣ, аз қабили афсона, ҳикоя, чистон, шеър, зарбулмасал, мақол истифода мебурдаанд. Дар ширхоргоҳ-кӯдакистонҳое, ки мо назар намудем, жанрҳои бадеиро тариқи амсила ё модел кам меомӯзанд, онҳо танҳо аз китобҳо, овезаҳо ва расмҳо истифода мебаранд. Аксарияти кӯдакони синни томактабӣ жанрҳои бадеиро аз ҳамдигар ҷудо карда наметавонанд. Мо ба мураббияҳое, ки дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб сару кор доранд, тавсия менамоем, ки схемаи жанрҳои бадеиро дар як гӯшаи гурӯҳи худ ҳамчун аёният ё модел нигоҳдорӣ намоянд.




Ин схемаи тартибдодаи моро мураббия метавонад дар рафти машғулиятҳо ҳамчун амсила истифода намояд. Бо ин роҳ кӯдакони синни томактабӣ жанрҳои хурди фолклориро шинохта метавонанд, зарбулмасалро аз мақол, сурудро аз бадеҳа, афсонаро аз ҳикоя фарқ карда метавонистагӣ мешаванд. Дар таҳқиқоти бисёр равоншиносон, аз ҷумла Л.А.Венгер, Д.Б. Элконин дастрас будани усули моделсозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ қайд карда шудааст [9].

Омӯзиши жанрҳои бадеӣ тариқи амсила кори мураббияро осон ва завқу ҳаваси кӯдаконро ба машғулият зиёд менамоянд. Мураббияҳои кӯдакистонҳо метавонанд худ мисли олимон ва мутахассисони соҳибтаҷриба дар ҳар як машғулияти худ жанрҳои бадеиро ба кӯдакон тариқи амсиласозии сода омӯзонанд. Чунонки олимони шинохтаи соҳаи педагогика Д.Б.Элъконин, Л.Е.Журова қайд намудаанд, "бисёр усули таълими томактабӣ ба истифодаи моделҳои аёнӣ асос ёфтаанд, масалан, усули таълими хондан ва навиштан" [1]. Мураббия бояд жанрҳои бадеиро ба кӯдакон аз тариқи сода ба мураккаб омӯзонад, зеро зимни таҳқиқоти равоншиносон ва омӯзгорони маъруф А.В.Бакушинский, Л.С. Выгодский, Е.А.Игнатьев, Р.Г.Казакова, Т.С.Комарова, В.С.Кузин, Г.В.Теплов, Е.А.Флерина айён аст, ки онҳо аз мнемотехника ва мнемотаблитса истифода намудаанд.

Дар замони муосир бояд дар ҳамаи муассисаҳои томактабӣ шароити хуби таълим фароҳам оварда шавад. Мураббияҳо аз техникаҳои ҳозиразамон хуб истифода бурда тавонанд. Методи амсиласозиро дар машғулиятҳо фаъолона истифода баранд. Бояд ҳар як кӯдаке, дар бораи ашёи одӣ, ҳадди ақал, бо нутқи бурро суҳбат карда тавонад. Мо дар ин ҷо барои фаҳмидани мустаҳкамии хотираи кӯдакон ва шунидани нутқи онҳо як схемаеро омода намудем, то онҳоро омӯхта бошем. Чунонки Д.Б.Элконин гуфтааст: «Синну соли томактабӣ давраи босуръати бойшавии захираи луғат мебошад» [9].

| Номгӯи меваҳо | Маълумот дар бораи Меваҳо |
|---|---|
| Себ  | **Себ** - меваи маъмули иштиҳоовар буда, зеби ҳар дастархон аст. Себ сероб, хушхӯр, ширин буда, таркибаш аз витаминҳои В, С бой аст. Себ барои саломатӣ фоидаовар буда, хунро тоза ва зиёд мекунад. Он навъҳои гуногун дорад, ки маъмултарини онҳо хубонӣ, пешпазак, шакарак, турушак, крепсон, антонӣ, аштархонӣ мебошанд. |
| Ангур  | **Ангур** -меваи ширин аст. Таркиби ангур витамин ва моддаҳои кимиёвӣ дорад. Ангур аз витаминҳои А, В, D ва Р бой аст. Ангур барои аз байн бурдани бемориҳои чашм, асаб, хунукзадагӣ, офтобзадагӣ ёрӣ мерасонад. |

| | |
|---|---|
| Анор  | **Анор** - меваи маъмул аст. Дарахти анор 20 сол умр мебинад. Дарозии он 5-6 метр буда, навдаҳояш борик, хордор, баргҳояш ҷилодор, гулаш сурх аст. Ин меваи хушхӯр аз витамини С ва қанд бой аст. Шарбати анор барои камхунӣ фоидаовар аст. |
| Нок  | **Нок** (мурӯд) меваи маъмул аст. Нок хуштаъму серғизо мебошад. Нок дар иқлими Тоҷикистон мутобиқ буда, аз он мураббо, шарбат ва дигар хӯрданиҳо тайёр мекунанд. Таркиби нок аз сафеда, қанд ва витаминҳои Е, С, Р ва В бой аст. |

Мо дар ин схема аввал меваҳоро бо маълумоташ паҳлу ба паҳлу мегузорем, то кӯдакон бо он аз наздик шиносоӣ пайдо намоянд, баъдан, ҷойҳои онҳоро тағйир дода, аз кӯдакон хоҳиш менамоем, ки онҳоро ба шакли аввала ҷобаҷо гузоранд.

| Номгӯи меваҳо | Маълумот дар бораи меваҳо ҷойивазкунии онҳо |
|---|---|
|  | **Анор** - меваи маъмул аст. Дарахти анор 20 сол умр мебинад. Дарозии он 5-6 метр буда, навдаҳояш борик, хордор, баргҳояш ҷилодор, гулаш сурх аст. Ин меваи хушхӯр аз витамини С ва қанд бой аст. Шарбати анор барои камхунӣ фоидаовар аст. |
|  | **Нок** (мурӯд) меваи маъмул аст. Нок хуштаъму серғизо мебошад. Дар иқлими Тоҷикистон мутобиқ буда, аз он мураббо, шарбат ва дигар хӯрданиҳо тайёр мекунанд. Таркиби нок аз сафеда, қанд ва витаминҳои Е, С, Р ва В бой аст |
|  | Себ меваи маъмули иштиҳоовар буда, зеби ҳар дасторхон аст. Себ сероб, хушхӯр, ширин буда, таркибаш аз витаминҳои В, С бой аст. Себ барои саломатӣ фоидаовар буда, хунро тоза ва зиёд мекунад. Он навъҳои гуногун дорад, ки маъмултарини онҳо хубонӣ, пешпазак, шакарак, турушак, крепсон, антонӣ, аштархонӣ мебошанд. |
|  | **Ангур** - меваи ширин аст. Таркиби ангур витамин ва моддаҳои кимиёвӣ дорад. Ангур аз витаминҳои А, В, D ва Р бой аст. Ангур барои аз байн бурдани бемориҳои чашм, асаб, хунукзадагӣ, офтобзадагӣ ёрӣ мерасонад. |

Дар схема барои он дар бораи меваҷот маълумот додем, ки онҳо ба саломатии кӯдакон фоидаовар буда, қариб ҳамаи ин меваҳо дар ватанамон парвариш карда мешаванд. Як ҷиҳати самаранокии ин схема дар он аст, ки кӯдакон метавонанд дар хона аз калонсолон оид ба дигар меваҳо маълумот гиранд. Мо ин ҷо оид ба меваҳои ватанӣ, аз қабили себ, ангур, анор ва нок маълумот додаем. Мураббияҳо метавонанд, ки дар машғулиятҳо чунин схема тартиб дода, дар он аз хусуси идҳои миллӣ, рӯзҳои таърихӣ, сабзавот, ҳашарот, хазандагон, парандагон, фаслҳои солро ҷой дода, ба кӯдакон омӯзонанд.

Дар қатори ин гуна амсилаҳо мураббия метавонад шеър, чистон, афсона ва дигар жанрҳои бадеиро омӯзонад.

Сохтори кор:
Усули аз сода ба мураккаб

Абр, ғубор меорад,борон
меорад, рӯи офтобро мепӯшад.



Абри гузар,
Тез гузар,
Ягон – ягон
Чакида гузар! [11]

Барои он ки инкишофи нутқи кӯдакон самарабахш гардад, жанрҳои бадеиро тариқи амсила бо истифодаи бозиҳои дидактикии калимасозӣ, бозиҳои рӯимизии навишташуда, расмҳои қаҳрамонҳо, тасвири фаслҳои сол ва ғайра таълим додан ногузир аст.

Кӯдакон бо ин роҳ ба саволҳо ҷавоби дуруст пешниҳод кардан, дуруст саволгузорӣ намудан, нақли афсона, ифоданок қироат намудани шеър, тавсиф намудани расм, ҳозирҷавоб будан дар чистон ва ғайраҳоро меомӯзанд. Бо омӯзиши жанрҳои бадеӣ тариқи амсила дар кӯдакони синни томактабӣ нутқи образнок такмил меёбад ва онҳо бемамоният худро дар ҳама маврид идора карда метавонанд. Ҳамчун муҳаққиқ дар «Ширхоргоҳ- кӯдакистони №26»-и ш. Хуҷанд дар гурӯҳи офтобак кори худро оғоз намудем. Барои омӯзиши нутқи образноки кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун мурраббия аз методҳои ҳавасмандгардонӣ ва амсиласозӣ жанрҳои бадеиро омӯзонидем. Дар тули се моҳи таҳқиқот аз 100% аҳли гурӯҳ 40% -ро бо нутқи образнок баромад намуданро омӯзонидем, ки ба ин натиҷа расиданро ҳамин модел ё амсила ёрии хуб расонид. Мисол, барои ҳавасманд гардонии кӯдакон мо аз наворбардори телефони мобилӣ истифода намуда, ба онҳо китобҳо ваъда намудем, сурати онҳоро аксбардорӣ намуда, ба онҳо чоп карда овардам. Тариқи фигураҳои геометрӣ жанрҳои бадеиро чунин амсиласозӣ намудем. Мо зарбулмасали зеринро аввал ба кӯдакон омӯзонидем, баъдан, ин фигураҳои геометрии пуштгардон намудем, аз кӯдакон хоҳиш намудем, ки онҳоро дуруст ҷобаҷо гузоранд, дар маротибаи аввал ин тарз шуд:




Боз як бори дигар санҷида баромадем 80%-и гурӯҳ дуруст ҷобаҷо гузоштанд. Дар ин машғулиятҳо бештар аз 10 нафар ҳаматарафа ҳушёр ва зирак буданд, аз ҷумла Шамсиддин, Меъроҷ, Маҳина, Мадина, Хайём, Самина, Сайёд, Муҳаммад, Сарвиноз ва Мутриба. Онҳоро мо бо ифтихорномаи мудири кӯдакистон сарфароз гардонидем.

Хулоса, жанрҳои бадеиро мо метавонем дар шароити имрӯза ба кӯдакон аз ҳар ҷиҳат хуб фаҳмонда, нутқи онҳоро бурро ва фикрронияшонро дар сатҳи олӣ ташаккул диҳем, зеро барои инро анҷом додан дар кӯдакистонҳо тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Танҳо мутахассисони соҳаро зарур аст, ки аз сидқи дил бо кӯдакон корбарӣ кунанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Алексеева М.М., Яшина В.И. Методика развития речи и обучения родному языку дошкольников. – Москува: Академия, 2000.-400с.
2. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон. – Душанбе: Ирфон- 1981. – 244с.
3. Запорожец А. В., Неверович Я. З. Развитие социальных эмоций у детей дошкольного возраста.- Москва: Педагогика, 1986.-172 с.
4. Бобокалонова Ҷ. Таърихи адабиёти атфол. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006 .- 524 с.
5. Бородич А. М. Методика развития речи детей. Москва: Прочвещение, 1981.-256с.
6. Гурович Л. М. Ребенок и книга: Книга для воспитателя детского сада.- М.: Просвещение, 2002. - 64 с.
7. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ. Қисми 1. - Душанбе, 2001.-242с.
8. Шарифиён М.Х., Луфов М.Т. Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон. Қисми 3. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. -359с
9. Ушакова О.С., Струнина Е.М. Методика развития речи детей дошкольного возраста. Учебно – методическое пособие для воспитателей дошкольных учреждений. М.: Издательство Центр ВЛАСОД, 2004.-288с.
10. Фольклори тоҷик. Тартибдиҳанда Ҳ. Имодӣ. – Душанбе: Маориф, 1989.-264с.

## АМСИЛАИ ТАКОМУЛИ ЖАНРҲОИ БАДЕӢ ДАР РАВАНДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

Мақола дар бораи мавқеи амсилаи такомули жанрҳои бадеӣ дар раванди машғулиятҳои муассисаҳои томактабӣ баҳс намуда, дар он меъёрҳои омӯзиш, роҳҳои омӯзонидани жанрҳои бадеӣ тариқи амсила ё моделсозӣ, мақоми мураббӣ дар ташаккули нутқи кӯдакон тавассути жанрҳои бадеӣ мавриди тадқиқ фаро гирифта шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷойгоҳи амсиларо дар ташаккули нутқи кӯдак ба таври васеъ рӯйи кор оварда, оид ба усули амсиласозӣ иттилоъ диҳад ва методҳои истифода намудани онро давра ба давра ҷудо намуда, хусусиятҳо ва арзишҳои муҳими амсиларо барои мураббияҳо баён намояд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки мураббия бояд усули амсиласозиро фаъолона аз худи кӯдакон талаб намояд, ин усул хотираи кӯдакро қавӣ, нутқашро бурро, ҳолати руҳияшро хуб месозад. Таъкид мегардад, ки моҳияти омӯзиши амсила дар он аст, ки тафаккури кӯдакро бо воситаи схемаву ҷадвалҳои махсус, моделҳо инкишоф медиҳанд, ки ба ӯ ҳамчун маводи аёнӣ ва дастрас пешкаш гардидааст.

Муаллиф хулоса менамояд, ки ба воситаи амсила омӯзиши жанрҳои бадеӣ дар муассисаҳои томактабӣ шавқовар гардида, кӯдакон ҷараёни таълимро дар машғулиятҳо бо кайфияти баланд паси сар менамоянд.

**Калидвожаҳо:** *амсила, кӯдакон, муассисаҳои томактабӣ, мураббия, нутқ, жанрҳои бадеӣ, инкишоф, мисол, олимон, равоншиносон, маориф.*

## МОДЕЛЬ РАЗВИТИЯ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ЖАНРОВ В ПРОЦЕССЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

В статье рассматривается роль модели развития художественных жанров в процессе деятельности дошкольных учреждений, освещаются стандарты обучения, способы обучения художественным жанрам посредством лепки, статус педагога в формировании речи детей через художественные жанры. Автор постарался широко обсудить место сравнения в формировании речи ребенка, сообщить о методе сравнения, выделить время от времени способы его употребления, объяснить важные особенности и значения сравнения для учителей.

Автор подчеркивает, что педагог должен активно требовать от самих детей метода лепки, этот метод укрепляет память ребенка, обостряет его речь, улучшает его психическое состояние. Подчеркивается, что суть модельного обучения состоит в том, что мышление ребенка развивается посредством специальных схем и таблиц, моделей, которые представляются ему как наглядный и доступный материал.

Автор приходит к выводу, изучение художественных жанров в дошкольных учреждениях благодаря этому методу стало интересным, а дети получают удовольствие от образовательного процесса на занятиях.

**Ключевые слова:** *пример, дети, дошкольные учреждения, педагог, речь, художественные жанры, развитие, пример, ученые, психологи, образование.*

## MODEL OF DEVELOPMENT OF ARTISTIC GENRES IN THE PROCESS OF ACTIVITY OF PRESCHOOL INSTITUTIONS

The article discusses the role of the model for the development of artistic genres in the process of the activities of preschool institutions, highlights the standards of education, methods of teaching artistic genres through modeling, the status of a teacher in the formation of children's speech through artistic genres. The author tried to widely discuss the place of comparison in the formation of a child's speech, report on the method of comparison, highlight the ways of using it from time to time, and explain important features and meanings of comparison for teachers.

The author emphasizes that the teacher should actively demand the modeling method from the children themselves, this method strengthens the child's memory, sharpens his speech, and improves his mental state. It is emphasized that the essence of model learning is that the child's thinking develops through special schemes and tables, models that are presented to him as visual and accessible material.

The author comes to the conclusion that the study of artistic genres in preschool institutions has become interesting thanks to this method, and children enjoy the educational process in the classroom.

**Key words:** *example, children, preschool institutions, teacher, speech, artistic genres, development, example, scientists, psychologists, education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Раззоқова Тозагул Раҳимбердиевна – докторанти курси дуюми ихтисоси педагогика ва психологияи факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**Сведения об авторе:** *Раззокова Тозагуль Рахимбердиевна – докторант (PhD) второго курса педагогики и психологии факультета начального образования и специальной педагогики ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова» (Таджикистан, г. Худжанд)*

**About the author:** *Razzokova Tozagul Rakhimberdievna - doctoral student (PhD) of the second year of pedagogy and psychology of the faculty of primary education and special pedagogy of the State Educational Institution «Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov» (Tajikistan, Khujand)*

## МУШКИЛИҲОИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

***Ҷабборова Т.***

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Проблемаи дилбастагии кӯдакон ва ҷавонон ба бозиҳои компютерӣ ба яке аз мушкилоти асосии оила, муассисаи таълимӣ ва ҷамъият дар шароити муосир табдил ёфтааст. Вобастагии ҷавонон аз инкишофи компютер ва интернет раванди ҷудои нопазир аст. Табиатан, агар решаи ин бадбахтиро кобем, маълум мешавад, ки сабаби асосии он волидон мебошанд. Онҳо шароит муҳайё намуданд, ки фарзанди хешро дар паси мизи компютер шинониданд, ки ба касе халал нарасонад. Дар баробари ин, ба ҷои бо ӯ гап задан, изҳори муҳаббати хеш, ӯро яккаю танҳо дар муошират бо компютер гузоштанд [1, с 8].

Барои инсони ба вобастагии бозиҳои компютерӣ мубтало, аз ҳама кори муҳимтарин дар ҳаёти ӯ бозиҳои компютерӣ мебошад. Ба ҳолати бозӣ ворид гардида, инсон ба воқеияти дигар дохил мешаванд, аз он рангҳои гуногуни ҳаётро дарк намуда ҳаловат мебарад. Дар ҳаёти ҳаррӯза ин омил чун одат инсонро ба инсони ба худаш хос табдил медиҳад. Воқеияти тахайюлӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки хешро муҳиму даркорӣ ва меҳвари дарк намуда, аз ин нақши тахайюлии хеш баланд ва хурсандӣ намоянд.

Ба таърихи мубталошавӣ ва инкишофи бозиҳои мафтункунанда муроҷиат карда, бо бисёр гуфтаҳои мардуми Ҳиндустон, Филиппин, Хитой, Япония ошно гардидан мумкин аст. Дар онҳо нақл карда мешавад, ки мардҳо ба сифати гарав дар чунин бозиҳо зан, духтар, хоҳар, модар ё ягон узви баданашонро бохтаанд.

Олими соҳаи психология К.В. Зорин дар он хусус андешаронӣ менамояд, ки дар мамлакати мо бозиҳои зиёди диққат ҷалбкунандаи «зӯроварӣ ва таърихии фоҷиавӣ» мавҷуданд. «Дар Россияи православӣ диндорон ва ҳокимият, хатари бозиҳои дилхуширо дарк намуда, ба сарлашкарон (воеводҳо) супориш доданд, ки аз болои одамони дар бозиҳои сархушкунанда ширкат варзанда ҷиддӣ назорат баранд». [3, 86].

Бозӣ тадриҷан вақти камтар дода мешавад, китобхона рафтан ба кинотеатр ва телевизион дар истироҳати хонандагони хурдсол ҷои калонро ишғол мекунанд.

Бозӣ аз ҷиҳати педагогӣ моҳирона ташкил карда шуда, қобилиятҳои зеҳнии бачаҳоро ба ҳаракат медарорад, қобилияти ташкилотчигиро инкишоф медиҳад, маҳорати худтанзимкуниро тарбия мекунад, аз амали якҷоя шодӣ мебахшад. Инкишофи қобилияти маърифатӣ бо ҳамаи фанҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ робитаи бевосита дорад. Масалан, инкишофи пуршиддати тафаккури талабагон барои хубтар таҳлил ва дарк намудани матнҳои хондаашон кумак мерасонад.

Ва дар раванди таълим фаъолона ҷорӣ намудани бозиҳои зеҳнӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини омӯзгор мебошад.

Омӯзиши равандҳои маърифатии хонандаи хурдсол ҷанбаи муҳими дарки шахсияти хонанда, муваффақият ва мушкилоти омӯзиш мебошад.

## АДАБИЁТ:

1. Волков Г. Н. Этнопедагогические проблемы современного образования и воспитания: теория и практика // Вестник Российского государственного научного фонда. - М.: Народное образование, 1998 . - С. 168.
2. Латышина Д.И. Традиции, воспитания детей у русского народа. - М.: Школьная пресса, 2004. – 128.
3. Котибова Ш. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ. Д: 2004.
4. Лутфуллоева П. Истифодаи бозӣ дар дарсҳои забони англисӣ. Душанбе – 2021, 52 саҳ.
5. Швайко Г.С. Игры и игровые упражнения для развития речи: М.:Просвещение, 1983.- 64 с.
6. Игрушки и пособия для детского сада: М.: Просвещение, 1982, 175 с.

## ИНКИШОФИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТИИ ХУРДСОЛОН ТАВАССУТИ ФАЪОЛИЯТҲОИ БОЗӢ

Дар мақола муаллиф оид ба замони муосир (актуалӣ) будани мавқеъи фаъолияти бозӣ, ҷустуҷӯии ақл, майл ба дониш, зиракӣ меъёри асосии баҳогузории инсон дар ҷомеаро зарур донистааст. Қаноатмандӣ, шодию хурсандии одам дар зиндагӣ ба ҳамин вобаста аст. Дар навбати худ ҷамъият аз талабагон фаъолият ва савияи баланди донишро талаб мекунад, ки ин ба бедор намудани хонандаи хурдсол ба раванди муносибатҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад навиштааст.

**Калидвожаҳо:** *инсон, фаъолият, баҳогузорӣ, қаноатмандӣ, бозӣ, хонанда, дониш.*

## РАЗВИТИЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ НАВЫКОВ ДЕТЕЙ ПОСРЕДСТВОМ ИГРОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье автор считает необходимым наличие пытливого склада ума, стремления к знаниям, интеллигентности как основных критериев оценки человека в обществе. От этого зависит удовлетворение, радость и счастье человека в жизни. В свою очередь, общество требует от детей активности и высокого уровня знаний, что помогает пробудить младших школьников к процессу социальных отношений.

**Ключевые слова:** *человек, деятельность, оценка, удовлетворение, игра, читатель, знания.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Назриева Фирӯза – ходими калони илмии шуъбаи таълимии томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон .ш. Душанбе кучаи А. Адҳамов 11/2 Почтаи электронӣ: firuza.nazrieva@mail.ru. тел. (+992)001224223*

**Сведение об авторе:** *Назриева Фирӯза – старший научный сотрудник отдела дошкольного и начального образования Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана.адрес: г. Душанбе ул. А. Адхамов 11/2 E-mail: firuza.nazrieva@mail.ru. тел. (+992)001224223*

**Information about the author:** *Nazrieva Firuza – Senior Researcher of the Department of Preschol and Primery Eduation of the Institute for the Development of Education named after A. Jami, Academy of*

*Education of Tajikistan. Dushanbe, st. A. Adhamov 11/2 E-mail: firuza.nazrieva@mail.ru. тел.(+992)001224223*

# НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ЗИМНИ ДАРСҲОИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

***Боев.Ш. Р.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Зикр кардан бомаврид аст, ки таълими фанни суруд ва мусиқӣ бо ёрии шаклҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ: шунавоӣ, фаъолияти эҷодӣ, иҷроиш зимни бозиҳои дидактикӣ амалӣ мегардад ва дар ҳамин замина салоҳиятнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар иҷроиши бозиҳои дидактикӣ бештар ташаккул меёбад, ки ин имкон медиҳад, ки қобилиятҳои ниҳонии кӯдак дар фазои осуда рушд намуда, ба ҷараёни дарки мусиқии онҳо таъсир расонида ҳавасмандиро роҳнамоӣ менамояд. Дар ҳамин замина самаранокии фаъолияти педагогии-мусиқӣ ва иҷрои усулҳои гуногуни ҳамкории педагогӣ аз сатҳи рушди маҳорати омӯзгор вобаста аст.

Ба андешаи бисёре аз олимон, фаъолияти бозии дидактикӣ пеш аз ҳама мувофиқ, муассир ва асоснок барои рушди салоҳияти кӯдак ба назар мерасад Олими рус Михайлов З. бозиро воситаи фаъолгардонии қобилияти кӯдакон дар ҷараёни рушди тафаккури мустақилонаи онҳо донист воситаи оптимизатсияи ташаккули фарҳанги эмотсионалӣ медонад. Ба ақидаи олимону маорифпарварон ду ҷиҳати ба ҳам алоқаманди фаъолияти мусиқӣ- педагогӣ мавҷуданд, ки хусусияти онро ифода мекунанд:

- Таъсири шароити педагогӣ дар раванди бозиҳои дидактикӣ бо кӯдакон;
- Ҳамкории омӯзгор бо кӯдакон дар раванди рушди ташаккули салоҳиятҳои онҳо
- Фаъолияти бозии дидактикӣ ҳамчун раванди инкишоф дар фаъолияти педагогӣ
- мусиқӣ на танҳо воситаи ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ, балки инчунин таъминоти иҷтимоӣ-психологии раванди таълими суруду мусиқӣ, инкишоф додани омузиши суруду мусиқӣ ва тарзи ташкили муносибатҳои байни омӯзгор ва кӯдакон мебошад, ки таъсири мусбати онро муайян мекунад.

Бозии дидактикӣ яке аз намуди методи махсуси эҷодиёти мусиқӣ буда, ҷараёни фаъолияти он аз ҷиҳати усуляш ифодаи худро дар қобилияти интиқоли иттилоот, даркирӯҳияи кӯдак ва муносибатҳои ӯро бо ҳамсабақонаш ва дигарон, қобилияти идора кардани рафтор, эҳсос ва хислатҳояшро пайдо ва муайян мекунад.

Яке аз шартҳои асосии инкишофи самараноки нерӯи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифодаи мақсадноки мустақилияти маърифатии ӯ дар фаъолияти бозиҳои гуногун зоҳир мегардад.Ҳамчунин қайд кардан ба маврид аст, ки худи бозии дидактикӣ барои тарбия ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ- эстетикӣ кудакон имкониятҳои калонро фароҳам меоварад. Сарчашмаи асосии инкишофу рушди фаъолияти мусиқии онҳо истифодаи бозиҳои дидактикии хонандагони хурдсол мебошад.Маҳз ҳамин самти фаъолият имкон медиҳад, ки ӯ озодона тахайюлот ва хушҳолӣ намаяд, новобаста аз муқобил гузорӣ қобилияти худро дар ҷараёни фаъолияти бозӣ намоиш диҳат кунад.

Бартарии назарраси фаъолияти мусиқӣ дар раванди иҷрои бозиҳои диактикӣ таъсири бевоситаи онҳо ба эҳсосот мебошад, ки тавассути мусиқӣ ғанӣ ва инкишоф меёбанд. Дар баробари ин, тавассути образҳои мусиқӣ дар ҷараёни бозии дидактикӣ барои дарки олами гирду атрофи мо ба инкишофи арзишҳои зебоипарастии кӯдак имкониятҳои васеъ кушода мешаванд. Тавассути низоми муайяни баҳодиҳии зебоипарастӣ ба арзишҳои мусиқӣ дар кӯдакон имконият пайдо мегардад, ки ба моҳияти муносибатҳои босалоҳият, сарфаҳм рафта ба раванди донишҳои гуногуни иҷтимоӣ ворид шаванд.

Фаъолияти мусиқӣ-бозии дидактикӣ дар хонандагон як системаи томи мотивҳо мебошанд, ки бо мазмун ва ҷараёни татбиқи он, муносибати кӯдак бо ҷамъият алоқаманд мегардад, ки хонандагони хурдсол ба ҳосилнамудани таҷрибаи зебоипарастӣ дар раванди дарки мусиқӣ ва муошират тавассути мусиқӣ бо эҳтиёҷ пайдо менамоянд.

Дар ҳаминд раванд, фаъолияти бозии дидактикӣ ба кудакон имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои онҳо ташакул ёфта эҳсосот ва таҷрибаи хонандагони хурдсол ба самти дуруст равона гардад, ки дар натиҷа мазмуни амиқи ҳаётро ба онҳо ошкор созад. Маҳз чунин муносибат ба ташаккули шахсияти махсуси ахлоқӣ замина мегардад ва оянда ба соҳаи эмотсионалии кӯдак мусоидат мекунад. Оҳиста-оҳиста эҳсосот ва табиати таҷрибаҳо тағйир ёфта, эҳсосоти шадидтар пайдо мешаванд. Дар машғулятҳои суруд ва мусиқӣ зимни бозиҳои дидактикӣ кӯдакон таҳлили мусиқию бадеиро омухта ба шаклу фаъолияти инфиродӣ ва коллективӣ ҷалб карда мешаванд.

Равандии фаъолияти бозии дидактикӣ ба се марҳила тақсим мешавад:

- фароҳам овардани муҳити мусбии психологӣ, заминаи эмотсионалӣ ва интеллектуалии машғулиятҳо, фаъол гардондани инкишофи шавқу ҳавас ба фаъолияти мусиқӣ.

- ҷалби хонандагони хурдсол дар муоширати байнишахсӣ барои таҳлил ва ҳалли мушкилоти муштарак.

- эҷоди вазъиятҳои бозии дидактикӣ барои татбиқи муносибати босалоҳият ба фаъолияти мусиқӣ, шакли муайяни муошират, дар асоси таҷрибаи шахсии кӯдакон.

Дар ҷараёни фаъолияти машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ бозии дидактикӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба баҳодиҳии таҷрибаи шахсии ин соҳа шинос гардида қобилияти худро дарк мекунанд. Оҳиста-оҳиста ташаккули салоҳияти хонандагони хурсол ҷараён гирифта шавқу ҳавас инкишоф меёбад ва онҳо торафт пурмазмун ва эҷодкорона амалӣ карда мешаванд.Гуфтаҳои боло барои ташаккули сифатҳои коммуникатсионии кӯдакон заминаи бо эътимодро фароҳам меоранд.

Дар синну соли таҳсилоти ибтидоӣ кӯдакон аллакай таҷрибаи мусиқӣ пайдо менамоянд, аз ин рӯ онҳо дар намудҳои гуногуни фаъолиятҳои мусиқӣ фаъолонатар иштирок мекунанд ва барои дарки эҳсоси мусиқӣ ба кӯдак кӯмак мекунад, ки порчаҳои мусиқиро вобаста ба таҷрибаи пайдокарди худ ба таври возеҳ шарҳ диҳад.

Ташкили фаъолияти суруду мусиқӣ бояд робитаи ягонаи ҷузъҳои бадеӣ ва эҳсосии инкишофи кӯдаконро таъмин намояд ва он ба интихоби репертуари махсуси суруду мусиқӣ, бозиҳои дидактикии мусиқӣ алоқаманд гардад, ки дар натиҷа омузиши суруду мусиқӣ ба шумо имкон медиҳад, ки эҳсосот ва рӯҳияи худро равшан баён намояд.

Ба хонандагони хурдсол омӯзонидани истифодаи воситаҳои муайяни эҷодӣ, тасвирҳо ва аломатҳои мусиқӣ низ муҳим аст. Ба чунин воситаҳо одатан овоз, ҳаракат, имову ишора, усули навохтани созҳои мусиқӣ ва ғайра дохил мешаванд. Кӯдак дар синни хурди мактабӣ махсусан ба омӯхтани усулҳои сурудхонӣ, ракс ва иҷро дар созҳои мусиқӣ кудакона майли зиёде дорад ва мехоҳад, ки худаш онро навозад. Дар баробари ин интихоби усул ва шаклҳои таълим барои ташаккул додани шавқу рағбати хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба суруд ва мусиқӣ ҳамчун воситаи ифодаи худшиносӣ хело таъсиррасон мебошад.

Дар ин ҳисси метроритми хонандаи хурдсол ба инкишофи интонатсия, тембр ва шунавоии модалӣ, хотираи мусиқӣ мусоидат мекунад. Ба ҳамаи ин бозиҳои махсуси дидактикии мусиқӣ, импровизатсияҳои суруд ва инструмент мусоидат мекунанд.

Дар баробари ин хонандагони синфҳои ибтидоӣ кайфиятҳои мусиқиро зери мафҳумҳои (шодӣ, ғамгинӣ, андешамандӣ) фарқ мекунанд ва шаклҳои ду ва се қисмати асарҳои мусиқиро мешиносанд, муайян кардани ифодаи хислати шахсро дарк карда метавонанд (ширк, хашмгин, ғазаб), инчунин намоиши мусиқии ашё ё ҳайвонҳои гуногун ( ҷаҳиши асп, суръати қатора, хондани булбул,садои паранда ва ғ.)

Тавассути бозии дидактикӣ, хонандаи хурдсол метавонанд ғояҳои мусиқиро дар бораи фосилаҳо азхуд кунанд, масалан, дуюм («муш»), сеюм («гурба»), чорум («зоғ»), панҷум («наҳанг»), секста («оху»), ҳафтум («карган»), октава («жираф»).

Дар ҳамин раванд вазифаҳои асосии хонандагони синфҳои ибтидоӣ чунин муаян намуданд:

- инкишофи координатсияи шунавоӣ ва овоз, азхудкунии маҳорати сурудхонӣ;
- аз худ намудани усули гуногун навохтани созҳои мусиқии бачагона;
- аз худ кардани унсурҳои ракс ва ритмопластика барои офаридани образҳои мусиқӣ ва моторӣ дар бозиҳои дидактикӣ ва драматизатсия.
- интиқол додани таҷрибаи мусиқии дар синфхона дармуассисаи таьлимӣ ба муҳити дигар, масалан, онро дар мусиқии хонагӣ, сурудхонӣ истифода мебаранд. Дар синну соли мактабӣ хонандагон аллакай робитаи байни мусиқӣ бо адабиёт, рассомӣ ба театр барқарор карда метавонанд.

Муносибати интегративӣ дар раванди ташаккули ҳамкории хонандагони хурдсол бо санъат ба онҳо дар ифодаи эҳсосот ва ҳисиёт, ки воситаҳои ба онҳо наздиканд, кӯмак мекунад. Хонандагони хурдсол имкон пайдо мекунанд, ки диапазони мусиқии тасвирӣ, нозукиҳои рӯҳия ва аломатҳои дар мусиқӣ нишон додашударо эътироф кунанд.

Хусусиятҳои равонӣ ва шаклҳои гуногуни салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳанд, ки завқи бадеӣ, дониши мусиқии онҳо ӯ ташаккул ёбад. Бачаҳо мусиқӣ, гуногунии жанрҳои мусиқӣ, шаклҳо, интонатсияҳои композиториро ҳис мекунанд, ва онро меомӯзанд. Асос ва шартҳои табиӣ ба даст овардани дониш таҷрибаи эҳсосӣ ва амалии мусиқии дар синни ибтидоӣ ҷамъовардашуда мебошад.

Хонандагони хурдсол аз иштирок кардан дар бозиҳои полифонияи Зарбӣ (ритмикӣ) хурсандӣ менамоянд. Зарби ду ва сеҳиссагиро ҳис менамоянд ва дар навбатии созҳои гуногуни зарбӣ хурсандона иштирок менамоянд. Инчунин, хонандагони хурдсол имкон доранд, ки навохтан дар созҳои мусиқӣ, аз қабили қошуқ, «поё», ксилофон, металлофон, клавиатура- шамол, созҳои мусиқӣ нафасӣ, торӣ ва созҳои мусиқии миллӣ дутор, доира, таблак, най кушиш кунанд. Онҳо ба имкони импровизатсия дар сурудхонӣ, ракс, навохтани созҳои мусиқӣ, эҷод намудани ибораҳои табиӣ ва сурудҳо дар асоси матни пешниҳодшуда таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда мусиқии худро эҷод намоянд.

Ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ болоравии ҳисиёти (эмотсионалӣ) ва эҳсоси ҳаяҷон аз иштирок дар спектакл, ид, рӯзҳои дилхушӣ, баромади оркестр ё хори кӯдакона хос буда, ки муносибати тағйирёфтаи кӯдакро ба иҷрои бозиҳои дидактикии мусиқӣ тавсиф мекунад.

Вақте ки онҳо калон мешаванд, на он қадар раванди иштирок дар фаъолияти бозии дидактикӣ ҳамчун эҷоди беназир натиҷаи ин фаъолиятро оҳиста оҳиста қадр мекунанд.

Дар ин маврид масъалаи мазкур одатан ин мафҳумҳоро дар бар мегирад: эҷоди образи ифоданок дар ҷараёни бозӣ: хоҳиши ба даст овардани имкониятҳои зарурӣ дар ҷараёни бозии дидактикӣ;

Ҳамаи ин дар алоқамандӣ омили он мегардад, ки салоҳиятҳои хонандагони хурдсол зимни бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ташаккул ёбад.

Дар маҷмӯъ ҳамаи ин гуфтаҳо ташакули салоҳияти зарурияти хонандагони синфҳои ибтидоиро ифода мекунад, вале набудани ҳассосият ба таъсироти ҳамсолон нишон медиҳад, ки хонандагони хурдсол имконпазирии тамошои бозӣва фаъолияти дигаронро дар бозӣ андоранд.

Ҳангоми бозии дидактикӣ бо ҳамсолон агар раванди эмотсионалӣ манфӣ дошта бошад, пас кӯдак метавонад дар бозӣ мушкилот эҷод намоянд. Кӯдак метавонад асабонӣ гардад, ба рафтори дигарон шадидан вокуниш нишон диҳад, дод занад ва гайра. Заминаи бартарии мусбат эмотсионалии дар таҳқиқот мутавозин буда мусбат нисбат дар ҳамсолон ва калонсолон ифода меёбад.

1. Методологияи бозии дидактикии “Муоширати хонандагони хурдсол бо калонсолон”-ро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

1. Мақсади ин усул муайян намудани мавҷудият ва ташаккули малакаҳои муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ: сатҳи ташаккули Пайгирии ҳамоҳангсозии амалҳо дар фаъолияти муштарак бо калонсолон;Маводҳои истифодашуда: тасвирҳои силуэти дастпӯшакҳо (якҷоя як ҷуфтро ташкил медиҳанд), маҷмӯи қаламҳои ранга.

Усули баҳодиҳӣ: мушоҳидаи ҳамкории хонандагони хурдсол дар фаъолияти бозӣ, инчунин таҳлили натиҷа ҳамкорӣ.

Тадқиқот аз рӯи ин усул аз рӯи силсилаи якуми супоришҳо гузаронида шуд. Ба ду хонандаи синфи 1- ум тасвири якхела пешниҳод гардид. Ба хонандагони хурдсол лозим буд, ки онҳоро ороиш диҳанд, то онҳо ҷуфт бошанд, яъне якхела бошанд. Аз ин рӯ, онҳо бояд якҷоя муайян кунанд, ки чӣ гуна ин тасвирҳоро ороиш диҳанд ва баъдан ба расмкашӣ шурӯъ намоянд. Ба ҳар як кӯдак як маҷмуи қалам дода шуд.

Таҳлили натиҷаҳо аз рӯйи чунин меъёрҳо гузаронида шуд:

- Маҳсули Монандии нақшҳо дар дастпӯшакҳо ;- фаъолияти муштарак;

- дараҷаи қобилияти хонандагони хурдсолро муаян намуда, ба як қарори умумӣ омадан, бо ҳам мувофиқ гардидан;

- назорати ҳамдигарӣ ба рафти иҷрои супориш;

- ёрии ҳамдигарӣ дар рафти иҷрои супориш; кӯдакон ба фаъолияти муштарак: вокуниши эмотсионалии мусбат (онҳо таваҷҷуҳи тарафайн зоҳир мекунанд, якҷоя кор мекунанд ё баръакс,-созиш карда наметавонанд, якдигарро сарфи назар мекунанд).

Сатҳи маҳсулнокии фаъолияти муштарак, ки аз рӯйи дараҷаи шабоҳати намунаҳои дастпӯшакҳо муайян карда мешавад:

**1)Дараҷаи паст** (дар қолабҳо тафовути айён вуҷуд дорад ё умуман шабеҳият вуҷуд надорад, яъне дар ҷараёни бозӣ кӯдакон наметавонистанд бо якдигар розӣ шаванд ва ба як фикр омада, мустақилона исрор кунанд).

**1)Сатҳи миёна** (танҳо қисман монандӣ дида метавонанд ранг, шакли баъзе қисматякхелаанд, аммо фарқиятҳо равшананд).

**1)Сатҳи баланд** (расмҳо тақрибан якхела оро дода шудаанд ё аз рӯйи нақш хеле ба ҳам монанди доранд. ки ин маънои онро дорад, ки кӯдакон ҳангоми иҷрои супориш боҳам ба мувофиқа расида метавонистанд, шаклҳои гуногун намунаҳоро муҳокима кунанд, амалиёти муштарак барои иҷрои нақшаи умумӣ ҳамоҳанг карда шуданд).яъне татқиқот мусбат иҷро гардид.

Пешниҳод карда шуд, ки 3 вазифа иҷро карда шавад, ки ҳар яки онҳо аз 2 расм иборатанд.

Вазифаҳо ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ хонда мешавад ва пас аз он нақшаи интихоби яке аз расмҳое, ки ба тавсиф мувофиқат мекунанд, тартиб дода мешавад.

**Хулоса:** Пас аз муайян кардани сатҳи нишондиҳандаҳои рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҳолатҳои муошират бо ҳамсолон дар ҷараёни бозии дидактикӣ маълумоти бадастомада ба фоизҳо табдил дода шудаанд, то ки шумораи хонандагони хурдсол дар ин гурӯҳи синну солашон баланд, миёна ва пасти ташаккулёбӣ дошта муаян карда шавад. Раванди тадқиқот нишон дод, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ метавонанд дар раванди фаъолияти муштарак боякдигар муносибати хуб намоянд. Муҳокима намоянд ва ба як фикри том оянд. Ҳамчунин муайян гардид, ки онҳо дар муошират бо якдигар дар раванди фаъолияти муштарак фикру пешниҳоди таҳлил намуда, андешаи тарафайнро эҳтиром намоянд.

## АДАБИЁТ:

1. Клезович, О.В. Бозиҳо ва машқҳои мусиқӣ: дастур барои пешвоёни мусиқӣ / О.В. Клезович.- Минск: Аверсев, 2005.
2. Раицева, Т.Е. Бозии мусиқӣ ва дидактикӣ дар мактаб / Т.Е.Раицева // Мактаби ибтидоӣ ва таълими муосири муаллимон. - Владикавказ, -2002.
3. Михайлов, З. Вазифаҳои бозии фароғатӣ барои мактаббачагон. / PER. Михайлов. - М.: Педагогика, 1981.
4. Зимин, А.Н. Асосҳои таълими мусиқӣ ва рушди кӯдакони хурдсол / А.Н. Зимин. - М.: ВЛАДОС, 2000 .
5. Груздова, И.В. Ба суи мусиқӣ: бозиҳои мусиқӣ ва машғулиятҳо барои бачаҳо. / И.В. Груздова, Е.К.Лютова, - Ростов н/а: Финикс, 2010.
6. Хайруллоев Б.Методикаи таълиму тарбияи суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе матбаа 2019.
7. Хайруллоев Б. Раҳнамои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 3-4 Душанбе маориф 2016.

## НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ЗИМНИ ДАРСҲОИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

Муаллиф дар ин мақола ҷойгоҳ ва мавқеи бозиҳои дидактикиро дар раванди дарс бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ масъалагузорӣ намуда, дар зимн перомуни он фикру мулоҳиза ва пешниҳоду хулосаҳои мантиқӣ ироа намудааст.Инчунин баён доштааст, ки дар равиши ин гуна дарсҳо хонандагон тариқи бозиҳои дидактикӣ дониши кофӣ ҳосил намуда, таҷрибаи фардии онҳо равнақу ривоҷ меёбад.Гузашта аз ин хонандагон дар ҷараёни бозӣ муносибату муоширати некро ба худ гирифта, ба шахсияти якдигар эҳтиром мегузоранд.

**Калидвожа:** *фаъолият, ташаккул, бозиҳои дидактикӣ, хонандагон, сифнҳои ибтидоӣ, суруду мусиқӣ, қобилият, малака*

## РОЛЬ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В ФОРМИРОВАНИИ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ НА УРОКАХ ПЕНИЯ И МУЗЫКИ.

В данной статье автор рассмотрел место и положение дидактических игр в процессе обучения с учениками младших классов, а в ходе дискуссии изложил свои мысли и предложения и логические выводы. Он также заявил, что в ходе таких уроков учащиеся приобретают достаточные знания посредством дидактических игр, развивается их личный опыт. Вне входе игры эти ученики учатся хорошему общению и уважают личность друг друга. В то же время автор воспользовался литературой по методу предупреждения.

**Ключевые слова**: *деятельность, образование, игра, дидактика, учащиеся, начальные классы, пения и музыка, способности, умения.*

## THE ROLE OF DIDACTIC GAMES IN DEVELOPING THE ABILITIES OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS IN SONG AND MUSIC LESSONS.

In this article, the author examined the place and position of didactic games in the learning process with primary school students, and during the discussion he outlined his thoughts and suggestions and logical conclusions. He also stated that during such lessons, students acquire sufficient knowledge through didactic games, and their personal experience develops. Outside during the game, these students learn good communication and respect for each other's personality. At the same time, the author used the literature on the prevention method.

**Key words:** *activity, education, game, didactics, students, primary classes, song and music, abilities, skills.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич - *мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, факултаи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел (+992)909934241*

**Сведение об авторе:** Боев Шахобиддин Раджабалиевич - *заведушей кафедры теории и методики музыкально-художественного образования педагогического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел (+992)909934241*

**Information about the author:** Boev Shahobiddin Rajabalievich - *senior lecturer, department of theory and methods of music and art education, pedagogical faculty, Tajik state pedagogical university named after s. Ayni. Tel (+992) 909934241*

**УДК371.134:004**

# ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛИЗМА И ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ ИНЖЕНЕРОВ-ПЕДАГОГОВ

***Назарова М. Р.***

**Технологический университет Таджикистана**

Одним из самых важных фактов развития общества в сфере подготовки и повышения уровня интеллектуального арсенала молодых специалистов является образование. Чем выше коэффициент производящих сил, тем острее необходимость подготовки квалифицированных специалистов. В Республике Таджикистан важными задачами в стратегической программе развития науки и инноваций являются: улушение качества преподования, поднятие уровня технической подготовки будущих специалистов, а также в исследовательском процессе повышение качества образования научно-технических кадров, обладающих современными знаниями на уровне науки и технологий и практическим опытом участия в научных исследованиях, полученным в процессе обучения; а также поощрения и поддержки специалистов в различных производственных областях.

Профессия «педагог» - является сложной, противоречий по своим особенностям, и роль педагога, в стремительно меняющемся мире возрастает, и в связи с этим возрастает и уровень требований к личностным качествам самого педагога. Особенность труда педагога состоит, прежде всего, в том, что объектом его труда является человек, самый уникальный по природе. Вот почему справедливо считают, что профессия педагога принадлежит к числу наиболее важных в современном мире.

Учитывая характерные особенности и индивидуальные качества студентов и расширение сферы их профессионального мышления и творчества, можно сделать выводы, что, поиск путей усовершенствования профессионально -педагогической подготовки будущих инженерно - педагогических кадров требует особой подготовки. В конечном счете, это невозможно без осознания ими глубинных связей педагогических идей, явлений и фактов в их целостности и взаимодействии в рамках общекультурного процесса.

Под принципами профессионального образования понимается переход от единообразной системы организации профессионального обучения к созданию условий и возможностей преподавателя для наиболее полного раскрытия своих способностей. Эти принципы должны, прежде всего, исходить из равных возможностей, обучающихся в получении любого вида образования, независимо от места проживания, социального статуса и состояния здоровья.

Современный рынок труда предъявляет свои требования: прежде всего, это специалисты своего дела, способные управлять собой, постоянно обучаться, самосовершенствоваться, принимать ответственные самостоятельные решения, умеют управлять и руководить коллективом, находить компромиссные пути. Обладая такими качествами, специалист становится лидером, пользуется уважением коллектива, занимает лидирующие позиции способным повести за собой, умеет решить любые проблемы, добивая успеха в самой сложной ситуации. Поэтому нужно подчеркнуть, что экономическое и социальное благополучие Республики Таджикистан зависит от уровня профессионального образования, от результатов деятельности специалистов, таких как инженеры-педагоги профессионального обучения. Нужно отметить, что раньше не акцентировалось внимание на содержании инженерного образования, а больше рассматривалась система организации образования в вузе. Студенты изучали те предметы, которые были необходимы ему для овладения заданной специальности и зачастую студент после окончания вузе направлялся на работу не в соответствии с полученной в вузе специализацией, а тем более профилизацией. Поэтому всё это и вызвало у молодёжи, недовольство уровнем подготовки в высшей технической школе.

Так что такое «инженерное образование»? Какие требования предъявляет общество к инженеру и соответственно к инженерному образованию, да и кого надо относить к инженерному сословию на современном этапе? Этот вопрос остро встал в конце 20-х годов прошлого столетия, когда в стране вплотную встал вопрос обеспечения нарождающейся промышленности инженерными кадрами.

Вопрос стоял о выборе одного из вариантов организации высшего технического образования:

1) вести подготовку инженеров «широкого» профиля, и доводить его до профессиональной кондиции уже непосредственно на предприятии.

2) подготовку под запросы отрасли «узких» инженеров, готовых к выполнению своих профессиональных обязанностей на предприятии.

Инженер-педагог выполняет двойную функцию и осуществляет педагогическую деятельность в системе профессионального образования, а также в государственной сфере подготовки специалистов. Для подготовки будущих инженеров - педагогов необходимо разработать более современные, актуальные профессионально-квалификационные методики производственного обучения, а также стремиться к повышению роли профессиальный квалификации и психолого-педагогической подготовки.

Процесс обучения студента для профессионального обучения, требует создание эффективной деятельности педагога как модель для подражания, формирования педагогических способностей.

Учитывая важность педагогической профессии, ее большое влияние на общество, педагог должен не только обладать определенными качествами, но и стать человеком, изменившим свое отношение к миру, владеть новым уровнем знаний, обладающим повышенной ответственностью за свои действия и их последствия.

Дальнейшее усовершенствование организации учебного процесса зависит от повышения качества образования, обеспечение его мобильности, привлекательности, конкурентоспособности на рынке труда. Требование высших учебных заведений на началах личностно-ориентированной педагогики, -это совершенствование программы развития и саморазвитие студентов. В процессе обучения необходимо предусматривать:

- *использование информационно-компьютерных технологий и интерактивных методов обучения, мультимедийных средств;*
- *индивидуализацию учебно-воспитательного процесса и усиление роли самостоятельной работы студентов;*
- *внедрение электронных средств обучения, компьютерных учебных программ;*
- *использование современные системы контроля качества знаний студентов и проведение мониторинга качества образования.*
- *организация и введение программы обмена опытом с ведущими отраслями вузов других стран.*

Профессиональное становление и развитие, профессионализм инженера-педагога находятся в прямой зависимости от уровня образования, состояния образовательной ситуации, качества подготовки и переподготовки педагогических кадров.

Закон «Об образовании» определяет образование как целенаправленный процесс обучения и воспитания человека в интересах личности, общества, государства, сопровождающийся констатацией достижения гражданином определенных государством образовательных уровней. Рассмотрев данный закон, можно сделать выводы, что формирование образованности и профессионализма специалиста следует рассматривать в единстве и взаимосвязи, развитие, совершенствование и самосовершенствование профессионализма, в процессе образования и профессиональной деятельности.

Существует общепринятое убеждение, что будущее общества, его прогресс и успешность развития зависят от качества образования, уровня образованности людей, наличия квалифицированных специалистов, их профессионализма. Будущему миру нужны новые люди: профессионалы, мыслители-реформаторы, творцы-труженики, активные преобразователи себя и своего дела, не имея свое призвание и место в жизни, то в итоге он становится неполноценным специалистом. Вместе с тем в современных условиях рыночной экономики высокое качество образования - один из факторов успешного развития демократических преобразований таджикистанского общества.

Как конечный результат функционирования образовательной системы качество образования, с одной стороны, определяет уровень квалификации специалистов, их способность к адаптации, мобильность, профессиональную пригодность, функциональную грамотность, что необходимо для совершенствования материальной базы общества, а с другой стороны, является основой развития общечеловеческой системы ценностей, способной совершенствовать духовный уровень граждан.

Между тем ставится образовательная сверхзадача подготовки не просто профессионалов, а специалистов высокого уровня профессионализма. Высокий профессионализм требует для своего становления других подходов и предпосылок, более совершенных с точки зрения качества и надежности.

Согласно классификации квалификаций инженерной деятельности:

*1) от «инженера» требуется «готовность к ведению комплексной инженерной деятельности и решению сложных инженерных задач».*

*2) уровень сложности задач, решаемых «технологами», формулируется в терминах «широко определённые задачи».*

*3) уровень сложности задач, решаемых «техниками» - «чётко определённые инженерные задачи.*

Таким образом, формирование профессионализма и подготовки будущих инженеров-педагогов - задача не только системы образования, но и всего общества в целом. От качеств реализации этих задач зависит успех и процветания всего общества и в настоящем, и в будущем.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Батышев С.Я. Профессиональная педагогика. М., 2000.

2. Зуев П.В., Кощеева Е.С. Развитие инженерного мышления учащихся в процессе обучения // Педагогическое образование в России. 2016.№6. – С.44-Урал.гос.пед.ун-т. – Екатеринбург : [б.и.], 2000. –148 с.

Соколова И.Ю., Кабанов Г.П. Качество подготовки специалистов в техническом вузе и технологии обучения. Томск, 2003.

3. Кабанов Г.П. Педагогические технологии в техническом вузе. Красноярск, 2004.

4. Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении. М., 2.

5. Усольцев А.П., Шамало Т.Н. О понятии «инженерное мышление» // Формирование инженерного мышления в процессе обучения [Текст] : материалы междунар. науч.-практ. конф., 7-8 апреля 2015 г., Екатеринбург, Россия : / Урал.гос.пед.ун-т; отв. ред. Т.Н.Шамало. – Екатеринбург: [б.и.], 2021. – 284 с.

6. Столяренко Л.Д., Столяренко В.С. Психология и педагогика для технических вузов. Ростов н/Д, 2001.

## ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛИЗМА И ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ ИНЖЕНЕРОВ-ПЕДАГОГОВ.

Одним из самых важных фактов развития общества в сфере подготовки и повышения уровня интеллектуального арсенала молодых специалистов является образование. Чем выше коэффициент производящих сил, тем острее необходимость подготовки квалифицированных специалистов. В Республике Таджикистан важными задачами в стратегической программе развития науки и инноваций являются: улушение качества преподования, поднятие уровня технической подготовки будущих специалистов, а также поощрения и поддержки специалистов в различных производственных областях.

**Ключевые слова**: *инженерия, проектирование, специалист, деятельность, квалификация, техническое образование, инженерное направление.*

## ТАШАКУЛИ МАҲОРАТИ КАСБӢ ВА ТАЙЁР КАРДАНИ МУҲАНДИС- ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА.

Яке аз омилҳои муҳимтарини рушди ҷомеа дар самти муҳандис- омӯзгор тайёр кардани мутахассисони ҷавон буда, дар донишҷӯён баланд бардоштани сатҳи зеҳнӣ ва маърифатнокӣ мебошад. Коэффитсенти қувваҳои тавлидкунанда дар донишҷӯён ҳар қадар баланд бошад, зарурати тайёр кардани мутахассисони соҳибхтисос ҳамон қадар меафзояд.

Барномаи стратегии рушди илм ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазифаҳои муҳимро дар бар мегирад: беҳтар намудани сифати таълим, баланд бардоштани дараҷаи тайёрии

техникии мутахассисони оянда, инчунин ҳавасманд гардонидани мутахассисони соҳаҳои гуногуни истеҳсолот.

**Калимаҳои асосӣ:** *муҳандисӣ, мутахассис, тафаккур, соҳибихтисос, таҳсилоти техникӣ, самти муҳандисӣ.*

**FORMATION OF PROFESSIONALISM AND TRAINING OF FUTURE ENGINEERS-TEACHERS.**

One of the most important factors in the development of society in the field of training and raising the level of the intellectual arsenal of young professionals is education. The higher the coefficient of generating forces, the more acute the need for training qualified specialists. In the Republic of Tajikistan, important tasks in the strategic program for the development of science and innovation are: improving the quality of teaching, raising the level of technical training of future specialists, as well as encouraging and supporting specialists in various industrial fields.

**Key words:** *engineering, design, thinking, activity, technical education, engineering direction. specialist, qualification,*

**Сведения об авторе**: *Назарова Мавлуда Раджабалиевна - к.п.н. старший преподаватель кафедры русского языка и профессионального образования Технологического университета Таджикистана. Тел. (+992) 918-62-54-68.*

**Дар бораи муаллиф:** *Назарова Мавлуда Раҷабалиевна – н.и.п. муаллими калони кафедраи забони русӣ ва таълимоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тел. (+992) 918-62-54-68.*

**About the author:** *Nazarova Mavluda Radzhabalievna - Ph.D. Senior Lecturer at the Department of Russian Language and Vocational Education, Technological University of Tajikistan. Tel. (+992) 918-62-54-68.*

# АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ МУТАНОСИБГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ПЕДАГОГ ВА ХОНАНДАГОН

***Пиров Ҳ. П.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров**

Дар раванди педагогӣ мақсадгузории муносибатҳои тарафайн, бо мундариҷаи аксиологӣ пур кардани он, интихоб ва татбиқи методҳои инсонпарварона, воситаҳои ахлоқӣ, шаклҳои мувофиқ, ҳамчунин таъмини маҷмӯи шароитро (муҳит, фазоию замонӣ, психологию педагогӣ, эстетикӣ, этикӣ, беҳдоштӣ, моддию техникӣ, ҳамчунин шартҳои педагогӣ, ки вазифаи низомофарро иҷро мекунанд) субъектҳои он - педагогҳо ва мактаббачагон амалӣ мекунанд. Онҳо ба таъсироти мутақобил ва муоширати ихтиёрӣ ҳамроҳ мешаванд, ки ба худмуайянкунии арзишӣ равона гардидааст.

Шахсияти педагог, салоҳиятнокии ӯ, мундариҷаи инсонпарварона, хусусият ва самтгирии фаъолияти педагогӣ ва муносибатҳои ӯ, ҳамчунин шахсияти мактаббача, ташаккули самтгириҳои арзишии ӯ, сифатҳои шахсият, инкишофи қобилият ва омодагӣ ба худмуайянкунии арзишӣ, сатҳи тамаркузи низоми арзишҳо муҳиманд. Педагог вазифаи низомофарандаро иҷро мекунад. Педагогҳо ва мактаббачагон, ҷомеаҳои онҳо ҳамчун як навъ меҳвари мактаб мебошанд, ки мисли ҳамфикрон ҳамкорӣ карда, фаъолияти ахлоқӣ ва муоширатро амалӣ менамоянд, ки дар натиҷа байни онҳо низоми муносибатҳои маънавию ахлоқӣ инкишоф меёбад.

Сатҳи натиҷабахшии раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро тавассути мутаносибгардонӣ баланд метавон кард. Барои асоснок кардани ин матлаб аввал ба мундариҷаи мафҳуми сермаънои «мутаносибӣ» (гармония) муроҷиат мекунем. Он дар фалсафа, ҷомеашиносӣ, педагогика таҳқиқ мешавад, аммо бештар дар санъатшиносӣ, эстетика баррасӣ ва шарҳ ёфтааст.

Мутаносибӣ дар навъҳои гуногуни санъат зоҳир гардида, шаклҳои дахлдорро мегирад: меъморӣ (Я.Д. Гликин, И. И. Шевелев, Ю. С. Лебедев, И. И. Бялский ва диг.), мусиқӣ (Н. С. Гулянитская, Ю. Н. Холопов, ва диг). Барои мусиқишиносон ин робитаи махсус байни овозҳост, ки устуворӣ, тамомият, фардият, форамӣ ва камолоти андешаро таъмин менамояд. Масъалаҳои робитаи мутақобили шаклҳои мусиқавӣ ва иҷтимоии мутаносибӣ дар таълифоти М. В. Есипова, Г. Д. Гачев ва дигарон инъикос ёфтаанд. Дар эстетика вазифаи мутаносибӣ дар зебоӣ ҳамчун дараҷаи олии мувофиқат ба мақсад, дараҷаи мувофиқати созгори унсурҳои ба ҳам муқобил дар ҳама гуна низом, чиз, организм мебошад. «Мутаносибӣ дар фарҳанг, ки дар шаклҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва антропологӣ зоҳир мегардад, ҳамчун ченаки муносибатҳои инсон ба табиат, ҷомеа, ба худаш муаррифӣ гардидааст» [10, с.8].

Дар табиатшиносӣ мутаносибӣ ҳамчун воқеияти объективӣ фаҳмида мешавад. Ба сифати исбот дар илми муосир ҳамчун мисол низомҳои зинда оварда мешаванд, ки ба радифи низомҳои мукаммал мансуб буда, ба онҳо тамомият, худсозмондиҳӣ, мувофиқат, мутаносибӣ, ба мақсад мувофиқ будан, зебоӣ хос мебошад» [6,с.148]. Дар баробари ин, ягонагӣ дар худ тақсимшавиро таҷассум намудааст: «Мутаносибӣ - шакли махсуси таносуб ва таъсироти мутақобили тазодҳо мебошад». Дар кайҳон, дар рӯйи замин ду қувва (ҷозиба ва теладиҳӣ) амал мекунанд; дар физикаи муосири вакуум ду ҳолат (мутазод ва номутазод) фарқ карда мешаванд, дар биология мавҷудияти ду қонун (тафриқашавӣ ва ҳамгироӣ) таъкид карда мешавад, дар сатҳи ирсият ду навъи сохтор (устувор ва ноустувор) мавҷуданд; ду навъи фард (зан ва мард); ду механизми инкишоф (нигоҳдорӣ ва мутатсия); ду типи робитаи акс (мусбат ва манфӣ) вуҷуд доранд. Тасаввуроти нахустин дар бораи мутаносибӣ дар асотир, ривоят, осори фолклори халқҳои гуногуни ҷаҳон ифода шудаанд, ки оид ба кӯшиши одамон ба сӯйи он ҳатто дар марҳалаҳои ибтидоии фарҳанги инсонӣ гувоҳӣ медиҳад.

Фаҳмиши мутаносибӣ, ки дар тасаввуроти тофалсафӣ зоҳир гардиданд, пеш аз ҳама, аз ҷониби мутафаккирони Юнони Қадим инкишоф дода шуд. Файласуфони давраи атиқа онро ҳамчун амалияи инсонии мавҷудияти якҷоя (Ҳомер), ягонагии тазодҳо шарҳ додаанд, ки тартиботи ҷаҳонро таъйин менамояд. Тасаввуроти космологӣ дар бораи «мутаносибии олам» ҳамчун ботартибии Коинот, ки ба хаос (бетартибӣ) муқобил меистад, ҳукмфармо буд (Птоломей). Он аз таълимоти Пифагор оид ба «мутаносибии соҳаҳо» сарчашма мегирад, ки асоси онро муносибатҳои ададӣ, ченаки мутаносибӣ - «тақсимоти тиллоӣ» ташкил медиҳад.

Мувофиқи таъкиди А. И. Гертсен пайравони Пифагор «аз тағйирёбандаи абадии ҳастӣ таносуби доимиро мебароварданд». Ҳамчунин мутаносибӣ чун идеали сифатҳои шаҳрванд маънидод мегардид (Афлотун). Ин мафҳум бо шарҳи ботартибӣ ҳамчун «мутаносибии ба худаш баргарданда» (Гераклит) наздик карда шуда, нисбат ба тамоми соҳаҳои воқеият ҳаматарафа (универсалӣ) татбиқ мегардид. Зимни чунин гуногунии мавқеъҳо таълифоти А.Ф.Лосев арзишманданд, ки ба таҳқиқи тасаввуроти давраи атиқаро дар бораи мутаносибӣ бахшида шудаанд.

Дар давраи асрҳои миёна дар доираи ҷаҳоншиносии динӣ ғояи мутаносибии олам бо ғояи мутаносибии Худо иваз карда мешавад. Он ҳамчун як навъ файзу баракате маънидод гардид, ки Офаридгор ба олам ато кардааст (Климент, Ф.Аквинский, Н. Кузанский). Дар баробари ин, дар афкори асримиёнагӣ ғояҳои Пифагор, аз ҷумла, дар таълифоти Боэтсий идома дода шуданд.

Дар асри XX яке аз тамоюлҳои фаҳмиши фалсафии мутаносибӣ муттаҳид гардидани тасаввурот дар бораи мутаносибии олам бо назарияҳои табиатшиносии муосир буд. Дар фалсафа нишон дода шудааст, ки низоми том метавонад то сатҳи мутаносибӣ боло шавад.

Қариб тамоми масъалаҳои асосӣ, ки бо ошкор намудани моҳияти мутаносибӣ алоқамананд, масъалаҳои баҳснок мебошанд; дар таърифи «мутаносибӣ», «инкишофи мутаносиб» ягонагии ақидаҳо вуҷуд надорад. Мутаносибӣ на танҳо ҳамчун баробарӣ, таносуб, балки ҳамчун ботартибӣ, мувофиқат, пуррагӣ, маҷмӯъ, ягонагии гуногуннавъӣ, тамомият, мутобиқати оқилона, пуррагии ҳамроҳӣ, мукаммалӣ ва ғайра фаҳмида мешавад [9]. Ба назари мо, аломатҳои зикршуда бояд дар созгории муайян қарор гиранд, ки натиҷа, синтези онҳо мебошад, аммо онро танҳо бо яке аз онҳо набояд маҳдуд кард, зеро боиси аз ҳам ҷудошавӣ ва мутлақ гардонидани ягон ҷиҳати ин падида мешавад.

Бо вуҷуди гуногунӣ ва тафовути ақидаҳо дар бораи мутаносибӣ, онҳо дар доираи мавқеи материалистӣ ё идеалистӣ шакл гирифтаанд, ки боиси як навъ дуҳӯрагии фаҳмиши он шудааст. Аз як тараф, мутаносибӣ ҳамчун хосияти объективии воқеият, зоҳир шудани қонунияти бунёдии ҳастӣ шарҳ дода шудааст. Аз тарафи дигар, он як навъ мулоҳизаронӣ, чизи шартие мебошад, ки дар рафти инкишофи фарҳангию таърихӣ шакл гирифта, бо ёрии он инсон олам ва худро дар ин олам мефаҳмад ва тавзеҳ медиҳад. «Дар мизони аксиологӣ мутаносибӣ, ки ҳадафи олӣ, намунаи инкишоф аст, бо назардошти он, ки мутаносибӣ мавҷудияти тазодҳоро пешбинӣ менамояд, ҳамчун идеал баррасӣ шуда метавонад, дар ҳоле ки идеал - намунаи камолот - аз онҳо бояд озод бошад» [9]. Номумкин будани амалишавии мутаносибӣ дар шакли мутлақ таъкид гардидааст.

Аммо дар доираи маънидоди материалистии мутаносибӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Як қатор олимон чунин мешуморанд, ки ин падида ба тамоми навъҳои материя хос мебошад ва он қонунияти ҳаматарафа, меъёри олии арзишии ҳама гуна чиз аст. Олимони дигар мутаносибиро хосияти умумии материя мешуморанд, аммо дар он вуҷуд доштани принсипҳо, навъҳои махсуси муносибат, навъҳои инкишоф, ки барои тамоми низомҳои табиӣ ва иҷтимоӣ хосро эътироф менамоянд (Н. М. Аникеева, А. В. Демичев, Ф. М. Капак, И. С. Молкин, М. В. Попович ва диг.). Қисми зиёди муаллифон пурихтилофии оламро манбаи инкишофи он шуморида, чунин ақида доранд, ки мутаносибӣ маънои набудани ихтилофҳоро надорад, балки ягонагии махсуси онҳост. Он ҳамчун тартиби махсус, робита,

муносибат байни қисмҳои том баррасӣ мегардад, ки дар раванди мутаносибгардонӣ ихтилофҳо бартараф мешаванд.

Мутаносибгардонӣ дар ду мавқеъ амалӣ мегардад. Яке аз онҳо принсипи таносуб (симметрия) ва тавозунро ҳимоя мекунад, ки ба устуворӣ ва суботи низом мусоидат менамояд, дуюмӣ - принсипи номутаносибӣ (ассиметрия), афзалияти мувофиқтарини яке аз тарафҳо, ки ба шахшавӣ ва рукуди низом муқобилат нишон медиҳад. Дарёфти ду мавқеи мухолиф, амалисозии мувофиқати онҳо «генератори» гиреҳҳои ченак» - тағйирнаёбандаҳои низоми мутаносибшаванда мебошад. Азнавсозии сохтор, вазифаҳо ва муносибатҳо, шиддатёбии маҷроҳои захираҳо, зичшавии давраҳои ҳаёт, мавҷудияти кофии озодӣ, вақте ки ду тарафи мухолиф аз ҳисоби нерӯи муносибатҳо бо ҳам алоқаманд шуда, «дар ягон чизи севум худ ба худ ҳал мешаванд», ки дар он ченак ҳамчун ҳадди беҳтарин хизмат карда, ба мутаносибгардонии низом мусоидат менамояд.

Мутаносибгардонии муносибатҳои инсон ва муҳити зисти ӯ, ки ҳадафи асосии он аллакай на танҳо мукаммалии сохти ҷамъиятӣ ва олами техникӣ, балки худи инсон аст, ҳамчун стратегияи некбинонаи инкишофи тамаддуни давраи ноосферӣ хизмат мекунад. Ин стратегия дар тактикаи мутаносибгардонии манфиатҳои шахсӣ, коллективӣ, байналмилалӣ ва умумихалқӣ дар консепсияи инкишофи мутаносиби шахсият дар асоси мувофиқати эҳтиёҷот ва қобилияти инсон мушаххас мешавад. Мутаносибӣ ба сифати ҳадаф, арзиш, миню, намуна (эталон), ангезиши пешрафт ба хислати инсон - кӯшиши бурда расонидани ҳама чиз то ҳадди имконпазир мувофиқ аст. Омили ҷустуҷӯйи маънавии тарзи ҳаёти шахсияти мутаносибан инкишофёбанда мавҷудияти вақти холӣ мебошад.

Дар дарки муаммои мувофиқати иҷтимоӣ нақши муҳим ба таносуби мабдаъҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мансуб дониста мешавад. Мутаносибӣ ҳамчун ҳадафи инкишофи ҷомеа маънои якрангиро надорад. Ҳамчун идеал мутаносибӣ ба принсипҳои инсонпарварӣ асос меёбад, ки дар он инсон - ҳадаф аст; он дар низоми ҳукмфармоии техника (технократӣ), ки инсонро ҳамчун восита баррасӣ мекунад, ғайриимкон мебошад. Дар таълифоти классикони марксизм таълимот оид ба мутаносибии иҷтимоӣ ва инкишофи мутаносиб коркард шудааст, ки ба адолати иҷтимоӣ, худидоракунии ҷамъиятӣ, типи махсуси муносибатҳо асос меёбад, ки зимни он «инкишофи озодонаи ҳар кас шарти инкишофи озоди ҳамагон мебошад». Дар таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷӣ оид ба муаммоҳои мутаносибии иҷтимоӣ шартан ду самтро фарқ кардан мумкин аст. Самти якум муаммои мутаносибии ҷомеаро ба таври ҷудогона, бидуни робитаи зарурӣ бо муҳит ва қонунҳои инкишофи он баррасӣ менамояд. Самти дувум ғояи ягонагӣ, мувофиқат, тавозуни инкишофи омилҳои иҷтимоӣ ва табииро инъикос мекунад.

Дар таълифоти муосир оид ба ҷомеашиносӣ муаммои мутаносибӣ аз дидгоҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, сохтори иҷтимоӣ, тамомияти ҳаёти ҷамъиятӣ, консепсияи рушди устувор, зинда будан ва такмили томи инсону инсоният, дигаргуншавии омили субъективӣ, иҷтимоишавӣ, таҳаммулпазирӣ баррасӣ мегардад (Э. М. Андреев, Э. Я. Баталов, С. П. Батракова, В. Э. Бойков, В. М. Димов, В. Н. Иванов, А. С. Капто, В. С. Комаровский, А. П. Кузнетсова, В. А. Кутирев, П. И. Новгородсев, В. Г. Смоляновский, Г. Л. Смирнов, В. М. Соколов, Ж. Т. Тошенко, В. А.Челнокова, В. А. Ядов, Р. Г. Яновский ва диг).Ҷомеашиносӣ намунаҳои ченкунии миқдории мутаносибӣ ва номутаносибии низомҳои иҷтимоиро бо ёрии таносуби «буриши тиллоӣ» нишон додааст. Таҳқиқи асосҳои мутаносиби парадигмаи ташаккулёбандаи ҳаёти маънавии ҷомеа, манфиатҳои шахсият ва ҷомеаҳо дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ [8] ва байниэтникӣ (О. А. Богатова) амалӣ гардидааст.

Мутаносибӣ ҳамчун идеал иқтидори маънавии мактаббачаро бедор карда, барои бунёди нерӯҳои нави таҳаввул дар оянда ёрӣ мерасонад. Он имконияти ҳамгиро барои тавлиди ҳадаф мебошад. Махсусияти мутаносибӣ ҳамчун идеал дар он аст, ки дар асоси нерӯи ҳаётбахш ва дигаргунсозанда (синергия) барои амалисозии рафтору кирдор ангезиш медиҳад.

Бо назардошти нуктае, ки самаранокии раванди педагогии муносибатҳои арзишӣ тавассути мутаносибгардонӣ афзуда мешавад, мо огоҳии академик Л. Ф. Иличёвро низ ба назар мегирем: таваҷҷуҳи нокифоя ба муаммои падидаи том ва воситаҳои ташкили ҷузъҳо ва сохтори он метавонад боиси каҷравиҳои ҷиддии методологӣ гардад.

Раванди педагогии мутаносибшавандаи муносибатҳои арзишӣ - тамомияти иҷтимоӣ ва ахлоқии субъектҳост, ки таъсироти мутақобили дар асоси ҳамкорӣ бо якдигар, муҳит, арзишҳои маънавӣ ва моддӣ ба роҳ монда шуда, ба мувофиқати муносибати мактаббача бо худаш, ҷомеа, фарҳанг, табиат равона гардидааст. Самаранокии раванди педагогии «муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонанда» бо ченаки мутаносибии (мувофиқате, ки ба мақсадгузорӣ ва самтгирӣ ба мақсад табдил меёбад; ҳаракате, ки ба инкишоф ва худинкишоф мегузарад) ҷузъҳо ва функсияҳои ҳамдигарро пурракунанда, ба якдигар таъсиррасонанда таъйин мешавад, ки ҳадафи онҳо рушди мутаносиби шахсият дар асоси

самтгирии мактаббачагон ба арзишҳои ахлоқию маънавӣ мебошад.

Мутаносибӣ ҳамчун ченаки мувофиқати ҷузъҳо ва функсияҳои раванди педагогии муносибати арзишӣ бо мақсади рушди мутаносиби субъектҳои он зоҳир мешавад. Мактаббача ва педагог ҳамчун қисмҳои низоми «инсон» субъектҳои муносибатҳои мутақобил гардида, кӯшиш мекунанд, то шахсияти мутаносибан рушдёфта бошанд. Умумияти ҷанбаҳои номуттасил (ҳадафу вазифаҳо, мундариҷа, методҳо, воситаҳо, шароит, натиҷаҳо) ва муттасил (худмуайянкунии мактаббачагон дар арзишҳо ҳамчун падидаи этикӣ, иҷтимоӣ ва психологи. педагогӣ) мутаносиб мегардад. Дар ин замина имконияти муайян кардани принсипҳо, хусусият, манбаъҳои инкишоф ва самаранокӣ, ошкор кардани норасоиҳо, ҳамчунин инъикос, амсиласозии робитаҳои умумии устувор ва муносибатҳои байни ҷузъҳои раванд, худи равандҳо, яъне бунёди назарияҳои илмӣ имконпазир мешавад.

## АДАБИЁТ:

1. Абдеев Р.Ф. Философия информационной цивилизации: Диалектика прогрессивной линии развития как гуманная общечеловеческая философия для XXI века. - М.: Владос, 1994. - 336с.
2. Абишева А.К. О понятии «ценность» // Вопросы философии. - 2002. - №3.- С.139-146.
3. Воронина А.М. Ценности: (Проблемы обоснования): Автореф. дис. ...канд. фи- лос. наук: 09.00.11. - М., 1994. - 17с (72)
4. Гурьянова М.П. Воспитание жизнеспособной личности в условиях дисгармоничного социума // Педагогика. - 2004. - №1. - С.12-18.
5. Л.Ф.Иличёв О книге Владимира Ильича Ленина "Материализм и эмпириокритицизм". Лекция в помощь изучающим Историю ВКП(б). М., 1940. - 12 с искусство. - М.: Стройиздат, 1984. - 280с.
6. Лутфуллоев М.Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллоев [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 660 с.
7. Мещеряков В.Т. Гармония и гармоническое развитие. - Л.: Наука, 1976. - 119с. (225)
8. Молкин И.С. О философском значении понятия «гармония» // Уч. записки кафедр общественных наук вузов Ленинграда. -J1.: ЛГУ, 1965. - Вып.7.
9. Топчий И.В. Проблема гармонии в западноевропейской культуре: Автореф. дис. ...канд. филос. наук: 24.00.01. - Ростов-н/Д, 2004. - 26с.
10. Шаропов Ш.А. Муошират ва худшиносӣ / Ш.А. Шаропов [Матн]. – Худжанд.: Нури маърифат, 2012. – 304 с.
11. Шевелев И.Ш. Золотое сечение. Три взгляда на природу гармонии / И.Ш.Шевелев, М.А. Марутаев, И.П. Шмелев. - М.: Стройиздат, 1990. - 343с.

## АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ МУТАНОСИБГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ПЕДАГОГ ВА ХОНАНДАГОН

Дар мақола масъалаҳои асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон баррасӣ гардидаанд. Қайд шудааст, ки омузгорон ва мактаббачагон, ҷомеаи меҳнатӣ ҳамчун як навъ меҳвари мактаб мебошанд, ки мисли ҳамфикрон ҳамкорӣ карда, фаъолияти ахлоқӣ ва муоширатро амалӣ менамоянд, ки дар натиҷа байни онҳо низоми муносибатҳои маънавию ахлоқӣ инкишоф мeёбад. Фаҳмиши мутаносибӣ, ки дар тасаввуроти тофалсафӣ зоҳир гардиданд, пеш аз ҳама, аз ҷониби мутафаккирони Юнони Қадим инкишоф дода шуд. Файласуфони давраи атиқа онро ҳамчун амалияи инсонии мавҷудияти якҷоя (Ҳомер), ягонагии тазодҳо шарҳ додаанд, ки тартиботи ҷаҳонро таъйин менамояд. Хулоса карда шудааст, ки мутаносибӣ ҳамчун ченаки мувофиқати ҷузъҳо ва функсияҳои раванди педагогии муносибати арзишӣ бо мақсади рушди мутаносиби субъектҳои он зоҳир мешавад.

**Калидвожаҳо***: педагог, шахсият, этика, мутаносибӣ, гуногуншаклӣ, мутаносибгардонӣ, азнавсозӣ, афзалият, имконият.*

Наибольшее расхождение наблюдается между русским языком, имеющим относительно свободный порядок слов, с одной стороны, и китайским языком, в котором местоположение слов в разных типах предложений имеет совершенно иное построение.

Все эти расхождения в морфолого-синтаксическом аспекте, как уже упоминалось, в значительной мере обусловливают трудности понимания и употребления грамматических явлений русского языка в продуктивных и рецептивных видах речевой деятельности.

Строгий учет этих трудностей поможет более рационально построить учебный процесс, выбрать более эффективные пути введения языкового материала, объяснения и закрепления его в целях формирования соответствующих грамматических навыков, а также развития речевых умений [1, с. 184].

Таким образом, значение реализации коммуникативно-компетентностного подхода при обучении грамматике русского языка в китайской аудитории велико. Для того чтобы выработать у студентов способность осуществления коммуникативной компетенции, научить их общению на русском языке, надо овладеть полноценными грамматическими умениями и навыками.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Гез, Н.И. Методика обучения иностранным языкам в средней школе /Н.И. Гез, М. В. Ляховицкий, А.А. Миролюбов, С.К. Фоломкина, С.Ф. Шатилов. – М.: Высш. школа, 1982. – 373с.
2. Леонтьев, А.А. Высказывание как элемент психолингвистики и теории коммуникации /А.А. Леонтьев. – М.: Наука, 1979. – 240с.
3. Матюхина, М.В., Михальчик, Т.С., Прокина, Н.Ф. и др. Возрастная и педагогическая психология /М.В. Гамезо. – М.: Просвещение, 1984. – 256с.
4. Сысоев, П.В. Интегративное обучение грамматике /П.В. Сысоев// Иностранные языки в школе. – 2003. - №6. – с. 25 - 31.
5. Гойхман О.Я., Надеина Т.М. Речевая коммуникация. – М.: Инфра. - М. 2005. – 272.с.
6.Куприна Т.В. Развитие межкультурной коммуникативной компетентности студентов при изучении иностранного языка: дис. На соиск. учен. степ. канд. пед. Наук. – Екатеринбург, 2006. – 2006. - 220 с.

## РАЗВИТИЕ РЕЧЕВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ КИТАЙСКОЙ АУДИТОРИИ В КОНТЕКСТЕ ОБУЧЕНИЯ ГРАММАТИКЕ РУССКОГО ЯЗЫКА КАК ИНОСТРАННОГО

В настоящей статье рассматриваются основные принципы формирования необходимых качеств компетентности и компетенции субъектов образования (преподаватель-студент) при изучении грамматики русского языка как иностранного в китайской аудитории вузов Таджикистана. Автор отмечает, что для этого необходимо конкретизировать само понятие «компетентности». Трактовка и определение данного понятия позволило конкретизировать понимание и авторской позиции в отношении компетентности студента-иностранца в условиях дву и многоязычия.

**Ключевые слова и понятия:** *компетентность, компетенция, грамматика, русский язык, родной язык, умение, навык, учитель, ученик, школьник, способность, осуществление, реализация, коммуникативность.*

**ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ НУТКИ СТУДЕНТОНИ ЧИНӢ ДАР ЗАМИНАИ ТАЪЛИМИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ РУСӢ ХАМЧУН ЗАБОНИ ХОРИЧӢ.**

Дар мақолаи мазкур принсипҳои асосии ташаккули салоҳиятмандии омӯзгор ва донишҷӯ дар раванди таълиму омӯзиши грамматикаи забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ дар низоми макотиби олии самти педагогӣ арзёбӣ шудааст. Муаллиф нуқтаи назари хешро перомуни вожаи «салоҳиятмандӣ» баён намуда, мавқеи мушаххаси худро дар хусуси ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯи чинзабон дар вазъи дузабонӣ ва бисёрзабонӣ ба маърази муҳокима гузоштааст.

**Калидвожаҳо:** *забони русӣ, таълим, забони хориҷӣ, омӯзиш, грамматика, салоҳият, муносибати босалоҳият, салоҳиятмандӣ, нутқ, гуфтор, салоҳияти коммуникативӣ, замина, мафҳум, донишҷӯ, хитоӣ.*

**DEVELOPMENT OF SPEECH ACTIVITY OF CHINESE STUDENTS IN THE CONTEXT OF TEACHING GRAMMAR OF RUSSIAN AS A FOREIGN LANGUAGE**

This article discusses the basic principles of forming the necessary qualities of competence and competency of educational subjects (teacher-student) when studying the grammar of Russian as a foreign language in the Chinese audience of universities in Tajikistan. The author notes that for this it is necessary to specify the very concept of “competence”. The interpretation and definition of this concept made it possible to concretize the understanding and the author’s position regarding the competence of a foreign student in bilingual and multilingual conditions.

**Key words:** *competence, grammar, Russian language, native language, ability, skill, teacher, student, schoolchild, ability, implementation, communication.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Жан Йинг, аспиранти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025, ЧТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 Телефон: 904 42 41 16 Почтаи электронӣ: snegmasi@rambler.ru*

**Информация об авторе:** *Жан Йинг, аспирант кафедры методики преподавания русского языка и литературы Национального университета Таджикистана. Адрес: 734025, ЧТ, Ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17 Телефон: 904 42 41 16 E-mail: snegmasi@rambler.ru*

**Information about the author:** *Zhan Ying, graduate student of the Department of Russian Language and Literature Teaching Methodology of the National University of Tajikistan. Address: 734025, ChT, Sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 Phone: 904 42 41 16 E-mail: snegmasi@rambler.ru*

**ТДУ:37.01**

# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА НАҚШАИ ИНФИРОДИИ ДОНИШҶӮ

***Каримов М. Б.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки фаъолияти худро дар асоси низоми кредитии таҳсилот ба роҳ мондаанд, бояд барои аз ҷониби таълимгирандагон аз худ намудани фанҳои дар нақшаи таълимӣ вобаста ба ҳар як ихтисос дарҷёфта ва соҳиб гардидани онҳо ба дараҷаи академӣ (бакалавр, магистр, доктор аз рӯйи ихтисоси Рй.В) мувофиқи стандартҳои давлатии таҳсилот тамоми имкониятҳоро фароҳам оваранд.

Дар давоми таҳсил барои ҳар як донишҷӯ «варақаи шахсӣ» кушода мешавад, ки дар он тамоми дастовардҳои фаъолияти таълимии донишҷӯ дар давраи таҳсил дарҷ меёбад. Раёсати донишгоҳ ухдадор аст, ки тамоми довталабон, донишҷӯён ва омӯзгоронро бо қоидаҳои ташкили ҷараёни таълим, ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо дар давраи таҳсил шинос намояд. Ин қоидаҳо дар Низомномаи муассисаи олӣ «Оид ба ташкили ҷараёни таълим бо истифодаи низоми кредитии таҳсилот» дарҷ гардидааст.

Банақшагирии ҷараёни таълим яке аз ҷузъҳои асосии идоракунии фаъолияти таълимии муассисаҳои олӣ ба шумор рафта, аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

1. Нақшаҳои намунавии таълим доир ба ихтисосҳои алоҳида бо назардошти риояи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия шуда, аз тарафи Вазорати Маориф тасдиқ карда мешаванд;

2. Ҷадвали тақвимӣ тартиб дода мешавад, ки дар он намудҳои асосии чорабиниҳои таълимӣ ва муҳлати иҷрои онҳо дар давоми соли таҳсил дарҷ меёбанд;

3. Илова ба нақшаҳои намунавии таълим каталог (номгӯ)-и фанҳои интихобӣ барои ҳар як ихтисос тартиб дода шуда, дар Шурои илмии муассисаи олӣ тасдиқ карда мешавад;

4. Ҳар як донишҷӯ бо кумаки эдвайзер ва тахти назорати офиси бақайдгиранда мувофиқи нақшаи таълими намунавӣ ва каталоги фанҳои интихобӣ нақшаи таълими фардии худро тартиб медиҳад. Ин нақша аз тарафи донишҷӯ, эдвайзер, бақайдгиранда ва декани факултет ба имзо мерасад;

5. Дар асоси нақшаҳои фардии таълими донишҷӯён нақшаи кори таълим тартиб дода шуда, аз тарафи ноиби ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешавад;

6. Мувофиқи нақшаҳои кори таълим оид ба ҳар як ихтисос сарбории таълимии кафедраҳо ба нақша гирифта шуда, ҷадвали мансабии ҳайати омӯзгорону профессорон таҳия ва тасдиқ карда мешавад;

7. Аз тарафи устодони кафедраҳо барномаҳои кории таълим (силлабусҳо) аз фанҳои алоҳидаи дар нақшаи кори таълим дарҷёфта тартиб дода шуда, барои интихоб пешкаши донишҷӯён мегарданд;

8. Мувофиқи барномаҳои кори фанҳои аз тарафи донишҷӯён интихобшуда тақсимоти сарбориҳои таълимии кафедраҳо дар байни устодон амали мегардад;

9. Ҷадвали дарсии умумӣ (бо тақсимот ба гурӯҳҳои академӣ) ва ҷадвалҳои дарсии фарди барои ҳар як донишҷӯ тартиб дода шуда, аз тарафи декани факултет тасдиқ карда мешавад, ки мувофиқи онҳо ҷараёни таълим сурат мегирад [6, С.45].

Нақшаҳои намунавии таълим дар низоми кредитии таҳсилот аз 3 силсилаи фанҳо иборатанд:

1. Силсилаи фанҳои умумитаълимӣ (ФУТ);
2. Силсилаи фанҳои умумикасбӣ (ФУК);
3. Силсилаи фанҳои тахассусӣ (ФТ);

Ҳар як силсила қисмати фанҳоеро дар бар мегирад, ки дар стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ дарҷ ёфта, омӯзиши онҳо аз тарафи донишҷӯён мувофиқи барномаи таълим ҳатмист.

Ба қисмати фанҳои интихобӣ фанҳое дохил мешавад, ки аз тарафи муассисаи олӣ пешкаши донишҷӯён мегарданд.

Дар нақшаҳои намунавии таълим номгӯйи пурраи қисмати фанҳои ҳатмӣ бо нишондоди миқдори кредитҳои барои омӯзиши ҳар як фан ҷудошуда оварда мешавад. Миқдори кредитҳои барои омӯзиши фанҳои интихобӣ ҷудошударо ҳар як муассисаи олӣ мустақилона муайян мекунад.

Нақшаҳои кории таълим доир ба ихтисосҳои алоҳида дар натиҷаи ҷамъбасти он нақшаҳои фардии таълимӣ таҳия мешавад, ки бо назардошти номнависшавии шумораи меъёрии донишҷӯён (на камтар аз 8 нафар) барои омӯзиши фанҳои алоҳида қабул шудаанд. [1, С.58]. Нақшаҳои кории таълим бо дар назардошти касб, тахассус ва шаклҳои фаъолияти касбии ояндаи таълимгирандагон ва зарурати таъмини онҳо бо фан таҳия мешаванд, ки ба болоравии сифати таълим ва рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори меҳнат оварда мерасонад. Чунин муносибат ба ташаккули нақшаҳои кории таълим ба муассисаҳои олӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти таълимии худро ба талаботи зуд-зуд тағйирёбандаи бозори меҳнат мутобиқ гардонанд ва инчунин аз захираҳои иттилоотию китобдорӣ, лабораторияҳои таълимӣ пурра истифода баранд [7, С.48].

Дар шароити низоми кридитии таҳсилот баҳисобгирии меҳнатталабии фаъолияти таълимӣ аз рӯи ҳаҷми маводи таълимии ба донишҷӯён пешниҳод шуда амалӣ гардида, бо шумораи кредитҳо андоза карда мешавад.

Кредит-воҳиди ба як шакл даровардашудаи андозаи ҳаҷми меҳнатталабии кори донишҷӯ (омӯзгор) мебошад. Дар низоми амрикоии таҳсилот як кредит ба 45 соати академии меҳнатталабии дилхоҳ фан (дар давоми семестр) дар барномаи бакалавриат, 60 соати академӣ дар магистратура ва 75 соати академӣ дар докторантура баробар аст. [13, С.20]. Ҳиссаи кори мустақилонаи таълимгиранда дар доираи меҳнатталабии овардашуда вобаста ба зинаҳои таҳсилот (бо дарназардошти иҷрои рисолаҳои дипломӣ ва диссетатсия) тағйир ёфта, торафт меафзояд. Масалан,1 кредит дар бакалавриат ба 1 соати академии дарси аудиторӣ ва 2 соати академии дигар барои кори мустақилонаи таълимгиранда дар як ҳафта дар давоми семестр (15 ҳафта) баробар мебошад [2, С.38]. Бо дарназардошти болоравии сатҳи таҷрибаандӯзии таълимгирандагон дар зинаҳои болоии таҳсилот (магистратура, докторантура) бошад, таносуби соатҳои академӣ барои кори аудиторӣ ва мустақилона тағйир меёбад.

Чӣ тавре, ки дар боби авал гуфта гузаштем, дар низоми америкоии таҳсилот сарбории донишҷӯ ва устод танҳо соатҳои аудиториро дар бар мегиранду халос. Иҷрои корҳои мустақилонаи беруназсинфӣ ва назорати он ба ҳисси масъулиятшиносии донишҷӯ ва устод ҳавола шудааст.

Дар низоми аврупоии кредитии иаҳсилот соатҳои кори мустақилонаи донишҷӯён ба сарбории онҳо дохил шудаанд, вале механизми назорати иҷрои онҳо таҳия нашудааст.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло бозори мутамаддини меҳнат ташаккул наёфтааст ва дар ин бозор дониш ҳамчун меъёри ягонаи муайянкунандаи рақобатпазирии мутахассис пазируфта

нашудааст, ҳавола намудани иҷрои кори мустақилонаи беруназсинфӣ ва назорати он ба ҳисси масъулиятшиносии донишҷӯ ва устод болоравии сифати таълимро таъмин карда наметавонад.

**Нақшаи фардии донишҷӯ.** Дар низоми кредитии таҳсилот дар баробари дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд, як қатор санадҳо аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бо қарори Шурои олимон) пешниҳод шуда, онро Вазорати маориф ва илм тасдиқ менамояд.

Дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои ҳар як ихтисос, ки аз тарафи Маркази миллӣ методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм тасдиқ карда мешавад, ҳуҷҷатҳои дигар низ барои дуруст ба роҳ мондани раванди таълим таҳия карда мешаванд. Ба ин гуна ҳуҷҷатҳо нақшаи таълим, нақшаи кории таълим ва нақшаи фардии донишҷӯ шомил мегардад [8, С.35].

Нақшаи таълим аз тарафи мутахассисони раёсат (шуъба, департамент) – и таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо иштироки мутахассисони дигар сохторҳо таҳия гардида, ба Шурои олимон пешниҳод мегардад. Дар Шурои олимон нақшаи таълим мавриди муҳокима қарор гирифта, бо тасдиқи раиси Шурои олимон ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда мешавад. Нақшаи пешниҳодшударо мутахассисони вазорат омӯхта, баррасӣ намуда, барои тасдиқ ба мушовараи Вазорати маориф ва илм пешниҳод менамояд.

Нақшаи таълим барои на камтар (минимум) аз чор соли таҳсил омода карда мешавад. Дар низоми кредитии таҳсилот фанҳои таълимӣ ва барои ихтисосҳои ҳамгиро барои панҷ сол дар нақшаҳои таълим ба ду қисматҷудо мешавад.

***Фанҳои ҳатмӣ***

***Фанҳои интихобӣ***

Миқдори фанҳои интихобӣ дар нақшаи таълим на бояд аз 25% кам бошанд. [9, С.156].Дар ҳамаи сиклҳо (чор сикл) - и нақшаи таълим номгӯи фанҳои ҳатмӣ барои ҳар як семестр бо назардошти кредитҳо сабт мегардад. Фанҳои интихобӣ бошад, дар нақшаи таълим номнавис намешавад. Фақат миқдори кредитҳои умумии фанҳои интихобӣ дар ҳар як сикл сабт мегардад. Миқдори кредитҳо дар ҳар як семестр барои ҳар як фан ба адади натуралии ҷуфт (2 кредит, 4 кредит, 6 кредит) баробар мешавад. Фанҳои интихобӣ барои як семестр пешниҳод карда мешавад ва миқдори кредитҳои онҳо ба ду ё чор кредит баробар шуда метавонад. Ҳадди максималии кредитҳои як фан дар як семестр ба шаш кредит баробар буда, он қисме аз фанҳои ҳатмиро фаро мегирд. Як қисми фанҳои ҳатмӣ ба чор кредит баробаранд. [4, С.67].

Дар сиклҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ миқдори кредитҳои фанҳои ҳатмӣ метавонад ба 12 кредит (6 кредит + 6 кредит), 14 кредит (4 кредит + 4 кредит + 6 кредит), 16 кредит (4 кредит + 6 кредит + 6 кредит), 18 кредит (6 кредит + 6 кредит + 6 кредит), 20 кредит (4 кредит + 4 кредит + 6 кредит + 6 кредит), 22 кредит (4 кредит + 6 кредит + 6 кредит + 6 кредит) баробар шаванд [10, С.63].

Дар асоси нақшаи таълим, нақшаи кории таълим тартиб дода мешавад. Нақшаи кории таълим барои ҳар як соли таҳсил таҳия карда мешавад. Барои таҳияи нақшаи кории таълим чунин амалҳо бояд ба анҷом расад:

1. *Пешниҳоди фанҳои интихобӣ (элективӣ) аз ҷониби кафедра;*
2. *Тасдиқи фанҳои интихобӣ бо қарори Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;*
3. *Гузаронидани муаррифии (фанҳои интихобӣ бо пешниҳоди раёсат (шуъба, департамент) – и таълимӣ;*
4. *Интихоби фанни пешниҳодшуда аз тарафи донишҷӯён;*
5. *Ба тартиб овардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ шакли 1 ва шакли 2;*
6. *Ворид кардани фанҳои интихобшуда ба нақшаи кории таълим.*

Бо назардошти иҷрои корҳои зикршуда, нақшаи кории таълим таҳия карда шуда, барои муҳокима ба Шурои олимон пешниҳод карда мешавад. Бо қарори Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нақшаи кории таълим барои як соли таҳсил тасдиқ карда мешавад. Дар нақшаи кории таълим дар баробари номгӯи фанҳои ҳатмӣ бо назардошти миқдори кредитҳо, инчунин номгӯи фанҳои интихобӣ бо нишон додани миқдори кредитҳо барои ҳар як семестри соли таҳсил сабт мегардад.

Дар таҳияи нақшаи кории таълим фаъолнокии донишҷӯ хеле муҳим аст, чунки ӯ бевосита барои муайян кардани самти фаъолияти таълимии худ дар интихоби фанҳо иштирок мекунад.

Дар асоси нақшаи кории таълим нақшаи фардии донишҷӯ тартиб дода мешавад. **НАҚШАИ ИНФИРОДИИ ДОНИШҶӮ** – ҳуҷҷатест, ки ҳамасола дар асоси нақшаи таълимӣ барои

донишҷӯ, ки тибқи низоми таҳсилоти кредитӣ таҳсил менамояд, тартиб дода мешавад. Дар низоми муқаррарии таҳсилот нақшаи фардии донишҷӯ ҷой надошт.

Мазмун ва муҳтавои нақшаи инфиродии донишҷӯро миқдори кредитҳо, номгӯйи фанҳои омӯзишӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ), соатҳои академӣ ташкил дода, самти мушаххаси азхудкунии донишҷӯро муайян менамояд. Нақшаи фардии донишҷӯ барои ҳар як семестри соли таҳсил таҳия карда мешавад. [3,С.25]. Дар мавриди таҳия намудани нақшаи фардӣ, худи донишҷӯ бевосита иштирок менамояд, ки он дар чунин шакл омода мегардад:

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**НАҚШАИ ТАЪЛИМӢ – ИНФИРОДИИ ДОНИШҶӮ**

**Ному насаби донишҷӯ:** ________________________________ **ID** ____________________
________________________________________________________ **Гурӯх:**_______________
**Курс:**_________________
**Ному насаби эдвайзер:**____________________________________________________________
**Факултет:** ______________________________________________________________________
**Шакли таҳсил:**
□Рӯзона,
□Ғоибона
**Ихтсос:**_________________________________________________________________________

| | **Номгӯйи фанҳо** | **Сарбории ҳафтаинаи кредитӣ (СЕМЕСТР)** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| 0 | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | |
| **Ҷамъи кредитҳо:** | | | | | | | | | |

**Имзои донишҷӯ:**__________________ **Имзои эдвайзер**____________________
**Таърихи рӯз: «___» ________ 202__ сол.**
**Декани факултет:** _______________________________________________________
**(ИМЗО)**
**Имзо ва ному**
**насаби бақайдгиранда**_____________________________________________________
**(ИМЗО)**

Дар шакли 1 рӯйхати фанҳо аз номгӯи фанҳои интихобӣ барои муаррифӣ ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад. Шакли 2 бошад, ҳуҷҷате мебошад, ки баъди гузаронидани муаррифии фанҳои интихобӣ аз миқдори номгӯи фанҳои пешниҳодшуда донишҷӯ фанҳои барои худ лозимиро интихоб мекунад ва бо имзои худ тасдиқ менамояд.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**Шакли № 1.**
**Бақайдгирии фанҳои тадрисшаванда**
**Семестр: тирамоҳ, баҳор, тобистона** **Сол: _________________**
**Ному насаби донишҷӯ: ________________________________** **ID ____________________**
**______________________________________________________** **Гурӯҳ:_______________**
**Курс:_________________**
**Ному насаби эдвайзер:_______________________________________________________**
**Факултет: _____________________________________________________________________**
**Шакли таҳсил:**
Рӯзона,
Ғоибона

**Ихтсос:**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |

| | Номгӯйи фанҳо | Коди фан | ID Фан | Миқдори кредитҳо | Ному насаби омӯзгор | Имзои омӯзгор |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| 0 | | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | | | | |

**Имзои донишҷӯ:________________________** **Имзои эдвайзер____________________**
**Таърихи рӯз: «_____» _____________ 2018__ сол.**
**Имзо ва ному**
**насаби бақайдгиранда_______________________________________________________**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**Шакли № 2.**
**Ба қайдгирии фанҳо дар ҳолати**
**тағйирот дар давраи муҳлати даҳрӯза**

**Семестр: тирамоҳ, баҳор, тобистона** **Сол: __________________**
**Ному насаби донишҷӯ: ________________________________** **ID**
____________________
**______________________________________________________** **Гурӯҳ:________________**

**Курс:__________________**

**Ному насаби эдвайзер:______________________________________________________________**

**Факултет: ____________________________________________________________________**

**Шакли таҳсил:**

Рӯзона,

Ғоибона

**Ихтсос:**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

**Фанҳое, ки донишҷӯ интихоб накард:**

| | Номгӯйи фанҳо | Коди фан | ID Фан | Микдори кредитҳо | Ному насаби омӯзгор | Имзои омӯзгор |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

**Фанҳое, ки донишҷӯ интихоб кард:**

| | Номгӯйи фанҳо | Коди фан | ID Фан | Микдори кредитҳо | Ному насаби омӯзгор | Имзои омӯзгор |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | | | | |

**Имзои донишҷӯ:_________________________** **Имзои эдвайзер_____________________**

**Имзои декани факултет______________**

**Таърихи рӯз: «_____» _____________ 201__ сол.**

**Имзо ва ному**
**насаби бақайдгиранда_____________________________________________________________**

**Ба қайдгирӣ ва интихоби фанҳои таълимӣ.**

Барои иҷро намудани амали мазкур донишҷӯ бояд дар давоми ҳафта, ки барои шиносоӣ бо касб ва қоидаҳои ташкили раванди таълим ҷудо шудааст, ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ҳозир шуда, аз қайди он мегузарад. [5, С.133]. Баъд аз он бо маслиҳати эдвайзер фанҳои таълимии ҳатмӣ (мувофиқи нақшаи таълимии тасдиқшуда) ва интихобиро (мувофиқи феҳристи фанҳои интихобӣ) интихоб намуда, нақшаи таълимии фардии худро тартиб дода, бо имзои худ ва эдвайзер ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ месупорад.

Амали бақайдгирии донишҷӯён тавассути шабакаи дохилии компютерӣ ё бевосита дар маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ мувофиқи ҷадвали бақайдгирии ихтисосҳои алоҳида сурат мегирад.

Дар мавриди бақайдгирии фанҳои интихобӣ барои донишҷӯён чунин имтиёзҳо муқаррар карда мешаванд:

- афзалият ба он донишҷӯёне дода мешавад, ки дар навбати авал (пеш аз дигарон) оид ба интихоби фан ва устод аз қайд гузашта, ба ин фан номнавис шуда бошанд;
- пеш аз ҳама донишҷӯёне, ки сессияи имтиҳонотии гузаштаро бо баҳои аъло (А) ҷамъбаст намудаанд, ҳуқуқи интихоби фан ва устоди муайянро доранд [14, С.16].

Баъди анҷоми муҳлати бақайдгирӣ, имзо намудан ва ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ супоридани нақшаҳои фардии таълим аз тарафи деканати факултет, нақшаи кори таълим ва **ҷадвали дарсӣ барои як давраи академӣ (семестр) ё соли таҳсили ҷорӣ** таҳия шуда, аз ҷониби муовини ректор оид ба таълим тасдиқ мешавад.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**ҶАДВАЛИ ДАРСИИ ИНФИРОДИИ ДОНИШҶӮ**
**дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2022 – 2023**

**Ному насаби донишҷӯ:_______________________________________________**

**ID ______________________________________________________________**

| **Номгӯии рӯзҳ** / **Реҷаи зангҳо** ↓ | **Душанбе** → | **Сешанбе** | **Чоршанбе** | **Панҷшанбе** | **Ҷумъа** | **Шанбе** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **$8^{00} – 8^{50}$** | | | | | | |
| **$9^{00} – 9^{50}$** | | | | | | |
| **$10^{00} – 10^{50}$** | | | | | | |
| **$11^{00} – 11^{50}$** | | | | | | |
| **$12^{05} – 12^{55}$** | | | | | | |
| **$13^{05} – 13^{55}$** | | | | | | |
| **$14^{05} – 14^{55}$** | | | | | | |

**Имзо ва ному насаби бақайдгиранда______________________________________________**
**(**имзо**)**
**Таърихи рӯз: «_____» _____________ 2022 сол.**

Пурра риоя намудани ин гуна тартибот, яъне омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз тарафи донишҷӯён ва устодон ҳатмӣ мебошад. Донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки дар давоми ҳафтаи шиносоӣ бо касб ва интихоби фанҳо, ки аз тарафи донишгоҳ муқаррар карда мешавад, дар нақшаи фардии худ то 10 % тағйироту иловаҳо ворид намояд. [12, С.58]. Дар ин бора ӯ бо тарзи хаттӣ ба декани факултет муроҷиат менамояд. Баъди ба охир расидани муҳлати муқарраршуда, ворид намудани тағйиру иловаҳо дар нақшаи фардии таълим ва ҷадвали дарсӣ манъ аст.

Дар зери мафҳуми нақшаи фардии таълим маҷмуи фанҳои интихобии таълимӣ (курси махсус, фанҳои интихобӣ) барои аз худ намудани нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар доираи қонуну санадҳои амалкунанда тартиб дода шудааст, фаҳмида мешавад.

**Нақшаи фардии таълим,** ки аз тарафи ҳар як донишҷӯ бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) дар асоси нақшаҳои намунавии таълим ва номгӯйи фанҳои интихобӣ таҳия шуда, самт ва равияи таҳсилоти ӯро муайян менамояд. Нақшаҳои инфиродии (таълимӣ) донишҷӯ дар дасти худи ӯ, сайти факултет ва офиси бақайдгиранда нигоҳ дошта мешаванд. Нақшаҳои фардии таълим аз тарафи декани факултет тасдиқ карда мешаванд. Нақшаи фардии донишҷӯ асосан самти меҳнатталабии фаъолияти таълимию тарбиявии ӯро дар асоси нақшаи таълимӣ муайян намуда, он ба воситаи соатҳои кредитӣ ифода меёбанд. Миқдори соатҳои кредитӣ дар нақшаи фардии таълим (дар як семестр) набояд аз 40 кредит зиёд бошад.

Хулоса, нақшаи инфиродии омӯзишӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯёне, ки талаботи барномавиро дар муҳлати муайян гардида иҷро намудаанд, номгӯи фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро сари вақт барои нимсолаи минбаъда, то оғози таҳсил интихоб намоянд. Дар ин ҳолат тағйир додани номгӯи

фанҳои ҳатмие, ки дар нақшаи таълимӣ пешбинӣ гардидааст, иҷозат дода намешавад. Ҳангоми тартиб додани нақшаи таълими инфиродии соатҳо фанҳои тахассусӣ ихтисор карда намешаванд.

## АДАБИЁТ:


1. Абишев, Н. А., Ж. М. Молбасынова, Кредитная система обучения как фактор развития высшей школы Республики Казахстан.- 2015, 557с.
2. Байденко А. Компетенции в профессиональном образовании. Высшее образование в России.- 2004, 250 с.
3. Курилов В.И. Порядок перевода студентов на индивидуальный график или индивидуальный план обучения - М.- 2009, 30 с.
4. Кубея. Е. К. Особенности внедрения кредитной системы обучения в классическом университете – Алмааты. – 2004, 120 с.
5. Козырев, В. А- Высшее образование России в зеркале Болонского процесса: научно-методическое пособие: 2-е изд., доп. / В. А. Козырев, Н. Л. Шубина. - СПб.: изд-во РГПУ им. А. И. Герцена,- 2005. — С. 304.
6. Найт., Д. Сужикова Б., Раисова А., Муравьев Н. Интеграция в мировое образовательное пространство повышение качество обучения в ВУЗах на основе системе кредитных часов,- Душанбе. – 2004, 220с.
7. Нурманбетова Д.Н., Нефедова Л.В. Методические рекомендации по разработке учебно-методических пособий: Издание второе, переработанное и дополненное. — Астана: ЕНУ им. Л.Н. Гумилева. -2011, 78с.
8. Сангинов Н. С., Н. С. Салимов. Низоми кредитии тахсилот (Дастури таълимию методӣ барои мактабҳои олӣ).- Душанбе, «Ирфон», -2005, 80с.
9. Сузана Гуглина, Основы кредитной системы обучения в Казахстане, Алматы. - 2004. – 198 с.
10. Фролов Н. Н., Сундуков Г. В., Голутвин В. А. Организация вузовской системы образовательных кредитов - Тула, - 2003, 128 с.
11. Чистохвалова В.Н.- Проблемы введения системы зачетных единиц в высшем профессиональном образовании: М.- Изд-во РУДН, 2003, 75 с.
12. Чучалин А. И., Боев О. В. Кредитная рейтинговая система - М.- 2005, 130с.
13. Geissler Lewis, The importance of Credit System in education, Ohio.-2000. 37p.
14. Omporn Regel, Banco Mundial, The Academic Credit System in Higher Education, IBRD. - 1992, 34p.


## ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА НАҚШАИ ИНФИРОДИИ ДОНИШҶӮ


Дар шароити муосир бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи маориф, беҳтар намудани сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Аз он ҷумла, ислоҳоти куллии соҳаи маориф ҳамоҳангсозии низоми миллии таҳсилотро ба стандартҳои ҷаҳонӣ тавассути гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот ва технологияи кредитии таълим талаб менамояд.

Дар мақола масъалаҳои тавсияҳои методӣ оид ба нақшаҳои инфиродии донишҷӯён ва аҳамияти онҳо дар раванди таълим баррасӣ мешаванд. Мо кушиш намудем, ки дар асоси маводи муътамад ошкор намоем, ки нақшаи таълим ба хонандагоне, ки талаботи барномаро дар як давраи муайян ичро кардаанд, имкон медихад, ки пеш аз оғози соли тахсил номгуи фанхои асосӣ ва интихобиро сари вакт интихоб кунанд.



**Калидвожаҳои:** *Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми кредитӣ, барномаи таълимӣ, бакалаврӣ, магистратура, гурӯҳҳои академӣ, давраи таҳсил, таҳсилоти ҷорӣ, имтиёзҳо, сифати таълим, барномаҳои корӣ, нақшаи шахсии донишҷӯ, силсилаи барномаҳои таълимии умумӣ. фанҳо, силсилаи фанҳои умумии касбӣ, силсилаи фанҳои тахассусӣ, фанҳои ҳатмӣ, фанҳои интихобӣ, ҷадвали тақвимӣ.*


## МЕТОДИЧЕСКИЕ РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ИНДИВИДУАЛЬНЫМ ПЛАНАМ СТУДЕНТА


В современных условиях по инициативе Правительства Республики Таджикистан принимаются необходимые меры по развитию сферы образования, повышению качества образования, подготовке высококвалифицированных специалистов, вхождению в единое пространство мирового образования. Среди них комплексные реформы в сфере образования требуют приведения национальной системы

образования в соответствие с мировыми стандартами посредством перехода к многоуровневой системе образования и технология образовательного кредита.

В статье рассматриваются вопросы методических рекомендаций по индивидуальным планам студента и их важность в учебном процессе. Автор на основе достоверных материалов выявляет, что план обучения дает возможность студентам, которые выполняли программные требования в определённый период и вовремя выбирать список основных и выборочных предметов до начало учебного года.

**Ключевые слова:** *Министерство образования и науки Республики Таджикистан, кредитная система, учебная программа, бакалавриат, магистратура, академические группы, учебный период, текущее образование, льготы, качество образования, рабочие программы, личный план студента, серия обще образовательных предметов, серия обще профессиональные предметы, серии профильных предметов, обязательные предметы, предметы по выбору, календарь-таблица.*

**METHODICAL RECOMMENDATIONS FOR THE INDIVIDUAL PLANS OF STUDENTS**

In modern conditions, necessary measures are being taken by the initiative of the Government of the Republic of Tajikistan for the development of the education sector, improvement of the quality of education, training of highly qualified specialists, entry into the unified space of global education. Among them, comprehensive reforms in the sector of education require the alignment of the national education system to global standards through the transition to a multi-level education system and educational credit technology.

The article describes about the problems of methodical recommendations for individual plans of students and its importance during the studying process. The author on a base of reliable materials notes that the individual studying plan gives opportunities for the students to do main remands of the subject in the period to choose in time the list of main and elected subjects before the academic year.

**Keywords**: *Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, credit system, curriculum, bachelor's, master's, academic groups, educational period, current education, benefits, quality of education, work programs, student's personal plan, series of general educational subjects, series of general professional subjects, series of specialized subjects, compulsory subjects, elective subjects, calendar table.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Каримов Мусо Бобишоевич – н.и.п. профессор, мудири кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, тел: 93 910 76 13, e-mail: karimovmusso@gmail.com.*

**Информация об авторе:** *Каримов Мусо Бобишоевич – к.п.н. профессор, заведующий кафедрой методики преподавания истории и права Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, телефон: 93 910 76 13 e-mail: karimovmusso@gmail.com*

**Information about the author:** *Karimov Muso Bobishoevich – c. of p. s. professor, head of the department of teaching methods of history and law of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, phone: 93 910 76 13, e-mail: karimovmusso@gmail.com*

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ ДАР ДАРСҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ

***Ҳакимова Х.***

*Наққош аҷаб саҳфа мунаққаш кардӣ,*
*Эй вақти ту хуш, ки вақти мо, хуш кардӣ!*

Бале, на танҳо офаридан, балки дидану тамошо кардани нақши зебо, расми зебо барои ҳар як инсон худ ҳаловати бепоён мебошад.

Мардуми фарҳангии мо аз даврони қадим то ба ҳозир санъати нақошиву меъморӣ ва тасвири бадеиро хеле гиромӣ медоранд ва онро аз насл ба насл интиқол дода истода, кӯшиш мекунанд, ки тавассути ин санъатҳо ба тарбияи ахлоқиву маънавии инсоният саҳмгузор бошанд. Зеро тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкориву амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Ахлоқу маънавиёт унсурҳоеанд, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайванданд. Аз ин рӯ, таълими фанҳои санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, ҳамчун унсури тарбияи маънавӣ, дар муассисаҳои таълимӣ бояд дар мадди аввал бошад.

Тибқи талаботи таълими ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда дар дарсҳои санъати тасвирӣ диққати асосии омӯзгор ва хонанда бояд аслан ба раванди таълим равона карда шавад, яъне чӣ тавр омӯзонидан ва

омӯхтан. Дар ин маврид ба назар гирифтани қобилияти хонанда, маҳорати касбӣ ва навоварии педагог дар мадди аввал меистад. Барои ин ба омӯзгор лозим аст, ки:

- технологияи педагогии муосири таълимро худ донад ва омӯзад;

- пайваста дар дарсҳои санъати тасвирӣ аз восита ва таҷҳизоти муосир истифода бурда, дар хонандагон барои ба вуҷуд овардани маҳорату малака шароит фароҳам оварад;

-ба хонандагон имкон диҳад, ки маҳорату малакаи эҷодии ҳосилнамудаашонро мустақилона истифода баранд.

Масалан, дар ҷараёни дарсҳо зери роҳбарии омӯзгор хонандагон метавонанд тарзи истифодабарии компютер ва дигар таҷҳизоти иттилоотиро бо мақсади гирифтани маълумот омӯзанд. Барои ин дар раванди таълими санъати тасвирӣ ба омӯзгор лозим меояд, ки як қатор вазифаҳоро аз қабили вазифаҳои зер, анҷом диҳад:

-муайян ва муқаррар кардани маҷмуи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат) - и хонандагон дар дарсҳои "Санъати тасвирӣ";

-ба ҳам мутобиқ намудани технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълим;

-мунтазам инкишоф додани малакаю маҳорати меҳнатӣ, рассомӣ, ороишӣ ва эҷодӣ дар раванди таълим ва зиндагӣ;

- тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии хонандагон;

- шиносоӣ бо асос ва намудҳои санъати графикӣ ва ташаккули малакаю маҳорати тасвири графикӣ;

- дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;

омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф бо мақсади худхизматрасонӣ;

-инкишофи қобилияти амалӣ, фикр ва эҷод-

анҷом диҳад [3, с.11].

Барои дар амал татбиқ намудани ин мақсадҳо нақши Технологияи компютерӣ асосӣ мебошад. Истифодаи компютер, камераҳо, дискҳо(фитаҳо), дастгоҳҳои видеоӣ ва шунавоӣ, ки имрӯзҳо дар аксари муассисаҳои таълимӣ ба раванди таълим дохил гардидаанд, таълимро фаъол ва мустақил мегардонад. Дар ин ҷараён аз омӯзгор танҳо соҳиб будан ба таҷрибаи кофии техникӣ, маҳорат ва интихоби дурусти яке аз васоили техникӣ дар дарсҳои ҳаррӯзаи ӯ талаб карда мешавад. Чунончӣ, барои истифодаи тарзу усулҳои нави замонавӣ истифодаи компютер дар ҳар лаҳза барои таълими санъати тасвирӣ лозим аст. Компютер ба омӯзгор барои сохтан ва ба тартиб даровардани мавзуи дарс, конспекти дарс, интихоби объект барои мавзуи таълим, мувофиқи мақсад ҷо ба ҷо гузоштани усули таълим, таъмин шудан бо маводи лозима тариқи маълумоти иловагӣ, интихоб ва ба тартиб даровардани маводи омӯзиш ва интихоби объекти кор дар дарс (объекти тасвир) бо назардошти қобилияти хонандагони синф имконият фароҳам меорад. Дар заминаи истифодаи компютер истифода аз тахтаи электронӣ барои таълими санъати тасвирӣ хеле муҳим мебошад. Он барои омӯзгор корро хеле осону нишонрас ва барои таълимгирандагон дарсро хеле шавқовар мегардонад.

Дар раванди дарс истифодаи компютер дар якҷоягӣ бо тахтаи электронӣ имкон медиҳад, ки вақти барои дарс ҷудо намудаи омӯзгор сарфа карда шавад, маводи омӯзиш ба шакли ҳархела таҳия гардад, ҳисси нафосат ва зебоипарастӣ ангезиш ёфта, дарс ба таври илмӣ ташкил карда шавад, барои ҳиссиёти гуногуни хонандагон маводи омӯзишӣ дастрас бошад ва ҳамчунон таъсир расонида тавонад. Инро чӣ тавр ба роҳ мондан мумкин аст? Масалан, омӯзгор метавонад объекти тасвирро бо воситаи компютер тариқи тахтаи электронӣ пешкаши хонандагон намояд. Хонандагон онро бо диққат ва бо завқ тамошо мекунанд, эҳсос мекунанд, ҳаловат мебардоранд, яъне онҳо, гӯё ки, объекти зиндаеро дар пеши чашми худ мебинанд ва сипас ҳар як хонандаи синф вобаста ба қобилият ва завқи эстетикии худ онро тасвир месозад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҷҳизоти техникии навин фазои таҳсилотро ғаниву гуворо месозад ва малакаю маҳорати хонандагонро инкишоф медиҳад. Махсусан, истифодаи воситаҳои дар боло номбаркардашуда барои фардикунонии таълими санъати тасвир нақши муҳим мебозанд. Ба хусус, компютер ба омӯзгор имкон медиҳад, ки омодагии ӯ барои таълим бештар бошад, тарзу усулҳои методии нав ба навро ҷустуҷӯ намуда, дар дарсҳо татбиқ намояд, сифати таълимро беҳтар гардонад.

Хонандагонро барои иҷрои корҳои гуногун омода созад, қобилияти амалӣ, фикрӣ ва эҷодии хонандагонро инкишоф диҳад. Тавассути компютер омӯзгор метавонад тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии таълимгирандагонро ба роҳ монад, дар хонандагон мунтазам малакаю маҳорати меҳнатӣ, рассомӣ, ороишӣ ва эҷодиро дар раванди таълиму зиндагӣ ба вуҷуд оварда, инкишоф диҳад, ки ин раванд пеш аз ҳама салоҳияти омӯзгорро ҷиҳати истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими

санъати тасвирӣ ва инчунин салоҳияти хонандагонро барои сайқал додани истеъдоди худ, аз худ намудани донишҳо ва маълумотҳои иловагӣ, ба ҷо овардани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон, муайян менамояд.

Бояд гуфт, ки дар таълими инноватсионӣ яке аз вазифаҳо ва мақсадҳои асосии таълими фанни «Санъат ва меҳнат» инкишофи қобилияти фардии хонандагон, аз қабили дарки зарурати меҳнат ва олами санъати тасвирӣ дар зиндагӣ, ташаккули қобилияти эҷодию тахаюли бадеии талабагон, шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнати дастӣ, омӯзонидани фаъолиятҳое, ки бо унсурҳои фаъолияти меҳнат ва тасвиру ороиш амалӣ карда мешаванд, ба шумор меравад [3,с.8]. Барои муваффақ гардидан дар ин самт ба омӯзгор истифода бурдан аз сомонаҳои ИНТЕРНЕТ бо мақсади пайдо кардани маълумоти иловагии шавқовару муфид ва тавассути истифодаи ягон воситаи техникӣ дар дарс татбиқ намудани онҳо хеле ба мақсад мувофиқ аст. Истифодаи фиттаҳо бо филмҳо дар бораи зиндагӣ ва эҷодиёти рассомону мусавварасозони классику муосир, шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнати дастӣ, амалҳо бо унсурҳои фаъолияти меҳнат ва тасвиру ороиш, шинос намудани хонандагон бо касбу корҳои вобаста ба санъати тасвирӣ, дар хонандагон ба вуҷуд овардани эҳтиром ва меҳру муҳаббат ба меҳнат, ба санъати тасвириро ҳосил менамояд. Ҳамчунон, намоиши мусавварахои зебову нодири ҷаҳонӣ тариқи тахтаҳои электронӣ дар раванди таълими фанни Санъати тасиврӣ ин худ як сайёҳати хурдакаке ба осорхонаҳо буда, барои дар руҳияи эстетикию фарҳангпарастӣ тарбия ёфтани хонандагон нақши босазое мебозад. Зеро, «ба масъалаи тарбияи завқи бадеӣ чун як система назар андӯхта, аз оила то ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва иҷтимоию фароғатӣ шароити мусоид фароҳам овардан ба мақсад мувофиқ аст [4, 166]. Мақсади машғулиятҳои санъати тасвирӣ низ асосан бояд ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, эҷодкорӣ, зебоипарастӣ, инсондӯстии насли наврас равона карда шавад.

Ҳамин тариқ, татбиқи технологияи иттилоотӣ, ҳамчун шакли технологияи инноватсионӣ, дар ин самт барои таҳкиму ҳамбастагии меҳнати фикрию ҷисмонии таълимгирандагон нақши хоса дошта, барои пайдо намудани малакаю маҳорати зеҳнии хонандагон шароити мусоид фароҳам меоварад.

## АДАБИЁТ:

1.Бобоева И.С.Роҳҳои муосири ташаккули фаъолияти эҷодии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни дарсҳои санъат ва меҳнат. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2022, №4 (40) саҳ.165-168.

2.Захарова Н.И. Внедрение информационных технологий в учебный процесс // Начальная школа. - 2008. - № 1.

3.Иргашева М., Азизов А., Насимӣ М. Роҳаноми фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4. «Маориф», 2016, 112 с.

4. Косевска Н.В. Преимущества использования мультимедийных технологий в образовательном процессе дистанционного обучения // Современная педагогика. 2015. № 5 [Электронный ресурс]. URL: http://pedagogika.snauka.ru/2015/05/4345 (санаи мурочиат 11.04.2023).

5.Мультимедиа технология. Основные понятия, представление мультимедийной информации, функции и области применения.-URL: http://5fan.ru/wievjob.phpid=36279 (санаи мурочиат 11.04.2022).

6.Наҷмиддиниён А.М. Муродов З.О. Самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таҳсилот. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2022, №4 (40) с. 228-233.

7. Пломп Т., Бруммельхус А. Пелгрум В.Ж. Новые подходы к преподаванию, обучению и использованию информационно-коммуникативных технологий в области образования // Перспективы. - 1998. - № 3. - С. 91-108.

8. Сериков, В.В. Личностно ориентированное образование/В.В.Сериков.- Педагогика. - 1994. -№ 5. - 16-21 с.

9.Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030.

10.Якиманская,И.С.Личностно-ориентированное обучение в современной школе/ И.С. Якиманская. - М.: Сентябрь, 1996.-96 с.

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ ДАР ДАРСҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Дар мақола роҷеъ ба зарурият ва истифодаи самараноки технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳои санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сухан меравад. Муаллиф моҳияти истифодаи воситаҳои муосири таълимро баррасӣ намуда, ба хусус қайд кардааст, ки корбарӣ аз онҳо барои омӯзгори фани номбурда дар фардикунонии таълими санъати тасвирӣ нақши муҳим мебозад. Қайд карда мешавад, ки машғулиятҳои санъати тасвирӣ асосан ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, эҷодкорӣ,

зебоипарастӣ, инсондӯстии насли наврас равона карда мешавад, аз ин рӯ, истифодаи воситаҳои муосири таълим барои омӯзгор ва хонандагон дурнамои навро мекушояд.

**Калидвожаҳо:** *истифодаи воситаҳои техникӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ, технологияи иттилоотӣ, комютер, тахтаи электронӣ, мултимедия, омӯзгор, хонанда, раванди таълим.*

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТЕХНИЧЕСКИХ СРЕДСТВ НА УРОКАХ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА

В статье говорится о необходимости и эффективном использовании компьютерных технологий в процессе уроков изобразительного искусства в общеобразовательных учреждениях. Автор рассмотрел сущность использования современных средств обучения и особо отметил, что их использование играет важную роль для учителя-предметника в персонализации художественного образования. Отмечается, что занятия искусством в основном ориентированы на формирование мировоззрения, творчества, эстетика, гумманизма подрастающего поколения, поэтому использование современных средств обучения открывает перед учителем и учащимися новые перспективы.

**Ключевые слова:** *использование технических средств на уроках изобразительного искусства, информационные технологии, компьютер, электронная доска, мультимедиа, учитель, ученик, учебный процесс.*

## EFFECTIVE USE OF TECHNICAL TOOLS IN THE LESSONS OF ARTS

The article talks about the need and effective use of computer technology in the process of fine art lessons in educational institutions. The author considered the essence of the use of modern teaching aids and emphasized that their use plays an important role for a subject teacher in the personalization of art education. It is noted that art classes are mainly focused on the formation of the worldview, creativity, aesthetics, humanism of the younger generation, so the use of modern teaching aids opens up new perspectives for the teacher and students.

**Keywords:** *the use of technical means in the lessons of fine arts, information technology, computer, electronic board, multimedia, teacher, student, educational process.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Ҳакимова Хосият ходими илмии шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, сурога ш. Душанбе кучаи А. Адҳамов 11/2 Тел: 900.26.22.00.*

**Сведения об авторе:** *Хосият Хакимова, научный сотрудник кафедры технологии труда, физического воспитания, начальной военной подготовки и пересмотра и совершенствования нормативов, образовательных программ и учебников Академии образования Таджикистана имени Абдуррахмана Джами, адрес: г. Душанбе, улица А. Адхамова 11/2 Тел.: 900.26.22.00.*

**Information about the author:** *Khosiat Khakimova, researcher at the department of labor technology, physical education, initial military training and revision and improvement of standards, educational programs and textbooks of the Academy of Education of Tajikistan named after Abdurrahman Jamia, address: Dushanbe, A. Adkhamova street 11/2 Tel .: 900.26.22.00.*

**ТДУ 371.3 (575.3)**

# РОҲУ ВОСИТАҲОИ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ТАЪЛИМ

***Фазилов С. М.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

*(Дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

Масъалаи соҳаи маориф аз масоили умдаи ҷомеаи имрӯз маҳсуб меёбад ва аз ин лиҳоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба мушкилоти ин соҳа бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда, чунин таъкид карданд: “Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии

мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта - сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад".

Дар ин росто мо, омӯзгорон вазифадор ҳастем роҳу усулҳои нави таълиму тарбияро кашф кунем, ки дар рушди соҳаи маориф, ба ҳадди каме бошад ҳам, ангеза эҷод кунад. Дар ин робита дар мақолаи мазкур истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарси муосир мавриди таҳқиқ қарор додем, ки корбурди он ҳамчун шарти омӯзиши технологияи педагогӣ аз манфиат холӣ нест.

Идораи раванди дарс, тақсими имконияти таълимгирӣ ва ҳамкорӣ асоси таълими интерактивиро ташкил медиҳанд. Ҳангоми банақшагирии дарси интерактивӣ иштироки фаъолу мақсадноки хонанда, ҳамкории ӯ барои ноил гаштан ба мақсад ва натиҷаҳои таълим, арзёбии дуруст ва саривақтӣ нақши калон мебозанд.

Калимаи «*интерактив*» аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маънояш «**inter**» - «байни ...» ва «**act**» - «амал, фаъолият» мебошад. Яъне ҳамкорӣ ҳангоми азхудунии донишҳои нав, ноил гаштан ба мақсаду натиҷаҳои таълим аст. Ин ҳамкорӣ дар муошири байни омӯзгор ва хонандагон, хонанда ва хонандагон, омӯзгор ва хонанда зоҳир мегардад.

Ҳамкории мазкур дар нақшаи зерин нишон дода шудааст:




Принсипҳои таълими интерактивиро чунин баён кардан мумкин аст:

1. **Тақсимоти баробари имкониятҳои таълим** – яъне ба ҳар як хонанда имконияти дар раванди дарс иштирок кардан дода мешавад. Ин амал тавассути корҳои дунафара ва гурӯҳӣ сурат мегирад.
2. **Озодии баён** – хонанда (хонандагон) имконияти озодона баён кардани фикрро доранд;
3. **Масъулиятшиносӣ** – хонандагон ба гирифтани таълим масъуланд;
4. **Тағйири нақшҳо** – омӯзгор дар дарси интерактивӣ нақши роҳбаладро касб мекунад. Ӯ тавассути масъалаву саволҳои гуногуни таълим хонандагонро ба самти дуруст равона месозад;

**5. Фазои мусоиди таълим** – масъалаҳо, матнҳо, саволҳо ва тарзи муошırату ороиши синф ба ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимии хонанда равона мешаванд;

**6. Таълими бе «тамға»** – дар раванди дарси интерактивӣ калимаҳои «духонак», «танбал», «сегирак» ва амсоли ин истифода бурда намешаванд;

**7. Арзёбии ташаккулдиҳанда** – арзёбӣ дар таълими интерактивӣ на барои танбеҳ додан, балки барои ташаккули фаъолияти таълимии хонанда истифода мешавад;

**8. Идораи бонизоми дарс** – ҳамагуна фаъолият дар дарс ба азхуд кардани донишҳо ва ноил гаштан ба мақсаду натиҷаи таълим равона мегардад.

**9. Ба эътибор гирифтани шахсияти хонанда** – дар дарси интерактивӣ хоҳиш, завқ ва зеҳни хонанда ба эътибор гирифта мешаванд.

Методҳои таълими интерактивиро чунин баён кардан мумкин аст:

**1. Лексияи интерактивӣ**– лексияи омӯзгор дар назди аудиторияи сершумор, аз ҷумла мубоҳисаҳо, истифодаи презентатсияҳо ё маводи видеоӣ, ҳамлаи фикрӣ, суханронии ҳавасмандкунанда.

**2. Усули омӯзиши портфолио** – арзёбии натиҷаҳои омӯзиш ва таҷрибаи касбӣ дар тӯли як давраи муайян. Натиҷаҳо характери моддӣ доранд ва дар як ҷои нигоҳдорӣ ҷамъ карда мешаванд.

**3. Омӯзиш дар асоси лоиҳа** - кор дар лоиҳаи инфиродӣ ё гурӯҳӣ дар мавзӯи додашуда, ки дар давоми он хонадагон мустақилона маълумот ҷамъ мекунанд, тарзи истифодаи онро меомӯзанд, малакаҳои тадқиқотӣ ва тафаккури системавиро инкишоф медиҳанд

**4. Ҳуҷуми фикрӣ** - раванди тавлиди муштараки ғояҳо ва табодули афкор мебошад, ки дар он иштирокчиён миқдори ҳадди аксар пешниҳодҳоро барои ҳалли масъалаи додашуда дар як муддати кӯтоҳ баён мекунанд. Дар асоси натиҷаҳо баҳодиҳии интиқодии қарорҳои гирифташуда гузаронида мешавад ва дар амал татбиқшавандатарин интихоб карда мешавад.

**5. Кор дар гурӯҳҳои хурд** - тақсим кардани даста ба гурӯҳҳои хурд барои муҳокимаи баъзе масъалаҳо ва таҳияи роҳҳои ҳалли мушкилоти омӯзиш. Ин усул ба шумо имкон медиҳад, ки ҳамаи хонандагон ба кор ҷалб карда шаванд, малакаҳои ҳамкорӣ ва муошırати байни шахсонро тарбия кунед. [7; с63]

Татбиқи таълими интерактивӣ аз омӯзгор малакаҳои зеринро талаб мекунад:

- омӯзгор воситаҳои гурӯҳбандиро истифода бурда тавонад;
- хонандагонро ба муҳокимаи масъалаҳои таълим водор карда тавонад;
- хонандагонро дуруст арзёбӣ кунад;
- саволу масъалаҳое, ки хонандагонро барои амиқ азхуд кардани маводи таълим водор мекунанд, таҳия карда тавонад;
- идораи синфро дуруст ба роҳ монда тавонад;
- тавассути муоширати хуб фазои мусоиди таълимро ташкил кунад.

Мақсади асосии истифодаи низоми интерактивии таълим тайёр намудани хонандагон ба фаъолияти зеҳниву иҷтимоии минбаъда аст. Зеро дар асри 21 аз шаҳрвандон малакаҳои тавассути ҳамкорӣ таҳлили масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ ва қабули қарори зарурӣ талаб карда мешаванд. [5; с87]

Хулоса, агар мо хоҳиши тайёр намудани шаҳрванде, ки дар асри 21 соҳиби касбу кори мувофиқ гашта, ҳолати иҷтимоии худро беҳтар карданро дошта бошем, таълими интерактивӣ ба ин мусоидат карда метавонад.

Методу усули интерактивӣ воситаи расидан ба мақсад.

Ҳама чизи нав ва воқеан шавқовар танҳо дар ҳамкорӣ пайдо мешавад, аз ин лиҳоз кори гурӯҳӣ ниҳоят самарабахш аст. Аммо фаҳмиши содда ва қабули ин мақсадҳо маънои онро надорад, ки муаллим ба осонӣ фаъолияти гурӯҳиро дар дарси худ ташкил карда метавонад.

Ба саволи аз чӣ бояд оғоз кард? чӣ тавр кори гурӯҳиро дар синфхонае, ки хонандагонаш маҳорати дар гурӯҳ кор кардан надоранд, ташкил кардан мумкин аст? Ҷавоб чунин шуда метавонад: «Аз кори дунафарӣ» оғоз кунед, зеро он ба тартиби кори одаткардаи шумо, яъне тарзи гузоштани мизу курсӣ дигаргунӣ даровварданро талаб намекунад. Вале муҳим он, ки барои кор кардан дар гурӯҳ хонандагонро тайёр намудан лозим аст. Усулҳои гуногуне мавҷуданд, ки аз онҳо истифода карда хонандагон метавонанд ба якдигар барои азхуд кардани мавзӯи нав, машқ кардан, фаъолияти ҳамдигарро санҷидан ва ғайра мадад кунанд. Кори дунафариро ба воситаи истифодаи тартиби муайян (алгоритм) ташкил кардан мумкин аст. Онро, пеш аз ҳама бо мақсади дуруст таъмин намудани омӯзиши ҳамдигар, инчунин санҷиш, муҳокима ва фаҳмиш истифода бурдан мумкин аст.

Принсипҳои муҳимтарини усулҳои интерактивӣ, ки онро гоҳо фаъол ва саҳеҳтар усули ҳамкорӣ низ мегӯянд, аз инҳо иборат аст:

- ✓ *омӯзгор ва хонандагон ҳангоми муҳокима имконияти баробар доранд;*
- ✓ *хонандагон ташаббускор ва омӯзонандаи ҳамдигаранд;*
- ✓ *муҳити ҷустуҷӯ ва тадқиқот фароҳам оварда мешавад;*
- ✓ *бо ҳар як хонанда муносибати хайрхоҳона ва фардӣ карда мешавад;*
- ✓ *фаъолиятҳои дунафарию гурӯҳӣ, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд, бартарӣ доранд.*

Асоси ин усулҳоро «машварат» (маслиҳат, гуфтугузори салоҳандешона дар атрофи ягон масъала) ташкил медиҳад.

Дар ҳама кор машварат бояд,
Кори бемашварат накӯ н-ояд.
(«Анвори Суҳайлӣ»)

Таъкид бояд кард, ки усулҳои интерактивӣ дар раванди таълими чи дар синфҳои ибтидоӣ ва чи дар синфҳои болоӣ ҳеҷ гоҳ маънои аз усулҳои анъанавӣ даст кашиданро надорад. Усулҳои анъанавӣ бештар барои аз худ намудани системаи донишҳои амиқи муайян ва усулҳои интерактивӣ бо мақсади омӯзонидани малакаю маҳоратҳо дар ҳамкорӣ истифода мешаванд. Омӯзгор бояд дар як дарс дар лаҳзаҳои мувофиқ ҳам аз усулҳои интерактивӣ ва ҳам аз анъанавӣ истифода намояд.

Муҳим он аст, ки омӯзгор фарқи ин усулҳоро дарк созад ва нагузорад, ки танҳо аз рӯи расмияту фармоише яке аз ин усулҳоро истифода намояд.

Ҳамгироии усулҳои санҷидашудаи анъанавӣ ва замонавии интерактивӣ дар таълим барои бою рангинтар гузаронидани дарсҳо мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Атутов П. Р. Технология и современное общество // Педагогика-1996.
2. Афанасьев В. Проектирование педагогических технологий // Высшее оброзавание в России. - 2001.
3. Бордовский Г. А., Извозчиков В. А. новые технологии обучения. Вопросы терминологии // Педагогика. – 1995. -№5. С.156-170
4. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. -Душанбе, 2015с.
5. Мирзоахмедов Ф., Боев Б., Шукурова З. Методҳои самараноки таълим –Душанбе, 2008с.
6. Нуъмонов М., Қурбонов С. Усулҳои муосири интерактивӣ дар низоми баландбардории тахассуси омӯзгори фанни математика //Ахбори Донишгоҳи педагогӣ –2013.–№5(54). – С. 215- 220.
7. Половникова Н.А. Воспитание познавательной активности и самостоятельности учащихся. – Казань, 1969. – С.45-61.
8. Селевко Г. К. Современние образовательные технологии. –М.: Народное образование, 1998.
9. Эмомалӣ Раҳмон Уфуқҳои Истиқлол Душанбе, "Ганҷ-нашриёт", 2018 . -436 саҳ.

**РОҲУ ВОСИТАҲОИ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ТАЪЛИМ**

Дар мақолаи мазкур истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарси муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, корбурди он ҳамчун шарти омӯзиши технологияи педагогӣ муҳаққиқ назари худро дар такя ба манбаъҳои илмӣ муайян намудааст.

Бояд гуфт, ки барои самаранок истифода намудани усулҳои навини таълим дар дарси муосир ба мисли интерактив, ҳамфаъол, ҳамгиро, босалоҳият баррасӣ шудааст.

***Калидвожа:*** *омӯзгор, хонанда, интерактив, технологияи педагогӣ, омӯзиш, фаъолият, таҷҳизот, усул, восита, тасвир, мафҳум, фард, гурӯҳ, ҳамфаъол, ҳамгиро, босалоҳият.*

**ПУТИ И СРЕДСТВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ В ОБУЧЕНИИ**

В данной статье исследовано использование активных методов обучения на современном уроке, а его использование как условие обучения педагогической технологии определено исследователем на основании научных источников.

Следует сказать, что для эффективного использования на современном уроке новых методов обучения, были рассмотрены такие методы, как интерактивный, интегрированный, комплексный.

**Ключевые слова:** *учитель, ученик, интерактивная педагогическая технология, обучение, деятельность, техника, метод, инструмент, образ, концепция, индивидуальный, групповой, интерактивный, интегрированный, компетентный.*

**WAYS AND MEANS OF USING INTERACTIVE METHODS IN TEACHING**

This article explores the use of active teaching methods in the modern lesson, and its use as a condition for teaching pedagogical technology is determined by the researcher on the basis of scientific sources.

It should be said that for the effective use of new teaching methods in the modern lesson, such methods as interactive, integrated, complex were considered.

**Key words:** *Teacher, student, interactive pedagogical technology, learning, activity, technique, method, tool, image, concept, individual, group, interactive, integrated, competent.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Фазилов С. М. номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тел: 985756555*

**Сведения об авторе:** *Фазилов С. М. кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой педагогики и психологии начальных классов Государственного педагогического университета Таджикистана имени Садриддина Айни тел: 985756555*

**Information about the author:** *Fazilov S. M. Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Pedagogy and Psychology of Primary Grades of the State Pedagogical University of Tajikistan named after Sadriddin Aini Tel: 985756555*

# ФОНОВЫЕ ЗНАНИЯ И СПОСОБЫ ОТРАЖЕНИЯ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В НАЦИОНАЛЬНО-ЯЗЫКОВОЙ КАРТИНЕ МИРА

***Ходжиева М. Х.***

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Язык – одно из самых сложных явлений человеческого общества. Разнообразные языковые средства, которыми мы постоянно пользуемся при общении, образуют систему. Изучение законов образования и развития языка, его жизни необходимо в языкознании.

Человек как субъект познания является носителем определенной системы знаний, представлений, мнений об объективной действительности. Эта система в разных науках имеет свое название картина мира (или концептуальная система мира, модель мира, образ мира) и рассматривается в разных аспектах. Языковая картина мира – это отражѐнный средствами языка образ сознания - реальности, модель интегрального знания о концептуальной системе представлений, репрезентируемых языком. Языковую картину мира принято отграничивать от концептуальной или когнитивной модели мира, которая является основой языкового воплощения, словесной концептуализации знаний человека о мире [5:34].

Среди большого разброса мнений о сущности понятия языковая картина мира, бесспорным остается то, что языковое членение мира отличается у разных народов. В процессе деятельности в сознании человека возникает субъективное отражение существующего мира. Человек осваивает язык так же, как и окружающую действительность; при этом наряду с логической (понятийной) картиной мира возникает и языковая, которая не противоречит логической, но и не тождественна ей.

Р.И. Павилѐнис использовал понятие «концептуальная система» для обозначения понятийной картины мира. Концептуальная система формируется в процессе освоения индивидом мира, в ней находит свое отражение национальная духовная деятельность народа.

Средством обнаружения содержания концептуальная система является язык, который фиксирует специфические знания, характерные для данной общности. Компонентом концептуальная системы, отражающим ее национальную специфику, является концепт (смысл) - когнитивная структура, являющаяся результатом отражения фрагмента действительности. В концепте зафиксировано 2 разного рода содержание: понятийное, вербальное, ассоциативное, культурологическое и др. Поэтому межъязыковое сопоставление концептов способствует выявлению национального и интернационального компонентов в содержании концептуальной системы носителей различных языков. Ментальное различие определяется наличием специфических национальных концептов, входящих в культуру [7: 286].

С.И. Драчѐва рассматривает национальную специфику концептуальной картины мира. В силу универсальности способов познания окружающего мира, содержание понятийного компонента у носителей разных языков будет иметь большое сходство. Кроме того, в целом ядерные компоненты разнокультурных концептов в большей степени совпадают, национальная же специфика проявляется на периферийных участках и в культурологическом компоненте концепта [3:62].Именно поэтому понятие избирается в качестве базового при выявлении особенностей представления знаний у носителей различных языков и носителей двух языков (билингвов).

Изучение языковой картины мира составляет важное содержание лингвострановедения [2]. Оно связано с проблемами соотношения языка и культуры, языка и мышления, языка и обучения языку.

Исследование национальных картин мира с точки зрения языка имеют давнюю традицию. Идея существования национально-специфических картин мира зародилась в немецкой филологии конца XVIII - начала XIX века в работах Михаэлиса, Гердера [2]. Речь идѐт, во-первых, о том, что язык как идеальная, объективно существующая структура подчиняет себе, организует восприятие мира его носителями. А во-вторых, о том, что язык - система чистых значимостей — образует собственный мир, как бы.наклеенный на мир действительный.

Понятие "картина мира" (в том числе и языковая) строится на изучении представлений человека о мире. Мир - это человек и среда в их взаимодействии, а картина мира - "результат переработки информации о среде и человеке" [4:51].

Человеческое общение возможно, если у людей есть взаимопонимание и взаимопроникновение в духовный мир друг друга. Пересечение духовных миров людей происходит за счет того, что существует общая для них система представлений. Общая картина мира - своеобразный посредник

между отдельными людьми и целыми сферами социокультурной деятельности человека (наукой, философией, искусством и т.д.).

С чужой культурой человек вступает в контакт в соответствии со своей картиной мира, которая формирует посредством системы разрешений и запретов его поведение в мире. Картиной мира, "складывающейся в определенном обществе, человек руководствуется во всем своем поведении, с помощью составляющих ее категорий он отбирает импульсы и впечатления, идущие от внешнего мира. Модель мира служит "программой поведения для личности и коллектива", определяя набор операций, применяемых человеком для воздействия на мир, правила их пользования в деятельности и их мотивировку" [10:110].

М. Хайдеггер писал, что при слове "картина" мы думаем, прежде всего, об отображении чего-либо, "картина мира, сущностно понятая, означает не картину, изображающую мир, а мир, понятый как картина" [13:100]. Между картиной мира, как отражением реального мира, и языковой картиной мира, как фиксацией этого отражения, существуют сложные взаимосвязи. Картина мира есть вербализированное представление языковой личностью и коллективом в целом строения и функций окружающего мира, существующего в данный момент порядка вещей, его оценки, а также осознание среза сегодняшней картины жизни как звена в цепи предыдущих состояний общества (результата их эволюции) и базы для дальнейших их модификаций в обозримом будущем. Картина жизни вербализирует концептуальный, тезаурусный уровень языковой личности [4], используя как лексику, так и грамматические категории [12], средства как первичной, так и вторичной номинации, с соответствующим семным фоном оценок, социальных сведений, культурно-исторических ассоциаций, фоновых знаний и пр. Картина мира фасеточна, прагматична и имеет ярко выраженный аксиологический, нормализующий характер [2].

Каждую культуру следует изучать как целостную систему, все компоненты которой взаимосвязаны и составляют единую конфигурацию. Она имеет свой собственный уникальный путь развития и свою собственную уникальную структуру.

Любая картина мира, которую создает и воспринимает человек, должна учитывать возможности воспринимающего. Картина мира должна быть обозримой и не может быть бесконечной; она была бы лишена целостности и превышала бы "визуальные" возможности человека. Отражение предметов и явлений окружающего мира в сознании человека не является зеркальным.

Картина мира формирует отношение человека к миру (природе, животным, самому себе как элементу мира). Она задает нормы поведения человека в мире, определяет его отношение к миру.

В лингвистической литературе часто встречается термин "лингвистическая картина мира", в который вкладывается разное значение иразное содержание.

К.Т. Крушельницкая при решении этих вопросов пишет, что "прежде всего не следует преувеличивать степень различия в семантических системах отдельных языков и переоценивать значимость этих различий как характеристик строя мышления, недооценивая тем самым сходные инвариантные черты, которые по сути образуют основу всех языков. Ведь если бы в содержании языков, как и в плане выражения, не преобладали одинаковые общие признаки, если бы каждый язык заключал в себе совершенно особую картину мира, то невозможно было бы говорить о языке, вообще сравнивать отдельные языки и изучать чужие языки" [5:192] .

"Как представляется, в языке можно выделить универсальные инвариантные и национально-специфические аспекты. Первые определяются психофизическими особенностями человека, общностью, сходством мотивов и проявлений его жизнедеятельности, а также тождественностью процессов мышления. Вторые определяются (в числе прочих фактов) различиями в географических, климатических, исторических, экономических, религиозных, культурных и др. аспектах существования различных народов. Все это находит отражение в языке, прежде всего в его лексической, а также в лексико-фразеологической системе" [8:108,109].Можно смело утверждать, что "единство отражаемого в сознании материального мира обусловливается отсутствием принципиальных различий в содержании, передаваемом средствами любого языка" [6:50].

С другой стороны, "хотя мыслительные процессы протекают у всех людей одинаково по своей структуре, но нетождественны по своим конкретным результатам; языковые картины мира отдельных языков могут, конечно, различаться своими деталями, и такое вполне реальное различие обнаруживает любой человек, сталкиваясь с лексическими системами разных языков" [7:76].

О существовании в языке таких особенностей, которые должны быть признаны собственно языковыми, или внутриязыковыми, свидетельствует хотя бы тот известный факт, что объём лексического значения слов в разныхязыках редко полностью совпадают, или тот факт, что одни и те

же отрезки действительности неодинаково членятся в разных языках. Например, таджикскому языку, безусловно, известно слово заяц, однако эти животные практически не встречаются в Таджикистане, поэтому, совершенно естественно, таджикский народ не мог создать фразеологизмы, включающие в свой состав название этого животного. Таким образом, у фразеологизмов за двумя зайцами и убить двух зайцев в таджикском языке есть аналоги с иной образной основой: *бо як тир дунишон задан* (досл, одной стрелой по двум целям бить), но совпадают по фразеологическому значению.Таким образом, в разных языковых картинах мира можно найти как общее, инвариантное, так и своеобразное национально - специфическое.

Г.В. Колшанский пишет, что "так называемая языковая картина мира не есть собственно языковая, она выражение познавательной деятельности, обусловленной историей, географией, культурой и другими факторами в пределах единого объективного мира (но не языкового)" [3:61].

"Каждый конкретный язык как языковой вариант человеческого языка вообще в своем своеобразии не искажает и не преобразует действительность, а через глобальную семантическую систему всей совокупностью своих средств отображает единую природу мира в концептуальном аппарате человека, как универсальной понятийной системы, коррелирующей с реальным миром на основе принципа отражения. Своеобразие каждой языковой системы состоит именно в особенностях комбинаций значений и языковых единиц, результируемых так или иначе в единую семантическую картину мира". "Построение различных языковых моделей мира отнюдь не приводит к созданию особых миров действительности. Все сводится лишь к различным способам отражения единого мира действительности" [3:27].

Способ познания реального мира зависит от того, на каких языках мыслят познающие субъекты.

"Мы расчленяем природу в направлении, подсказанном нашим языком. Мы выделяем в мире явлений те или иные категории и типы совсем не потому, что они самоочевидны, напротив, мир предстает перед нами как калейдоскопический поток впечатлений, который должен быть организованнашим сознанием, а это значит в основном вековой системой, хранящейся в нашем сознании. Мы расчленяем мир, организуем его в понятия и распределяем знания так, а не иначе в основном потому, что мы участники соглашения, предписывающего подобную систематизацию. Это соглашение имеет силу для определенного языкового коллектива и закреплено в системе моделей нашего языка” [11:94].

Картина мира не простой набор "фотографий" предметов, процессов, свойств и т.д. и "включает в себя не только отраженные объекты, но и позицию отражающего субъекта, его отношение к этим объектам, причем, позиция субъекта такая же реальность, как и сами объекты. Поскольку отражение мира человеком не пассивное, а деятельное, отношение к объектам не только порождается этими объектами, но и способно изменить их (через деятельность).

Отсюда следует естественность того, что система социально - типичных позиций, отношений, оценок находит знаковое отображение в системе национального языка и принимает участие в конструировании языковой картины мира" [3:51]. Например, русское выражение, *когда рак на горе свистнет* соответствует таджикскому *то даме, ки думи уштур ба замин расад* или *зарубить на носу* соответствует таджикскому *бар гуш халка задан*, русская пословица *делить хлеб-соль* соответствует таджикскому *як мавизро чил кас хурдааст,* или *как две капли воды* соответствует таджикской пословице *як себи ду кафон.*

Из этого следует, что языковая картина мира в целом и главном совпадает с логическим отражением мира в сознании людей. Но при этом сохраняются отдельные специфические участки в языковой картине мира, к которым относится и фразеология; она варьируется от языка к языку.

Большое внимание в национально-языковой картине мира уделяется национальному характеру и национальному менталитету. Национальный характер - это совокупность специфического, своеобразного набора универсальных общечеловеческих черт.

Национальный менталитет характеризует глубину коллективного сознания, представляя особые мышления, в то время как национальный характеротносится к области коллективного бессознательного и характеризует, в первую очередь, эмоционально-волевую поведенческую сферу.

Национально-языковая картина мира находит своё непосредственное воплощение в менталитете нации, отражающем опорные концепты, понятия, образы, символы, присущие нации. Национальные приоритеты и идеалы, отчасти подвергаясь изменениям под воздействием исторических обстоятельств, всё -таки сохраняют свою традиционную форму и значимость в языке. Лингвисты рассматривают структуру и содержание таких языковых единиц, как слово, фразеологизм, афоризм, текст, в которых содержатся фоновые знания и способы отражения этих знаний в национально-языковой картине мира.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Верещагин Е.М. Костомаров В.Г. Язык и культура. Лингвострановедение в преподавании русского языка как иностранного. 4-е изд., перераб. и доп. - М.: 1990. - 246 с.
2. Гак В.Г. Фразеорефлексы в этнокультурном аспекте // Философские науки.- 1995.- №4.-187с.
3. Караулов Ю.Н. Русский язык и языковая личность., - М., Изд-во: «Наука», 1987. -216 с.
4. Колшанский Г.В. Объективная картина мира в познании и языке. - М.: изд-во «Наука», 1990. - 103 с.
5. Крушельницкая К.Т. Проблемы взаимосвязи языка и мышления (Общее языкознание. Формы существования, функции, истории языка // Под ред. Б.А. Серебреникова). - М., 1970. - 208 с.
6. Маркова А.К. Психология усвоения языка как средства общения. - М., 1974.-234 с.
7. Менон Р. Фразеологизм как средство отображения национального и общечеловеческого // 8-ой Международный конгресс МАПРЯЛ. Русский язык и литература в современном диалоге культур. Тезисы докладов. - Регенсбург, 1994. - с. 73-78.
8. Прохоров Ю.Е. Национальные социокультурные стереотипы речевого общения и их роль в обучении русскому языку иностранцев. - М., 1996-276 с .
9. Прохоров Ю.Е. Лингвострановедение. Культуроведение. Страноведение. Теория и практика обучения русскому языку как иностранному. Методическое пособие для студентов-русистов и преподавателей русского языка как иностранного.2-е изд.,- М., 1998. - 108 с.
10. Серебренников Б.А. Как происходит отражение картины мира в языке // Язык и картины мира. - М., 1988. - с. 107-112.
11. Райхштейн А.Д. Национально-культурный аспект интеркоммуникации // Иностранные языки в школе. - 1986. - №5. - с. 97-102.
12. ФунгЧонгТоан. Национально-культурная специфика русских фразеологизмов в сопоставлении с вьетнамскими в целях обучения русскому языку как иностранному: Дисс. ... канд.фил.наук. - М.,1995. - 180 с.
13. Хайдеггер М. Время картины мира // Новая технократическая волна на западе. - М.: Прогресс, 1986.
14. Яранцева Р.И. Словарь-справочник по русской фразеологии. - М.: Рус.яз., 1981. - 304 с.


## ФОНОВЫЕ ЗНАНИЯ И СПОСОБЫ ОТРАЖЕНИЯ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В НАЦИОНАЛЬНО-ЯЗЫКОВОЙ КАРТИНЕ МИРА


В статье констатируется понятие "картина мира" (в том числе и языковая), которая основывается на изучении взглядов человека о мире.Определенную культуру надлежит осваивать как неделимую систему, где все компоненты взаимосвязаны и составляют, целую конфигурацию. Она имеет собственный уникальный путь формирования и собственную редкостную структуру.

Автор отмечает, что человек как личность является носителем определенной системы познаний, суждений, мнений об объективной действительности. Эта система в различных науках обладает названием картина мира и рассматривается в разных аспектах.

Среди значительныхсуждений о сути понятия языковая картина мира, очевидным остается то, что языковое деление мира выделяется у различных народов. В процессе деятельности в сознании человека появляетсяиндивидуальноеотображение существующего мира.

Человек изучает язык так же, как и окружающую реальность; при этом наравне с понятийной картиной мира зарождается и языковая, которая не противоречит логической, но и не тождественна ей.

При межъязыковом сравнении концептов в их строени и раскрывается неиз менное соотношение универсального и идиоэтнического компонентов, при этом понятийный компонент концепта, сравниваемый носителями разнообразных языков с одним и тем же отрывком действительности, носит универсальный характер, а национальное культурноезначение обнаруживается в иных компонентах.

Оценивая картинумиранадлежит понимать, что она - не описывает мир и не является окном в мир, а она является толкованием человека окружающего мира, способом его миропонимания и мировоззрения.


**Ключевые слова:** *картина мира, лингвострановедение, лингводидактика, многообразие мира, система представлений, окружающий мир, картина жизни, фразеологизмы, национальная специфика, концепт, менталитет, действительность, реалии.*

## ДОНИШҲОИ ЗАМИНАВӢ ВА РОҲҲОИ ИНЪИКОСИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ТАСВИРИ МИЛЛӢ-ЗАБОНИИ ҶАҲОН

Дар мақола мафҳуми «тасвири ҷаҳон» (аз ҷумла забоншиносӣ) зикр шудааст, ки ба омӯзиши назари шахс дар бораи ҷаҳон асос ёфтааст. Фарҳанги муайян бояд ҳамчун як системаи тақсимнашаванда азхуд карда шавад, ки дар он ҳамаи ҷузъҳо бо ҳам алоқаманданд ва шакли пурраро ташкил медиҳанд. Вай воситаи беҳамтои ташаккулёбанда ва сохтори нодири худро дорад.

Муаллиф қайд мекунад, ки инсон ҳамчун шахсият барандаи системаи муайяни дониш, муҳокима, андешаҳо дар бораи воқеияти объективӣ мебошад. Ин низом дар илмҳои мухталиф номи тасвири ҷаҳонро дорад ва дар ҷанбаҳои мухталиф баррасӣ мешавад.

Дар байни мулоҳизаҳои муҳим оид ба моҳияти мафҳуми тасвири забонии ҷаҳон маълум аст, ки тақсимоти забонии ҷаҳон дар байни халқҳои гуногун мавҷуд аст. Дар раванди фаъолият дар шуури инсон инъикоси фардии олами мавҷуда пайдо мешавад.

Инсон забон мисли олами ҳастӣ меомӯзад; дар баробари тасвири консептуалии ҷаҳон, тасвири забонии он низ ба вуҷуд меояд, ки хилофи мантиқӣ надорад, вале ба он шабеҳ ҳам нест.

Муқоисаи байнизабонии мафҳумҳо дар сохтори онҳо таносуби тағйирнопазири ҷузъҳои универсалӣ ва идиоэтникиро ошкор мекунад, дар ҳоле ки ҷузъи консептуалии мафҳум, ки аз ҷониби соҳибзабонони забонҳои гуногун бо як воқеият муқоиса карда мешавад, хусусияти универсиалӣ, аммо аҳамияти фарҳангии миллӣ дар дигар ҷузъҳо зоҳир мегардад.

Тасвири ҷаҳонии забонро баҳогузорӣ карда истода, бояд дарк кард, ки он оламро тасвир намекунад ва равзанаи ҷаҳон нест, балки ин тафсири олами атроф аз тарафи инсон ба воситаи ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинии он аст.

**Калидвожаҳо:** *тасвири ҷаҳон, кишваршиносии забонӣ, лингводидактика, гуногунии ҷаҳон, низоми андешаҳо, олами атроф, тасвири ҳаёт, воҳидҳои фразеологӣ, вижагиҳои миллӣ, консепт, менталитет, воқеият, реалияҳо.*

## BACKGROUND KNOWLEDGE AND WAYS OF REFLECTING PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE NATIONAL-LANGUAGE PICTURE OF THE WORLD

The article states the concept of "picture of the world" (including linguistic), which is based on the study of a person's views about the world. A certain culture should be mastered as an indivisible system, where all components are interconnected and make up a whole configuration. It has its own unique formation path and its own rare structure.

The author notes that a human being as a person is the bearer of a certain system of knowledge, judgments, opinion about objective reality. This system has the name picture of the world in various sciences and is considered in different aspects.

Among the significant judgments about the essence of the concept of the linguistic picture of the world, it remains obvious that the linguistic division of the world stands out among different peoples. In the process of activity, an individual reflection of the existing world appears in the human mind.

A person learns the language in the same way as the surrounding reality; at the same time, along with the conceptual picture of the world, a linguistic one is arisen, which does not contradict the logical one, but is not identical to it either.

Interlingual comparison of concepts in their structure reveals the invariable ratio of the universal and idioethnic components, while the conceptual component of the concept, compared by native-speakers of various languages with the same piece of reality, is universal in nature, and national cultural significance is found in other components.

Assessing the picture of the world, one should understand that it does not describe the world and is not a window into the world, but it is a person's interpretation of the surrounding world, a way of his understanding of the world and worldview.

**Keywords:** *picture of the world, area studies linguistics, linguodidactics, diversity of the world, system of representations, surrounding world, picture of life, phraseological units, national specificity, concept, mentality, reality, realia.*

**Маълумот дар бораимуаллиф:** *Ҳоҷиева Мавҷуда Халиқовна – номзади илми педагогика, дотсенти кафедраи забони русии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, 93-436-82-62, moh-1964@bk.ru.*

**Сведения об авторе:** *Ходжиева Мавджуда Халиковна – кандидат педагогических наук, доцент кафедры русского языка Таджикского международного университета иностранных языков имени*

*Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, 93-436-82-62, moh-1964@bk.ru.*

**Information about the author:** *Hojieva Mavjuda Khaliqovna – Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Russian Language of Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda. Adress: 734019 Dushanbe, street. Muhammadiev, 17/6 Tel.: 93-436-82-62, Email: moh-1964@bk.ru.*

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОН - МАСЪАЛАИ МУҲИММИ ЗАМОНИ МУОСИР

***Имомназаров** Д.*

**Пажуҳишгоҳи рущди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ҳар як ислоҳоти мақсаднок ва пайгиронаи ҷомеа дар замони рущди босуръати техникаю технология, тағйирпазирии бозори меҳнат истифодаи навгониҳоро дар мазмун, шакл ва усулҳои ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва арзёбии натиҷаҳои воқеии онро тақозо дорад.

Дар соҳаи илм дар солҳои охир зимни суханронӣ ва ибрози андешаҳои ҷолиб коршиносон, олимону омӯзгорони амалгаро такмили сифати таҳсилотро бештар ба натиҷаи ниҳоӣ яъне рушди салоҳиятҳои хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ мансуб медонанд ва он, ба андешаи онҳо, дар навбати аввал, ба афзудани шумораи нашрияҳое, ки ҷанбаҳои гуногуни сифати таҳсилотро баррасӣ мекунанд, замина мегузорад ва, дуюм, тавассути он ба рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсус пешбинӣ карда мешавад ва ҳамчун яке аз ченакҳои муҳимтарини арзёбӣ, нишондиҳандаҳои асосии салоҳиятҳои касбии мутахассисони соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ пазируфта мешавад ва мо ҳам ба ин андеша комилан розием.

Бояд зикр кард, ки салоҳият – мафҳумест, ки дар таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилоти нимаи дуюми асри 20 ва 21 яке аз ҷойҳои марказиро ишғол мекунад. Ин мафҳумро дар манобеҳои зиёд ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Аз ҷумла, мафҳуми салоҳият чунин баррасӣ мешавад:

- ҳамчун донишманде, ки имкон медиҳад чизеро хуб доварӣ кунад;
- огоҳӣ ва қобилияти амалӣ кардани имкониятҳои худро дар соҳаи муайяни ҳаёт доштан;
- ҳамчун таҷриба дар соҳаи мушаххас, дар ягон намуди фаъолият натиҷаҳои баландро кафолат медиҳад;
- ҳамчун сифати психологию иҷтимоӣ, ки маънои нерӯ ва эътимодро дорад ва аз эҳсоси комёбӣ ва фоиданокии худи шахс бармеояд, ба шахс дар бораи қобилияти муоширати муассир бо дигарон, самаранок ҳалли вазифаҳо огоҳӣ мебахшад.

Таркиби хама гуна салоҳият, ба ақидаи аксари муҳаққиқон, иборат аст аз:

- дониш дар бораи предмети фаъолият;
- қобилияти паймоиш дар ҳолатҳои марбут ба ин мавзӯъ;
- қобилияти дуруст муайян кардани захираҳои худ, захираҳои дигарон, гузоштани вазифаҳо ва дарёфти роҳҳои мувофиқи ҳалли онҳо;
- таҷриба дар коркарди ашё;
- пешгӯи, мулоҳиза ва ҳамфаҳмии инкишофёфта

Бояд қайд намуд намуд, ки мафҳуми "салоҳият" доираи масъалаҳое, ки бо онҳо касе хуб ошност [6,234].

1. САЛОҲИЯТ (аз калимаи лотинии competere — мутобиқат кардан, муносиб будан) — маҷмӯи мураттаби дониш, малака, маҳорат ва қобилиятҳо, ки барои ҳалли масъалаҳои муайяни фаъолият равона шудаанд.

2.САЛОҲИЯТ - маҷмуи дониш, малака ва маҳорате, ки дар ҷараёни омӯзиши ин ё он фан ташаккул меёбанд, инчунин қобилияти иҷрои ягон амал дар асоси дониш, малака ва маҳорати бадастомада.

3.САЛОҲИЯТНОК - қобилиятҳои шахс барои иҷрои фаъолиятҳо дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ, дониш, малака ва маҳорати соҳибшуда.

4.САЛОҲИЯТМАНД - сифати шахс, ки дар ягон соҳа дорои донишҳои ҳамаҷониба буда, нуқтаи назараш дар ин маврид эътибор дорад.

5. САЛОҲИЯТМАНДӢ - доштани салоҳиятҳои муайян, яъне дониш ва таҷриба дар фаъолияти шахсӣ, ки барои мулоҳизаи воқеъбинона кардан ва қабули қарорҳои дуруст мусоидат менамоянд.

Албатта, ба вуҷуд наомадани фаҳмиши ягонаи “салоҳият” ва “салоҳиятмандӣ” оид ба моҳияти мафҳуми калидӣ – «салоҳият» боиси пайдоиши андешаҳои гуногун дар мавриди «салоҳияти иҷтимоӣ» мегардад, аз ҷумла:

- аввалан, фаҳмиши ягонаи “салоҳият” ва “салоҳиятмандӣ” чи тавре дар боло қайд карда шуд, ҳанӯз вуҷуд надорад;
- дуюм, баъзе ақидаҳо бештар амалҳои беруна, қисми дигарашон ба махсусиятҳои ботинӣ нигаронида шудаанд;
- сеюм, донишҳо ҳамчун ибтидои малакаҳо муайян шудаанд;
- чорум, баъзе ақидаҳо унсурҳоеро, ки ҳамчун маҷмуи арзишҳо ва муносибатҳо фаҳмида мешаванд, дар бар мегиранд.

Ҳамзамон қайд намудан бамаврид аст, ки маҳоратҳои иҷтимоӣ ба инсон имкон медиҳанд меъёру қоидаҳои ҳаёти ҷомеаро ба таври кофӣ риоя намоянд [[6,234].

Гузашта аз ин, рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ аксаран ҳамчун мавқеъи фаъол, серташаббус ва созандаи шахс дар ҳаёти ҷомеа, иштироки ӯ дар ҳодисаҳои гирду атроф ва масъулияти баланд барои иҷрои он, хоҳиши баланд бардоштани сифати фаъолияти худ дар раванди ҳаёт муаррифӣ мегардад.

Қисмати шахсии он қобилияти ба даст овардани дониш дар бораи ҷаҳон ва худ, ғамхорӣ дар бораи худ ва дигарон, барқарор кардани муносибатҳои худ бо ҷомеа ва одамони атрофро дар бар мегирад. Дар натиҷа дарки гуногуни моҳияти падидаи таҳқиқшаванда, сохтори он дар андешаҳо дар бораи раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ нақши худро мегузорад.

Э. С. Михайлова масъалаи рушди салоҳиятҳои таълимиро роҷеъ ба такмили таҳсилоти касбии калонсолон дар асоси модели психологии таълим мегузорад. Онро номбурда ҳамчун ҳамкории субъектҳо бо мақсади инкишофи мустақилияти шахс, фаъолият дар ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ, касбӣ, маишӣ ва иҷтимоӣ маънидод мекунад. Е.С.Михайлова масъалаи рушди салоҳияти иҷтимоӣ, ки дар асоси модели пешгӯйии такмили таҳсилоти касбӣ самаранок роҳандозӣ мегардад, бо ташхиси махсус ва таҳияи барнома мепайвандад, ки чунин таври раҳёфти ҳулли он ба рушди самараноки он бештар заминаи мусоид фароҳам меорад [5, 78].

Шароит барои бо муваффақият амалӣ намудани раванди ташаккули салоҳияти мазкур дар шахс дар модели тавсифшуда ба таври зерин номгузорӣ шудааст: даст кашидан аз танқиди дигарон; мавҷуд набудани чораҳо барои танқиду ҷазо, таъмини озодии ақида ва эҳтироми мавқеъҳои гуногун; мавқеи муошират; ҳамоҳангсозии технология; татбиқи ҳатмии дониш, истифодаи малакаҳои нави такмилдодашуда мувофиқи намуна ва дар ҳолатҳои ғайристандартӣ. Дар раванди амалисозии модели мазкур муаллиф ба таъмини ҳамкории мантиқӣ таваҷҷуҳ менамояд, зеро он ба комёб гардидан ба натиҷаи интизорот бештар мусоидат намуда, ба нақшаи зерин мувофиқат мекунад:

- эҳтиёҷ ҳадафҳо ниёзҳои нав; – меъёрҳо мазмун меъёрҳои нав; – мазмун усулҳо қобилиятҳои нав ва ғайра.

Дар асоси таҳлили таърифҳои сершумори салоҳиятҳои иҷтимоие, ки К.Х. Рубин пешниҳод кардааст, тибқи он моҳияти ин раванд бо назардошти синну соли наврасӣ бояд инкишоф дода шавад. Муаллиф ба ин муносибат барои ҷавонон маънии ҳаётро ҳамчун нишондиҳандаи умумии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ба миён гузошта, ба мутахассисон тавсия додааст, ки дар кори тарбиявӣ ба он бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Н.В.Калинина низ то андозае ин равишро идома дода, муваффақияти муассисаи таълимиро дар иҷрои фармоиши иҷтимоии ҷомеа, давлат, ҷомеаи мушаххас бо салоҳиятҳои иҷтимоӣ мепайвандад ва пешниҳод менамояд, ки он нишондиҳандаи асосии самаранокии фаъолияти мазкур дониста шавад. Аз ҷумла муаллиф менависад: «Таърифи салоҳияти иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи донишу малакаҳое, ки иҷрои фаъолияти иҷтимоиро таъмин менамояд, сифатҳои шахсии вобаста ба масъулиятшиносӣ ва сатҳи муайяни фарҳанги маънавӣ, аз ҷумла ишқ, эътироф, эътиқод, модели иҷтимоӣ - хонандаи ноболиғи салоҳиятнокро метавон ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳои зерин муаррифӣ кард:

- ташаккули ҳавасмандӣ ба дастовардҳо дар фаъолияти таълимӣ;
- таҳияи усулҳои истеҳсолӣ ва малакаи фаъолияти таълимӣ;
- ташаккули малакаҳои худдорӣ, худташкилкунӣ ва худтанзимкунӣ;
- роҳбарӣ дар рафтор бо ҳадафҳо ва қоидаҳои меъёрии иҷтимоӣ, азхудкунии меъёрҳои иҷтимоии рафтор;
- худ қаноатмандӣ, худбаҳодиҳии кофӣ, дорои танқидӣ нисбат ба худ ва дигарон; азхуд кардани малакаҳои муошírати созанда бо ҳамсолон ва калонсолон, азхуд кардани робитаҳои мустаҳками дӯстона; ташаккули малакаҳои рафтори созанда дар ҳолатҳои душвори ҳаётӣ» [3, 24].

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф нишон медиҳанд, ки модели синнусолии мазкур моҳияти салоҳияти иҷтимоиро инъикос намуда, мазмуни он пазируфта мешавад ва метавонад барои ташаккули он қутбнамо бошад.

М.И.Лукьянова салоҳияти иҷтимоиро ҳамчун ташаккули шахсият баррасӣ намуда, ин падидаро ҳамчун «ифодаи бошууронаи шахс, ки дар эътиқод, муносибат, мотивҳо, муносибат ба рафтори муайяни ӯ, дар ташаккули сифатҳои шахсӣ, ки ба ҳамкории созанда мусоидат мекунад, зоҳир мегардад», шарҳ медиҳад [4,68].

Аз ин рӯ, қутбнамо барои рушди салоҳияти иҷтимоӣ, аз диди мо, бояд инҳо бошанд:

- дарк намудани зарурати кабули «меъёрҳои» ҷомеаи муайян;
- хоҳиши фаҳмидани он;
- огаҳӣ дар бораи зарурати тавсеа (ё дорои доираи васеи) дониш, маҳоратҳои махсус барои ноил шудан ба сатҳи баланди мутобиқшавӣ;
- дарк ва баҳодиҳии муносиб ба имконияҳои онҳо дар ин вазъият барои ба даст овардани натиҷаи пешбинишаванда;
- қобилият (омодагӣ) барои амалисозии таҷрибаи шахсии шахс дар вазъияти мушаххас;
- муайян намудани роҳҳои имконпазир ва самараноктарини фаъолият, вариантҳои рафтор;
- омодагӣ ба қабули масъулияти шахсӣ барои рафтори худ дар вазъияти ҳамкории иҷтимоӣ

Муаллиф ин фаҳмиши моҳияти салоҳияти иҷтимоиро дар бораи сохтори он тақвият бахшида, пешниҳод мекунад, ки ҷузъҳои зеринро низ баррасӣ кунанд:

- муҳтавои амалиётӣ (дониш, қобилият, малакаҳое, ки ба шумо имкон медиҳанд, ки амали худ ва дигаронро аз нуқтаи назари интиқодӣ таҳлил, натиҷаи ҳамкориро пешгӯӣ, муошират, ҳадафҳоро муқаррар ва амалӣ кунед, ба одамони дигар таъсир расонед);

эмотсионалӣ-ихтиёрӣ (интихоби қарор, қобилияти худтанзимкунӣ, омодагӣ ба гирифтани масъулият, қатъият, эътимод ба худ).

Азбаски дар модели аслии салоҳияти иҷтимоии пешниҳодкардаи муаллиф сухан дар бораи шахсони калонсол, мутахассис, менеҷер меравад, пас комилан тасдиқот дар бораи он, ки салоҳияти мазкур ҷузъи салоҳияти умумӣ ва касбӣ маҳсуб ёфта, ба соҳиби он имкон медиҳад, ки функсияи водоркунӣ, маърифатӣ – баҳодиҳӣ ва танзимкунӣ ба таври самаранок дар фаъолияти ҳаррӯзааш истифода барад.

Дар баробари ин, сарфи назар аз пешниҳоди хеле васеъ дар бораи моҳият, мазмун ва сохтори салоҳияти иҷтимоӣ, таҳлили минбаъдаи нуқтаи назари мазкур аз он шабоҳат мадиҳад, ки муҳимтарин дар дарки он таъсири мутақобилаи иҷтимоӣ буда, ҳамеша дар се нақшаи мантиқӣ ба вуҷуд меояд: ҳавасандӣ, имконпазирӣ ва зарурат.

Дар мадди ***аввал***, маҳорати муайян кардани "мехоҳам" (ҳавасмандӣ) дар соҳаҳои ҳамкории иҷтимоӣ маълум мегардад. ***Дуюм*** (имконпазирӣ), дар арзёбии вазъият ва ҷиҳатҳои тавонмандӣ дар қобилияти таҳлили усули қобили рафтор ва пешгӯйии оқибатҳои он зоҳир мешавад. Нақшаи ***сеюми*** мантиқӣ (зарурат) бошад, ба қавли муаллиф, дар донистани меъёрҳои иҷтимоӣ, қоидаҳо ва шаклҳои муошрати мутақобила, омодагии шахсию таъсири иҷтимоӣ ва риояи онҳо зоҳир мегардад.

Муаллифи ин раҳёфт бар хилофи нуктаи назари пештар баррасишуда дар мазмуни салоҳиятҳои иҷтимоии фард се ҷузъро қайд мекунад: фардӣ-шахсӣ, сотсиологӣ ва ҳаётӣ-футурологӣ (пешбинии илмии замони оянда) .

Мазмуни ҷузъи якум бо ҳаёти ҷисмонӣ- эҳсосӣ, хайрхоҳӣ ва маънавии инсон алоқаманд буда, он як қатор малакаҳоро дар бар мегирад (мустақилона бунёд кардани иерархияи арзишҳо; интихоби бошууронаи рафтор дар асоси онҳо; ба таври мантиқӣ фикр кардан, фикри худро возеҳ, фаҳмо, дақиқ, боваринок баён кардан, дорои саводнокии забонӣ будан, фаъолияти худро идора ва ба танзим даровардан, дорои технологияи солимгардонӣ будан).

Мазмуни ҷузъи дуюм – ҷузъи сотсиологӣ, ба фикри мо, бо фаъолияти фард дар системаи равандҳои иҷтимоӣ (меъёрҳо, муносибатҳо ва донишгоҳҳо) алоқаманд аст. Он шахсро ба дарки асосҳои арзишманд (Ватан, Меҳан, ҷомеа, оила, коллектив, меҳнат, ҳуқуқ ва ғ.), аз худ кардан ва амалӣ намудани онҳо дар шароити гуногуни воқеӣ равона мекунад. Ва, ниҳоят, қисмати сеюми мазмуни салоҳияти иҷтимоӣ - ташаккули малакаҳои шахсро барои ба нақша гирифтани сенарияи ҳаёт ва муайян намудани роҳҳои зиндагӣ пешбинӣ менамояд. Аҷиб аст, ки муаллиф салоҳияти иҷтимоиро ба нишондиҳандаи меъёри сатҳи ташаккули таркиби шахсии муносибатҳои иҷтимоии гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ (хонандагон, донишҷӯёни ҷавон, донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ) истиндод менамояд ва ба он дар сохтори шахс «ошёнаҳои миёнаи бино»-ро ҷудо мекунад. Ӯ, аз ҷумла менависад: « Маркази таркиби шахсии муносибатҳои иҷтимоӣ, … салоҳиятҳои иҷтимоии сатҳи «боло»

- маънавию назариявӣ ва «поён»- амалӣ-тамоилӣ,бевосита барои ҳаёти воқеии инсон ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва воқеияти иҷтимоии шахс хизмат мекунад. Таҳлили ин қисм нишон медиҳад, ки, аввалан, моҳияти салоҳиятҳои иҷтимоӣ дар онҳо ё ҳамчун сифати интегративии фард ва ё ҳамчун муомилоти иҷтимоӣ муаррифӣ шудааст; дуюм, салоҳияти иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи ягон фаъолият ё нишондиҳандаи комёбиҳои шахс дар намуди муайяни фаъолият тавсиф мешавад; сеюм, таркиби мазмуни ташаккули он ба синну соли шахс вобаста аст. Аз ин рӯ, раванди ташаккул ва такмили он дар даврахои гуногуни синну сол хусусиятҳои умумӣ ва махсус дошта, метавонад, ҳам ҷузъҳои гуногуни сохторӣ ва ҳам ҷузъҳои якхеларо дар бар гирад.

Дар таҳқиқоти кишварҳои хориҷа зеҳни салоҳиятҳои иҷтимоиро аксаран ба сохтори салоҳияти иҷтимоӣ дохил мекунанд (Р. Селман). Муаллиф онро ба он таҷҳизоти равоншиносӣ дохил мекунад, ки тавассути он инсон тамоили ба воқеияти иҷтимоӣ нигаронидашудаи худро таъмин созад [10, 164].

Вай панҷ марҳилаи асосии инкишофи чунин зеҳнро муайян мекунад:

- марҳилаи то иҷтимоӣ, ки дар он кӯдак ҳанӯз принсипҳои дохилии равонӣ ва берунӣ, принсипҳои ҷисмонии рафторро фарқ намекунад;

- ин марҳила вақте ба итмом мерасад, ки фикру ҳиссиёти одамони дигар ва худи шахс бо мустақилияти воқеӣ пайваст мегардад ва он ба шавқу завқ, таваҷҷуҳи кӯдак табдил меёбад;

- марҳилаи тафриқакунонии ҷаҳони берунӣ ва ботинӣ, ки дар он кӯдак мекӯшад мавқеи шахси дигарро ишғол намояд ва шарикро барои «озмоиш»-и мавқеи худ даъват менамояд;

- марилҳаи дарк, алоқаи мутақобила, вобастагии тарафайни мақсадҳои гуногуни рафтори шахсони алохида, ки ба туфайли онҳо ақидаҳо дар бораи хамкории одамон сохторбандӣ шуда, дар як система қарор мегиранд;

- марҳилаи инкишофи иҷтимоӣ, ки дарки сатҳи гуногуни наздикии инсон ба ҳамдигар ва маҳорати (ё қобилияти) омӯхтани тарзи барқарор намудани муносибатҳо дар сатҳҳои гуногуни наздикиро таъмин менамояд. Мувофиқи фаҳмиш салоҳияҳоти ичтимоӣ ҳамчун кобилият ва омодагии шахс ба муомила, инчунин мантиқи инкишофи он дар панҷ марҳила, муаллиф чунин нуктаро ҷонибдорӣ мекунад, ки тибқи он системаҳои муносибатҳои инсонӣ дар одамон дар асоси фаъолият худашон ба вуҷуд намеоянд. Бинобар ин, зарурияти таълими махсусро дар бобати кашф кардан ва азхуд кардани роҳҳои ҳалли масъалаҳо, вазифаҳои нав, таҳлили муносибатҳои одамон ва азхуд намудани шаклҳои муносибатҳои байни одамон пешниҳод месозад. Барои ташаккул додани мазмуни салоҳияти иҷтимоӣ, муаллиф тавсия медиҳад, ки дар асоси марҳилаҳои муайяншудаи инкишофи зеҳни иҷтимоӣ, салоҳиятҳои иҷтимоии шахсро аз нуқтаи назари назарияи иҷтимоии фарҳангӣ аксар вақт муҳаққиқон бо категорияи «мероси иҷтимоӣ», бо ҷамъ овардани таҷрибаи нав аз ҷониби насли наврас ва ташаккули андешаҳои онҳо дар бораи оянда алоқаманд мекунанд. Дар ин ҳолат, мероси иҷтимоӣ ҳамчун ҷамъоварӣ ва интиқол аз ҷониби насли калонсолон - дар шакли табдилёфта ва шарҳдодашуда - ҳаҷми малакаҳо, донишҳо, арзишҳо ва муносибатҳои инсонӣ ба ҷавонон баҳри ворид шудани онҳо ба ҳаёти воқеӣ зарур аст, баррасӣ карда мешавад.

Азбаски ин равандро метавонанд субъектҳои гуногун таъмин кунанд, аммо, пеш аз ҳама, онро ба ақидаи И.Р.Казакова, бояд омӯзгорон анҷом диҳанд, ба манфиати кор мебуд, агар мо дар бораи салоҳиятҳои иҷтимоию педагогии дар асоси ҳамгироии ҳамаи шаклҳои дигари салоҳиятҳо, ки дар заминаи фарҳанги сотсиологии замони гузашта, имрӯза ва ояндаро ба ҳам мепайвандад, сухан рондан бамаврид аст. Дар ин замина ҷузъҳои чунин салоҳият баррасӣ мешаванд [2, 31]:

- сатҳи огоҳии шахс аз доираи стратегияҳои эҳтимолии рафтор дар мунокиша;
- қобилияти шахс барои татбиқи ин стратегияҳо дар вазъияти мушаххаси ҳаёт;
- дараҷаи камолоти маънавии шахс;
- ташаккули сифатҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, кобилияти ба сифати миёнарав баромад кардан.

Азбаски салоҳият инчунин хусусияти муҳимми фаъолияти иҷтимоию педагогӣ ба ҳисоб рафта, он чунин зуҳур мекунад:

-дар самти ҳалли вазифаҳои умумӣ ва махсуси иҷтимоишавӣ, ки ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва худшиносии инсон нигаронида шудааст;

- дар муайян кардани мақсад, ҳамчун воситаи мушаххас дар муносибатҳои ҷамъиятӣ;
- дар доштани принсипи диалогӣ ҳамчун асоси ташаккули амалҳои касбии иҷтимоӣ;
-дар мавҷудияти дониш, тарзи ташкили фаъолияти мутақобилаи таълимӣ, нишон додани ташаббуси хусусӣ (шахсӣ) ё ғайрирасмӣ;
- дорои усул ва усулҳои расонидани кӯмак;
- дар таваҷҷуҳ ба масъулияти иҷтимоӣ, қонунияти иҷтимоӣ.

Аз ин рӯ, соҳаи салоҳияти касбии иҷтимоию педагогӣ, ба қавли муаллифи асари таҳлилшуда, аз ду қутбҳо «метавонам» ва «ман бояд» иборат буда, мантиқи ҳаракат дар хати боло аз «Ман андеша дорам» ба амал меояд, ба таври умумӣ" ба "ман медонам" ва "ман боварӣ дорам, ки ин бояд ҳамин тавр бошад."

Комилан табиист, ки дар ҳалли проблемаҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосӣ курсҳои махсуси ҷамъиятшиносӣ, шаҳрвандӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, таъриху фарҳанг мавқеи хоса дорад. Ҳангоми таҳлили гурӯҳи дигари асарҳо ба он равиш ҷалб карда мешавад, ки дар он салоҳиятҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи салоҳияти тарбиявӣ ва коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин нуқтаи назар М.И.Лукьянова ба муқаррароти назариявии К.А.Абулханова-Славская ва Ю.Мел такя намуда, салоҳияти коммуникатсиониро ҷузъи асосии салоҳияти иҷтимоӣ муайян мекунад [4,234]. Муаллиф ба таҳлили потенсиалии як қатор вазифаҳо: таъсиррасонӣ (ҳамчун ташаккул), ташкилӣ (ҳамчун ҳавасмандгардонӣ) ва интиқоли информатсия таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Таъсир, ба назари ин муаллиф, раванди таъсири фаъоли омӯзгор ба шогирд буда, он метавонад функсионалӣ-нақшӣ ва фардӣ бошад. Дар гурӯҳи дигари асарҳо натиҷаҳои таҳқиқоте ба вуҷуд омадаанд, ки муаллифони онҳо ба дарки имкониятҳо ва маҳдудияти салоҳиятҳои коммуникативӣ, ки қисми таркибии он иҷтимоӣ мебошад, таваҷҷуҳи худро равона кардаанд.

Таълими мустақилона аз бисёр ҷиҳат ба завқи хонандагон, муносибати онҳо ба фанҳои таълимӣ ва шаклҳои мухталифи фаъолияти таълимӣ вобаста аст.

Дар раванди омӯзиши ҳар фан якчанд марҳалаи фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагонро ҷудо кардан мумкин аст:

*Марҳалаи тайёрӣ* – ташкили фаъолияти хонандагон оид ба омӯзиши фан;

*Марҳалаи азхудкунии маводи таълимӣ* – ташкили оқилонаи фаъолияти хонандагон барои омӯзиш ва аз бар кардани ҳар мавзуъ ва ҳар фасл;

*Марҳалаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон* – ташкили фаъолияти хонандагон оид ба омӯзиши мустақилонаи қисмҳои алоҳидаи мавод;

*Марҳалаи тасҳеҳ* – ташкили фаъолияти хонандагон оид ба рафъи нуқси донишҳо бо роҳи такрори мавзуъ ва фаслҳои душворфаҳми маводи таълимӣ;

*Ҷамъбасту мураттабсозии дониш* – ташкили фаъолияти хонандагон оид ба ҷамъбасту мураттаб намудани маводи гузашта.

Ба эътибор гирифтани *марҳалаҳои омодагӣ, азхудкунии маводи таълимӣ, фаъолияти мустақилона, тасҳеҳ* ва дар охир *ҷамъбасту мураттабсозии дониш* фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагонро хушсифат ва самаранок мегардонад.

Муҳимтарин вазифаи омӯзгор ин аст, ки чунин системаи супоришҳоеро барои фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагон таъмин намояд, ки он марҳила ба марҳила маҳоратҳои заруриро барои корҳои мустақилона ташаккул дода тавонад.

Омӯзгоре, ки ба шогирдон кори мустақилонаи таълимиро омӯхтанист, бояд дар пеши онҳо вазифаи мустақилона ба нақша гирифтани омӯзиши мавод, аз байни он ҷудо кардани проблема, дар шакли суолҳо мураттаб сохтани он, муайян намудани мафҳумҳо, ғояҳо ва нуқтаҳои назариявӣ, муайян намудани усулҳо ва тарзи амалӣ гардондани вазифаҳои гузоштташударо ба ҷо оварда тавонад. Дар чунин маврид хонанда муаллифи ташкили ҷараёни таълим мешавад.

Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти мо собит сохтанд, мустақилона иҷро намудани вазифаю супоришҳо шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои болоиро ба вуҷуд меорад, ташаббуси онҳоро инкишоф медиҳад. Дар чунин ҳолат самараи тайёрии муаллим ва хонандагон ба дарси оянда хеле хуб мешавад. Дар натиҷа шакли таълиме ташкил мешавад, ки зимни он маводи таълимиро омӯзгор ба тарзи муқаррарӣ баён накарда, балки хонандагонро вазифадор мекунад, ки онро мустақилона ҳал намоянд.

Хонандагон саволҳо тартиб медиҳанд, фишурдаи ҷавобҳоро тайёр намуда, мушоҳидаҳо мегузаронанд, муқоиса мекунанд, маводи таълимиро ҷамъбаст ва мураттаб месозанд. Ҳамаи ин онҳоро ба ҳалли вазифаи дар пеш гузошта бурда мерасонад. Зимни омодагӣ ба дарси оянда хонандагон имконияти дар ҳар дарс мустақилона кор карданро пайдо мекунанд. Ҳамин тариқ, ҷараёни фаъолияти мустақилонаи ҳалли масъала дастури ҳар хонанда мегардад.

Мустақилона ба дарсҳо омодагӣ дидани талабагон беҳтарин иқдом ва муваффақият аст. Бидуни тайёрии қаблӣ маводи таълимиро аз худ кардан мушкил буда, ҳангоми ба таври хаттӣ ё шифоҳӣ ба вазифаю супоришҳо ҷавоб додан ғалату иштибоҳҳо роҳ меёбанд. Тайёрии пешакӣ ба дарс хонандагонро водор месозад, ки андешамандона ҷустуҷӯ ва тахминҳо кунанд, ба адабиёту сарчашмаҳо рӯ оварда, доираи назарашро васеътар намоянд. Вале имрӯз бе тайёрӣ ба дарсҳо ҳозиршавии хонандагон проблемаи калони соҳаи таълиму тарбия гаштааст.

Дар рафти таҳқиқот ба дарсҳо тайёр набудани хонандагон ба мушоҳида мерасид ва инро омӯзгорон ҳар хел шарҳ медонанду шогирдон сабабҳои дигарро баҳона мекарданд.

Бояд, пеш аз ҳама, таълимро мақсаднок ба роҳ монда, фаъолнокии маърифатии хонандагон таъмин карда шавад. Барои ин роҳҳои ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳоро ба нақша гирифта, майлу рағбат, тафаккур ва қобилиятҳои эҷодии шогирдонро инкишоф дода, бо истифода аз шакл ва методҳои нави фаъоли таълим дарсҳо бояд ҷолиб ва пурмазмун гузаронида шаванд.

Илова бар ин, механизми таъсиррасониро ба шуури талабагон ҷустан лозим, то ки барои ҳаёти ояндаашон коромад шудани фаъолияти мустақилонаро дарк намоянд. Роҳандозӣ намудани фаъолияти бошууронаи таълимӣ ва дар ин замина дар шогирдон завқи хонданро бедор кардан асоси кор аст. Ба осонӣ аз худ кардани маводи нави таълимӣ танҳо дар натиҷаи ҷамъбаст, мустаҳкам ва мураттаб сохтани донишҳо муяссар мегардад.

Фаъолияти идроку мустақилияти хонандагонро аз бисёр ҷиҳат хусусияти саволу супоришҳои муаллим, ки хонандагон иҷро менамоянд, муайян мекунад. Аз ин рӯ, баробари пурсишҳо, ки аз хонандагон ба хотир овардани донишҳояшонро талаб мекунад, мо дар ҳамаи марҳалаҳои дарс – зимни тафтиши донишҳо, фаҳмондан ва мустаҳкам кардан истифодаи чунин саволу супоришҳои: Чаро? Чӣ дахл дорад? ... Чӣ фарқ дорад? ... Чӣ хел тағйир ёфт?

Чӣ моҳият дорад?.Чӣ хел исбот кунем, ки...? Бо кадом далелҳо тасдиқ кардан мумкин..? ва ҳоказоро дастур медиҳем. Дар иловаи ин тавсия медиҳем, ки саволҳои мубрам тарзе матраҳ шаванд, ки ҷавобҳо ба онҳо алоқамандии мавзуъро бо ҳаёт, ҷомеа ва бо истеҳсолот дар бар гиранд.

Масъалаи дигаре, ки зимни таҳқиқот мавриди баррасӣ ва озмоиш қарор гирифт, дар амалияи таълим аз донишҳои назарӣ, алалхусус аз қоидаю таърифҳо мустақилона истифода бурдан аст. Яке аз талаботи принсипҳои дидактикӣ ин алоқаи назария бо амалия буда, донишу маълумотҳои таълимии назариявии бадастомада дар рафти корҳои амалӣ ва дигар вазъиятҳо бо ҳар роҳу восита бояд татбиқи худро ёбанд.

Тарз ва роҳу усули истифода бурдани қоида ва таърифҳо барои муайян кардани муносибат, восита, алоқаҳо ва вобастагии ҳамдигарии мавзуъҳои забон ба субъектони асосии раванди педагогӣ – омӯзгор ва хонандагон ёрӣ медиҳанд.

Ба мақсади баланд бардоштани дараҷаи азхудкунии хонандагон, сатҳу сифати дониш ва беҳтар гардонидани фаъолияти педагогии омӯзгорон интихоби роҳи осону қулай, шаклҳои таълим ва методу воситаҳои аёнӣ дар дарс бисёр мувофиқ меояд.

Дар сурати дурусту оқилона ба роҳ мондани фаъолият хонандагон худашон мустақилона метавонанд аз китоб мувофиқ ба супориш мавод интихоб намуда, бо тарзу роҳҳои гуногун онро иҷро кунанд. Ба мақсади истифодаи алоқаи байнифаннӣ омӯзгор метавонад ҳатто вазифаю супоришҳоро аз фанҳои адабиёти тоҷик, таърихи умумӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб карда, кори мустақилона диҳад. Албатта, мушкилиҳо дучор меоянд ва роҳҳои рафъи онҳо баъзан гуфта мешавад.

Таъкид дар бораи мушкилиҳои пешоянда танҳо дар марҳалаи ибтидоии ташаккули маҳорат, ки ҳанӯз пайдарҳамии амалиёт ба андозаи пурра ҳосил карда нашудааст, хуб аст, зеро хонанда ба он тайёр мешавад. Аммо, вақте ки аллакай он ташаккул ёфтааст, гузаштан аз вазифаю супоришҳои навъи баёдоваранда ба навъҳои дигар мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин маврид хонанда худаш бояд мушкилии имлоиро дарёбад, дарк кунад ва барои бартараф кардани он омода бошад.

Ин маънои онро дорад, ки фаъолияти мустақилона ва маҳорату малакаҳои махсусан хатмкунандагонро то дараҷае ташаккул додан лозим аст, ки натанҳо дар иҷрои супориш фаъол бошанд, балки дар ҳама усули интихоб ва истифоданамудаи омӯзгор ва мушкилиҳои пешомада наҳаросида, комёб гарданд. Дар ин самт, пеш аз ҳама, дар сатҳи зарурӣ азхудкунии мафҳумҳо, қонунҳои илмӣ, қоидаю ғояҳои назариявӣ ва татбиқи онҳо дар амалияи таълим нақши ҳалкунанда мебозад.

Хуллас, нақши фаъолияти мустақилона дар татбиқи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаю ва қобилиятҳои зеҳнӣ муҳим арзёбӣ шуда, бо ҳар шакл ва тарзу восита ташкили оқилонаи он аз ба сатҳи баланди касбӣ расидани омӯзгор ва мустақилияти маърифатии хонандагон дарак дода, ниҳоят, иҷрои мақсаду вазифаҳои таълимро таъмин месозад.

## АДАБИЁТ:

1. Буйдоқов Х. Асосҳои психологии таълими хонандагон дар раванди ягонаи педагогӣ. - Душанбе: Маориф, 1998. – 428с.

2. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. – Душанбе, 2017. – 88с.

3. Носиров С.Ш. Назария ва амалияи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон (Монография). – Душанбе, «Маориф», 2021. – 248с.
4. Огородников И.Т. Дидактические основы повышения самостоятельности и активности учащихся в опыте школ Татарии. – М., 1969. –172с.
5. Пидкасистый П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении. – М.: Педагогика, 1980. – 240 с.
6. Ушинский К.Д. Асарҳо, ҷ.6. -М.: Нашриёти АИП РСФСР, 1949. - 256с.
7. Чернышевский Н.Г. Куллиёт, ҷ. XV. -М.: Нашриёти давлатии адабиёти бадеӣ, 1950. - 324с.

## ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАТБИҚИ САЛОҲИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ-ҶАМЪИЯТӢ

Мазмуну муҳтавои мақола масъалаи корҳои мустақилонаи хонандагони синфҳои болоиро зимни таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, ки ба татбиқи салоҳиятҳои зеҳнии онҳо мусоидат мекунад, фаро мегирад.

Муаллифон дар раванди омӯзиши фан якчанд марҳилаи фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагонро ҷудо намуда, хусусиятҳои хосси ҳар яки онро муайян баён карда аст.

Дар мақола сухан дар бораи аҳаммияти донишҳои назарӣ рафта, маҳз аз қоидаю таърифҳо дар амалияи таълим мустақилона истифода бурдани хонандагон, ки яке аз талаботи принсипҳои дидактикӣ маҳсуб меёбад, муҳим арзёбӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** *фаъолияти мустақилона, салоҳиятҳои зеҳнӣ, мустақилияти маърифатӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии мафҳумҳо, қонунҳои илмӣ, қоидаю ғояҳои назариявӣ.*

## САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПО РЕАЛИЗАЦИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ КОМПЕТЕНТНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ГУМАНИТАРНО-ОБЩЕСТВЕННЫХ ДИЦИПЛИН

Содержание статьи освещает вопрос самостоятельной работы старшеклассников при преподавании гуманитарно-общественных дисциплин, которая способствует реализации интеллектуальных компетентностей.

В процессе изучения предмета авторы выделили несколько этапов самостоятельной учебной деятельности учащихся и указали особенности каждого из них.

В статье говорится о важности теоретических знаний, также оценивается самостоятельное использование учащимися правил и определений в практике обучения, что является одним из требований дидактических принципов.

**Ключевые слова:** *самостоятельная деятельность, интеллектуальная компетентность, позновательная самостоятельность, формирование научного мировоззрения, усвоение понятий, научные законы, правила, теоретические идеи.*

## INDEPENDENT IMPLEMENTATION ACTIVITIES INTELLECTUAL COMPETENCIES OF STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING HUMANITIES AND SOCIAL DISCIPLINES

The content of the article highlights the issue of independent work of high school students when teaching humanities and social sciences, which contributes to the implementation of intellectual competencies.

In the process of studying the subject, the authors identified several stages of students' independent learning activities and indicated the characteristics of each of them.

The article talks about the importance of theoretical knowledge, and also evaluates students' independent use of rules and definitions in teaching practice, which is one of the requirements of didactic principles.

**Key words:** *independent activity, intellectual competence, cognitive independence, formation of a scientific worldview, mastery of concepts, scientific laws, rules, theoretical ideas.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Носиров Саъдулло Шукрулоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992-93-531-17-71; E-mail: nosirov1965@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Носиров Саъдулло Шукрулоевич – кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных наук Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: +992 93-531-17-71. E-mail:nosirov1965@mail.ru*

**Information about hte author:** *Nosirov Sadullo Shukuloevich – Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov, st. 64/14. Phone.: +992 93-531-17-71. E-mail: nosirov1965@mail.ru*

# НАҚШИ МАФҲУМҲОИ ХИМИЯВӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ХОНАНДАГОН

***Низомзода М. М.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Замоне ки, мо зиндагонӣ мекунем, замони пешрафти технологияи навин, афзудани ахбороти илмию омавӣ ва ҷаҳонишавии ҳамаҷонибаи илму маориф дар арсаи байналмиллалӣ ба ҳисоб меравад. Ва табиист, ки бо пешрафт ва рушди бемайлони илму техника дар маҷмуъ ҷаҳиши илмӣ ба миён омада, истилоҳоти соҳавӣ мин ҷумла истилоҳоти химиявӣ низ афзоиш ёфта истодааст. Корбурди истилоҳот, шарҳу тавзеҳи онҳо талаботи дарси муосир ба ҳисоб меравад. Педагогони муосир ва методистони равияҳои махсуси таълимиро мебояд дар китобҳои дарсӣ ва адабиётҳои таълимии зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шарҳу тавзеҳотро оиди мафҳумҳои химиявӣ ба роҳ монда, мавқеъи истилоҳот дар таълимро дар мадди назар гиранд.

Дар партави таҷаддуди бунёди низоми маориф дар замони Истиқлолияти давлатӣ мазмуну муҳтавои китобҳои дарсиву мактабӣ, усули гузиниш ва гузориши маводи таълимӣ дар иртибот ба ниёзҳои маънавии ҷоме, ҳувийятсозии миллӣ, таҳаввули бо суръати ҷаҳонишавӣ ба назар намоёнро аз сар гузаронид. Лозим ба ёдоварист, ки таъкиду дастурҳои Пешвои миллат дар мавриди таҳияи нави китобҳои дарсӣ ва такмили сифати маводи таълим аз омилҳои таъсиргузори раванди навҷӯӣ дар илми муосир, ҳаҷми бузурги иттилоот ва муъҷизаи донишомӯзиву донишазхудкунӣ аз мафҳумҳои фаннӣ ва корбурди дурусти истилоҳот рост омада, дар таҷриба исботи худашро ёфтааст[12].

Дониши умумии хонандагон аз мафҳумҳо иборат мебошад. Хонанда тавассути мафҳумҳо фикр мекунад ва андешаашро ба василаи мафҳумҳо баён мекунад. Хонанда дар меҳвари истилоҳот дониш аз худ карда, қобилияти эҷодкорӣ ва нававариро дар худ инкишоф медиҳанд. Сарфаҳм рафтан ба мазмуну муҳтавои истилоҳ дар таълимоти муосир беҳтарин усули самараноки таълим баҳисоб рафта, натиҷаҳои баланди азхудкуниро дар фаолияти хонандагон таъмин менамояд ва рукни асосии аз бар намудани маълумот мебошад. Аз ин рӯ, аз худкардани мафҳум ё истилоҳҳоти фаннӣ барои хонандагон аз он хотир омӯзонида мешавад, ки қадами нахустини ҷодаи эҷод ва ҳаракати илмӣ маҳз ба воситаи он сурат мегирад. Яз зумра педагогони муосир нақши мафҳумҳро дар таълим ба нақши ядро дар ҳуҷайра баробар арзёбӣ намуда, рушди хонандаро дар таълимоти ин ё он фан ба ин марбут медонанд.

Истилоҳ калима ё ибораест, ки номи ягон мафҳумро дар соҳаи илм, техника, санъат ва ғайраро ифода мекнад. Дар китобҳои дарсӣ истилоҳ ду вазифаро иҷро мекунад:

- *аввалан, ҳамчун номи мафҳум хизмат мекунад;*
- *дувум, муҳтавои мафҳумро инъикос менамояд.*

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистони азиз ҷаҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, бахусус дар соҳаи маориф пешравиҳои назаррас ба миён омада, вобаста ба раванди глобализатсионӣ (ҷаҳонишавӣ) таҳияи барномаву китобҳои дарсӣ дар самти бозкушоии мафҳумҳо аз ҷумла мафҳумҳои химиявӣ ҳоло ҳам коркарди ҷиддӣ ва талабот ба стратегияи таълими муосирро талаб мекунад. Маҳз баромадҳои пай дар пайи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баёнгарии таҳлили масоили болозикр аст. Пешвои муаззами миллат дар баромадашон 01.09.2021, перомуни вазъи адабиёти таълимӣ ва китобҳои дарсӣ андешаронӣ намуда, таҷдиди назар намудани адабиёти таълимиро вобаста ба фазои ягони таҳсилот масъалагузорӣ намуда, бартарафнамудани камбудиҳои ҷойдоштаро дар кӯтоҳтарин муҳлат тавсия ироа намуд.

Мафҳум ё истилоҳ ҷузъи таркибии ин ё он фанни таълимиест, ки дар азхуднамудани ин ё он фан нақши муассир дорад. Муҳтавои донишҳои назариявӣ ва амалӣ аз он иборат аст. Ба қавли Ян Амос Каменский истилоҳот дар таълим то андозае муҳим ва зарурист, ки ба ҳайси муршид дар омӯзиш барои хонандагон хизмат мекунад. Хонанда ҷузъро аз худ мекунад (ҳифз мекунад) ва дар бобати кул маълумот медиҳад, ки ин ба монанди зинаест, ки тавассути он як атрофи муайнро дида мушоҳида, менамояд. Ин амал характери эҷодкориро дар хонандагон тақвият бахшида хотирот ва андешаи солимро таъмин менамояд [13].

Таҷрибаи шарҳи мафҳумҳои фаннӣ ва илмӣ дар китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии як қатор кишварҳои Аврупо, Осиё ва Амрико собит менамояд, ки ба роҳ мондани таълими ҳамгиро (шарҳи истилоҳот дар раванди таълим ва бозкушоии онҳо дар китобҳои дарсӣ) муҳимтарин омили ноилгардидан ба мақсадҳои таълими фанни таълимӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф"эълон намудани солҳои 2020-2040" аз 31 январи соли 2020№1445, Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2022, №165 ва Нақша чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалигардонии Нақшаи миёнамуҳлати "Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм барои солҳои 2022-2023" таҳия гардида, масоили болозикрро татбиқ менамояд[14].

Хусусиятҳои асосии хосси таълим ин инкишофи ҷисмонию руҳии кӯдак, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва фаъолияти фикрию ҷисмии он мебошад, ки рушди зеҳнии хонандагон, ҷаҳонбинии илмӣ, кор бо техника ва технологияи навин ва истеҳсолотро таъмин менамояд. Имрӯз дар соҳаи маориф масъалаи эҳёи таҳсилоти нави босифат ба миён омада, ҷанбаҳои ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидан аз ҷониби пажуҳишгарон ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор гирифта истодааст. 1 январи соли 2016, 17 Ҳадафи рушди устувор то соли 2030 расман эътибор пайдо кард, ки ба Рӯзномаи нави соҳаи рушди устувор ворид гардида, аз ҷониби сарони кишварҳои ҷаҳон дар маҷмааи Созмони Миллали Муттаҳид моҳи сентябри соли 2015 қабул шудааст, ки заминаи татбиқи банди 4-и Ҳадафҳои рушди устувор "Таъмини таҳсилоти бо сифати фарогиру одилона ва ҳавасмандсозии имконияти таҳсилро дар тамоми тули ҳаёт барои ҳама дар бар мегирад" арзёбӣ гардидааст [6].

Масъалаи таълими бо салоҳ ва ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ будани маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон рукни асосӣ ва муҳимтарин мароми сиёсати давлатии мо маҳсуб мешавад. Бо кадом шевае, ки бошад, роҳҳои ноил гардидан ба муваффақиятҳо бояд ҳаматарафа омухта шавад ва хонандагону донишандӯзонро тарбият намудан, завқу шавқи эҷодкориро дар ниҳоду фитрати онҳо бедор намудан ва шароити мусоиди таълиму тарбияро дар ҳама шаклу навъҳои муассисаҳои таълимӣ ба роҳ мондан яке аз масъалаҳои муҳим ва марказии мақомоти дахлдори давлатӣ маҳсуб мешавад [7].

Ҳар як шахс ба ғояҳои нав ва иттилооти равонӣ барои рушд ниёз дорад. Барои ноил шудан ба рушди шахсӣ, агар шахс дар як рӯз тақрибан 30 дақиқаро барои омӯхтани малакаи нав сарф кунад, дониши ӯ бо мурури замон афзоиш меёбад ва бо аз бар намудани мафҳумҳои нав донишҳои илмии он густариш пайдо мекнад. Муҳимтарин масъалаҳое, ки ҷиҳати рушду нумуи комили хонандагон дар мадди аввал меистад ин иборат аз се ҷанба мебошад, ки ҳар кадоми он мавзуи омӯзиши худро дар алоҳидагӣ дорад. Ҷанбаҳо ба 5 самт ҷудо карда мешаванд, ки ҳар кадом сохтор мазмун ва муҳтавои худро дорад.

Дар якҷоягӣ бо авомили асосӣ ва иловагӣ метавон тазаккур дод, ки тарҳи намунавии ҷанбаҳои рушди шхсиятро ташаккул дод ва месазад, ки онро ба таври мукаммал омӯхт ва татбиқ намуд. Рушди ҳар як кудаки муосир бояд дар партави фаъолиятҳо ва пайроҳаҳои зерин аз қабили такмили рушди рӯҳӣ, такмили рушди ҷисмонии хонандаон, рушди инфиродӣ (IDP), маҳорати инфиродӣ, роҳҳои такмил ва рушди шахсият, роҳҳои татбиқи барномаи рушди инфиродӣ ва омилҳои такмили инфиродӣ ва рушд ҳамтавъам буда, дар асоси инҳо рушди шахсияти баркамол ба миён меояд, ки ба манфиати таълим ва тарбия маҳсуб ёфта, натиҷаи онро бо нишондодҳояш дар ҷадвали зайл баён намудем.

Расми 1.

**Ҷанбаҳои рушди хонанда самт ва зерсамтҳои он**



Аз ҷадвали 1. бар меояд, ки рушд ва ташаккули хонандагон аз як омил вобаста набуда, балки аз омилҳои гуногун иборат аст, ки баъзеи онҳо ба самт ва зерсамтҳо вобаста ба муҳиммияташон ҷой дода шудаанд. Дар инкишофи фикр ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон авомиле аз қабили рушди ҷисмонӣ, рушди рӯҳӣ ва такмили рушди руҳию равонии хонандагон нақши босазо мегузорад. Нақши зерсамтҳои ҷадвали 1 бошад баёнгари ҷаҳонбинии васеъ ва дар ҷодаи илмомӯзӣ раҳнамун кардани хонандагон хеле муҳим буда, истифода аз ин ҷадвал ё дар ин тарҳ ба роҳмондани таълим аз манфиат холӣ нест.

Вобаста ба талаботҳои замонавӣ омӯзгорони муосир вазифадоранд, ки дар доираи талаботи усули нави таълим, яъне муносибати бо салоҳият ба таълим баробари таълими фанни худ вобаста ба нақшаи тақвимӣ иборaҳои мураккаб, мафҳумҳо ва истилоҳотро бозкушоӣ намуда, ба хонандагон мақсад ва муҳтаворо фаҳмонад. Дар сурати ғайр омӯзгор ба мақсадҳои таълими наметавонад расад.

Расми 2

**Натиҷаҳои таълимоти истилоҳот дар таълим**




Чуноне, ки аз тасвири 2 бар меояд рукни асосии таълимот дар дарси муосир ин бозкушоии мафҳумҳо, мақсади таълимотро фаҳмонидан, ба муҳтавои кор сарфаҳм рафтан ва чи натиҷаро аз омӯзиш ба даст овардан мебошанд. Дар ҳолати истифодаи ин раванд натиҷаҳои дар расм нишон дода шуда, татбиқшаванда мебошад.

Омӯзиши фанни химия дар замони муосир дар байни фанҳои дигари табиатшиносӣ ҷои асосиро ишғол намуда, аз ҷиҳати суръати тараққиёт аз дигар илмҳои дақиқ дар истеҳсолоту татбиқот мақоми меҳвариро соҳибаст. Ҳаҷми донишҳои химиявӣ ҳоло дар зарфи 11-12 соли охир ба ҳисоби миёна ду баробар афзудааст, ҳол он, ки дар миёнаи асри гузашта ин давра тақрибан 40 сол буд. Яке аз сабабҳои инкишофу такмили замони муосир, ин инкишофи бемайлони илми химия маҳсуб мешавад, ки асоси маданияти моддии ҷаҳони мутамаддинро фаро мегирад. Охир, маҳз химия дар офаридани маводҳои нав, доруворӣ, воситаҳои муҳофизати растаниҳо, маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайра роли калон мебозад. Фанни мазкур асоси аксари равандҳои технологии тамоми соҳаҳои саноати хӯрокворӣ сабук ва вазнин мебошад. Аз ин рӯ иваэнамудани раванд ё технологияи таълим барои омӯзгорон дар замони муосир айни муддао буда, бозёфтҳои педагогии нав ба навро дар фаъолият тақозо менамояд.

Мувофиқи нишондодҳо ва дастуроти методикаи таълими химия ва модели умумии ҷараёни таълими химия «Мазмуни таълим» дар байни объектҳои дигар мавқеъи меҳвариро соҳиб аст. Он дар маркази мақсади таълими химия, фаъолияти муаллим, фаъолияти хонанда ва методҳои таълим меистад Ҳар як омӯзгоре, ки дарки дурусти истилоҳотро мефаҳмад бешубҳа мазмуни таълимро пурра ба хонанда дода метавонад вақте ки, хонанда мазмуни таълимро дарк мекунад натиҷаи назаррас ва қаноатбахш дида мешавад[10].

Расми 3 **Мазмуни таълим дар маркази омӯзиш**



Мазмуну муҳтавои таълим танҳо дар сурати аз бар кардани мафҳумҳои калидии мавзуъ ё истилоҳоти фанни мазкур ба роҳ монда мешавад. Фаро гирифтан (аз худ кардан) –у дар хотир нигоҳ доштани истилоҳ дар таълим бисёр муҳим аст. Вақте, ки истилоҳ пурра мавриди дарки хонанда қарор гирад рушди тафаккур ба миён меояд ва самаранокии таълиму сифати таълим боло меравад [11].

Тибқи таҳлилҳои ҷомеашиносон ва корбарони масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рушди дилхоҳ ҷомеа вобастагӣ ба "сифати таҳсилот" дорад на ба "азхуднамудан"-и барномаҳои таълимӣ. Дар адабиёти педагогӣ маънии аслии азхудкардан ба маънии зайл нигошта шудааст: "Аз худ намудани барномаи таълимӣ камарзиштарин унсури таълим буда, талаботи худи шахсро дар ҳолати қаноатбахш таъмин менамояд". Ҳолати қаноатбахш наметавонад боиси рушд ва такомули шахсият бошад. Дар рушду нумуи шахсият ин намуди дониш азбарнамудан наметавонад нақши бориз дошта бошад. Аммо, "сифати таҳсилот" бар хилофи "азхуднамудан" таъмини дониши кофӣ, кафили рушди шахсият ва ҷомеаро дода, тараққиёти ҷомеро таъмин менамояд.

Яке аз ин намуди технология ин омӯзонидани истилоҳҳоти фанни махсуб мешавад, ки ба инкишофи фикрии мактаббача ва завқи донишазхудкунию ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ нақши бориз дорад. Такя ба маълумот ва адабиёти болозикр мо низ дар муассисаҳо таҷрибаҳои худро гузаронида, хулосаи назаррас ва ба мақсад мувофиқро ба даст овардем, ки ҷадвали зерин аз натиҷаҳои озмоиши дарки дурусти истилоҳоти химия дарак медиҳад.

Ба хотири дарки дурусти истилоҳоти химиявӣ дар синфҳои 8"А"-и муассисаҳои таҳсилоти умумии №2-и шаҳри Панҷакент, № 4-и ноҳияи Хуросон ва №34-и ноҳия Рашт, дар ҳаҷми 10 истилоҳои фаннӣ бо фарогирии 60- нафар хонанда дар 3 синф арзёбӣ гузаронидем, ки натиҷааш дар ҷадвали №1 нишон дода шудaааст. Таҷриба собит намуд, ки яке аз омилҳои паст будани дониши хонандагон ин сарфаҳм нарафтани хонандагон ба мақсад ва муҳтавои китобҳои дарсӣ махсуб мешавад. Аксари маводе, ки мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, ба боби аввали китоби химияи синфи 8-ум барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ рост омада, одитарин мафҳумҳоро дарбаргиранда буданд ва онҳо иборатанд аз:

***модда, ҳолати агрегатӣ, омехта, пайвастагиҳои химиявӣ, реаксия, эквивалент, банди химиявӣ, массаи модда, минерал ё обҳои менералӣ ва мафҳуми оксидшавию барқароршавӣ.***

**Ҷадвали 1**

**Натиҷаи дониши хонандагон оид ба дарки дурусти мафҳумҳо ё истилоҳоти химиявӣ**

| Рақами муассиса | Шаҳр/ноҳия | Теъдоди мафҳум ё истилоҳ | Шумораи иштироккунандагон | Баҳо | | | | Азхудкунӣ | Сифати таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| 2 | Шаҳри<br>Панҷакент | 1<br>0 | 23 | | | | 2 | 4<br>8%1 | 7,4<br>% |
| 4 | Ноҳияи<br>Хуросон | 1<br>0 | 21 | | | | 2 | 4<br>2,8% | 9,5<br>% |
| 3<br>4 | Ноҳияи<br>Рашт | 1<br>0 | 16 | | | | 0 | 3<br>7,5% | 6.2<br>5% |
| Ҷ<br>амъ | 3 | 3<br>0 | 60 | | | 9 | 4 | 4<br>3,3% | 11,<br>7% |

Дар умум арзёбӣ дар 3 муассисаи таълимӣ ба роҳ монда шуд, ки дар он 3 синф иштирок намуда, фарогирии хонандагон 60 нафарро ташкил дод. Арзёбӣ бо усули тестӣ ба роҳ мода шуд. Баҳои «5» (1 нафар 1,7%), баҳои «4» (6 нафар 10%), баҳои «3» (19 нафар 31,7%) ва баҳои «2» (34 нафар 56,6%) гирифта сифатнокии таҳсилот 11,7%

**Ҷадвали №2**

**Натиҷаи ҷамъбасти дониши синфҳои таҷрибавӣ аз фанни химия пеш аз таълимоти истилоҳоти фаннӣ**

| Рақами муассиса | Шаҳр/ноҳия | Синф | Шумораи иштироккунандагон | Баҳо | | | | Азхудкуӣ | Сифати таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| 2 | шаҳри Панҷакент | 8 «А» | 24 | | | 0 | | 100% | 16,6 % |
| 4 | ноҳияи Хуросон | 8 «А» | 23 | | | 9 | | 100% | 17,3 % |
| 34 | ноҳияи Рашт | 8 «А» | 16 | | | 2 | | 100% | 25% |
| Ҷамъ | 3 | 3 | 63 | | 2 | 9 | | 100% | 22,2 % |

Аз шумораи 63 нафар хонандаи иштирокдошта, баҳои “5” (2 нафар-3,1%), баҳои “4” (12 нафар-19%), баҳои “3” (49 нафар-77%) баробар аст. Сифати таҳсилот дар синфҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии болозикр 22,2%-ро ташкил дода, азхудкунии барномаи таълимӣ бошад ба 100% баробар мебошад.

**Ҷадвали 3**

**Натиҷаи дониши хонандагон оид ба дарки дурусти мафҳумҳо ё истилоҳоти химиявӣ баъди омӯзиши мафҳумҳо дар раванди дарсҳо**

| Рақами муассиса | Шаҳр/ноҳия | Теъдоди мафҳум ё истилоҳ | Шумораи иштироккунандагон | Баҳо | | | | Азхудкуӣ | Сифати таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| 2 | шаҳри Панҷакент | 10 | 23 | | | | | 86,9 % | 47,6 % |
| 4 | ноҳияи Хуросон | 10 | 21 | | | | | 85,7 % | 42,8 % |
| 34 | ноҳияи Рашт | 10 | 16 | | | | | 87,5 % | 50 % |
| Ҷамъ | 3 | 30 | 60 | | 3 | 4 | | 86,6 % | 46,6 % |

Ҳангоми арзёбӣ дар 3 муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ натиҷаҳои зерин ба даст омад. Баҳои «5» (5 нафар 8,3 %), баҳои «4» (23 нафар 38,3 %), баҳои «3» (24 нафар 40%) ва баҳои «2» (8 нафар 13,3%) гирифта сифатнокии таҳсилот 46,7% ва аз худкунии барномаи таълимӣ аз истилоҳоти мазкур ба 86,6%-ро ташкил дод.

**Ҷадвали №4**

**Натиҷаи ҷамъбасти дониши синфҳои таҷрибавӣ аз фанни химия баъд аз таълимоти истилоҳоти фаннӣ**

| Рақами муассиса | Шаҳр/ноҳия | Синф | Шумораи иштироккунандагон | Баҳо | | | | Азхудкунӣ | Сифати таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| 2 | шаҳри Панҷакент | 8 «А» | 24 | | | | | 100 % | 29,1 % |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | ноҳияи Хуросон | «А» 8 | 2 3 | 1 | | 2 | | 100 % | 30,4 % |
| 3 4 | ноҳияи Рашт | «А» 8 | 1 6 | 1 | | | | 100 % | 37,5 % |
| Ҷамъ | 3 | 3 | 6 3 | 4 | 6 | 7 | | 100 % | 31,7 % |

Аз шумораи 63 нафар хонандаи иштирокдошта, баҳои “5” (2 нафар -3,1%), баҳои “4” (12 нафар-19%), баҳои “3” (49 нафар-77%) баробар аст. Сифати таҳсилот дар синфҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии болозикр 22,2%-ро ташкил дода, азхудкунии барномаи таълимӣ бошад ба 100% баробар мебошад.

Мо дар замони пешрафти технологияи навин, афзудани ахбори илмиву омавӣ, умр ба сар мебарем ва табиист, ки дар ин муҳит истилоҳоти илмӣ ва мафҳумҳо меафзояд. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар як калима истилоҳ шуда наметавонад. Истилоҳ аз калимае ибораест, ки номи ягон мафҳумро дар соҳаи илм, техника, санъат ва ғайра ифода мекунад. Истилоҳ одатан, ду вазифаро иҷро мекунад: аввалан ҳамчун номи мафҳум хидмат мекунад, дуюм, муҳтавои мафҳумро инъикос менамояд. Калима ва истилоҳ муносибати дутарафа доранд, вале як чиз нестанд [2].

Дар хотир бояд дошт, ки агар хонандагон маънои истилоҳот ва мафҳумҳои илмии фанҳои табиатшиносиро аз ҷумла химияро дуруст нафаҳманд, асосҳои илмии онро мувофиқи талаботи стандарту барнома аз худ карда наметавонанд. Барои пурра дарк кардани муҳтавои фанни таълимии химия – асосҳои илмии ин ё он фанро дар хотири доимӣ гирифтани истилоҳоти мафҳумҳои фаннӣ шарт аст.

Истилоҳҳо ё мафҳумҳои фаннӣ ва илмӣ он қадар чизи ғайримуҳиме нест, ки як муҳаррир бо ихтиёри худ вазъу қабул  намояд [7]. Дар аксар китобҳое, ки (химия, физика ва ғайра) барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида мавриди истифода қарор доранд шарҳи истилоҳот аз мадди назари муаллифон дур намондааст. Ҷиҳати комёб шудан ба сифати дониш ҳамчунин истилоҳоти соҳавиро таъмин сохтан шарт аст.

Аз таърих маълум аст, ки халқи тоҷик аз қадим ба илм ва таълиму тарбия эҳтироми хос дошт ва дар тӯли таърих нобиғаҳое ба дунё овардааст, ки дар рушди илми ҷаҳонӣ ва мафҳумҳои он (қонуният, қоида, назарияҳо, теоремаҳо ва ғ.) ҳиссаи бузург гузоштаанд.

Андешаҳои олимони юнони қадим аз қабили Арасту, Суқрот, Гипократ ва дигарон дар бобати таълими мафҳумҳои умумии фанҳои табиӣ (физика, химия, биология, астраномия) дида мешавад. Дар асрҳои миёна, кашфиёту дастовардҳои илмии олимони форсу тоҷик дар соҳаи химия ва дигар фанҳо ба монанди Муҳаммади Хоразмӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Ҷобир ибни Хайён, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва дигарон ба ин масъалаи мафҳумҳои дорои дарки илмӣ доштан дар таълим ва тарбия диққати махсус додаанд. Дар фосилаи чандин аср аз тарафи олимони Аврупо ва дигар кишварҳои олам васеъ истифода шудаанд.

1. *Эксперименти амалӣ - таҷриба, озмоиш ба воситаи маводи моддӣ аз қабили маводи химиявӣ, ё биологӣ ё тавассути асбобҳои физикавӣ.*
2. *Эксперименти назариявӣ – тавассути дарк, коркард, мубодила ва амалкарди мафҳумҳои химиявӣ ё истилоҳоти омӯзиши ин ё он фанни таълимӣ.*

Академик В.Ф. Зуев дар муқаддимаи китоби «Табиатшиносӣ», табиатшиносиро ҳамчун илм ба «салтанати фосилаҳо», «салтанати наботот», «подшоҳии ҳайвонот» ҷудо карда буд. Ақидаи он ин буд, ки хонанда бояд объектҳои табиатро на аз калима, балки аз табиат ё ҳадди ақал аз тасвири он омӯзад.

Ба ин мавзуъ асари олим К. Линней «Системаи табиат» бахшида шуда аст, ки донишҳои заминавии хонандагонро таъмин карда метавонист. Олимони рус – И. Е. Дядковский, П. Ф. Горянинов, А. Н. Бекетов, К. Ф. Руле, И. М. Сеченов, А. О. Ковалевский. В. О. Ковалевский, К. А. Тимирязев, И. И. Мечников ва дигарон низ муҳимтарин принсипҳои назариявии мафҳумҳои фанҳои табиашиносиро асос гузоштаанд [6].

Аз нуқтаи назари таълим дарси муаллим бояд аз талаботҳои идоологӣ (додани дониши амиқу мусаллаҳ, ташаккул додани ҷаҳонбинии материалистӣ, дар руҳияи ватанпарастӣ ва ғайра), талаботҳои педагогӣ (илмият, дастрасӣ, мунтазамӣ, алоқаи назария ба амалия, аёният,вазифаҳои инфиродӣ ва ғайра), талаботҳои психологӣ (равиши дарс дар инкишофи хусусияти идроки психилогӣ, тафаккур, эҷодкорӣ, эҳсос, хоҳиш ва ғайра), таъсири талабот (истифодаи бо самари вақт, хушоҳангӣ, мураттабии сохти дарс, мазмун ва методи таълим), талаботи беҳдорӣ ё беҳдоштӣ (озод будани ҳолати руҳиву

ҷисмонӣ, алоқаи маълумоти назария бо амалия), талаботи асосҳои ҷузъиёти дарс ва ғайраҳо иборат бошад [3].

Тибқи маълумоти ҷадвали Index Nature дар соли 2020 Иёлоти муттаҳидаи Амрико, Хитой, Германия,Британияи Кабир, Ҷопон, Франсия, Канада, Шветсария, Кореяи ҷанубӣ ва Австралия ҷиҳати нишондодҳои баланди илмҳои табиатшиносӣ дар радифи 10 кишвари беҳтарини сайёра мавқеъ пайдо намудаанд. Ба андешаи мо то ба ин сатҳ расидани хонандагон аз шароити хубу муҷаҳҳази таълимии ин ё муассисаи таълимӣ вобастагии амиқ дорад. Ва таълимоти мафҳумҳои химиявӣ дар ин кишварҳо дар адабиёти таълимӣ ба ҳайси аркони асосии таълим арзёбӣ гардидааст.

Таълимоти дилхоҳ илм нофаҳмо боқӣ мемонад агар хонандагон алоқамандии мафҳумҳои илми андухтаашонро бо ҳаёт татбиқ карда натавонанд. Инчунин ҳар як омӯзгор оиди донишазхудкунии хонандагон бояд тадқиқот гузаронад. Чунки айни ҳол қисме аз хонандагон дониши фундаменталӣ надошта, қисми дигари хонандагон аз раҳнамоӣ накардани муаллимон танқисӣ мекашанд. Миқдори ками хонандагон низ ҳастанд, ки аз надоштани хоҳиш ё ҳавсала дарсгурезиро интихоб мекунанд. Забони омӯзиши ин ё он мафҳумҳои фаннӣ низ дар донишазхудкунии хонандагони фанҳои табиӣ нақши созгор мебозад [5].

Агарчи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои асосиро ҷиҳати ноил гардидан ба муваффақиятҳо андешида асту қарору фармонҳои дахлдор аз қабили Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2010, №89), Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотию комуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №443), Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №227), Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021№114), фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон намудани солҳои 2020-2040-ро ба тасвиб расонидааст. Ҳоло ҳам мушкилотҳои зиёди таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавҷуд аст, ки баҳри бартараф шудани онҳо чораҳои зеринро гузаронидан мумкин аст:

- Методологияи фанҳои табиатшиносӣ бояд раванди таълимро дар асоси қонунҳои диалектика ба роҳ монад, зеро ки хонанда дар навбати аввал маълумоти воқеиро ҷамъ мекунад, яъне он фикр ба фарзия, аз фарзия ба исбот, ва сипас ба ҷамъбаст мегузарад;
- Методологияи фанҳои табиатшиносӣ ҳангоми сохтани мафҳумҳои фанни мактабӣ бояд маълумоти психологияи хонандаро аз қабили хотира, диққат, тасаввурот, тафаккур, ирода ва ҳиссиёт ба назар гирифт;
- Талаботи омӯзгорон аксар вақт ба имкониятҳои хонандагон мувофиқат кардан лозим аст;
- истифодаи усули асосии тадқиқот аз ҷумла мушоҳида суҳбат, пурсиш, мусоҳибаро истифода кард;
- таҳияи анкетаи мафҳумҳои умумии арзёбӣ барои донишазхудкунии хонандагон;
- ташкили “Гӯшаи зиндаи табиат” дар назди ҳар як муассисаи таълимӣ;
- ҷиҳозонидани лабораторияҳои фаннҳои табиатшиносӣ аз ҷумла химия ва физика бо маводҳои аввалиндараҷаи озмоишӣ.

Дар аксар китобҳое, ки (химия, физика ва ғайра) барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида мавриди истифода қарор доранд шарҳи истилоҳот аз мадди назари муаллифон дур мондааст. Ҷиҳати комёб шудан ба сифати дониш ҳамчунин истилоҳоти соҳавиро таъмин сохтан шарт аст. Чунки инкишофи мафҳумҳои химиявӣ дар равандҳои мнемоникӣ, тахаюлӣ ва тасаввурӣ ҷаҳонбинӣ ва тафаккури илмии хонандагон ташаккул меёбанд, ки онҳо фаъолияти зеҳниро бой гардонида, ҳамчун боигарии ахлоқӣ ба бунёди ягон чизи нав имконият фароҳам меоваранд. Ҳамин тариқ, дар дарсҳои химия зарурати фаҳмидани категорияҳои фалсафӣ ба миён меояд, ки онҳо имкон медиҳанд имкониятҳои иерархӣ ва аксиологии ҷаҳонбинии хешро аз диди нав бубинанд ва ҳудуди истифодаи донишҳои гирифтаашонро дарк намоянд.

Хулоса, мафҳум ё истилоҳро дар таълим ба калиде тасвир кардан месазад, ки тавассути он боргоҳи маъонӣ, ганҷинаи маънавиёт ва китобу дигар манобеи илмиро бозкушоӣ намуда, маҳаки асосии болоравии сифати таълим дар айни замон маҳсуб мешавад. Ва дарки асоии мақсади таълим маҳз дар мафҳумҳо нуҳуфтааст. Мафҳумҳои химиявӣ низ имкониятҳои зиёдеро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон соҳиб буда, онҳоро барои азхуд намудани донишҳои муосири химиявӣ, рушди хотира ва ғайраро чун манба истифода бурдан мумкин аст. Педагогони муосир ба ҳеҷ ваҷҳ

донишазхуднамуданро бе дарки истилоҳоти ин ё он фан қобили қабул намедонанд. Ва муҳимтарин усули таълими муосир ин дарки истилоҳот маънидод шудааст, ки дар илми муосир сермаҳсул ва сершоха мебошад. Ҷанбаҳои он аз ҷониби муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

## АДАБИЁТ:


1. The didactical aspects of integratednatural science content model forsecondary school education // Journal of Teacher Education for Sustainability.: Latvia.- Vol. 9.- 2008. P. 45-57
2. International Journal of Evaluation and Research in Education (IJERE) Vol. 10.-№ 1.-2021, P. 48-56
3. Қурбонова М.З., Қобилов Н.Қ., Рустамов М.Ғ., Абдурасулова Р.Т Нақши мавзӯи "Молекулаҳо ва атомҳо" дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмию диалектикии донишҷӯён//Вестник таджикского национального университета (серия гуманитарных наук).№5. 2021, ISSN2413-452X. С. 240-245с
4. Холмурод Буйдоқов "Дарс".- Душанбе .-1992.- 46 с.
5. Курбонова М.З., Меликов Б.Х., Абдурасулова Р.Т. и др. Использование активных методов обучения химии для развития личности учащихся// Педагогический журнал. 2021. Т.11. №5-1А., Москва.: Ногинск. С. 148-154.
6. Р. Мирбобоев, Х. Зиёев, С. Қосимӣ, Б. Бадалов. "Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ". Душанбе: маориф, 2016. 192 саҳ.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф- асоси таҳкими аркони давлат. Мураттиб: Абдусамади Мулло. Душанбе – 2009.234 саҳ.
8. Низомзода М.М.,Одинаев С.А., Аловдинова Ш.А, Курбонова М.З. Дарки дурусти истилоҳоти химиявӣ-яке аз омилҳои асосии донишазхдкунии хонандагон. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи "Рушди илмҳои химия, технология ва экология" бахшида ба 20-солагии таъсисёбии кафедраи "Технология ва экологияи химиявӣ" ва "Бист солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" (12-13 –уми майи соли 2023), Душанбе-2023. Саҳ. 240-242.
9. Стандарти фанни «Химия» барои синфи VIII. Мураттибон, Ҳакимхоҷаев С.Н., Иброҳимов Ҳ. Душанбе - 2018.
10. У. Зубайдов, С. Холназаров. Методикаи таълими химия. Душанбе -2016.
11. Ҷ. Булбулов. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеъият, махсусият, андешаҳо. Хоруғ.- 2011.180 саҳ.
12. Лутфулло Солиев. Донишномаи химия. Душанбе – 2016. 415 саҳ.
13. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Истилоҳоти забоншиносӣ ва мавқеъи онҳо дар китобҳои дарсии забони тоҷикии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ" (аз 9-уми апрели соли 2021.ш. душанбе, "Маориф", 2021. 108 с).
14. Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2022, №165.


## НАҚШИ МАФҲУМҲОИ ХИМИЯВӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ХОНАНДАГОН


Мафҳум ҷузъи асосӣ ва таркибии дилхоҳи назарияи дониш ба ҳисоб рафта, заминаи донишҳои фундометалиро бунёд мегузорад. Тибқи таҳлили педагогони классик ва муосир шарҳи мафҳум барои хонандагон аз касбияти баланди омӯзгор дарак дода, роҳи ба муваффақият ноилгардидани таълимгирандагон маҳсуб мешавад. Мафҳумҳои химиявӣ низ имкониятҳои зиёдеро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон соҳиб буда, онҳоро барои азхуд намудани донишҳои муосири химиявӣ, рушди хотира ва ғайраро чун манба истифода бурдан мумкин аст. Рушди зеҳн ва хотираи хонандагон дар раванди таълими химия яке аз вазифаҳои асосии рушди фаъолияти таълимӣ маънавӣ ва шахсияти хонандагон ба шумор меравад.

Аз нуқтаи назари муаллифон дарси муаллим бояд аз талаботҳои идоологӣ (додани дониши амиқу мусаллаҳ, ташаккул додани ҷаҳонбинии материалистӣ, дар руҳияи ватанпарастӣ ва ғайра), талаботҳои педагогӣ (илмият, дастрасӣ, мунтазамӣ, алоқаи назария ба амалия, аёният,вазифаҳои инфиродӣ ва ғайра), талаботҳои психологӣ (равиши дарс дар инкишофи хусусияти идроки психологӣ, тафаккур, эҷодкорӣ, эҳсос, хоҳиш ва ғайра) ва ғайраҳо иборат бошад.


**Калидвожаҳо:** *мафҳум, маҳорат, тафаккур, тадаббур, эҷодкорӣ, ихтироъкорӣ руд, қобилият, зеҳн, ҳадаф, истеъдод, таҳсилот.*

## РОЛЬ ХИМИЧЕСКИХ ПОНЯТИЙ В ФОРМИРОВАНИИ ЧИТАТЕЛЬСКОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ

Концепция считается основным и неотъемлемым компонентом теории познания и закладывает основу фундаментального знания. Согласно анализу классических и современных педагогов, разъяснение понятия учащимся свидетельствует о высоком профессионализме учителя и считается способом достижения успеха учащихся. Химические понятия также имеют много возможностей в развитии научного мировоззрения учащихся, могут быть использованы как источник для усвоения современных химических знаний, развития памяти и т.д. Развитие интеллекта и памяти учащихся в процессе обучения химии является одной из основных задач развития учебно-духовной деятельности и личности учащихся.

С точки зрения авторов, урок учителя должен строиться на идеологических требованиях (обеспечение глубоких и вооруженных знаний, формирование материалистического мировоззрения, в духе патриотизма и др.), педагогических требованиях (научность, доступность, регулярность, связь между теорией и практикой, наглядность, индивидуальные задания и др.) психологические требования (подход занятия в развитии особенностей психологического восприятия, мышления, творчества, чувства, желания и др.) и т.д.

**Ключевые слова:** *понятие, умение, мышление, инициатива, творчество, изобретательность, способность, интеллект, цель, талант, образование.*

## THE ROLE OF CHEMICAL CONCEPTS IN THE FORMATION OF READERS' WORLD VIEW

The concept is considered the main and integral component of the theory of knowledge and lays the foundation for fundamental knowledge. According to the analysis of classical and modern teachers, explaining the concept to students indicates the high professionalism of the teacher and is considered a way to achieve student success. Chemical concepts also have many opportunities in the development of the scientific worldview of students; they can be used as a source for mastering modern chemical knowledge, developing memory, etc. The development of the intellect and memory of students in the process of teaching chemistry is one of the main tasks for the development of educational and spiritual activity and the personality of students.

From the point of view of the authors, the teacher's lesson should be based on ideological requirements (providing deep and armed knowledge, the formation of a materialistic worldview, in the spirit of patriotism, etc.), pedagogical requirements (scientific nature, accessibility, regularity, connection between theory and practice, visibility, individual tasks etc.) psychological requirements (the approach of the lesson in the development of the characteristics of psychological perception, thinking, creativity, feelings, desires, etc.), etc.

**Key words**: *concept, skill, thinking, initiative, creativity, inventiveness, ability, intelligence, goal, talent, education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Муҳибулло Низомзода- докторанти (PhD)-и кафедраи усули таълими химияи факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хиёбони Рӯдакӣ 17. ш. Душанбе. 989-78-77-70. mukhibullo.nizomzoda@mail.ru*.

**Информация об авторе:** *Мухибулло Низамзода – докторант (PhD) кафедры методики преподавания химии химического факультета Национального университета Таджикистана, пр. Рудаки, 17. Душанбе. 989-78-77-70. mukhibullo.nizomzoda@mail.ru.*

**Information about the author:** *Muhibullo Nizamzoda - doctoral student (PhD) of the Department of Chemistry Teaching Methods, Faculty of Chemistry, National University of Tajikistan, 17 Rudaki Ave. Dushanbe. 989-78-77-70. mukhibullo.nizomzoda@mail.ru.*

## МАВҚЕИ ИСТЕЪМОЛИ ПЕШВАНДГУНАҲОИ ПУР- ВА ХУШ- ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

***Амлоев А. Я.***

**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон**

***Шаҳнозаи Т.***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Аз давраҳои қадим дар таърихи забони тоҷикӣ роҳҳои гуногуни калимасозӣ маъмулу машҳур аст. Чӣ тавре сарчашмаҳои гуногуни илмиву адабӣ гувоҳӣ медиҳанд, ниёгони мо барои фасеҳу балиғ баён намудани андешаашон аз роҳҳои самарабахши калимасозии забони тоҷикӣ истифода бурдаанд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ мавқеи морфемаҳои калимасоз бағоят бузург аст.

Роҷеъ ба нақши калимасозӣ дар ташаккулу таҳаввули таркиби луғавии забон дар асарҳои гуногуни илмиву адабӣ аҳли илму адаб суханҳои пурарзиш гуфтаанд [4, 85; 5, 25; 7, 107; 9,195; 10, 18; 11, 143; 12, 6; 15, 224].

Забоншиноси варзида Ғоиб Мирзоев дар маҷмуаи мақолаҳояш таҳти унвони «Хӯшае чанд аз хирмани сухан» доир ба нақши калимасозӣ дар пайдоиши луғатҳои нав чунин қайд кардаанд: «Нақши калимасозӣ низ дар пайдо шудани луғатҳои нав муҳим аст. Ба ин восита аз ҳисоби калимаҳои решагӣ, ки фонди асосии забони миллии тоҷикиро ташкил мекунад, калимаҳои нав пайдо шуда, таркиби луғавии забон такмил меёбад» [6, 103].

Амлоев А. Я. дар монографияи илмиаш таҳти унвони “Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев” аҳаммияти калимасозиро дар рушду инкишофи таркиби луғавии забон нек арзёбӣ кардааст [2, 107].

Дар забони адабии тоҷикӣ як гурӯҳ калимаҳои решагӣ дар сохтани калимаҳо серистеъмол буда, аз ҷиҳати вазифа ва ифодаи маънои луғавию грамматикӣ ба пасвандгуна ва пешвандгунаҳо шабоҳат доранд.

Забоншинос Ш. Бобомуродов ба ин гурӯҳ калимаҳои **хуш, пур, сер, бад, ранг, сар, дил,** асосҳои феъли **овар, ангез, дор, бахш, омез, шинос, соз, бозро** зикр намуда, компонентҳои сермаҳсули исмҳою сифатҳои мураккаб меҳисобад [3, 10].

Дар китоби “Забони адабии ҳозираи тоҷик” низ доир ба калимасозии сифатҳои мураккаб ва роҳҳои сохташавии онҳо маълумоти муфид дода шудааст [8, 200].

Устоди каломи бадеъ, сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он адибони рангинхаёлу борикназарест, ки дар эҷодиёти оламгираш аз тамоми имконоти роҳҳои калимасозии забони тоҷикӣ моҳирона истифода кардааст. Асари безаволи ӯ – «Ёддоштҳо», ки дар таърихи адабиёти советии тоҷик ҳамчун энсклопедияи миллати тоҷик шинохта шудааст, аз ҷумлаи он асарҳоест, ки дар он нависандаи соҳибзавқ усулҳои гуногуни калимасозиро истифода намуда, калимаҳои мураккаби гуногунмаъно сохтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар асари мавриди таҳқиқ қарор гирифтаи устод Садриддин Айнӣ ҷойгоҳи пешвандгунаҳои калимасози **пур-** ва **хуш-** назаррас аст. Дар мақолаи мазкур мо пеши худ мақсад гузоштем, ки дар хусуси мавқеи пешвандгунаҳои калимасози мазкур дар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ маълумот диҳем.

Калимаҳои **пур** ва **хуш** аз ҷумлаи пешвандгунаҳое мебошанд, ки дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар сохтани сифатҳои мураккаб серистеъмоланд. Вожаи **пур** дар сохтани сифатҳои мураккаб фаровон истифода мегардад.

Бо ин пешвандгуна, асосан, сифатҳои мураккаб сохта мешаванд.Дар объекти тадқиқотии мо ба ин пешвандгуна **40** вожа сохта шудааст. Чунончи: **пурмева, пурзӯр, пурбарф, пуроб, пуртантана, пурҷав, пурқувват, пурҳавл, пурдаҳшат, пуртаҳлука, пурлофубод, пурҳикмат, пуртоқат, пурмуболиға, пурмалол, пурхумор, пуроташ, пурҳашамат, пурқобилият, пурдон, пурниёз, пурнур, пурбод, пурфоҷиа, пурҷӯш, пурхун, пуршаҳлут, пурғуза, пурмаъно, пуршир, пургул, пуршафкат, пурдард, пуршикан, пурқимат, пуризтироб, пурравған, пурдида, пуришваву ноз, пургӯшт** ва ғайра.

**Чунончи**: Назар ба тасаввур ва тасвири Мулло Вафо, маъшуқаи ояндаи ӯ расоқомат, сафедбадан, борикмиён, ғунчадаҳон, ранги рӯяш гандумгуни ба сафедӣ моил, чашмонаш сиёҳи обдори **пуришвавуноз**, мижгонҳояш дарози нӯгхамида, абрувонаш сиёҳи тӯсии нӯгтез, гӯшҳояш лолаи нав шукуфтагӣ барин тару тоза, баёзи гарданаш дарози сафеди дилрабо, мӯйҳои сиёҳмушкинаш то хамгашти зонуяҳояш дароз буд ва ҳоказо [1, 356].

Дар мисоли зикршуда муаллиф санъати сифатчиниро ба кор бурдааст. Калимаи **расоқоматро**, ки муродифи ибораи қоматаш расо аст, ба мушоҳида расид. Калимаи **пуришвавуноз** дар осори нависанда серистеъмол буда, дар эҷодиёти адибони дигар камистеъмол аст.

Калимаи **пурнақшунигор** аз ибораи пешояндии **пур аз нақшу нигор** сохта шудааст: Аҳмад – махдум бо кадом роҳе, ки бошад, бо соҳиби ин ҳавлӣ алоқа пайдо карда, дар лаби рӯд як хонаи **пурнақшунигор** бино карда буд… [1, 291] …Яъне то вақте ки ба баромадани офтоб якуним соат монда бошад, ба кӯча баромаданашон расман номумкин ва ба хонанишинӣ маҳкум буданд, ин имкони озодгардӣ фурсати ғанимат ва неъмати **пурқимат** ба шумор мерафт [1, 573].

Дар асар калимаи **пурбод** ва **пургӯшт** зикр шудааст, ки бо ин қолаб дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ қариб истеъмол намешавад. Калимаҳои **пур+бод** ва **пур+гӯшт** аз сифату исм таркиб ёфтаанд. Калимаи **пургӯшт** муродифи калимаи **сергӯшт** аст. Он аз ибораи вобастагии **пур аз гӯшт** таркиб ёфта, ин тарзи изҳори матлаб ё баёни мақсад ба услуби хосси нависанда вобаста аст: Вақте ки ба наздикии

фӯта расид, монанди ҳаппаки **пурбод** худро боло ҳаво дода аз болои фӯта баробари сари фӯтадорон аз баландӣ гузашта, бо ду пойи худ дар замин қарор гирифт ... [1, 167]. Қади ин ҷавон пасттар, баданаш **пургӯшт** ва рӯяш гандумгуни ба сабзӣ моил менамуд [1, 399].

Дар ҷумлаи дигар калимаи **пурғаразона** омадааст, ки аз сифати **пур**, исми маънии **ғараз** ва пасванди **-она** сохта шуда, имрӯз камистеъмол аст. Калимаи **пурғаразона** бо калимаи **ғаразнок** ҳаммаъност, вале аз ҷиҳати тобиши маъно фарқ дорад. Калимаи **ғаразнок** дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ"чунин маънидод шудааст: **ғаразнок** - ғараздор, баднийят, бадқасд: одами ғаразнок. 2. бадхоҳона, муғризона [13, 375]. Аммо вожаи **пурғаразона** шахси нияташ ниҳоят бадро мефаҳмонад. Пешвандгунаи **пур**- бо пасванди сифатсозӣ -нок ва пешванди бомуродиф шуда метавонад: **пурғараз// ғаразнок// боғараз**. Ҳеҷ гоҳ қозикалон бо тӯҳмати хушки **пурғаразона** маро ҳабс намекунад... [1, 525].

Дар ҷумлаи зерин сифатҳои **пуробила** ва **пурдиққатона** корбаст шудааст, ки **пуробила** маъмул, вале вожаи **пурдиққатона** имрӯз дар ин қолаб истеъмол намешавад. Ба ҷойи он калимаи **бодиққат** истифода мешавад, ки дар ҳамаи услубҳои забон баробар истифода мегардад.

Калимаи **пурдиққат** хосси услуби нависанда буда, аз ҷиҳати тобиши маъноӣ аз вожаи **бодиққат** фарқ мекунад. Бодиққат - диққаткорона; тамоми диққатро ба як нуқта равона кардан; ҳама тан чун гӯш шудан [15, 375], **пурдиққат** аз ҳад зиёд эътибор додан ба чизе мебошад: Қади ӯ миёна бошад ҳам, химча ва рост, рӯяш **пуробила** бошад ҳам, доим тару тоза, чашмаш тангтар бошад ҳам, ҳамеша бо нигоҳи **пурдиққатона** пур, ришаш майгунтоб бошад ҳам, аз бисёрии собуншӯйӣ ва шонazанӣ тор-тор аз ҳам ҷудо шуда, чун лоси абрешим як навъ тобандагии ба худ махсус дошт [1, 431]).

Чун дидам ҳар боре, ки аз кисааш пул мебароял, ҷонаш ҳам аз даҳонаш баромадан мехоҳад, ба афту башараи **пуризтироби** мӯйсафед раҳмам омада, 25 сӯмро рад накарда ором истодам [1, 265]. Пеш аз ҳама, пеш аз исбот кардани муддаои худ бо далелҳои мувофиқи мантиқ, тарафи мунозирараро бо суханони **пуристеҳзои** худ тарсонида гирифтан аст…[1, 425]. Дар ҷумлаҳои зерин дар ин қолаб калимаҳои **пуризтироб** ва **пуристеҳзо** қайд шудаанд, ки калимаи **изтироб** дар ФТЗТ чунин шарҳ ёфтааст: изтироб - ҳаяҷони сахт, беқарорӣ, ошуфтагӣ; боизтироб дар ҳолати ҳаяҷон, мушавваш; ба (дар) изтироб андохтан мушавваш кардан, ба ҳаяҷон овардан; дар изтироб будан дар ташвиш будан; [13, 539].

Дар мисоли боло калимаи пуризтироб омада, ки бо калимаи боизтироб ҳаммаъно шуда наметавонад. Калимаи **пуризтироб** изтироби беҳад доштанро мефаҳмонад. Имрӯз бештар дар қолаби **боизтироб** корбаст мегардад. Калимаи дигар **истеҳзо** аст, ки дар луғатномаҳо чунин шарҳ ёфтааст: истеҳзо а. масхара кардан. 2. ришханд кардан; ришханд, тамасхур, лабханди масхараомез; истеҳзо кардан ришханд кардан, писханд задан. Имрӯз дар ин қолаб кор бурда намешавад [13, 558].

Дар ҷумлаҳои зерин калимаҳои **пуристеъдод**, **пурриш**, **пурчин** истифода гардидааст, ки ба ҷойи онҳо имрӯз муродифҳои онҳо боистеъдод, истеъдоднок, серриш, серчин бештар истеъмол мешаванд. Лекин ӯ даромади худро монанди дигар хоҷагони ҷӯборӣ дар роҳҳои беҳуда сарф нанамуда, дар роҳи таҳсили камол сарф кард, ҳатто якчанд талабагони **пуристеъдодро**, аз ҷумла Шамсиддинмахдуми Шоҳинро ба харҷи худ тарбия карда, ба воя расонид [1, 424]. Ранги рӯйи сиёҳчатоби пурриш, абрувони барроқи **пурчин** ва чашмони барқнигоҳи хашмолуди ӯ бовазъияти девонагиаш ба дили бинанда як навъ даҳшат ва бим меандохт [1, 271]. Дар ҷумлаҳои зерин нависанда вожаҳои **пуркор**, **пурлофубод**, **пурмалол** кор фармудааст, ки имрӯз аз истеъмол баромадаанд, ба ҷойи калимаҳои мазкур муродифҳои луғавиии онҳо ба мисли: **пуркор // серкор**, **пурлофубод // лофзан**, **пурмалол // малолнок // бомалол** истифода мегарданд. Чунончи: Аъзои ин оила ҳама корӣ ва **пуркор** буда, дар ҳамон шабҳои кӯтоҳи тобистон дар торикии рӯз каланд, дос ва белчаҳои сабзавотхишовакуниро ба дастҳо гирифта, ба киштзор мерафтанд [1, 365]. Дар охири кор Истами Хархӯр ном як харбози **пурлофубод** ба майдон даромад [1, 87]. Ин аҳволи **пурмалол** вабои умумӣ ва муромурӣ буд [1, 109]. Бинобар ин мо ҳам бо дилҳои кашол аз он базмхонаи **пурмалол** баромада рафтем [1, 474].

Таҳлили мисолҳои гирдоварда нишон медиҳад, ки нависанда барои характери ашёҳо, ҳодисаву одамонро воқеӣ ва муассир тасвир намудан аз тамоми имкониятҳои калимасозии забони тоҷикӣ моҳирона истифода бурдааст.

Дар ҷумлаҳои зерин сифатҳои **пур+натиҷа, пур+одоб, пур+озор** истифода гардидаанд, ки аз пешвандгунаи **пур-** ва исмҳои маънии **одоб, озор, натиҷа** таркиб ёфтаанд. Сифатҳои мазкур имрӯз дар ин шакл истеъмол намегарданд. Дар забони адабии муосир ба ҷойи онҳо вожаҳои **бонатиҷа, натиҷанок, боодоб, боодобона, озурда, озурданок, озорнок** истеъмол мешавад, ки аз ҷиҳати тобиши маъно тафовут доранд. Пешвандгунаи пур- маъниро таъкид менамояд: Дар ҳақиқат ҳам муроҷиатам ба ӯ барои ман **пурнатиҷа** баромад ва ӯ сабаби ҷудоиро бо тафсил гуфта дод [1, 435]. …Домод ин ҳаракати ӯро ба бетаҷрибагӣ ва хурдсолиаш ҳамл карда, ба дили худ гарон нагирифт ва аз ҷояш хеста,

ба паҳлӯи арӯс рост истода бо ду дасти **пуродоб** хост, ки пардаро аз рӯйи ӯ бардорад... [1, 360]. Дару деворҳое, ки онҳо барои тасаллӣ ёфтан ва таскин додани дили хоришдори пурозорашон худро ба он зада метавонистанд, танҳо ҳавлии қозикалон буд (1, 508).

Дар ҷумлаи зерин вожаи пуртақсир омада, ки ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ мансуб аст.…Ин фақири **пуртақсир** (пуркӯтоҳӣ- пургуноҳ) ҳар чӣ ёфтам, аз шарафи хокрӯбаи мазори пуросори имом Қутайба ёфтам [1, 348].

Нависанда дар ин қолаб сифатҳои **пурфоида**, **пурҷасорат**, **пурҷингиларо** барои таъсирбахш баён кардани матлаб, инъикос намудани симои персонажҳояш ба кор бурдааст. Калимаҳои мазкур имрӯз камистеъмол ё ба гурӯҳи калимаҳои кӯҳнашуда дохил шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик пасвандҳои сифатсози **-нок** ва **-манд**, пешванди сифатсози **бо-** ҳамчун муродифи пешвандгунаи **пур-** як вазифаи дастуриро иҷро мекунанд: **пурфоида // фоиданок, бофоида, пурҷасорат // ҷасоратнок, ҷасоратманд, боҷасорат, пурҷингила // ҷингиланок**. Аммо, агар дар мактаб ва мадрасаҳои мо дарси забон мебуд ...дар он вақт машғулияти шуморо **пурфоида** гуфтан мумкин буд [1, 496]. Чӣ гуна **пурҷасорат** ва озодгард будани аробакашони файзободиро воқеаи зерин ба хубӣ исбот мекунад [1, 503]. ... риши зарди **пурҷингилаи** намадвор пахшхӯрдааш ба дастори каловамонанд печонидашудааш ба хӯсаи киштзорҳо шабоҳат дошт …[1, 326]. Вожаҳои **пуршикан**, **пуршохлут** дар асар омада, ки вожаи **пуршикан** ба маънои **пурчин, пурхам, пургиреҳ, пурпечутоб;** 2. **пуроҷинг** зикр ёфтааст [15, 130]. Ин вожа бештар дар адабиёти классикӣ кор фармуда мешуд. Вожаи шоҳлутро нависанда чунин шарҳ медиҳад: «Шоҳлут – номи як навъ таоме, ки гӯшти кӯфтаи бо кабудиҳо ва ё дорувории хушбӯ омехтаро ба порчаҳои чарбӯи гӯсфанд печонида мепазанд» [1, 664]. Пуршохлут имрӯз ба гурӯҳи калимаҳои кӯҳна шомил гардида, аз байн рафтааст. Як қисми он мӯйҳои марғуладори **пуршикан** аз ду тарафи рӯйи он парисимо ба каноराш фурӯ афтода, симои ӯро ҳақиқатан ҳам ба парии афсонавӣ монанд карда буданд [1, 258]. …Дар дасти баъзе аз онҳо лаганҳои пур аз калла-поча, дар дасти баъзе лаълии **пуршохлут** ва ҳасиб, дар дасти баъзеи дигар дег ва кӯраи тухмбаракпазӣ ва монанди инҳо буд [1, 208].

Ҳамин тариқ, пешвандгунаи **пур-** дар калимасозии сифатҳои мураккаб дар асари мазкур мавқеи махсус дошта, нависанда дар ин қолаб бо истифода аз меъёрҳои калимасозии анъанвӣ як қатор калимаҳое сохтааст, ки аз як тараф таркиби луғавии забони тоҷикиро бой сохтаанд, аз тарафи дигар бошад, услуби вижаи суханпардозии нависандаро ба тарзи возуҳу равшан ошкор мекунад.

Пешвандгунаи дигаре, ки мо дар мақола мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем, пешвандгунаи **хуш-** мебошад. Ин пешвандгунаи дар сохтани калимаҳои мураккаб серистеъмол буда, асосан исм ва сифат месозад. Дар "Ёддоштҳо" бо пешвандгунаи мазкур 22 калима сохта шудааст. Чунончи: **хушҳаво, хушхат, хушзабон, хушмуомила, хушпул, хушбахт, хушрӯ, хушнамо, хушсавод, хушбӯй, хушвақт, хушовоз, хушхон, хушгап, хушхӯр, хушзеҳн, хушҳавсала, хушсурат, хушлибос, хушнавис, хушҳол, хушбор.**

Маънии аслии калимаи **хуш-хуб, нек; зебо**, **дилкаш**, **гуворо**, **ширин**, **форам**, **шод**, **хурсанд**, **хуррам** буда, ба маънии маҷозии **бисёр**, **хеле**, **басе** корбаст мешавад [14, 512]. С. Айнӣ аз ин усули калимасозӣ самаранок истифода намуда, бад-ин васила суханро зебу зинат бахшидааст. Дар мисоли зерин калимаи **хушпул** кор бурда шуда, ки ин калима дар бештари луғатномаҳо зикр наёфтааст. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ба маънои **серпул**, **пулдор** шарҳ ёфтааст [13, 469]. Чунончи: Духтар аз ин гапҳо пай бурдааст, ки ҳеҷ гоҳ падару модараш ӯро ба Ятим нахоҳанд дод, онҳо дар ҷустуҷӯи ягон домоди **хушпул** мебошанд, ки ӯро бо баҳои тамом ба вай фурӯшанд [1, 49].

Дар ин қолаб калимаҳои **хуш+ҳаво, хуш+либос, хуш+бӯй, хуш+забон, хуш+гап, хуш+борӣ, хуш+хӯр** ва ғайра сохта шудаанд, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ баъзе дар ин қолаб мавриди истеъмол қарор гиранд, қисми дигар камистеъмол буда, дар услуби бадеӣ пайи истифода қарор доранд. Дар ҷумлаҳои зерин калимаҳои **хуш+намо**, **хуш+бӯй, хуш+хон** ба кор бурда шудаанд. Нақшҳои кандакории вай чунон нозук ва **хушнамо** буданд, ки гӯё наққошони забардаст бо қалами мӯин дар коғаз он нақшҳоро кашида бошанд [1, 65]. Агар ҷои тамошо ҳамон чойхонаҳо ва ошхонаҳо бошанд, беҳтарини инҳо ва озодатаринашон дар растаҳои худи Ғиҷдувон ёфт мешаванд, ки ҳар рӯз кушода буданд, ҳатто чойхонаи бозорчаи сари пули Эшон, ки ба ҳавлии мо наздик буд, аз ин чойхонаҳо хубтар, **хушнамотар** ва ба сабаби пешаш сарҳавздор ва дарахтзор будан аз инҳо **хушҳавотар** буд [1, 124]. Инҳо ҷавонони **хушбахти хушвақт** мебошанд [1, 122]. Аз он ҷо ба хонаи Усто амак рафтам. Дар ҷои он одами **хушвақти** чақчақии боғайрат як одами ба мурдан наздикрасида мехобид, ки қувваи гап задан надошт [1, 293]. Ҳар дуи онҳо ҳам пур аз гулҳои навшукуфта буданд ва гули ҳар дуи онҳо ҳам **хушбӯй** буд [1, 95].

Калимаи **хушбахт**, аз пешвандгунаи **хуш-** ва исми **бахт** таркиб ёфта, ба маънии дар зиндагӣ комёб, сарфароз истифода мегардад: Ин **хушбахтӣ** дар ман ба ин тариқа рӯй дода буд: дар рӯзҳои тутпазӣ рӯзе хӯҷаинони ман, муллоҳое, ки ман дар онҳо ошпазӣ мекардам, хостанд, ки ҷое рафта тут хӯранд [1, 269].

Дар осори нависанда калимаи **хуш** бо синонимҳои **рӯй**, **сурат** васл гардида, калимаи нав сохтааст, ки маънии ҳусни инсонро бо обуранги ҳиссии мусбат ифода мекунанд: Духтарони дигар дар байни худ аз **хушрӯии** Ҳабиба ва Қутбия гап мезаданд, баъзеи онҳо Ҳабибаро **хушрӯйтар** медонистанд ва баъзеашон Қутбияро [1, 93].

Бояд зикр намуд, ки пешвандгунаи **хуш-** дар осори нависанда серистеъмол буда, дар ин қолаб аз ҳиссаҳои нутқ исм бештар истифода мегардад: **хуш+забон, хуш+муомила, хуш+савод, хуш+ҳаво, хуш+либос, хуш+гап, хуш+зеҳн** ва ғ. истифода гардидаанд, ки баъзеи ин вожаҳо дар ин қолаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик кор фармуда намешаванд.

Чунончи: Дар ин мунозираҳо на танҳо ҳамон 5 протсент **хушзеҳнон**, балки ҳамаи шогирдон иштирок мекарданд [1, 234]. ...ин китобчае буд, ки яке аз шоирони бекормондаи **хушҳавсалаи** Ҳиндустон бо усули «байтбарак» барои ҳар ҳарфи алифбои араб як ғазал гуфта вайро тартиб додаст [1, 248]. Духтарак ҳам ба ин ҷавони **хушзабони** меҳрубони **хушмуомила** муҳаббати покдилона монда, аз вай ҷудо шудан ва як нафас бе ӯ монданро намехостааст [1, 93]. Падарам мегуфт, ки «падари Ҳабиба имоми деҳаи худ буда, аз хушсаводтарин имомҳои он давру пеш аст ва духтарашро худ хононда, соҳиби хату савод кардааст», аммо ӯ ҳайрон буд, ки чаро падараш вайро дар он ҷо барои хондан фиристодааст ва дар пеши зани хатиб ӯ чӣ чизи барзиёд меомӯзад? [1, 92]

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” вожаи **хушзеҳн – бозаковат**, **боақлу хуш, тезфаҳм** маънидод шудааст [14, 513]. Аммо вожаи **хушсавод** дар луғатномаҳо ба назар нарасид. Вожаи мазкурро нависанда ба маънои **шахси босавод, саводнок** истифода намудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки пешвандгунаи **хуш-** бо пешвандҳои **бо- ба-** ва пасванди **-нок** аз рӯйи вазифаи дастуриаш хусусияти ҳамвазифагӣ дорад. Чунончи: **хуш+савод** // **саводнок**, **босавод**, **басавод**; **хуш+муомила** // **бамуомила**. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, пешвандгунаи **хуш-** ҷойи худро то як дараҷа ба дигар унсурҳои калимасоз дода, дар ҷараёни калимасозӣ кам мавриди истифода қарор мегирад. Устоди каломи бадеъ – С. Айнӣ барои ҷазобу дилкаш баён намудани образҳои бадеӣ ва воқеаву ҳодисаҳо аз рӯйи имкониятҳои калимасозӣ бо услуби вижаи ба худ хос суханпардозӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, пешвандгунаи **хуш-** дар асари тарҷумаҳолии С. Айнӣ – “Ёддоштҳо” нақши фаъол дошта, аз ҳисоби ҳиссаҳои гуногуни нутқ як қатор сифатҳои мураккаб сохтааст, ки баъзеяшон хусусиятҳои фардии услуби нависандаро дар роҳи калимасозӣ муайян сохта, назирашон дар осори дигар нависандагон бо нудрат ба чашм мерасанд.

## АДАБИЁТ:


1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2009. – 404 с.
2. Амлоев А. Я. Калимасозии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев. – Душанбе, 2016. – 152 с.
3. Бобомуродов Ш., Муминов А. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ. – Душанбе, 1983. – 120 с.
4. Бойматова Н. К. Семантическое поле концепта “красата” в таджикской и анлийской лингвокультурах. – Душанбе, 2021. – 152 с.
5. Г. Мирзоев. Суффиксальное словообразование в современном таджикском языке – Душанбе: «Дониш», 2018. – 184 с.
6. Ғоиб Мирзоев. Хушае чанд аз хирмани сухан. – Душанбе: «Промэкспо», 2018. – 244 с.
7. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. (Фароҳамоварандагон Д. Хоҷаев, Н. Ф. Қурбонов, О. М. Додаров) – Душанбе, 2017. – 320 с.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Қ. 1. – Душанбе, 1973. – 452с.
9. Камолов Х. М. Мавқеъ ва корбурди сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Забон – рукни тоат, 2017, № 9. С. 188 – 197.
10. Камолова Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмуъ-ут-таворих». – Душанбе, 1974. – 92 с.
11. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 2003. – 490 с.

12. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972.- 77с.
13. 216. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008.Ҷ.1 – 949с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. -М., 1969.-951с.
15. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. – Душанбе, 2013. –344 с.

## МАВҚЕИ ИСТЕЪМОЛИ ПЕШВАНДГУНАҲОИ ПУР- ВА ХУШ- ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи нақши калимасозии пешвандгунаҳои **пур-** ва **хуш-** дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Мавзуе, ки дар мақола баррасӣ шудааст, аз нигоҳи илмӣ актуалӣ буда, то имрӯз мавзуи мазкур мавриди таҳқиқи алоҳида сурат нагирифтааст.

Дар мақола пеш аз нишон додани доираи истеъмоли пешвандгунаҳои пур- ва хуш- сараввал бо истифодаи сарчашмаҳои илмиву адабии асрҳои гузашта сайри таърихӣ намуда, вазифаҳои дастурии пешвандгунаҳои мазкурро бо овардани далелҳои арзишманд баён кардааст.

Дар баробари ин роҳҳои калимасозии пешвандгунаҳои мазкурро дар осори илмии олимону донишмандони замони муосир дида баромада, ҷойгоҳи пешвандгунаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро дар замони муосир аз диди муҳаққиқон баррасӣ кардаанд.

Азбаски мавзуи асосии мақоларо омӯзиш ва баррасии пешвандгунаҳои **пур-** ва **хуш-** дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ташкил мекунад, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқи моҳияти асосии масъала мақоми пасвандҳои мазкурро дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ нишон додааст.

Дар баробари таҳлили маводҳои адабӣ доир ба истифодаи пешвандгунаҳои таҳқиқшаванда маълумоти оморӣ додааст. Баъд аз баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳимми баррасишаванда муаллиф дар хулоса нақши устод Айниро дар офаридани калимаҳои нави бо ин пешвандгунаҳо сохташуда, ки бевосита ба услуби фардии нависанда хос аст, нишон додааст.

**Калидвожаҳо**: *калимасозӣ, пешвандгуна, пешванди калимасоз, ташаккул, забоншиносӣ, забоншинос, луғат, сарф, наҳв, забони тоҷикӣ.*

## РОЛЬ УПОТРЕБЛЕНИЯ ПРЕФИКСАЛЬНЫХ МОРФЕМ ПУР- И ХУШ- В «ВОСПОМИНАНИЯХ» САДРИДДИНА АЙНИ

Статья посвящена изучению и исследованию роли словообразования префиксальных морфем пур- и хуш- в «Воспоминаниях» Садриддина Айни. Тема, обсуждаемая в статье, актуальна с научной точки зрения и до сих пор не являлась предметом отдельного исследования.

В статье, прежде чем показать сферу употребления префиксальных морфем пур- и хуш- сначала используя научные и литературные источники прошлых столетий, он с ценными доказательствами объяснил обучающие функции этих префиксов.

При этом они рассмотрели формулировки этих префиксальных морфем в научных трудах учёных и исследователей современной эпохи, а также рассмотрели место исследуемых префиксов в новейшее время с точки зрения исследователей.

Поскольку основной темой статьи является изучение и обзор префиксов пур- и хуш- в «Воспоминаниях» Садриддина Айни, автор в процессе исследования основной сути вопроса показал статус этих окончаний в «Воспоминания» мастера Айни.

Наряду с анализом литературных материалов он предоставил статистические сведения об употреблении исследуемых префиксов. Рассмотрев и разрешив рассматриваемые важные вопросы, автор в заключении показал роль Мастера Айни в создании новых слов, образованных этими префиксами, что непосредственно характерно для личного стиля писателя.

**Ключевые слова**: *словообразование, префиксальных морфем, словообразовательный префиксов, образование, лингвистика, лингвист, словарь, употребление, язык, таджикский язык.*

## THE POSITION OF THE USE OF ПУР- AND ХУШ- PREPOSITIONS IN THE "MEMORIES" OF SADRIDDIN AYNI

The article is dedicated to the study and research of the role of word formation of the prepositions пур- and хуш- in Sadriddin Aini's "Memoirs". The topic discussed in the article is relevant from a scientific point of view, and until now this topic has not been the subject of separate research.

In the article, before showing the scope of usage of the prepositions пур- and хуш- saravval, using the scientific and literary sources of the past centuries, he explained the instructional functions of these prepositions with valuable evidence.

At the same time, they examined the wording of these prepositions in the scientific works of scientists and scholars of the modern era, and examined the place of the investigated prepositions in modern times from the perspective of researchers.

Since the main topic of the article is the study and review of prepositions пур- and хуш- in Sadriddin Aini's "Memoirs", the author, in the process of researching the main essence of the issue, has shown the status of these endings in the "Memoirs" of master Aini.

Along with the analysis of literary materials, he provided statistical information on the use of researched pronouns. After reviewing and solving the important issues under consideration, the author, in the conclusion, showed the role of Master Aini in creating new words made with these prepositions, which is directly characteristic of the writer's personal style.

**Keywords:** *word formation, preposition, word forming preposition, formation, linguistics, linguist, dictionary, consumption, language, Tajik language.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Амлоев Аминҷон Ятимович - Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, н. и. ф., муаллими калони кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода 30, Email: amloev @ mail. ru, тел: (+992) 917 58 77 78*

**Сведения об авторе:** *Амлоев Аминджон Ятимович – Российско-Таджикский (Славянский) университет, к.ф.н. старший преподаватель кафедры таджикского языка факультета русской филологии, журналистики и медитехнологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзода 30, Email: amloev @ mail. ru, тел: (+992) 917 58 77 78.*

**Information about the author:** *Amloev Aminjon Yatimovich - Russian-Tajik (Slavonic) University, Ph.D. Senior Lecturer, Department of the Tajik Language, Faculty of Russian Philology, Journalism and Media Technology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursunzoda 30, Email: amloev @ mail. ru, tel: (+992) 917 58 77 78.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Шаҳнозаи Турсунзода - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик ва журналистика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16, тел: 985-23-57-57*

**Сведения об авторе:** *Шаҳноза Турсунзода– Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, соискатель кафедры таджикского языка факультета таджикский филология и журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров 16, тел: 985-23-57-57*

**Information about the author:** *Shahnoza Tursunzoda - Kulyab State University named after. A. Rudaki, Applicant of the Department of the Tajik Language, Faculty of Tajik Philology and Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov 16, tel: 985-23-57-57*

## АФКОРИ ТАРБИЯВИЮ МАДАНӢ ВА ИЛМИИ МУТАФАККИРОНИ ШАРҚ ВА ВАЗЪИ СИЁСИЮ ИҶТИМОИИ ЗАМОНИ ОНҲО.

***Наҷмиддинова У. С., Амонова М. Н.***

**дотсентони кафедраи забонҳои ДБССТ**

**(Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ва Закариёи Розӣ)**

Асрҳои XIII ва XIV дар таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, Эрон, Осиёи Хурд як давраи ноором ва фалокатбор маҳсуб мешуд. Саркардаи муғулон Чингизхон (1155-1227) қабилаҳои парокандаи муғулро ба ҳам муттаҳид намуд ва дар нимаи аввали асри XIII нахуст Хитойро гирифт ва сипас, ба Осиёи Марказӣ ҳуҷум кард. Чингизхон дар таърихи башарият хунхортарин, ҷаллодтарин ва ғосибтарин сарлашкар гузаштааст. Ӯ бо лашкараш соли 1219 ба сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳамла кард. Дар китобҳои таърихии ҳамон аср таърихнигорон дар бораи ҳуҷуми барқосои ин қотили гузаро маълумот додаанд. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар «Таърихи гузида» овардааст: «Харобӣ ва қатли оми муғулҳо чунон аст, ки агар ҳазор сол пас фоҷиае рух надиҳад ҳам, ҷаҳон ба ҳолати пеш аз он бар нахоҳад гашт». [1.396]. Қатли ом дар шаҳрҳои сераҳолии Самарқанд, Бухоро, Тирмиз, Балх, Марв, Нисо, Нишопур, Сабзавор, Рай, Қазвин, Ҳамадон, Гурганҷ, Хоразм ва кишварҳои Русия, Қафқоз, Сурия, Ҳиндустон анҷом шуд. Кору рафтори чингизиёнро Атомалик Ҷувайнӣ, Ёқути Ҳамавӣ дар асарҳои худ воқеӣ ба қалам додаанд. Амалиёти ваҳшиёнаи Чингизро Темури ланг (1336-1405) давом дод. Темур ҳам аз қабилаи муғулии барлос ба дунё омада, бо қотиливу хунхории худ машҳури дунё гардид ва номаш дар таърих бо хатти сиёҳ сабт ёфт. Нахуст Темур сарвари дуздону авбошон гардид ва раиятро мекушту молу сарват ҷамъ мекард. Ӯ дар яке аз ин задухӯрдҳо дар Сиистон аз дасту по захм

бардошт. Дасти хунхораш сиҳат ёфту пояш ланг гардид ва ҳамин тавр халқ калимаи «ланг»-ро ба номаш лоиқ донистанд ва баъдан ин саркардаи хунхор бо номи Темури ланг машҳур гардид. Чуноне ки таърихнигорон овардаанд, Темури ланг дар баъзе мавридҳо аз Чингиз ҳам гузаронд ва дар ҳаққи фарзанди инсон ваҳшониятҳои бемисл нишон дод. Нахуст ваҳшониятро аз Сиистон оғоз кард. У шаҳрро ба харобазор табдил дод ва мардумро ба қатл расонд.

Академик Б. Ғафуров асарҳои таърихии гузаштагон ва ҳамасронашро омӯхта, дар бораи ваҳшонияти Темур дар китоби «Тоҷикон» маълумоти пурарзиш додааст. Дар бораи ин ду ҷаллод чӣ дар ҳамон замон ва чӣ дар асрҳои пасин асарҳои зиёди илмӣ ва адабӣ иншо шудаанд, ки дар бештарашон симои ин ду сарлашкар воқеӣ ба қалам дода шудааст. Аз рафтору кирдори онҳо хашму ғазаби раъият барафрухт. Мардон барои ҳифзи диёр, истиқлоли кишвар, саодати мардум ба по хестанд. Намунаи беҳамтои ин муқовиматҳо қаҳрамонию ҷонфидоии мардуми Хуҷанд бо сарварии қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик мебошад. Темурмалик барои истиқлоли диёр бо чингизиёни хунхор мубориза шадид бурд, қаҳрамонии бемисл нишон дод ва оқибат дар роҳи озодӣ ҳалок гардид. Дар ин бора устод Айнӣ асари пурарзише бо номи «Қаҳрамони халқи тоҷик - Темурмалик»-ро эҷод кард, ки шумо дар синфи V онро мутолиа кардед ва аз мазмуни он огоҳед. Оташи муборизаҳои озодихоҳӣ тамоман хомӯш нагардид. Дар асрҳои XIII ва XIV шӯришҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, Эрону Ироқ гоҳ-гоҳ сар мезаданд. Аммо чӣ метавон кард, ки ҷаллодон - Чингизу Темур дасти тавонову лашкари ҷаррори бешумор доштанд.-Бо сабабҳои маълум, яъне истило ва куштори лашкари Чингизиёну Темуриён водиҳои зархезу ҳосилхези Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон, боғу бӯстон, кишту зироати мардум зарари калоне дид. Шаҳрҳову деҳаҳои сернуфусу обод ба хок яксон гардиданд. Масоҷиду мадорис оташ гирифт. Аҳли илму адаб ба кишварҳои дигар ҷилои Ватан карданд. Як қисм дар Ватан монда, дар куштор ва қатли оми аҳолии шаҳрҳо ҷон ба Ҳақ супориданд. Файласуф ва шоири тавоно Шайх Аттори Нишопурӣ аз дасти муғулон ба қатл расид. Азбаски Чингизиён аз аҳди савод набуданд, пас аз фатҳи Мовароуннаҳру Хуросон, Эрону Ҳиндустон ва дигар кишварҳо барои ободии кишвар ва ривоҷу равнақи илму фарҳанг накӯшиданд, саъю талош наварзиданд. Барои онҳо фарқ надошт, ки ин шахс олим аст ё золим. Бо вуҷуди ин дар охирҳои салтанати Темур Мовароуннаҳр, аз ҷумла шаҳрҳои Самарқанд, Шаҳрисабз, Бухоро обод гардид, Темур барон обод кардани ин шаҳрҳо садҳо шаҳру деҳоти дигарро вайрону валангор карда, аҳли ҳунарро овард ва дар Самарқанд масоҷиду мадорис ва кушкҳои осмонбӯс бунёд кард.Ҳаёти илмӣ дар ин асрҳо бештар дар Эрон, Туркия, Ҳинд ва баъдтар дар Самарқанду Бухоро ҳам ривоҷ ёфт. Махсусан илми таърихнигорӣ хеле пеш рафт. Темури Ланг ба ҳар кишваре, ки лашкар мекашид, таърихнигорон ва дигар намояндагони илму адаб ҳамболаш буданд. Онҳо хоҳу ноҳоҳ музаффариятҳои Темур, куштор, қатлу ғорати ин сарлашкари мутаассибро мадҳу ситоиш мекарданд. Яке аз ҳамин гуна таърихнигорон Низомиддини Шомӣ буд. Ӯ дар асари худ «Зафарномаи Темурӣ» хунхориву ҷаллодии Темурро васфу ситоиш кардааст. Низомуддин пас аз марги Темур соли 1404 вафот кардааст. [2.563 ]. Инчунин, асарҳои таърихии Рашидуддини Фазлуллоҳ «Ҷомеъуттаворих», Атомалики Ҷувайнӣ «Таърихи ҷаҳонкушоӣ», Ҳамдуллоҳи Муставфӣ «Таърихи гузида», Шаҳобуддин Вассофи Шерозӣ «Таърихи Вассоф» ва ғайра нигошта шудаанд. Таърихнигорон низ аз назари худ ба ҳодисоту воқеъоти ин асрҳо ва ин ду хонадони хунрези ҷаллод баҳо додаанд.

Дар ин асрҳо илмҳои риёзиёт, фалсафа, нуҷум, ҳандаса ва тиб ривоҷ ёфтанд. Асарҳои Насириддини Тӯсӣ, Хоҷа Афзалуддини Кошонӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Шамсиддин Муҳаммади Омулӣ, Абулқодири Мароғӣ, Наҷмиддини Самарқандӣ, Ибни Нафиси Қаршигӣ ва дигарон чароғи илму ирфонро дар ин асрҳо фурӯзон нигоҳ доштанд.

Илми ахлоқ низ дар ин асрҳо пойдор монд. Ба хусус «Ахлоқи Носирӣ»-и Насриддини Тусӣ, «Захоирулмулук»-и Сайидалии Ҳамадониро метавон ёд кард.-Илми фарҳангшиносӣ низ ранги тоза гирифт. Асари Абунасри Фаробӣ «Нисоб-ус-сибён» барои шогирдони макотибу мадорис иншо шуда, дар омӯхтани аруз, қофия ва саноеъи бадеӣ ба толибилмон кӯмаки хуби амалӣ расонид.

Дар ин давраи пурошӯб Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ё Мавлоно ориф, мутафаккир, донишманд, нависанда ва шоири машҳури тоҷик соли 1207 дар Балх чашм ба олами ҳастӣ чашм кушодааст. Баъди ба воя расидан бо ҳамроҳии падари бузургвораш тавассути Нишопур, ки дар он ҷо дар хонаи шайх Аттор меҳмон шуда, ҳамзамон бо ҳадяи китоби навиштаи ӯ ва дуои хайри Аттор ба сафари зиёрати Хонаи Худо баромад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми туҳфа намудани китоб шайх Аттор ба падари Мавлоно муроҷиат карда мегӯяд, ки оянда ин писар ба монанди офтоби дурахшонест, ки бо нури худ оламро гармӣ мебахшад. Падару писар пас аз зиёрати Хонаи Худо дар Кунияи Туркия муқимӣ гардидаанд, аз ин рӯ, дар осори гаронбаҳои худ Мавлоно тахаллуси Мавлонои Рум ё Румиро соҳиб гардидааст.

Мероси адабии Ҷалолуддини Балхӣ хеле пурғановат ва рангоранг аст. Он аз ҷиҳати ваҷҳи сухан назму насрро ташкил медиҳад. Агар осори манзум ва мансури Мавлаво Ҷалолуддини Балхӣ ҷиддитар омӯхта шавад, пай бурдан мумкин аст, ки ӯ ба кадом навъи адабие даст зада бошад, ҳатман ба тозакорӣ, ба кашфиёт ворид шудааст. Бидуни тардид метавон гуфт, ки маҳз ҳамин ҷиҳат худ гувоҳи он аст, ки ӯ осори бузургони гузаштаву муосири худро бо тамоми ҷузъиёт ва бо нозукии хосса омӯхтаву аз худ намудааст. Осори Мавлоноро нуқтаи баланди мероси адабию бадеии тасаввуфу ирфон ташкил медиҳад. Ӯ эҷодиёти хешро дар заминаи сарчашмаҳои муқаддаси ислом: Қуръони азимушшаъну аҳодиси набавӣ (с), суннат ва инчунин мероси бадеии гузаштагон ва бахусус, осори сӯфия заминагузорӣ намудааст. Ба гуфти худи Мавлоно, ӯ махсусан аз таълифоти симоҳои машҳури шуарои ориф Абулмаҷид Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ ва Мавлоно Фаридуддин Муҳаммад Аттории Нишопурӣ баҳраи комил бардоштааст. “Адиб ва мутафаккир андешаҳои фалсафии худро бо сабки адабӣ дар зимни нақшҳои мухталиф эҷод кардааст.”[4,148]. Бештар аз эҷодиёти шифоҳӣ истифода бурдааст. Бахусус, дар зимни латифаю мутоибаҳо, наклу ривоятҳо андеша ва афкори хешро ба қалам додааст. Масалан, дар зиндагӣ инсонҳое ҳастанд, ки ҳар гуноҳу кори нохубе зоҳир кунанд, он гуноҳро ҳавола ба Худо мекунанд. Ҷалолиддини Балхӣ чунин рафтори ношоистаро намеписандад ва сахт маҳкум менамояд. «Он яке бар дарахти Қамариддин мева мерехт ва мехӯрд. Худованди боғ мутолиба карда гуфт:

-Аз Худо наметарсӣ?!

Гуфт:

-Чаро тарсам! Дарахт аз они Худо ва ман бандаи Худо, мехӯрам аз моли Худо!

Гуфт:

- Биист, то ҷавоб гӯям. Расан биёред ва ӯро ба ин дарахт бибандед ва бизанед, то ҷавоб зоҳир шуданд.

Фарёд баровард:

-Аз Худо наметарсӣ?

-Чаро тарсам, ки ту бандаи Худоӣ ва ин чӯби Худо».

«Муаллим кӯдакеро хат омӯзад, чун ба сатр расад, кӯдак сатр менависад ва ба муаллим менамояд. Пеши муаллим он хама кaж аст ва бад. Ба вай ба тариқи санъат ва мадоро мегӯяд: «Ҷумла нек аст ва некӯ набиштӣ, аҳсант! Аҳсант! Илло ин як ҳарфро бад набиштӣ. Чунин мебояд ва он як ҳарф ҳам бад набиштӣ. Чанд ҳарферо аз он сатр бад мегӯяд ва ба вай менамояд, ки чунин мебояд набиштан ва боқиро таҳсин мегӯяд, то дили ӯ нарамад ва заъфи ӯ ба таҳсин кувват тирад ва ҳамчунин ба тадриҷ таълим мекунад ва мадад меёбад». Ба ин восита Мавлоно таъкид менамояд, ки дили кӯдакро ба хондану навиштан бояд қавӣ гардонд. Ба тарзе камбудию нуқсонашро фаҳмонидан лозим аст, ки дилаш аз хондан намонад, балки шавку рагбаташ бояд рӯз аз рӯз афзун бигардад. Агар ин маврид муаллим кӯдакро маломату сарзаниш кунад, дар ҳақаш суханони қабеҳ гуяд, ки ту намедонӣ, одам намешавӣ ва ғайраву ғайраҳо, он вақт тир ба ҳадаф намерасад, мурод ҳосил намегардад.

«Бачае дар саҳро ба модар гуфт: «Маро дар шаби торик сиёҳие монанди дев рӯй менамояд ва аз ин метарсам.

Модар гуфт:

-Матарс! Чун он суратро бинӣ, далертар бар вай ҳамла кун, пайдо шавад, ки хаёл аст». [5.12.]

Мавлоно дар ин пора шогирдонро ба нотарсию далерӣ ҳидоят мекунад ва бо ин гуфтан мехоҳад, ки аз хурдӣ чунин сифатҳоро бояд волидайн ба фарзандон бигӯянд ва дар ҳамин рӯҳия онҳоро тарбият намоянд.

Мавлоно хаводиси он замонро тарики хикоя ва хадису оятҳо овардааст: Ва овардаанд, ки султон Маҳмуд, қаддасаллоҳу рӯҳаҳу, дар пайкори Ҳинд сахт мағлуб шуд ва сипоҳи Ҳинд сахт бисёр буд, чунонки лашкари султон Маҳмуд даст аз ҷон шуста буданд. Дар он ҳолати ноумедӣ султон Маҳмуд саҷда кард Худойро ва гуфт: «Худовандо, бо Ту аҳд кардам, агар моро нусрат диҳӣ дар ин ноумедӣ, ҳар чи ғанимат ситонам, ҷумла ба дарвешон садақа кунем». Тазарруъ намуд, *самиуд дуо* дуоро мустаҷоб кард ва боди нусрат вазон шуд ва тарси азим дар дили сипоҳи Ҳинд афтоду шикаста шуданд. Ва ғаноими беҳад аз сипоҳи Ҳинд расид ва аз хазоину асбону бандагон, ки дар ҳеч пайкоре ба даст наёмада буд. Подшоҳ гуфт, ки ҳеч даст макунед, ки ман назр кардаам. Лашкар фиғон баровarданд, ки сипоҳ сахт муҳтоҷ аст, пайкоре гарон кардаанд, агар назре кардӣ, ки ба дарвешон диҳӣ, инҳо низ дарвешанд, сипоҳ дарвеш шудааст. Чандоне лоба карданд, ки шоҳро васваса карданд, ки ин низ хайр аст. Шоҳ дудил шуд ва таъвилҷӯй шуд. Ногоҳ шӯридаи факре гузашт аз фуқарои илоҳии раббонӣ, на аз фуқарои нонии султон. Гуфт: «Ӯро бихонед», то ин назрро бо ӯ бозгуфт. Дарвеш гуфт: Агар туро дигар ба Ҳақ ҳоҷате нахоҳад будан, ин кун, ки инҳо мегӯянд, аммо агар ба мисли ин бор боз бо Ӯ муҳтоҷ

хоҳӣ шудан, ин соатро ёд дор ва назрро магардон. Чун Маҳмуди Газнавӣ дар асрҳои 13 Чингизхон низ дар таърихи башарият хунхортарин, ҷаллодтарин ва госибтарин сарлашкар гузашта аст. Ӯ бо лашкараш соли 1219 ба сарзамини биҳиштосои Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳамла кард. Дар китобҳои таърихии ҳамон аср таърихнигорон ва шоирону адибони ҳамин давр дар бораи ҳуҷуми барқосои ин қотили гузаро маълумот додаанд. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар «Таърихи гузида» овардааст: «Харобӣ ва қатли оми муғулҳо чунон аст, ки агар ҳазор сол пас фоҷиае рух надиҳад ҳам, ҷаҳон ба ҳолати пеш аз он бар нахоҳад гашт» [6,252].

**Закариёи Розӣ**

Олими дигари шаҳири тоҷик, яке ситораҳои пурҷилои фарҳангу тамаддуни асрҳои 1Х-Х Закариёи Розӣ ба ҷавонону наврасон хислатҳои ҳамидаи инсонӣ-иффат, сидқу вафо, покӣ, закии ахлоқ, накӯкорӣ ва накӯном зистанро бо ақоиду афкори худ баён намудааст ва метавон онро ҳамчун як дастоварди пурарзиши ахлоқию фарҳангии зиндагӣ номид.

Беҳтарин ва муътабартарин усули ҳалли мақсад, ки мавзуи марказии асархои ӯ, иборат аз шикаст додани ҳавою ҳавас ва мухолифат нишон додан ба чизе, ки майли табиатро дар аксар ҳолатҳо ба худ ҷалб менамояд. Аз асарҳои ин мутафакккир аён мегардад, ки то андозае сабабгори пешгирии ахлоқи разила ва сириштани ахлоқи нек шуда метавонад. Агар инсон баландтарин ба мартабаи ахлоқи нек ноил нагардад ҳам, ақаллан андак чизи аз он баҳраманд шуданро пайдо хоҳад намуд.

Ҳар як андешаи шоир ба як рукни асосӣ ва машҳури хулқу рафтори зиндагӣ бахшида шудааст. Шояд ин услуби олим аз чунин минои фикр ғизогир шуда бошад, ки наҳ задани ахлоқи бад баробар аст, ба мадҳ намудани ахлоқи нек, зеро ки ҳар як фард ин ё он равиши бадкирдориро тарк бикунаду аз он дурӣ биҷӯяд, он гоҳ хоҳ-нохоҳ ба гирдоби ахлоқи нек меафтад. Агар кас бошуурона зарари ахлоқи разиларо дарк бикунаду нисбат ба он нафратангез шавад, он гоҳ мақсади зиндагияшро аён менамояд.

Асарҳоии фалсафӣ, тарбиявию ахлоқии Розӣ, осори муҳимми таълимию тарбиявӣ буда, дар таърихи илми педагогии халқамон мавқеи намоёнеро ишғол менамояд ки дар он хусусиятҳои худшиносию худогоҳӣ ва ватанпарастӣ ба назар мерасанд. Масъалаи ошкор намудани муносибатҳои носеҳу пандгир, омӯзгору донишҷӯ ва мураббию атфол дар маркази таълимоти Закариёи Розӣ меистад. Муаллиф олами инсониро ба ду гурӯҳи бузург: *носеҳону омӯзгорон, ки аз ҷиҳати донишу хирад пешдастӣ доранд ва дигар гурӯҳи шогирдону донишҷӯён мебошанд,* ҷудо намудааст.

Мутафаккир хусусияти анъанавӣ доштани таълиму тарбияро хотиррасон намуда, ишора мекунад, ки ҳар қавм ва халқу нажод унсурҳои таълимии бо мурури замон ҳосилшударо дорост, ки омӯзгор дар вақти омӯзонидан ин гуна ҳолатҳоро сарфи назар накунад: Равшан аст, ки дар ин хусус дар байни миллатҳо тафовутҳои зиёд ҷой дошта, яке ба дигаре монандӣ надоштанашон имконпазир аст.

Муаллиф фаслҳои асарҳои ахлоқияшро бо унвонҳои зерин иншо кардааст: Фазилати ақл ва ситоиши он; Фишор овардан ба ҳавову ҳавас ва шикаст додани он, ҷумлаи касоне, ки Афлотуни ҳакимро дидааст; Маҷмуи чизҳое, ки қабл аз зикри оризаҳои бади нафс ба таври алоҳида оварда шудаанд; Шиносонидани ашхос ба айбҳо; Ишқу улфат аз ҷумлаи сухан оиди лаззат; Ҳолати такаббур ва худписандӣ; Ҳасадбарӣ; Худдорӣ аз ғазаб; Худдорӣ аз дурӯғ; Мумсикӣ; Ғам ва олатҳои зарарнокро барҳам задан; Наҷотёбӣ аз ғам; Пурхӯрӣ; Майпарастӣ; Ҷимоъ; Ҳавасмандии бозӣ ва тариқат; Иктисобу дарёфт ва масраф кардан; Талаби мартабат ва ҷоҳу манзалати дунёӣ; Рафтори бофазилат; Бими марг;

Муаллиф ба тариқи алоҳида вазифагузорӣ менамояд, пас таърифи рукнҳои мавриди тасвир қарордодаашро пурра меоварад. Баъд аз ин нишон додани омилҳои асосии моддӣ ва маънавӣ, фардӣ ва ҷамъиятии онро кашф мекунад. Пас аз ин дар бораи манфиат ва зарари он тавaққуф намуда, хонандаро водор мекунад, ки худ мулоҳиза намояд. хулосаи афкори муаллифро дар асарҳояш, ки он ҳамчун садои қалби ҳакими бузург аст, имрӯз пайваста гӯшраси мо мегардад.

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар бораи устоди худ, яъне сирати Суқрот чунин менигорад, ки дар ҳаёт ва афкори ин ҳакими юнонӣ ба вуқӯъ пайвастааст, қайд мекунад: “Сияре, ки аз Суқрот манқул уфтод равишест, ки он ҳаким аз ибтидои амр то муддати тавил аз умри худ бар он мерафта, лекин баъдҳо аз қолаби онҳо удул карда...” [ 7,120]. Ин ишораҳо гувоҳанд, ки Закариёи Розӣ дар фалсафа шеваи Суқротро ҷонибдорӣ кардааст. Ба назари банда яке аз сабабҳои дар осори фалсафӣ бештар баён намудани рукнҳои асосиии ахлоқ, таълиму тарбия, панду насиҳат барои тарбияи афроди башар ва ба воя расонидани инсони комили муфиди ҷамъиятӣ дар тафсири ҳикмату андарзҳои Суқрот ба вуҷуд омада бошад. Илова бар ин Муҳаммад Заркариёи Розӣ бо бисёр хислатҳояш аз дигар ҳамасронаш фарқ мекард ва ба кумаки ёрон мешитофт ва ба онҳо маслиҳати хуб медод. Дар ривояте аз хусусияти волои Розӣ ва андӯхтани дониш ба василаи таҷриба ва маҳз бо гаштаву баргашта санҷидани дараҷаи донишу фаҳмиш бо санҷидани лаҳзаҳои илмӣ ва таҷрибаомӯзӣ намудани ӯ далолат мекунад:

“Гуфтаанд, ки яке амалодорони он давра Азадуддавлаи Дайламӣ бо Розӣ машварат кард, ки бемористонро дар чӣ ноҳияе бино кунад. Ва Розӣ бо яке аз ходимони хеш дастур дод, ки дар ду ҷониби Бағдод пораи гӯште биёвезанд. Сипас диққат кард, ки кадоме аз онҳо ба зудӣ тағйир наёфта ва бадбӯ намешавад. Пас, ишорат кард, ки бемористонро дар он ноҳия бино кунанд”. Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ дар “Чаҳор мақола” ин хусусият ва табиби ҳозиқ будан ӯро дар зодгоҳаш ва Марву Бухоро низ шуҳрат пайдо кардани Розиро истифода бурдааст. Далел ин аст, ки аз ҷиҳати санаи таърихӣ давраи қайди ҳаёти мутафаккир ва давраи ҳукуматдории Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср (350-365 ҳ.), ки шашумин подшоҳи Сомониён будааст, мувофиқат надорад, чунки Розӣ солҳои 311-320 аз олам чашм пӯшида буд.

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо умарои сомонӣ ба ҳунарпарварӣ ва ҷамъ кардани шуарои бузург ва нависандагону олимон ва ҳокимони олимиқдор ба дарбори худ кӯшидааст. Шуарои бузург аз қабили устод Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ ва донишмандон ба мисли Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳон Берунӣ ва Абӯалӣ ибни Синоро ба дарбори худ хонданд ва онҳоро гиромӣ доштаанд. Барои собит намудани ақидаҳои овардашуда мо зикри ҳикояи зерро лозим медонем...

**Ҳикоят (**мухтасар**)**

Ҳам аз мулуки Оли Сомон амир Мансур ибни Нӯҳ ибни Насрро оризае афтод, ки мунзим гашт ва барҷой бимонд ва утуббо дар он муолиҷат оҷиз монданд. Амир Мансур кас фиристод ва Муҳаммад Розиро бихонд. Ӯ то ба канори Ҷайҳун омад ва аз “тарс” ба киштӣ нанишаст. Одамони амир ба Нӯҳ ибни Наср аз шарти воқеа хабар доданд. То омадани он намояндагон Розӣ китобе бо унвони “Тибби мансурӣ” таълиф намуд ва ба дасти онҳо фиристод ва гуфт: “Мана ин китобам ва аз ин китоб мақсуди ту ҳосил аст, ба ман ҳоҷат нест” [8, 67].

Чун китоб ба амир расид, ранҷур шуд ва ҳазор динор фиристод ва асби хосса сохт ва гуфт: агар ӯ саркашӣ кунад дасту пойи ӯро бибандед ва дар киштӣ бияндозед ва чунин ҳам карданд. Аз Ҷайҳун сиҳату саломат гузашт ва хандонрӯ буд. Ва сабабашро пурсиданд, ӯ гуфт:

Ман донам, ки ҳар сол бист ҳазор одам аз ин дарё гузаранд ва ғарқ нашаванд ва ман ҳам нашавам, валекин мумкин аст бишавам. Ва чун ғарқ шавам то домони қиёмат гӯянд: “Закариёи Розӣ аблаҳ марде буд, ба ихтиёр дар киштӣ нишаст, то ғарқ шуд”. Дар ин сурат ман аз ҷумлаи маломатзадагон бошам, на аз ҷумлаи маъзурон.

Чун табиб –Розӣ ба Бухоро расид ва ҳеҷ илоҷи дарди амирро наёфт ва усуле истифода бурд. Муҳаммад Розӣ фармуд то ду маркаб ва савораи дигар оваранд. Рӯзи дигар амирро ба асб нишонд ва ба гармобаи ҷӯйи Мӯлиён бурд. Дар дохили гармоба ба ӯ шарбате бидод. Ва амирро ба бадкирдорӣ гунаҳкор карду аз гармоба берун рафт. Амир бошад, аз ҷаҳли бад ба по рост шуда аз қафои табиб берун шуд ва ӯро дарёб накард. Табиби ҳозиқ кайҳо ба ватани худ расида буд ва ба амир нома навишт ва ба дасти ғуломи худ фиристод. Баъд аз ҳафт рӯз нома ба амир расид. Чун амир ба куллӣ шифо ёфт ва ба табиб аз хазинаи худ тухфа ва молу инъоми бисёр фиристод ва ҳар сол ду ҳазор динор зар ва дувист харвор ғалла ба номи он фиристод. Ин аст, гиромӣ доштани табиби ҳозиқ.

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар илми тиб на танҳо ба ҳамсафони Букроту Ҷолинус, балки бо бузургони тибби машриқзамин-Алӣ ибни Табарӣ (ваф. 240 ҳ.), Аҳвозӣ, Ибни Сино (980-1036), Ҷурҷонӣ (ваф.531 ҳ.) ҳамрадиф буда, дар рушду такомули илми қадимии тиб ҳисса гузоштааст.

Аз таълимоти Закариёи Розӣ бармеояд, ки инсон дар аввал табобатро аз парандагон ва хазандагон омӯхтааст. Масалан, парасту барои табобати чӯҷаҳояш аз касалии ярақон санги бурқонро пайдо карда ба лонааш мегузорад. Илова бар ин парасту чӯҷаҳояшро бо заъфарон ранг мекунад, то ки мардум онро касалии ярақондор ҳисобида, ба лонаи ӯ даст накобанду он сангро нарабоянд. Аммо шахсони касалии зардча ё зардадор он санги тобону барқдори лонаи парастуро гирифта, ба гардан меовезанд, то ки сиҳҳат шаванд. Уқоб бошад, барои сиҳату солим баровардани чӯҷаҳояш донаи гиёҳи қилкил, ки он сиёҳи нурдору хушбӯй аст, истифода мебарад. Инсон он донаро аз лонаи уқоб пайдо карда, ба гардани зани ҳомиладор меовезад, то ки давраи ҳомиладории ӯ дуруст ва бехавфу хатар гузарад. Аҷибтараш ин аст, ки мор дар зимистон ба зери хок фурӯ меравад ва ҳангоми баҳор аз ҷойи хоб берун меояд, ки чашмонашро тирагӣ гирифта, биноияш қаноатбахш нест. Дар ин дам вай гиёҳи навдамидаи розиёнаро пайдо карда, чашмонашро мемолад. Дар натиҷа тирагии чашм барҳам хӯрда, биноияш барқарор мегардад. Инсон ҳам оби ҳамин гиёҳро ба чашми тирашудааш чаконда, биноияшро барқарор мекунад.

Аз чунин баёноти олим бармеояд, ки илми тиб аз давраҳои аввали падоиши инсон, ки ӯ ҳоло ба инсони меҳнатию нотиқӣ табдил наёфта буд, тааллуқ дошта, минбаъд бо такомулоти афкори инсоният ин илм ҳам такмил ёфтааст.

Закариёи Розӣ яке аз он сарварони илми тибби асримиёнагист, ки бо саъю кӯшиши он тибби парокандаву мушавваши юнонӣ ба як тартиби муайяне дохил карда мешавад. Ғайр аз ин ҳиссаи Закариёи Розӣ дар бобати илми тибро аз соф назария берун оварда, илми тибби амалиро дар ҳаёт бунёд намудан; сохтани доруҳо мувофиқи табиати узвҳои инсон ва ниҳоят илми тибро ба илми мададгору малҳами дарду ҷароҳати халқ табдил додан бузург мебошад.

Ҳақ бар ҷониби Муҳаммади Наҷмободӣ аст, ки мавқеи олимро дар илми тиб равшан намуда менависад: “Розӣ, тақрибан аввалин табибест, ки худро аз қайди бисёре аз ақоиди ду устод-Буқроту Ҷолинус раҳо намуда, ва аз муаллимини худ ҷудо шудаат бад-ин маънӣ, он чи ки дар амал носавоббуда, рад намудааст” [9, 20].

Ғайр аз ин Розӣ таъкид мекунад, ки ҳар табиб аз кашфиёти илми тиб дар гузашта ва муосир бохабар бошад ва ҳамеша аз пайи такмили касб шавад. Барои табиб лозим аст, ки илова бар таҷоруб ва донистани қавоиди куллия ва қиёс аз қироати кутуби қудамо низ даст бар надорад. Дар ғайри ин сурат табиб ҳозиқ нахоҳад буд.

Муҳаммад Закариёи Розӣ доир ба илми тиб зиёда аз дусад асар навиштааст, ки аз ҳама калонтарин “Ҳовӣ” (47 ҷилд) ва аз ҳама зарурӣ ё таълимӣ-фарҳангиаш “Тибби рӯҳонӣ” аст. Ӯ ҷароҳати рӯҳие, ки бинои муҳташами руҳи инсониро костааст, табобат кардааст.

Дар боби ҳафтдаҳуми “Тибби рӯҳонӣ”, ки “Иқтибосу дарёфт ва масраф” унвон гирифтааст, омадааст, ки ҳукамо касеро сарватманд намеҳисобанд, ки соҳиби амлок аст, балки ба назари онон касе, ки соҳиби ҳунари коркарди молҳои саноатӣ аст, сарватманд меҳисобанд. Чунонки дар ҳикояте омадааст: Киштии сарватманде, ки худ ҳунарманд буд, бишикаст ва тамоми моли ӯро баҳр фурӯ бурд. Пас, вақте ки вай ба соҳил расид, дар замин як расми шакли муқаддасро дид. Вай хурсанд шуд, ки ба ҷазирае расидааст, ки дар он уламо зиндагӣ мекунанд. Пас ба он ҷазира рафт ва бо дасткишти худ боз сарватманд шуду дар он ҷо бимонд. Рӯзе аз рӯзҳо киштие аз канори он ҷазира мегузашт, ки ба шаҳри ҳамон кас равона буд. Пас, аз вай пурсиданд, ки номае барои хешовандонаш бихоҳад фиристад, киштибонҳо мебаранд. Вай гуфт: “Фурсати нома навиштан надорам, вале ба онҳо бигӯед, ки: агар онҳо дар ҳаёт ҳамеша соҳибзафарӣ бихоҳанд, бояд чизҳоеро захираву ҷамъ кунанд, ки ҳаргиз ғарқ нашаванд” [10, 89].

Аз мазмуни ин ҳикояи овардашуда мо бояд бифаҳмем, ки миқдори хароҷот ба миқдори дахл мувофиқат кунад ва танҳо барзиёдатии он барои ҳодисаҳои ногаҳонӣ захира шавад. Дар ин ҳолат, бояд миқдори дахл бештар аз миқдори масраф ё худ хароҷот бошад. Инсон ҳамеша уҳдадор аст, ки ба талабу тартиби рӯзгор риоя кунад, вагарна ба азобу шиканҷаи тоқатфарсо гирифтор мегардад.

Табиби рӯҳпарвари асримиёнагӣ инсондӯстию фуқаропарвариро барои худ касб намуда буд ва инчунин оғӯши меҳрубонии ӯ чунон васеъ буд, ки тамоми оламиён новобаста ба мазҳабу ойин, халқияташон барои худ манзили хуб, манзили роҳат ва манзили навозиш пайдо карда метавонанд.

Закариёи Розӣ дар таърихи илми ҳикмату адаб ва таълиму тарбия ҳамчун назариётчии бемисл собит гардида, асосҳои моддиву маънавии тарбияро муайян намуда, равишҳои такомули ахлоқи ҳамидаро нишон додааст.

## АДАБИЁТ:


1. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон/ Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 396 с.
2. Насриддинов, Фахриддин. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ – тоҷикӣ / Фахриддин Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. –563 с.
3. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Маҷаллаи «Нашри Дониш» /Насруллоҳ Пурҷаводӣ, 1370 (1992 м.). Шумораи меҳр ва обон, 1370 (1992 м.) - 6с. Розӣ, Наҷмуддин. Мирсод-ул-ибод
4. Фиҳи мо фиҳи - Душанбе, 2008.- С. 148.
5. Хуршед Зиёӣ. Мавлоно ва мутафаккирони бузурги Шарқ.-Душанбе: Аржанг,2022-С.12
6. Раҷабова М. Мавқеъи пораҳои манзум дар рисолаҳои насрии сӯфиёна //монография// – Душанбе, 2017. – № 7 – С.252.-255

7.Аҳмад Шавкат, «Таърих-ут-тиб ва одобуҳу ва аъломуҳу», Димишқ, 1982.

8.Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор: Ҳикояҳо (Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ). Душанбе: Адиб, 1989. - 160 саҳ.

9.Муҳаммадрасул Иброҳимзода. Қатрае аз тибби набавӣ (с). Душанбе, 2015. - 48 саҳ.

10. Муҳаммад Закариёи Розӣ. Тибби мансурӣ. Душанбе: Дониш, 2016 . - 450 саҳ.

## АФКОРИ ТАРБИЯВИЮ МАДАНӢ ВА ИЛМИИ МУТАФАККИРОНИ ШАРҚ ВА ВАЗЪИ СИЁСИЮ ИҶТИМОИИ ЗАМОНИ ОНҲО.

Муаллиф дар мақола дар бораи афкори тарбиявию андешаҳои фалсафии муттафаккирони шарқ сухан ронда, онҳоро аз нигоҳи парваришу омӯзиш баррасӣ менамояд. Барои мисол афкори тарбиявию педагогии Ҷалолуддини Балхӣ ва Закариёи Розӣ баргузида шудаанд, ки дар таснифи муаллифон бо ҷило ва таровиши тоза муаррифӣ мешаванд.

**Калидвожаҳо**: *ирфон, ҳақиқат, тарбия, чашмандоз, муҳаббат, инсон, тақво, таърихнигор, ҳикмат, ахлоқ.*

## ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОЕ, КУЛЬТУРНОЕ И НАУЧНОЕ МЫШЛЕНИЕ ВОСТОЧНЫХ МЫСЛИТЕЛЕЙ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ И СОЦИАЛЬНАЯ СИТУАЦИЯ ИХ ВРЕМЕНИ. (МАВЛАНА ДЖАЛАЛУДДИН РУМИ И ЗАКАРИЯ РАЗИ)

В статье автор говорит о просветительских и философских идеях восточных мыслителей и рассматривает их с точки зрения образования. В качестве примера выбраны учебно-педагогические идеи Джалалуддина Балхи и Закариаи Рази, которые представлены в классификации авторов с толкованием и новым стилем.

**Ключевые слова:** *знание, истина, воспитания, взглядь, любовь, человек, благочестие, историк, мудрость, мораль.*

## ENLIGHTENMENT, CULTURAL AND SCIENTIFIC THINKING OF EASTERN THINKERS AND THE POLITICAL AND SOCIAL SITUATION OF THEIR TIME. (MAWLANA JALALUDDIN RUMI AND ZAKARIA RAZI)

In the article, the author talks about the educational and philosophical ideas of Eastern thinkers and considers them from the point of view of education. As an example, the educational and pedagogical ideas of Jalaluddin Balkhi and Zakariai Razi are chosen, which are presented in the classification of authors with interpretation and expressive style.

**Key words:** *knowledge, truth, education, spectacle, love, man, piety, history, wisdom, morality.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Наҷмиддинова У. С. н.и.ф.дотсенти кафедраи фарҳанг ва забони тоҷиии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел.: 902220704*

**Амонова М. Н.** - *н.и.ф.дотсенти кафедраи фарҳанг ва забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел.: 902220704*

**Сведения об авторах:** *Наджмиддинова У. С. к.ф.н.доцент кафедры таджикской культуры и языка Международного университета туризма и бизнеса Таджикистана, тел.: 902220704*

**Амонова М. Н.** *к.ф.н.доцент кафедры таджикской культуры и языка Международного университета туризма и бизнеса Таджикистана, тел.: 902220704*

**Information about the authors:** *Nadzhmiddinova U. S. Ph.D. Associate Professor, Department of Tajik Culture and Language, International University of Tourism and Business of Tajikistan, tel.: 902220704*

***Amonova M. N.*** *Ph.D. Associate Professor, Department of Tajik Culture and Language, International University of Tourism and Business of Tajikistan, tel.: 902220704*

# 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
# 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
# 20-TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

**УДК: - 51 (075.8)**

## ОМОДАГИИ МАТЕМАТИКИИ КӮДАКОН БА МАКТАБ

***Бобиева С. К.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ (аз 26.12.2019) доир ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуданд. Инчунин, пешниҳод карданд, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои мазкур ва барои тавсияи тафаккури техникии насли наврас солҳои (2020-2040) "Бистсолаи омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф" эълон карда шавад. Ин мо кормандони соҳаи маориф аз ҷумла, муассисаҳои томактабиро водор мекунад, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати илмҳои дақиқ, корро маҳз аз зинаи томактабӣ оғоз намоем.

Дар муассисаҳои томактабӣ тибқи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ "Рангинкамон" аз гурӯҳҳои хурд сар карда, машғулияти ташаккули тасаввуротҳои оддитарини математикӣ омӯзонида мешавад, ки заминаи нахустини донишҳои математикӣ маҳз дар он гузошта мешаванд [7]. Аз ин рӯ, кормандон вазифадоранд, ки таълимро доир ба ташаккули тасаввуротҳои оддитарини математикии кӯдакон дар ҷараёни машғулият беҳтару хубтар ба роҳ монанд.

Бояд гуфт, ки масъалаи ташаккул ва рушди қобилияти математикии кӯдакон дар педагогикаи томактабӣ торафт рушд ёфта истодааст. Вазифаи таҳсилоти томактабӣ аз таҳкурсии низоми муттасилӣ ва тадбиқи ин мақсади муҳимтарини ҷомеа иборат буда, рушди он бояд бо шаклҳои нави таълиму тарбия таъмин карда шавад.

Айни замон тамоми корҳо бо технологияҳои пешқадам, бо сохтани барномаҳои гуногуни компютерӣ амалӣ мегардад, ки асоси онро математика ташкил медиҳад. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ "Рангинкамон", ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ тасдиқ ва ба табъ расидааст, бахри рушди ташаккули тасаввуротҳо ва қобилиятҳои математикӣ, тафаккури мантиқӣ ва фаъолияти зеҳнӣ равона шудааст. Дар барномаи мазкур таснифоти синну соли кӯдакон муайян гашта, машғулиятҳо вобаста ба синну соли ба нақша гирифта мешавад [7].

Психологи шинохта Л. С.Виготский бори аввал таъкид намуд, ки омодагии кӯдак ба мактаб ин на танҳо аз худ намудани ҳаҷми муайяни донишу малака, инчунин таъмин намудани инкишофи амалҳои тафаккур – фикронӣ аст. Ин амалҳо дар дидан ва муқоиса кардани ашёву ҳодисаҳо, таҳлилу таркиб намудан, муҳокимаронӣ, хулосаю ҷамъбаст кардани аломату нишона, умумияту фарқияти ин ашёву ҳодисаҳо ифода мегарданд. Ба ақидаи Л.С.Виготский ба таълими мактаб омода будан ин пеш аз ҳама дар кӯдак мавҷуд будани маҳорат, хулоса кардан ва ҷудо намудани маҷмуи ашёҳо ва ҳодисаҳои олами иҳотакарда мебошад. Чунки азхуд намудани ҳамаи фанҳои таълимӣ аз кӯдакистон қобилияти хулосакуниро талаб менамояд [3].

Ба мактаб тайёр кардани кӯдак ба ғайр аз инкишофи равандҳои психикӣ-хотира, диққат, тафаккур, инчунин инкишоф додани қобилияти муҳаррикии хурд ва тайёрӣ ба амали навиштан, ташаккули донишҳои оддии математикиро дар бар мегирад, ки дониш ва малакаҳои азхудкарда барои тамоми таҳсилоти минбаъда зарур дониста мешавад. Омӯзиши донишҳои математикӣ ҳамчун илми мураккаб дар ин марҳила диққати махсусро талаб мекунад.

Синну соли томактабӣ давраи беназири ҳаёти инсон аст. Асолати он дар ҳассосият ба азхудкунии воқеияти атроф; дар фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун объекти ҷустуҷӯӣ, амалҳои манипулятивӣ ва маърифатӣ аст.

Гирдоварӣ ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳиссиётӣ, ки қадами аввалини дониши минбаъдаи бисёр ҷанбаҳои воқеияти математикӣ мегардад, аҳамияти махсус дорад.

Кӯдакон бо омӯхтани математика бо кашфиёт ва ихтирооти бузург шинос мешаванд. Онҳо ба он таваҷҷуҳ доранд, ки одамон ҳисобкуниро чӣ гуна омӯхтаанд, рақамҳоро кӣ ихтироъ кардааст, соат, ҳисобкунакҳо, компютерҳоро кӣ ихтироъ кардааст, чӣ тавр онҳо тақвим месозанд, асбобҳои ченкунии бофтаҳо, майдонҳо, моеъҳо, моддаҳоро чи гуна ихтироъ кардаанд, кадом вазифаҳо дар соҳаи илм ҳал карда шудааст ва ғ.

Ҳар яке аз ин саволҳо як «занҷир»-и мулоҳизаҳо, сӯҳбатҳо, мушоҳидаҳоро ташкил медиҳад. Масалан, ҷустуҷӯйи ҷавоб ба саволе, ки "дақиқаҳо чаро мегузараду куҷо мегузарад?", ба мо имкон медиҳад, ки инкишофи ақидаҳоро мушоҳида кунем: вақт аз рӯйи нишондиҳандаҳои биологӣ (набзи дил, суръати нафаскашӣ) ва астрономӣ (тағйир ёфтани шабу рӯз, фаслҳо) ва объектҳои табиӣ (гулҳо, наботот, ҳайвонот) [4].

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои тарбияи кӯдаки хурдсол инкишоф додани шуури ӯ, ташаккул додани чунин маҳорату қобилиятҳои равонӣ мебошад, ки ба осонӣ омӯхтани чизҳои нав мегардад. Барои ҳалли ин масъала мазмуну усули тайёр кардани тафаккури кӯдакони синни томактабӣ ба таълими мактабӣ, алалхусус, таълими пеш аз математикӣ равона карда шавад.

Ин малакаҳои тафаккур чист? Барои ташаккули онҳо кадом воситаҳои дидактикиро истифода бурдан лозим аст? Ин протсесси мураккабро чӣ тавр идора кардан мумкин аст? Пешравии тадриҷан ҳар як кӯдакро чӣ тавр таъмин кардан мумкин аст? Ба ин саволҳо ҳангоми ба мактаб тайёр кардани кӯдакон ҷавоб додан лозим аст.

Тайёрии пеш аз математикӣ ҷузъи омодагии умумии кӯдакон ба мактаб буда, аз ташаккули мафҳумҳои ибтидоии математикӣ дар онҳо иборат аст. Ин раванд бо тамоми ҷабҳаҳои кори тарбиявии муассисаи томактабӣ алоқаманд буда, пеш аз ҳама ба ҳалли масъалаҳои тарбияи зеҳнӣ ва инкишофи математикии кӯдакони синни томактабӣ нигаронида шудааст. Хусусиятҳои фарққунандаи он самти умумии инкишоф, робита бо инкишофи ақлӣ, нутқ, бозӣ, фаъолияти меҳнатӣ мебошанд[6].

Барои бо муваффақият омода кардани кӯдакон ба мактаб на он қадар дониши муайян, балки қобилияти фикрронии пайваста ва мантиқӣ, тахмин кардан, фишори равонӣ лозим аст. Мундариҷаи таълим дар бахши "Инкишофи фаъолияти маърифатӣ"-и Барномаи "Рангинкамон" инъикос ёфтааст. Ҳамаи ин бахшҳо бо ҳам алоқаи зич доранд ва имкон медиҳанд, ки ба кӯдакон дар ашёҳову ҳодисаҳои воқеияти гирду атроф чунин ҷиҳатхо, хосиятҳо, муносибатҳоеро, ки предмети математика мебошанд, омӯзонанд. Он инчунин таларботро оид ба сатҳи инкишофи тасаввуроти миқдорӣ, фазоӣ, замонии кӯдакон дар ҳар марҳилаи синну солӣ дар бар мегирад ва имкон медиҳад, ки он барои назорат ва санҷиши дараҷаи азхудкунии вазифаҳои асосии барномавӣ истифода шавад [1].

Аз ҳама бештар ба рушди математикии кӯдакон маҳорати фаъолиятҳои махсус таъсир мерасонад. Дар байни онҳо ду гурӯҳро ҷудо кардан мумкин аст:

Якум фаъолиятҳои математикиро дар бар мегирад, ки табиатан пешсафанд: ҳисобкунӣ, андозагирӣ, ҳисобҳои оддии марбут ба иҷрои амалҳои арифметикӣ.

Дуюм – махсус барои мақсадҳои дидактикӣ, фаъолиятҳои пеш аз математикӣ: муқоисаи объектҳо бо роҳи гузоштан ё татбиқи баробаркунӣ ва ба даст овардан, муқоиса.

Намудҳои фаъолияте, ки ба гурӯҳи дуюм мансубанд, дар асоси мушаххаси субъектӣ-сенсорӣ асос ёфтаанд. Аз ин рӯ, онҳо барои кӯдакони хурдсол дастрас мебошанд. Гурӯҳи якум мураккабтар аст, зеро усули амал дар ин ҷо муносибати ғайримустақим ва арзёбии муносибатҳои миқдорӣ, фазоӣ ва вақтро талаб мекунанд. Фаъолиятҳои ба ин гурӯҳ тааллуқдошта дар синни калони томактабӣ дастрас мешаванд[4].

Дар байни ҳама намудҳои фаъолият ҳисобкунӣ анъанавӣ аст, ки бо пайдоиши тасаввурҳо дар бораи ададҳои силсилаҳои табиӣ алоқаманд аст. Муайян намудани мавқеъ ва аҳамияти фаъолияти ҳисобкунӣ бо такмили раванди ташаккули тасаввурот ва мафҳумҳои математикӣ дар кӯдакистон ва синфҳои ибтидоӣ алоқаманд аст. Дар вақтҳои охир таъсири инкишофи ин намуди фаъолият, ки дар давраи тулонӣ дар тайёрии пеш аз математикии кӯдакон асосӣ ва қариб ягона буд, баҳо дода шуд.

Қобилияти ҳисоб кардан на ҳамеша нишондиҳандаи рушди математикӣ буда, балки муваффақияти азхудкунии математикаро дар мактаб кафолат намедиҳад.

Кӯдакон метавонанд пайдарпайии ададҳои силсилаи табииро на танҳо то 10, балки то 100-ро ба таври механикӣ дар хотир нигоҳ доранд. Инчунин маълум аст, ки ақидаҳо дар бораи ададҳо дар кӯдакони синни томактабӣ аввал ба вуҷуд намеоянд, балки ба дигар ақидаҳои ибтидоӣ асос мёёбанд: дар бораи маҷмӯъ (А. М. Леушина), бузургӣ (П. Я. Галперин, В. В. Давидов) [6].

Омӯзиши ҳисоб кардан дар кӯдакистон ҷузъи зарурии омодагӣ ба мактаб аст. Аммо ҳисоб наметавонад ягона мазмуни таълиму тарбияи кӯдакистон бошад ва инкишофи математикии кӯдакро пурра таъмин намояд. Бармаҳал омӯхтани фаъолияти ҳисобкунӣ ногузир ба он оварда мерасонад, ки

ақидаҳо дар бораи шумора ва ҳисоб расмӣ мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳисобкунӣ фавран оғоз намешавад. Пеш аз он корҳои омодагӣ анҷом дода мешавад: машқҳои сершумор ва гуногунҷабҳа бо маҷмӯи ашёҳо, ки дар онҳо кӯдакон бо истифода аз усулҳои бар ба бар ва боло ба боло гузоштан муқоиса мекунанд, муносибатҳои «калонтар аз», «кам», «баробар», бе истифодаи адад ҳисоб карданро меомӯзанд. Муҳим аст, ки мустақилияти адад аз хусусиятҳои фазоӣ ва сифатии объектҳо нишон дода шавад. Дар раванди иҷрои машқҳое, ки дар давраи таълим дар синни томактабӣ тадриҷан мушкил мегарданд, мафҳумҳои асосии маҷмӯъ-назариявӣ ба таври возеҳ истифода мешаванд: "маҷмуъ ва унсури он", "зерҷамъ", "мувофиқати як ба як", "эквивалентии маҷмуаҳо», «амалиёт бо маҷмуъ» ва ғайра. Бозиҳо ва машқҳои мантиқӣ, аз ҷумла гурӯҳбандӣ ва умумигардонӣ бо воситаҳои гуногуни дидактикӣ, ба ташаккули ақидаҳои мукаммал дар бораи шумора ва инкишофи умумии равонии кӯдакон мусоидат мекунанд[7].

Танҳо пас аз иҷрои амалҳои гуногун, аз ҷумла бо маҷмуаҳо амал кардан, кӯдак ба фаҳмиши маънои рақамҳо ва ҳисоб кардан мерасад. Ҳамаи ин дар машғулиятҳои амалӣ бо роҳбарии калонсолон ва дорои характери ба худ хоси тарбиявӣ-бозӣ ба амал меояд.

Фаъолияти андозагирӣ бо фаъолияти ҳисобкунӣ зич алоқаманд аст, ки мақсади асосии он ташаккули тасаввурот дар бораи миқдорҳо мебошад. Корҳои зиёди омодагӣ пеш аз ченакҳои оддитарине, ки кӯдакон дар кӯдакистон аз худ мекунанд, омӯзиши чен кардани андоза, ҳаҷм, вазнро тавассути муқоисаи бевоситаи объектҳо аз рӯйи ин хусусиятҳо дар бар мегирад. Фаъолияти ҳассосӣ-амалӣ имкон медиҳад муайян кунад, ки кадоме аз ин объектҳо муқоисашавандаи калонтар (хурдтар), васеътар (тангтар), баландтар (поёнтар), ғафстар (тунуктар), чуқуртар (хурдтар), вазнинтар (сабуктар) ва ғайра мебошад[9]. Принсипи асосӣ ҷорӣ намудани андозагирӣ бо чораҳои шартӣ ва сипас аз ҷониби умум қабулшуда мебошад. Фаъолияти андозагирӣ таъсири хеле баланди рушд дорад, ва барои ташаккули як қатор ифодаҳои математикӣ имкониятҳои васеъ мекушояд: ақидаҳо дар бораи адад амиқ ва умумӣ мешаванд; маҳорати ҳисобкунӣ, ки дар вазъияти дигар истифода мешавад, чандиртар мешавад; тасаввурот дар бораи қисм ва кулл инкишоф меёбанд, кӯдакони синни томактабӣ бо соддатарин намудҳои вобастагии функсионалӣ шинос мешаванд ва ғайра.

Ташаккули ақидаҳо дар бораи бузургӣ дар алоқаи зич бо инкишофи ақидаҳо дар бораи адад ба амал меояд. Азхудкунии рақам ҳам дар натиҷаи ҳисоб кардан ва ҳам дар натиҷаи андозагирӣ ба даст меояд. Танҳо дар мактаб, ҳангоми таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ кӯдак мефаҳмад, ки рақам ин нишондиҳандаи адад аст. Ҳисобкунӣ ва андозагирӣ ҳамдигарро ба таври назаррас пурра карда, ба рушди математикии кӯдак мусоидат мекунанд.

Ташаккули тасаввурот дар бораи вақт ва фазо дар ҳама гурӯҳҳои синнусолӣ дар асоси самтҳои амалӣ сурат мегирад. Шинохти фазо ва вақт аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ тавассути инъикоси эҳсосии онҳо, дарки нутқ ва истифода дар фаъолият (фарқ ва номгузории шаклҳои геометрӣ, самтҳои асосии фазоӣ, давраҳои алоҳидаи вақт; муайян кардани ашёи шакли мудаввар, чоркунҷа, секунҷа, тағйир додани самт) амалӣ карда мешавад. Ҳангоми ҳаракат, қобилияти ба назар гирифтани вақт дар фаъолияти худ ва ғайра[7,8].

Ҳангоми гузоштан ва амалӣ намудани вазифаҳои тайёрии пеш аз математикии кӯдакони синни томактабӣ инҳоро ба назар гирифтан лозим аст:

- қонунҳои ташаккул ва инкишофи фаъолияти маърифатӣ, равандҳо ва қобилиятҳои равонӣ, шахсияти кӯдак дар маҷмуъ;
- имкониятҳои вобаста ба синну сол барои кӯдакони синни томактабӣ барои азхудкунии дониш ва маҳорату малакаҳои ба он алоқаманд;
- принсипи муттасилӣ дар кори кӯдакистон ва мактаб.

Дар раванди ташаккули мафҳумҳои ибтидоии математикии кӯдакони синни томактабӣ аз усулҳои гуногуни таълим ва тарбияи равонӣ истифода мебаранд: амалӣ, визуалӣ, шифоҳӣ, бозӣ. Одатан, онҳо дар маҷмӯа, дар таркиби гуногун бо ҳамдигар истифода мешаванд, муҳим аст, ки онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки дар таълими кӯдакон ба натиҷаҳои беҳтарин ноил шавем[4].

Дар ташаккули мафҳумҳои математикии оддитарин усули амалӣ пешбаранда ҳисобида мешавад. Моҳияти он дар ташкили фаъолияти амалии кӯдакон аст, ки ба аз худ намудани усулҳои муайяни амал бо ашёҳо ё ивазкунандаҳои онҳо (тасвирҳо, расмҳои графикӣ, моделҳо ва ғайра) нигаронида шудааст, ки дар асоси онҳо тасаввуротҳо оддитарини математикӣ ба вуҷуд меоянд.

Хусусиятҳои хосси усули амалӣ дар ташаккули тасаввуроти оддитарини математикӣ инҳоянд:
- иҷрои амалҳои гуногуни амалӣ, ки асоси фаъолияти зеҳнӣ мебошанд;
- васеъ истифода бурдани маводи дидактикӣ;
- ба вуҷуд омадани ақидаҳо дар натиҷаи корҳои амалӣ бо маводи дидактикӣ;

- ташаккул додани малакаҳои ҳисоб кардан, чен кардан ва мубоҳиса кардан дар шакли ибтидоӣ;

-васеъ истифода бурдани мафҳумҳои оддитарини математикӣ дар фаъолияти амалӣ, ҳаёти ҳаррӯза, бозӣ, меҳнат, яъне дар дигар фаъолиятҳо.

Моделсозӣ як усули аёнӣ ва амалӣ, аз ҷумла эҷоди моделҳо ва истифодаи онҳо барои ташаккули тасаввуроти оддитарини математикӣ мебошад[9].

Вазифаи инкишофи тафаккури математикӣ бояд дар ҷараёни таълими математика ҳал карда шавад. Аз ин рӯ, аз қадамҳои аввалини таълими математика раванди таълимро тавре ташкил кардан лозим аст, ки кӯдак фаҳмад, ки математика танҳо яке аз моделҳои шартии ҷаҳон аст. Ба кӯдак таълим додани амалҳои (маҳоратҳои) муайяни моделсозӣ нисбат ба малакаҳои мушаххаси фаннӣ хеле муҳимтар аст, зеро танҳо дар ин ҳолат ӯ метавонад минбаъд бо мафҳумҳои математикӣ бо шуурона кор кунад.

Модел барои ошкор намудани маънои мафҳумҳои математикии воридшуда тавассути муаррифии образноки онҳо кӯмак мекунад ва пайвастани захираҳои тафаккури образнок ба азхудкунии вобастагии абстрактии математикӣ ва дар хотир нигоҳ доштани маводи таълимиро хеле осон мекунад, хотираи кӯдаконро холӣ мекунад, зеро тасвир як воҳиди зичтар аз занҷири табдили аломатҳо ё мулоҳизаҳои шифоҳӣ аст. Тадқиқоти психологӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи моделсозӣ ҳамчун усул ва модел ҳамчун воситаи таълими математика на танҳо ба ташаккули мафҳумҳои математикӣ дар кӯдак, балки ба инкишофи вазифаҳои муҳими психикӣ: таваҷҷӯҳ, хотира, дарк, тафаккур мусоидат мекунад[9].

Моделсозӣ дар раванди таълим барои ташаккули чунин амалҳои равонӣ, аз қабили абстраксия, тасниф, таҳлил, ҷамъбасткунӣ шароити мусоид фароҳам меорад, ки дар навбати худ ба баланд шудани сатҳи дониш, малака ва маҳорати кӯдак мусоидат мекунад. Барои кӯдаки синни томактабӣ моделсозии моддӣ (дизайн) ва моделсозии графикӣ (расм, диаграмма) оптималӣ мебошанд[9]. Дар айни замон, чӣ қадаре, ки кӯдак хурдтар бошад, намуди якуми моделсозӣ ҳамон қадар муҳимтар аст. Ин моделсозии фаъолияти конструктивӣ ба мо имкон медиҳад, ки модели визуалӣ, ҳиссиётӣ-дарки мафҳум ё муносибатҳои омӯхташаванда бунёд карда шавад, ки он ҳам аз нуқтаи назари хусусиятҳои психологии кӯдакони хурдсол ва ҳам аз нуқтаи назари раванди инкишофи онҳо ниҳоят муҳим аст.

Моделҳо дар ташаккули инҳо васеъ истифода мешаванд: тасаввурҳои вақтӣ (масалан, модели қисмҳои рӯз, ҳафта, сол, тақвим); тасаввурҳои миқдорӣ (масалан, рақами ададӣ ва ғ.); тасаввуротҳои фазоӣ (масалан, моделҳои шаклҳои геометрӣ ва ғ.) [8,9].

Истифодаи моделҳо ва моделсозӣ бояд табиӣ бошад, ки бо дигар усули таълим пайваст карда шавад, дар ҳоле ки мураббия дорои методу усули гуногун буда, вазифаи асосии истифодаи эҷодкоронаи онҳо–амалӣ намудани омодагии пеш аз математикии кӯдакони синни томактабиро дар назар дорад.

Дар кӯдакистон бозиҳои гуногуни дидактикӣ васеъ истифода мешаванд. Ба шарофати вазифаи омӯзишӣ, ки дар шакли бозӣ (тарҳрезии бозӣ), амалҳо ва қоидаҳои бозӣ пӯшида шудааст, кӯдак нохост як "қисми" муайяни мундариҷаи маърифатиро аз худ мекунад. Ҳамаи намудҳои бозиҳои дидактикӣ (ашёгӣ, чопии рӯимизӣ, шифоҳӣ ва ғайра) восита ва усули самарабахши ташаккули мафҳумҳои оддитарини математикиро дар кӯдакони ҳамаи гурӯҳҳои синну соли ташкил медиҳанд. Бозиҳои ашёгӣ, чопии рӯйимизӣ ва шифоҳӣ дар машғулиятҳои математика ва берун аз онҳо, чун қоида, гузаронда мешаванд [5]. Ҳамаи онҳо вазифахои асосии омӯзиши - таълим, тарбиявӣ ва инкишофро иҷро мекунанд.

Ҳама бозиҳои дидактикӣ оид ба ташаккули тасаввуроти оддитарини математикӣ ба якчанд гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

1. Бозиҳо бо ададҳо ва рақамҳо
2. Бозиҳо доир ба вақтмуайянкунӣ
3. Бозиҳо барои самтгирӣ дар фазо
4. Бозиҳо бо шаклҳои геометрӣ
5. Бозиҳо барои тафаккури мантиқӣ [5].

Дар айни замон системаи ба ном бозиҳои таълимӣ таҳия шудааст. Баръакси донишҳои мавҷуда, онҳо ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки донишҳои наверо ташаккул диҳанд, ки онҳоро мустақиман аз воқеияти атроф ба даст овардан мумкин нест, зеро мундариҷаи онҳо мафҳумҳои абстрактии математикӣ мебошанд. Мақсади асосии онҳо омода намудани тафаккури кӯдакони синни томактабӣ барои дарки мафҳумҳои фундаменталии математикӣ: «маҷмуъ ва амалҳо оид ба маҷмӯъҳо», «функсия», «алгоритм» ва ғайра мебошад. Дар ин бозиҳо маводи дидактикии мушаххас истифода мешаванд, ки аз рӯйи меъёрҳои муайян интихоб карда мешаванд. Моделсозии мафҳумҳои

математикӣ, он ба мо имкон медиҳад, ки амалҳои мантиқиро иҷро намоем: ба синфҳо тақсим кардани маҷмуа, дарёфти объектҳо мувофиқи меъёрҳои зарурӣ ва кофӣ ва ғайра.

Таълими бомуваффақияти кӯдакон дар синфҳои ибтидоӣ ба сатҳи инкишофи тафаккури кӯдак, қобилияти умумӣ ва ба низом дар овардани донишҳои онҳо, эҷодкорона ҳалли масъалаҳои гуногун вобаста аст. Тафаккури математикии инкишофёфта ба кӯдак кӯмак мекунад, ки дар ҷаҳони муосири гирду атроф мушоҳида гузаронад, худбовариаш ташаккул ёфта, рушди умумии психикии ӯ ба роҳ монда мешавад. Ин талаби асосии шакли ташкили таълим ва тарбияро дар назар дорад ва то ҳадди имкон самаранок гардонидани машғулиятҳо оид ба ташаккули тасаввуротҳои оддитарини математикӣ, донишҳои дар ҳар як марҳилаи синну сол мавҷуд бударо таъмин менамояд. Кӯдак тавассути ба даст овардани тасаввуроти математикӣ таҷрибаи зарурии эҳсосии самтгириро дар хосиятҳои гуногуни ашё ва муносибатҳои байни онҳо ба даст меорад, методҳо ва усулҳои шинохтро аз худ мекунад, дониш ва малакаҳои дар рафти таълим ташаккулёфтаро дар амал татбиқ менамояд. Ин барои ба вуҷуд омадани ҷаҳонбинӣ заминаи мустаҳкам муҳайё карда, омӯзишро бо ҳаёти атроф алоқаманд мекунад.

Ба кӯдакон ёд додан, бо шавқу завқ хондан, математикаро дарк кардан ва ба худ бовар карданро омӯзонидан мақсади асосии таълими математика дар тайёрӣ ба мактаб мебошад.

## АДАБИЁТ:


1. Барномаи таълимии омодагии пешазмактабии кӯдакони 5-7 (6 сола) ба мактаб. (гурӯҳи корӣ). Душанбе, 2010- 74 с.
2. Зинаҳои математикӣ. Дастур барои мураббиён. Д. 2010.
3. Маҷидова Б., Обидова М.И. Виготский Л.С. ва масъалаҳои омодагии кӯдакон ба мактаб. Виготский Л.С ва масъалаҳои таълиму тарбия. (маводи илмӣ-назариявӣ барои донишҷӯёни шуъбаи тарбияи томактабӣ). Душанбе, 2009. с. 31-40.
4. Метлина Л.С. Машғулияҳои математика дар кӯдакистон. Душанбе, 1990. с.37.
5. Михайлова З.А. Игровые занимательные задачи для дошкольников. М.,1990.
6. Недоспасова В.А. Проблема подготовки детей к школе. Душанбе, 1985.с.5.
7. Рангинкамон. Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ. (гурӯҳи корӣ) Душанбе. 2012 – 124с.
8. Рихтерман Т.Д. Формирование представлений о времени у детей дошкольного возраста. М., 1991. с.12,15
9. Щербакова Е., Фунтикова О. Формирование представлений и понятий о времени с помощью объемной модели. Дошк.восп.1986, №7. с.43-46.


## ОМОДАГИИ МАТЕМАТИКИИ КӮДАКОН БА МАКТАБ


Мақолаи пешниҳоднамуда аз доираи мавзуи таҳқиқотии муаллиф гирифта шуда, ҷиҳати омодагии математикии кӯдакони синну соли калони томактабӣ ба мактаб, таҳсили оянадаи онҳоро дар синфҳои ибтидоӣ дар бар мегирад. Масъалаи омодагии кӯдакони синни калони томактабӣ ба мактаб аз тарафи олимони соҳаи педагогикаи томактабӣ, психологияи бачагон ва мутахассисоне, ки бевосита ин масъаларо таҳқиқ менамоянд ва дар ҷараёни ҳамин раванд қарор доранд ҳамаҷониба омӯхта шудааст.

Мақсади мақола: аз ҷиҳати илмӣ инъикос намудани дараҷаи омӯхташавии масъалаи омодагии кӯдакон ба мактаб, ки бевосита ба донишҳои математикии кӯдакон алоқаманданд.

Натиҷаи тадқиқот нишон медиҳад, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба таҳсилоти томактабӣ масъалаи мазкур баррасӣ шудааст, инчунин муайян карда шудааст, ки мутахассисони соҳа дар омодагии математикии кӯдакон моделҳои коркардшударо истифода мебаранд, ки самаранокии омодагии математикии кӯдакони синни 5-7 соларо баланд мебардорад.



**Калидвожаҳо:** *омодагии математикӣ, машғулиятҳо оид ба ташаккули тасаввуротҳои математикӣ, бозиҳои дидактикӣ, истифодаи модел ва моделсозӣ, тафаккури математикӣ.*


## МАТЕМАТИЧЕСКАЯ ПОДГОТОВКА ДЕТЕЙ К ШКОЛЕ


Представленная статья относится к исследуемой теме автора, и охватывает некоторые стороны математической подготовки детей старшего дошкольного возраста к последующему обучению в начальных классах. Проблема подготовки детей к школе были исследованны учёными в области дошкольной педагогики, детской психологии и теми специалистами, которые непосредственно изучают эту проблему и находятся в самом её процессе.

Цель статьи: с научной позиции отразить степень изученности проблемы подготовки детей к школе, которые непосредственно связаны с математическими знаниями.

Результаты исследования показывают, что подготовка детей к школе рассматриваются в нормативно-правовых документах в области дошкольного образования, а также определили то, что специалисты при математической подготовки детей используют разработанные модели, которые эффективно влияют на процессе подготовки детей 5-7 лет.

**Ключевые слова:** *подготовка к школе, занятия по формированию математических представлений, дидактические игры, использование модели и моделирование, математическое мышление.*

## MATHEMATICAL PREPARATION OF CHILDREN FOR SCHOOL

The presented article relates to the researched topic of the author , and covers some aspects of the mathematical preparation of children of senior preschool age for subsequent education in the primary grades. The problem of preparing children for school was studied by scientists in the field of preschool pedagogy , child psychology and those specialists who directly study this problem and are in its very process.

The purpose of the article : from a scientific point of view, to reflect the degree of study of the problem of preparing children for school, which are directly related to mathematical knowledge.

The results of the study show that the preparation of children for school is considered in the legal documents in the field of preschool education , and also determined and the fact that specialists in the mathematical training of children use the developed models that effectively influence the process of preparing children 5-7 years old.

**Key words**: *preparation for school, classes on the information of mathematical representations , didactic games , use of the model and modeling, mathematical thinking.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Бобиева Сабрина Катташоевна, ассистенти кафедраи педагогика, психология ва тарбияи томактабӣ, факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Сведения об авторе:** *Бобиева Сабрина Катташоевна, ассистент кафедры педагогики, психологии и дошкольного воспитания, факултета педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

**Information about the author:** *Bobieva Sabrina Kattashoevna, assistant of the Department of Pedagogy, Psychology and Preschool Education , Faculty of Pedagogy of Tajik State Pedagogical Universi ty named after Sadriddin Ayni*

## САТҲИ ИБТИДОИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ ДАР СИННИ ХУРДСОЛӢ (ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИӢ)

***Маҳкамов Д., Сафаров М. С.***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Аввалин дониш ва малакаю маҳорате, ки хонандагон дар синни хурдсолӣ мегиранд, ба пайдо шудани салоҳиятҳои асосӣ оварда мерасонад. Чӣ тавре, ки дар боло зикр намудем, барои сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои 7-9 дар таълими фанни физика, онҳоро дар синни хурдсолӣ бояд дорои дониш ва малакаю маҳорат кардан лозим аст. Барои ин ҳоло мо рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккули дониш, малакаю маҳорати кӯдаконро дар овони хурдсолияшон дида мебароем.

Бечуну чаро, кӯдакон алаккай дар овони хурдсолӣ бо мурури замон дорои малакаҳо ва маҳоратҳои гуногун мегарданд, ки он ба рушди салоҳиятҳои асосӣ оварда мерасонад. Ин малакаҳо ва маҳоратҳо дар зиндагӣ ҳамеша онҳоро ёрӣ расонида, дар онҳо қобилиятҳои гуногунро пайдо менамоянд, масалан, либоси худро кашида, ба либосовезак овехтан, роҳ гаштану давидан, дучарха рондан, аз монеаҳо гузаштан, хаму рост шудан, бардоштани бор ва онро ба ягон тараф бурдан, санг ва ягон ҷисмро ба ҳаво партофтан, аз ҷуқурӣ паридан, сохтани хонача бо бозичаҳо, дар хок бозӣ кардан ва ҳаргуна фигураҳо сохтан ва ғайраҳо мебошанд. Кӯдакон ин малакаю маҳоратҳоро маҳз аз табиат, ҳодисаю зуҳуротҳо ва амалҳое, ки мо иҷро мекунем, чида мегиранд ва онҳоро дар зиндагии худ

истифода мебаранд ва ё амалҳои дидашудаи худро иҷро мекунанд. Масалан, мо бо корд нонро мебӯрем, бо болға мехро мекӯбем, ба зарф об мегирем, пойафзолҳоро ба тартиб медарорем, бо гугирд оташ дармегиронем, мевaро тоза мекунем, бо ароба бор мекашем, бореро бардошта ба ҷое мебарем, корҳои гуногуни сохтмонӣ иҷро мекунем, санг ва ё ҷисмеро ба ягон тараф мепартоем, ягон машғулияти варзишӣ ва ё бозӣ мекунем ва ғайраҳо. Агар кӯдаконро назорат накунем, онҳо ин амалҳоро такроран ба шакли гуногун иҷро мекунанд. Маҳз ин амалҳо ба илм ва ё фанни физика дахл дошта, иҷрои ин амалҳо ташаккули малакаю маҳорат ва рушди салоҳиятҳои кӯдакон мегардад. Вале кӯдак зиндагие, ки дар хурдӣ ба сар мебурд, аз зиндагии калонсолон хеле фарқи зиёд дорад. Он танҳо ба далелҳо, ҳодисаю зуҳурот ва амалҳои иҷроикардаи мо кифоягӣ намекунад. Касе намедонад, ки кӯдакон ҳангоми калон шудан чӣ гуна хоҳанд буд, аммо мо медонем, ки онҳо бояд ҳатман ба як қатор салоҳиятҳои асосӣ доро гардида, онҳоро инкишоф медиҳанд, то дар оянда дар ҷаҳони зуд тағйирёбанда мутобиқ шуда, хуб кору фаъолият ва зиндагии худро пеш баранд. Аз ин ру, ин гуна дониш ва малакаю маҳоратҳо метавонанд салоҳиятҳои асосии хонандагонро дар синни мактабӣ рушд диҳанд:

- *дуруст фикр кардан ва хулоса баровардан;*
- *дарк кардани мавзуъ;*
- *қобилияти азхуд кардани дониш ва истифодаи дурусти он дар вақти лозимӣ;*
- *қобилияти истифодаи дурусти имлои забон, аломатҳо, матнҳо;*
- *доштани малакаи худидоракунӣ;*
- *гуфтору рафтор ва муносибати хуб бо дигарон доштан;*
- *дорои мустақилият ва худбаҳодиҳӣ будан;*
- *иштирок ва саҳм гузоштан дар корҳои ҷамъиятӣ ва оила.*
- *ҳурмати падару модар ва калонсолонро бо ҷо овардан ва ғайраҳо.*

Ташаккули ин гуна салоҳиятҳои асосӣ дар таълими кӯдак хеле муҳим ба шумор меравад. Салоҳиятҳои асосӣ на танҳо дар раванди таълим ба хонанда лозим аст, балки дар зиндагии ҳаррӯзаи ӯ низ зарур мебошад. Масалан, хонанда салоҳиятҳои асосиро дар ҳолатҳои гуногун дар кӯча, дар хона, дар варзиш, дар саёҳат, дар ҷамъомаду чорабиниҳои гуногун ва ғайраҳо истифода мебарад. Ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар ҳақиқат яке аз самтҳои самаранок дар таълим ба шумор рафта, ба волидайн водор месозад, ки раванди таълиму тарбияи фарзанди худ назорат намуда, оид ба дониш ва малакаю маҳорати фарзандаш хулосабарорӣ ва баҳодиҳӣ намояд. Роҳҳои гуногуни дахолати волидайн ба таълими фарзанд мавҷуд мебошад. Масалан, волидайн бояд донад, ки фарзандаш чӣ гуна таълиму тарбия мегирад; аз омӯзгор пурсад, ки азхудкунии малакаю маҳорати ибтидоиро фарзандаш чӣ гуна доро мешавад; чӣ гуна ва бо кадом роҳ дар хона волидайн бояд ба фарзанд ёрӣ расонад; бо ҳавас фарзандатонро пурсед, ки имрӯз кадом мавзуъҳоро омӯхтааст; фарзандатонро фаҳмонед, ки дониш ва малакаю маҳорате, ки ӯ доро мегардад, дар ҳаёт хеле муфиданд; бо фарзандатон кору машғулиятҳоеро анҷом диҳед, ки маҳз аз салоҳиятҳои асосӣ иборат бошад, то ин ки ӯ фаҳмад, он чизе, ки ӯ дар мактаб меомӯзад, дар ҳаёти ҳаррӯзааш зарур аст; муносибат ба дигарон, ва худидоракунро ба фарзандатон фаҳмонед; ҳамеша бо варзиш машғул шудан ва саломатиро нигоҳ доштанро омӯзонед; қоидаи бозиҳои тарбиявӣ ва ба саломатӣ фоидаоварро нишон диҳед ва ғайраҳо. Дар ин ҷо сухан дар бораи рушди салоҳиятҳои асосӣ ва малакаҳои тафаккури кӯдакон дар ҷаҳони имрӯза меравад. Зеро онҳо роҳҳои эҷодӣ ва тафаккурро барои фаҳмидани маълумот, таҷриба ва ғояҳо истифода мебаранд.

Волидон дар хона бояд бо фарзандон чӣ гуна рафтор кунад:

- бо фарзандатон дар бораи аҳамияти тафаккур сӯҳбат кунед, то ки ӯ тамоми кору фаъолияте, ки дар мактаб ва хона мекунад, дарк намояд;

- аз омӯзгори фарзандатон пурсед, ки ӯ чӣ гуна усулро истифода мебарад;

- омӯзгорро пурсон шавед, ки барои инкишоф додани дониш ва малакаю маҳорати фарзанд дар хона бояд чӣ гуна корҳоро ба анҷом расонид;

- ба фарзандатон намудҳои гуногуни тафаккурро ба мисли тафаккури физикӣ, математикӣ ва техникӣ ё қобилияти дарёфти камбудиҳо дар тафаккур аҳамияти ҷиддӣ диҳед;

- ҳангоми дарёфти камбудиҳо дар тафаккури физикӣ, математикӣ ва техникӣ фарзандатонро сарзаниш накунед, баръакс дастгирӣ ва таъриф кунед;

- тафаккури физикӣ, математикӣ ва техникии фарзандатонро ба воситаи бозиҳои гуногун, ки як роҳи самараноки рушди майна ва қобилияти рушди тафаккур мебошад, ташаккул диҳед;

Истифодаи забон, аломатҳо ва матнҳо дар таълими фарзанд, ин яъне, сухан дар бораи роҳҳои гуногуни муошират ва дарки иттилоот, таҷриба ва ғояҳо ба ҳисоб меравад. Чӣ гуна корҳоро бо фарзанд дар хона бояд таълим дод ва назорат кард: шумо бояд донед, ки фарзанди шумо матнҳои гуногунро сарфаҳм меравад ва кадом забонҳоро медонад; агар фарзандатон ба матнҳои гуногун сарфаҳм раваду забонро донад, пас, аз ӯ пурсидан лозим аст, ки онҳо инро аз куҷо медонанд ва онҳоро чӣ маҷбур сохт. Ин имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои асосии онҳо рушд ёфта, инчунин шумо огоҳ мешавед, ки омӯзгор дар мактаб ба ӯ чӣ гуна дониш ва малакаю маҳоратро омӯзондааст. Дар баробари салоҳиятҳои ба фанни физика рабт дошта, фарзандатонро дар бораи муҳиммияти забон низ таблиғу ташфиқот баред, зеро маҳз ба воситаи забон ӯ ба ҳамагуна маълумот ва донишҳо соҳиб мегардад.

Худидоракунӣ: яъне боварӣ ҳосил намудан, ба кор вобаста будан ва хонанда будани худро дарк кардан. Пас, бояд падару модар чӣ гуна рафтор намояд:

- фарзандро ҳангоми кори муқаррарӣ ва ё хонагиеро иҷро кунад, таъриф кардан;
- оид ба душвориҳои омӯзиш суҳбат кардан;
- дониши худро низ ба онҳо нишон дода, омӯзонидан лозим аст;
- ҳангоми ноком гардидани фарзанди худ дар корҳояш ӯро дастгирӣ ва рӯҳбаланд намудан;
- ҳангоми дар мавзуи мураккаб ба душворӣ дучор шудан, ӯро дастгирӣ намуда, гӯед, ки «-албатта, ин каме мураккаб аст барои синну соли ту».

Гуфтору рафтор ҳангоми муносибат ба дигарон - ин малакаю маҳорати гуфтори рафтори худ доштан бо одамони гуногун аст, яъне қобилияти гӯш кардан, дидан ва шунидани нуқтаи назари гуногун, гуфтушунид ва мубодилаи андешаҳо мебошад.

Дар хона бо фарзандон бояд чунин рафтор намоем: роҳҳои гуногуни зиндагиро барои зистан дар дунё бо онҳо ошкоро суҳбат намоед; фарҳангҳои гуногунро омӯзонед; ҳурмати калонсолон ва хурдсолонро ба онҳо фаҳмонед; чӣ гуна калонсолон хурдсолонро ҳурмат намоянд, ба онҳо шарҳ диҳед; ривояту ҳикояҳои панду ахлоқӣ ба онҳо нақл намоед; андеша кунед, ки то чӣ андоза шумо онҳоро гӯш мекунед ва шартҳои онҳоро иҷро мекунед; ошкор намоед, ки фарзанди шумо аз шумо чӣ гуна рафтору кирдор омӯхта ба дигарон меомӯзонад. Яъне хонанда дар таҳсил ҳангоми кору фаъолият иштирок намуна дошта бошад, саҳми худро гузорад, узви хуби гурӯҳ бошад, рафтораш намуна бошад, барои дигарон имкониятҳо фароҳам оварад, муносибати хуб дошта боша два ғайраҳо. Дар хона бошад, намунаи хуб нишон диҳад, дониш ва малакаю маҳорати худро истифода барад, яъне дониши гирифтаашро истифода барад, дар парвариши меваю сабзавот саҳм гузорад, малакаи боғдорӣ дошта бошад, то ин ки ба падару модар ва аҳли хонавода ёрӣ расонида бошад. Бояд кӯдаконро ба корҳое, ки пештар сару кор надоштанд ва накарда буданд, таблиғ намуда, онҳоро раҳнамоӣ кунед. Ин роҳнамоӣ онҳоро ба фаъолият ва корҳои нав дар гурӯҳҳо ҷалб менамояд. Дар ин росто шумо бояд бо онҳо оид ба дониш ва малакаю маҳоратҳои нав гирифтаашон суҳбат ва мунозира намоед, то ки дар зеҳни онҳо нақш бандад. Ин даъват онҳоро дар оянда ҳангоми омӯзиш ва таълим бо ҳамсинфон ва омӯзгорон лозим мешавад. Ҳангоме, ки фарзанди шумо кори муҳиммеро дар хона, синф, муассиса ва ё дар ягон ҷойи ҷамъиятӣ ба ухда мегирад, ҳамеша ӯро дастгирӣ кардан лозим аст. Ин метавонад, дилхоҳ кори оддӣ бошад, ба монанди нигоҳубини гулҳо дар хона ва ё синф, бурдани партови хона дар ягон муддат, нигоҳубини хонандагони хурдсол дар вақти танаффус ё ҳангоми варзиш, ба ӯҳда гирифтани нигоҳубини ягон таҷҳизот дар кабинети лабораторӣ ва ғайраҳо. Мо падару модарон ва омӯзгорон бояд шукргузорӣ намоем, ки маҳз ҳамин муассисаҳои таълимӣ ҳамчун даргоҳи илму маърифат ба хонандагон имконият медиҳад, ки таълиму тарбия ва одобу ахлоқи ҳамидаро доро гарданд. Дар ҳақиқат муассисаи таълимӣ барои фарзандони мо имкониятҳои зиёдеро барои азбар намудани илму дониш ва малакаю маҳорат фароҳам меоварад.

Рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккул додани дониш, малакаю маҳорат ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синни хурди мактабӣ ва омода намудани онҳо ба омӯзиши мусалсали фанни физика дар синфҳои болоӣ масъалаҳои хеле мубрам ва муҳим дар назди омӯзгор ба шумор меравад. Яке аз роҳҳои самараноки таълим рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккули дониш, малакаю маҳорат ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон ба табиат тавассути фанни физика ба ҳисоб меравад. Асосан ташаккул додани дониш, малакаю маҳорат ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон ба илми муосир барои таҳсилот дар мадди аввал буда, он дар хонандагон қобилияти эҷодкорӣ, ихтироъкорӣ, ҷустуҷӯйи дониш, уҳдабароӣ, омӯхтан, мустақилият, баромадан аз мушкилот ва ғайраҳоро ташаккул дода, онҳоро ба фаъолияти таълими самаранок омода месозад. Дар натиҷаи фаъолияти лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ дар мактаббачагони хурдсол салоҳиятҳои калидии таълимӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва арзишӣ-маъноӣ ташаккул меёбанд [4, саҳ.43].

Аз таҳлилу озмоишҳо бармеояд, ки ҳанӯз ҳам омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккул додани дониш, малакаю маҳорат ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон ба табиат ва фанни физика ба душворӣ дучор мешаванд. Дар синфҳои ибтидоӣ маводи табиатшиносӣ функсияи таълимӣ ибтидоиро рушд дода, ба ташаккули тасаввуроти диалектикию материалистӣ дар бораи табиат мусоидат менамояд. Инчунин, муносибати хонандагонро ба объектҳои табиӣ ба таври қатъӣ тағйир дода, баъд аз омӯзиш андешаю нигоҳи онҳоро ба табиат хеле дигаргун месозад. Дар раванди омӯзиш ва таълими адабиёти педагогие, ки ба масъалаи рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккул додани дониш, малакаю маҳорат ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синни хурди мактабӣ ба фанни физика рабт дорад, шавқу ҳаваси хонандаро ба омӯзиши фанни физика зиёд менамояд. Бештар дониш ва малакаю маҳорати азхудкардаи онҳо дар асоси мушоҳидаи ҳодисаҳо ва ашёи воқеии олами гирду атроф ташаккул ёфта, мустаҳкамтар мегардад. Яке аз омилҳои рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккул додани дониш, малакаю маҳорат ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон ин ҳамеша ба фаъолияти таҳқиқотию амалии пай дар пай ва фаъолона машғул шудану ҳангоми кору фаоълият ва саёҳат ба корхонаҳои саноатӣ, хурокворӣ, хоҷагии кишоварзӣ, фабрикаҳо, озмоишгоҳҳои илмӣ, расадхонаҳои астрономӣ ва ғайраҳо мебошад. Ин гуна фаъолиятҳои таҳқиқотӣ-амалӣ дар ҳиссиёташон нисбат ба дониш дар бораи технологияи муосир, техникаю технология, табиати наботот ва ҳайвонот шавқу рағбат ва ҳавасмандӣ пайдо мекунад. Маводи таълимӣ ба таври васеъ дар фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ истифода бурда мешавад, ба мазмуну мундариҷаи таълим дарки мавзуъ ва фаҳмиши ҷаҳонбинӣ дода, самти таълиму тарбия ва рушди таҳсилоти ибтидоиро пурмазмун мукунанд. Самараи дарк ва фаҳмиши маводи физикӣ дар таълими синфҳои ибтидоӣ барои донишҳои махсуси фаннӣ шароити мусоид фароҳам оварда, муносибати эҳсосотии хонандагонро барои азхуд кардани донишҳои физикӣ ҷалб намуда, шавқу ҳаваси онҳоро бештар мегардонад. Ба омӯзиши фаъолияти ҷустуҷӯйӣ, татбиқи усули тадқиқотӣ диққати кам додан, аз як тараф, сатҳи нокифояи таълими касбӣ-педагогии омӯзгорон бошад, аз тарафи дигар - таҳияи заифи асосҳои методии ташкили фаъолияти мустақили тадқиқотии хонандагон дар раванди азхудкунии донишҳои умумӣ ва мураккаб, салоҳиятҳои тадқиқотӣ, ки ба стандартҳои нави таълим вобастаанд, инчунин заминаи заифи моддии баъзе муассисаҳои таълимӣ аст. [3, саҳ.7].

Қайд намудан лозим аст, ки шавқу ҳавас ба омӯзиши фанни физика воситаест, ки барои рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккул додани донишу малакаю маҳорат вобаста ба бештари фанҳо ёрӣ мерасонад. Илми физика маҳз ба табиати моро иҳота кардашуда вобаста дорад ва нисбат ба дигар илмҳо бештар тараққӣ намуда, таълим ва азхуд намудани он низ хеле содаю осонфаҳм мебошад. Зеро чӣ тавре, ки дар боло қайд намудем, илми физика бевосита ба табиати онҳоро иҳота кардашуда ва ба таҷрибаи зиндагии онҳо робитаи зич дорад.

Аз ин бармеояд, ки дарки воқеияти табиати иҳотакардашуда хонандагони синфҳои ибтидоиро бештар ба фанни физика зиёд намуда, онҳо бештар ба ин фан марoқ зоҳир менамоянд. Онҳо мехоҳанд ҳама зуҳуроту ҳодисаҳое, ки рӯй медиҳанд, донанд ва аз он бохабар бошанд, зеро ин зуҳуроту ҳодисаҳо бароли онҳо аҷиб менамоянд ва ба донистани онҳо водор месозад. Хонандагони кунҷкобӣ синфҳои ибтидоӣ мехоҳанд ба **ин** саволҳо ҷавоб ёбанд: «ин чист?», «инро чӣ ном дорад?», «чаро ин

тавр ме мешавад?», «ин чӣ гуна рӯй медиҳад?», «оё ман инро худам карда метавонам?», «чаро ҳамавақт ин рӯй намедиҳад?» ва ғайраҳо. Маҳз ҳамин саволҳои кӯчак ба рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккул додани донишу малакаю маҳорат оварда мерасонад, ки дар натиҷа хонанда дорои дониш ва малакаю маҳорат мегарданд.

Вобаста ба таҳқиқот ва таҳлилҳо маълум гардид, ки робитаи фанни физика ба табиат, фаъолият, кору меҳнат ва зиндагии ҳаррӯзаи мо хеле алоқаманд буда, мавқеи хос дорад, яъне:

- мавқеи физика дар инкишоф ва пешрафти техника ва технология;
- аз нуқтаи назари илмӣ фаҳмиши равандҳои технологии меҳнат ва муоинаи техникаю технология;
- ташаккули маҳорати ҳисобкунӣ, андозагирӣ ва ченкунии бузургиҳои физикӣ;
- рушди тафаккури техникӣ, ихтироъкорӣ ва муносибати эҷодкорона ба меҳнат, кору фаъолият ва ғайраҳо мебошанд.

Мавқеъ ва имкониятҳои тарбиявии оилаҳое, ки бо муассисаҳои таълимӣ ҳамкорӣ доранд, дар кори рушди салоҳиятҳои асосӣ ва ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони хурдсол ба таълими фанни физика ва омода намудани онҳо ба омӯзиши мусалсали ин фан дар синфҳои ибтидоӣ хеле кам омӯхта мешавад. Асосан, кӯдакон дар синфҳои ибтидоӣ хурдсолон бо дониш ва малакаю маҳорат мусаллаҳ мегарданд ва дар навбати худ падару модарон аз болои таълиму тарбияи фарзандон назорат мебаранд. Вазифаҳои хонагии супурдашударо якҷоя иҷро намуда, ҳангоми хулосабарорӣ намудан ба онҳо маслиҳатҳои муфид медиҳанд. Аз ин ру, сатҳи дониш ва ҳурмату эҳтироми беандозаи падару модарони замони муосир ба омӯзгор имкон медиҳад, ки онҳоро ёрдамчӣ ва маслиҳатгари худ хонанд. Ҳамин тавр, омӯзгорон ва падару модарон якҷоя хонандагонро дар рӯҳияи донишомӯзӣ ва маърифатҷӯйӣ тарбия намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба омӯзиш ва фаъолияти таълимӣ, ки калиди хуб дар таълим ва тарбия ба шумор меравад, бедор кардаву ташаккул диҳанд. Дар натиҷа ҳангоми ин ҳамкории падару модарон ва омӯзгорон дар шуури хонандагони хурдсол ҳисси ҳурмату эҳтиром нисбат ба падару модар ва калонсолон бештар ва мустаҳкам мегардад. Инчунин, шавқу ҳаваси маърифатҷӯӣ ва донишомӯзии хонандагон низ ба омӯзиши фанни физика ва техникаю технология рушд меёбад. Пас, ин ҳамкорӣ омӯзгорро маҷбур месозад, ки ӯ мавзуи дарсиро хуб аз худ намуда, сипас донишҳои азхудкардаашро дар дарсҳояш истифода барад ва барои самаранокии таълим маводи дидактикии шавқовар ва гуногун ҷамъоварӣ намояд.

Вобаста ба таҳлилу таҳқиқоти боло таснифоти усулу воситаҳои ташаккул додани салоҳиятҳои асосӣ ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ ва омода намудани онҳо ба омӯзиши мусалсали фанни физика чунин аст: бештар ташкил намудани дарсҳои фаннӣ; намоиш додани таҷрибаҳои шавқовари физикӣ ва фаҳмонидани онҳо; нақл кардани мавзуи дарс бо таҷриба; намоиши дарсҳои видеоӣ вобаста ба мавзуи дарс; истифодаи маводи тестӣ, блитс-пурсиш ва дидактикии мувофиқ ба мавзуи дарс; истифодаи асбобҳои техникӣ ва ё физикӣ дар дарс; ташкил кардани дарс дар синфхонаи физика истофода аз таҷҳизоти зарурӣ; ҳалли масъалаҳои шавқовари физикӣ; робитаи байнифаннии фанҳои синфҳои ибтидоиро ба фанни физика ошкор намудан; истифодаи бозиҳои гуногуни дидактикӣ дар дарсҳо; баргузории шабнишиниҳои шавқовари физикӣ ва техникӣ; ташкили озмун ва маҳфилҳои физикӣ; гузаронидани мубоҳисаю мунозираҳо, нашри маҷаллаи шифоҳӣ, маҳфили зарифон, ҳалли масъалаҳои шавқовар, викторинаҳо, ҳалли кроссворд ва ребусҳо; ташкил кардани маҳфили мутолиаи адабиёти илмӣ-оммавӣ; ташкил ва гузаронидани сайёҳатҳои физикӣ; ташкил намудани мушоҳидаҳои мустақилона ва озмоишҳои хонагии таҳқиқотӣ; даъват кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар чорабиниҳои берунисинфии физикӣ; нашри махсуси рӯзномаи деворин физикӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ; ташкили дарҳои кушоди физикӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ғайраҳо.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо омӯзгорони фанни физика бояд вобаста ба ташаккул додани салоҳиятҳои асосӣ ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанни физика бо якдигар ҳамкорӣ ва ёрии методӣ расонанд: ёрии методии омӯзгори физика ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми баёни маводе, ки ба фанни физика рабт дорад; тавсия ва таъмини адабиёти лозима;

ёрӣ расонидан ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои гузаронидани таҷрибаҳо; таъмин намудани омӯзгорони синфҳои ибтидои бо асбобҳои физикӣ; гузаронидани ҷаласаҳои муштараки иттиҳодияҳои методии омӯзгорони физика ва синфҳои ибтидоӣ; иштирок ба дарсҳои ҳамдигар; аз ҷониби омӯзгорони физика ташкили дарсҳои мувофиқ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ; баргузор кардани чорабиниҳои берунисинфии муштарак бо иштироки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ғайраҳо. Барои такмилдиҳии мазмуну мундариҷаи маълумоти ибтидоӣ дар замони муосир, бояд мавқеъ ва вазифаҳои маводи физикӣ дар мундариҷаи таҳсилоти ибтидоӣ дуруст ба роҳ монда шуда, аз ҷиҳати дидактикӣ асоснок муайян карда шавад.

Зарур аст, ки шароите фароҳам оварда шаванд, ки ба хонандагон барои ба даст овардани дониш, азхудкунии усули истифода ва ташаккули рушди салоҳият ва малакаю маҳоратҳои фаъолияти тадқиқотӣ мусоидат кунанд: қобилияти пайдо кардани маълумоти зарурӣ, кор бо адабиёти тавсияшуда, қобилияти дар сатҳи олӣ фаҳмидани мавод, муқоисаи мафҳумҳо ва ҳодисаҳо, хулоса баровардан ва албатта қобилияти ба таври возеҳ ва равшан баён кардани фикрҳои худ [7, саҳ.154].

Пайдарпайии омӯзиши мавод дар таълими фанни табиатшиносӣ, ки пойгоҳи асосӣ барои омӯзиши фанни физика дар синфҳои ибтидоӣ ва то омӯзиши фанни физика ба шумор меравад, бояд коркард карда шавад. Амалӣ гардонидани талаботи такмилдиҳии мазмуну мундариҷаи маълумоти ибтидоӣ дар замони муосир яке аз шартҳои муҳими ташкилӣ-методӣ дар **ташаккул додани салоҳиятҳои асосӣ ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ** ба физика мебошад. Барои **ташаккул додани салоҳиятҳои асосӣ ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ** зарур аст, навъҳои гуногуни фаъолияти хонандагонро ташкил намудан лозим аст. Тадқиқот ва мушоҳидаҳо нишон доданд, ки муҳаққиқон салоҳияти коммуникатсиониро ҳамчун системаи захираҳои дохилӣ барои эҷодӣ таъсири коммуникатсионӣ дар доираи муайяни ҳолатҳои тамоси байнишахсӣ муайян карданд [6, с. 56].

Мусаллам аст, ки навъҳои фаъолияти хонандагон гуногун мешаванд, ба монанди: ҷалби хонандагон ба корҳои озмоишӣ; барои беҳтаркунӣ ва ободонии табиати атроф фаро гирифтани хонандагон; таҳлили мушоҳидаи объектҳо, ҳодисаю зуҳуроти табиат дар шароити табиӣ; вобаста ба синну сол ҷалб намудан ба корҳои деҳқонию кишоварзӣ; маълумот пайдо кардан дар бораи табиати кишвари худ.

## АДАБИЁТ:

1. Боброва А.В., Довбня С.В., Морозова Т.Ю. и др. Реализация программ поддержки родителей дошкольников с РАС // Аутизм и нарушения развития. 2022. Т. 20. № 1. DOI:10.17759/autdd.2022200105

2. Егоров А.В., Захаренко Н.В., Казьмин А.М. и др. Личность и достижения дошкольников с типичным развитием и умственной отсталостью [Электронный ресурс] // Клиническая и специальная психология. 2012. Т. 1. № 3. 11 с. URL: https://psyjournals.ru/psyclin/2012/n3/55180.shtml (дата обращения: 30.07.2022).

3.Зимняя, И. А. Ключевые компетенции — новая парадигма результата образования / И. А. Зимняя // Высшее образование сегодня. -2003. - №5. - С. 3 -10.

4.Краля Н.А. Метод учебных проектов как средство активизации учебной деятельности учащихся: Учебно-методическое пособие / Под ред. Ю.П. Дубенского. - Омск: Изд-во ОмГУ, 2005. -59 с.

5. Казьмин А.М. Компетентностный подход в ранней помощи детям и их семьям // Клиническая и специальная психология. 2021. Т. 10. № 2. DOI:10.17759/cpse.2021100212

6. Кугач, А. Н. Играй с пользой и умом. Игровые программы для младших школьников / А.Н. Кугач, С.В. Турыгина. - М.: Феникс, 2011. - 224 с.

7.Сергеев И.С. Как организовать проектную деятельность учащихся: Практическое пособие для работников общеобразовательных учреждений. М.: АРКТИ, 2003. - 231 с.

8.Феськова, Е. В.Становление исследовательской компетентности учащихся в дополнительном образовании и профильном обучении: автореф. дис. канд. пед. Наук / Е. В. Феськова. - Красноярск: ГПП КК «Сибирь», 2005. - 22с.

## САТҲИ ИБТИДОИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ ДАР СИННИ ХУРДСОЛӢ

Дар мақола муаллиф ба салоҳиятҳои асосӣ такя намуда, оид ба сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳо дар синни хурдсолии кӯдакон ибрози ақида намудааст. Аз ҷумла, муаллиф чунин шуморидааст, ки барои сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои 7-9 дар таълими фанни физика, онҳоро бояд ҳатман дар синни хурдсолӣ бо дониш ва малакаю маҳорат муҷаҳҳаз намудан лозим аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон ва таъкид кардаанд, ки ба иҷрои ин кор аввал дар муассисаҳои томактабӣ таҳкурсӣ гузорем. Дар асоси ҳамин дастуру супоришҳои Сарвари давлат аз тарафи олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ низ корҳои муайяне ба ҷо оварда мешаванд. Таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки дар ҳолати дуруст ва самаранок ташкил кардани таълиму тарбия, меҳру муҳаббати кӯдаконро нисбат ба фанҳои дақиқ, хусусан, риёзӣ пайдо намуда, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ намудан мумкин аст.

Маълум мешавад, ки ҳар як кӯдак қобилияти ҳисоб кардан, чен кардан ва шумурданро дорад. Дар фаъолияти худ мураббияҳои мо аз усули амалӣ, аёнӣ, шифоҳӣ ва бозӣ васеъ истифода мебаранд. Ғайр аз ин дар машғулиятҳои ҳосил намудани тасаввуроти одитарини математикӣ онҳо аз усули роҳнамоӣ ва фаҳмондадиҳӣ, саволу ҷавоб, ҳикоя, суҳбат, тавсиф, намоишӣ, кашидани расмҳо, бозиҳои дидактикӣ ва машқҳо истифода мебаранд. Инчунин онҳо аз барномаҳои тарбия, таълим ва инкишофи

кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон“ (2012), бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.09.2012, №14/7 тасдиқ ва ба табъ расидааст, бахри рушду ташаккули ғояҳо равона карда шудааст, васеъ истифода мебаранд.

Вазифаи ба кӯдакон таълим додани аввалин донишҳо ва малакаҳои математикӣ аз он иборат аст, ки қобилияти кӯдаконро ба мустақилона дарѐфтани алоқамандии донишҳо ва малакаҳо ба таври умумӣ инкишоф диҳанд. Таълим дар муассисаи таълимӣ ба кӯдакон бояд на фақат дониш, балки тавоноии фикрӣ диҳад. Гурӯҳи тайёрӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдак мавқеи махсусро ишғол мекунад. Вазифаи омӯзгор, аз як тараф, ба низом даровардани донишҳои андӯхтаи кӯдакон ва аз тарафи дигар, аз ҷиҳати равонӣ тайёр кардани кӯдакон ба мактаб иборат мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар синни томактабӣ кӯдак бо суръати тез аз бар намудани дониш, инкишофи нутқ, такмили ҳисси дарки ҳодисаҳои атроф, одитарин фаъолияти фикриро ба даст меоварад. Таълими босалоҳият ва омӯзиши фаъол ба кӯдак имконият медиҳанд, ки ба олами атроф мароқ зоҳир намуда, роҳу усули фаъолиятеро интихоб намояд. Фаъолияти асосии кӯдак бозӣ аст. Як қатор бозиҳо мавҷуданд, ки онҳо ҳисоб намудан ва андеша карданро талаб мекунанд. Чунин меҳисобем, ки кӯдак дар бозӣ ҳисобро хуб аз худ мекунад, бо ададҳо ва амалҳо хубтар шинос мешавад.

Мехоҳем, ба якчанд масъалаҳои муҳимми таълими ташаккули тасаввуроти одитарини математикиро дар муассисаҳои томактабӣ диққати мураббиёнро ҷалб намоем.

Якум, ин масъалаи кадрҳо. Муассисаҳои таълимии томактабӣ бояд бо мутахассисони соҳибҳунару соҳибтаҷриба таъмин бошанд. Мураббияҳо бояд бо як қатор мафҳумҳои одитарини математикӣ шинос бошанд, нуқтаҳои асосии математикиро донанд, бо таърихи пайдоиши адад ва ҳисоб, ба системаи ҳисоб ва ғайра ошно бошанду бо усулҳои фаъоли таълим кор карда тавонанд.

Дуюм, таъмин кардани муассиса бо “муҳити математикӣ“ бо воситаҳои аёнӣ ва техникӣ, овезаҳо-таблитсаҳо оид мавзӯи математикӣ, шаклҳои калони геометрӣ, мухраҳо, бозиҳои “Конструктор“, адабиётҳои кӯдакона, аёнияти техникӣ, варақчаҳо бо супоришҳо, видеофилмҳои таълимӣ ва агар имконият бошад, як гурӯҳи махсуси математикӣ, ки бо тахтаи электронӣ таъмин бошад. Кӯдак ҳангоми дидани расми парандагон, меваи дарахтон, гурӯҳи кӯдакон, қатораи воситаҳои нақлиёт ва ғайраҳо дар майнаи сараш тасаввуроти миқдорию шуморӣ ва тасвири фазоӣ пайдо мешавад.

Сеюм, ин ҷорӣ намудани усули фаъоли таълим, бештар истифода бурдани ташкили кори фардӣ, гурӯҳӣ ва фронталӣ.

Чорум, муайян карда тавонистани қобилияти математикии кӯдакон ва кор бо кӯдакони боистеъдод. Маълум, ки истеъдод дар инсон модарзодист, сонияи, он тавассути тарбияи солим ва омӯзиш дар вуҷуди кӯдак пайдо мешавад. Шинохти истеъдод имкон медиҳад, ки нобиғаҳоро пайдо ва тарбия намоем. Нобиға боиси пешрафти ҷомеа, илму фарҳанг ва шинохту шуҳрати ҳар як миллат маҳсуб мешавад. Хеле афсӯс, ки ба масъалаи шинохти истеъдодҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ кам эътибор дода мешавад. Бо кӯдакони дорои қобилияти математикӣ алоҳида кор бурдан лозим аст. Мо борҳо мушоҳида кардаем, ки кӯдаки боистеъдод рақамҳоро то шумораи бист (ҳатто то 100) шумурда метавонад, ададҳои дурақамаро ҷамъ ва тарҳ карда метавонад ва ҳатто ба зарбу тақсим сарфаҳм меравад. Дигараш бошад, бо ёрии “Конструктор“ хонаҳои аҷоиби бисёрошёна месозаду рафиқаш аз донаҳои ба гӯгирдчӯб монанд хоначаҳо сохта, онро ороиш медиҳад. Аммо боз кӯдаконе ҳастанд, ки дар ҳисоби одӣ душворӣ мекашанд. Исбот шудааст, ки кӯдакони хурдсол нисбат ба калонсолон тезтар кор бо компютер ва телефонҳои мобилиро ёд мегиранд. Барои ҳамин ҳам агар дар муассисаи таълимии томактабӣ шиносоӣ бо техникаи иттилоотӣ бо таври бояду шояд ба роҳ монда шавад, ин ба кӯдакони боистеъдод роҳи пешрафтро мекушояд. Дарёфти истеъдодҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ зарур ва талаботи замон мебошад. Мо бояд аз байни онҳо омӯзгорон, муҳандисон, муҳосибон, барномасозон, ҳунармандон ва адибони ояндаро тарбия намуда ба камол расонем.

Панҷум, ин эътибори ҷиддӣ додан ба ташкили бозиҳои шавқовар ҳамчун методи омӯзиш ва инкишофи тасаввуроти одитарини математикӣ. Таҷриба нишон медиҳад, ки омӯзгор ё мураббияи салоҳияташ баланд метавонад намуди бозиҳоро бо бозиҳои зеҳнии дигар омезиш дода, сенарияи махсуси машғулияти навбатиро аз математика барои кӯдакон омода созад.

Кӯдак дар олами бозист, бозӣ машғулияти ӯст, кори ӯст. Як қатор бозиҳои дидактикӣ маҷуданд, ки онҳо ҳисоб намудан ва андеша карданро талаб мекунанд. Чунин меҳисобем, ки кӯдак дар бозӣ ҳисобро хуб аз худ мекунад, бо ададҳо ва амалҳо хубтар шинос мешавад. Мураббияҳои мо аз бозиҳои дидактикии “Шаклҳоро аз рӯйи намудаш гузор“, “Кӣ зуд меёбад?”, ”Шаклҳоро номбар кунед”, “Чандто?”, ”Аломати чист?”, “Дар қатор кадом шакл зиёдатӣ аст?”, “Хатоҳоро ёбед”, ”Чистонро ёбед“ ва ғайраҳо истифода мебаранд.

Шашум, эътибори ҷиддӣ бо ҳалли масъалаҳои шифоҳӣ ва матнӣ. Бояд мо аз хурдсолӣ ба кӯдакон оид ба ҳалли масъалаҳои содаи як-ду амаларо омӯзонем.

Мо оид ба гузаронидани чорабинӣ бо номи ”Шоҳи фанҳо дар муассисаи таълимии томактабӣ” мавод пешниҳод мекунем, ки шояд мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз он истифода баранд.

Мазмуни мухтасари ин маҳфил чунин аст: Дар он ду гурӯҳи 8-нафара бо ҳам мусобиқа мекунанд. Саҳна то ба қадри имкон бо воситаҳои аёнӣ ба мавзуъ вобаста оро дода мешавад. Ғайр аз ин ба чорабинӣ аз дигар гурӯҳҳо тамошобинҳо низ таклиф мешаванд. Инчунин доварони “холис” бояд интихоб шаванд.

Шоҳи фанҳо ба меҳмонии дастпарварони муассисаи таълимии томактабӣ меояд. Нақши шоҳ ё маликаро яке аз мураббияҳо иҷро мекунад. Ӯро кӯдакон бо гулу гулдастаҳо пешвоз мегиранд. Ду гурӯҳ аз рӯйи барномаи зерин мусобиқа мекунанд:

*1) Хондани шеъри беҳтарин дар васфи математика.*

*2) Кӣ бештар зарбулмасал ва мақол медонад, ки дар онҳо ададҳо ҷой дошта бошанд?*

*3) Кадом гурӯҳ ба чистони пешниҳодкарда ҷавоби дуруст меёбад.*

*4) Эстафетаи ҳал кардани мисол.*

Ба ду вараҷи ватман пешакӣ 8-тоӣ мисол пешниҳод шудааст ва дар вақти мусобиқа. онро ба лавҳа мечаспонанду аз ҳар гурӯҳ якнафарӣ ба назди лавҳа баромада, ин мисолҳоро ҳал мекунанд. Ғолиб ҳамон гурӯҳ ҳисобида мешавад, ки мисолҳоро тезтар ва бехато иҷро кардааст.

*5) Кӣ беҳтар суруд мехонад?*

*6) Бузургон дар васфи математика чӣ гуфтаанд?*

*7)Мусобиқаи моделсозӣ бо ёрии таҷҳизоти “Констукторий геометрӣ“ (сохтани хона, қатораи мошинҳо, поезд ва ғайра).*

*8) Бозии “Халтачаи сеҳрнок“. Яъне аз дохили халтача ёфтани шакли геометрии талабшуда бо чашми баста.*

*9) Ҳалли масъалаҳои ҳазломез ва мантиқӣ.*

*10) Озмуни “Рақси беҳтарин“.*

*11) Озмуни бо қоғазҳои ранга сохтани куб ё параллелипипед.*

*12) Бозии “Дар қатор кадом шакл зиёдатӣ аст?” (мисол болои миз 5 шакли чоркунҷа ва як секунҷа гузошта шудааст. Дар ин қатор секунҷа зиёдатӣ аст).*

*13) Саҳначаи ҳаҷвӣ.*

*14) Ҷамъбаст ва мукофотонидани иштирокчиёни фаъол.*

Боз як матолиб пешниҳод менамоем, ки мураббияҳо метавонанд, онҳоро истифода намоянд.

**“Риёзӣ шоҳи фанҳост”(шеъри Б. Қаюмов)**

*1. Эй дӯстон, биёед, илми риёзӣ хонем,*
*Аз олами рақамҳо, сирру асрор бидонем.*
*2. Бо ҷамъ меҳрубон мо, дӯстро зиёд намояд,*
*Ин тарҳи дармонбахш, аз ғам озод намояд.*
*3. Бо зарб чанд карат мо, сайри олам намоем,*
*Бо тақсими сарфакор, хатоӣ кам намоем.*
*4. Мисолу ҳар масъала аз ҳаёти рангин аст,*
*Ба ҳар амал ҷавобаш маҳсул аз замин аст.*
*5. Роҳнамои ҳар кор риёзӣ шоҳи фан аст.*
*Илми тафаккур аст он, ҷамъулҷамъи сухан аст..*

**Чистонҳо**

1. Дар миёни чору шаш
Менамояд кашмакаш.
2. Касбу кори вай
Дар ҳалли амал
Ғорат кардани
Анбори маҳал.
3. Як адади аҷоиб
Аз ду ҳалқа иборат.
Онро чудо намоем,
Ҳеҷ маъное надорад.
4. Чун холи Ҳинду

Ояд бар амал.
Амал физояд
Ба ҷидду ҷадал.
5. Аломати хуб ҳастам,
Ҳаққу ҳуқуқ ба дастам.
Рақамҳоро кунам зам,
Хуни чигар шавад кам.

**Зарбулмасалу мақолҳо**

Аз як даст садо намебарояд. Як тиру ду нишон. Як дари баста, сад дари кушода. Дузд якто, гумонбар садто. Як сару сад хаёл. Як пула гапу сад пула ғавғо. Ду пhouздаҳ - як сӣ. Панҷ панҷаи ангушт баробар нест. Ҳафт маротиба чен карда, як маротиба бур. Як рӯз намак хӯрда, чил сол андеша кун. Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст. Даҳони пӯшида сад тилло. Сад задани сӯзангару як задани оҳангар. Садаспаро ба якаспа кор афтодааст. Дусад дӯст каму як душман зиёд. Як гап сесаду шасту шаш паҳлу дорад. Дӯсти нодон бадтар аз миллион душман.

**Бузургони олам дар васфи математика**

Илми ҳисоб одамро босабру ботамкин, оқилу доно, мулоҳизакору дақиқкор, росткору ростгӯй мекунад (Абуалӣ ибни Сино).

Математика - ин калид ва дари даромад ба тамоми фанҳо мебошад. Математика ҳам шоҳи фанҳо ва ҳам хизматкори илм аст. Душвортарин илме, ки одамизод ихтироъ кардааст, математика мебошад. Геометрия маликаи ҳамаи фанҳои дақиқ аст. Химия дастҳои физика ва математика чашми он мебошад. Бе илми ҳисоб физика нобино аст (М. В. Ломоносов). Математика на танҳо илми дақиқ, балки забони фанҳо мебошад (Нилс Бор). Китоби бузурги табиат бо забони математикӣ навишта шудааст (Галлелео Галилей). Математика шоҳи фанҳо бошад, арифметика маликаи фанҳо аст (Карл Фридрих Гаусс). Математика - ин забонест, ки ҳамаи фанҳои дақиқ бо он сухан мегӯянд (Н. И. Лобачевский). Математика варзиши ақл аст (А. В. Суворов).

Мураббияҳо ва омӯзгорон вобаста ба шароит ва тайёрии кӯдакон метавонанд, дигар матолибро низ истифода баранд.

Синни соли томактабӣ оғози роҳи дароз ба ҷаҳони дониш, ба олами муъҷизаҳост. Маҳз дар ҳамин синну сол барои тарбияи минбаъда таҳкурсӣ гузошта мешавад. Вазифа аз он иборат аст, ки дар кӯдакон қобилияти фикр кардан ва эҷод карданро пайдо намоем.

Корҳо доир ба ташаккул додани тасаввуроти одитарини математикӣ дар кӯдакони синни томактабӣ қисми муҳимтарини тайёрии умумии онҳо ба мактаб мебошад.

Кӯдаконро бо тарзҳои муайян кардани нисбати миқдорию фазоии байни ашёи олами реалӣ шинос менамоянд, шумурдан, ҷамъ ва тарҳ дар доираи 20, чен кардани дарозӣ, бар, баландии ашё ва ҳаҷми ҷисмҳои моеъ ва пошхӯранда, санҷидани шакли ашё, дар бораи фазо ва вақт сарфаҳм рафтанро меомӯзанд. Дар ин асос дар кӯдакони синни томактабӣ тасаввурот дар бораи ададҳои натуралӣ (то 20), бузургиҳои асосӣ, фигураҳои геометрии одитарин ва гуногунии шакли ашё, дар бораи самтҳои фазоӣ ва нисбатҳо, давомияти баъзе ченакҳои вақт (шабонарӯз, ҳафта, моҳ,) ташаккул меёбад.

Мураббӣ низ дар бораи аз тарафи кӯдакон мустаҳкам аз худ кардани дониши дар барнома пешбинишуда ва аз ҳама муҳимаш, дар бораи дар онҳо пайдо намудани шавқу ҳавас ба донишҳои математикӣ, мустақилиятӣ ва ташаккули тафаккур, зиракӣ ва хушфаҳмӣ, маҳорати хулосаҳои муъҷаз баровардан, исбот кардани дурустии ин ё он мулоҳиза ғамхорӣ менамояд. Кӯдакон ба саволҳо мухтасар ва дуруст ҷавоб додан, хулосаҳо баровардан, истифодаи ибораҳои аз ҷиҳати грамматикӣ дурустро меомӯзанд.

Омӯзгор ба кӯдакон дар бораи маводҳои ба онҳо наздики муҳити мо маълумот медиҳад. Дар мазмуни масъалаҳои математикӣ, меҳнати одамон, ғамхории калонсолон дар бораи кӯдакон, ёрӣ ба калонсолон ва ғайра инъикос ёфтааст. Дар мазмуни масъалаҳои математикӣ, масалан, меҳнати коркунони хоҷагии қишлоқ, иштироки кӯдакон дар парвариш ва ғунучини ҳосил, меҳнати худи онҳо дар майдончаи кӯдакистон, ёрӣ ба калонсолон (ғунучини сабзавот ва меваҳо) инъикос меёбад. Омӯзгор тасаввуроти кӯдаконро на танҳо дар бораи корҳои алоҳида, дар бораи мошинҳое, ки меҳнати одамонро осон менамоянд, мустаҳкам мекунад, балки ҳисси эҳтиромро нисбат ба меҳнаткашон, муносибати эхтиёткоронаро ба меҳнати онҳо тарбия менамояд.

Кӯдакон масъалаҳои гуногуни математикиро ҳал намуда, саъю кӯшиш зоҳир менамоянд, бо мақсад кор карданро омӯхта, душвориҳоро бартараф менамоянд ва корҳоро ба охир мерасонанд (ҳалли дуруст ва ҷавобро меёбанд). Дар машғулиятҳо онҳо ба инкишофи тасаввуроти одитарини математикӣ дар кӯдакон боинтизомӣ, покизакорӣ, маҳорати ба амалиёти худ назорат карда тавонистанро тарбия

менамояд. Кӯдакон доимо ба он боварӣ ҳосил менамоянд, ки ягон хатоӣ дилхоҳ, ва бедиққатӣ ҳангоми кор ба натиҷаи нодуруст оварда мерасонад. (Ашёи ду гурӯҳро таг ба таг тавре нодуруст гузоштанд, ки бо ҳам баробар будани онҳо дида намешавад. Бетартибона чен карда - натиҷаи нодуруст ҳосил мекунад). Ҳамин тариқ, дар рафти таълим, дар машғулиятҳои оиди ташаккули тасаввуроти математикии кӯдакон сифатҳои хуби ахлокию боиродагӣ, ки ба мактаббачагони оянда заруранд, тарбия карда мешаванд.

Дар кӯдакони синни соли томактабӣ ташаккул додани тасаввуротҳои одитарини математикӣ бе асоси аёният имконнопазир мебошад. Кӯдакон дар ҳар як машғулият бо дастурҳои аёнӣ, бо ҳисоби худ ва маводҳои дигар кор мекунанд. Ғайр аз тарбия намудани маҳорати истифодаи дастурҳо, нигоҳ доштани тартибот дар ҷои кори худ, мураббӣ боз кӯдаконро ба муташаккилона кор карданро одат мекунонад, то ки ягон дақиқа вақти онҳо бе самар нагузарад.

Мақсади барномавӣ ташаккул додани тасаввуроти одитарини математикии кӯдакони синни томактабӣ аз рӯйи синну солҳо тақсим карда шудаанд. Барномаи ҳар як гурӯҳ аз фаслҳои «Миқдор ва шумора», «Бузургӣ», «Шакл», «Шиносоӣ бо фазо», «Шиносоӣ бо вақт» иборат мебошад. Алоқаи табиӣ дар корҳо аз рӯйи ин фаслҳо дар асоси ташаккули мафҳум дар бораи ададҳои натуралӣ ва чен кардани бузургиҳо барқарор карда мешавад. Мураббӣ бояд барномаи ҳамаи гурӯҳҳои синнусолиро хуб донад. Ин ба ӯ имконият медиҳад, ки моҳияти ҳар як масъаларо фаҳмад, дараҷаи инкишофи математикии кӯдакони гурӯҳи худро аниқ муайян кунад ва пайдарпаии корҳоро аз гурӯҳ ба гурӯҳ таъмин намояд. Барномаи ҳар як гурӯҳи синну солӣ дар тамоми ҳаҷми он бояд то охири соли таҳсил иҷро карда шавад. Барои ба кӯдакон дар системаи муайян ва муттасил дониш додан, мунтазам гузаронидани маводҳои барнома таъмин карда мешаванд, ки он аз рӯйи рубъҳо тақсим карда мешавад.

Мураббӣ корҳои худро ба нақша гирифта, аз тақсими маводҳои намунавии барномавӣ, ки барои як сол пешбинӣ шудаанд, истифода бурда метавонад.

Дар нақшаи марҳилавӣ масъалаҳои барномавӣ ва миқдори машғулиятҳо, ки барои омӯзиш ва такрори онҳо талаб карда Лотои «Зарфҳо» (барои кӯдакони 3-5 сола) мешавад, нишон дода шудаанд. Ин ба мураббӣ имконият медиҳад, ки нақш ва мавқеи ҳар як машғулиятро дар системаи корҳо бояд ба ташаккул додани тасаввуроти математикӣ нишон диҳад. Омӯзгор дар нақшаи тақвимӣ миқдори машғулиятҳоро доир ба ин ё он мавзуъ вобаста ба қобилияти кӯдакон тағйир дода метавонад.

Шакли асосии корҳо барои дар кӯдакон инкишоф додани тасаввуроти одитарини математикӣ машғулият мебошад. Дар ҳар як конспект мавзуъ, мақсади машғулият, номгуи аёният, рафти машғулият, методикаи омӯзиши мавод ва такрори маводҳои омӯхташуда нишон дода шудааст. Методикаи омӯзиши маводи нав муфассалтар тавсиф карда шудааст. Конспекти машғулиятҳои дар дастур овардашударо ҳамчун вариантҳои имконпазир дида баромадан лозим аст. Онҳо омӯзгорро аз зарурияти ба нақша даровардани машғулият озод намекунанд ва дараҷаи тайёрии кӯдаконро ба назар гирифта, мақсад, мазмун, характери истифодаи метод ва усулҳои таълим тағйир ва ё мақсад аниқ, карда мешавад. Ба машғулиятҳои навбатӣ бояд пешакӣ шинос шаванд, то ки ба он хубтар тайёр шаванд. Мувофиқи мақсад будани тарбияи кӯдаконро дар ҷараёни таълим ҷорӣ намуда, омӯзгор мазмуни машғулиятро таҳлил мекунад, имкониятҳои онро барои ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ (шинос кардани кӯдакон бо қоидаҳои рафтор, тарбия кардани саъю кӯшиш, одат кардан ба дақиқӣ, покизакорӣ, фаъолӣ, мустақилиятӣ ва ғайра) нишон медиҳад. Мураббӣ ба машғулият омода шуда, фикр мекунад, ки кадом маводи аёниро бояд истифода барад ва онро дар нақшаи мақсад нишон медиҳад.

Дар дастур миқдори машқҳое, ки кӯдакон дар машғулиятҳои додашуда иҷро мекунанд, аниқ, қайд карда нашудаанд. Ин ба мураббӣ ҳуқуқ медиҳад, ки вобаста ба шароити реалӣ амал намояд. Корҳои фаъоли кӯдаконро ва рафтори индивидуалии онҳоро дар машғулият чӣ тавр таъмин кардан мумкин аст, пешакӣ дида баромада муҳим аст. Масалан, хусусияти душвории супоришҳо барои онҳое, ки нисбат ба дигарон зудтар аз уҳдаи иҷрои онҳо баромада метавонанд ва ёрӣ ба кӯдаконе, ки дар иҷрои онҳо душворӣ мекашанд. Усули бе хато кор карданро бояд пешакӣ фикр кард. Агар ба мураббӣ пурра иҷро кардани мазмуни ҳамаи қисмҳои машғулият муяссар нашавад, пас ӯ ба хулосае омада, аз баъзе супоришҳо даст мекашад ва баъзеи онҳоро ихтисор менамояд. Аммо мураббӣ дар оянда инро аз доираи назар берун нагузошта, ин гуна машқҳоро ба машғулияти оянда дохил мекунад, ё ки доир ба он берун аз дарс мувофиқи мазмун бозиҳои дидактикӣ мегузаронад.

Азбаски машғулиятҳо доир ба ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикиро мураббӣ дар гурӯҳҳои синнусолӣ мегузаронанд, ӯ бояд ҳатман натиҷаи мушоҳидаҳоро бо кӯдакон мубодила намоянд. (Маводи навро чӣ тавр дарк кардан, чӣ душвориҳо пеш омад, кадом хатоҳо содир шуданд ва кӣ ба ин хато роҳ дод ва ғайра). Бе чунин мубодила дар кор мутобикат фароҳам овардан мумкин нест.

Мураббӣ доир ба босамар истифода бурдани усули таълим, дуруст интихоб кардани дастурҳои аёнӣ ва ба кадоме аз кӯдакон бояд диққати махсус додан лозим аст, қайд мекунанд.

Ҷадвали машғулиятҳоро мураббия барои ҳар як қисми таълими мақсадҳо рӯзи муайяни ҳафтаро интихоб менамоянд.

Машғулиятҳо аз математика дар мобайни ҳафта, онҳо бо машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, мусиқӣ ва инчунин бо машғулиятҳои фаъолияти тасвирӣ (расмкашӣ, суробсозӣ ва ғайра) якҷоя, ё ин ки ҳамгиро ба таври комплексӣ гузаронида мешаванд.

Ба нақша даровардан ва гузаронидани машғулиятҳо доир ба ташаккули тасаввуроти одитарини математикӣ дар муассисаи таълимии томактабие, ки дар як гурӯҳ кӯдакони синну соли гуногун тарбия меёбанд, душвортар мебошад. Маводи барнома, хусусиятҳои истифодаи метод ва усули кор бо кӯдакони синну соли гуногун чунон гуногунанд, ки таълим бояд танҳо бо тақсим кардани кӯдакон ба гурӯҳҳои синну солӣ сурат гирад. Дар ин ҳолат ба мураббӣ интихоб карда гирифтани мавод на барои як машғулият, балки якбора барои якчанд машғулият дар як ҳафта вобаста ба тарғиби бозиҳо лозим меояд. Муҳим аст, ки дониши математикӣ ба кӯдакони ҳар як гурӯҳи синнусолӣ аз рӯйи системаи қатъӣ ва мунтазам дода мешавад.

Вобаста ба он ки кадом масъала бояд дар машғулияти навбатӣ бо кӯдакони синну соли гуногун ҳал карда шавад, мураббӣ ҳамаи намудҳои машғулиятҳои барои кӯдакони муассисаи таълимии камнуфус тавсияшударо истифода бурда, таълимро ҳар хел ташкил менамояд

Машғулиятҳои умумӣ доир ба ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикӣ танҳо бо кӯдакони аз ҷиҳати синну сол ба ҳам наздик мунтазам гузаронида мешавад.

Қисми асосии чунин машғулиятҳо ба мустаҳкам намудани маводҳои баномавӣ барои кӯдакони ҳарду зергурӯҳ бахшида мешавад, аммо ба гурӯҳи кӯдакони калон талабот хеле зиёд мешавад. Масалан, дар моҳҳои октябр - ноябр дар нақшаи бозиҳои гурӯҳи калон - тайёрӣ ба мактаб гузаронидани машғулиятҳои умумӣ оид ба мустаҳкам кардани тасаввурот дар бораи новобастагии миқдори ашё аз андоза, ва ё масоҳате, ки онҳо ишғол менамоянд, дар назар дошта шудааст, дар моҳҳои март - апрел бошад, машғулиятҳо бо мақсади аниқ кардани дониш оид ба таркиби микдории адад аз воҳид (дар кӯдакони синни панҷсола - доир ба ададҳои то 5, шашсола-то 10) ё бо мақсади машқ кардани онҳо дар шумораи тартибӣ дар доираи 10 пешбинӣ шудааст.

Мураббиён машғулияти умумиро ба нақша дароварда мазмуни баномавӣ, дастурҳои аёнӣ, метод ва усулҳои таълим ва супоришҳоро барои кӯдакони ҳар як бозиҳои синну сол пешакӣ муайян мекунанд. Ғайр аз ин барои бозиҳои калонсол ҳаҷми зиёди корҳо ва инчунин дохил кардани материалҳои барномавии иловагӣ дар назар дошта шудааст. Агар он қиёсан барои кӯдакони нав бошад (аниқ карда мешавад), онгоҳ пайдарпаии ҷалб кардани кӯдакони синну соли гуногун (аввал калонсол, баъд хурдсолон дар назар дошта шудааст. Вақто ки бо кӯдакони калонсол машқ кардан лозим меояд, аввал барои кӯдакони ҳарду зергурӯҳ дар як вақт машғулият ба нақша гирифта мешавад. Дар айни ҳол корро бо материали умумӣ ба охир мерасонанд ва кӯдакони хурдсолро ҷавоб дода, машғулиятро бо кӯдакони калон давом медиҳанд.

Дар гурӯҳҳое, ки бо кӯдакони синну соли мухолиф чорсола ва панҷсола, чорсола ва шашсола пурра карда шудаанд, машғулияти умумӣ аз рӯи фаслҳои гуногуни таълим гузаронида мешавад. Машғулиятҳои ба ташаккули тасаввуроти одитарини математикӣ доирро одатан бо машғулиятҳои фаъолияти тасвирӣ (расмкашӣ, суробсозӣ ва ғайра) вобаста карда мегузаронанд. Дар чунин машғулиятҳо дар бораи чӣ тавр ташкил кардани таълими кӯдакони ҳарду қисми гурӯҳ ҳаматарафа фикр кардан муфид аст. Одатан машғулиятҳо доир ба фаъолияти тасвирӣ 6-7 дақиқа барвақттар шурӯъ мешаванд. Ба кӯдакон супориш дода, мушоҳида менамоянд, ки онҳо чӣ тавр иҷро менамоянд. Ба онҳое, ки дар иҷрои ин супориш душворӣ мекашанд, ёри расонида мешавад. Пас аз он қисми дуюми гурӯҳи кӯдакон ба машғулияти математика даъват карда мешаванд. Баъди он ки машғулияти математика гузаронида шуд, кӯдаконро ҷавоб дода, машғулиятҳо доир ба фаъолияти тасвирӣ ҷамъбаст карда мешавад.

Муҳайё намудани шароити мувофиқ барои кӯдакони ҳар ду зергурӯҳ (интихоби дурусти мизу курсӣ мувофиқи қади кӯдакон) аҳамияти калон дорад; ба нишасти кӯдакон диққат додан лозим аст, то ки ба якдигар халал нарасонанд.

Машғулиятҳо ба кӯдакони як гурӯҳи синну сол ба ташаккул додани тасаввуроти одитарини математикӣ самарабахштар мебошад. Бо кӯдакони синни 6-сола якто чунин машғулият бояд дар давоми соли таҳсил ҳар ҳафта гузаронида шавад. Душворӣ дар он аст, ки ҳангоми гузаронидани машғулият бо як зергурӯҳ кӯдакони боқимондаро ба кор таъмин кардан лозим аст, ки ба ихтисор кардани вақти сайру гашт роҳ дода нашавад. Барои он ки вақти кори кӯдакон зери назорати бевоситаи

омӯзгор ихтисор карда шавад, дар қисми охири чунин машғулият дар давоми 5-10 дақиқа кори мустақилонаи кӯдакон бо маводҳои дидактикӣ ташкил карда мешавад. Масалан, ба кӯдакони синни чор ва панҷсола доир ба ҷо ба ҷо гузоштани ашё ботартиби афзудан ва камшавии бузургиҳо машқҳо дода мешаванд: ба кӯдакони синни шашсола лотои «Зарфҳо», «Гулҳо», «Чандто?» (интихоб кардани варақаҳо (карточкаҳо) бо миқдори якхелаи доирачаҳо ва ашё ва ғайра), машқҳо доир ба гурӯҳҳо ҷудо кардани фигураҳои геометрӣ, ба қисмҳои баробар тақсим кардани қисми бутун, ба интихоби ҷуфти варақаҳое, ки дар онҳо шаклҳои геометрӣ якхела ҷойгиранд, пешниҳод карда мешаванд. Кӯдакони синни шашсола дар ҷо ба ҷо гузоштани варақаҳои расм (ё фигураҳои ададӣ) дошта ба тартиби зиёдшавӣ ё камшавии миқдори онҳо, машқ кунонидан мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳангоми аз рӯйи синну сол таълим додани кӯдакон бартарӣ бештар ба назар мерасад. Миқдори кӯдакон дар ҳар як зергурӯҳ на он қадар зиёданд, бинобар он барои санҷиши иҷрои супоришҳо, вақти хеле кам талаб карда мешавад, ин ба мураббӣ имкон медиҳад, ки дар рафти машғулиятҳо ҳамаи кӯдаконро пурсида ва хусусиятҳои ҷудогонаи онҳоро ба назар гирад.

Бо кӯдакони гурӯҳи калон машғулият бояд вақте гузаронида шавад, ки кӯдакони хурдсол зери назорати ёрдамчии мураббия бошад. Машғулият бо зергурӯҳи кӯдакон баъди машғулияти умумӣ аз рӯйи қисми дигари таълим гузаронида мешавад.

Дар нақшаи тақвимӣ мураббияҳо на танҳо машғулиятҳо, балки дигар шаклҳои таълим - бозиҳои дидактикӣ ва машқҳои дидактикӣ, мушоҳида кардани муҳит (бо мақсади ташаккул додани тасаввуротҳои миқдорӣ), дар кӯдакон инкишоф додани маҳорати истифода бурдани донишҳои математикиро дар намудҳои гуногуни фаъолият ба нақша мегиранд.

Барои гузаронидани бозиҳои дидактикие, ки ба инкишофи шиносоӣ бо фазо ва вақт мусоидат мекунанд, вақти зиёд ҷудо карда шудааст, бозиҳо ҳам дар бино ва ҳам дар майдонча ҳангоми сайру гашт гузаронида мешаванд.

Мураббӣ дар машғулиятҳои алоҳида ба он кӯдаконе, ки аз рӯйи хусусияти инкишофашон дар мақсадҳо баробари дигарон донишро аз худ карда наметавонанд, диққати махсус медиҳад. Бо кӯдаконе, ки дар ду ё зиёда аз он мақсадҳо иштирок накардаанд, машғулиятҳои алоҳида инфиродӣ гузаронида мешавад.

Мураббӣ дар нақшаи тақвимӣ нишон медиҳад, ки бо кӣ ва бо кадом мақсад машғулият гузаронида мешавад, кадом маводҳои аёнӣ истифода мешаванд, ба кӯдакон кадом супоришҳо ва ё бозии дидактикӣ пешкаш карда мешаванд. Чунин машғулиятҳо пагоҳӣ ва ё бегоҳӣ гузаронида мешаванд ва онҳо бояд аз 3-5 дақиқа зиёд набошанд.

Мазмуни машғулиятҳои математикӣ бояд аз рӯйи имконият бо мазмуни машғулиятҳои дигар қисмҳои таълим мувофиқат кунанд. Баъзе масъалаҳои ташаккул додани тасаввуроти одитарини математикӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ, санъати тасвирӣ (масалан, пайдарпаии омӯзиши шакли ашё), дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва мусиқӣ низ истифода бурда мешаванд. Системаи истифодаи ҳамаи шакл ва воситаҳои муайяни таълим ба мураббӣ имконият медиҳад, ки талаботи барномаро доир ба ташаккул додани тасаввуроти одитарини математикии кӯдакон бо муваффақият иҷро намояд.

## ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТҲОИ ОДИТАРИНИ МАТЕМАТИКӢ ДАР КӮДАКИСТОН

Дар мақола, маслиҳатҳои муфид ба омӯзгорон, ба кӯдакон таълим додани аввалин донишҳо ва малакаҳои математикие, ки қобилияти кӯдаконро дар раванди таълиму тарбия, дар машғулият, бозӣ, меҳнат ташаккул медиҳанд, пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** *салоҳият, салоҳдид, дидактика, машғулият, тасаввуроти математикӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ ОБЫКНОВЕННЫХ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ВООБРАЖЕНИЙ У ДЕТЕЙ

В статье представлены полезные советы педагогам, обучающим детей первым знаниям и математическим навыкам, развивающим способности детей в процессе обучения, игры и труда.

**Ключевые слова:** *компетентность, усмотрение, дидактика, обучение, математическое воображение.*

## FORMATION OF ORDINARY MATHEMATICAL IMAGINATIONS IN CHILDREN

The article presents useful tips for teachers teaching children the first knowledge and mathematical skills, developing children's abilities in the process of learning, playing and working.

**Key words:** *competence, discretion, didactics, learning, mathematical imagination.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Мирхонова Нодира ходими пешбари илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2. Тел: 985-86-05-65 e-mail mirhonova @ internet.ru.*

***Салоҳиддинова Гулнора Нарзуллоевна*** *- ассистенти кафедраи филологияи англис, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода шаҳри Душанбе, Тел:937 04 39 76*

**Сведения об авторах:** *Надира Мирханова - ведущий научный сотрудник Института развития образования имени Абдуррахмани Джами Академии образования Таджикистана. город Душанбе. Адхамова 11/2. Телефон: 985-86-05-65 электронная почта mirhonova@internet.ru.*

***Салахиддинова Гулнора Нарзуллоевна*** *- ассистент кафедры английской филологии Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода, г. Душанбе, Тел: 937 04 39 76*

***Information about the authors:*** *Mirkhanova Nadira is a leading researcher at the Institute for Educational Development named after Abdurrahmani Jami of the Tajik Academy of Education. Street A., Dushanbe city. Adkhamova 11/2. Phone: 985-86-05-65 e-mail mirhonova@internet.ru.*

***Salakhiddinova Gulnora Narzulloevna*** *– assistant at the Department of English Philology, International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, Tel: 937 04 39 76.*

**УДК 371.3**

# НАТИҶАҲОИ ОЗМОИШИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ФИЗИКА

***Нурматова Ғ. .Р.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Натиҷаҳои озмоиши давоми мантиқии татбиқи корҳои таълимӣ доир ба ташаккули мафҳумҳо ва методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад, ки пештар ба нашр расида буданд [1; 2].

Дар бораи зарурати рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагон дар рафти таълими фанни физика қайд карда будем, ки «Шинос намудани хонандагон бо методҳои маърифати илмӣ пешниҳоди маълумот дар бораи ин методҳоро пешбинӣ мекунад, ки яке аз роҳҳои ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон мебошад» [3, с. 1].

Мақсади озмоиши ташаккулдиҳанда санҷиш ва аниқгардонии тавсияҳои коркардгардидаи методӣ ба ҳаҷми пурраи онҳо буд. Озмоиш дар давоми солҳои 2019-2020 дар МТМУ №3, дар МТМУ №9 ва дар литсейи №1-и шаҳри Бохтар гузаронида шуд.

Арзёбии самаранокии методикаи пешниҳодшаванда дар самтҳои зерин гузаронида шуд:

1) Муайян сохтани фарқи муҳим дар вазъи донишу маҳоратҳои хонандагони синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ;
2) Ошкор намудани таъсири ташаккули тасаввурот дар бораи методҳои илмии идрок ва маҳоратҳои зеҳнӣ ба донишҳои асосӣ.

Дар давоми соли таҳсил 4 тест гузаронида шуд. Натиҷаи онҳоро дар ҷадвали 1 овардаем.

**Ҷадвали 1**

| № | Озмоишӣ | Назоратӣ | Озмоишӣ | Озмоишӣ | Назоратӣ | Озмоишӣ | Назоратӣ | Озмоишӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 12<br>3,1% | 9<br>2,1% | 14<br>3,6% | 10<br>2,3% | 18<br>4,8% | 12<br>2,8% | 22<br>5,5% | 8<br>1,8% |
| 4 | 170<br>42,9% | 175<br>40,3% | 175<br>44,9% | 170<br>38,5% | 180<br>45,5% | 170<br>39,4% | 208<br>52,4% | 152<br>34,5% |
| 3 | 200<br>50,5% | 220<br>50,7% | 190<br>48,7% | 232<br>52,6% | 190<br>48% | 221<br>51,2% | 160<br>40,3% | 250<br>56,7% |
| 2 | 14<br>3,5% | 30<br>6,9% | 11<br>2,8% | 29<br>6,6% | 8<br>2% | 29<br>6,7% | 7<br>1,8% | 31<br>7% |
| Ҷамъ: | 396 | 434 | 390 | 441 | 396 | 432 | 396 | 441 |

Методикаи муқоисаи натиҷаҳои тестро, ки азхудкунии фаслҳои курси синфи 7-ро месанҷад, баррасӣ мекунем. Мувофиқи меъёрҳои махсус коркардшудаи баҳодиҳӣ ба ичрои кор ҳар як хонанда метавонист ба яке аз 4 категория доихл шавад: бад (2), миёна (3), хуб (4) ва аъло (5).

Натиҷаҳои кори якуми иҷрошуда барои санҷиши фарзияи сифрӣ (ФС) дар бораи номавҷудияти фарқ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ истифода мегардад.

Аз меъёри дутарафаи $x^2$(х-квадрат) истифода мебарем. Он ба барои он ҳолатҳои мувофиқ аст, вақте маълумоти озмоишӣ ба шакли ҷадвал сабт шудааст:

**Ҷадвали 2**

| | 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|---|
| | Бад | Миёна | Хуб | Аъло |
| Интихоби 1<br>П1=396 | | | | |
| Интихоби 2<br>П2=434 | | | | |

$$T_1 = \frac{1}{n_2 n_2} \sum \sum_{i=1}^{c} \frac{(n_1 Q_{2i} - n_2 Q_{1i})^2}{Q_{1i} + Q_{2i}}$$

$T_1$= 5,2 [4, с. 96].

Аз рӯйи ҷадвал барои *a=0,05* ва миқдори дараҷаҳои озодии *V= C-1=4-1=3* қимати интиқодии омори меъёри *T*-ро меёбем: $X_1$*-a=7,815*. Дар ин ҷо нобаробарии *T* дуруст аст.

Мувофиқи қоидаи қабули ҳал натиҷаи ҳосилшуда барои қабули фарзияи сифрӣ асос медиҳад ва бо саҳеҳияти 95% гуфтан мумкин аст, ки дар донишҳои синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ фарқ вуҷуд надорад.

Натиҷаи кори дуюм (амали якҷояи ҷисмҳо)

**Ҷадвали 3**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *Интихоби 1*<br>$П_1$*=390* | *бад* | *миёна* | *хуб* | *аъло* |
| | $Q_{11}=11$ | $Q_{12}=190$ | $Q_{13}=175$ | $Q_{14}=14$ |
| *Интихоби 2*<br>$П_2$*=390* | $Q_{21}=29$ | $Q_{22}=232$ | $Q_{23}=170$ | $Q_{24}=10$ |

$$T_2 = 9{,}9 > T_{инт} = 7{,}815$$

Мувофиқи қоидаи қабули ҳал натиҷаи ҳосилшуда барои дуршавӣ аз фарзияи сифрӣ ва қабули фарзияи алтернативӣ(Ш) дар хусуси он ки тавсияҳои методӣ ба беҳтар азхудкунии фасли 2 курси физикаи синфи 7 мусоидат намуданд.

Натиҷаи кори сеюм (фишори ҷисмҳои сахт, моеъ ва газҳо):

**Ҷадвали 4**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| $П_1$=390 | 8 | 190 | 180 | 18 |
| $П_2$=390 | 29 | 221 | 170 | 12 |

$$T_3 = 4 > T_{инт} = 7{,}815$$

Натиҷаи кори чорум (кор ва иқтидор, энергия):

**Ҷадвали 5**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 397 | 8 | 160 | 208 | 22 |
| 441 | 31 | 250 | 152 | 8 |

$$T_4 = 47{,}98 > T_{инт} = 7{,}815$$

Барои ёфтани таносуби мувофиқате, ки зичии алоқаи байни методикаи коркардшуда ва сатҳи азхудкунии донишҳоро тавсиф медиҳад, мо аз ҷадвали 7 истифода мебарем [5, с. 62].

Ҷадвали 6

| Нишондиҳандаҳо | + | – | Ҷамъ |
|---|---|---|---|
| + | *a* | *в* | $a + b$ |
| – | *c* | *d* | $c + d$ |
| Ҷамъ | $a + c$ | $b + d$ | $(a + b + c + d) = П$ |

ва ҷадвали 8-ро ҳосил мекунем

**Ҷадвали 7**

| синфҳо | Ба 4 ва 5 азхуд карданд | Ба 3 ва 2 азхуд карданд | Ҷамъ |
|---|---|---|---|
| Озмоишӣ | 230 | 167 | 397 |
| Назоратӣ | 160 | 281 | 441 |
| Ҷамъ | 390 | 448 | 838 |

Таносуби чоркиштии ассотсиатсияи Пирсонро ҳисоб мекунем.

$$\varphi = \frac{ad - bc}{\sqrt{(a+c)\,(b+d)\,(a+b)\,(c+d)}} \qquad \varphi = 0{,}22$$

Ғалати миёнаи таносуби мувофиқат:

$$m_\varphi = \frac{1-\varphi^2}{\sqrt{n}} \approx 0{,}033$$

Муносибат:

$$\frac{\varphi}{m_\varphi} = 6{,}7$$

Ҳамин тариқ, ин таносубро пурра қаноатбахш ҳисобидан мумкин аст.

Фарқияти дар гистограммаҳо дидашаванда, ки бинобар гузаштани мавзуъҳо (дар синфҳо озмоишӣ фоизи ба 4 ва 5 азхудшуда мувофиқан аз рӯи 1 мавзӯъ 46%, аз рӯи 2 мавзӯъ 48,5%, аз рӯи 3 мавзӯъ 50%, аз рӯйи 4 мавзӯъ 57,9%) аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок аст, меафзояд. Гуфтан мумкин аст, ки имкониятҳои хонандагони синфҳои озмоишӣ дар қиёс бо хонандагони синфҳои назоратӣ пурратар амалӣ гардонида шудаанд. Инак, озмоиши педагогӣ далели он аст, ки тавсияҳои мувофиқи ғояҳо коркарду дар рисола баёншуда ва дар давоми омӯзиши курси физикаи синфҳои 7 мақсаднок истифодашуда ба баланд бардоштани дараҷаи маҳорату донишҳои хонандагон аз фанни физика имкон медиҳанд.

Дар натиҷаи озмоиш воситаҳои ташаккули тасаввурот дар бораи методҳои илмии идрок ва маҳоратҳои зеҳнӣ ошкор карда шудаанд. Афзоиши миқдори ҷавобҳои дуруст аз самаранокии методика гувоҳӣ медиҳад.

Хулосае баровардан мумкин аст, ки ташаккули тасаввурот дар бораи методҳои илмии идрок ва маҳоратҳои зеҳнӣ ба ноилгардӣ ба натиҷаҳои баландтар дар таълим оварда мерасонад. Натиҷаҳои корҳои одии назоратӣ, ки дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ гузаронида шудаанд, аз ин шаҳодат медиҳанд. Натиҷаи миқдории кори охирини назоратиро мо дар ҷадвали 8 меорем.

**Ҷадвали 8**

| Баҳо | 5 | 4 | 3 | 2 |
|---|---|---|---|---|
| Синфҳои назоратӣ – 441 хонанда | 4<br>0,9% | 150<br>34,0% | 258<br>58,5% | 29<br>6,6% |
| Синфҳои озмоишӣ – 397 хонанда | 2<br>0,34% | 216<br>54,4% | 150<br>37,8% | 29<br>7,46% |

$$T68{,}5 > T_{\text{кр}} = 7{,}815$$

Таҳлили унсурҳои тест азхудкунии нобаробари маҳоратҳои зеҳниро аз тарафи хонандагон нишон дод. Чунончӣ, дар синфҳоиозмоишӣ хонандагон барои субтестҳои алоҳида холҳои миёнаи зеринро гирифтаанд; ки дар ҷадвали 10 оварда шудааст.

Ҷадвали 9

| Субтест | бохабарӣ | таҳлил | тасниф | ҷамъбаст | қонун | эвристика | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | |
| Холҳои миёна дар оғози сол | 3,5 | 3,2 | 4,1 | 4,7 | 3,2 | 2,1 | 3,45 |
| Холҳои миёна дар охири сол | 3,6 | 3,5 | 4,2 | 4,7 | 3,3 | 2,4 | 3,62 |

Маҳорати ҷамъбасткунӣ то оғози озмоиш ташаккул ёфта буд ва дар натиҷаи истифодаи озмоишӣ тағйийр наёфт. Холҳои миёна аз ҳама бештар дар субтестҳои 2 ва 6 афзудаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таълими озмоишӣ ба ташаккули маҳорати фикрронӣ аз рӯйи шабоҳат ва эвристикӣ таъсири мусбат расонд. Баҳои миёна барои эвристикӣ хело паст буд, чунки аксари хонандагон аз ӯҳдаи масъалаҳое, ки дар ҳалли онҳо фаросат хело муҳим аст, суст мебароянд. Бинобаар ин, такмили минбаъдаи методикаи ташаккули ин хусусияти муҳимми ақл зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, самаранокии методикаи коркардшудаи ташаккули тасаввурот дар бораи методҳои илмии идрок ва маҳоратҳои зеҳнии хонандагон, инчунин дар бораи самти такмили минбаъдаи ин методика ба таври озмоишӣ тасдиқи худро ёфт.

**АДАБИЁТ:**

1. Нурматова Ғ.Р. Вазъи амалии ташаккули тасаввурот роҷеъ ба методҳои маърифати илмӣ дар раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ғ.Р. Нурматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №9. – С. 299-303.
2. Нурматова Ғ.Р. Амсиласозӣ дар дарсҳои физика ҳангоми омӯзондани методҳои илмии маърифат / Ғ.Р. Нурматова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2018. – №1-1(51). – С. 187-191.
3. Нурматова Ғ.Р. Зарурати рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагон ҳангоми таълими физика / Ғ.Р. Нурматова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – №1-3(101). – С. 197-201.
4. Горелик Ф.Б. Воспитывая гражданина, формируя мировоззрение. – М.: Просвещение, 1986. – 208 с.
5. Бурлачук Л.Ф., Морозов С.М. Словарь-справочник по психологической диагностике. – Киев: Наукова думка, 1989. – 200 с.

## НАТИҶАҲОИ ОЗМОИШИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ФИЗИКА

Дар мақола натиҷаҳои озмоиш оид ба сатҳи ташаккули мафҳуму методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар хонандагон аз фанни физика оварда шудаанд. Натиҷаҳои озмоиш тавсияҳои таҳияшуда аз озмоиши муқарраркунӣ, дурустии онҳо ва мақсаднок давом додани кор оид ба ин масъаларо собит сохтанд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки таълими озмоишӣ доир ба ташаккули маҳорати фикрронӣ ба тариқи эҷодию эвристикӣ таъсири мусбӣ расонид.

**Калидвожаҳо:** *озмоиши ташаккулдиҳанда, тавсияҳои таҳияшуда, фарқият дар синфҳои назоративу озмоишӣ, тасаввурот, методҳои илмии идрок, маҳорати зеҳнӣ, фарзия*

## РЕЗУЛЬТАТЫ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ЭКСПЕРИМЕНТА ПО РАЗВИТИЮ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ ПО ПРЕДМЕТУ ФИЗИКА

В статье представлены результаты эксперимента по изучению уровня сформированности понятий и методов научного исследования у учащихся по физике. Результаты эксперимента подтвердили рекомендации, выработанные по результатам опытной постановки, их правильность и целенаправленное продолжение работы по данному вопросу. Это свидетельствует о положительном влиянии экспериментального обучения на формирование навыков мышления в творческом и эвристическом ключе.

**Ключевые слова:** *формирующий эксперимент, выработанные рекомендации, разница в контрольных и экспериментальных классах, представления, научные способы восприятия, интеллектуальные способности, гипотеза.*

## THE RESULTS OF THE PEDAGOGICAL EXPERIMENT ON THE DEVELOPMENT AND RESEARCH OF COMPETENCE OF STUDENTS IN THE SUBJECTS OF PHYSICS

The article presents the results of an experiment to study the level of formation of concepts and methods of scientific research among students in physics. The results of the experiment confirmed the recommendations developed as a result of the experimental setting, their correctness and purposeful continuation of work on this issue. This indicates the positive impact of experiential learning on the formation of creative and heuristic thinking skills.

**Key words:** *formative experiment, developed recommendations, difference in control and experimental classes, representations, scientific methods of perception, intellectual abilities, hypothesis*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Нурматова Ғумчагул Раҳматуллоевна, унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 902-55-54-54; e-mail: nurmatova63@internet.ru*

**Сведения об авторе:** *Нурматова Гумчагул Рахматулоевна, соискатель кафедры методики преподавания физики Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 902-55-54-54; e-mail: nurmatova63@internet.ru*

**Information about the author:** *Nurmatova Gumchagul Rahmatulloevna, Applicant of the Department of Methods of Teaching Physics at the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 902-55-54-54; e-mail: nurmatova63@internet.ru*

## МАТЕМАТИЧЕСКОЕ И КОМПЬЮТЕРНОЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ КАК СРЕДСТВО РЕШЕНИЯ ЗАДАЧ ПО КУРСУ МЕХАНИКИ

***Джураев Х. Ш., Сайдаҳмадов И. С., Восидов Ш. Ю***

**Таджикский национальный университет**

**Бохтарский государственный университет им. Н. Хусрава**

В связи с переходом системы образования Республике Таджикистан на двухуровневую модель бакалавры и магистратуры объем аудиторных занятий существенно сократился, а объем самостоятельной работы увеличился. В рамках этих образовательных программ осуществляется подготовка специалистов для работы в профильных математического и естественного научного дисциплин информационных технологиях способных изучать студентов находить, анализировать, оценивать, обрабатывать информацию из русско – англоязычных источников, интегрироваться в будущем в международное образовательное пространство. Практически значимость реализации системы образования имеет множество проблем: нехватка литературы; информационно-методического сопровождения образовательных программ; отсутствие навыков самостоятельной работы; отсутствие навыков творческой работы. Среди наиболее актуальных проблем студентов математических и естественного образования, прежде всего, следует отметить слабое ориентацию содержания математического и естественного образования на общее развитие студентов. В источниках практически отсутствуют задания, направление на формирование математической – естественной компетентности, которые бы обеспечивали возможность описания реальных процессов и явлений на языке математики, применения математического аппарата как способа решения практических задач. Основное содержание учебников математики – естественных дисциплин предполагает решение собственно математических задач, что совершенно необходимо, но недостаточно. Одной из таких математических и естественных дисциплин является “классическая механика” В связи с этим возникла необходимость в разработке методик в помощь студентам с учетом новых преобразований в учебном процессе.

Согласно Государственному образовательному стандарту высшего профессионального образования Республики Таджикистану, дисциплина «Классическая механика» входит в образовательные компонентам блока общих математических и естественнонаучных дисциплин для таких специальностей как информатика, математика, химия, биология, география и другие. В дальнейшем для них мы будем использовать термин «естественно-точные специальности». Как известно, классическая механика дает нам понимание того, что нас окружает, позволяет понять процессы и законы, происходящие в природе. Хотя классическая механика изучает механическую форму движения материи, темнее менее она также является основой при изучении студентами специальных дисциплин, например, электротехника и электроника, математическая физика, статистическая физика, термодинамика, строение молекул и основы квантовой химии, физическая химия, физическая география и т.д., а также в профессиональной деятельности. Классическая механика является одной из основ классически физики. С точки зрения методики преподавания естественно – научного цикла дисциплин, преподавание Механики важно тем, что в этом процессе формируются основные, базовые, понятие механики, законы и закономерности, которым они подчиняются, и формируются навыки естественно - научного мышления. Таким образом, создается база для изложения учебного материала последующих разделов – молекулярной физики, термодинамики, электромагнетизма, статистической физики и других разделов современной физики.

Развитие компьютерных и интернет технологий привели отказу от принципов фундаментальности в математическом и естественном образовании. Происходит обучение определенным типом и видам математических и естественных задач, перечень которых задает вектор государственной аттестации. В результате у студентов не формируется математическая культура и мышление.

Компьютерные технологии – область, которая является средством математики, сыгравшая в некотором смысле отрицательную роль в развитии математического и естественного образования. Очевидно, что достаточно большую часть времени студенты за экранами различных электронных устройств, информационных технологий, основная роль которых привлечь внимание, вызвать интерес,

заинтриговать. Эта достигается за счет наглядности, красочности, динамизма, что, несомненно, является очень увлекательным для студентов начального курса. Естественно, что математика, с ее строгой логикой и абстрактным характером изложения, не может конкурировать с виртуальной реальностью. Таким образом, мы имеем дело с очень низкой мотивацией к изучению математики даже у студентов, обладающих высоким уровнем интеллекта. Выходам из этого парадоксального положения является умелое использование информационных технологий в математическом и естественном образовании, посредством метода математического моделирования.

В любой области человеческой деятельности применяется математическое моделирование и поэтому среди всех методов научно – исследовательской работы исключительно важное место занимают математические аппараты.

Очевидно, что до настоящего времени идет подготовка специалистов в соответствии с государственными образовательными стандартами высшего профессионального образования. К сожалению, при их реализации не уделялось должного внимания формированию у студентов навыков самостоятельной учебно – познавательной математической деятельности.

Новые Таджикские государственные образовательные стандарты высшего профессионального образования [ТГОС ВПО] предоставляют высшему учебному заведению большую свободу в проектировании и реализации основной образовательной программы, так как в них регламентируется лишь содержание базовой части, в рамках которой предполагается сформирование базовых общекультурных и общепрофессиональных компетенций будущих специалистов.

Наша идея подготовки специалистов реализуется на основе использования математического и дидактического моделирования. ТГОС ВПО по направление "Научно – технические образование" и опирается на имеющий положительный опыт подготовки специалистов в рамках специалиста на основ ГОС ВПО.

Анализ показывает, что читая лекции по своим дисциплинам, мало внимания уделяют установлению, закреплению междисциплинарных связей и формированию соответствующих знаний, умений и новиков. Также в процессе традиционной подготовки студентов вуза не формируются навыки самостоятельной работы и применения полученных знаний к решению конкретных математических и дидактических задач, то ест установление междисциплинарных связей между математических и другими предметными областями.

Известно, что жизнь требует новых подходов и пересмотра старых. Так в проектах стандартов образования по математике и естественных дисциплин предусматривается использование информационных технологий и методов математического моделирования в обучении студентов, большое внимание уделяется использования математических аппаратов при решении прикладных задач в различных учебных предметах (классическая механика, термодинамика, газодинамика). Следовательно, возникает актуальная потребность в подготовке будущих специалистов к реализации этих стандартов.

} else {std::cout << "Неправильно. Попробуйте еще раз.\n";
return 0;}
```

В данной программе после компиляции и запуска на экране ученикам будет предложено решить случайно сгенерированное математическое выражение вида "число1 + число2 = ?". После того, как ученик введёт свой ответ, программа проверит его и выдаст соответствующее сообщение: "Правильно!" или "Неправильно. Попробуйте ещё раз." В случае правильного ответа программа также даёт похвалу: "Вы молодец!".

Данная программа может быть модифицирована и дополнена, например, с использованием различных видов заданий или более сложных математических выражений.

Приведём ещё один пример, программу на языке программирование C++ для сбора снеговика, который может развить интерес и мотивацию учащихся к изучению программирования на уроках информатики.

Код программы для сбора снеговика:

```
#include <GL/glut.h>
// определяем переменные
float x1 = -0.3f, y1 = 0.1f, x2 = 0.1f, y2 = -0.1f, x3 = -0.1f, y3 = -0.1f, x = 0.0f, y = -0.5f;
// функция отрисовки снеговика
void drawSnowman() {
Scss
Copy code
// тело снеговика
glColor3f(1.0f, 1.0f, 1.0f);
glBegin(GL_TRIANGLE_FAN);
glVertex2f(x1+x, y1+y);
glVertex2f(x2+x, y2+y);
glVertex2f(x3+x, y3+y);
glEnd();
// голова снеговика
glColor3f(1.0f, 1.0f, 1.0f);
glPushMatrix();
glTranslatef(x+x1+(x2-x1)/2, y+y1+(y2-y1)/2, 0.0f);
glutSolidSphere(0.1f, 30, 30);
glPopMatrix();
// глаза
glColor3f(0.0f, 0.0f, 0.0f);
glPushMatrix();
glTranslatef(x+x1+(x2-x1)/3, y+y1+(y2-y1)/3, 0.05f);
glutSolidSphere(0.025f, 30, 30);
glPopMatrix();
glPushMatrix();
glTranslatef(x+x1+(x2-x1)*2/3, y+y1+(y2-y1)/3, 0.05f);
glutSolidSphere(0.025f, 30, 30);
glPopMatrix();
// нос
glColor3f(1.0f, 0.5f, 0.0f);
glPushMatrix();
glTranslatef(x+x1+(x2-x1)/2, y+y1+(y2-y1)/2, 0.05f);
glutSolidSphere(0.025f, 30, 30);
glPopMatrix();
// руки
glColor3f(0.5f, 0.5f, 0.5f);
```

```
glPushMatrix();
glRotatef(45.0f, 0.0f, 0.0f, 1.0f);
glTranslatef(x+x2, y+y2/2, 0.0f);
glBegin(GL_LINES);
glVertex2f(0.0f, 0.0f);
glVertex2f(0.05f, 0.0f);
glEnd();
glPopMatrix();
glPushMatrix();
glRotatef(-45.0f, 0.0f, 0.0f, 1.0f);
glTranslatef(x+x2, y+y2/2, 0.0f);
glBegin(GL_LINES);
glVertex2f(0.0f, 0.0f);
glVertex2f(0.05f, 0.0f);
glEnd();
glPopMatrix();
}
// функция отрисовки сцены
void display() {
glClear(GL_COLOR_BUFFER_BIT);
glMatrixMode(GL_MODELVIEW);
glLoadIdentity();
scss
Copy code
// рисуем снеговика
drawSnowman();
glFlush();
}
// функция обновления сцены
void timer(int = 0) {
// произвольное движение снеговика
x += ((double)rand()/RAND_MAX-0.5f)/10.0f;
y += ((double)rand()/RAND_MAX-0.5f)/10.0f;
glutPostRedisplay();
glutTimerFunc(25, timer, 0);
}
int main(int argc, char **argv) {
glutInit(&argc, argv);
glutInitDisplayMode(GLUT_SINGLE | GLUT_RGB);
glutInitWindowSize(400, 400);
glutCreateWindow("Сбор снеговика");
glClearColor(0.0f, 0.0f, 1.0f, 1.0f);
glut
```

Программа на языке программирования C++ для анимационной игры "Собрать снеговик" может быть полезна для развития мотивации учащихся на уроках информатики по нескольким причинам:

Игровая форма обучения - игры всегда были и остаются привлекательной формой обучения, которая может мотивировать учеников на изучение новых тем и подходов в программировании.

Интерактивность - создание анимационной игры позволяет учащимся создавать и настраивать различные элементы игры, а также интерактивно управлять ими, что способствует более глубокому и пониманию их работы.

Упражнение на практике - учащиеся могут применять свои знания в практических задачах, что способствует лучшему усвоению материала и развитию навыков в программировании.

Креативность - создание игры подразумевает творческий подход, что может стимулировать креативность и развитие способностей учащихся.

Реализация - ученики видят непосредственный результат своей работы и могут увидеть, как их работа становится полезной и действительно работает в игре.

Таким образом, программа на языке программирования С++ для анимационной игры "Собрать снеговик" может стать изумительным инструментом для мотивации учащихся на уроках информатики и сделать изучение программирования более увлекательным и интересным.

В данной статья рассмотрена проблема развития мотивации учащихся на уроках информатики в республике Таджикистан. Были определены причины низкой мотивации учащихся и предложены меры для её улучшения.

Применение новых методических подходов, таких как использование интерактивных уроков и проектное обучение, позволяет сделать уроки информатики более интересными и доступными для учащихся. Эти подходы создают благоприятную и мотивирующую обстановку в классе, способствуя активному участию учащихся в процессе обучения.

Однако, обращение к индивидуальным потребностям и интересам учащихся также является ключевым фактором в развитии их мотивации.

В результате, реализация предложенных мер может способствовать увеличению мотивации учащихся на уроках информатики. Это в свою очередь может сказаться на повышении успеваемости учащихся по данному предмету и их готовности применять полученные знания в реальной жизни. Кроме того, это может способствовать формированию будущей профессиональной направленности учащихся в сфере информационных технологий, что положительно отразится на экономическом и социальном развитии республики.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Браунси К. Основные концепции структур данных и реализация в С++ / Пер. с англ. — М.: Вильяме, 2002. — 320 с., ил.

2.Возрастная и педагогическая психология / Под ред. А.В. Петровского. М., 1981.Мотивация и стимулирование трудовой деятельности; Проспект - Москва, 2012. - 534 с.

3.Дейтел П. Дж., Дейтел X. М. Как программировать на С++. Введение в объектно-ориентированное проектирование с использованием UML /

Пер. с англ. —-М.: Бином, 2002. — 1152 с

4. Емельченков Е. П., Бояринов Д. А., Козлов С. В. Информационные системы автоматизированной поддержки инновационной деятельности: модели, проектирование и реализация. – Смоленск: Изд-во СмолГУ, 2011. – 164 с.

5. Козлов С. В. Вопросы внедрения и использования образовательных автоматизированных систем в учебном процессе // Инфокоммуникационные технологии в региональном развитии: Сборник трудов шестой ежегодной межрегиональной научно-практической конференции. – Смоленск: СПЭК, 2013. – С.129-133.

6.Козлов С. В. Функциональные назначения и возможности информационно-образовательного ресурса «AdvancedTester» // Горизонты науки. –2011. –No2 (6). –С. 9–12.

7. Липпман С. Б. Основы программирования на С++. Серия С++ InDepth, т. 1 / Пер. с англ. — М.: Вильяме, 2002. — 256 с., ил.

8.Мейерс С. Эффективное использование С++. 50 рекомендаций по улучшению наших программ и проектов. Серия Для программистов. / Пер. с англ. — М.: ДМК Пресс, 2000. — 240 с.

9.Шарипов Ф.Ф. Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан/ Ф.Ф.Шарипов, З.Б.Гафоров. Вестник Таджикского накионалольного университета - 2020. № 4. С. 161-167.

10. Одинаев, Р. Н. Создания мотивации к изучению предметов информатики и программирования в СОУ-х и ВУЗ-х на примере компьютерного моделирование движения автомобилей на языке прогроммирования "С++" / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2020. – № 4. – С. 103-110. – DOI 10.51884/2413-452X_2020_4_103. – EDN TUQQDX.

11. Одинаев, Р. Н. Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2021. – № 2(34). – С. 183-190. – EDN GTCAGR.

12. Гафоров, З. Б. Мотивация студентов использованием мультимедийной технологии в процессе обучения информатики / З. Б. Гафоров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-3(101). – С. 221-226. – EDN LIHTKK.

13.

**РУШДИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ИНФОРМАТИКА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Мақолаи мазкур масъалаи рушди ҳавасмандгардонии хонандагонро дар дарсҳои информатика таҳқиқ менамояд. Илми информатика дар ҷаҳони муосир мавзӯи муҳим аст ва рушди салоҳиятҳо дар ин соҳа ҷузъи ҷудонашавандаи таълим мебошад. Аммо, бисёре аз хонандагон барои омӯзиши информатика ҳавасманд нестанд. Мақола сабабҳои ҳавасмандии пасти хонандагонро таҳлил мекунад ва як қатор тадбирҳоро барои рушди он пешниҳод мекунад. Яке аз чунин тадбирҳо тавсеаи равиши методӣ дар таълими информатика мебошад. Мақола истифодаи дарсҳои интерактивӣ, истифодаи технология, методологияи муосир, омӯзиши лоиҳаро барои ҷолибтар ва дастрас кардани омӯзиши информатика барои хонандагон баррасӣ мекунад. Истифодаи равишҳои нави методӣ, ба монанди истифодаи дарсҳои интерактивӣ ва омӯзиши лоиҳа, имкон медиҳад, ки дарсҳои информатика барои хонандагон ҷолибтар ва дастрастар шаванд. Ин равишҳо дар синф муҳити мусоид ва ҳавасмандкунанда эҷод мекунанд ва ба иштироки фаъолонаи хонандагон дар раванди таълим мусоидат мекунанд.

Ҳадафи ин мақола муайян кардани нуқтаҳои мушкилот дар ташаккули ҳавасмандии хонандагон ва таҳияи усулҳои рушди он мебошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки рушди ҳавасмандгардонии хонандагон дар дарсҳои информатика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муҳим дар баланд бардоштани сатҳи таҳсилот ва омодагӣ ба талаботи муосири бозори меҳнат мебошад. Татбиқи чораҳои пешниҳодшуда метавонад ба афзоиши ҳавасмандии хонандагон ва афзоиши таваҷҷӯҳи онҳо ба омӯзиши информатика мусоидат кунад.

**Калимаҳои калидӣ:** *рушди ҳавасмандкунӣ, забони барномасозӣ C++, усулҳои таълим, информатика, технологияҳои иттилоотӣ, дарсҳои интерактивӣ, омӯзиши лоиҳавӣ, шакли таълими бозиҳои шавқоварӣ.*

**РАЗВИТИЕ МОТИВАЦИИ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ ИНФОРМАТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Настоящая статья исследует вопрос развития мотивации учащихся на уроках информатики в республике Таджикистан. Информатика является важным предметом в современном мире, и развитие компетенций в этой области является неотъемлемой частью образования. Однако, многие учащиеся испытывают недостаток мотивации к изучению информатики.

В статье проводится анализ причин низкой мотивации учащихся и предлагается ряд мер, направленных на ее развитие. Одной из таких мер является расширение методического подхода в преподавании информатики. Статья рассматривает использование интерактивных уроков, использование современных технологий и методологий, и проектное обучение, чтобы сделать обучение информатике более интересным и доступным для учащихся. Применение новых методических подходов, таких как использование интерактивных уроков и проектное обучение, позволяет сделать уроки информатики более интересными и доступными для учащихся. Эти подходы создают благоприятную и мотивирующую обстановку в классе, способствуя активному участию учащихся в процессе обучения.

Целью данной статьи является определение проблемных моментов в формировании мотивации учащихся и разработка методов её развития. Исходя из этого, можно сказать что развитие мотивации учащихся на уроках информатики в республике Таджикистан является важным фактором в повышении образовательного уровня и подготовке к современным требованиям рынка труда. Реализация предложенных мер может способствовать увеличению мотивации учащихся и повышению их интереса к изучению информатики.

**Ключевые слова:** *развитие мотивации, язык программирования C++, методы преподавания, информатика, информационный технологии, интерактивные уроки, проектное обучение, игровая форма обучения.*

**DEVELOPMENT OF MOTIVATION OF PUPILS IN COMPUTER SCIENCE LESSONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article explores the issue of the development of motivation of pupils in computer science lessons in the Republic of Tajikistan. Computer science is an important subject in the modern world, and the development of competencies in this field is an integral part of education. However, many pupils lack motivation to study computer science.

The article analyzes the reasons for the low motivation of pupils and suggests a number of measures aimed at its development. One of these measures is to expand the methodological approach in teaching computer science. The article examines the use of interactive lessons, the use of modern technologies and methodologies, and project-based learning to make computer science teaching more interesting and accessible to pupils. The use of new methodological approaches, such as the use of interactive lessons and project-based learning, makes computer science lessons more interesting and accessible to pupils. These approaches create a favorable and motivating environment in the classroom, contributing to the active participation of pupils in the learning process.

The purpose of this article is to identify problematic moments in the formation of pupils motivation and to develop methods for its development.Based on this, it can be said that the development of motivation of pupils in computer science lessons in the Republic of Tajikistan is an important factor in improving the educational level and preparing for modern labor market requirements. The implementation of the proposed measures can help to increase the motivation of pupils and increase their interest in studying computer science.

**Key words:** *motivation development, C++ programming language, teaching methods, computer science, information technology, interactive lessons, project-based learning, game-based learning.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Ғафоров Зафар Бобобекович - Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, докторанти PhD-и кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: 008-08-76-75. E-mail: zafar_6672@mail.ru.*

**Сведение об авторе: Гафоров Зафар Бобобекович** – *Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры математическое и компьютерное моделирование. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: 008-08-76-75. E-mail: zafar_6672@mail.ru.*

**Information about the author: Gaforov Zafar Bobobekovich -** *Tajik National University, doctor PhD of the department of mathematical and computer modeling. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 008-08-76-75. E-mail: zafar_6672@mail.ru.*

**ТДУ: 374.855 (643.3)**

# АФЗАЛИЯТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

***Раҳматуллоев Анвар***

**Коллеҷи техникии Донишгоҳи Давлатии Техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ**

Дар замони муосир татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ ва технологияи навин дарёфти донишҳои нав, корбариву муносибатҳои мақсаднокро талаб мекунад. Дар ин ҷода компютеркунонии таълим яке аз масъалаҳои муҳими дидактика дар таълим ба шумор меравад. Асоси омӯзиши техникаи иттилоотии компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба хонандагон дастрас намудани дониши устувор бо мақсади табодул, интиқол ва истифода бурдани иттилоот дар давоми кор ва зиндагиашон дар ҷомеаи муосир мебошад ва дар ин замина истифода бурдани ин технология дар раванди таълим барои дар хонандагон ташаккул додани қобилиятҳои шарҳу тавзеҳоти иттилоотӣ, аз бар намудани истилоҳоти техникии навин ва аз ҳама муҳимтар, ташаккул додани салоҳиятҳои коммуникативӣ ба шумор меравад.

Компютер воситаест, ки фаъолияти дарккунии донишомӯзонро баланд мебардорад ва маҳз тавассути компютер дар онҳо салоҳиятҳои фарҳанги техникӣ ташаккул меёбад. Ташаккули фарҳанги техникӣ онҳоро ба эҷодкорӣ, навовариву ихтироъкорӣ равона менамояд. Ин амал такозо менамояд, ки донишандӯзон бояд дар муассисаҳои таҳсилотӣ аз фани технологияи компютерӣ дониши хуб гиранд, то ки дар оянда барои кору зиндагӣ ба онҳо ҳамчун таҳкурсӣ хизмат намояд.

Шароити мусоиди таълим ва мавҷудияти синфхонаҳои компютерӣ ба раванди касбомӯзии хонандагон тақвият мебахшад. Бо ёрии компютер ва истифодаи усулҳои муосири таълим интихоби бошууронаи касбу ҳунар муяссар мегардад. Аз ин рӯ, ба масъулон, махсусан омӯзгорони техникӣ лозим меояд, ки таҳсилгирандагонро бо донишхои наву тоза мусаллаҳ гардонанд.

Яке аз корҳои самарабахши таълимию методӣ муҷаҳҳаз гардонидани раванди таълим бо технологияи ҳозиразамони компютерӣ-воситаҳои сабти овоз, аудио, видео ва дастгоҳҳои барномасозӣ мебошад. Ин иқдом имкон медиҳад, ки хонандагон аз тамоми нозукиҳои технологияи навини таълим огоҳ гашта, аз он ғизои маънавӣ гиранд ва фарҳанги истифодаи технологияи муосирро дуруст дарк карда, баҳри баланд бардоштани некӯаҳволии кишвару миллати худ саҳмгузор бошанд.

Ҳадафи асосии истифодаи технологияи навин ин фаъолгардонии раванди таълим ба шумор меравад ва он барои касбомӯзии насли наврас асос мегардад. Аз ин лиҳоз, истифодаи технологияи

иттилоотӣ дар раванди омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба таври бояду шояд ва дар алоқамандӣ бо фанни технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда шавад [11].

Таълими фанҳо бо истифода аз компютер натиҷаҳои дилхоҳ дода метавонад. Шуруъ аз телефонҳои мобилӣ то компютеру дигар воситаҳои техникӣ, ки дар миёни наврасону ҷавонон эътибори хосса дорад, раванди таълимро хеле осон мегардонанд. Албатта, истифодаи аёниятҳои таълимӣ, дар ҳар намуде, ки набошад, дар раванди ҳар як фан вазифаҳои мушаххас доранд. Вале, дар раванди таълим истифода аз аёнияти возеҳӣ (бинoӣ) аз қабили слайдҳо, кинофилмҳо, телевизион барои сермаҳсул гардонидани ҷараёни таълим хеле муассиранд.

Бояд гуфт, ки дар раванди дарсҳо истифодаи комплекси усулҳои муқоисавӣ методи асосӣ ба шумор меравад. Дигар методҳои муосир дар адабиёти методӣ "бо номи "методҳои интенсивӣ", аудивизуалӣ, аудиолингвалӣ, методи Лозанов, методи экспресс ё худ экспресс-метод машҳур мебошанд [4,с.25]. Аз онҳо танҳо баъзе ҷузъҳое истифода мегарданд, ки барои фаъол гардонидани фаъолияти хонандагон аз болои супоришҳо равона мешаванд. Масалан, таълими нутқи шифоҳӣ дар сатҳи калимасозӣ, намунаи ҷумлаҳо, истифодаи аёниятҳои визуалӣ барои ташкил намудани вазъиятҳо вобаста ба мавзуъ дар дарсҳои забони модарӣ ва хориҷӣ, методи аудиовизуалӣ, қонуни мутақобила, натиҷабахшӣ ва сермаҳсулӣ аз методи аудиолингвалӣ мавриди истифода қарор доранд"(13, с.67).

Албатта, слайдҳо, кинофилмҳоро дар синф тариқи тахтаи электронӣ, ки пояи асосии он компютер аст, намоиш додан мумкин аст ва хонандагон дастҷамъона онро тамомшо карда, хулосаҳои худро мебароранд. Вале раванди гирдоварӣ, кокард, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва паҳнсозии маълумот вобаста ба мавзуъҳо танҳо истифодаи инфиродии компютерро аз ҷониби хонандагон тақозо мекунад. Ин амалро хонандагон метавонанд ҳафтае як маротиба дар синфхонаи компютерӣ ва ҳамарӯза дар хона дар компютерии шахсӣ ё телефонҳои мобилӣ иҷро намоянд, албатта имконият доштa бошанд. Дар ин замина метавон гуфт, ки компютер воситаи универсалии таълимӣ мебошад, ки онро дар мундариҷа ва ташкили корҳои таълимӣ бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунон илова кардан мумкин аст, ки он ба доираи таълими анъанавӣ истифодаи васеи тамоми арсенали воситаҳои таълим мувофиқат мекунад. Компютер метавонад ба иштироки фаъолонаи хонанда дар раванди таълими мусоидат намояд, шавқу рағбатро нигоҳ дорад ва барои дарк ва ба азхуд кардани маводи таълимӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, тамоми таҷҳизоти муосири проексия **мултимедиявӣ** (бисёрфунксионалӣ) мебошанд. Бисёр моделҳо бо компютерҳо ҷуфт карда шудаанд, ки дастгоҳи мултимедиявӣ мебошанд.

Ин ҷо каме ба истилоҳҳои вобаста ба технологияи иттилоотӣ таваққуф менамоем. Истилоҳи «васоити ахбори омма» аз калимаи лотинии media гирифта шуда, ҳамчун «муҳит, интиқолдиҳандаи иттилоот» тарҷума шудааст. «Чандрасонаӣ» маънои қобилияти кор кардан бо иттилоот дар шаклҳои гуногун, на танҳо дар шакли рақамӣ, ба монанди компютерҳои муқаррарӣ мебошад. Пеш аз ҳама, ин ба иттилооти садо ва видео дахл дорад.

Компютерҳои чандрасонаӣ – компютерҳое мебошанд, ки маҷмуи воситаҳои барномавию техникӣ доранд, ки барои навохтани садо (мусиқӣ, нутқ ва ғ.), инчунин иттилооти видеоӣ (видео, филмҳои тасвирӣ ва ғайра) имкон медиҳанд. Бинобар ин, истифодаи чунин таҷҳизот дар раванди дарс хеле самараи натиҷабахш медиҳанд.

Дар муассисаҳо синфхонаҳои компютерӣ, ба истилоҳ видеоӣ пайдо шуданд, ки нисбат ба ҳама синфхонаҳои қаблан мавҷудбуда бо технология бартариятҳои зиёд доранд. Синфи видеоӣ ба истисноӣ пардаҳои рӯшноӣ аз нурҳои бевоситаи офтоб, амалан ҳеҷ гуна хомӯшӣ талаб карда намешавад. Ин синфхонаҳо аз телевизори калони проексия, компютер, принтер, телевизор (монитор), видеокамераи хурд таркиб ёфтаанд. Видеоҳо ва вазнҳое, ки дар компютер иҷро мешаванд, фавран ба синф пахш карда мешаванд. Омӯзгорон метавонанд ҳама гуна маводи оддии таълимиро дар экрани компютер эҷод кунанд ва онро фавран дар принтер такрор карда, ба хонандагон тақсим кунанд, масалан, барои кори инфиродӣ ё вазифаи хонагии инфиродӣ. Ҳама гуна ашёро метавон дар зери камераи видео ҷойгир кард: варақаҳо, тасвирҳо, ҳатто объектҳои зиндаи миёнаҳаҷмро низ. Дар экрани монитори намоишӣ дафтарчаи мактабӣ, ки кори иҷрошуда дар зери он гузошта шудааст, фавран пайдо мешавад ва омӯзгор метавонад ҳар гуна хатоҳо, мисолу машқҳо, иҷрои супоришҳои муайян ва ғайраро нишон диҳад. Ҳама он чи, ки хонандагон мебинанд, омӯзгор низ дар як вақт дар экрани мониториаш мебинад. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки аз тамоми таҷҳизот дар як вақт аз ҷояш набаромада истифода барад. Таҷҳизот тавре гузошта шудааст, ки ҳангоми кор бо он омӯзгор имкони дидани тамоми синфро дорад. Ҳама гуна таҷҳизоти мултимедиявиро ба системаи дастгоҳҳои мавҷуда пайваст кардан мумкин аст, ки имкони истифодаи ин синфро бемаҳдуд месозад. Мактабҳое ҳастанд, ки тахтаҳои таблиғотиро комилан тарк карда, ба тахтаҳои интерактивии ба компютер пайвастшуда гузаштанд, ки таҷрибаи онҳо қобили дастгирист.

Дар бархе муассисаҳои таълимӣ марказҳои иттилоотӣ – китобхонаҳои медиавӣ таъсис дода шудаанд, ки дар онҳо ба ғайр аз маводи чопӣ, китобҳои аудио ва видео (албомҳо бо дискҳои оптикӣ), барномаҳои компютерӣ дар флеш-дискҳо ва дискҳои хурд мавҷуданд. Дар китобхонаҳои медиавӣ ҷойҳои кории автоматикунонидашуда барои кор дар технологияҳои нави таълим таъсис дода мешаванд.

Зимнан медиа-китобхона барои эҷодкорӣ, сермақсад истифода бурдани ҳар гуна маълумот дар фаъолияти таълимӣ-маърифатии омӯзгорон ва таълимгирандагон, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, барои худтаълимгирии онҳо пайваста шароити муносиб фароҳам меорад.

Илова бар ин, истифодаи технологияи иттилотии компютерӣ дарсҳоро шавқовартар менамояд. Байни омӯзгор ва хонандагон баҳсу мулоҳизахо ба миён меояд, ҳатто донишҷӯёни на он қадар фаъол низ метавонад муҳокимаронӣ кунад.

Ба вуҷуд омадани маҳорати муҳокимаронӣ дар донишҷӯён боиси он мегардад, ки онҳо барои гирифтани донишҳои нав шавқманд мешаванд. Дар ин раванди таълими дарсҳо бештар фаъолу баранда буда, омӯзгор ба ҳайси як довар муҳокимаи онҳоро шунида назорат мебарад ва худ низ ба он муҳокима ҳамроҳ мегардад ва дар хотима онро ҷамъбаст менамояд. Ин яке аз шартҳои асосии ташаккул ёфтани малака ва салоҳиятҳои коммуникативӣ дар байни донишомӯзон мебошад, ки маҳз тавассути истифодаи воситаи инноватсионии таълим-комютер ё дигар воситаҳои техникӣ амалӣ мегардад. Нуқтаи назарраси ин раванд дар он аст, «‹инкишофи маърифатии хонанда аз интихоби дуруст ва истифодаи оқилонаи равишҳои таълим ва аз худ намудани донишҳои зарурӣ вобаста аст» [13, с. 98].

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияи компютерӣ дар раванди таълим барои омӯзиш ва аз худ кардани иттиллоот ва истилоҳоти вобаста ба он афзалияти бештар дорад, зеро дигаргунсозӣ ва компютеркунонии ҷомеа, такмили техника, татбиқи технологияи навин, тағйирот дар фаъолияти тахассусии инсон аз хусусиятҳои намоёни давраи ҳозира маҳсуб мешавад. Ин ҳолатро ба назар гирифта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ бевосита қайд намудаанд: «Ҳангоме ки мо оид ба тарбияи насли ҷавон сухан меронем, фаромӯш набояд созем, ки онҳо бояд дар мактабҳо бо асбобҳои муосир таҷҳизонида шаванд, аз ҷумла бо компютерҳо, бо муаллимони босавод ва бомаҳорат, китобҳои дарсии босифату боарзиш таъмин бошанд [11].

**АДАБИЁТ:**


1.Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 1-11-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.-Душанбе:2018.-64 с.

2.Барменкова О.И. Видео дар системаи омӯзиши нутқи хориҷӣ// Забонҳои хориҷӣ дар мактаб.-1999.-№3.-С.20-25.

3.Бобоев Х. Технологияи муосири педагогӣ ва зарурияти татбиқи онҳо/Мактаб ва ҷомеа, 2002.

4.Вильялес Р., Макле К. Компютеры в школе: перевод с английского языка. Общая редакция и вступ. ст. В.В.Рубцова. - М.: Прогресс, 1998.

5.Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим:Масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ.-Душанбе 2018, 109 с.

6.Комилов Ф.С., Шарипов Д.С. Информатикаи татбиқӣ-Душанбе, 2009.-364 с.

7.Комилиён Ф.С. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 6-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе «Бебок», 2018.-167 с.

8. Комилов Ф.С., Розӣ Т., Мирзоев С.Ҳ., Қосимов И.Л., Раҳмонов З. Ф. Технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 8.Душанбе-2014.

9.Комилов Ф.С., Розӣ Т., Мирзоев С.Ҳ., Қосимов И.Л., Раҳмонов З.Ф.Технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 11. Душанбе-2014.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», Душанбе, 10.05.2002.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://www.president.tj/ru. санаи муроҷиат 28.12.2022.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 20-январи соли 2016, саҳ. 38.

13. Ҷумъаев Р. Ҳасанов Ф. Методҳои инноватсионии омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ. Душанбе "Эр-Граф" 2023.

14. Шарифов М. Истифодаи васоили техникӣ дар раванди таълими фанни ҷомеашиносӣ. // Илм ва инноватсия. №3-4 2013 (5-6), с.30.


## АФЗАЛИЯТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Дар мақола роҷеъ ба афзалиятҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва самараи он дар раванди таълими фанҳо сухан меравад. Иброз дошта мешавад, ки истифодаи технологияи иттилоотӣ, ба хоса компютер ҳамчун воситаи универсалии таълимӣ, ки онро дар мундариҷа ва ташкили корҳои таълимӣ бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст, метавонад ба иштироки фаъолонаи хонанда дар раванди таълимӣ мусоидат намояд, шавқу рағбатро нигоҳ дорад ва барои дарк ва азхуд кардани маводи таълимӣ кумак расонад. Таъкид мегардад, ки шароити мусоиди таълим ва мавҷудияти синфхонаҳои компютерӣ ба раванди касбомӯзии хонандагон тақвият мебахшад.

***Калидвожаҳо:*** *технологияи иттилоотӣ, раванди таълим, фаъолияти таълимӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, компютер, донишҷӯ, фан, салоҳиятҳои техник ва коммуникативӣ.*

## ПРЕИМУЩЕСТВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КОМПЮТЕРНОЙ ТЕХНОЛОГИИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ В ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В статье речь идет о преимуществе использования информационной технологий в учебном процессе образовательной учреждении и их эффективности в процессе обучения прдметов. Отмечается, что использование информационной технологии, особенно компютер как универсиальное средство обучения, которого можно широко и успешно применять в организации убченых действий, способствует активногму участию учащиегося в процессе обучения, вызвать интерес и энтузиазм, содействовать в понятие и усвоение учебного материала. Подчеркивается, что благоприятные услвия обучения и наличие кабинета информатики усиливают процесс професиональной подготовки учащиеся.

**Ключевые слова:** *информационная технология, учебный процесс, учебное деятельность, учебное заведение, компютерь, студент, предмет, технические и коммуникативные компентации.*

## ADVANTAGES OF USING COMPUTER TECHNOLOGY IN THE EDUCATIONAL PROCESS IN VOCATIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article talks about the advantages of using information technologies in the educational process of an educational institution and their effectiveness in the process of teaching subjects. It is noted that the use of information technology, especially the computer as a universal teaching tool, which can be widely and successfully used in the organization of learning activities, promotes the active participation of students in the learning process, arouses interest and enthusiasm, and facilitates the understanding and assimilation of educational material. It is emphasized that favorable learning conditions and the presence of a computer science classroom enhance the process of professional training for students.

**Key words**: *information technology, educational process, educational activity, educational institution, computer, student, subject, technical and communication competencies.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Раҳматуллоев Анвар-омӯзгори фанни математика ва информатикаи Коллеҷи техникии Донишгоҳи Давлатии Техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ, кафедраи математика ва информатика, рақмаи телефон 934 28 01 23.*

**Сведения об авторе:** *Рахматуллоев Анвар, преподаватель математики и информатики Техническиого колледжа Таджикского государственного технического университета имени М.Осими, кафедра математики и информатики,телефон 934 28 01 23.*

**Information about the author:** *Rakhmatulloev Anvar, teacher of mathematics and computer science, Technical College of the Tajik State Technical University named after M. Osimi, department of mathematics and computer science, phone 934 28 01 23.*

# РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ

***Орифов А.***
**ДҶТИБКСМ**
***Қодиров Н.***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси олии Маҷлиси миллӣ солҳои 2020 – 2040-ро Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон карданд.

Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф дар давраи то соли 2030 аз 30.04.2021, №165, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 29.09.2020, № 526, Барномаи мақсадноки давлатии

рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 аз 30.04.2021, №170 ва Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 аз 03.04.2021, №114 ва дигар нақшаи чорабиниҳо қабул гардидааст.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи муҳимтарин масъалаҳои рушди мактаб, мутобиқгардонии мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ зимни дастовардҳои навини илмҳои педагогӣ ва психологӣ, равшан намудани назария ва амалияи равандҳои инноватсионӣ дар мазмуни таҳсилот, асосҳои назариявии стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва технологияи муосири таълими фанҳои табиию риёзӣ, заминаҳои психологию педагогии ташаккули шахсияти кӯдак дар шароити ислоҳоти маориф, қонеъ гардонидани талаботи инфиродии оилаҳо барои инкишофдиҳии қобилияти кӯдакон яке аз муҳимтарин самтҳои фаъолияти кормандони соҳаи маориф ҳисобида мешавад.

Татбиқи Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ то соли 2030 метавонад бо хавфҳое рӯ ба рӯ гардад, ки барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда ва ҳалли бомуваффақияти вазифаҳо монеа эҷод кунад. Аз ҷумла:

- дастгирӣ наёфтани пешниҳодҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои дар соҳаи маориф ҷойдошта аз тарафи бахши хусусӣ;
- омода набудани қисми бештари кормандони соҳаи маориф ба қабули навовариҳо ва ислоҳоти соҳа;
- бинобар ҳамаҷониба тарғиб нагаштан ва дуруст инъикос нашудани ҷараёнҳои навсозӣ дар соҳаи маориф аз ҷониби воситаҳои ахбори омма, моҳияти ислоҳоти соҳаи маориф пурра дарк нагашта, аз тарафи қисми ҷомеа дастгирӣ намеёбад.

Ба мушкилоти асосии омоданамоии кадрҳо аз рӯи илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо шомиланд:

- сифати на он қадар хуби таҳсилот дар умум, хусусан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- дар сатҳи зарурӣ омода накардани дараҷаи касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ;
- ба дараҷаи кофӣ муҷаҳҳаз набудани кабинетҳои фаннӣ ва лабораторияҳо, норасогии маводи иловагии таълимӣ ва методӣ, ки барои баланд гаштани завқи наврасон ба азхуднамоии илмҳои зикргардида мусоидат мекунанд;
- аз ҷониби сохторҳои давлатӣ диққати зарурӣ дода нашудан ба шавқмандгардонии хонандагон ва донишҷӯён;
- дар бозори меҳнат ба кори шоиста таъмин нагаштани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Барои ҳалли масъалаҳои мазкур метавон маҷмуи чорабиниҳоро роҳандозӣ намуд, ки ба беҳтаргардонии вазъият равона гарданд. Дар робита ба ин, масъалаи муҳимтарин - гузариши синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11, дар дурнамо – синфҳои 10-12) ба таълими равиявӣ маҳсуб меёбад, ки хушбахтона Нақшаи таълимии синфҳои 7-9-и таълимашон равиявӣ бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/18 тасдиқ гардида, амалигардонии он аз соли таҳсили 2022-2023 оғоз ёфтааст.

Мақсади ба синфҳои таълими равия ҷудо намудани хонандагон ба амал баровардани дифференсиатсияи тахассусӣ (тафриқа, яъне гурӯҳбандии фанҳо аз рӯи равия) ва фардикунонии таълим, фароҳам овардани шароити мусоид барои сайқал додани малакаю истеъдод, аз худ кардани дониш аз рӯи равияи фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, табиӣ-риёзӣ ва технологӣ, ташаккули афкори хонанда, ҷаҳонбинӣ ва назари ӯ ба ҷомеа, фаъолгардонии мустақилияти хонандагон ва татбиқи ҳадафҳои “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон намудани солҳои 2020-2040 дар муассисаҳои таълимие, ки зиёда аз ду синфи мутавозӣ доранд, тибқи имконият, шуруъ аз соли таҳсили 2022-2023 дар синфҳои 7-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ зина ба зина таълими равиявӣ амалӣ карда мешавад.

Ин имкон медиҳад, ки масъалаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ҳалли худро ёбанд. Ҳангоми таҷдиди назар кардани стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ махсусиятҳои муассисаи таҳсилоти умумӣ дар самти таълими илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ҳатман ба эътибор гирифта шаванд ва инчунин омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ дар самти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ба раҳёфти махсус ниёз дорад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар

ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд». Ва хушбахтона, барои расидан ба ин мақсадҳои нек бо иқдоми Пешвои муаззами миллат, чунонки болотар таъкид гардид, бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф эълон карда шуд.

Соҳаи маорифи кишвар бояд қабл аз ҳама, вазифаи додани донишҳои илмиро ба таълимгирандагон иҷро намуда, дар баробари он, ба рушди тафаккури техникии онҳо таваҷҷуҳи хосса дошта бошад. Барои расидан ба ин ҳадаф бояд ду вазифаи муҳимтарин дар муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи баланд ба иҷро расанд:

- такмил додани сифати таълими фанҳои табиию риёзӣ, аз қабили табиатшиносӣ, математика, физика, биология, химия, информатика, технология ва ғайра дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- рушди бевоситаи тафаккури техникии таълимгирандагон тавассути роҳандозии усули гуногуни таълим, аз ҷумла: тарбияи малакаҳои эҷодкорӣ; мунтазам ҳал намудани масъалаҳои мантиқӣ ва муаммоҳои мантиқӣ-техникӣ; роҳандозии таҳияи нақша ва графикаҳо; иҷрои лоиҳаҳои эҷодӣ; мушоҳидаи зинда ва дарки ашё, ҳодиса, зуҳуроти гуногун ва тарзи кори механизмҳои мухталиф; таҳияи модел, механизм ва конструксияҳои соддатарин, ҳалли масъалаҳои конструкторӣ ва техникию технологӣ ва ғайра. Ҳамаи ин вазифаҳо бояд тавассути гузаронидани машғулиятҳои амалӣ дар кабинетҳои фаннии муҷаҳҳаз бо аёниятҳои зарурӣ ва маводи кимиёвӣ, намунаи техника ва технологияҳо ва амсоли он ба анҷом расонида шаванд.

Сарфи назар аз саъю талошҳои солҳои охир оид ба дастгирӣ ва рушду такомули кӯдакон, хонандагон ва донишҷӯён дар соҳа ва таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ҳанӯз проблемаҳои ҷиддӣ боқӣ мондаанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- дараҷаи пасти тахассусии омӯзгорон;

- аз рӯйи сохтори ихтисосҳо ва сифат ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани тайёрии хатмкунандагон;

- норасоии адабиёти таълимию методӣ ва воситаҳои аёнию таълимии замонавӣ;

- нарасидани омӯзгорон, махсусан, аз фанҳои химия, биология, экология, математика ва физика дар муассисаҳои таълимии мамлакат;

- ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани пойгоҳҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ;

- мавҷуд набудани таҷҳизоти зарурӣ ва маводи химиявӣ дар озмоишгоҳҳои фаннӣ;

- нарасидани мизи лабораторӣ ва таҷҳизоти зарурии фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- бинобар сабаби дар деҳоти дурдаст ва кӯҳистон ҷойгир будани аксари муассисаҳои таълимӣ, пурра ба шабакаи интернет пайваст набудани онҳо;

- то ҳол таҷдиди назар нагардидани стандарт ва барномаи фанни математика;

- ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудани омӯзиш ва таҳлили усули нави таълиму таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ барои тадриси фанни математика;

- роҳандозӣ нашудани озмоишҳои намунавӣ дар асоси технологияи иттиллотӣ-коммуникатсионӣ ва инноватсионӣ дар таълими фанни математика;

- дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани омодасозии мутахассисони баландихтисоси босалоҳият аз фанни математика оид ба истифодаи технологияи иттилоотӣ ва шабакаи интернетӣ;

- самарабахш набудани ҳамкориҳо миёни муассисаҳои таълимӣ ва зерсохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҷдиди назар нагаштани нақшаву барномаҳои равияи тафриқавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷиҳати омодасозии хонандагони болаёқат аз фанни математика;

- дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамчун фанни алоҳида ба роҳ мондани омӯзиши астрономия (нуҷум) ва таҳияи барномаву китоби дарсии он;

- андешидани чораҳои қатъӣ барои бо таҷҳизот, асбобу анҷоми техникӣ ва аёният (пурбинҳо, заррабинҳо, маҷмуи паргорҳои гуногунандоза, милапаргорҳо, пробиркаҳо, глобусҳо, харитаҳо ва ғайра) таъмин кардани синфхонаҳои фаннии тамоми муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ.

Барои навсозӣ ва инкишофи заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ аз ҳар гуна манбаъҳо, аз ҷумла, аз ҳисоби шарикии давлатию хусусӣ маблағҳо ҷалб карда мешаванд. Дар самти мазкур монеаҳои зерин ҷой доранд:

- дар муассисаҳои таълимии деҳот ба талабот ҷавобгӯ набудани истифодаи видеодисплейҳо, компютерҳо ва ташкили кори онҳо;

- дар аксари кабинетҳои физика ва химияи муассисаҳои таълимӣ мавҷуд набудани ҳуҷраи ёрдамчии омӯзгор (лаборант);

- пурра таъмин набудани кабинетҳои таълимӣ бо воситаҳои техникии таълим, китобҳо, асбобҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лавозимоти санҷишӣ, маҷмуи реактивҳо ва лавозимоти дигари зарурии омӯзиш барои ташкили раванди таълим аз рӯйи фанни омӯхташаванда мутобиқ ба феҳристи навъҳои амалкунанда барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- ҷиҳати муҷаҳҳаз гардонидани кабинетҳои фаннӣ, хариди таҷҳизот ва маводи лозима дар муассисаҳои таълимӣ, пешбинӣ намудани маблағи кофӣ;

- ба назар гирифтани масъала дар бораи он, ки тибқи маълумоти дурнамои оморӣ дар панҷ соли оянда муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти зиёдшавии хонандагон (ҳамасола ба андозаи 3%) ба 4334 адад мерасад, ки муҷаҳҳаз гардонидани кабинетҳои фаннӣ дар онҳо дар оянда бояд ба нақша гирифта шавад;

- нигаронидани фаъолияти кабинетҳои фаннии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ташаккулёбии фарҳанги шахсии хонандагон, баланд бардоштани сатҳи сифати дониш ва самаранокии хизматрасонии иттилоотии раванди таълиму тарбия;

- муҷаҳҳазгардонӣ ва ороиши кабинетҳо тибқи талаботи зебоипарастӣ, беҳдоштӣ, таълимию тадқиқотии раванди таълим;

- зарурати такмил ва таҷҳизонидани синфхонаҳои бахшҳои экологии марказҳои корҳои тарбиявии берунамактабӣ ба воситаҳои таълимӣ;

- дар кабинетҳои таълимӣ мувофиқат накардани ҷойҳои кории истифодабарии фардӣ барои хонандагон вобаста ба қадду қомат ва шумораи хонандагони синф (гурӯҳ);

- пурра таъмин набудани муассисаҳои таълимӣ бо миз, мизи иловагӣ барои маводи намоишдиҳӣ ва воситаҳои техникии таълим, ҷевонҳо барои нигоҳдории айёният, тахтаи синф, асбобу анҷоми мутобиқ ба хусусиятҳои хоси фанни омӯхташаванда.

Хулоса, карда метавон гуфт, ки бо ба иҷро расидани ҳадафу вазифаҳои дар боло қайд гардида мо метавонем дар муҳлати кӯтоҳтарин ба ташаббусҳо ва дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, ки дар сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва маориф яке аз самтҳои афзалиятнок дониста шудаанд, бо мақсадҳои дар пеш гузошта ноил гардем.

**АДАБИЁТ:**

1. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, аз 30.06.2012, № 334.
2. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 29.09.2020, № 526.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22.07.2013, № 1004.
4. Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф дар давраи то соли 2030 аз 30.04.2021, №165.
5. Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 аз 30.04.2021, №170.
6. Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 аз 03.04.2021, №114.

## РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ

Дар мақола муаллифон роҳҳои баланд бардоштани тафаккури таҳлилии хонандагон дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро бо истифодаи амалӣ кардани Стратегияҳои миллии рушди маориф, Барномаҳои мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва дигар нақшаи чорабиниҳои дар ин самт қабулгардидаро пешниҳод намудаанд.

Муаллифон масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи муҳимтарин масоили рушди мактаб, мутобиқгардонии мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ зимни дастовардҳои навини илмҳои педагогӣ ва психологӣ, равшан намудани назария ва амалияи равандҳои инноватсионӣ дар мазмуни таҳсилот, асосҳои назариявии стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва технологияи муосири таълими фанҳои табиию риёзиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

**Калидвожаҳо:** *Стратегияи омӯзиш, Стратегияи миллӣ, Барномаи давлатӣ, муҷаҳҳазгардонӣ, зарурати такмил, озмоишҳои намунавӣ, воситаҳои техникии таълим, китобҳо, асбобҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лавозимоти санҷишӣ, маҷмуи реактивҳо.*

## СПОСОБЫ ПОВЫШЕНИЯ АНАЛИТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН

В статье авторы представили способы повышения аналитического мышления учащихся в процессе преподавания естественных, точных и математических дисциплин с применением национальных стратегий развития образования, государственных целевых программ развития математических, точных и естественных наук обеспечение учебных заведений специальными кабинетами и учебными испытаниями и другими планами мероприятий, принятыми в этом направлении.

Авторы исследовали вопрос изучения и исследования важнейших вопросов развития школы, адаптации содержания образования в образовательных учреждениях в ходе новых достижений педагогических и психологических наук, разъяснения теории и практики инновационных процессов в содержании образования, теоретических основ государственных стандартов общего среднего образования и современных технологий преподавания естественных и математических дисциплин.

**Ключевые слова:** *Стратегия обучения, Национальная стратегия, государственная программа, модернизация, необходимость совершенствования, образцы испытаний, технические средства обучения, книги, научно-исследовательские инструменты, инспекционные принадлежности, реактивные комплексы.*

## WAYS TO IMPROVE STUDENTS' ANALYTICAL THINKING IN THE PROCESS OF TEACHING NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES

In the article, the authors presented ways to improve the analytical thinking of students in the process of teaching natural, exact and mathematical disciplines using national educational development strategies, state targeted programs for the development of mathematical, exact and natural sciences, providing educational institutions with special classrooms and educational tests and other action plans adopted in this direction.

The authors investigated the issue of studying and researching the most important issues of school development, adapting the content of education in educational institutions in the course of new achievements in pedagogical and psychological sciences, explaining the theory and practice of innovative processes in the content of education, the theoretical foundations of state standards of general secondary education and modern technologies for teaching natural and mathematical disciplines.

**Keywords:** *Training strategy, National strategy, state program, modernization, the need for improvement, test samples, technical training tools, books, research tools, inspection supplies, jet complexes.*

**Маълумот дар бораи муаллифон**: *Орифов Абдулло – дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ суроға: 7340113, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Муҳаммад 15, Тел: (992) 900.00.46.00, E.mail: orifov_68@mail.ru,*

**Қодиров Набӣ** - *мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва технологияҳои инноватсионии таълими АТТ, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2, тел: (992) 904237707, E.mail: kodirovnabi1908@gmail.com*

**Сведения об авторах:** *Орифов Абдулло - доцент кафедры экономики и управления в сфере образования РИПКПРСО, адрес: 7340113, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Н.Мухаммад, 15, тел: (992) 900.00.46.00, E.mail: orifov_68@mail.ru,*

**Кадиров Наби**:*Муродалиевич, ведущий специалист отдела естественных и точных наук, и инновационных технологий обучения АОТ, г. Душанбе, улица А. Адхамов 11/2, телефон: 904237707, kodirovnabi1908@gmail.com*

**Information about the authors:** *Orifov Abdullo - Associate Professor of the Department of Economics and Management in the field of Education, RIfATREfE, address: 7340113, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N.Muhammad Street, 15, tel: (992) 900.00.46.00,E-mail: orifov_68@mail.ru,*

**Kadirov Nabi** - *leading specialist of the department of natural and exact sciences, and innovative technologies of education of Academy Education Tajikistan (AET), Dushanbe, A. Adkhamov Street 11/2, phone: 904237707, kodirovnabi1908@gmail.com*

ТДУ -51(07)
ТКБ-22.1я7
Р47

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ МАТЕМАТИКА

*Раҷабова С.Ҷ.*

**Муассисаи таълимии давлатии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»**

Маориф дар ҳама давру замон неруи пешбарандаи ҷомеаи мутамаддин, маҳаки соҳибфарҳангӣ ва соҳибмаърифатии аҳли ҷомеа аст. Пешравии тамоми ҷабҳаҳои кору зиндагӣ ба низому суботи он алоқаманд мебошад. Ҳамин аст, ки ҳамеша дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеа, муайян намудани самтиояндаи инкишоф ба души маориф бор аст ва масъулияти ҳамин сохтор ба шумор меравад. Дар ҷаҳони имрӯза ягон ҷомеаи мутамаддинро ном бурдан мумкин нест, ки аз мушкилоти соҳаи маориф фориғ бошад. Аммо мутахассисон, муҳаққиқон, махсусан омӯзгорони асил пайваста дар андешаанд, ки чӣ гуна шогирдонро бештар ба зиндагии мустақил омода созанд.

Бояд таъкид намуд, ки муносибати бо салоҳият ба таълим аслан масъалаи нав нест, он ҳанӯз дар оғози рушди бонизоми назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омада буд, дар давраҳои гуногуни инкишофи ин соҳа дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки ҷомеаи имрӯзаи мо низ меросхӯри бевоситаи низоми илму таълими он аст, аз ҷониби педагогҳо, олимони ҷудогона истифода мешуд, дар таълифоти ҷудогонаи онҳо таъкид мегардид [2, с.177].

Масъалаҳои сифати тайёрии омӯзгорон ҳамеша дар илми педагогӣ ва амалияи педагогӣ муҳим буданд.

Аммо дар шароити муосир бо назардошти тамоилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва маърифатӣ мафҳуми сифати таълим амиқтар шуда, бо мазмуни нав пур мешавад. Ҳамин тариқ, меъёри асосии сифати тайёрии касбӣ «ба маънои муосир инкишоф додани қобилияти хатмкунанда дар татбиқи салоҳиятҳои ташаккулёфта барои ҳалли самараноки масъалаҳои гуногун мебошад. [4, с.30].

Ҳангоми гузаронидани дарс тибқи муносибати босалоҳият дар таълим диққати донишҷӯён бештар ба назария не, балки ба корҳои амалӣ равона карда мешавад. Дар раванди дарс бояд имконияти дарки моҳияти иҷрои супоришҳо аз ҷониби донишҷӯён ба эътибор гирифта шавад. На ҳар амалиёте, ки хонанда аз рӯйи қобилияти зеҳнӣ ба анҷом мерасонад, ба рушди салоҳиятҳои ӯ мусоидат мекунад. Супоришҳои зиёди аз тарафи омӯзгор пешниҳодшуда аксаран ба қобилияти зеҳнии донишҷӯён мусоидат наменамоянд.

Муносибатҳо ба таълим метавонанд тағйир ёбанд, методикаҳои гуногун истифода карда шаванд, аммо дар ҳама давру замон дар меҳвари ҷараёни таълим симои асосӣ - хонанда боқӣ мемонад. Тағйир додани муносибатҳо ба таълим тибқи талаботи Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030 ба он равона шудааст, ки хонанда дар ҷаҳони имрӯза мустақилона фикр кардан, фаъолона амал намудан, озодона қарор қабул кардан, ба зудӣ мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбандаи замон, ба худ бовар доштанро ёд гирад. Ҳангоми чунин муносибат дар назди омӯзгор аз талаботи ҷори азёд намудани иттилоот дида, вазифаҳои мураккабтар меистад.

Барои муайян намудани методҳое, ки барои ташаккули салоҳиятҳои хондан мусоидат менамоянд, аввал омӯзгор бояд таркиби ҳар як салоҳияти дар стандарт нишондодашударо сарфаҳм равад. Барои интихоби метод тафсир, натиҷаҳои таълим, фаъолиятҳои таълимие, ки салоҳияти мушаххасро фаро мегиранд, бояд аниқ карда шаванд.

Ҳар як салоҳият аз маҷмуи дониш, малака ва маҳорат иборат аст. Барои пурра фаҳмидани ҳар як салоҳият дар поён ҷадвали тафсири салоҳиятҳо нишон дода мешавад. Дар он натиҷаҳои таълим ва фаъолиятҳои таълимӣ низ нишон дода мешаванд. Шояд, шумо пурсед, ки чаро номгуйи мавзуъҳо оварда намешавад? Бори дигар қайд мекунем, ки дар низоми таълими муносибати бо салоҳият малака ва иҷрои амалии он асос аст. Мавзуъҳо танҳо воситаҳои машқ ва азхуд кардани малакаҳо мебошанд. Омӯзгор ҳуқуқ дорад, мавзуъҳои таълимро мувофиқи талабот, шароит ва имкониятҳои мактаб ва қобилияту шавқи хонандагон интихоб кунад. Зеро малака ё салоҳият новобаста аз мавзуъ ташаккул дода мешавад.

“Салоҳият” ва “босалоҳиятӣ” чист? Ба ҷавоби ин савол муносибатҳо гуногунанд. Гуфтан мумкин аст, ки ҷавоби ягона вуҷуд надорад, таснифоти ягонае ҳам дар мавриди салоҳиятҳо нест, ки ҳама қабул дошта бошанд.

Салоҳият аз маҷмуи мураккаби амалҳое иборат буда ба ҳамгироии дониш, малака ва маҳорати шахс такя менамояд. Салоҳият маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвандест, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешавад [2].

Дар ин ҳолат чӣ мебояд кард? Иттилоот ниҳоят зиёд ва гуногун аст. Мо бояд шарҳу тафсири бештар саҳеҳу равшан ва мазмунан пурғановатро интихоб намоем, то ки мулоҳизаҳои худро баён карда тавонем. Ин мафҳумҳоро аз нуқтаи назари одамони машҳур дида мебароем.

Чанд хулосаи муҳим оид ба салоҳият:

1. Салоҳият аз ҷониби шахс дар фаъолияте, ки барои ӯ арзиш дорад, зоҳир мешавад ва ташаккул меёбад.
2. Салоҳият аз маҷмӯи мураккаби амалҳое иборат аст, ки на маҷмӯи оддии дониш ва малакаҳои қаблан бадастовардаро, балки **ҳамгироиро** талаб мекунад,
3. Талабот барои хондан, аз худ кардани малакаҳои нав дар заминаи манфиатҳо ё кӯшишҳо барои ягон мақсад (ваҷҳиёти дохилӣ) ба вуҷуд омада метавонад.
4. Салоҳиятҳо дар алоҳидагӣ ташаккул намеёбанд. Дар ҳаёти воқеӣ, маҳорати эҷодкорӣ, малакаи омӯзиш, тафаккури интиқодӣ, салоҳиятҳои тадқиқотӣ ва ғайра ба ҳамдигар омехта шуда, ҳамдигарро тақвият мебахшанд.
5. Аз нуқтаи назари педагогӣ салоҳиятҳо танҳо дар вазъиятҳои таълимии барои хонандагон шавқовар ва мақсаднок бомуваффақият ташаккул дода мешаванд.
6. Салоҳиятнокӣ – қобилияти бомуваффақият ҳал кардани мушкилот, ихтилофот ва масъалаҳои ҳаётӣ мебошад.

Дараҷаи босалоҳиятӣ ба сатҳи мураккабии масъалаҳо, мушкилоти бомуваффақият ҳалшуда вобастагӣ дорад ва ҳар қадар масъала мураккабтар бошад, сатҳи салоҳиятнокӣ ҳамон қадар баландтар аст.

Аз нуқтаи назари педагогӣ босалоҳиятиро ҳамчун натиҷаи дилхоҳи таълим фаҳмидан мумкин аст, ки дар натиҷаи он хонанда соҳиби салоҳиятҳо мегардад.

Дар фаҳмиши имрӯзаи муносибати босалоҳиятӣ тамоми таҷрибаи беҳтарини дар амалияи педагогика коркардашуда истифода мешавад: муносибати ба шахсият нигаронидашуда, омӯзиши якҷоя (омӯзиш дар ҳамкорӣ), методҳои таҳқиқотӣ ва муаммовӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, инчунин, усули дигари зиёди интерактивӣ. Бо мақсади ин ки шарҳи мо самаранок бошад, кӯшиш менамоем, ки муносибати босалоҳият тавассути унсурҳо/ҷанбаҳои сохтории зерин нишон диҳем:

1) *Муносибати босалоҳият модели таълими фаъол - ро истифода мебарад:*

| **Тавсифи таълими ғайрифаъол** | **Тавсифи таълими фаъол** |
|---|---|
| 1. Дар ин модели таълимӣ омӯзгор шахси марказии фаъолият буда, рафти дарсро идора мекунад. Хонандагон бошанд, нақши шунавандагони ғайрифаъолро иҷро карда, фақат гӯш мекунанд.<br>2. Асосан дар ин намуди дарс супориш ва саволҳои бастаро истифода мебаранд-шарти дақиқ + усули тасдиқшудаи ҳалли масъала + ҷавоби ягонаи дуруст. Як қадам ба чап ва ё ба рост аз роҳи тасдиқшудаи ҳал гузоштан мумкин нест- баҳо паст мешавад.<br>3. Методҳои асосии таълим –методҳои репродуктивӣ –азнавтакроркунии маводи додашуда. Муваффақияти бузурги ин намуди дарс ҷавоби қатъӣ ва ягона – айнан аз нав нақл кардани суханони муаллим ё матни китоб мебошад. | 1. Ба ин намуди дарс **ҳамкории ҳамаи хонандагон** на танҳо бо омӯзгор, балки бо ҳамдигар низ хос аст. Ҷанбаҳои ҳамкорӣ хеле гуногунанд – аз баёни андеша ба таври озодона то ба иҷрои вазифаҳои гурӯҳӣ ва таълими муштарак.<br>2. Бештари саволу супоришҳо **ба тарзи кушода** гузошта мешаванд, ки ба ҳаллу баррасии гуногуни масъалаҳо мусоидат мекунанд ва мутаносибан ба онҳо ҷавобҳои гуногун истифода мешаванд.<br>**3. Методҳои асосии таълим-методҳои фаъол.** Таъиноти чунин методҳо кори фаъолона бо донишҳо мебошад. Кор бо донишҳо чӣ маънӣ дорад? Ин истилоҳи нав буда, таҳияи сохтор, интихоби мафҳуми асосӣ, тасниф намудан, таҳлил кардан, робитаҳоро барқарор намудан, иттилоотро дар манбаъҳо ва иртиботи гуногун баррасӣ намудан ва ғайраро дар назар дорад. |

2) *Муносибати босалоҳият ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ равона шудааст.*

Истилоҳи “салоҳиятҳои асосӣ” ба он ишора менамояд, ки онҳо барои салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун роҳнамо, “калид” ва асос ба ҳисоб меравaнд. Эҳтимолан, “салоҳиятҳои асосӣ” тавсифоти умумифаннӣ, байнифаннӣ ва ҳаматарафа дошта, дар тамоми соҳаи фаъолияти инсон (маърифатӣ, ҳаётӣ ва истеҳсолӣ) татбиқшавандаанд.

Ҷанбаи муҳимми дигари “салоҳиятҳои асосӣ” - ташаккули хоҳиш ва малакаи омӯхтан дар тӯли ҳаёт мебошад. Ғайр аз ин, барои муайян кардани мафҳуми “салоҳиятҳои асосӣ” ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Панҷ салоҳиятҳои асосӣ инҳоянд:

- Эҷодкорӣ
- Тафаккури интиқодӣ
- Маҳорати омӯхтан
- Коммуникативӣ
- Ҳамкорӣ

*3) Муносибати босалоҳият барои равшанӣ андохтан ё гузоштани мақсади таълим ба натиҷаҳои фаъолияти хонандагон такя мекунад.*

Усули гузориши мақсадҳои дарс гуногун буда, вобаста ба тарзи ифодаи худ ба ду категория ҷудо мешаванд:

- Таҳияи умумии мақсадҳо (одатан, бо чунин ибораҳо оғоз мегардад: мустаҳкам кардани дониш оид ба ..., омӯхтани ..., ифода кардани тасаввурот доир ба... ва монанди инҳо) барои баҳо додан ба дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ имкон намедиҳад.

- Дар таҳияи мақсад вобаста ба фаъолиятҳо истилоҳоте (гурӯҳбандӣ кардан, асоснок кардан, пешгӯӣ кардан,баҳо додан, мукаммал кардан ва монанди инҳо) истифода мешаванд, ки тавассути онҳо баҳои воқеъбинона додан ба сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ мумкин аст.

*4) Супоришҳое, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудаанд.*

Муносибати босалоҳият дар навбати аввал нақшаи амалиётро нисбат ба вазъият ва муаммои муайян пешниҳод менамояд:

1. Омӯзиши ба дониш асосёфта(ба он нигаронида шудааст, ки хонандагон медонанд)
2. Омӯзиши ба муносибати босалоҳият асосёфта (ба он нигаронида шудааст, ки хонандагон кадом амалиётро иҷро карда метавонанд).

| **Натиҷаҳои таълимӣ:** | **Салоҳияти хонандагон**: |
|---|---|
| Хонандагон мақсади дарсро ошкор карда метавонанд | Тафаккури интиқодӣ |
| Хонандагон якҷоя дар гурӯҳҳо кор карда метавонанд | Ҳамкорӣ |
| Хонандагон муаррифии кӯтоҳ омода карда метавонанд | Эҷодкорӣ |
| Хонандагон ақидаҳои худро ба дигарон муаррифӣ карда метавонанд | Коммуникативӣ |
| Хонандагон мақсади дарсро дарк карданд | Маҳорати омӯхтан |

*Салоҳияти асосӣ ва тавсифи онҳо*

| ЭҶОДКОРӢ |
|---|
| **Шарҳи умумӣ:** Маҳорати таҳияи ягон чизи нав, мустақилона пайдо кардани роҳҳои ғайримаъмулии ҳал дар масъалаҳои нав, тахайюлпазирӣ ва образнокии фикррони, ҳамгиро кардани усулҳои маълуми фаъолият бо фаъолиятҳои нав, ҳалли комилан нави вазъияти муаммоӣ, ки ба ғояҳои нав ва кашфиёт боис мешаванд |
| **Тавсифот:**<br>1) Маҳорати шинохтан, шарҳ додани муаммо;<br>2) Тахайюл, коркарди ақида ва фарзияҳои гуногун;<br>3) Ҳамгиро кардан ва истифода намудани донишҳо аз соҳаҳои байнифаннӣ;<br>4) Истифодаи принсипҳои маълум аз қонунмандиҳо дар вазъиятҳои ғайримаъмулӣ. |
| ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ |
| **Шарҳи умумӣ:** Маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ, ки барои муқоисаи пинҳонӣ ва ошкоро, робитаҳои сабабу оқибат, қарорҳои қабулшуда, инчунин қобилияти баҳодиҳии фарзияҳо, баҳсҳо, консепсияҳо, |

| |
|---|
| иттилоотҳо барои баровардани хулосаҳои худ ва асоснок кардани мавқеи худ имконият медиҳанд. |
| **Тавсифот:**<br>1) Таҳияи саволҳо, ҷустуҷӯйи иттилои нав тавассути саволҳо;<br>2) Гирифтани иттилоъ аз сарчашмаҳои гуногун – маҳорати фарқ кардани далелҳо аз ақидаҳо;<br>3) Таснифот: гурӯҳбандии объектҳо, иттилооти нав аз рӯйи категорияҳо;<br>4) Пайдо намудани хатоҳо: муайян кардани иштибоҳҳои мантиқӣ ва хатоҳои дигар, пайдо кардани роҳҳои ислоҳи онҳо;<br>5) Маҳорати хулоса баровардан: ҷамъбаст, ошкор, муайян кардани иттилоъ ё ақидаи муҳим. |
| МАҲОРАТИ ОМӮЗИШ |
| **Шарҳи умумӣ:**<br>Имконият ва омода намудани мақсадҳо барои худомӯзӣ, банақшагирии қадамҳои омӯзишӣ, мустақилона ё ҳамроҳ бо дигарон гирифтани иттилоот барои омӯзиш, қобилияти истифода бурдани донишу малакаҳои бадаст овардашуда барои ҳалли муаммоҳо, инчунин худтанзимкунӣ аз натиҷаи омӯзиши худ. Талабот ба омӯзиш танҳо дар мавриди мавҷуд будани манфиатҳо ва кӯшишҳо барои ягон мақсад пайдо шуда метавонад. |
| **Тавсифот:**<br>1) Маҳорати мустақилона ба нақша гирифтани вазифаҳо ва марҳилаҳои омӯзиш, ба нақшагирӣ ва идоракунии вақти худ;<br>2) Маҳорати интихоби стратегия ва усули омӯзиш, таҳияи усули шахсии худомӯзӣ;<br>3) Маҳорати идакӣ, арзёбии натиҷаҳои худомӯзӣ, паси сар кардани мушкилиҳо; |
| КОММУНИКАТИВИ |
| **Шарҳи умумӣ:**<br>Маҳорати истифодаи усули гуногуни коммуникатсия: қабул ва интиқоли иттилоъ (шифоҳӣ, хаттӣ, аёнӣ - графикӣ, ғайризабонӣ, бо истифодаи алоқаҳои рақамӣ) ҳангоми муоширати хусусӣ, таълимӣ, ҷамъиятӣ ва касбӣ |
| **Тавсифот:**<br>1) Вобаста ба мавзуъ/соҳаи коммуникатсия моҳирона истифода кардани мафҳумҳо, истилоҳот ва услуби муошират, ки ба соҳаҳои илм, техника ва бадеӣ мансубанд;<br>2) Маҳорати равшан ва некбинона (аз нигоҳи равонӣ ғазабнок нашуда) иброз намудани эътиқодот, эҳсос, арзишҳо, манфиатҳо ва талаботи худ;<br>3) Маҳорати ибрози норизоии худ нисбат ба фикри дигарон бо риояи эҳтиром, эътирофи арзишмандии нуқтаи назарҳои гуногун. |
| ҲАМКОРӢ |
| **Шарҳи умумӣ:**<br>Маҳорат ва малакаи якҷоя кор кардан ба сифати узви гурӯҳ ё даста барои ҳалли якҷояи мушкилот, татбиқи ақидаҳои умумӣ ва лоиҳаҳо |
| **Тавсифот:**<br>1) Маҳорати самаранок ва боэҳтиром фаъолият намудан, барпо карда тавонистани ҳамкорӣ дар гурӯҳҳои ҳайаташон гуногун (фарқи гендерӣ, этникӣ, динӣ ва ғайра набояд монеа бошад);<br>2) Маҳорати ба таври созандагӣ ва чашмрас гузоштани саҳм дар ҳамаи марҳилаҳои кори гурӯҳӣ ;<br>3) Истифодаи самараноки малакаҳои ёрӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ: ба дигарон ёрӣ расонидан дар мавридҳои зарурии табодули таҷриба ва дигаронро барои чунин фаъолият ҳавасманд кардан. |

**Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар асоси методи таҳқиқотии омӯзиш**

| | |
|---|---|
| Зимнан дар назар дорад | • Мавҷуд будани монандии муайян дар байни марҳалаҳо, мантиқи маърифати таълимӣ ва илмӣ |
| имкон медиҳад | • Пайдо кунонидани шавқу ҳавас, талабот ба фаъолияти эҷодӣ ва худомӯзӣ;<br>• Ташкили фаъолияти ҷустуҷӯйӣ – эҷодӣ ва татбиқи дониш;<br>• Соҳиб шудан ба методҳои маърифати илмӣ. |

| | |
|---|---|
| малакаву маҳоратҳоро ташаккул медиҳад | • Истифодаи унсурҳои методологии таҳлили илмӣ;<br>• Мустақилона аз худ кардани донишҳои нав;<br>• Иҷрои корҳои мустақилонаи ҳаҷман калон;<br>• Омӯхтани муҳити атроф дар заминаи методологияи илмӣ. |
| методҳоро истифода мекунад | • Методи таҳияи лоиҳаҳо;<br>• Масъалаҳои кушода;<br>• Методи фарогирӣ;<br>• Методҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот;<br>• Методҳои таҳқиқотӣ ва муаммовӣ;<br>• Таҳлили манбаъҳои иттилоотӣ ва сарчашмавӣ;<br>• Методи озмоишӣ – ҷустуҷӯӣ;<br>• Гузаронидани таҷрибаҳо;<br>• Ҷамъбасти натиҷаҳо;<br>• Бозиҳои касбӣ (тақлиди касб), нақшофарӣ ва ғайра. |

Ҳар қадар низом пешрафта бошад, ҳамон қадар механизмҳои робитаи мутақобил дар он бештар мешаванд. Ин чӣ дар мавриди низоми техникӣ ва чӣ дар низоми иҷтимоӣ табиӣ аст.

Масалан, усто ҳангоми сохтани ягон бино дарозӣ, баландӣ ва бари онро, мустаҳкамии замин ва ғ. - ро ба назар мегирад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда** *ҷараёни беохири робитаи мутақобил аст.*

**Барои хонанда** – гирифтани ахборест, ки барои фаҳмидани дастовардҳо ва норасоиҳои худ дар таълим, тавсияҳои мушаххас барои пешравӣ имконият медиҳад.

**Барои омӯзгор** – гирифтани иттилоот барои дарки норасоиҳо дар таълим ва ворид кардани дигаргуниҳо ба фаъолияти худ (интихоби методҳои нав, техникаи омӯзиш, ворид кардани дигаргунӣ дар тақсимоти вақт дар дарс ва м. инҳо).

Арзёбии ташаккулдиҳанда хусусиятҳои зиёде дорад, ки вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мо се самти муҳимтарини онҳоро ҷудо намудем:

1. Таъиноти мақсадноки арзёбии ташаккулдиҳанда
2. Таъмини робитаи мутақобили самарабахш бо хонандагон аз ҷониби омӯзгор.
3. Иштироки фаъолонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзиш.
4. Маҳорати хонандагон барои арзёбии мустақилонаи донишҳои худ

## АДАБИЁТ:


1. Артебякина О. В. Формирование математической культуры у студентов педагогических вузов: Дисс. ... канд. пед. наук. Челябинск. 1999. 126 с.
2. Раҷабова С.Ҷ. Аҳамияти ҳалли масъалаҳо дар тарбияи фаъолнокии эҷодии хонандагон бо принсипи таълими босалоҳият. Раҷабова С.Ҷ., Очилов А.У. "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. 2022. № 1 (70). с. 175-179.
3. Борытко Н. М., Байбаков А. М., Соловцова И. А. Введение в педагогическую деятельность. Учебник для студентов педагогических вузов. Волгоград: Изд-во ВГИПК РО, 2006. 40 с.
4. Касперко М.В. Формирование методической компетентности будущего учителя математики в условиях классического университета: моногр. / М.В. Касперко. – Гродно : ГрГУ, 2012. – 115 с.
5. Методикаи таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, Душанбе - 2016 с.142саҳ.
6. Уртенов Н. С., Уртенова А. У. Формирование математической культуры педагога // Дискуссия, рубрика педагогиче-ские науки. 2014. № 11.
7. Хуторской А.В., Ключевые компетенции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования / А.В. Хуторской // Народное образование. – 200. – № 2. – с.58-64


## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ МАТЕМАТИКА

Дар мақола хусусиятҳои сиёсати инноватсионӣ дар маҷмуъ ва тағйироти давлатӣ дар соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла хусусиятҳои парадигмаи нави он ва мафҳумҳои асосии он нишон дода шудааст. Равишҳо ва технологияҳои асосии муосири таълимӣ ва салоҳиятҳои

касбии мутахассисон, ки дар заминаи онҳо ташаккул меёбанд, ҷудо карда шудаанд. Тафовути байни дараҷаи назариявӣ ва амалии тайёр кардани мутахассисон ошкор карда шудааст. Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти муосир, асосҳои равиши салоҳиятноки баррасӣ шудаанд. Аҳамияти ташаккули маданияти педагогӣ ва ба мақсад мувофиқ будани истифодаи фанҳои таълимии математика муайян карда мешавад. Мафҳумҳои салоҳияти математикӣ ва маданияти математикӣ баррасӣ мешаванд. Камбудии сатҳи асосии донишҷӯён дар таълими фанҳои математика, ҳамчун омили паст кардани самаранокӣ ошкор гардидидааст таълими фанҳои математика. Аҳамияти ташаккули фарҳанги математикӣ дар баробари хусусиятҳояш муайян гардида, робитаи он бо навовариҳо дар системаи маориф таъкид шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** *салоҳият, дониш, малака, маҳорат, стандарти давлатии таҳсилоти олӣ, салоҳияти касбӣ, сиёсати инноватсионӣ ба таҳсилот, салоҳияти иҷтимоӣ ва касбии омӯзгор, муносибати босалоҳият, маданияти математикӣ, салоҳияти математикӣ, махсусиятҳои ташаккули маданияти математикӣ.*

## РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ МАТЕМАТИКИ

В статье рассматриваются особенности инновационной политики в целом и государственных изменений в сфере образования, в том числе особенности ее новой парадигмы и ее основных концепций. Выделены основные современные образовательные подходы и технологии и сформированные на их основе профессиональные компетенции специалистов. Выявлена разница между теоретическим и практическим уровнем подготовки специалистов. Обсуждаются приоритетные направления современного образования, основы компетентностного подхода. Определена важность формирования педагогической культуры и целесообразность использования учебных предметов математики. Обсуждаются понятия математической компетентности и математической культуры. Выявлен дефицит базового уровня обучения студентов математике как фактор снижения эффективности обучения математике. Определена важность формирования математической культуры наряду с ее характеристиками, а также подчеркнута ее связь с инновациями в системе образования.

**Ключевые слова:** *компетентность, знание, умение, государственный стандарт высшего образования, профессиональная компетентность, инновационная образовательная политика, социально-профессиональная компетентность преподавателя, компетентностное отношение, математическая культура, математическая компетентность, особенности формирования математической культуры.*

## DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL SKILLS OF FUTURE MATHEMATICS TEACHERS

The article discusses the features of innovative policy in general and state changes in the field of education, including the features of its new paradigm and its main concepts. The main modern educational approaches and technologies and the professional competences of specialists, which are formed on their basis, are separated. The difference between the theoretical and practical level of training of specialists has been revealed. The priority areas of modern education, the basics of the competence approach are discussed.

The importance of the formation of pedagogical culture and appropriateness of the use of educational subjects of mathematics is determined. Concepts of mathematical competence and mathematical culture are discussed. The deficiency of the basic level of students in the teaching of mathematics has been revealed as a factor of reducing the effectiveness of the teaching of mathematics. The importance of the formation of mathematical culture along with its characteristics is determined, and its connection with innovations in the education system is emphasized.

**Key words:** *competence, knowledge, skill, state standard of higher education, professional competence, innovative education policy, social and professional competence of the teacher, competent attitude, mathematical culture, mathematical competence, peculiarities of mathematical culture formation.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Раҷабова Саодат Ҷамоловна – н.и.пед., мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ, дотсенти МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», ш. Хуҷанд, кучаи Ҳ. Карим 134, тел.:(+992) 92-719-12-83, E-mail:* saodat_6@mail.ru

**Сведения об авторе:** *Раджабова Саодат Джамоловна – к.п.н., заведующий кафедрой методики преподавания математики и информационной технологии, доцент Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова, г. Худжанд, улица Х. Карим 134, тел.:(+992) 92-719-12-83, E-mail:* saodat_6@mail.ru

**Information about the author**: *Rajabova Saodat Jamolovna -c.p.s., Head of the department of methods teaching mathematics and information technology, docent of the Khujand State University named after academician B. Gafurov, Khujand town, street H. Karim 134, tel.: (+ 992) 92-719-12-83, E- mail:* saodat_6@mail.ru

## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
## ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
## PEDAGOGY AND PSYCHOLOG

**Абдуллоева М. И.** Консепсияҳои педагогӣ оиди нақш ва мақоми технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар ҷаҳони муосир.......................................... 6 - 11
**Қодиров З. К.** Худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии кӯдакону наврасон дар мактабҳои варзишии бачагона.......................................... 11 – 17
**Оқилова М. Р.** Рушди муаммои касбинтихобкунӣ дар таърихи илмҳои педагогӣ.......... 17 – 20
**Шаҳлои А. Т.** Тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон тавассути таълими асари “Қобуснома”- и Унсурмаолии Кайковус.......................................... 21 – 26
**Салимов З.** Нақши технологияи инноватсионӣ дар рушди фаъолияти омӯзгорон.......... 26 – 30
**Зулфонов Б., Гадоев И.** Зинаҳои нави рушди таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои соҳибкасб гардонидани донишҷӯён.......................... 30 – 35
**Расулов С. Х., Сафарова З. Р.** Таҳлили психологии ҷанбаҳои этникӣ-фарҳангии рафтори суисидӣ дар Тоҷикистон.......................................... 36 – 42
**Қурбонов А. Ш., Талбакова Н. Қ.** Таҳлили боҳамалоқамандии диалектикии муносибати омӯзгор ва донишҷӯ ҳамчун субъект ва объекти раванди таълиму тарбия.......................................... 42 – 46
**Хайруллоева К. И.** Хусусиятҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба шароити муассисаҳои олии касбӣ.......................................... 47 – 50
**Абдураҳмонов Г. Н.** Масъалаи асоснокнамоии меъёрҳо ва аломатҳои лаёқати зеҳнӣ.......................................... 50 – 55
**Ҷурабоев Ҷ. М.** Таҳлили психологии омоданамоии курсантони мактабҳои олии ҳарбӣ дар шароити ҷомеаи муосир.......................................... 55 – 59
**Ҳакимов С. Ғ.** Хусусиятҳои равонии ташаккули шахсияти наврасон.......................... 59 – 65
**Раҳимзода Ф. Г.** Моҳияти бозӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.......................................... 66 – 71
**Раҳмонова Г. С.** Хусусиятҳои гендерии кӯдакони синни томактабӣ.......................... 71 – 77
**Саидзода Б. Х**. Таҳлили назарияҳои психологӣ оид ба рафтори суисидӣ.................. 77 – 81
**Салимзода М. Қ.** Хусусиятҳои психологӣ-физиологӣ ва мушкилотҳои иҷтимоии давраи бабалоғатрасии наврасон.......................................... 82 – 88
**Курбонов Н. Х.** Проблема психологического здоровья педагога средних общеобразовательных учреждений в образовательном пространстве Таджикистана (социально-психологический анализ).......................................... 88 – 98
**Раҷабзода Н. М., Сахиёр Р.** Пайдошавии нишонаҳои афсурдагӣ дар рафтори инсон.......................................... 98 – 103
**Мардинаева М.** «Тахти сангин» - ёдгории нодири халқи тоҷик.............................. 103 – 106
**Файзуллоева И.** Хусусиятҳои этникиву психологии тарбияи ифтихори миллӣ ва роҳҳои ташаккули он дар муассисаҳои таҳсилотӣ.......................................... 106 – 110
**Назаров Х. Д. Раҳимов Б. Ғ.** Ҳамосаи «Гӯрғулӣ» – мероси педагогӣ-ахлоқӣ ва қаҳрамонии халқи тоҷик.......................................... 110 – 115
**Наҷмиддинова Г. М.** Формирование социального опыта учащихся как проблема современной национальной педагогики.......................................... 115 – 122
**Иматзода Л. М. Бегова Ф. И.** Структура и функции воспитательного пространства семьи, необходимое для воспитания ребёнка.......................... 122 – 128
**Мирзоева С. Р.** Теоритеческая концепция школьного самоуправления.................... 128 – 133
**Маҳкамов Д., Ҳакимова Х.** Мавқеи паём дар рушди маорифи кишвар...................... 133 – 137
**Файзализода Ҷ. Х., Нарзулоев Ҳ.** С. Тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар раванди худомӯзӣ.......................................... 137 – 142
**Маҷидова Б., Одилзода Д. Р.** Андар тарбияи хонаводагӣ ва ватандӯстӣ тавассути педагогикаи халқӣ.......................................... 142 – 146

## МЕТОДИКА
## МЕТОДИКА
## METHOD

**Асҳобиддини Ш., Каримзода Ш. К.** Ташаккули истеъдоди хонандагон дар низоми таҳсилот........ 147 – 153

**Абдуллозоде М. И.** Хусусиятҳои психологии монеаҳои забонӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо........ 153 – 156

**Аслонов Д. И.** Равишҳои назариявӣ ва методии омӯзиши проблемаи ташаккули шахс тавассути тарбияи ҷисмонӣ........ 157 – 164

**Исмоилов Ш. Ғ.** Ташаккулёбии равияи гуманистии шахсияти мактаббачаҳо дар системаи таълим........ 164 – 169

**Раҳимова Ш. Д.** Масъалаҳои омӯзиши калимаҳои такрорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ........ 169 – 176

**Давлатназарова Ф. А.** Эҷодкории муаллим дар раванди дарси муосир........ 176 – 179

**Оганисян Ш. Г.** Учебная мотивация взрослых и как на нее воздействовать (дополнительное образование)........ 180 – 185

**Котибова Ш. П., Ёров А. Б.** Ташаккулдиҳии маҳорат ва малакаҳои технологии мураббиён дар раванди таълим ва тарбияи муассисаҳои томактабӣ........ 186– 191

**Қурбонзода Ҳ. Н.** Нақши корҳои мустақилона дар таълими синтаксиси фанни забони тоҷикӣ........ 191 – 195

**Раззоқова Т. Р.** Самаранокии амсилаи такомули жанрҳои бадеӣ дар ташаккули нутқи образноки кӯдакони синни томактабӣ........ 195 – 202

**Ҷабборова Т.** Мушкилиҳои бозиҳои компютерӣ ........ 202 – 206

**Қурбонзода Б. Д., Абдуллозода Ҳ. А.** Истифодаи равияҳои педагогии муосир дар раванди омӯзиши забони англисӣ ҷиҳати ҳавасмандии муҳандис-технологҳои ояндаи саноати нассоҷӣ........ 206 – 210

**Назриева Ф.** Инкишофи салоҳиятҳои маърифатии хонандагони хурдсолон тавассути фаъолиятҳои бозӣ........ 211 – 215

**Боев. Ш. Р.** Нақши бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ ........ 215 – 219

**Назарова М. Р.** Формирования профессионализма и подготовки будущих инженеров-педагогов........ 219 – 222

**Пиров Ҳ. П.** Асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон........ 222 – 226

**Ҷумъа Б.** Фаъолиятҳои берун аз синфӣ - омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон........ 226 – 232

**Жан Йинг** Развитие речевой деятельности студентов китайской аудитории в контексте обучения грамматике русского языка как иностранного........ 232 – 238

**Каримов М. Б.** Тавсияҳои методӣ оид ба нақшаи инфиродии донишҷӯ........ 238 – 246

**Ҳакимова Х.** Истифодаи самараноки воситаҳои техникӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ........ 246 – 249

**Фазилов С. М.** Роҳу воситаҳои истифодаи методҳои интерактивӣ дар таълим........ 249 – 252

**Ходжиева М. Х.** Фоновые знания и способы отражения фразеологизмов в национально-языковой картине мира........ 253 – 258

**Имомназаров** Д. Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон - масъалаи муҳимми замони муосир........ 258 – 265

**Одилова И. К.** Дискуссионные проблемы выделения корпуса составных терминологических единиц, используемых в СМИ........ 265 – 271

**Носиров С. Ш** Фаъолияти мустақилонаи татбиқи салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ –ҷамъиятӣ........ 271 – 276

**Низомзода М. М.** Нақши мафҳумҳои химиявӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон........ 276 – 284

**Амлоев А. Я., Шаҳнозаи Т.** Мавқеи истеъмоли пешвандгунаҳои пур- ва хуш- дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ........ 284 – 290

**Наҷмиддинова У. С., Амонова М. Н.** Афкори тарбиявию маданӣ ва илмии мутафаккирони шарқ ва вазъи сиёсию иҷтимоии замони онҳо........ 290 – 296

## 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
## 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
## 20 YEARS OF STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

**Бобиева С. К.** Омодагии математикии кӯдакон ба мактаб........ 297 – 302

**Маҳкамов Д., Сафаров М. С.** Сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар синни хурдсолӣ (зимни таълими фанҳои табиӣ)........ 302 – 309

**Мирзозода Р. Р., Нугмонов М.** Факторы, влияющие на развитие творческих способностей студентов вузов при обучении высшей математики........ 309 – 313

**Ҷӯраева Г. Х. Раҳмонова М.** Яке аз усулҳои истифодабарии барномаи microsoft word........ 314 – 321

**Мирхонова Н., Салоҳиддинова Г. Н.** Ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикӣ дар кӯдакистон........ 321 – 328

**Нурматова Ғ. Р.** Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба ташаккул ва рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагон аз фанни физика........ 328 – 332

**Джураев Х. Ш., Сайдаҳмадов И. С., Восидов Ш. Ю.** Математическое и компьютерное моделирование как средство решения задач по курсу механики........ 332 – 337

**Шомаҳмадов А. И.** Таърихи физикаи ҳаста аз ибтидои асри 21........ 337 – 342

**Ғафоров З. Б.** Развитие мотивации учащихся на уроках информатики в Республике Таджикистан........ 342 – 348

**Раҳматуллоев А.** Афзалияти истифодаи технологияи компютерӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ........ 348 – 351

**Орифов А., Қодиров Набӣ.** Роҳҳои баланд бардоштани тафаккури таҳлилии хонандагон дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ДҶТИБКСМ........ 351 – 355

**Раҷабова С. Ҷ.** Ташаккули салоҳиятҳои касбии муаллимони ояндаи математика........ 356 – 362

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф» пешниҳод мегарданд.

Тамоми мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

**Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:**

– индекси ТДУ (УДК) (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
– номи мақола;
– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарифзода М.);
– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
– матни асосии мақола;
– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 36]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 36.
– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.
– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.
– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;
– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;
– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Института развития образования»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

**Требования к оформлению научных статей:**

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

**Статья должна иметь следующую структуру:**

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);
– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарифзода М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с. 36]. То есть, литература №4 и страница 36;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора);

– авторы несут ответственность за содержание статей.

## INFORMATION FOR THE AUTHORS

### Requirements for scientific articles submitted to scientific journal "Bulletin of the Institute for the Development of Education»

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements: a) the article should be written in compliance with the established requirements of the journal; b) the article should be the result of scientific research; c) the article must correspond to one of the areas (sections) of the journal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open sources (plagiarism) and the verification is performed using the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are automatically withdrawn from the consideration, and the authors are deprived of the opportunity to publish their work in the journal.

**Requirements for the design of the scientific articles:**

The article should be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1.5.

The volume of the article (including the annotation and the list of references) should be in the range of 10 to 12 pages of A4 format.

**The article should have the following structure:**

– UDC index (the index can be obtained in any scientific library);

– the title of the article;

– the surname and initials of the author (for example, Sharifzoda M.);

– the name of the organization where the author of the article works;

– the main text of the article;

– when citing a particular material, references are indicated in square brackets []. Sample: [4, p.36]. That is, the referenced source # 4, page 36.

– tables, schemes, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures should have a name.

– the list of the used literature (no less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). References are made in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008 state standards;

– the title of the article, annotation and keywords are made in three languages (Tajik, Russian and English). Annotation is made in the volume of at least 25 lines, keywords from 7 to 10 words or phrases;

– information about the author in Russian and English (here the full name of the author, academic degree, academic title (if available), the name of the organization where the author (or authors) works, the position of the author (or authors) in this organization, phone number, E-mail, and postal address of the place of work);

– The authors are responsible for the content of the articles.

**ПАЁМИ**
**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
**2023, № 3 (43), 368 с.**

**ВЕСТНИК**
**ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
**2023, № 3 (43), 368 с.**

**BULLETIN**
**OF THE INSTITҒTE FOR EDUCATIONAL DEVELOPMENT**
**2023, №3 (43), 368 p.**

**Шахси масъули чоп:** Гадоев И.
**Муҳаррири матни тоҷикӣ:** Амонӣ С.
**Муҳаррири матни русӣ**: Лутфуллоева П.
**Муҳаррири матни англисӣ**: Лутфуллоева П.
**Муҳаррири техникӣ:** Ҳайдаров Р.
**Мусаҳҳеҳ:** Ҳайдаров Р.

**Ответственное лицо за номер**: Гадоев И.
**Редактор таджикского текста:** Амонӣ С.
**Редактор русского текста:** Лутфуллоева П.
**Редактор английского текста:** Лутфуллоева П.
**Технический редактор:** Ҳайдаров Р.
**Корректор:** Ҳайдаров Р.

Ба чоп 05.05.2023имзо шуд. Супориши №4 .Ҳуруфи навъи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Андозаи 60х84 1/8. Ҷузъи шартию чопӣ – 47.
Матбааи "Фасл - 4", 7734024, к. А. Навоӣ, 16.

Подписано в печать 05.05.2023. Заказ № 4 .Гарнитура TimeNewRomanTj.
Печать офсетная. Формат 60х84 1/8 .Условно-печатный лист – 47.
Типография "Фасл -4", 7734024, улица А. Навои, 16

On pҒblications issҒed 05.05.2023. Assignment№ 4 . Font Format Time New Roman Tj.
Offset printing, size 60x84 1/8. Printer's sheet – 47.
Publishing office "Fasl - 4", 7734024, 16 A. Navoi street.